# ШОҲНОМА




Равшанфикр
Огоҳӣ Озодӣ Ободӣ
www.ravshanfikr.tj

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

**АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ**

# ШОҲНОМА



ИБОРАТ АЗ 9 ҶИЛД

ДУШАНБЕ «АДИБ» 1989

Обязательный
республиканский
экземпляр

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ШАРҚШИНОСӢ

АБУЛҚОСИМ ФИРДАВСӢ

# ШОҲНОМА

777428
...ИТОБХОНАИ
...БИБЛИОТЕКА
Академия Наук
Таджикской ССР



ҶИЛДИ VII

ДУШАНБЕ «АДИБ» 1989

ББК 84(0)9
Ф-75

ҲАЙЪАТИ ТАҲРИРИЯ

*М. Осимӣ, К. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Маниёзов, М. Н. Османов. Х. Шарифов, М. Қаноат*

Таҳияи

Қамол Айнӣ, Зоҳир Аҳрорӣ, Баҳром Сирус.

Муҳаррир *Юсуф Аҳмадзода*

Нашриёти «Адиб», 1989

# ПОДШОҲИИ СИКАНДАР

*Чордаҳ сол буд*

## *ОҒОЗИ ДОСТОН*

### НИШАСТАНИ СИКАНДАР БАР ТАХТИ ЭРОН

Бар он офарин, к-ӯ ҷаҳон офарид,
Замину замону макон офарид.

Ки[1] орому аз ӯй асту ҳам кор[2] аз ӯ,
Ҳам огоз[3] аз ӯй асту анҷом[4] аз ӯ.

Сипеҳру замону замин они[5] ӯст,
Ҳаму беша гетӣ ба фармони[6] ӯст.

Зи нопоки ночиз то арш рост,
Саросар ба ҳастии ӯ-бар гувост.

Чу ӯро маҳон[7] кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон.

В-аз ӯ бар равони Муҳаммад дуруд,
Ба ёрон-ш бар ҳар яке барфузуд.

---

[1] Л — чун. [2] Л — Ком. [3] Л — анчом. [4] Л — Фарчом. [5] Л — ситора тобон карда. [6] Л — барсварҳа. [7] Л — Мадон.

Сари анҷуман буд зи ёрон Алӣ,
Ки хондаш паямбар[1] Алии Валӣ.

Ҳама пок буданду парҳезгор,
Суханҳои ӯ баргузашт аз шумор[2].

Кунун бар суханҳо физоиш кунем,
Ҷаҳонофаринро ситоиш кунем.

Ситоем тоҷи шаҳаншоҳро,
Ки бахташ дурахшон кунад моҳро[3].

Ҷаҳондори бобахшишу фарру[4] дод,
Замона ба фармони ӯ гашта[5] шод.

Худованди кӯполу шамшеру ранҷ,
Худованди осониву тоҷу ганҷ,

Хирадманди донову[6] чирасухан,
Ҷавон ӯ[7] ба солу ба дониш куҳан.

Ҷаҳондори бофарру некишинос,
Ки аз тоҷ дорад зи яздон сипос.

Ҳаме муштарӣ тобад аз фарри ӯ,
Бинозем дар сояи парри ӯ.

Шаҳаншоҳ Маҳмуди бахшандазар,
Фалак н-оварида чун ӯ тоҷвар[8].

Ба разм осмонро хурӯшон кунад,
Чу базм оядаш, гавҳар афшон кунад.

---

1 Л — шеиш хонад. 2 Л — Пас аз б. 8 ин б. омада:

Або дигарон мар маро кор нест,
Бад-ин дар маро роҳи гуфтор нест.
Набошад ба ҷуз бепадар душманаш,
Ки яздон ба оташ бисӯзад танаш!

3 Л — Пас аз б. 10 ин б. омада:

Абулқосим он шоҳ Маҳмуд ном,
Ки аз номи ӯ фахр ҷӯянду ком.

4 Л — Худованди пирӯзиву бахшу. 5 Л — Уй аст. 6 Л — зебову.
7 Л — ҷавоне. 8 Л — б. 14—16 нест.

Чу хашм оварад кӯҳ резон кунад[1],
Сипеҳр аз бари хок ларзон кунад[2].

Падар бар падар шаҳриёр аст, шоҳ,
Бинозад бад-ӯ гунбади ҳуру моҳ[3].

Бимонод то ҷовидон номи ӯ,
Ҳама меҳтарӣ бод фарҷоми ӯ!

Сари нома кардам санои варо,
Бузургиву оину рои варо[4].

Аз ӯ дидам андар ҷаҳон номи нек,
Зи гетӣ варо бод фарҷоми нек.

Зи дидори ӯ тоҷ равшан шудаст,
Зи бадҳо варо бахт ҷавшан шудаст[5].

Бинозад бад-ӯ мардуми порсо,
Ҳар он к-ӯ шавад[6] бар замин подшо.

Ҳаво равшан аз борвар[7] бахти ӯст,
Замин ҳамвор пояи тахти ӯст.

Ба разм андарун жандапили балост,
Ба базм андарун осмони вафост.

Чу дар базм рахшон шавад рои[8] ӯ,
Ҳаме мавҷ хезад зи дарьёи[9] ӯ.

Ба нахчир шерон шикори ваянд,
Дигар ҷой дар зинҳори ваянд.

Зи пайкони гурзаш ҳаме рӯзи ҷанг
Бидаррад дили шеру чарми паланг.

Сараш сабз боду дилаш пур зи дод,
Ҷаҳон низ бе афсари[10] ӯ мабод!

---

1 Л — [illegible]. 2 Л — [illegible]. 3 Л — б. 19 нест. 4 Л — б. 21 нест.
5 Л — б. 23 нест. 6 Л — кас. ки шуд. 7 Л — тобиши. 8 Л — ҷои.
9 Л — [illegible]. 10 Л — бесару афсари.

Қунун бозгардам сӯи достон,
Ба назм орам аз гуфтаи бостон[1].

Сикандар чу бар тахт биншаст гуфт,
Ки «бо ҷони шоҳон хирад бод ҷуфт.

Ки пирӯзгар дар ҷаҳон эзад аст,
Ҷаҳондор агар з-ӯ натарсад, бад аст.

Баду неки мо[2] бугзарад бегумон,
Раҳоӣ набошад зи чанги замон.

Ҳар он кас, ки ояд бад-ин боргоҳ,
Ки бошад зи мо сӯи мо додхоҳ,

Агар гоҳи бор ояд ар[3] ними шаб,
Ба посух расад чун кушояд ду лаб.

Чу пирӯзгар фаррахӣ[4] додамон,
Дари бахти пирӯз[5] букшодамон,

Ҳама зердастон биёбанд баҳр,
Ба кӯҳу биёбону дарьёву шаҳр.

Нахоҳем бож аз ҷаҳон панҷ сол,
Ҷуз он кас, ки гӯяд, ки ҳастам ҳамол.

Ба дарвеш бахшем бисьёр чиз,
Зи доранда чизе нахоҳем низ».

Чу Искандар ин некӯиҳо бигуфт,
Дили подшо гашт бо дод ҷуфт,

Аз Эрон баромад яке офарин,
Бад-он додгар шаҳриёри замин.

В-аз он пас пароканда гашт анҷуман,
Ҷаҳондор биншаст бо ройзан.

---

1 Л — б. 31 нест. 2 Л — некамон. 3 Л — аз. 4 И — Фаррухӣ.
5 И — пирӯва.

## НОМАИ ИСКАНДАР НАЗДИ ДИЛОРОЙ МОДАРИ РАВШАНАК

Бифармуд то пеши ӯ шуд дабир,
Қалам хост румиву чинӣ ҳарир.

Нависанда аз килк чун хома кард,
Сӯи модари Равшанак нома кард.

Ки «Яздон туро музди некон диҳод,
Пас аз дард оромиши[1] ҷон диҳод.

Набиштам яке номае пеш аз ин,
Набишта[2] дар ӯ пандҳо[3] беш аз ин

Чу ҷуфти туро*[1] рӯз баргашта шуд,
Ба дасти яке банда-бар кушта шуд[4].

Бар оини шоҳон кафан сохтам,
Зи дарди ҷаҳондор пардохтам.

Басе оштӣ хостам пеши ҷанг,
Накард оштӣ чун набудаш диранг.

Зи хунаш[5] бупечид ҳам душманаш,
Ба мину расонод яздон танаш.

Варо додгар ҷои некон диҳод!
Бадандешро заҳри[6] пайкон диҳод!

Наёбад касе чора аз чанги марг,
Чу боди хазон асту мо ҳамчу барг.

Ҷаҳон яксар акнун[7] ба пеши шумост,
Бар андарзи Доро фаровон гувост.

Ки ӯ Равшанакро ба ман доду гуфт,
Ки чун ӯ набошад[8] туро дар нуҳуфт.

---

[1] [illegible] — [illegible]миши; Л — марги шаҳ ромиши. [2] Л — навишта.
[3] [illegible] — [illegible]. [4] И — б. 48 нест. [5] Л — маргаш. [6] Л — заҳру.
[7] [illegible] — [illegible] яксар. [8] ЛМ — наёяд
*[1] [illegible] — [illegible]ар ҷуфти ту

Қунун бо парастандаву доягон,
Аз Эрон бузургону пурмоягон,

Фиристед зудаш ба[1] наздики ман,
Зидояд магар ҷони торики ман.

Бидоред чун пеш буд Исфаҳон,
Ба ҳар сӯ пароканда корогаҳон,

Ҳамон кордорони[2] бо шарму дод,
Ки Дорои Доробашон кард ёд[3].

Гар он ҷо нахоҳед фармон равост,[4]
Ҳама буми[5] Эрон ба пеши Шумост.

Дили хешро пурмадоро кунед,
Маро дар ҷаҳон ном Доро кунед».

Сӯи Равшанак ҳамчунон нома кард,*[1]
Суханро гузар бар сари хома кард.[6]*[2]

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Ҷаҳондору донову парвардигор,

Дигар[7] гуфт к-»аз гавҳари подшо
Назояд магар мардуми порсо.

Дилорову бо рою[8] бонозу[9] шарм,
Сухан гуфтанаш хубу овой нарм.

Падар мар туро пеш моро супурд,
В-аз он пас бишуд, номи некӣ бибурд.

Чу ой шабистону мушкуи ман,
Бубинӣ, ту бошӣ ҷаҳонҷуи ман.

---

1 И — Варо зуд бифрист. 2 Л — ҳама кордонони 3 ИЛ — кор дод. 4 И — Гар он ҷо ки хоҳед фармон турост; Л — Вар он ҷо нахоҳед фармон турост. 5 ИЛ — шаҳри. 6 Л — Зи шоҳи ҷаҳондори худкома кард. 7 И — чунин. 8 Л — Дилором бо ному. 9 И — Дилорои бо ному бо рою
* 1М — номае. * 2М — Зи шоҳи ҷаҳондори худкомае

Сари бонувониву зебои тоҷ,
Фурӯзандаи ёраву тахти оҷ.

Набиштем нома бари модарат,
Ки эзар[1] фиристад туро дар х(в)арат[2].

Бар оини[3] фарзанди шоҳаншаҳон,
Ба пеш андарун мӯбади Исфаҳон.

Парастандаву тоҷу пилону[4] маҳд,
Ҳамонро, ки хӯрдӣ ту з-ӯ[5] ширу шаҳд.

Ба мушкӯи мо бош равшан равон,
Туӣ дар*[1] шабистон сари бонувон.

Ҳамеша дилу шарм ҷуфти ту бод,
Шабистони шоҳон нуҳуфти ту бод![6]

Биёмад яке файласуфе чу гард,
Суханҳои шоҳи ҷаҳон ёд кард.

ПОСУХИ НОМАИ СИКАНДАР
АЗ ДИЛОРОЙ

Дилорой чун ин суханҳо шунид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Ба Доро зи дида биборид[7] хун,
Ки буд рехта зери хок андарун.

Нависандаи[8] номаро пеш хонд,
Ҳаме хун зи[9] мижгон ба рух барфишонд.

---

[1] И — Зи мо. [2] Л — ҳаме дар х(в)арат. [3] И — Ба оини [4] ИЛ — Парастандаи тоҷи шоҳону. [5] Л — Ҳамоно, ки хӯрдан бувад.
[6] ИЛ — Ба коми ту гардод чархи баланд,
Зи душман танат дуру дур аз ғазанд.
[7] Л — Зи Доро биборид аз дида. [8] И — Набисандаи [9] И — Хуни
* ИЛ — бар

Мар он номаро зуд посух навишт,
Суханҳои бомағзу фаррух навишт.

Нахуст офарин кард бар додгар[1],
Худованди орому рою ҳунар.[2]

Дигар гуфт, к-«аз кори гардонсипеҳр,[3]
Қ-аз ӯй аст пархошу орому[4] меҳр.

Ҳама фарри Доро ҳаме хостем,
Забонро ба номи вай оростем,

Қунун чун замони вай андар гузашт,
Сари гоҳи ӯ чӯби тобут гашт,

Туро хоҳам андар ҷаҳон некӯвӣ,
Бузургиву пирӯзиву хусравӣ,

Ба коми ту хоҳам, ки бошад ҷаҳон,
Бар ин ошкоро надорам[5] ниҳон.

Шунидам ҳама ҳар чи гуфтӣ ба[6] меҳр,
Ки аз ҷони ту шод бодо сипеҳр.

Аз он дахма Дорову[7] аз[8] Моҳьёр,
Мукофоти бадхоҳ Ҷонусьёр.

Чу хуни худованд резад касе,
Ба гетӣ дирангаш набошад[9] басе.

Дигар он ки ҷустӣ ҳама оштӣ,
Басе[10] рӯз бо панд бугзоштӣ.

Набояд[11] зи шоҳон парастандагӣ,
Наҷӯяд кас аз тоҷвар[12] бандагӣ.

---

1 ИЛ — Қирдгор. 2 Л — парвардигор; И — аврангу парвардигор. 3 ЛМ — Қирдгори сипехр. 4 Л — Орому пархошу. 5 Л — надонам. 6 И — кардӣ зи. 7 И — Аз он дахмаву дору. 8 Л — дахмаву дору зи 9 И — наёяд. 10 И — ҳама. 11 Л — наёяд. 12 Л — номвар

Ба ҷои шаҳаншоҳ Доро[1] туӣ,
Чу хуршед шуд, моҳ моро туӣ.

Мабодо ба гетӣ ҷуз аз коми ту,
Ҳамеша[2] бар айвонҳо[3] номи ту.

Дигар он ки аз Равшанак ёд кард,
Дили мо бад-он орзу шод кард.

Парастандаи туст,[4] мо бандаем,
Ба фармони роят сар афкандаем.

Дурудат фиристоду посух навишт[5],
Яке нома чун бӯстони биҳишт.

Чу шоҳи замона туро баргузид,
Сар аз рои ӯ кас наёрад кашид.

Набиштем нома сӯи меҳтарон,
Ба паҳлав, бузургону ҷанговарон.

Ки фармони Дорост фармони ту,
Напечад касе сар зи паймони ту.

Фиристодаро бардаву бадра дод,
Зи ганҷаш зи[6] ҳаргунае баҳра дод.

Чу румӣ ба назди Сикандар расид,
Ҳама ёд кард он чи диду шунид.

Аз он тахту оину он боргоҳ,
Ту гуфтӣ ки зиндаст бар гоҳ шоҳ.

Сикандар зи гуфтори ӯ гашт шод,
Ба ором тоҷи кай[7] барниҳод.[8]

---

[1] Л — [illegible] шаҳаншоҳ моро. [2] И — набишта.
[3] Л — ба девонҳо. [4] Л — тусту. [5] И — набишт. [6] Л — ба.
[7] И — [illegible]. [8] Л — шуд тоҷ, бар сар ниҳод.

### БА ЗАНӢ ГИРИФТАНИ ИСКАНДАР РАВШАНАКРО

Зи Аммурия модарашро бихонд,
Чу омад, суханҳои Доро биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Назди Дилорой шав,
Ба хубӣ*[1] бипайванд[1] гуфтори нав.

Ба парда дарун Равшанакро бубин,
Чу дидӣ, зи мо кун ҳазор[2] офарин.

Бубар тавқ бо ёраву гушвор,
Яке тоҷи пургавҳари шоҳвор.

Сад астар[3] зи густурданиҳо бубар,
Даҳ уштур[4] ба дебои румӣ ба зар.

Ҳам аз ганҷу динор чун сӣ ҳазор,
Ба бадра дарун[5] кун зи баҳри нисор.

Зи румӣ чу[6] сесад канизак бубар,
В-агар бештар боядат бештар.

Яке ҷом деҳ ҳар якеро ба даст,
Бар оини хубони хусравпараст.

Ту бо хештан ходимон бар ба роҳ,
Зи роҳу зи оини шоҳон маҳоҳ.[7]

Бишуд модари шоҳ бо тарҷимон,
Даҳ аз файласуфони ширинзабон.

Чу омад ба наздики шаҳр[8] Исфаҳон,
Пазира шудандаш фаровон меҳон.

---

[1] И — Ба хубиву пайванд. [2] ИЛ — бар ӯ. [3] ЛМ — **Уштур.**
[4] Л — астар. [5] Л — дар ӯ. [6] Л — ду
[7] ТПЗ — Чунон к-ӯ бифармуд он соз кард,
Пас он гаҳ рахи рафтан оғоз кард.
[8] Л — ба наздикии
* 1М — чарбӣ

Биёмад зи айвон Дилорой пеш,
Худу номдорон бар оини хеш.

Ба дахлез[1] карданд чандин нисор,
Ки бар чашми мардум[2] дирам гашт хор

Ба айвон нишастанд бо ройзан,
Ҳама номдорон шуданд анҷуман.

Дилорой барсохт чандон ҷиҳиз,
Ки шуд дар ҷаҳон руи бозор тез.

Шутур дар шутур буд[3] фарсангҳо,[4]
Зи заррину симину аз рангҳо.[5]

Зи пўшиданиҳову густурданӣ,
Зи афканданиву пароканданӣ,

Зи аспони тозӣ ба зарринситом,
Зи шамшери ҳиндӣ ба зарринниём.

Зи хафтону аз худу баргустувон,
Зи кўполи заррину гурзи гарон[6].

Чи ҷома бурида чи аз нобурид.
Ки кас[7] дар ҷаҳон бештар з-он надид[8].

Зи айвон парастандагон хостанд,
Чиҳил махди заррин биёростанд.

Яке махд бо чатру[9] бо ходимон,
Нишаст андар ў[10] Равшанак шодмон.

---

1 Л — дарвоза. 2 И — чашм ганчу. 3 И — дошт. 4 Л — ёфт бозорхо.
5 И — симин пур аз зангҳо. Л — Симин ба хирворҳо. 6 Л — Зи
[illegible]ол в-аз ханҷари ҳиндувон. 7 Л — касе
8 ТПЗЛ — Чи аз уду анбар або мушки ноб,
Ки омад аз он бар бадандеш тоб.
[illegible]Л — Або, Л — Наёмад).
9 — бо чатр. 10 И — Нишаста дар ў

Зи кохи Дилорой то ними роҳ
Гуҳар буду дебову аспу кулоҳ.[1]

Чу шуд Равшанак сӯи шаҳри Ситахр,
Пазира шудаш ҳар ки будиш фахр[2].

Бубастанд озин[3] ба шаҳр андарун,
Пур аз ханда лабҳову дил пур зи хун.

Бар он чатри дебо дирам рехтанд,
Зи бар мушки соро ҳаме бехтанд.

Чу моҳ андаромад ба мушкӯи шоҳ,
Сикандар бад-ӯ[4] кард чанде нигоҳ.

Бад-он бурзболову он хубчехр,
Ту гуфтӣ хирад парварида ба меҳр.

Чу модарш бар тахти заррин нишонд,
Сикандар бар ӯ-бар ҳаме ҷон фишонд.

Нишаста ба як ҳафта бо ӯ ба ҳам,
Ҳаме рой зад шоҳ бар бешу кам.

Аз ӯ ҷуз бузургиву оҳистагӣ,
Хирадмандиву шарму шоистагӣ —

Нигаҳ кард бедору[5] чизе надид,
Дилаш меҳру пайванди ӯ баргузид.

Бибурданд аз Эрон фаровон нисор,
Зи динору аз гавҳари шоҳвор.

Ҳама шаҳри Эрону Турону Чин
Ба шоҳӣ бар ӯ хонданд офарин.

Ҳама рӯи гетӣ пур аз дод шуд,
Ба ҳар ҷой вайронӣ обод шуд.

---

1 ИЛ — динору аспи сиёх. 2 Л — б. 125 нест. 3 Л — оин. 4 Л — дар ӯ. 5 Л — пайдову

## ХОБ ДИДАНИ ҚАЙД ПОДШОҲИ ҚАННУЧ

Чунин гуфт гӯяндаи паҳлавӣ,
Шигифт оядат, к-ин сухан бишнавӣ.

Яке шохе[1] буд Ҳиндро Қайд ном,
Хирадманду бинодилу шодком.

Дили бихрадон дошту мағзи[2] радон,
Нишасти каён, фарраи мӯбадон.

Дамодам ба даҳ шаб паси якдигар
Ҳаме хоб дид, ин шигифтӣ нигар.

Ба Ҳиндустон ҳар кӣ доно буданд,
Ба гуфтору дониш тавоно буданд,

Бифармуд то сохтанд анҷуман,
Ҳар он кас, ки доно буду ройзан.

Ҳама хобҳо пеши эшон бигуфт,
Нуҳуфта падид оварид аз нуҳуфт.

Кас онро гузориш надонист кард,
Пурандешашон шуд дилу рӯй зард.

Яке гуфт бо Қайд к-«эй шаҳриёр,
Хирадманду аз[3] меҳтарон ёдгор,

Яке номдор[4] аст Меҳрон ба ном,
Ба гетӣ зи[5] дониш расида ба ком.

Ба шаҳр андараш хӯрду[6] ором нест.
Нишастанш ҷуз бо даду дом нест.

Зи тухми гиёҳои кӯҳӣ х(в)арад,
Чу моро ба мардум ҳаме нашмарад.

---

[1] И — Ки як шоҳ. [2] Л — рои. [3] И — Хирманд в-аз. [4] Л — ёдгор.
[5] Л — Зи гетӣ ба. [6] ИЛ — хобу

Нишастанш бо ғурму[1] оҳу бувад,
Зи орому[2] мардум ба як сӯ бувад.

Зи гетӣ ба[3] чизе наёбад газанд,
Парастанда мардеву бахте баланд[4].

Чунин гуфт бо донишӣ Қайдшоҳ,
К-аз ин пурҳунар бугзарӣ, нест роҳ.

Ҳам он гаҳ ба асп андар овард пой,
Ба овози Меҳрон баромад зи ҷой.

Ҳакимон бирафтанд бо ӯ ба ҳам,
Бад-он то набошад сипаҳбад дижам.

Сипаҳдор[5] чун назди Меҳрон расид,
Бипурсид донандаро чун сазид[6].

Бад-ӯ гуфт, к-«эй марди яздонпараст,
Ки дар куҳ бо ғурм дорӣ нишаст,

Ба жарфӣ бад-ин хоби ман гӯш[7] дор,
Гузориш кун инрову ҳам ҳуш[8] дор.

Чунон дон, ки як шаб хирадманду пок
Бихуфтам ба ором бетарсу бок.[9]

Яке хона дидам чу кохи баланд,[10]
Бад-ӯ андарун жандапили нажанд.[11]

Дари хона пайдо на аз кох буд,
Ба пеш андарун танг сӯрох буд.

---

[1] Л — гуру. [2] ИЛ — ороми. [3] Л — Ба гетӣ зи. [4] Л — Пас аз б. 150 ин б. омада:

Мар ин хобҳоро ба ҷуз пеши ӯй
Бигӯю зи нодон гузориш маҷӯй

[5] ИЛ — Ҷаҳондор. [6] Л — бидид. [7] Л — бар ин хоби ман хуш.
[8] Л — куну як ба як гуш.
[9] ТПЗ — На андеша дар дил, на дар сар шитоб,
На бо ман касе буд дар ҷои хоб.
Гузашта зи шаб нимае бештар,
Валекин набуд низ гоҳи саҳар.
[10] ИЛ — бузург. [11] ИЛ — сутург

Гузаштӣ зи сурох пили жиён,
Танашро зи тангӣ наёмад[1] зиён.

Зи равзан гузаштӣ тани шуми ӯй,
Бимондӣ бад-он хона хартуми ӯй.

Дигар шаб бад-он гуна дидам, ки тахт
Тиҳӣ мондӣ аз яке[2] некбахт.

Касе баринишастӣ бар он тахти оҷ,
Ба сар барниҳода дилафрӯз тоҷ.

Се дигар шаб омад ба хобам шитоб,
Яке нағз карбос дидам ба хоб.

Ба ду-ӯ дигар овехта чор мард,
Рухон аз кашидан шуда лоҷвард.[3]

На карбос ҷое дарид аз гурӯҳ,
На мардум шудӣ з-он кашидан сутӯҳ.

Чаҳорум чунин[4] дидам, эй номдор!
Ки марде будӣ ташна бар ҷӯйбор.

Ҳаме об моҳӣ бар ӯ[5] рехтӣ,
Сараш[6] ташна аз об бугрехтӣ.

Чаҳон марду об аз паси ӯ дамон,[7]
Чӣ гӯяд бад-ин хоб некигумон?[8]

Ба панҷум чунон дид ҷонам ба хоб,
Ки шаҳре будӣ танг[9] наздики об.

Ҳама мардумаш кӯр будӣ ба чашм,
Якеро зи кӯрӣ надидам[10] ба хашм.

---

1 [illegible] — [illegible]. 2 Л — хусрави. 3 Л — Ложвард. 4 ИЛ — чунон. 5 [illegible] — [illegible]. 6 Л — Басе. 7 Л — давон. 8 Л — равшанравон. 9 [illegible] — [illegible]. 10 И — Эшон надидӣ

Зи доду диҳиш в-аз хариду фурӯхт,
Ту гуфтӣ ҳама шорсон барфурӯхт.

Шашӯм дидам, эй мехтари арҷманд,
Ки шаҳре будандӣ ҳама дардманд.

Шудандӣ ба пурсидани тандуруст,
Гирифтандӣ ӯро ба пурсиш нахуст.[1]

Ки чунӣ бад-ин сон[2] ба дард андарун,
Тане дардманду диле пур зи хун.

Расида ба лаб ҷони нотандуруст,[3]
Ҳаме чораи дардмандон[4] биҷуст.[5]

Чу ниме зи ҳафтум шаб[6] андар гузашт,
Чаманда яке асп[7] дидам ба дашт.

Ду пою ду дасту ду сар доштӣ,
Ба дандон гиё тез бардоштӣ.

Чарон[8] доштӣ аз дурӯя даҳан,
Набуд бар танаш роҳи берун шудан.

Ба ҳаштум се хум дидам, эй покдин,
Баробар ниҳода ба рӯи замин.

Ду пуробу хумме тиҳӣ дар миён,
Гузашта ба хушкӣ бар ӯ солиён.

Зи ду хумми пуроб ду некмард,
Ҳаме рехтандӣ ҳаме[9] оби сард.

На аз рехтан з-он дувон[10] кам шудӣ,
На он хушкро лаб[11] пур аз нам шудӣ.

Нуҳум шаб яке гов дидам ба хоб,
Бар обу гиё хуфта дар офтоб.

1 И — Ҳаме чораи тандурустон дуруст. 2 ЛМ — Ҳаме гуфт чунӣ. 3 Л — ҷону мо тандуруст. 4 Л — тандурустон. 5 И — Байти 175, 176 нест. 6 И — тирашаб. 7 И — Ҷаҳанда яке асб. 8 Л — Чаро. 9 Л — рехтанд андар ӯ. 10 Л — ин дувон; И — дигар он. 11 ИЛ — дил.

Яке говгусола дар пеши ӯй,
Танаш лоғару хушку беоб рӯй.

Ҳаме шир хӯрдӣ аз ӯ модагов,
Ҳамон гову гусола[1] бетӯшу тов.

Агар гӯш дорӣ ба хоби даҳам,
Нигаҳ кун ҳаме то бар ин сар ниҳам.

Яке чашма дидам ба дашти фарох,
Ҳар он чашмаро хар сӯе роҳу шох.*[1]

Ҳама дашт яксар пур аз обу нам,
Зи тушнӣ лаби чашма гашта дижам.

Сазад гар ба посух бигӯӣ ниҳон,[2]
К-аз ин пас чӣ хоҳад будан дар[3] ҷаҳон?

ПОСУХ ДОДАНИ МЕҲРОН КАЙДРО

Чу бишнид Меҳрон зи Кайд ин сухун,
Бад-ӯ гуфт: «Аз ин хоб дил бад макун,

На камтар шавад бар ту номи баланд,
На ояд бар ин подшоҳӣ газанд.

Сикандар биёрад сипоҳи гарон,
Зи Руму зи Эрон гузидасарон.

Чу хоҳӣ, ки бошад туро обрӯй,
Хирад ёр кун ҷанги ӯро маҷӯй.

Туро чор чиз аст андар[4] ҷаҳон,
Касе он надид аз кеҳону меҳон.[5]

Яке чун биҳишти барин духтарат,
К-аз ӯ тобад андар замин[6] афсарат.[7]

---

1 Л — Ҳамон говгусола. 2 И — кушой забон. 3 И — буд андар.
4 Л — в-андар. 5 Л — ошкору ниҳон. 6 И — ҷаҳон. 7 Л — ахтарат
* 186 — В-аз ӯ бар забар бурда айвону кох

Дигар файласуфе, ки дорӣ ниҳон,
Бигӯяд ҳама бо ту рози ҷаҳон.

Се дигар пизишке, ки ҳаст арҷманд,
Ба донандагӣ ном карда баланд.

Чаҳорум қадаҳ, к-андар ӯ резӣ об,
На з-оташ шавад гарму на з-офтоб.

Зи хурдан нагирад камӣ оби ӯй,
Бад-ин чизҳо рост кун[1] тоби ӯй.

Чу ояд, бар ин бошу масгол ҷанг,
Чу хоҳӣ, ки эдар насозад[2] диранг.

Басанда набошӣ ту бо лашкараш,
На бо чораву ганҷу бо кишвараш.

Чу бар кори ту рои фаррух ниҳам,
Ҳамон хобро низ посух диҳам.

Яке хона дидиву сурохи танг,
К-аз пил берун шудӣ бедираг.[3]

Ту он хонаро ҳамчу гетӣ шинос,
Ҳамон пил шоҳе бувад носипос,

Ки бедодгар бошаду кажжгӯй,
Чуз аз ном шоҳӣ набошад бад-ӯй.[4]

Дуввум он чи дидӣ ту аз тоҷу тахт,
К-аз у шуд яке дигар омад зи бахт,

Ҳамон аст, к-ин вожгуна ҷаҳон,
Якеро барад, дигар орад давон.[5]

---

1 И — кам шавад кӯшишу 2 И — ояд надорад
3 ТПЗ — Магар он ки хартум мондӣ ба ҷой,
Шунав зуд посух зи посухсарой.
4 Л — Пас аз б. 206 ин б. омада:
Аз ин пас биёяд яке подшо,
Танаш сусту бесуду нопорсо.
5 ИЛ — б. 207, 208 нест

Ба дил сифла бошад ба тан нотавон,
Ба оз андарун тезу тираравон.

Куҷо зердастон-ш бошанд шод,
Пур аз ғам дили шоҳу лаб пур зи бод.[1]

Дигар он ки диди ту карбоси нағз,
Гирифта варо чор покизамағз,

На карбоси нағз аз кашидан дарид,
На омад сутӯх он ки ӯро кашид.

Ту карбосро дини яздон шинос,
Қашанда чаҳор омад аз баҳри пос.

Яке дини деҳқони оташпараст,
Ки бе бож барсам нагирад ба даст.

Дигар дини Мусо, ки хонӣ ҷуҳуд,
Ки гуяд ҷуз инро[2] нашояд сутуд.

Дигар дини юнонӣ он порсо,
Ки дод оварад дар дили подшо.

Чаҳорум зи тозӣ яке дини пок,[3]
Сари ҳушмандон барорад зи хок.[4]

Ҳаме баркашанд ин аз он, он аз ин,
Шаванд он замон душман аз баҳри дин.

Аз ин пас биёяд яке номдор,
Зи дашти саворони найзагузор.[5]

Яке марди покизаи некхӯй,[6]
Бад-ӯ дини яздон шавад чорсӯй.

---

[1] ТП — Саранчом чун бугзарад номи ӯй,
Ба зиштӣ биномад ба фарчом ӯй.
[2] Л — ин дин. [3] Л — биёяд ҳамин покрой.
[4] Л — чой;
[5] ПЗЛ — Чунон чорсу аз паи посро,
Қашиданд аз он гуна карпосро.
[5] И — б. 219 нест. [6] И — покизаву нағзхуй.

Дигар ташна, к-ӯ омад[1] аз оби х(в)аш
Гурезону моҳӣ варо обкаш.

Замоне биёяд, ки покизамард,
Шавад хор, чун оби дониш[2] бих(в)ард.

Ба кирдори моҳӣ ба дарьё шавад,
Сари бадкуниш бар сурайё шавад.

Ҳама ташнагонро бихонад ба об,
Қас ӯро ба дониш насозад ҷавоб.

Гурезон[3] аз он марди донишпижӯҳ,
Қушоянд лабҳо ба бад ҳамгурӯҳ.[4]

Ба панҷум ки диди яке шорсон,
Бад-у андарун сохта корсон.

Пур аз хурду доду хариду фурӯхт,
Ту гуфтӣ замон ҷашми эшон бидӯхт,

Зи кӯрӣ яке дигареро надид,
Ҳаме ин бар он, он бар ин нангарид.

Замоне биёяд, к-аз он сон бувад,[5]
Ки доно парастори нодон бувад.[6]

Парешон[7] бувад донишуманду хор,
Дарахти хурушон[8] наёяд ба бор.

Ситояндаи марди нодон шаванд,
Ситоишкунон пеши*[1] эшон шаванд.

Ҳаме донад он кас, ки гӯяд дурӯғ,
Ҳаме з-он парастиш нагирад[9] фурӯғ,

Шашум он куҷо рафт бемори суст,
Ба пурсидани як гурӯҳ тандуруст.

---

1 Л — ташнае к-у сар. 2 Л — ӯро. 3 И — гурезанд. 4 И — бадгурух. 5 И — к-аз ин сон шавад. 6 И — шавад. 7 Л — Бар он сон. 8 Л — хирадшон. 9 Л — начуяд
* 1М — назди

Замоне биёяд, ки дарвеши зор
Шавад хор бар чашми динордор.

Ба бечорагӣ гирди дорон чиз
Ҳаме гардаду чиз надҳанд низ.

Шавад ройгони парастандае,
Ва ё бебаҳое яке бандае.

Ба ҳафтум, ки[1] дидӣ бар аспе дусар,
Хуришро набуд бар танаш-бар гузар.[2]

Замоне биёяд, ки мардум ба чиз
Шавад шоду серӣ наёяд-ш низ.

На дарвеш ёбад аз ӯ баҳрае,
На донишпижӯҳеву на шӯҳрае.

Ҷуз аз хештанро нахоҳанду бас,
Қасеро набошанд фарьёдрас.

Ба ҳаштум,[3] ки пур об дидӣ се[4] хум,
Яке з-ӯ тиҳӣ монда буд[5] то ба дум.

Ду аз оби равшан[6] саросар будӣ,
Миёна яке хушку нотар[7] будӣ,

Аз ин пас биёяд яке рӯзгор,
Ки дарвеш гардад чунон сусту хор,

Ки гар абр гардад баҳорон пуроб,
Зи дарвеш пинҳон кунад офтоб.

Наборад бар ӯ низ[8] борони хеш,
Дили марди дарвеш аз дард[9] реш.

Тавонгар бубахшад ҳаме ин бад-он,
Яке бо дигар чарбу ширинзабон.

---

[1] Л, И — [illegible]шум, он ки. [2] И — Хуришро набудӣ бар ӯ раҳгузар; Л — аз танаш раҳгузар. [3] Л — ҳафтум. [4] Л — ду. [5] Л — сар. [6] Л — [illegible]нам; И — пуроб доим. [7] И — хушк бебар. [8] Л — бад-ӯ низ. [9] Л — з-ӯ гашта

Шавад марди дарвеш з-ӯ хушклаб,
Ҳаме рӯзро бугзаронад ба шаб.

Нуҳум он ки гове чунон тандуруст,
Зи гӯсолаи лоғар ӯ шир ҷуст.

Чу кайвон ба бурҷи тарозу шавад,
Ҷаҳон зери неруи бозу шавад.

Шавад кори[1] бемордарвеш суст,
В-аз ӯ чиз хоҳад ҳаме тандуруст.

На ҳаргиз кушояд бар ӯ[2] ганҷи хеш,
На з-ӯ боз дорад ҳаме[3] ранҷи хеш.

Даҳум[4] чашмае диди аз оби хушк,
Ба гирд андараш обҳои чу мушк.

На з-ӯ бардамидӣ яке равшан об,
На он обҳоро гирифтӣ шитоб.

Азин пас яке рӯзгоре бувад,[5]
Ки андар ҷаҳон шаҳриёре бувад,[6]

Ки дониш набошад ба наздики ӯй,
Пур аз ғам бувад ҷони торики ӯй,

Ҷаҳон сарбасар тира аз ранҷи ӯй,
Зи некӣ тиҳӣ солу маҳ ганҷи ӯй.[7]

Ҳаме ҳар замон нав кунад лашкаре,
Ки созад аз ӯ номдор афсаре.

Саранҷом лашкар намонад, на шоҳ,
Биёяд навоин яке пешгоҳ,

К-аз ӯ гардад эмин ҷаҳон аз бадӣ,
Битобад аз ӯ фарраи эзадӣ.[8]

---

1 Л — гову. 2 Л — сари. 3 Л — ба тан.
4 Л — Дигар. 5 И — биёяд яке рузгор. 6 И — Ки бошад ба гетӣ яке шаҳриёр. 7 Л — монда он ганҷи у. 8 ИЛ — б. 259 нест.

Кунун ин замон рӯзи[1] Искандар аст,
Ки бар тораки меҳтарон афсар аст.

Чу омад, бад-ӯ деҳ ту ин чор чиз,
Бар онам, ки чизе нахоҳанд низ.

Чу кушнуд дорӣ варо, бугзарад,
Ки [illegible]жуҳ асту дорад хирад.

Зи шоҳони гетӣ чун ӯ кас мадон,
На аз бихрадону на аз мӯбадон.

Ба рою ба дониш ба фарру ҳунар,
Ба ҳар кор, ҳар ҷой пирӯзгар».[2]

Зи Меҳрон чу бишнид Қайд ин сухан,
Бар ӯ тоза шуд рӯзгори куҳан.

Биёмад сару чашми ӯ бӯс[3] дод,
Дилором, пирӯз баргашту[4] шод.

Зи наздики доно чу баргашт шоҳ,
Ҳакимон бирафтанд бо ӯ ба роҳ.[5]

## ЛАШКАР КАШИДАНИ СИКАНДАР СӮИ ҚАЙД

Сикандар чу кард андар Эрон нигоҳ,
Бидонист, к-ӯро шуд ин боргоҳ.[6]

Сӯи Қайди ҳиндӣ сипаҳ баркашид,
Ҳама роҳу бероҳ лашкар кашид.

Ба ҷое ки омад Сикандар фароз,
Дари шорсонҳо кушоданд боз.

---

[illegible] ² ИЛ — б. 263, 264 нест. ³ ИЛ — бӯса. ⁴ И — Дилоро[illegible] баргашт.
⁵ [illegible] — Биёмад ҳамон гаҳ ба ороми хеш,
Пароканд гирди ҷаҳон номи хеш.
⁶ [illegible] — тоҷгоҳ

Аз он марз касро ба мардум надошт,
Зи ноҳид миғфар ҳаме барфарошт.

Чу омад бад-он шорсони бузург,
Ки Милод хондиш Қайди сутург.

Дар он[1] марз лашкар фуруд оварид.
Ҳама буми эшон сипаҳ густарид.[2]

Нависандаи номаро хонданд,
Ба пеши Сикандар-ш биншонданд.

Яке нома бинвишт наздики Қайд,
Чу шере ки арғунда гардад зи[3] сайд.

Зи Искандари роду пирӯзгар,[4]
Худованди шамшеру ному гуҳар[5]

Сари нома кард офарин аз нахуст,
Бад-он кас, ки дилро ба дониш бишуст,

Зи кор он гузинад, ки беранҷтар,
Чу хоҳад, ки бардорад аз ранҷ бар.

Гироянда бошад ба яздони пок,
Аз ӯ[6] дорад уммеду з-ӯ тарсу бок.

Бидонад, ки мо[7] тахтро моя ем,
Ҷаҳондори пирӯзро соя ем.[8]

Навиштам яке нома наздики ту,
Ки равшан кунад ҷони торики ту.

Бад[9]-он гаҳ,*[1] ки бар ту бихонад дабир,
Манеҳ[10] пешу инро сиголиш магир.

---

1 Л — Бад-он. 2 И — б. 273 нест. 3 Л — ғурранда гардад ба.
4 ИЛ — роди пирузгар. 5 ИЛ — тоҷу камар. 6 И — Бад-ӯ. 7 И — то.
8 И — Ба шоҳаншаҳӣ бартарин пояем. 9 Л — Ҳар он гаҳ.
10 Л — Бинеҳ.
* 1М — Ҳамон гаҳ.

Агар шаб расад, равшаниро мапой,
Ҳам андар замон сӯи фармон гирой.

В-агар бугзарӣ з-ин сухан нагзарам,[1]
Сару тахту точат ба пай биспарам!

## ПОСУХИ НОМАИ СИКАНДАР
## АЗ КАЙДИ ҲИНДӢ БА МУЖДА ФИРИСТОДАНИ
## ЧАҲОР ЧИЗИ ШИГИФТ

Чу нома бари Кайди ҳиндӣ расид,
Фиристодан подшоро бидид.

Фаровон-ш бистуду бинвохташ,
Ба некӣ бари хеш биншохташ.

Бад-ӯ гуфт: «Шодам ба фармони ӯй,
Замоне нагардам зи паймони ӯй.[2]

Валекин бад-ин гуна носохта.
Наёям[3] замон гардан афрохта.

Наёяд писанди ҷаҳонофарин,
На наздики он[4] подшоҳи замин,

Ҳамон гаҳ бифармуд то шуд дабир,
Қалам хост ҳиндиву чинӣ[5] ҳарир.

Мар он номаро зуд посух навишт,
Биёрост бар сони боғи биҳишт.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Худованди пирӯзиву рӯзгор.[6]

Худованди бахшандаву додгар,
Худованди мардиву доду[7] ҳунар.

---

[1] Л — бугзарам. [2] Л — б. 285—287 нест. [3] ИЛ — биёям. [4] Л — шоиста. [5] И — чиниву румӣ. [6] Л — пирӯз парвардигор; И — пирӯзу парвардигор. [7] ИЛ — хушу

Дигар гуфт к-«аз[1] номвар подшо,
Напечад сари мардуми порсо.

Нашояд, ки дорем чизе дареғ,
Зи дорандаи лашкари тоҷу теғ.

Маро чор чиз аст, к-андар ҷаҳон
Қасеро набуд ошкору ниҳон.

Набошад касеро пас аз ман ба[2] низ,
Бад-ин гуна андар ҷаҳон чор чиз.

Фиристам чу фармоядам пеши ӯй
В-аз он тоза гардад дилу кеши ӯй.

В-аз он пас чу фармоядам шаҳриёр,
Биёям, парастиш кунам бандавор.

### БОЗ ФИРИСТОДАНИ СИКАНДАР ФИРИСТОДАРО БАРОИ ДАРЬЁФТАНИ ЧАҲОР ЧИЗИ ШИГИФТ

Фиристода омад ба кирдори бод,
Бигуфт он чи бишниду нома бидод.

Сикандар фиристодаро гуфт: «Рав,
Ба наздики он номвар боз шав.

Бигӯяш, ки он чист, к-андар ҷаҳон
Қасеро набуд ошкору ниҳон.

Ки дидем худ буданӣ ҳар чӣ буд,
Сипеҳр офариниш нахоҳад фузуд».

Биёмад фиристода аз назди шоҳ,
Ба кирдори оташ бипаймуд роҳ.

Чунин гуфт бо Қайд к-«он чор чиз,
Ки касро ба гетӣ набудаст низ,

---

[1] ИЛ — гар. [2] ИЛ — на

Ҳаме шоҳ хоҳад, ки донад, ки чист,
Ки [illegible], ё ки нобуданист[1]

Чу бишнид [illegible] он, зи бегона ҷой
[illegible] биншаст бо раҳнамой,

[illegible] биншохтанд,[2]
[illegible]-ш бинвохтанд.[3]

[illegible] шоҳ гуфт,
[illegible] дорам андар нуҳуфт,

Ки гар бинадаш офтоби баланд,
Шавад тира аз рӯи он арҷманд.

Каманд аст гесӯш ҳамранги қир,
Ҳаме ояд аз ду лабаш[5] бӯи шир.

Ҳам орад зи болон ӯ сарвбун,
Дур афшон кунад чун сарояд[6] сухун.

Зи дидори чеҳраш хирад бугзарад,
Ҳаме дониши ӯ хирад парварад.

Чу хомӯш бувад[7] ҷон шарм асту бас,
Чун ӯ дар замона надидаст кас.

Сипаҳбаднажод асту[8] яздонпараст,
Дили[9] шарму парҳез дорад ба даст.

Яке ҷом дорам, ки пурмай кунӣ,
В-агар оби сард андар ӯ афканӣ,

Ба ду рӯз[10] агар бо надимон ба ҳам.
Нишинӣ[11] нагардад май аз ҷом кам.

[illegible] Л — [illegible] бо буданист. 2 Л — биншохташ. 3 Л — бинвохташ; [illegible] — [illegible]вори ӯ ҷойгаҳ сохтанд 4 Л — яке. 5 И — оядаш аз лабон. [illegible] Л — [illegible]арафшон кунад чун бигуяд. 7 Л — шавад. [illegible] — [illegible]. 9 И — Ба дил. 10 ИЛ — даҳ сол. [illegible] Л — Бинӯшад; И — нишастӣ

Ҳамат май диҳад ҷому ҳам оби сард,
Шигифт он ки каммӣ нагирад зи х[в]ард.

Савум он ки дорам яке нав пизишк,
Ки иллат бигӯяд, чу бинад სиришк.

Агар бошад ӯ солиён пеши гоҳ,
Зи дарде напечад ҷаҳондор шоҳ.

Чаҳорум ниҳон дорам аз анҷуман
Яке файласуф, аст наздики ман.

Ҳама буданиҳо бигӯяд ба шоҳ,
Зи гарданда хуршеду рахшанда моҳ.

Фиристодаи номвар бозгашт,
Бад-он роҳ[1] бо бод анбоз[2] гашт.

Биёмад ба пеши Сикандар бигуфт,
Дили шоҳи гетӣ чу гул баршукуфт.

Бад-ӯ гуфт: «Агар бошад ин гуфта[3] рост,
Бар ин чор чиз ин ҷаҳонро баҳост;

Чу инҳо[4] фиристад ба наздики ман,
Дурахшон кунад ҷони торики ман,

Бару буми ӯро накӯбам ба пой,
Бад-ин некуӣ бозгардам зи[5] ҷой.

ФИРИСТОДАНИ ИСКАНДАР НӮҲ МАРДИ ДОНО БАРОИ ДИДАНИ ЧАҲОР ЧИЗИ ШИГИФТ

Гузин кард аз румиён мард чанд,
Хирадманд,[6] бо донишу бегазанд.

Яке нома бинвишт пас[7] шаҳриёр,
Пур аз пӯзишу рангу бую нигор,

[1] И — Ба як бор. [2] Л — ҳамроз. [3] ИЛ — гуфт. [4] И — онҳо. [5] ИЛ — ба. [6] Л — хирадманду [7] Л — Зӣ.

Ки нӯх[1] номвар устуворони хеш,
Ҷаҳондидаву[2] роздорони хеш.

Хирадманду бофарру бошарму[3] рой,
Ҷаҳонбину пурдонишу[4] раҳнамой.

Фиристодам инак ба наздики ту,
Напечанд аз[5] рои борики ту.

Ту ин чизҳоро бад-эшон намой,
Бимон, то бибошанд он ҷо[6] ба ҷой.[7]

Чу ман нома ёбам зи пирони[8] хеш.
Аз ин пурҳунар ёдгирони[9] хеш,

Ки бугзашт бар чашми мо чор чиз,
Ки андар ҷаҳон кас надидаст низ.

Нависем пас номае бар паринд,[10]
Ба Кайд аст, то бошад ӯ, шоҳи Ҳинд.[11]

Хирадманд нӯх[12] марди румӣ бирафт,
Зи назди Сикандар сӯи Кайд тафт.

Чу солори Ҳинд он саронро бидид,
Фаровон бипурсиду посух шунид.

Чунон чун бибоист, бинвохтшон,
Яке моявар ҷойгаҳ сохтшон![13]

Дигар рӯз чун осмон гашт зард,
Бароҳехт хуршед теғи набард,

Биёростанд[14] духтари шоҳро,
Набояд худ оростан[15] моҳро.

---

1 Л — Ба сад. 2 Л — Аз ин пурҳунар. 3 Л — бодонишу шарму. 4 Л — Ҷаҳонҷӯю номовару. 5 Л — напечад магар. 6 Л — бибошад ҳамон ҷо. 7 И — б. 328—333 нест. 8 Л — ёрони. 9 И — ҷаҳондидаву пешкорони. 10 Л — Нависем бас номаи дилписанд. 11 Л — ҷовидон шоҳи Ҳинд. 12 Л — сад. 13 Л — ҷои шоиста барсохташон. 14 И — Биёроста. 15 И — Наёяд худ ороиши

Ба хона дарун тахти заррин ниҳод,
Ба гирд андар ороиши Чин ниҳод.

Нишаст аз бари тахт хуршедчеҳр,
Зи ноҳид тобандатар бар сипеҳр.

Бирафтанд бедор нӯҳ[1] марди пир,
Забон чарбгӯяндаву[2] ёдгир.

Фиристодашон шоҳ сӯи арӯс,
Бар овози Искандари файлақус.

Чу диданд пирон рухи духти шоҳ,
Дурахшон аз ӯ хонаву тоҷу гоҳ,

Фурӯ монданд андар ӯ хир-хир,[3]
Зи дидори ӯ суст шуд пои пир.

Хирадманд нӯҳ пир монданд[4] ба ҷой,
Забонҳо пур аз офарини худой.

На ҷои гузар дид аз[5] эшон яке,
На з-ӯ чашм бардоштанд[6] андаке.

Чу фарзонагон дертар монданд,
Қас омад бари шоҳашон хонданд.

Чунин гуфт бо румиён шаҳриёр.
Ки «чандин чаро будатон[7] рӯзгор?

Ҳамон одамӣ буд, к-он[8] чеҳра[9] дошт,
Ба хубӣ зи ҳар ахтаре баҳра[10] дошт».

Бад-ӯ гуфт румӣ, ки эй шаҳриёр,
Ба айвон чун ӯ кас набинад нигор[11].

---

1 И — даҳ. 2 И — Чарбу гӯяндаву. 3 ИЛ — хира хир. 4 Л — даҳ пир монда. 5 И — Зи. 6 И — Набардоштанд чашм аз ӯ. 7 Л — бурдатон. 8 Л — Ҳам у мардумӣ буд агар. 9 И — Мардумӣ буд, к-он чеҳр. 10 И — баҳр. 11 Л — Агарчи басе будам он рӯзгор;
ТПИЛ — Надидем кас рӯи ӯро тамом,
Набошад чун ӯ одамӣ вассалом*.

* Л — Салом-ун-алайкум алайкум салом

Қунун ҳар яке аз як андоми моҳ,
Фиристем нома ба наздики шоҳ.

Нишастанд пас файласуфон ба ҳам,
Гирифтанд қиртосу қиру қалам.

Набиштанд ҳар мӯбаде он ки дид,
Ки қиртос аз анқос шуд нопадид.

Зи наздики эшон саворе бирафт,
Ба назди Сикандар ба Милод тафт.

Чу шоҳи ҷаҳон номаҳошон бихонд,
Зи гуфторашон дар шигифтӣ бимонд.

Ба нома ҳар андомро ҳар яке
Сифат карда буданд з-ӯ андаке.

Бад-эшон ҷаҳондор посух навишт,
Ки бах-бах бидиданд пирон[1] биҳишт.

Қунун бозгардед бо чор чиз,
Бад-ин бар фузунӣ махоҳед низ.

Чу маншури аҳди ман ӯро диҳед,
Шумо бо фуғистон буна барниҳед.

Наёзорад ӯро касе з-ин сипас,
Аз ӯ ёфтам дар ҷаҳон доду бас.

## ОВАРДАНИ НӮҲ МАРДИ ДОНО ЧАҲОР ЧИЗ АЗ ҚАЙДИ ҲИНДӢ БА НАЗДИ ИСКАНДАР

Фиристода баргашт аз он тоза[2] бум,
Биёмад ба наздики пирони Рум.

Чу он мӯбадон посухи шаҳриёр
Бидиданд бо ранҷдида савор,

[1] Л — Ки дидем хуррам. [2] Л — мавзу

Аз айвон ба наздики шоҳ омаданд,
Бад-он номвар боргоҳ омаданд.

Бар-ӯ хонданд посухи номаро,
Паёми ҷаҳондори[1] худкомаро.[2]

Сипаҳдори Ҳиндустон шод гашт,[3]
Қи аз ранҷи Искандар озод гашт.[4]

Гузин кард сад мард аз он[5] ҳиндувон,
Хирадманду гуёву ширинзабон.[6]

Дари ганҷ беранҷ букшод шоҳ,
Гузин кард з-ӯ ёраву тоҷу гоҳ.

Ҳамон гавҳару ҷомаи нобурид,
Зи чизе, ки шоистатар баргузид.

Бибурданд сесад шутурвор бор.
Ҳама ҷомаву гавҳари шоҳвор.

Даҳ уштур ҳама бор динор кард,[7]
Даҳ уштур зи ганҷи дирам бор кард.[8]

Яке маҳди пурмоя аз уди тар,
Бар ӯ бофта зарру чанде[9] гуҳар.

Ба даҳ пил бар тахти заррин ниҳод,
Ба пиле, ки пурмоятар[10] зин ниҳод.

Фуғистон биборид хунин сиришк,
Ҳаме рафт бо файласуфу пизишк.[11]

Қадаҳ ҳамчунон номдоре ба даст,
Ҳама саркашон аз маи ҷом маст.[12]

---

[1] И — Чу пайғоми он шоҳи
[2] Л — Чу пайғоми он шоҳи худкомаро,
Бар ӯ хонданд посухи номаро.
[3] Л — шуд. [4] Л — шуд. [5] Л — пирон сад аз; И — з-он. [6] Л — равшанравон. [7] Л — буд. [8] Л — буд. [9] Л — чандон. [10] И — пурмоя буд. [11] И — б. 276 нест. [12] И — б. 277 нест.

[illegible] чу омад ба мушкӯи[1] шоҳ,
[illegible] сар зи мушки сиёҳ.

[illegible] бар гули[2] арғувон,
[illegible] буд моҳрух гесувон.[3]

Чу [illegible] бар сараш гирдмоҳ,
[illegible] бад-ӯ дар нигоҳ.[4]

[illegible] наргис андар биҳишт,
[illegible] аз ноз дорад сиришт.

[illegible] карда болои ӯй,
[illegible] сарoпои ӯй.

[illegible] чароғи ҷаҳон,
[illegible] андар ниҳон.

[illegible] к-ӯ сипеҳр офарид,
[illegible] чеҳр офарид.

[illegible] буданд,
[illegible] Рум [illegible] буданд.

[illegible] ӯро ба он бихост,
[illegible] пайванди рост.

[illegible] девор чандон зи ганҷ,
[illegible] рафтан ба ранҷ.

## [illegible] ФАЙЛАСУФУ ПИЗИШКУ [illegible]

[illegible] сарвбун сохта,
[illegible] ӯ ҷой пардохта,

---

[1] [illegible] [2] [illegible] зард бар. [3] Л — Зи дидори ӯ [illegible] Ӯ дида шуд нотавон.
[4] [illegible] — [illegible] наргис дижам,
[illegible] тоб дода ба хам.
[illegible] ба кобину.

Бипардахт аз он пас ба донандамард,
Қи чун хезад аз дониш андар набард.

Пур аз равғани гов ҷоми бузург,
Фиристод зӣ файласуфи сутург,

Қи инро ба андомҳо-бар бимол,
Сурину миёну бару пушту ёл.

Биёсой то мондагӣ бифканӣ,
Ба дониш маро мағзу ҷон оганӣ.

Чу доно ба равған нигаҳ кард, гуфт,
Қи ин банд бар ман нашояд нуҳуфт.

Ба ҷом андар афканд сӯзан ҳазор,
Фиристод бозаш бари шаҳриёр.

Ба сӯзан нигаҳ кард шоҳи ҷаҳон,
Биёвард оҳангаре дар[1] ниҳон.

Бифармуд то гард бугдохтанд,
Зи оҳан яке мӯҳрае сохтанд.

Сӯи марди доно фиристод зуд,
Чу доно нигаҳ кард оҳан бисуд.

Фиристод аз[2] он оҳани тирарang,
Яке оина карда равшан зи занг.[3]

Бибурданд назди Сикандар ба шаб,
В-аз он роз накшод бар бод лаб.

Сикандар ниҳод оина зери нам,
Ҳаме буд то шуд сиёҳу дижам.

Бари файласуфаш фиристод боз,
Бад-он кор шуд рамзи оҳан дароз.

---

[1] Л — оҳангаронро; И — оҳангареро. [2] Л — Чу бишнохт. [3] Л — кард равшан ба ранг.

[illegible] биздуд охан чу об,
[illegible] бозаш хам андар шитоб.

[illegible] ба дору, к-аз он пас зи нам
[illegible] ба зудй сиёху дижам.[1]

[illegible] карду ӯро бихонд,
[illegible] бар зери гохаш нишонд.

[illegible] аз чоми равған нахуст,
[illegible] номвар боз чуст.

[illegible] бо шоҳ марди хирад,
[illegible] бар андомхо нагзарад.[2]

[illegible] аз файласуфони шаҳр,
[illegible] фузун аст баҳр.

[illegible][3] «эй подшо,
[illegible] борсо

[illegible] бигзарад.[4]
[illegible] бугзарад.[5]

[illegible] [illegible]гуфтор[6] ман,
[illegible] хушьёр ман.

[illegible] аз мӯй бориктар,
[illegible] на ториктар.

[illegible] баргузашт,
[illegible] зи зангор гашт.

---

[1] [illegible] [2] [illegible] — бугзарад. [3] ИЛ — гуфт. [4] Л — паю [illegible]
[illegible] — [illegible] гуфт шох.
[illegible] бошад сиёх.
[illegible] рехтан.
[illegible] овехтан,
[illegible] марди хирад,
[illegible] кучо бугзарад?
[6] [illegible] — [illegible]

Чӣ гуна ба роҳ ояд ин тирагӣ,
Чӣ печам суханҳо[1] бад-ин хирагӣ?[2]

Туро гуфтам аз дониши осмон,
Зидоям дилат гар шавад бадгумон.

Аз он пас, ки чӯб[3] об гардад ба ранг,
Қуҷо кард ёрад бар ӯ кор занг.[4]

Писанд омадаш нағз гуфтори ӯй,
Дилаш тезтар гашт бар кори[5] ӯй.

Бифармуд то ҷомаву симу зар
Биёвард ганҷуру ҷоме[6] гуҳар.

Ба доно супурданду доно бигуфт,[7]
Ки «ман гавҳаре дорам андар нуҳуфт,

Ки ёбанд аз ӯ[8] чизу бедушман аст.
На чун хоста ҷуфти оҳарман аст.

Ба шаб посбонро нахоҳам ба музд,
Ба роҳе, ки бошам, натарсам зи дузд.

Ки дониш ба шаб посбони ман аст.
Хирад тоҷи бедори ҷони ман аст.

Хирад бояду донишу ростӣ,
Ки каҷжӣ бикӯбад[9] дари костӣ.

Маро хӯрду пӯшиданӣ з-ин ҷаҳон
Бас аз шаҳриёр ошкору ниҳон.

Ба бешӣ чаро шодмонӣ кунам,
Бад-ин хоста посбонӣ кунам?!

---

1 И — Чаро буд бояд. 2 Л — суханро бар ин чираги. 3 ИЛ — Чун. 4 Л — бояд бар у кор танг. 5 И — тира гашта ба озори. 6 И — ҷоми. 7 ИЛ — донанда гуфт. 8 Л — Ёбам бад-ӯ. 9 Л — накӯбад.

[illegible] барад боз чой,
[illegible] туро[1] раҳнамой».

[illegible] монд андар шигифт,
[illegible] андешахо баргирифт,

[illegible] маро бар гунох,
[illegible] хуршеду мох.

[illegible] ранди туро,
[illegible] судманди туро.»

[illegible] ПИЗИШКИ
[illegible]

[illegible] пешаш пизишк,
[illegible] дидй сиришк.

[illegible] гуфт: «чист,
[illegible] бибояд гирист?»

[illegible] ки афзун х[в]арад,
[illegible] хуриш нашмарад.

[illegible] хуриш тандуруст,
[illegible] тандурустй бичуст.[3]

[illegible] туро доруе,
[illegible] аз хар сӯе,

[illegible] з-ӯ[6] тандуруст,
[illegible] тан бишуст.[7]

[illegible] бизоядат,
[illegible] нагзоядат.

---

[illegible] 431, 432 нест. [4] И — Биёму[illegible] — Гиёхо. [6] Л — бад-он. [7] Л — Бибояд [illegible]

Ҳаме*[1] ёд дор ин суханҳои нағз,
Бияфзояд андар танат хуну мағз.

Шавӣ бар тани хеш-бар комгор,
Дилат шод гардад чу хуррамбаҳор![1]

Ҳамон ранги чеҳрат ба ҷой оварад,
Ба ҳар кор покиза рой оварад.

Нагардад пароканда мӯят, сафед,
Зи гетӣ сафедӣ[2] кунад ноумед.

Сикандар бад-ӯ гуфт: нашнидаам
На касро зи шоҳон чунин дидаам.

Гар орӣ ту ин нағз дору ба ҷой,
Ту бошӣ ба некӣ*[2] маро раҳнамой.

Харидор бошам[3] туро ман ба ҷон,
Шавӣ бегазанд аз бади бадгумон.

Варо хилъату некӯиҳо бисохт,
Зи донопизишкон сараш барфарохт.

Пизишки сароянда омад ба кӯҳ,
Наёвард[4] бо хештан з-он гурӯҳ.

Зи доноӣ ӯро фузун буд баҳр,
Ҳаме заҳр бишнохт аз пойзаҳр.

Гиёҳони кӯҳӣ фаровон дуруд,
Бияфканд аз ӯ ҳарчи бекор буд.

Аз ӯ поктарьёкҳо баргузид,
Биёмехт дору чунон чун сазид.

Танашро ба доруи кӯҳӣ бишуст,
Ҳаме дошташ солу маҳ[5] тандуруст.

---

1 И — б. 437 нест. 2 ИЛ — сапедӣ. 3 Л — гардам. 4 ЛМ — Биёвард.
5 Л — Солиён.
* 1М — Ҳамон
* 2М — гетӣ

Чунон буд, ки ӯ шаб нахуфтӣ басе,
Биёмехтӣ шод бо хар касе.

Ба [illegible] занон тез будӣ бараш[1]
[illegible] чое бичустӣ сараш.[2]

[illegible] ба кохиш гироид шох,
[illegible] он хеч танро нигох.

[illegible] рӯзе биёмад пизишк,
[illegible] ёфт андар сиришк.

[illegible] гуфт к-«аз хуфту хези занон
[illegible] гардад ба тан, бегумон.

[illegible],[3] [illegible] будӣ се шаб,
[illegible] гӯй ину букшой лаб.»

[illegible] гуфт: «ман равшанам,
[illegible][4] танам».

[illegible] Хиндустон,
[illegible] хор хамдостон.

[illegible] аз[5] набништа бичуст,
[illegible][6] [illegible] кохиш дуруст.

[illegible] хамон шаб ба танхо бихуфт,[7]
[illegible] бо [illegible] чуфт.

[illegible] андар омад пизишк,
[illegible] бидидаш сиришк.

[illegible] ба ромиш нишаст,
[illegible] шодон ба даст,

[illegible] биёростанд,
[illegible] руду май хостанд.

---

[1] [illegible] [2] Л — [illegible] [3] И — Бидонам. [4] Л — он оз сустӣ [illegible] [illegible] сустӣ надорад. [5] Л — шуд он. [6] Л — Биё-[illegible] [7] [illegible] нахуфт.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Он чаро рехтӣ,
Чу бо ранҷ дору биёмехтӣ»?[1]

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳи ҷаҳон дӯш ҷуфт
Наҷусту шаби тира танҳо бихуфт.

Чу танҳо бихуспӣ[2] ту, эй шаҳриёр,
Маро ҳеҷ дору наёяд[3] ба кор».

465 Сикандар бихандиду з-ӯ гашт шод,
Варо гуфт: «бе Ҳинд гетӣ мабод!»

Пизишкону ахтаршиносон ҳама,
Ту гуфтӣ ба Ҳиндустон шуд рама.[4]

Яке бадра динору аспи сиёҳ,
Ба ҳаррои зарин бифармуд шоҳ.

Пизишки хирадмандро доду гуфт,
Ки «бо пок роят забон[5] бод ҷуфт!»

ОЗМУДАНИ ИСКАНДАР ҶОМИ ҚАЙДРО

В-аз он пас бифармуд, к-он ҷоми зард
Биёранд пур карда аз оби сард.

470 Ҳаме хӯрд ҳар кас аз он ҷом[6] об,
Зи шабгир то буд ҳангоми хоб.

Бихӯрданд об аз паи хуррамӣ,
Зи хӯрдан наёмад бад-ӯ дар камӣ.

---

1 И — баромехтӣ. 2 Л — бихуфтӣ. 3 ИЛ — Наёяд туро ҳеҷ дору.
4 Л — пас аз б. 466 ин б. омада:

Аз он ҷо биёмад сӯи хони хеш,
Ҳама шаб ҳаме сохт дармони хеш.
Чу барзад сар аз кӯҳ равшанчароғ,
Чу дебо фурӯзанда шуд дашту роғ,
Сикандар биёмад бад-он боргоҳ
Лабе пур зи ханда, дил аз ғам табоҳ,
Фиристодаро дид солори бор,
Бипурсиду бурдаш сӯи шаҳриёр.

5 Л — бо доди яздон хирад. 6 Л — з-он ҷоми зар ҳар кас.

Бад-он файласуф он замон шоҳ гуфт:
Ки андар ҷаҳон Қайдро нест ҷуфт.

Аз ин пас нахонем Ҳиндустон,
Магар хонаи Қайди ҷодуситон.

Ба [illegible] надоранд чизе фузун,
[illegible] андар ин банду чандин фусун.[1]

Бад-он файласуф он замон шоҳ гуфт,
Ки «эй дониш аз мо набояд нуҳуфт,*[1]

Ки афзоиши оби ин ҷом чист?
Нуҷумист ё олати ҳиндуист?»

Чунин дод посух ки «эй шаҳриёр,
Ту ин ҷомро хормоя мадор,

Ки ин бар басе солиён кардаанд,
Бад-ин андарун ранҷҳо бурдаанд.

Аз ахтаршиносони ҳар кишваре,
Ба ҷое, ки буд номвар меҳтаре,

Бари Кайд буданд, к-ин ҷом кард,
Ба рӯзи сафеду шаби лоҷвард.

Ҳаме кори[2] ахтар нигаҳ доштанд,
Фаровон бад-ин рӯз бугзоштанд.

Ту аз Магнитис гир ин нишон,
Ки рӯи касе зард оҳанкашон.

Ба табъи [illegible]ан ҳам шудаст обкаш,
Зи гардун бигирад[3] ҳаме оби х[в]аш.

Ҳаме об гирад[4] чу гирад камӣ,
Набинад ба равшан ду чашм одамӣ».

---

1 Ш — б. 472, 473 нест. 2 ИЛ — Ҳама табъи. 3 ИЛ — пазирад.
4 Л — ёбад.
* Ш — б. 473—474 нест.

Чу гуфтори доно писанд омадаш,
Суханҳои ӯ судманд омадаш,

Чунин гуфт пирони Милодро,
Ки «ман аҳди Қайд аз паи додро

Ҳаме нашканам, то бимонам[1] ба ҷой,
Ҳама пеши ӯ буд бояд ба пой.

Чу[2] ман ёфтам з-ӯ чунин чор чиз,
Бар-ин-бар фузунӣ наҷӯем[3] низ.[4]

Дусад боркаш хоста барниҳод
Сад афсар зи гавҳар бар он сар ниҳод.

Ба кӯҳ андар оганд чизе, ки буд,
Зи динору аз гавҳари нобисуд.

Чу дар кӯҳ шуд ганҷҳо нопадид,
Қасе чеҳраи оганида[5] надид.

Ҳама ганҷ бо он ки кардаш ниҳон,
Надиданд з-он пас кас андар ҷаҳон.

Зи ганҷи ниҳон карда дар кӯҳсор,
Биёвард бо хештан ёдгор.

НОМАИ ИСКАНДАР БА ФУРИ ҲИНДӢ

Зи Милод чун бод лашкар биронд,
Ба Қаннуҷ шуд, ганҷаш он ҷо бимонд.

Чу овард лашкар ба наздики Фур,
Яке нома фармуд пурҷангу шур.[6]

---

[1] Л — бимонад. [2] Л — Ки. [3] Л — нахоҳем.
[4] ТПЗИ — В-аз он пас Сикандар ҳаме хоста.
Куҷо дошт бо ганҷи ороста,
[5] И — чеҳра огандаҳоро. [6] Л — сур.

Зи шоҳаншаҳ Искандари Филқус,
Фурӯзандаи донишу[1] нӯъму бус.

Сӯи Фури ҳиндӣ сипаҳдори Ҳинд,
Баландахтару лашкаророи Синд.

Сари нома кард офарини худой,
Куҷо буда[2] бошад ҳамеша ба ҷой.

Касеро, ки ӯ кард пирӯзбахт,
Бимонад бад-ӯ кишвару тоҷу тахт.

Гараш[3] хор гирад, бимонад нажанд,
Натобад бар ӯ офтоби баланд.

Шунидӣ ҳамоно, ки яздони пок
Чӣ хостаст моро дар ин[4] тирахок?

Зи пирӯзиву бахту аз[5] фаррахӣ,
Зи дайҳиму аз тахту[6] шоҳаншаҳӣ.

Намонад ҳаме, рӯзи мо бугзарад,
Каси дигар ояд, к-аз ин[7] бархв[в]арад.

Ҳаме ном бояд,[8] ки монад, на ноҳ
Бар ин маркази моҳу паргори танг.

Чу ин нома орам[9] ба наздики ту,
Пур аз дод кун рои торики ту.

Зи тахти бузургӣ[10] ба асп андар ой,
Мазан рой бо мӯбаду раҳнамой.

Зи мо эминӣ хоҳу чора масоз,
Ки бар чорагар кор гардад дароз.

---

1 Л — оташу; И — оташи. 2 ИЛ — буду. 3 Л — Гар ӯ 4 ИЛ — Бадин. 5 Л — бахт в-аз. 6 Л — дайҳим в-аз тахти. 7 Л — ӯ. 8 Л — кӯ-[illegible]. 9 Л — оранд; И — он номе оранд. 10 Л — баландӣ.

Зи фармон агар як замон бугзарӣ,
Баландӣ гузиниву кундоварӣ,[1]

Чу ман бо саворон биёям ба ҷанг,
Пушаймонӣ ояд туро аз диранг.

Чу з-ин бора гуфторҳо сахта шуд,
Нависанда аз нома[2] пардахта шуд,

Ниҳоданд муҳри Сикандар бар ӯй,[3]
Биҷустанд бино яке роҳҷӯй.[4]

Фиристода омад ба дарбори Фур,
Гаҳе разм гуфтӣ, гаҳе базму сур.

Ҷаҳондидаро пеши ӯ хонданд,
Бари[5] тахт наздик биншонданд.

## ПОСУХИ НОМАИ ИСКАНДАР АЗ ФУР

Чу он нома бархонд Фури сутург,
Барошуфт аз он номдори бузург.

Ҳамон гаҳ яке тунд посух навишт,
Ба полези кина дарахте бикишт.

Сари нома гуфт аз худованди пок,
Бибояд, ки бошем бо тарсу бок.

Нагӯем чандин сухан бар газоф,
Ки бечора бошад худованди лоф.

Маро пеш хонӣ, туро шарм нест,
Хирадро бари мағзат озарм нест.

---

1 ТПЗИЛМ — Биёрам чу оташ сипоҳи гарон,
Гузидадалерону кундоварон.

2 Л — нависандаи нома; И — нависанда аз нома. 3 Л — бад-ӯй.

4 Л — бедор як номҷӯй. 5 Л — бар он.

Агар Филқус ин навиштӣ ба Фур.
Ту ҳам разм оғозу бардор шур.[1]

Зи Доро бад-ин сон шудастӣ далер,
К-аз ӯ гашта буд чархи гарданда сер.

Чу бар тухмае бугзарад рӯзгор,
Насозанд бо панди омӯзгор.

Ҳамон низ базм омадат разми Қайд,
Бар онӣ, ки шоҳонт гаштанд сайд.

Бар ин гуна унвону з-ин сон сухан,
Наёмад ба мо з-он каёни куҳан.

Манам Фуру аз Фур дорам нажод,
Ки аз қайсарон кас накардем ёд.

Бад-он гаҳ, ки Доро маро ёр хост,
Дилу бахт бо ӯ надидем рост.

Ҳамон жандапилон[2] фиристодамаш,
Ҳамон низ[3] ба ёрӣ забон додамаш.

Чу бар дасти он банда-бар кушта шуд,
Сари бахти эрониён гашта шуд.

Зи Доро чу рӯи замин пок шуд,
Туро заҳри бурранда тарьёк шуд.

Гар[4] ӯро зи дастури бад бад расид,
Чаро шуд хирад дар[5] сарат нопадид?

Ту дар ҷанг чандин далерӣ макун,
Ки бо мот чунин набошад[6] сухун,

Бубинӣ кунун жандапилу[7] сипоҳ,
Ки дар дашт бананд[8] бар бод роҳ.

---

1 Л — Ба мотам бадал кардӣ оғози сур. 2 Л — Ҳаме зиндапилон. 3 Л — Ҳаме дун. 4 Л — Ки. 5 Л — аз. 6 Л — Мот кӯтоҳ гардад. 7 Л — зандапилу 8 Л — пешат бубананд

Ҳама рои ту бартарӣ ҷустан аст,
Ниҳоди ту ҳамранги аҳриман аст.

Ба гетӣ ҳама тухми зуфтӣ макор,
Битарс аз газанду бади рӯзгор.

Бад-ин нома мо некӯӣ хостем,
Ба хубӣ[1] дилатро биёростем.

## ЛАШКАР ОРОСТАНИ ИСКАНДАР БА РАЗМИ ФУР

535 Чу посух ба назди Сикандар расид,
Ҳамон гаҳ зи лашкар ялон[2] баргузид,

Ки бошанд шоиставу пешрав,
Ба дониш куҳан гашта в-аз[3] сол нав.

Суи Фури ҳиндӣ сипоҳе биронд,
Ки рӯи замин ҷуз ба дарьё намонд.

Ба ҳар сӯ ҳаме ронд[4] з-он сон сипох,
Ки гуфтӣ ҳаме[5] бар замин нест роҳ.

Ҳама кӯҳу дарьёву роҳи дурушт
Ба дил оташи ҷангҷӯён бикушт.

540 Зи рафтан саросар сипаҳ гашт кунд,
Аз он роҳи бероҳи душвору тунд.

Ҳамон гаҳ чу омад ба манзил сипох,
Гурӯҳе бирафтанд наздики шоҳ.

Ки «эй қайсари Руму солори Чин
Сипоҳи туро барнатобад замин.

Наҷӯяд ҳаме ҷанги[6] ту Фури Ҳинд,
На Фағфури чинӣ, на солори синд.

---

1 Л — Мунаққаш. 2 Л — Саре. 3 Л — дар. 4 Л — рафт. 5 Л — ҷуз.
6 Л — Разми

Сипаҳро чаро кард бояд табоҳ,
Бад-ин марзи беарзу з-ин гуна роҳ.

Зи[1] лашкар набинем аспе дуруст,
Ки шояд ба тундӣ бар ӯ разм ҷуст.

Аз ин ҷанг агар боз гардад сипоҳ,
Савору пиёда наёбанд роҳ.

Чу пирӯз будем то ин замон,
Ба ҳар ҷой бар лашкари бадгумон,

Кунун сарбасар кӯҳу дарьёст пеш,
Ба серӣ наёмад кас аз ҷони хеш.

Магардон ҳама номи моро ба нанг,
Нагардаст кас ҷанг бо обу[2] санг.»

[illegible][3] шуд Сикандар зи гуфторашон,
[illegible] бишкаст бозорашон.

Чунин гуфт к-аз ҷанги эрониён,
Зи румӣ касеро наёмад зиён.

Ба Доро-бар аз бандагон бад расид,
Касе аз шумо зору хаста надид.

Бад-ин роҳ ман бе шумо бугзарам,
[illegible][4] аждаҳоро ба пай биспарам.

Бубинам аз он пас, ки ранҷур Фур
Нагардонад аз ман ба разму ба сур.

Чу з-ӯ боз гардам, биёям ба Рум,
Ба мардӣ ба зер оварам рӯи бум.

Маро ёр яздону эронсипоҳ,
Нахоҳам, ки румӣ бувад некхоҳ».

---

[1] Л — Ба. [2] И — кӯҳу. [3] И — Ғамин. [4] ИЛ — Дили.

Чу ошуфта шуд шоҳ з-он гуфтугӯй,
Сипаҳ сӯи пӯзиш ниҳоданд рӯй.

Қи мо сар ба сар бандаи қайсарем,
Замин ҷуз ба фармони ӯ наспарем.

Бипӯем, чун[1] асп гардад табоҳ,
Пиёда ба ҷанг андар ояд сипоҳ.

Гар аз хуни мо хок дарьё кунанд,
Нишебӣ аз[2] афканда боло кунанд,

Набинад касе пушти мо рӯзи ҷанг,
Агар чарх ҷанг ораду кӯҳ санг.

Ҳама бандагонему фармон туровст,
Чӣ озор[3] гирӣ зи мо, ҷон туровст.

Чу бишнид аз эшон Сикандар сухун,
Яке размро дигар афканд бун.

Гузин кард аз эрониён сӣ ҳазор,
Ки буданд бо олати корзор.[4]

Паси пушти эшон зи румӣ сарон,
Зиреҳдору мардони ҷанговарон.

Бирафтанд корозмуда савор,[5]
Паси пушти эрониён чил ҳазор,[6]

Паси пушти эшон сарони Хазар,[7]
Ҳама номдорони бофарру зар,[8]

Ҳам аз тозиён бешумор анҷуман,
Зи Шому Ҳиҷозу зи шаҳри Яман.[9]

---

[1] Л — Бикӯшему гар. [2] Л — зи. [3] Л — ором.
[4] ТПЛМ — Зи хешони Дорову кундоварон,
Ҳар он кас, ки буд аз нажоди каён.
[5] Л — сарон. [6] Л — Зиреҳдор мардона ҷанговарон. [7] Л — Зи румӣ савор. [8] Л — Ба қалб андарун номвар сӣ ҳазор. [9] И — б. 566—568 нест.

Гузин кард қайсар даҳу ду ҳазор,
Ҳама найзаварру[1] ҳама номдор.[2]

Бад-он то паси пушти ӯ з-ин гурӯҳ
Дару дашт гардад ба кирдори кӯҳ.

Зи ахтаршиносону аз мӯбадон,
Ҷаҳондидаву номвар биҳрадон,

Ҳаме бурд бо хештан шаст мард,
Пижӯҳандаи рӯзгори набард.

Чу огоҳ шуд Фур, к-омад сипоҳ,
Гузин кард ҷой, аз дари[3] размгоҳ.

Ба дашт андарун лашкар анбӯҳ гашт,
Замин аз паи пил чун кӯҳ гашт.

Сипоҳе кашиданд бар чор мил,
Паси пушт гурдону дар пеш пил.

Зи Ҳиндустон чанд корогаҳон
Бирафтанд наздики шоҳи ҷаҳон.

Бигуфтанд бо ӯ басе ҳаст[4] пил,
Ки ӯ аспро бишканад бар ду мил.

Саворе наёрад бари ӯ шудан,
На чун шуд бар ӯ роҳи бозомадан.

Чу хартуми ӯ аз ҳаво бартар аст,
Зи гардун-ш кайвон ҳаме[5] ёвар аст.

Ба қиртос бар пил бингоштанд,
Ба чашми ҷаҳонҷӯй бугзоштанд.

---

[1] ИЛ — размҷӯю.
[2] Л — Дигар буд лашкар саворони Миср,
Далерону ханҷаргузорони Миср.
Зи румиву мисриву аз барбарӣ,
Саворони шоистаи лашкарӣ.
[3] И — аз паи. [4] Л — уро басе разми; И — разми. [5] ИЛ — гардун [illegible] уро зухал.

Бифармуд то файласуфони Рум,
Яке пил карданд пешаш зи мум.

Чунин гуфт акнун ба покизарой,
Қӣ орад яке чораи ин ба ҷой?

Нишастанд донишпижӯҳон баҳам,
Яке чора ҷустанд бар бешу кам.

Яке анҷуман кард аз оҳангарон,
Ҳар он кас, ки буданд аз эшон сарон,

Зи Румиву мисриву аз порсӣ,
Фузун буд мардон зи сад[1] бор сӣ.[2]

Яке борагӣ сохтанд оҳанин,
Савораш зи оҳан в-аз оҳанш зин,

Ба меху ба мис дарзҳо дӯхтанд,
Савору тану[3] бора афрӯхтанд.*[1]

Сикандар бидид он писанд омадаш,
Хирадмандро судманд омадаш.

Бифармуд то з-он фузун аз ҳазор,
Аз оҳан бикарданд аспу савор.

Аз он абрашу буру хингу сиёҳ,
Қӣ дидаст ҳаргиз зи оҳан сипоҳ?!

Сари моҳро кор шуд сохта,
В-аз он чорагар гашт пардохта.

Аз оҳан сипоҳе ба гардун биронд,
Ки ҷуз бо саворони ҷангӣ намонд.

---

1 Л — чиҳил. 2 И — б. 585 нест. 3 И — тани. 4 ИЛ — шохе.
* 1М — Пас аз б. 587 ин б. омада:
Ба гардун ҳаме ронданд пеши шоҳ
Дарунаш пур аз нафту карда сиёҳ.

## ҶАНГИ ИСКАНДАР БО ҲИНДУВОН ВА ҚУШТА ШУДАНИ ФУР БАР ДАСТИ Ӯ

Чу Искандар омад ба наздики Фур,
Бидид он савору[1] сипахро зи дур.

Хурӯш омаду гарди разм аз ду рӯй,
Бирафтанд гурдони пархошҷӯй.

Ба аспу ба нафт оташ андар заданд,
Ҳама ҳиндиён даст бар сар[2] заданд.

Аз оташ барафрӯхт нафти сиёҳ,
Биҷунбид аз он к-оҳанин буд сипоҳ.

Зи лашкар баромад саросар хурӯш,
Ба захм овариданд пилон ба ҷӯш,

Чу хартумҳошон бар оташ гирифт,
Бимонданд аз он пилбонон шигифт.

Ҳама лашкари Ҳинд гаштанд боз,
Ҳам он жандапилони гарданфароз.

Чу з-ин гуна диданд аз эшон гурез.
Бирафтанд бо лашкар аз ҷой тез.[3]

Сикандар паси лашкари бадгумон,
Ҳаме тохт бар сони боди дамон.

Чунин то ҳаво нилгун шуд ба ранг,
Сипахро намонд он замон ҷои ҷанг.

Ҷаҳонҷӯй бо румиён ҳамгурӯҳ,
Фуруд омад андар миёни ду кӯҳ.

---

[1] Л — сипаҳ ин. [2] Л — лашкари Фур барҳам.
[3] Л — Гирифтанд пилон аз оташ гурез,
Бирафтанд бо лашкар аз ҷой тез.

Талоя фиристод ҳар сӯ ба роҳ,
Ҳаме дошт лашкар зи душман нигоҳ.

Чу пайдо шуд он шушаи[1] тоҷи шед,
Ҷаҳон шуд ба сони булӯри сапед[2].

Баромад хурӯшидани карраной,[3]
Дами нои сурғину ҳиндидарой[4].

Сипаҳ бо сипаҳ ҷанг барсохтанд,
Синонҳо ба абр андар афрохтанд.

Сикандар биёмад миёни ду саф,
Яке теғи румӣ[5] гирифта ба каф.

Саворе фиристод наздики Фур,
Ки ӯро бихонад бигӯяд зи дур.

Ки омад Сикандар ба пеши сипоҳ,
Ба дидор ҷӯяд ҳаме бо ту роҳ.

Сухан гӯяду гуфти ту бишнавад,
Агар дод гӯӣ, бад-он бигравад,

Чу бишнид аз ӯ Фури Ҳиндӣ бирафт,
Ба пеши сипоҳ омад аз қалб тафт.

Сикандар бад-ӯ гуфт к-«эй номдор,
Ду лашкар шикаста шуд аз корзор,

Ҳаме дому дад мағзи мардум хӯрад,
Ҳамон наъли асп устухон биспарад.

Чаро баҳри лашкар ҳама куштан аст,
В-агар зинда аз разм баргаштан аст?[6]

---

1 Л — аз осмон. 2 Л — сафед. 3 Л — говдум.
4 Л — рӯинахум. 5 ИЛ — ҳиндӣ. 6 ИЛ — б. 616 нест.

Ду мардем ҳар ду далеру ҷавон,
Сухангӯю бомағз ду паҳлавон.[1]

Миёнҳо бубандему ҷанг оварем,
Чу бояд, ки кишвар ба чанг оварем.

Зи мо чун яке гашт фирӯзбахт,
Бад-ӯ монад ин лашкару пилу тахт».

Зи румӣ суханҳо чу бишнид Фур,
Харидор шуд разми ӯро ба сур.

Бад-ӯ гуфт: «Ин аст оину роҳ.
Бигардем як бо дигар бесипоҳ.

Тани хешро дид бо зӯри шер,
Яке бора чун аждаҳое ба зер.

Сикандар саворе ба сони қалам,
Силехе сабук бодпое дижам.

Ду ханҷар гирифтанд ҳар ду ба каф,
Бигаштанд ҳар ду миёни ду саф.

Сикандар чу дид он тани пили маст,
Яке кӯҳ зер аждаҳое ба даст.

Ба овард аз ӯ монд андар шигифт,
Ғамӣ шуд дил аз ҷону тан баргирифт.

Ҳаме гашт бо ӯ ба овардгоҳ,
Хурӯше баромад зи пушти сипоҳ.

Дили Фур пурдард шуд з-ин хурӯш,
Бад-он сӯ кашидаш сару чашму гӯш.

---

[1] Л — Пас аз б. 617 ин б. омада:
Далерони лашкар ҳама кушта шуд,
В-агар зинда аз разм баргашта шуд.

Сикандар чу бод андар омад ба гард,
Бизад тез теғе бар он шермард.

Бибуррид то бар сару гарданаш,
Зи боло ба хок андар омад танаш.

Шуд аз лашкараш бонг то осмон,[1]
Бирафтанд гурдони Эрон дамон.

Яке кӯс будаш зи чарми ҳизабр,
Ки овози ӯ баргузаштӣ зи абр.

Баромад дами бӯқу овои кӯс,
Замин оҳанин шуд ҳаво[*1] обнӯс.

Бар он ҳамнишон ҳиндувон размҷӯй,
Ба тангӣ ба рӯй андар оварда рӯй,

Хурӯш омад аз дашт к-эй ростон,[2]
Сари мояи марзи Ҳиндустон.

Сари Фури ҳиндӣ ба хок андар аст,
Тани пилвораш ба чок[3] андар аст.

Шуморо кунун аз паи кист[4] ҷанг
Чунин захми шамшеру[*2] чандин[5] диранг?

Сикандар шуморо чунон шуд, ки Фур,
Аз ӯ ҷуст бояд кунун базму[6] сур.

Бирафтанд гурдони Ҳиндустон,
Ба овоз гаштанд[7] ҳамдостон.

Сари Фур диданд пурхуну хок,
Бару тан-ш карда ба шамшер чок.

---

[1] Л — Сари лашкари Рум шуд — б-осмон
Хурӯшанда гурдони эрониён
И — бар осмон. [2] Л — аз растаи посбон. [3] Л — мағоқ [4] Л — чист. [5] Л — размн шамшеру чанге. [6] ИЛ — разму. [7] Л — Бар ин — бар бигаштанд.
[*] 1М — буд, сипехр
[*] 2М — чандину.

Хуруше баромад зи лашкар ба зор,
Фуру рехтанд олати корзор.

Пур аз дард наздики кайсар шуданд,
Або[1] нолаву хок бар сар шуданд,

Сикандар силеҳи гавон боз дод,
Ба хубӣ зи ҳар гуна овоз дод.

Чунин гуфт: «Гар Фури ҳиндӣ бимурд,
Шуморо ба ғам дил набояд супурд.

Навозиш кунун мо[2] ба афзун кунем,[3]
Зи дилтон ғаму тарс берун кунем.[4]

В-аз он чойгаҳ шуд бари тахти Фур,
Бар он дарду мотам бар ин[5] чашну сур.

Чунин аст расми сарои сипанч,
Гахе шод бошӣ аз ӯ гах[6] ба ранч.

Бихӯр ҳар чӣ дорӣ, манеҳ боз пас,
Ту ранҷӣ, чаро монд бояд ба кас?!

Ҳаме буд бар тахт кайсар ду моҳ,
Бубахшид ганҷаш ҳама бар сипоҳ.

Яке бо гуҳар буд номаш Савург,
Ба[7] Ҳиндустон паҳлавоне бузург.

Сари тахти шоҳӣ бад-ӯ доду гуфт:
Ки «динор ҳаргиз макун дар нуҳуфт.

---

1 ИЛМ — Пур аз. 2 Л — ман. 3 Л — кунам. 4 Л — кунам;
ТПЗИЛ — Бубахшам саросар ҳама ганчи ӯй,
Ҳаром аст бар лашкарам ранчи ӯй,
Ҳама ҳиндувонро тавонгар кунам,
Бикӯшам, ки бо тахту афсар кунам.
5 Л — Пур аз ранчу мотам пур аз. 6 И — гаҳе з-ӯ.
7 Л — зи.
8 IM — сутун

Бубахшу бихӯр ҳар чӣ ояд фароз,
Бад-ин тоҷу гоҳи сипанҷӣ маноз,

Ки гоҳе Сикандар бувад, гоҳ Фур,
Гаҳе дарду хашму гаҳе[1] базму[2] сур.

Дирам доду динор лашкар-шро,
Биёрост гурдону кишвар-шро.

## РАФТАНИ ИСКАНДАР БА ЗИЁРАТИ ХОНАИ ҚАЪБА

Чу лашкар шуд аз хоста бениёз,
Бар ӯ ногузашта замони дароз,[3]

Ба шабгир бархост овои кӯс,
Ҳаво шуд ба кирдори чашми хурӯс.

Зи бас найзаву парниёнӣ дурафш,
Ситора шуда сурху зарду бунафш.

Сикандар биёмад ба сӯи ҳарам,
Гурӯҳе бар ӯ шоду баҳре дижам.

Або нолаву бӯқу бо пил рафт,
Ба дидори ҷои Симоил рафт.

Ки хони[4] ҳарамро бароварда буд,
Бад-ӯ андарун ранҷҳо бурда буд.

Худованд хондиш Байт-ул-ҳаром,
Бад-ӯ шуд туро роҳи яздон тамом.

Зи покӣ варо хонаи хеш хонд,
Ниёишкунонро бад-он пеш хонд.[5]

---

1 Л — хашм асту гаҳ; 2 И — хашму дард асту гаҳ разму.
3 ТПЗ — Ниҳебе ба дил з-он фароз омадаш,
Сӯи Қаъба рафтан ниёз омадаш.
4 И — хона. 5 И — б. 662 нест.

Худои ҷаҳонро набошад ниёз
Ба ҷою хӯру кому ораму ноз.

Парастишгаҳе буд то буд ҷой,
Бад-ӯ андарун ёд карди худой.

Пас омад Сикандар сӯи Қодисӣ,
Ҷаҳонгир то Ҷаҳрами порсӣ.

Чу огоҳӣ омад ба Насри Қутеб,
Қ-аз ӯ буд мар Маккаро фарру зеб.

Пазира шудаш бо набардасарон,
Диловар саворону найзаварон.

Саворе биёмад ҳам андар замон,
Зи Макка ба назди Сикандар дамон,

Ки ин номдоре, ки омад зи роҳ,
Ки ҷӯяд ҳаме тоҷу ганҷу сипоҳ,

Набера Симоили некахтар аст,
Ки пури Бироҳими пайғамбар аст.

Чу' пеш омадаш Наср[1] бинвохташ,
Яке моявар пойгаҳ[2] сохташ.

Бад-ӯ шод шуд Насру гавҳар бигуфт,
Ҳама розҳо баркушод аз нуҳуфт.

Сикандар чунин дод посух бад-ӯй,
Ки «эй покдил меҳтари ростгӯй!

Бад-ин дуда андар кадом аст меҳ,
Ҷуз аз ту писандидаву рӯзбеҳ»?

Бад-ӯ гуфт Наср: «Эй ҷаҳонгир шоҳ
Хузоаст меҳтар бад-ин ҷойгоҳ.

---

1 Л — диду. 2 И — ҷойгаҳ.

Симоил чун з-ин ҷаҳон даргузашт,
Ҷаҳонгир Қаҳтон биёмад зи дашт.

Або лашкари гашни шамшерзан,
Ба бедод бигрифт шаҳри Яман.

Басе бегунаҳ з-они мо кушта шуд,
Бар он дудмон рӯз баргашта шуд,

Наёмад ҷаҳонофаринро писанд,
Бар ӯ тира шуд рои чархи баланд.

Хузоа биёмад чу ӯ гашт хок,
Ба ранҷу ба бедоду бетарсу бок.

Ҳарам то Яман пок дар дасти ӯст,
Ба дарьёи Миср андарун шасти ӯст.

Сар аз роҳ печидаву дод не,[1]
Зи яздону некӣ ба дил ёд не.[2]

Ҷаҳоне гирифта ба мушт андарун,
Нажоди Симоил дил пур зи хун».

Сикандар зи Наср ин суханҳо шунид,
Зи тухми Хузоъ ҳар он кас, ки дид,[3]

Ҳама кушту[4] бистуд Ҳиҷозу Яман
Ба рою ба мардони шамшерзан.

Нажоди Симоилро баркашид,
Ҳар он кас, ки ӯ меҳтариро сазид.

Пиёда биёмад ба Байт-ул-Ҳаром,
Симоилиён з-ӯ шуда шодком.

---

[1] Л — бупечиду в-аз дод ӯй,
[2] Л — Наёрад зи некӣ ба дил ёд ӯй.
[3] ТП — Бикушту ба саршон барохехт пуст,
Намонд ҳеҷ аз эшон на душман, на дӯст.
[4] ИЛ — Зи бедод.

Ба ҳар пай, ки бардошт қайсар зи[1] роҳ,
Ҳаме рехт динор ганҷури шоҳ.

Чу баргашту омад ба даргоҳи қаср,
Бубахшид динор чанде ба Наср.

Тавонгар шуд он кас, ки дарвеш буд,
В-агар хӯрдаш аз кӯшиши хеш буд.

ЛАШКАР ҚАШИДАНИ ИСҚАНДАР
СӮИ МИСР

В-аз он ҷойгаҳ шоҳ[2] лашкар биронд,
Ба Ҷадда баромад фаровон бимонд.

Сипаҳро бифармуд то ҳар касе
Бисозанд киштиву завраҳ басе.

Ҷаҳонҷӯй[3] бо лашкари роҳҷӯй
Зи Ҷадда сӯи Миср бинҳод рӯй.

Малик буд Қайтун ба Миср андарун,
Сипоҳаш зи роҳи гумонӣ фузун.

Чу бишнид, к-омад зи роҳи ҳарам,
Ҷаҳонгири пирӯз бо боду дам,

Пазира шудаш бо фаровон сипоҳ,
Ҳамон бардаву бадраву[4] тоҷу гоҳ.

Сикандар ба дидори ӯ шод гашт,
Ҳама гуфти бадхоҳи ӯ бод гашт.

Ба Миср андарун буд як сол шоҳ,
Бад-он то баросуд шоҳу сипоҳ.

Зане буд дар Андалис шаҳриёр,
Хирадманду бо лашкаре бешумор.[5]

---

[1] И — ба. [2] Л — низ; И — шод. [3] И — ҷаҳонгир.
[4] Л — Або бадраву ёраву. [5] Л — номдор.

Ҷаҳонҷӯю бахшанда Қайдофа ном,
Зи рӯзи беҳӣ ёфта ному ком.

Зи лашкар савори мусаввир биҷуст,
Ки монанд сурат нигорад дуруст.

Бад-ӯ гуфт: Сӯи Сикандар хиром,
В-аз ин марзу[1] аз мо мабар ҳеҷ ном.

Ба жарфӣ нигаҳ кун чунон ҳам ки ҳаст,
Ба гуфтору дидору ҷои нишаст.

Зи рангу зи чеҳру зи болои ӯй,
Яке сурат оро саропои ӯй.

Нигоранда бишнид аз ӯ барнишаст,
Ба фармони меҳтар миёнро бубаст.

Ба Миср омад аз Андалус чун наванд,
Бари қайсар Искандари арҷманд.

Чи бар гоҳ дидаш чи бар пушти зин,
Биёвард қиртосу авранди[2] Чин.

Нигори Сикандар чунон ҳам ки буд,
Нигориду з-он[3] ҷой баргашт зуд.

Чу Қайдофа чеҳри[4] Сикандар бидид,
Ғамӣ[5] гашту бинҳуфту дам даркашид.

Чунин гуфт, к-ин мард гетӣ ба пой-
Бикӯбад ба разму ба покизарой.

Ҳар он кас, ки пеш ояд ӯро ба ҷанг,
Шавад дар ҷаҳон зиндагониш танг.

Сикандар зи Қайтун бипурсиду гуфт,
Ки Қайдофаро бар замин кист[6] ҷуфт?

---

[1] Л — Аз ин марз в-аз; [2] Л — дебои.
[3] Л — Нигорид в-аз. [4] И — руи. [5] И — Ғамин.
[6] ИЛ — нест.

Бад-ӯ гуфт Қайтун ки, эй шаҳриёр,
Чун ӯ нест андар ҷаҳон номдор.

Шумори сипоҳаш надонад касе,
Магар бод ҷӯяд зи дафтар басе.

Зи ганҷу бузургию шоистагӣ,
Зи оҳистагӣ ҳам зи боистагӣ.

Ба рою ба гуфтор некигумон[1]
Набинӣ[2] ҳамонанди ӯ дар замон.

Яке шорсон карда дорад зи санг,
Ки настонад онро зи чангаш паланг.

Замин чор фарсанг болои ӯй,
Бар ин ҳамнишон низ паҳнои ӯй,

Гар аз ганҷ пурсӣ, худ андоза нест,
Суханҳои ӯ дар ҷаҳон тоза нест.

## НОМАИ ИСКАНДАР НАЗДИ ҚАЙДОФА

Сикандар чу бишнид аз ин ёдгир,[3]
Бифармуд то пеши ӯ шуд дабир.

Набиштанд пас номае бар ҳарир,
Зи шоҳаншаҳ Искандари шаҳргир.[4]

Ба наздики Қайдофаи ҳушманд,
Шуда номи ӯ дар бузургӣ баланд.

Нахуст офарин бар худованди меҳр,
Фурӯзандаи моҳу гардонсипеҳр.

Худованди бахшандаи доду рост,
Фузояд касеро диҳад к-аш ҳавост.

---

[1] ШЛ — [illegible]. [2] Л — Набинад. [3] Л — доругир. [4] Л — шеравжаи Искандари шергир; Н — шергир.

Ба тундӣ начустем чанги[1] туро,
Гироянда гаштем санги[2] туро.

Чу ин нома оранд наздики ту,
Дурахшон шавад рои торики ту.

Фиристӣ ба наздики мо божу сов,
Бидонӣ, ки бо мо туро нест тов.

Хирадмандиву пешбинӣ бувад,
Тавониву покдинӣ бувад.[3]

В-агар ҳеч тоб андар орӣ ба кор,
Набинӣ ба чуз гардиши рӯзгор.

Чу андоза гирӣ зи Дорову Фур,
Худ омӯзгорат набояд[4] зи дур.

Чу аз бод унвони ӯ гашт хушк,
Ниҳоданд мӯҳре бар ӯ-бар зи мушк.

Биёмад ҳаюне таковар ба[5] роҳ,
Ба фармони[6] он номбардор шоҳ.

Чу Қайдофа он номаи ӯ бихонд,
Зи гуфтори ӯ дар шигифтӣ бимонд.

Ба посух нахуст офарин густарид,
Бад-он додгар, к-ӯ замин густарид.

Яке чархи гарданда бар пой кард,
Баду некро андар ӯ чой кард.

Туро кард фирӯз бар Фури Ҳинд,
Ба Дорову бар номдорони Синд.

---

[1] Л — начуем гохи. [2] Л — роҳи. [3] И — б. 728 нест.
[4] ИЛ — наёяд. [5] Л — хаюни таковар зи. [6] Л — наздикӣ.

Ба пирӯзӣ андар сарат гашт каш,[1]
Аз он номдорони шамшеркаш.

Маро бо чу[2] эшон баробар ниҳӣ,
Ба сар-бар зи пирӯзӣ[3] афсар ниҳӣ.

Маро з-он фузун аст фарру меҳӣ,[4]
[illegible] лашкару ганчи шоханшаҳӣ.

Ки ман қайсареро ба фармон шавам,
Битарсам[5] зи таҳдиду печон шавам.

Ҳазорон ҳазорам ба дар[6] лашкар аст,
Ки бар ҳар саде шаҳриёре[7] сар аст.

В-агар хонам аз ҳар сӯе зердаст,
Намемонад бар ин бум чон нишаст.

[illegible] дар пеши хар мехтаре,
Чу [illegible] аз ин[8] марзи ман лашкаре.

Ту [illegible] чӣ ронӣ сухан пургазоф,
Зи Доро шунидастӣ худованди лоф.

Бар он нома-бар мӯҳри заррин ниҳод,
Ҳайюзе барафканд бар сони бод.

### ГИРИФТОР ШУДАНИ ПИСАРИ ҚАЙДОФА БА ДАСТИ РУМИЕН

Чу Искандар он номаи ӯ[9] бихонд,
Бизад [illegible] лашкар биронд.

Ҳаме рафт як моҳ пӯён ба роҳ,
Чу омад сӯи[10] марзи ӯ бо сипоҳ.

---

1 [illegible] 2 Л — чун бар. 3 Л — фирӯза.
4 [illegible] 5 Н.Л — Бупечам. 6 Л — Ҳазорам ҳазорон фузун.
7 Л — [illegible] 8 Л — оранд зи. 9 Л — вай. 10 Л — бад-он.

Яке подшо буд Фарьён ба ном,
Або лашкару ганҷу густурда ком.

Яке шорсон дошт бо сози ҷанг,
Сари бораи у надидӣ куланг.

Биёвард лашкар гирифт он ҳисор,
Бар он бораи диж гузаштӣ савор.

Сикандар бифармуд то ҷосалиқ
Биёвард арродаву манҷаниқ.

Ба як ҳафта баста[1] ҳисори баланд,
Ба шаҳр андаромад сипоҳ арҷманд.

Сикандар чу омад ба шаҳр андарун,
Бифармуд то кас нарезанд хун.

Яке пури Қайдофа домод буд,
Бад-ин шаҳри Фарьён бад-ӯ шод буд.

Бад-ӯ дода буд духтари арҷманд,
Кулоҳаш ба Қайдофа гашта баланд.

Ки домодро ном буд Қайдрӯш,
Бад-ӯ дода Фарьён[2] дилу чашму гуш.[3]

Яке мард буд номи ӯ Шаҳргир,
Ба дасташ зану шӯй гашта асир.

Сикандар бидонист, к-он мард кист,
Ба сар шуд, ки дармони ин кор[4] чист.

Бифармуд то пеши ӯ шуд вазир,
Бад-ӯ дод фармону тоҷу сарир.

---

[1] ИЛ — бистуд. [2] Л — буд ӯ.
[3] ТПЗ — Ба ҷанг андарун кушта шуд шоҳи шаҳр,
Ки аз чархи гардон чунон ёфт баҳр.
[4] Л — Биҷуст он ки дармони ин дард.

Хирадмандро Битақун буд ном,
Яке ройзан марди густурдаком.

Бад-ӯ гуфт к-«оранд пешат арӯс,
Туро хонам[2] Искандари Файлақус.

Ту биншин ба оин ба тахти[3] каён,
Чу ман пешат оям камар бар миён,

Бифармой то гардани Қайдруш,
Бибуррад диҷогоҳи ҷангӣ зи душ.

Ман оям ба пешат ба хоҳишгарӣ,
Намоям фаровон туро кеҳтарӣ.

Нишастангаҳе соз бе анҷуман,
Чу хоҳиш физоям, бубахшаш ба ман.

[illegible] он марди дастур бо дард ҷуфт,
Набояст,[4] к-инро чӣ бошад нуҳуфт?

В-аз он пас бад-ӯ гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки ин роз[5] бояд, ки монад ниҳон.

Маро чун фиристодагон пеш хон,
Суханҳои Қайдофа чанде бирон.

Маро шод бифрист бо даҳ савор,
Ки раз, номаро[6] зуд посух биёр.[7]

Бад-ӯ Битақун гуфт, эдун кунам,
Ба фармон бар ин чора афзун кунам.

Ба шабгир чун шед ханҷар кашид,
Шаби тира аз бим шуд нопадид,

---

[1] Л — Бифармой, к-оям ба. [2] Л — хонд. [3] Л — ба оину расми.
[4] ИЛ — Бибоист. [5] И — кор. [6] Л — нома бар.
[7] ТПЗ — Ба ҳамроҳ кун мар маро Қайдруш,
Аз ӯ сарбасар ин суханҳо бипӯш.

Нишаст аз бари тахт-бар[1] Битақун,
Пур аз шарм рухсору дил пур зи[2] хун.[3]

Сикандар ба пеш андарун бо камар,
Кушода раҳи чораву баста дар.

Чу он пури Қайдофаро Шаҳргир
Биёвард гирьён гирифта[4] асир,

Занаш ҳамчунон низ бо бую ранг,
Гирифта ҷавон ҷанги уро ба чанг.

Сабук Битақун гуфт к-«ин мард кист,
Қ-аш аз дард чандин бибояд гирист»?

Чунин дод посух, ки «боз ор ҳуш,
Қи ман пури Қайдофаам Қайдруш,

Ҷуз ин духти Фарьён маро нест ҷуфт,
Қи дорад паси пардаи ман нуҳуфт.

Бирафтам, ки уро суи хони хеш
Барам, то бидорам-ш чун ҷони хеш.

Асирам кунун дар кафи Шаҳргир,
Равон хаста аз ахтару тан ба тир».

Чу бишнид аз у ин сухан Битақун,
Сараш гашт пурдарду дил пур зи хун.

Барошуфт аз он пас ба дижхим гуфт,
Қи «ин ҳар дуро[5] хок бояд нуҳуфт.

Чунин ҳам бубанд андарун бо занаш,
Ба шамшери ҳинди бизан гарданаш».

Сикандар биёмад замин буса дод,
Бад-у гуфт к-«эй шоҳи қайсарнажод,

---

[1] Л — тахти зар. [2] Л — рух дил пур аз оби. [3] И — б. 771, 772 нест. [4] И — гирьёну карда. [5] И — пур дар.

Чӣ бошад, гар ӯро бубахшӣ ба ман,
Сарафроз гардам бад-ин анҷуман?

Сари бегуноҳе чӣ буррӣ ба кин,
Ки напсандад аз мо ҷаҳонофарин».

Бад-ӯ гуфт бедордил Битақун,
Ки «озод кардӣ ду танро зи хун»,

Сабук Битақун гуфт бо Қайдруш,
Ки «бурдӣ[1] сари дурмонда зи душ.

Фиристам кунун бо ту ӯро ба ҳам,
Бихонад ба модар-т-бар бешу кам.

Агар сову божам фиристад накӯст,
Касеро надаррад бад-ин ҷанг пӯст.

Нагаҳ кун бар ин пок дастури ман,
Ки гӯяд бад-ӯ разм ё сури ман.

Ту он кун ба хубӣ, ки ӯ бо ту кард,
Ба номаш кушояд дили родмард.

Чу ин посухи нома ёбад зи шоҳ,
Ба хубӣ варо боз гардон зи[2] роҳ».

Чунин гуфт бо Битақун Қайдруш,
Ки «аз ӯ барнадорам дилу чашму гӯш.

Чӣ гӯям, ки ӯро бидорам чу ҷон,
К-аз ӯ ёфтам ҷуфту ҷону ҷаҳон.

### РАФТАНИ ИСКАНДАР БА РАСУЛӢ СӮИ ҚАЙДОФА

Ҷаҳонҷӯй даҳ номвар баргузид,
Зи мардони румӣ чунон чун сазид,

Ки бошанд ҳар даҳ ҳамовози ӯй,
Нигаҳ доштандӣ ба дил рози ӯй».

---

¹ Л — Бибурдӣ. ² Л — ба.

Чунин гуфт к-«акнун ба роҳ андарун
Махонед моро ба ҷуз Битақун.

Ҳаме рафт пеш андарун Қайдруш,
Сикандар супурда бад-ӯ чашму гӯш.[1]

Чу оташ ҳаме ронд меҳтар сутӯр,
Ба кӯҳе расиданд сангаш булӯр.

Бару бар зи ҳар гунае мевадор,
Фаровон гиё буд бар кӯҳсор.

Бирафтанд аз он кӯҳ пӯён ба роҳ,
Бар он буму бар, к-андар он буд шоҳ.

Чу Қайдофа огаҳ шуд аз Қайдруш,
Зи баҳри писар паҳн букшод гуш.

Пазира шудаш бо сипоҳи гарон,
Ҳама номдорону некахтарон.

Писар низ чун рӯи[2] модар бидид,
Пиёда шуду офарин густарид.

Бифармуд Қайдофа то барнишаст,
Ҳаме ронд дасташ гирифта ба даст.

Бад-ӯ Қайдруш он чи гуфту шунид,
Ҳаме гуфту ранги рухаш нопадид.

Ки бар шаҳри Фарьён чӣ омад зи ранҷ,
Намонд афсару тахту лашкар, на ганҷ.

Маро ин ки ояд ҳаме бо арӯс,
Раҳо кард аз Искандари Файлақус.

В-агарна бифармуд то гарданам
Зананду бисӯзанд б-оташ[3] танам.

---

[1] И — б. 797—799 нест. [2] И — руху рӯи. [3] И — ба оташ бисӯзад.

Кунун ҳар чи хоҳад, зи хубӣ бикун,
Бар ӯ ҳеҷ машкан ба посух сухун».

Чу бишнид Қайдофа ин аз писар,
Дилаш гашт аз он дард зеру забар.

Аз айвон фиристодаро пеш хонд,
Ба тахти гаронмоягон[1] барнишонд.

Фаровон бипурсиду бинвохташ,
Яке моявар ҷойгаҳ сохташ.

Фиристод ҳар гунае хӯрданӣ
Зи пӯшиданӣ, ҳам зи густурданӣ.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ
Ба пурсиш биёмад ба даргоҳи шоҳ.

Парастандагон парда бардоштанд,
Бар ӯ роҳаш зи даргоҳ бугзоштанд.

Чу Кайдофаро дид бар тахти оҷ,
Зи ёқути каруза бар сар-ш тоҷ,

Фаровон парастанда пешаш ба пой,
Зи зарбафт пӯшида маккиқабой.[2]

Зи бар пӯшиши ҷизъ баста ба зар,
Бар ӯ бофта чашмҳои гуҳар.

Руҳи шоҳ тобон ба кирдори ҳур,
Нишастангаҳашро сутунҳо булур.

Парастанда бо тавку бо гӯшвор,
Ба пой андарун кафши гавҳарнигор.

Сикандар бад-он дар шигифтӣ бимонд,
Фаровон ниҳон номи яздон бихонд.

---

[1] И — гаронмоягӣ. [2] Л — чиниқабой.

Нишастангахе дид қайсар, ки низ
Наёмад варо Руму[1] Эрон ба чиз.

Бари меҳтар омад, замин дод бӯс,
Чунон, чун бувад мардуми чоплус.

Варо дид Қайдофа бинвохташ,
Бипурсид бисьёру[2] биншохташ.

Чу хуршеди тобон зи гунбад бигашт,
Гаҳи бори бегона андар гузашт,

Бифармуд то хон биёростанд,
Навозандаву[3] руду май хостанд.

Ниҳоданд як хона хонҳои соҷ,
Ҳама кавкабаш зарру пайкар зи оҷ.

Хуришҳо беандоза оварда шуд,
Май овард, чун хӯрданӣ хӯрда шуд.

Табаққои заррину симин ниҳод,
Нахустин зи Қайдофа карданд ёд,

Ба май хӯрдан андар гаронмоя шоҳ
Фузун кард сӯи Сикандар нигоҳ.

Ба ганҷур гуфт он дурахшон ҳарир
Набишта бар ӯ сурати дилпазир.

Ба пеши ман овар чунин ҳам, ки ҳаст,
Ба тундӣ бар ӯ ҳеҷ мапсой даст.

Биёвард ганҷуру бинҳод пеш,
Чу дидаш, нигаҳ кард з-андоза беш.

Ба чеҳри Сикандар накӯ бингарид,
Аз он сурат ӯро ҷудоӣ надид.

---

[1] Л — буми. [2] Л — Фаровон бипурсиду. [3] Л — Парастандаву.
[4] И — б. — 829—832 нест.
* 1М — дар

Бидонист Қайдофа, к-ӯ қайсар аст,
Бад-он лашкари номвар меҳтар аст.

Фиристода кардаст аз хештан,
Далер омадаст ӯ бад-ин анҷуман.

Бад-ӯ гуфт к-«эй марди густурдаком,
Биё,[1] то чӣ додат Сикандар паём?»

Чунин дод посух, ки шоҳи ҷаҳон
Сухан гуфт бо ман миёни меҳон,

Ки Қайдофаи покдилро бигӯй,
Ки ҷуз ростӣ дар замона маҷӯй!

Нигар сар напечӣ зи фармони мо,
Нигаҳ дор бедор паймони мо.

В-агар ҳеч тоб андар орӣ ба дил,
Биёрам яке лашкари дилгусил.[2]

Нишони ҳунарҳои ту ёфтам,
Ба ҷанг омадан тез наштофтам.

Хирадмандиву шарм наздики туст,
Ҷаҳон эмин аз рои борики туст.

Кунун гар натобӣ сар аз божу сов,
Бидонӣ, ки бо мо надорӣ ту тов,

Набинӣ ҷуз аз хубиву ростӣ,
Чу печӣ сар аз каҷживу костӣ.

Барошуфт Қайдофа чун он шунид,
Ба ҷуз[3] хомӯшӣ ҳеҷ дармон надид.

---

[1] Л — Бигӯ.
[2] ТПЗ — Барорам димор аз ҳама лашкарат,
Ба оташ бисӯзам ҳама кишварат.
[3] Л — Ҷуз аз.

Бад-ӯ гуфт, к-«акнун раҳи хона гир,
Биёсой бо мардуми дилпазир.

Чу фардо биёӣ ту посух диҳем,
Ба баргаштанат рои фаррух ниҳем.

Сикандар биёмад сӯи хони хеш,
Ҳама шаб ҳаме сохт дармони хеш.

Чу сар зад бар[1] аз кӯҳ равшанчароғ,
Чу дебо фурӯзанда шуд дашту роғ,

Сикандар биёмад бад-он боргоҳ,
Ду лаб пур зи ханда, дил аз ғам сиёҳ.[2]

Фиристодаро дид солори бор,
Бипурсиду бурдаш бари[3] шаҳриёр.

Ҳама кохи ӯ пур зи бегона дид,[4]
Нишасташ булӯрин яке хона дид.[5]

Ақиқу забарҷад бар ӯ-бар нигор,
Миён андарун гавҳари шоҳвор,

Заминаш ҳама сандалу чӯби уд,
Зи ҷузъу зи фирӯза ӯро амуд.

Сикандар фурӯ монд аз он ҷойгоҳ,
Аз он фарру авранду он дастгоҳ.

Ҳаме гуфт, к-«инат сарои нишаст,
Набинад чунин ҷой яздонпараст».

Хиромон биёмад ба наздики шоҳ,
Ниҳоданд заррин яке пешгоҳ.[6]

---

1 ИЛ — Чу бар зад сар. 2 И — Равон пур зи ханда дил аз ғам табоҳ. 3 Л — суи. 4 Л — буд. 5 Л — буд. 6 ИЛ — зергоҳ.

Бад-ӯ гуфт Қайдофа, к-«эй Битақун,
Чаро хира гаштӣ ба кох[1] андарун,

Хамоно, ки чунин набошад ба Рум,
Ки осема гаштӣ бад-ин моя бум»?[2]

Сикандар бад-ӯ гуфт, к-«эй шаҳриёр,
Ту ин хонаро хормоя мадор.

Азэро зи[3] шоҳон сараш[4] бартар аст,
Ки дарьёи[5] ту маъдани гавҳар[6] аст,

Бихандид Қайдофа аз кори ӯй,
Дилаш гашт хуррам зи гуфтори[7] ӯй.

В-аз [illegible] пас гусӣ кард касҳои хеш,
[illegible] танг биншонд пеш.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй зодаи Файлакус,
[illegible] ҳам нӯъму бус».[8]

Сикандар зи гуфтори ӯ гашт зард,
[illegible] зи дарду рухон лоҷвард.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй мехтари пурхирад,
Ч[illegible] гуфтан аз ту на андархурад.

Сипосам зи яздони парвардигор,
Ки бо ман набуд мехтаре номдор,

[illegible] ҷаҳон огаҳӣ,
[illegible] зуд кардӣ тиҳӣ.

[illegible] Битакун кадхудои ҷаҳон,
[illegible] баччаи Файлакусам маҳон.

---

[illegible] ба чизъ: 2 Л — тозабум. 3 Л — Аз айвони.
[illegible] сарат. 5 Л — айвони. 6 И — Ба дарьёи
[illegible] 7 ИЛ — бозори.
8 [illegible] пеши ман божхоҳ
[illegible] кӣ бинмуд роҳ?

Бад-ӯ гуфт, Қайдофа к-«аз довари
Лабатро бипардоз, к-Искандарӣ.

Агар чеҳраи хеш бинӣ ба чашм,
Зи чора биёсою, манмой хашм».

Биёварду бинҳод пешаш ҳарир,
Набишта бар ӯ сурати дилпазир.

Ки гар ҳеҷ ҷунбиш будӣ дар нигор,
Набудӣ ҷуз Искандари шаҳриёр.

Ба дандон Сикандар бихоид лаб,
Бар ӯ тира шуд рӯз чун тирашаб.

Ҳаме гуфт, беханҷаре дар ниҳон,
Мабодо, ки бошад касе дар ҷаҳон.

Бад-ӯ гуфт Қайдофа гар ханҷарат.
Ҳамоил будӣ пеши ман дар барат,

На нерут будӣ, на шамшер тез,
На ҷои набарду на роҳи гурез.

Сикандар бар-ӯ гуфт: «ҳаргиз меҳон-
Ба мардӣ бувад хостори ҷаҳон.

Намояд, ки печад зи роҳи газанд,
Ки баддил ба гетӣ нагардад баланд.

Агар бо ман астӣ силеҳам[2] кунун,
Ҳама хона гаштӣ чу дарьёи хун.

Туро куштаме гар зи даргоҳи хеш,
Бидарридаме пеши бадхоҳи хеш».

## ПАНД ДОДАНИ ҚАЙДОФА ИСКАНДАРРО

Бихандид Қайдофа аз кори ӯй,
В-аз он мардиву тундгуфтори ӯй.

[1] Л — Бидид он. [2] Л — силоҳам

Бад-ӯ гуфт, к-«эй хусрави шерфаш,
Ба мардӣ магардон сари хеш каш.

На аз фарри ту кушта шуд Фури Ҳинд,
На Дорои Доробу гурдони Синд.

Ки баргашт рӯзи бузургони даҳр,
Зи ахтар туро бештар буд баҳр.

Ба мардӣ ту густох гаштӣ чунин,
Ки меҳтар шудӣ бар замону замин.

Ҳама некӯиҳо зи яздон шинос,
В-аз ӯ дор то зинда бошӣ сипос.

Ту гуфтӣ, ки дониш ба гетӣ марост,
Набинам ҳаме гуфтугӯи ту рост.

Куҷо оварад дониши ту баҳо,
Чу[1] ой чунин дар дами аждаҳо.

Бидӯзӣ ба рӯзи ҷавонӣ кафан,
Фиристодае созӣ аз хештан.

Маро нест онни хун рехтан,
На бар хира бо меҳтар овехтан.

Чу шоҳе ба коре тавоно бувад,
Бубахшояд аз дод, доно бувад.

Чунон дон, ки резандаи хуни шоҳ,
Ҷуз оташ набинад ба фарҷом гоҳ.

Ту эмин бибошу ба шодӣ бирав,
Чу рафтӣ яке кор барсоз нав.

Қ-аз ин пас наёӣ ба пайғамбарӣ,
Туро хок донад, ки Искандарӣ.

Надонам касеро зи гарданкашон,
Ки аз чеҳри ӯ ман надорам нишон.

---

[1] Л — Ки.

Нигорида ҳам з-ин нишон бар ҳарир,
Ниҳода ба наздикии ёдгир.

Бар ӯ рондам ҳукми ахтаршинос,
Қ-аз ӯ эминӣ бошадам ё ҳарос.

Чу бахшанда шуд хусрави ройзан,
Замона бигӯяд ба марду ба зан.

Ту то эдарӣ, Битақун хонамат,
Бар ин ҳамнишон дур биншонамат,

Бад-он то надонад касе рози ту,
Ҳамон нашнавад ному овози ту.

Фиристам-т бо некӯвӣ боз ҷой,
Ту бояд, ки бошӣ худованди рой.

Ба паймон, ки ҳаргиз ба фарзанди ман,
Ба шаҳри ману хешу пайванди ман,

Набошӣ бадандеш ё бадсигол,
Ба кишвар нахонӣ маро ҷуз ҳамол.

Сикандар шунид ин сухан, шод гашт,[1]
Зи тимору баргаштан[2] озод гашт.[3]

Ба додори доранда савганд х[в]ард,
Ба дини Масеҳу ба теғи набард,[4]

Ки то буму бор асту фарзанди ту,
Бузургон, ки бошанд пайванди ту,

Насозам ҷуз аз хубиву ростӣ,
Наяндешам аз каҷживу костӣ».

Чу савганд шуд хӯрда Қайдофа гуфт;
Ки «ин панд бар ту набояд нуҳуфт,

---

1 Л — шуд. 2 Л — Тимор в-аз куштман; И — тимори бадгаштан.
3 Л — шуд. 4 Л — Ба рӯзи сапеду шаби лоҷвард.

Чунон дон, ки Тайнуш фарзанди ман,
Қамандеша[1] аз донишу панди ман,

Яке бодсор асту домоди Фур,
Набояд, ки донад зи наздику дур,

Ки ту бо Сикандар зи ҳампӯстӣ,[2]
Вар эдун, ки бо ӯ ба дил дӯстӣ.

Ки ӯ аз паи Фур кин оварад,
Ба ҷанг осмон бар замин оварад.

Кунун шоду хуррам ба айвон хиром,
Зи тимори гетӣ мабар ҳеҷ ном.

ЧОРА НАМУДАНИ ИСКАНДАР БО ТАЙНУШ

Сикандар биёмад диле ҳамчу кӯҳ,
Ки андешад[3] аз марг донишпижуҳ.

Набудаш зи Қайдофа чин дар бурӯ,
Набардошт ҳаргиз дил аз орзӯ.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ
Зи айвон биёмад ба наздики шоҳ.

Сипаҳдор дар хон биёраста буд,
Ҳама гирд бар гирди ӯ даста буд.[5]

Сари хонаро пайкар аз ҷизъу зар,
Ба зар андарун чанд гуна гуҳар.

Ба пеш андарун дастаи мушкбӯй,
Ду фарзанди шоиста дар пеши ӯй.

Чу Тайнуши аспафкану Қайдруш,
Ниҳода ба гуфтори Қайдофа гуш.[6]

---

[1] ИЛ — Қам.андешад. [2] Л — як пусти. [3] Л — Раҳо гашта.
[4] И — бомдодон. [5] И — б. 921 нест. [6] И — б. 924 нест.

Ба модар чунин гуфт кеҳтар писар,
Ки-«эй шоҳи некахтари[1] додгар,

Чунон кун, ки аз пеши ту Битақун
Шавад шоду хушнуд бо раҳнамун.

Ба раҳ бар касе то наёзорадаш,
В-ар аз душманон низ нашморадаш.

Ки зиндакуни покҷони ман ӯст,
Бар онам, ки равшанҷаҳони ман ӯст».

Бад-ӯ гуфт модар, ки «эдун кунам,
Ки ӯро бузургӣ ба афзун кунам».

Ба Искандар он номвар шоҳ гуфт,
Ки пайдо кун акнун ниҳон аз нуҳуфт.

Чӣ хоҳиву рои Сикандар ба чист?
Чӣ донӣ ту аз шоҳу дастур чист?

Сикандар бад-ӯ гуфт к-«эй сарфароз,
Ба назди ту шуд будани ман дароз.

Маро гуфт, шав божи марзаш бихоҳ,
В-агар дер монӣ, биёрам сипоҳ.

Намонам бад-ӯ кишвару тоҷу тахт,
На рӯзу на шодӣ[2], на фарру на бахт.

## ОШУФТАНИ ТАЙНУШ ПИСАРИ ҚАЙДОФА БАР СИҚАНДАР ВА ЧОРА НАМУДАНИ СИҚАНДАР БО Ӯ

Чу Тайнуш гуфти Сикандар шунид,
Ба кирдори боди дамон бардамид.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй нокаси бехирад,
Туро мардум аз мардумон нашмард.

[1] И — некахтару. [2] Л — на зуру на шоҳӣ; И — на зуру на шодӣ.

Надонӣ, ки пеши кӣ дорӣ нишаст?
Бари шоҳ маншину манмой даст!

Сарат пур зи тезиву кундоварист,
Нагӯй маро худ, ки шоҳи ту кист?

Агар нестӣ фарри ин номдор,
Сарат кандаме чун турунҷе зи бор!

Ҳам имшаб саратро ман аз дарди Фур
Ба лашкар намоям зи тан карда дур».

Яке бонг барзад бад-ӯ модараш,
Ки осиматар гашт ҷангӣ сараш.

Ба тайнуш гуфт: «ин на гуфтори ӯст,
Бар он дар, ки ӯро фиристод пӯст».[1]

Бифармуд, к-ӯро ба берун кунед,[2]
Зи пеши нишастам ба ҳомун кунед.[3]

Чунин гуфт пас бо Сикандар ба роз,
Ки Тайнуши бедониши девсоз,

Набояд, ки андар ниҳон чорае,
Бисозад газандеву патьёрае.

Ту донишпижӯҳиву дорӣ хирад,
Нигаҳ кун бад-ин то чӣ андар х(в)арад,

Сикандар бад-ӯ гуфт, к-ин аст рост,
Ту Тайнушро боз хонӣ равост».

---

1 И — б-ӯст; Л — дуст. 2 Л — к-инро ба берун баранд. 3 Л — нишастан ба хомун баранд;
ТПЗ — Пас онгаҳ бад-ӯ гуфт к-«эй тундрӯй»,
Нашояд, ки бинмоӣ ин зиштхуӣ.
Бародартро Қайдаруш ӯ зи шоҳ
Раҳониду омад бад-ин боргоҳ.
Ту бо ӯ чунин бадзабонӣ кунӣ,
Чунин тундиву дилгаронӣ кунӣ,
Писар шуд ба берун пур аз дарду хашм,
Зи хуни ҷигар сурх карда ду чашм.

Ҷаҳондор фарзандро боз хонд,
Бад-он номвар боргоҳаш нишонд.

Сикандар бад-ӯ гуфт к-«эй номдор,
Агар коми дил хоҳӣ, ором дор.[1]

Ман аз ту бад-ин кин нагирам ҳаме,
Сухан ҳар чи гуӣ, пазирам ҳаме.

Маро ин нажандӣ зи Искандар аст,
Қуҷо шоҳи ботахту боафсар аст.

Бад-ин сон фиристодаам ман зи шоҳ,
Қи аз номвар меҳтаре бож хоҳ.

Бад-он то ҳар он бад, ки хоҳад расид,
Ба рӯи ман ояд зи душман падид.[2]

Варо ман бад-ин рӯз[3] посух диҳам,
Яке шоҳро рои фаррух ниҳам.

Агар дасти ӯ ман бигирам ба даст,
Ба назди ту орам зи ҷои нишаст.

Бад-он сон, ки бо вай набошад сипоҳ,
На шамшер бинӣ, на тахту кулоҳ.

Чӣ бахшӣ ту з-ин подшоҳӣ маро?
Чӣ бинмоӣ аз некхоҳӣ маро?

Чу бишнид Тайнуш гуфт, «ин сухан,
Шунидам набояд, ки гардад куҳан.

---

[1] И — б. 943—949 нест.
[2] ТПЗ — Ту, эй шоҳзода, шунав ин сухун,
Ба ман — бар дигар хашму тундӣ макун,
Қи ман худ аз ӯ сахт озурдаам.
Ба дил чораи куштанаш кардаам.
Ман ӯро ба дасти ту андар ниҳам,
Ҷаҳон з-ӯ раҳад, ман раванда раҳам.
Туро нест огоҳӣ аз рози ман,
В-аз андешаҳои накӯсози ман.

Гар инро, ки гуфтӣ ба ҷой оварӣ,
Бикӯшиву покиза рой оварӣ,

Ман аз ганҷу аз бадраву ҳар чи ҳаст,
Зи аспону мардони хусравпараст,

Туро бахшаму низ дорам сипос,
Ту бошӣ ҷаҳонгиру некишинос.

Яке некдастур бошӣ маро,
Бад-ин марз ганҷур бошӣ маро».

Сикандар баромад зи ҷои нишаст,
Бад-ин аҳд бигрифт дасташ ба даст.

Бипурсид Тайнуш к—«ин чун кунӣ,
Бад-ин ҷодуӣ-бар чӣ афсун кунӣ?»

Бад-ӯ гуфт: «чун боз гардам зи шоҳ,
Ту бояд, ки бо ман биёӣ ба роҳ.

Зи лашкар биёрӣ саворе ҳазор,
Ҳама номдор аз дари корзор.

Ба ҷое яке беша дидам ба роҳ,
Нишонам туро дар камин бо сипоҳ.[1]

Шавам ман зи пеши ту дар пеши ӯй,
Бубинам равони бадандеши ӯй.

Бигӯям, ки чандон фиристод чиз,
Қ-аз он пас наяндешӣ аз чиз низ.[2]

Фиристода гӯяд, ки ман назди шоҳ
Наёрам шудан дар миёни сипоҳ.[3]

---

1 Л — камингоҳи шоҳ;
2 ТПЗ — Ҳамон пури меҳтар, ки Тайнуш ном
Ба шоҳ оварида дуруду паём.
3 И — б. 968—970 нест.

Агар шоҳ бинад, ки бо мӯбадон,
Шавад пеши Тайнуш бо бихрадон,

Чу бинад-ш бипзирад он хоста,
Зи ҳар гунае ганҷ ороста.

Биёяд, чу бинад туро бесипоҳ,
В-агар боз гардад кушодаст роҳ.

Чу ӯ бишнавад чарбгуфтори ман,
Наяндешад аз банду бозори ман.

Биёяд бад-он соя зери дарахт,
Зи ганҷур май хоҳаду тоҷу тахт.

Ту ҷангисипаҳ гирди ӯ андар ор,
Баросой аз гардиши рӯзгор.

Мукофоти ман бошаду коми ту,
Наҷӯяд касе з-он пас ороми ту.

Чу ӯро гирифтӣ, ман они туам,
Чу фармоиям, посбони туам.

Раванда бад-он гаҳ бувад кори ман,
Барафрӯхта тез[1] бозори ман.

Ки орӣ ту эдар басе хоста,
Парастандаву аспи ороста».

Чу Тайнуш бишнид аз ӯ шод гашт,
Ба сони яке сарви озод гашт.

Чунин дод посух, ки «дорам умед,
Ки гардад бар ӯ тира рӯзи сапед.

Ба доми ман овезад ӯ ногаҳон,
Ба хунҳо, ки ӯ рехт андар ҷаҳон.

---

[1] Л — Низ.

Чу Дорои Доробу гурдони Синд,
Чу Фури далер он сарафрози Ҳинд,

Чу Қайдофа гуфти Сикандар шунид,
Ба чашми дилаш чораи ӯ бидид,

Бихандид аз он чора дар зери лаб,
Ду буссад ниҳон кард зери қасаб.

Сикандар биёмад зи наздики ӯй,[1]
Пурандеша буд рои борики ӯй.[2]

ПАЙМОНИ ИСКАНДАР БО ҚАЙДОФА
ВА БОЗГАШТАНИ Ӯ

Ҳаме чора ҷуст он шаби дербоз,
Чу хуршед бинмуд чинитароз.

Барафрохт аз кӯҳ*[1] заррин дурафш,
Нагунсор шуд парниёнӣ бунафш.

Сикандар биёмад ба наздики шоҳ,
Парастанда бархост аз боргоҳ.

Ба расме, ки будаш дуруд оварид,
Ҷаҳондор пеши сипаҳбад чамид.

Зи бегона хона бипардохтанд,
Фиристодаро пеши ӯ тохтанд.[3]

Чу Қайдофаро дид бар тахт гуфт,
Ки «бо рои ту муштарӣ бод ҷуфт.

Ба дини Масеҳову гуфтори[4] рост,
Ба донанда[5], к-ӯ бар забонам гувост,

Ба оину дини салиби бузург,
Ба ҷону сари шаҳриёри сутург.

---

[1] Л — ӯ. [2] Л — шуд ҷони торики ӯ. [3] И — пеш биншохтанд.
[4] Л — фармони. [5] Л — доранда.
* [1]М — хок

Ба зуннори шаммосу руҳ-ил-қудус,
Қ-аз ин пас маро хок дар Андалус

Набинад, на лашкар фиристам ба ҷанг,
Наёмезам аз ҳар даре низ ранг.

На бо пок фарзанди ту бад кунам,
На фармон диҳам, низ на х[в]ад кунам.

Ба ҷон боз бандам[1] вафои туро,
Наҷӯям ба чизе ҷафои туро,

Бародар бувад некхоҳат маро,
Ба ҷои салиб аст гоҳат маро».

Нигаҳ кард Қайдофа савганди ӯй,
Ягона дилу рост пайванди ӯй.

Ҳама кох курсии заррин ниҳод,
Ба пеш андар оройиши Чин ниҳод.

Бузургону некахтаронро бихонд,
Яко-як бад-он курсии зар нишонд.

В-аз он пас гиромӣ ду фарзандро
Биёварду хешону пайвандро.

Чунин гуфт, к-андар сарои сипанҷ,
Сазад гар набошем чандин ба ранҷ.

Набояд, к-аз ин гардиши рӯзгор,
Маро баҳра кин ояду корзор.

Сикандар нахоҳад шуд аз ҷанг сер
В-агар осмонро барорад ба зер.

---

[1] Л — ёр дорам.

Ҳаме ҷанги мо хоҳад аз баҳри ганҷ,
Ҳама ганҷи гетӣ наярзад ба ранҷ.

Бар онам, ки бо вай насозем ҷанг,
На бар подшоҳӣ кунам кор танг.

Яке посухи пандмандаш диҳем,
Сари ӯ фарозему[1] пандаш диҳем.

Агар ҷанг ҷӯяд пас аз панди ман,
Наяндешад аз банду[2] пайванди ман,

Бар он сон шавам пеши ӯ бо сипоҳ,
Ки бахшоиш орад бар ӯ чарху моҳ.

Аз ин озмоиш надорад зиён,
Бимонад магар дӯстӣ дар миён.

Чӣ гӯеду инро чӣ посух диҳед?
Моро андар ин рои фаррух ниҳед».

Ҳама меҳтарон сар барафрохтанд,
Ҳаме[3] посухи подшо сохтанд.

Бигуфтанд, к-«эй хусрави рою дод,[4]
Надорад касе чун ту меҳтар ба ёд.

Нагӯй магар он ки беҳтар бувад,
Хунук он киро[5] чун ту меҳтар бувад.

Агар дӯст гардад туро подшо,
Чӣ хоҳӣ ҷуз ин мардуми порсо!

На ӯ даст ёбад бад-ин[7] ганҷи ту,
Наарзад ҳама ганҷҳо ранҷи ту.[8]

---

[1] ИЛ — Сараш барфарозему. [2] Л — Набинад пас аз панд.
[3] ИЛ — ҳама. [4] Л — меҳтари дод, род. [5] Л — шаҳр к-аш.
[6] Л — хоҳад. [7] Л — Наосеб монад бар ин. [8] И — б. 1019 нест.

Чу Искандаре к-ӯ биёяд зи Рум,
Ба шамшер дарьё кунад рӯи бум,

Ҳаме аз дарат боз гардад ба чиз,
Ҳама чизи гетӣ наярзад пашиз.

Ҷуз аз оштӣ мо набинем рӯй,
На воло бувад мардуми ҷангҷӯй».

Чу бишнид гуфтори он бихрадон,
Писандидаву покдил мӯбадон,

Дари ганҷ букшоду тоҷи падар,
Биёвард бо ёраву тавқи зар.

Яке тоҷ буд, к-андар он шаҳру марз
Қасе гавҳарашро надонист арз.

Фиристодаро гуфт, к-ин бебаҳост,
Ҳар он кас, ки дорад ҷуз ӯ норавост.

Ба тоҷи меҳон чун сазо дидамаш[1]
Зи фарзанди пурмоя бугзидамаш.[2]

Яке тахт будаш ба ҳафтод лахт,
Бубастӣ[3] кушояндаи некбахт.

Ба тангӣ[4] як андар дигар бофта,
Ба чора сари шӯша бартофта.[5]

Сари пояҳо чун сари аждаҳо,
Надонист кас гавҳарашро баҳо.

Дар ӯ чорсад гавҳари шоҳвор,
Ҳамон сурхёкут, ҳам з-ин шумор.

Ду будӣ ба мисқол ҳар як ба санг,
Яке донаи нор будӣ ба ранг.

---

[1] ИЛ — дидамат. [2] ИЛ — бугзидамат. [3] Л — Ба пеши. [4] Л — Пайкар. [5] Л — шӯшаҳо тофта.

Зумурад бар ӯ чорсад пора буд,
Ба сабзӣ чу қавси кузаҳ нобисуд.

Кушода шутурвор бар вай чиҳил,
Зане буд чун мавҷи дарьё ба дил.

Дигар понсад пора дандони пил,
Чӣ дандон дарозиш чун мили мил.

Паланге, ки хонӣ ҳаме барбарӣ,
Аз ӯ чорсад пӯст буд бартарӣ.

Зи чарми гавазни муламмаъ ҳазор,
Ҳама ранг бар ранг буд пурнигор.

Дигар сад саги тези[1] нахчиргир,
Ки оҳу варо пеш дидӣ зи тир.

Биёвард аз он пас дусад говмеш,
Парастандаи ӯ ҳаме ронд пеш.

Зи дебову хаз чорсад тахт низ,
Ҳама тахтҳо карда аз чӯби шиз.

Дигар чор буд тахт[2] аз уди тар,
Ки меҳр андар ӯ гираду ранг зар.

Чу[3] аспи гаронмоя ороста,
Зи айвон[4] бибурданд бо хоста,

Ҳамон теғи ҳиндиву ханҷар ҳазор,
Бифармуд бо[5] ҷавшани корзор.

Ҳамон хӯду миғфар ҳазору дувист,
Ба ганҷур фармуд, к-акнун маист,

Ҳама пок бар Битакун баршумор,
Бигӯяш, ки шабгир барсоз кор.

---

1 Л — Сагу юзи; И — нек. 2 Л — тахта. 3 ИЛМ — сад. 4 ИЛ — майдон. 5 Л — то.

Сапеда чу барзад зи боло дирафш,
Чу кофур шуд рӯи чархи бунафш.

Замин тоза шуд, кӯҳ чун сандарӯс,
Зи даргоҳ бархост овози кӯс.

Сикандар ба асп андар овард пой,
Ба дастурии бозгаштан ба ҷой.

Чу Тайнуши ҷангӣ сипаҳ барнишонд,
Зи майдон[1] ба даргоҳи Қайдофа ронд.

Ба Қайдофа гуфт ӯ, ки «падруд бош!
Ба ҷон тораву чархро пуд бош».

Бар ин гуна манзил ба манзил ба роҳ
Ҳаме ронд то пеши ӯ размгоҳ.

Ки лашкаргаҳи номвар шоҳ буд,
Сикандар, ки бо бахт[2] ҳамроҳ буд.

Сикандар бад-он беша бинҳод рахт,
Ки оби равон буд чанде дарахт.

Ба Тайнуш гуфт: «эдар ором гир,
Чу осуда гардӣ, ба каф ҷом гир.

Шавам он чи гуфтам ба ҷой оварам,
Зи ҳар гуна покиза рой оварам».

Сикандар биёмад ба пардасарой,
Сипоҳаш бирафтанд яксар зи ҷой.

Ба шодӣ хурӯшидан оростанд,
Кулоҳи каёнӣ бипеoriginalстанд.

Ки навмед буд лашкар[3] аз номҷӯй,
Кӣ донист, к-аш боз бинанд рӯй.

---

[1] ИЛ — айвон. [2] ИЛ — тахт. [3] Л — лашкари.

Сипаҳ бо забонҳои боофарин,
Якояк ниҳоданд сар бар замин.

Зи лашкар гузин кард пас шаҳриёр,
Аз он номдорони румӣ ҳазор.

Зиреҳдор бо гурзаи говрӯй,
Бирафтанд гурдони пархошҷӯй.

Ҳама гирд бар гирди он беша мард,
Қашиданд саф бо силеҳи набард.

Сикандар хурӯшид, к-«эй марди тез,
Ҳаме ҷанг ройӣ оядат ё гурез?»

Биларзид Тайнуш бар ҷои хеш,
Пушаймон шуд аз донишу рои хеш.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй шоҳи бартарманиш,
Ситоиш гузинӣ, беҳ аз сарзаниш.

На ин буд паймон-т бо модарам,
Нагуфтӣ, ки аз ростӣ нагзарам?

Чунон ҳам, ки бо хеши ман Қайдрӯш,
Бузургӣ куну ростиро бикӯш».

Сикандар бад-ӯ гуфт, к-«Эй шаҳриёр,
Чаро суст гаштӣ бад-ин моя кор?

Зи ман эминӣ, тарс бар[1] дил мадор,
Наёзорад аз ман касе з-он табор,

Нагардам зи паймони[2] Қайдофа ман,
На некӯ бувад шоҳи паймоншикан».

Пиёда шуд аз асп[3] Тайнуш зуд,
Заминро бибӯсиду зорӣ намуд.

---

[1] ИЛ — дар. [2] Л — фармони. [3] Л — бора.

Ҷаҳондор бигрифт досташ[1] ба даст,
Бар он гуна к-ӯ гуфт, паймон бубаст.

Бад-ӯ гуфт, «мандешу ромиш гузин,
Ман аз ту надорам ба дил ҳеҷ кин.

Чу модар-т бар тахти заррин нишаст,
Ман андар ниҳодам ба дасти ту даст.

Бигуфтам, ки ман дасти шоҳи замин,
Ба дасти ту андар ниҳам ҳамчунин.

Ҳам ин рӯз паймони ман шуд тамом,
На хуб ояд аз шоҳ гуфтори хом.[2]

Сикандар манам в-он замон ман будам,
Ба хубӣ туро достонҳо задам.

Ҳамон рӯз Қайдофа огоҳ буд,
Ки андар кафат панҷаи шоҳ буд».

Парастандаро гуфт қайсар, ки тахт
Биёрой зери гулафшон дарахт.

Бифармуд то хон биёростанд,
Навозандаи руду май хостанд.[3]

Бифармуд пас хилъати[4] хусравӣ,
Зи румиву чиниву аз паҳлавӣ.

Бубахшид ёрон-шро симу зар,
Қиро дархур омад кулоҳу камар.

Ба Тайнуш фармуд, к-эдар маист,
Ки ин беша дур аст, ҷои[5] ту нест.

---

[1] Л — чангаш. [2] И — б. 1075, 1076 нест.
[3] ТПЗ — Бубинанд бо хубиву нозу ком,
Чу гаштанд шод аз маи лаълфом.
[4] ИЛ — хилъати. [5] Л — роҳи

Ба Қайдофа гӯй, эй ҳушивор зан,
Ҷаҳондору бинодилу ройзан,

Бидорам вафои ту то зиндаам,
Равонро ба меҳри ту огандаам.

## РАФТАНИ ИСКАНДАР БА ШАҲРИ БАРАҲМАНОН

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андар кашид,
Дамон то ба шаҳри Бараҳман расид.

Бад-он то зи кирдорҳои куҳун
Бипурсад зи парҳезгорон сухун.

Бараҳман чу огаҳ шуд аз кори шоҳ,
Ки овард аз он рӯй лашкар ба роҳ,

Парастанда мард андар омад зи кӯҳ,
Шуданд андар он огаҳӣ ҳамгурӯҳ.

Набиштанд пас нома он бихрадон,
Ба назди Сикандар шаҳи[1] мӯбадон.

Сари нома буд офарини меҳон,
Зи доранда бар шаҳриёри ҷаҳон.

Ки пирӯзгар бод ҳамвора шоҳ,
Ба афзоиши донишу дастгоҳ.

Дигар гуфт, к-«эй шаҳриёри сутург!
Туро дод яздон ҷаҳони бузург,

Чӣ дорӣ бад-ин марзи беарз рой,
Нишасти парастандагони худой?

Гар ин омадан аз паи хостаст,
Хирад бегумон назди ту костаст.

---

1 Л — сари

Бари мо шикебоиву дониш аст,
Зи дониш равонҳо пур аз ромиш аст.

Шикебой аз мо нашояд ситад,
На касро зи дониш расад низ бад.

Набинӣ ба ҷуз барҳана як рама,
Пароканда аз рӯзгори дама.

Агар будан эдар дароз оядат,
Ба тухми гиёҳон ниёз оядат.

Фиристода омад бари шаҳриёр,
Зи бехи гиё бар миёнаш эзор.

Сикандар фиристодаву нома дид,
Беозориву ростӣ баргузид.

Сипаҳро саросар ҳамон ҷо бимонд,[1]
Худу номдорони[2] румӣ биронд.

Парастанда огаҳ шуд аз кори шоҳ,
Пазира шудандаш якояк ба роҳ.

Бибурданд бемоя чизе, ки буд,
Ки на ганҷашон буд, на кишту duруд.

Якояк ҳаме хонданд офарин,
Бар он пурманиш подшоҳи замин.

Сикандар чу рӯи Бараҳман бидид,
В-аз он гуна овози[3] эшон шунид.

Давону бараҳна тану пову сар,
Танон бебару ҷон зи дониш ба бар.

Зи барги гиё пӯшиш, аз тухм х[в]ард,
Баросуда аз базму рӯзи набард.

---

[1] Л — хама барнишонд. [2] Л — файласуфони. [3] И — овон.

Хӯру хуфту ором дар[1] дашту кӯҳ,
Бараҳна ба ҳар ҷой гашта гурӯҳ.

Ҳама хӯрданишон бари мевадор,
Зи тухми гиё раста бар кӯҳсор.

Саросар ҳама дашт[2] нахчир буд,
Гиё хӯрдану пӯшиш ожир буд.

Сикандар бипурсид аз хобу х[в]ард,
Аз осоишу гарди рӯзи[3] набард.

Зи хушии гетӣ чӣ доред баҳр?
Зи гардун ҷудо[4] нест тарьёку заҳр.

Хирадманд гуфт, к-«эй ҷаҳонгир мард,
Қас аз мо нагӯяд зи[5] нангу набард.

Зи пӯшиданӣ, ё зи густурданӣ,
Ҳама бениёзему[6] аз хӯрданӣ.

Бараҳна чу зояд зи модар касе,
Набояд, ки нозад ба пӯшиш басе.

Аз эдар[7] бараҳна шавад боз хок,
Ҳама ҷои тарс асту тимору бок.

Замин бистару пӯшиш аз осмон,
Ба раҳ дидагон[8], то кай ояд замон.

Ҷаҳонҷӯй чандин бикӯшад ба чиз,
Ки он чизу кӯшиш наярзад пашиз.

Чу ӯ бугзарад з-ин сарои сипанҷ,
Аз ӯ бозмонад ҳамон[9] тоҷу ганҷ.

---

[1] Л — хобу ором бар. [2] Л — Аз инҳо яке тухм. [3] Л — рӯзи нангу.
[4] Л — ҷуз ин. [5] Л — ба. [6] ИЛ — бениёзем. [7] Л — Чу з-эдар.
[8] Л — дидабон. [9] Л — зару.

Чунон дон, ки некист ҳамроҳи ӯй,
Ба хок андарояд сару гоҳи ӯй».

Сикандар бипурсид, к-«андар ҷаҳон,
Фузун ошкоро бувад гар[1] ниҳон.

Ҳамон зинда беш аст, гар мурда низ,
К-аз он пас ниёзаш набошад ба чиз?»

Чунин дод посух, ки «эй шаҳриёр,
Ту гар мурдаро бишмарӣ сад ҳазор,

Аз он сад ҳазорон яке зинда нест
Хунук он ки дар дӯзах афканда нест.

Бибояд ҳамон зиндаро низ мурд,
Яке рафту навбат ба дигар супурд.

Бипурсид хушкӣ фузунтар, гар об,
Ки тобад бар ӯ-бар ҳаме офтоб?»

Бараҳман чунин дод посух ба шоҳ,
Ки «мар хокро об[2] дорад нигоҳ.

Бипурсид к-аз хоб бедор кист?
Ба рӯи замин-бар гунаҳгор кист?

Ки ҷунбанда бошанду чанде зиянд,
Надонанд, к-андар ҷаҳон бар чианд?»

Бараҳман чунин дод посух бад-ӯй,
Ки «эй покдил меҳтари розҷуй»,[3]

Гунаҳгортар чира[4] мардум бувад,
Ки аз кину озаш хирад гум бувад.

---

1 ИЛ — ё. 2 И — хам обро хок. 3 Л — ростгӯй;
ТПЗ — Чунон дон, ки бедор он кас бувад,
Ки аз гетиаш андаке бас бувад.
4 ИЛ — чиз.

Чу хоҳӣ, ки инро бидонӣ дуруст,
Тани хештанро нигаҳ кун дуруст.[1]

Ки рӯи замин сарбасар пеши туст,
Ту гӯӣ сипеҳри равон хеши туст.

Ҳаме рой дорӣ, ки афзун кунӣ,
Зи хоки сияҳ мағз берун кунӣ.

Равони туро дӯзах аст орзӯй,
Магар з-ин сухан боз гардӣ ба хӯй».

Дигар гуфт: «бар ҷони мо шоҳ кист?
Ба кажжӣ ба ҳар ҷой ҳамроҳ кист?»

Чунин дод посух, ки «оз аст шоҳ,
Сари мояи кину ҷони гуноҳ».

Бипурсид-«худ гавҳари оз чист?
Ки аз баҳри бешӣ бибояд гирист?»

Чунин дод посух, ки «озу ниёз,
Ду деванд патьёраи дерсоз.

Якеро зи каммӣ шуда хушк лаб,
Яке аз фузунист бехоб шаб.

Ҳамон ҳар дуро рӯзи бад бишкарад,
Хунук он ки ҷонаш пазирад хирад».[2]

Сикандар чу гуфтори эшон шунид,
Ба рухсора шуд чун гули шанбалид,

Ду рух зарду ду дида пуроб[3] кард,
Ҳамон чеҳри хандон пур аз тоб кард.

Бипурсид пас шоҳи фармонраво,
Ки ҳоҷат чӣ бошад шуморо ба мо?

---

1 ИЛМ — нахуст. 2 Л — хирад парварад.
3 Л — дида пур аз об.

Надорам дареғ аз шумо ганҷи хеш,
На ҳаргиз барандешам аз ранҷи хеш.

Яке гуфт, к-«эй шаҳриёри баланд,
Дари пириву марг бар мо бубанд».

Чунин дод посух бад-ӯ шаҳриёр,
Ки «бо марг хоҳиш наёяд ба кор.

Чӣ пархезӣ аз тезчанг аждаҳо,
Ки гар з-оҳанӣ, з-ӯ наёбӣ раҳо.

Ҷавоне, ки эдар бимонад дароз,
Ҳам аз рӯзи пирӣ наёбад ҷавоз».

Бараҳман бад-ӯ гуфт , к-«эй подшо,
Ҷаҳондору донову[2] фармонраво,

Чу донӣ, ки аз марг худ чора нест,
Зи пирӣ батар низ патьёра нест,

Ҷаҳонро ба кӯшиш чӣ ҷӯӣ ҳаме?
Гули заҳр хира чӣ бӯӣ[3] ҳаме?

Зи ту бозмонад ҳамин ранҷи ту,
Ба душман расад кӯшишу[4] ганҷи ту.

Зи баҳри касон ранҷ бар тан ниҳӣ,
Зи камдонишӣ бошаду аблаҳӣ!

Паём аст аз марг мӯи сафед,
Ба будан чӣ дорӣ ту чандин умед?»

Чунин гуфт, бедордил шаҳриёр,
Ки «гар банда аз бахшиши кирдгор.

Гузар ёфтӣ, ман гузаштам[5] ҳамон,
Ба тадбир бар гардиши осмон.

---

1 Л — Бигуфтанд. 2 Л — бинову. 3 Л — бибӯй.
4 Л — диҳӣ кӯшиши. 5 ИЛ — мегузаштӣ.

Ки фарзонаву марди пархошх[в]ар,
Зи бахшиш ба кӯшиш наёбад гузар.

Дигар ҳар кӣ дар ҷанги ман кушта шуд,
Гар аз ахтараш рӯз баргашта шуд,

Ба дарду ба хун рехтан шуд[1] сазо,
Ки бедодгар кас наёбад раҳо.

Бидиданд бодафраи[2] эзадӣ,
Чу гаштанд боз аз раҳи бихрадӣ.

Кас аз хости яздон карона наёфт,
Зи кори замона баҳона наёфт.

Басе чиз бахшид бар ҳар[3] касе,
Ба [illegible] эшон набуд ӯ басе.

[illegible] аз он [illegible]гах баргирифт,
[illegible] роҳи Ховар гирифт.

## [illegible] БА ДАРЬЕИ ХОВАР [illegible] ХАБАШ

Зи [illegible] Барахман ба ҷое расид,
[illegible] жарфдарьё бидид.

[illegible] занон мард пӯшида рӯй,
[illegible] бо ҷомаву рангу бӯй.

[illegible] тозиву на паҳлавӣ,[4]
[illegible] туркиву[5] на хусравӣ,[6]

Зи [illegible] будишон ҳама хӯрданӣ,
Зи [illegible]е набуд роҳи оварданӣ.

---

[1] [illegible] — буд. [2] И — Надиданд худ фарраи. [3] Л — бахшиду настуд. [4] Л — [illegible]. [5] И — чиниву румиву. [6] Л — туркиву чиниву [illegible].

Сикандар шигифт андар эшон бимонд,
Зи дарьё ҳаме номи[1] яздон бихонд.

Ҳамон гоҳ кӯҳе баромад зи об,
Тару тозаву[2] зард чун офтоб.

Сикандар яке тезкиштӣ биҷуст,
Ки онро ба дида бубинад дуруст.

Яке гуфт аз он файласуфони шоҳ,
Ки бар жарфдарьё туро нест роҳ.

Бимон, то бубинад мар онро касе,
Ки баҳра надорад зи дониш басе.

Зи румиву аз мардуми порсӣ,
Бад-он киштӣ андар нишастанд сӣ.

Яке зардмоҳӣ бад-он лахткӯҳ,
Ҳамон гаҳ чу танг андар омад гурӯҳ,

Фурӯ бурд киштӣ ҳам андар шитоб,
Ҳамон кӯҳ, шуд нопадид андар об.

Сипоҳу Сикандар бад-он[3] хира монд,
Ҳаме ҳар касе номи яздон бихонд.

Бад-ӯ гуфт румӣ, ки дониш беҳ аст,
Ки доно чунин бар меҳон-бар меҳ аст.

Агар шоҳ рафтиву киштӣ табоҳ,
Пур аз хун шудӣ ҷони чандин сипоҳ,

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андар кашид,
Яке обгири нав омад падид.

Ба гирд андараш най ба сони дарахт,
Ту гуфтӣ, ки чуби чинор аст сахт.

---

[1] Л — роҳи. [2] Л — Ба ду пора шуд.
[3] Л — Сипоҳи Сикандар бад-у.

Зи даҳ раш фузун буд паҳноп[1] ӯй,
Чиҳил раш бипаймуд болои[2] ӯй.

Ҳама хонаҳо карда аз чӯби най,
Заминаш ҳам аз най фурӯ бурда пай.

Нашоист буд дар наистон басе,
Зи шӯрӣ нахӯрд оби ӯ ҳар касе.

Чу бугзашт аз он об ҷое расид,
Чу омад яке жарфдарьё падид.

Ҷаҳон хуррамӯ об чун ангубин,
Ҳаме мушк бӯид хоки замин.

Бихӯрданду карданд оҳанги хоб,
Басе мори печон баромад зи об

В-аз он беша каждум чу оташ ба ранг,
Ҷаҳон шуд бар он хуфтагон[3] тору танг.

Ба ҳар гӯшае-бар фаровон бимурд,
Бузургони донову мардони гурд.

Фароз омад аз ҳар сӯе сад гуроз,
Чӯ алмос дандонҳои дароз.

Зи дасти дигар шери меҳтар зи гов,
Ки бо ҷанги эшон набуд тӯшу тов.

Сипоҳаш зи дарьё ба як сӯ шуданд.
Бад-он найситон оташ андар заданд.

Бикуштанд чандон аз эшон, ки роҳ
Ба якборагӣ танг шуд бар сипоҳ.

---

[1] Л — панчах фузун буд болои. [2] Л — паҳнои. [3] ИЛ — хастагон.

## РАСИДАНИ СИКАНДАР БА ЗАМИНИ ҲАБАШ ВА ҶАНГ КАРДАН ВА ФИРУЗӢ ЁФТАН

В-аз он ҷойгаҳ шоҳи хуршедфаш,
Биёмад дамон то замини[1] ҳабаш,

Зи мардум замин дид[2] чун парри зоғ
Сияҳ гаштаву чашмҳо чун чароғ.

Тановар яке лашкаре зӯрманд,
Бараҳнатану сифту[3] боло баланд.

Чу аз дур диданд гарди сипоҳ,
Хурӯше баромад ба абри сиёҳ.

Сипоҳ анҷуман шуд ҳазорон ҳазор,
В-аз он тира шуд дидаи шаҳриёр.

Ба сӯи Сикандар ниҳоданд рӯй,[4]
Бикуштанд бисьёр пархошҷӯй.[5]

Ба ҷои синон устухон доштанд,
Ҳаме бар тани мард бугзоштанд.

Ба лашкар бифармуд пас шаҳриёр,
Ки бардоштанд олати корзор.

Бараҳна ба ҷанг андар омад ҳабаш,
Ғамӣ гашт[6] аз он лашкари шерфаш.

Бикуштанд аз эшон фузун аз шумор,[7]
Бупечид дигар сар аз корзор.

Зи хунрехтан гашт рӯи замин
Саросар ба кирдори дарьёи Чин.

Чу аз хун дару дашт олуда гашт,
Зи кушта ба ҳар ҷой-бар тӯда гашт.

---

[1] Л — то ба шаҳри. [2] Л — буд чун. [3] ИЛ — Бараҳна, тану пӯст. [4] Л — сар. [5] Л — пархош х(в)ар. [6] Л — ҳамекушт. [7] И — Ҳар як ҳазорон ҳазор.

Бар он тӯда хошокҳо барзаданд,
Бифармуд то оташ андар заданд.

Чу шаб тира шуд, омад овози карг.
Сикандар бипӯшид хафтону тарг.[1]

Яке пешрав буд меҳтар зи пил,
Ба сар дар[2] сурун дошт ҳамранги нил.

В-аз он номдорон фаровон бикушт,
Басе ҳамла бурданду нанмуд пушт.

Бикуштанд фарҷоми кораш ба тир,
Яке оҳанин кӯҳ буд пилгир.

В-аз он ҷойгаҳ тез лашкар биронд,
Басе номи додори кайҳон бихонд.

## РАСИДАНИ СИКАНДАР БА ШАҲРИ НАРМПОЕН ВА КУШТАНИ АЖДАҲО

Чу наздикии нармпоён расид,
Нигаҳ карду мардум беандоза дид.

На аспу на ҷавшан, на теғу на гурз
Аз он ҳар ғаве чун яке сарви бурз.[3]

Чу раъди хурӯшон баромад ғирев,
Бараҳнасипоҳе ба кирдори дев.

Яке сангборон бикарданд сахт,
Чу боди хазон барҷаҳад[4] бар дарахт.

Ба тиру ба теғ андар омад сипоҳ,
Ту гуфтӣ, ки шуд рӯзи равшан сиёҳ.

---

1 ТПЗ — Фасила зи карг андаромад ба пеш,
Ба тан ҳар яке чун яке говмеш.

2 И — бар.

3 ТПЗ — Чу танг андар омад бад-эшон сипоҳ,
Ҷаҳон гашт бар нармпоён сиёҳ.
Ба сӯи Сикандар ниҳоданд рӯй,
Ба тан размсозу ба дил кинаҷӯй.

4 Л — к-ӯ занад.

Чу аз нармпоён фаровон намонд,
Сикандар биёсуду лашкар биронд.

Бишуд тозиён то ба шаҳре расид,
Ки онро миёну карона надид.[1]

Ба оин ҳама пеш боз омаданд.
Кушодадилу бениёз омаданд.

Бибурданд ҳар гуна густурданӣ,
Зи пӯшиданиҳову аз хӯрданӣ.

Сикандар бипурсиду бинвохтшон
Ба андоза-бар пойгаҳ сохтшон.[2]

Кашиданд бар дашт пардасарой,
Сипоҳаш биҷуст андар он дашт ҷой.[3]

Сар андар ситора яке кӯҳ дид,
Ки[4] гуфтӣ, ки гардун бихоҳад кашид.

Бар он кӯҳ мардум будӣ андаке,
Шаби тира з-эшон намондӣ яке.
Бипурсид аз эшон Сикандар, ки «роҳ
Кадом асту чун ронд бояд сипоҳ?»

---

1 И — б. 1219 нест. 2 И — б. 1222 нест;
ТПЗ — В-аз он пас бифармуд то кеҳтарон,
Ҳамон номдорону некахтарон,
Бад-он руи ҳомун фикananд наҳ,
Ба дебо шуд ороста регу шаҳ.
3 ТПЗ — Ба ромиш ниҳоданд як руи уй,
Ҳамон як савора, ҳамон номҷуй,
Чу бишмурд чанде бад-ин гуна шоҳ.
Гаҳе базму бода, гаҳ оромгоҳ.
Баросуд лашкар зи нангу набард,
Кашида зи гетӣ ҳамон гарму сард.
В-аз он пас ҳаме ҷуст бегоҳу гоҳ,
Яке рузи фаррух карона сипоҳ
Ҳаме ҷуст аз ҳар касе огаҳӣ,
Назад ҳеҷ кас рой бо фарраҳӣ.
4 Л — ту.

Ҳама яксара хонданд офарин,
Ки «эй номвар шаҳриёри замин,

Ба[1] рафтан бар ин кӯҳ будӣ гузар,
Агар баргузаштӣ бар ӯ роҳбар.

Яке аждаҳоест з-он сӯи кӯҳ,
Ки гург ояд аз ранҷи захмаш[2] сутӯҳ.

Наёрад бар ӯ баргузаштан сипоҳ,
Ҳаме дуди заҳраш барояд ба моҳ,

Ҳаме оташ афрӯзад аз коми ӯй,
Ду гесӯ бувад пилро доми ӯй.

Ҳама шаҳр бо ӯ надорем тов,
Хӯриш боядаш ҳар шабе панҷ гов.

Бихарրему[3] бар кӯҳи хоро барем,
Пурандешаву пурмадоро барем.

Бад-он то наёяд бад-ин рӯи кӯҳ,
Биранҷонад аз мо гурӯҳогурӯҳ.[4]

---

[1] Л — Чу [2] Л — мурғ ояд аз ранҷи заҳраш.
[3] ИЛ — Биҷуему
[4] ТПЗ — Чу он аждаҳоро хуриш буд гоҳ,
Зи мардони лашкар гузин кард шоҳ,
Бифармуд солори дайҳимҷуй,
Ки надҳанд он руз чизе бад-уй,
Чу гоҳи хӯриш даргузашт, аждаҳо
Биёмад чу оташ бад-он тундҷо.
Сикандар бифармуд то лашкараш,
Яке тирборон кунанд аз бараш.
Бизад як дам он аждаҳои палид.
Тане чанд аз онҳо ба дам даркашид,
Бифармуд Искандари Файлақус,
Табира ба захм овариданду кӯс.
Ҳамон** бекарон оташ афрӯхтанд,
Ба ҳар гушае оташе сухтанд.
Чу кӯҳ аз табира пуровоз гашт,
Битарсиду он ҷонвар бозгашт,
Чу хуршед барзад сар аз бурҷи гов,
Зи гулзор бархост бонги чаков.

* Л — ҳаме
** Л — ҷой манқал ҳамесухтанд

Дирам дод солори ҷангӣ зи ганҷ,
Биёвард бо хештан гов панҷ.

Бикушту ба саршон барохехт пӯст.
Бад-он ҷодувӣ дода дил марди дӯст.

Биёганд чармаш ба заҳру ба нафт,
Сӯи аждаҳо рӯй бинҳод тафт.[1]

Бифармуд то пӯст бардоштанд,
Ҳаме[2] даст бар даст[3] бугзоштанд.

Чу наздикии аждаҳо рафт шоҳ,
Ба сони яке абр дидаш сиёҳ.

Забонаш кабуду ду чашмаш чу хун,
Ҳаме оташ омад зи комаш бурун.

Чу гов аз сари кӯҳ биндохтанд,
Бад-он аждаҳо дил бипардохтанд.

Фурӯ бурд чун бод гов аждаҳо,
Чу омад зи ҷанги далерон раҳо.

Чу аз пӯсту аз гӯш[4] оганда шуд,
Бар андом заҳраш пароканда шуд.

Ҳама рӯдагониш сӯрох кард,
Ба мағзи сараш[5] роҳ густох кард.

Ҳаме зад сарашро бар он кӯҳсанг,
Чунин то баромад замоне диранг.

---

[1] И — б. 1237 нест;
ТПЗ — Ба дам пустхоро пур аз бод кард,
Зи додори некидиҳиш ёд кард.
[2] ИЛ — ҳама. [3] Л — дашт бар дашт. [4] ИЛ — пайвандаш.
[5] Л — мағз андараш.

Сипоҳаш[1] бар ӯ-бар буборид тир,
Ба пой омад он кӯҳи нахчиргир.

В-аз он ҷойгаҳ тез бардоштанд,
Тани аждаҳо хор бугзоштанд.

Биёвард лашкар ба кӯҳе дигар,
Қ-аз он хира шуд марди пархошх(в)ар.

Баландиш бино ҳаме дер дид,
Сари кӯҳ чун теғи шамшер дид.

Яке тахти заррин бар он теғи кӯҳ,
Аз анбӯҳ як сӯву дур аз гурӯҳ.

Яке пил мурда бар он тахти зар,
Ҳамоно, ки будаш пас аз марг фар.

Зи дебо кашида бар ӯ чодаре,
Зи хар гавҳаре бар сараш афсаре.

Ҳама гирд бар гирди ӯ симу зар,
Қасеро набудӣ бар ӯ-бар гузар.

Ҳар он кас, ки рафтӣ бар он кӯҳсор,
Қ-аз он мурда[2] чизе кунад хостор,

Бар он кӯҳ бебим ларзон шудӣ,
Бимурдиву бар ҷой печон[3] будӣ.[4] *[1]

Сикандар баромад бар он кӯҳсар,
Назора бар он мурда бо симу зар.

Яке бонг бишнид, к-«эй шаҳриёр,
Ба сар бурдӣ андар ҷаҳон рӯзгор,[5]

Басе тахти шоҳон бипардохтӣ,
Саратро ба гардун барафрохтӣ.

---

[1] ИЛ — сипоҳӣ. [2] Л — мард. [3] ИЛ — резон.
[4] И — б. 1255 нест. [5] И — Басе будӣ андар ҷаҳон ёдгор.
*[1] 1М — шудӣ

Басе душману дӯст кардӣ табоҳ,
Зи гетӣ кунун рафтан омад-ш[1][*1] гоҳ

Рухи шоҳ аз овоз шуд чун чароғ,
Аз он кӯҳ баргашт дил пур зи доғ.

ДИДАНИ СИКАНДАР ШИГИФТИҲО
БА ШАҲРИ ҲАРУМ

Ҳаме рафт бо номдорони Рум,
Бад-он шорсоне ки хонӣ Ҳарум,

Ки он шаҳр яксар занон доштанд,
Касе бар дари[2] шаҳр нагзоштанд.

Сӯи рост пистон чунон чун занон,
Чу рафтӣ давон нор бар парниён.

Сӯи чап ба кирдори ҷӯякдамард,
Ки ҷавшан бипӯшад ба[3] рӯзи набард.

Чу омад ба наздики шаҳри Ҳарум,
Сарафроз бо номдорони Рум,

Яке нома бинвишт бо расму[4] дод,
Чунон чун бувад марди фаррухнажод.

Ба унвон-бар аз шоҳи Эрону Рум,
Сӯи он ки доранд марзи Ҳарум.

Сари нома аз кирдгори сипеҳр,
К-аз ӯй аст бахшоишу доду меҳр.

Ҳар он кас, ки дорад равонаш хирад,
Ҷаҳонро[5] ба умре ҳаме[6] наспарад.

---

[1] ИЛ — боз гаштаст. [2] Л — Касеро дар он. [3] И — бипӯшанд.
[4] И — б-озарму. [5] И — ҷаҳоне. [6] Л — чунин.
[*] 1М — омад-т

Шунид он ки мо дар замин кардаем,
Сари меҳтарӣ бар куҷо бурдаем?

Қасе к-ӯ зи фармони мо сар битофт,
Ниҳонӣ[1] ба ҷуз хоки тира наёфт.

Нахоҳам, ки ҷое бувад дар ҷаҳон,
Ки дидори он бошад аз мо ниҳон.[2]

Гар оям маро бо шумо нест разм,
Ба дил оштӣ дораму рои базм.

Агар ҳеҷ доред донандае,
Хирадманду бедору хонандае,

Чу бархонад ин номаи пандманд,
Ҳар он кас, ки ҳаст аз шумо арҷманд,

Бубандед[3] пешомаданро миён,
Қ-аз ин[4] омадан кас наёбад[5] зиён.

Бифармуд то файласуфе зи Рум
Барад номаро сӯи шаҳри Ҳарум.[6]

Чу доно ба наздики эшон расид,
Ҳама шаҳр зан диду марде надид.

Хама лашкар аз шаҳр берун шуданд,
Ба дидори румӣ ба ҳомун шуданд.

Бар он номабар шуд силоҳ анҷуман,
Аз эшон ҳар он кас, ки шуд[7] ройзан.

---

[1] ИЛ — ниҳолӣ
[2] ТПЗ — Зи баҳри фузунӣ нагардам ҳаме
Ман аз баҳри дониш ба дардам ҳаме.
Зи бешӣ маро даст кутоҳ бод,
Равони маро дод ҳамроҳ бод.
[3] И — Бубанданд. [4] Л — Бад-ин. [5] Л — Надорад.
[6] ТПЗИЛ — Басе низ ширин суханҳо бигуфт,
Фиристода худ бо хирад буд ҷуфт.

[7] ИЛ — буд.

Чу он нома бархонд донои шаҳр,
Зи рои дили шоҳ бардошт баҳр.

Нишастанду посух набиштанд боз,
Ки доим бизӣ шоҳи гарданфароз.

Фиристодаро пеш биншонданд,
Якояк ҳама нома бархонданд.

Нахустин, ки гуфтӣ зи шоҳон сухан,
Зи пирӯзиву размҳои куҳан.

1285 Агар лашкар орӣ ба шаҳри Ҳарум,
Набинӣ зи наълу зи пай хоку бум.

Беандоза дар шаҳри мо барзан аст,
Ба ҳар барзане даҳ ҳазорон зан аст.

Ҳама шаб ба хафтони ҷанг андарем,
Зи шаҳри фузунӣ ба танг андарем.

Зи чандин якеро набудаст шӯй,
Ки дӯшизагонему пӯшидарӯй.

Зи ҳар сӯ, ки ой бад-ин буму бар,
Ба ҷуз жарфдарьё набинӣ гузар.

1290 Зи мо ҳар зане гар[1] гирояд ба шӯй,
Аз он пас кас ӯро набинем[2] рӯй.

Бибояд гузаштан ба дарьёи жарф,
Агар хуш бувад рӯз, агар боду барф,

Агар духтар ояд-ш чун кард шӯй,
Заносову ҷӯяндаи рангу бӯй,

Ҳамон хона ҷовид ҷои вай аст,
Баланд осмонаш ҳавои вай аст.

---

[1] Л — к-ӯ. [2] Л — набинанд.

В-агар мардфаш бошаду сарфароз,
Ба сӯи Ҳарумаш фиристанд[1] боз.

В-агар з-ӯ писар зояд он ҷо, ки ҳаст,
Бипояд, набошад бари мош даст.

Зи дӯшизагон ҳар шабе даҳ ҳазор
Нигаҳбон бувад бар лаби ҷӯйбор.[2]

Зи мо ҳар кӣ ӯ рӯзгори набард
Аз асп андар орад яке шермард.

Яке тоҷи заррин-ш бар сар ниҳем,
Ҳамон тахти ӯ бар ду пайкар ниҳем.

Ҳамоно зи мо зан бувад сӣ ҳазор,
Ки бо тоҷи зарранду бо гӯшвор.

Ки марде зи гарданкашон рӯзи ҷанг,
Зи[3] чанголи ӯ хок шуд бедиранг.

Ту марди бузургиву номе[4] баланд,
Дари ном бар хештан бармабанд.[5]

Ки гӯянд бо зан биёвехтӣ,
В-аз овехтан низ бугрехтӣ.

Яке нанг бошад туро з-ин сухан,
Ки то ҳаст гетӣ нагардад куҳан,

Чу хоҳӣ, ки бо номдорони Рум
Биёй, бигардӣ ба гирди Ҳарум,

Чу бо ростӣ бошиву мардумӣ,
Набинӣ ҷуз аз хубиву хуррамӣ.[6]

---

[1] И — фиристем. [2] И — б. 1295, 1296 нест. [3] Л — Ба. [4] ИЛ — номат.
[5] Л — дармабанд.
[6] ТПЗ — В-агар ҷуз бар ин бошӣ, эй шаҳриёр,
Бупечӣ зи мо дар сафи корзор.

Ба пеши ту орем чандон сипоҳ,
Ки тира шавад рӯи хуршеду моҳ.

Чу он посухи нома шуд[1] испарӣ,
Зане буд к-у шуд[2] ба пайғамбарӣ.

Або тоҷу бо ҷомаи шоҳвор,
Ҳаме рафт бо хубрӯ даҳ савор.

Чу омад хиромон ба наздики шоҳ,
Пазира фиристод чанде сипоҳ.

Зани номбардор нома бидод,
Паёми далерон ҳама кард ёд.

Сикандар чу он посухи нома дид,
Хирадманду бинодиле баргузид.

Бад-эшон паёме фиристоду гуфт,
Ки «бо мағзи мардум хирад бод ҷуфт!

Ба гирди ҷаҳон шаҳриёре намонд,
Ҳамон бар замин номдоре намонд,

Ки на сарбасар пеши ман кеҳтаранд,
Агарчи баланданду некахтаранд.

Маро гарди кофуру хоки сиёҳ,
Ҳамон асту ҳам базму ҳам размгоҳ.

На ман ҷангро омадам бо занон,
Ба пилону кӯсу табиразанон.

Сипоҳе бар ин сон, ки ҳомуну кӯҳ
Ҳаме гардад аз наъли аспон сутӯҳ.

Маро рой дидори шаҳри шумост,
Гироед[3] наздики ман ҳам, равост,

---

[1] ИЛ — гашт. [2] ИЛ — гӯё. [3] ИЛ — Гар оянд.

Чу дидор ёбам, биронам сипоҳ,
Набошам фаровон бад-ин ҷойгоҳ.

Бубинем то чист оину фар,
Савориву зебоиву пову пар.

Зи кору зи раҳтон бипурсам ниҳон,
Ки бемард зан чун бувад дар ҷаҳон?

Агар марг бошад фузунӣ зи кист?
Бубинам,[1] ки фарҷоми ин кор чист?»

Фиристода омад суханҳо бигуфт,
Ҳама роз берун кашид аз нуҳуфт.

Бузургон яке анҷуман сохтанд,
Зи гуфторҳо дил бипардохтанд,

Ки мо баргузинем зан ду ҳазор,
Сухангӯву донандаву ҳушьёр.

Або ҳар саде баста даҳ тоҷи зар,
Бад-ӯ-дар фишонда[2] фаровон гуҳар.

Чу гирд ояд ин тоҷ бошад дувист,
Ки ҳар як ҷуз андархӯри шоҳ нест.

Якояк бисанҷему созем тал,
Або гавҳарон ҳар яке се[3] ритал.

Чу донем, к-омад ба наздик шоҳ,
Якояк пазира шавемаш зи роҳ,

Ки омад ба наздики мо огаҳӣ,
Зи донoии шоҳу аз фарраҳӣ.

Фиристода баргашту посух бигуфт,
Суханҳо ҳама бо хирад буд ҷуфт.

---

1 Л — Набинам. 2 Л — дар нишонда; И — бар нишонда. 3 Л — сӣ; И — гавҳари ҳар яке як.

Сипаҳбад зи манзил сипаҳ баргирифт,
Зи кори занон монда андар шигифт.

Ду манзил биёмад, яке бод хост,
В-аз ӯ барф бо кӯҳсар гашт[1] рост.

Табаҳ шуд басе мардуми пойкор,
Зи сармову барф андар он рӯзгор.

Бад-он сахтсармо ду манзил бирафт,
Чу омад ба наздикии шаҳр тафт,

Баромад яке дуду абри сиёҳ,
Бар оташ ҳаме рафт гуфтӣ сипоҳ.

Зираҳ китфи озодагонро бисӯхт,
Зи наъли саворон[2] замин барфурӯхт.

Бар ин ҳамнишон то ба шаҳре расид,
Ки мардум ба сони шаби тира дид.

Фурӯ ҳишта лафчу баровarда кафч,
Ба кирдори қиру шаба кафчу лафч.

Ҳама дидаҳошон ба кирдори хун,
Ҳаме аз даҳон омад оташ бурун.

Басе пил бурданд пешаш ба роҳ,
Ҳамон зиштчеҳра ҷаҳоне[3] сипоҳ.

Бигуфтанд, к-ин барфу боди дамон,
Зи мо буд, к-омад шуморо зиён.

Ки ҳаргиз бад-ин роҳ нагзашт кас,
Турову сипоҳи ту дидему бас».[4]

---

[1] Л — барфҳо гашт бо кух; И —— кӯҳҳо гашт.
[2] ИЛ — сутурон. [3] Л — ҳадьяи мардумон ба.
[4] ТПЗЛ — Бибуд андар он шаҳр як моҳ шоҳ,
Чу осуда гаштанд шоҳу сипоҳ.

В-аз он чо биёмад дамону данон,
Дилороста сӯи шаҳри занон.

Зи дарьё гузар кард зан ду[1] ҳазор,
Ҳама пок бо афсару гӯшвор.

Яке беша буд пур зи обу дарахт,
Ҳама чои равшандилу некбахт.

Хӯриш гирд карданд бар марғзор,
Зи густурданиҳо ба рангу нигор.

Чу омад Сикандар ба шаҳри Ҳарум,
Занон пеш рафтанд аз обод бум.

Бибурданд бас тоҷҳо пеши ӯй,
Ҳамон ҷомаву гавҳару рангу бӯй.

Сикандар бипазруфту бинвохтшон,
Бад-он хуррамӣ ҷойгаҳ сохтшон.

Чу шаб рӯз гашт андар омад ба шаҳр,
Ба дидор бардошт з-он шаҳр баҳр.

Қаму беши эшон ҳама боз ҷуст,
Ҳаме буд то розҳо шуд дуруст.

ЛАШКАР БА МАҒРИБ РОНДАНИ ИСКАНДАР

Бипурсид ҳар чизу дарьё бидид,
В-аз он рӯй лашкар ба Мағриб кашид.

Яке шорсон пешаш омад бузург,
Бад-ӯ андарун мардумони сутург.

Ҳама мӯй сурху ҳама рӯй зард,
Ҳама дархури ҷангу[2] рӯзи набард.

[1] И — дах. [2] И — ҷанг.

Ба фармон ба пеши Сикандар шуданд[1]
Чу девонагон даст бар сар заданд.

Сикандар бипурсид аз он саркашон,
Ки «эдар кӣ дод аз шигифтӣ нишон?»

Чунин гуфт бо ӯ яке марди пир,
Ки «эй шоҳи некахтари шаҳргир,

Яке обгир аст з-он рӯи шаҳр,
Қ-аз он об касро надидем баҳр.

Ки[2] хуршеди тобон бад[3]-он ҷо кашид,
Бад-он жарфдарьё бувад нопадид.

Паси чашма-дар тира гардад ҷаҳон,
Шавад ошкорои гетӣ ниҳон.

В-аз он ҷои торик чандон сухун
Шунидам,[4] ки ҳаргиз наёяд ба бун.

Хирадьёфта марди яздонпараст,
Бад-ӯ дар яке чашма гӯяд, ки ҳаст,

Кушода сухан марди бо рою ком,
Ҳаме Оби Ҳайвон-ш хонад[5] ба ном».

Чунин гуфт равшандили пурхирад,
Ки «ҳарк[6]-оби ҳайвон хӯрад, кай мурад?

Зи фирдавс бардорад он чашма роҳ,
Бишӯӣ бар ӯ тан, бирезад гуноҳ».

Сикандар бад-ӯ гуфт: «торик ҷой,
Бад-ӯ андарун чун равад чорпой?»

---

[1] Л — Ду таҳ гаштаву санг бар сар шуданд. [2] И — Чу. [3] Л — чу.
[4] ИЛ — шунидем. [5] Л — хонанд; И — ҳайвон бихонад. [6] Л — ки ӯ.

Чунин посух овард яздонпараст,
Қ-«аз он роҳ бар курра бояд нишаст».

Ба чӯпон бифармуд, к-аспи яла,
Саросар ба лашкаргаҳ орад[1] гала.

Гузин кард аз ӯ борагӣ даҳ ҳазор,
Ҳама чор сол аз дари корзор.

ЧУСТАНИ ИСҚАНДАР ОБИ ҲАЙВОН

В-аз он ҷойгаҳ шод[2] лашкар биронд,
Бузургони бедордилро бихонд.

Ҳаме рафт то сӯи шаҳре расид,
Ки онро миёну карона надид.

Ҳама ҳар чи бояд бад-ӯ дар фароx,
Пур аз боғу майдону айвону кох.

Фуруд омаду бомдоди пагоҳ
Ба наздики он чашма шуд бесипоҳ.

Ҳаме буд то гашт хуршед зард,
Фурӯ шуд бад-он чашмаи ложвард.

Зи яздони пок он шигифтӣ бидид,
Ки рахшанда гашт аз ҷаҳон нопадид.

Биёмад ба лашкаргаҳи хеш боз,
Диле[3] пур зи андешаҳои дароз.

Шаби тира кард аз ҷаҳондор ёд,
Пас андеша бар об дигар[4] ниҳод.

Ки деҳқон варо ном Ҳайвон ниҳод,
Чу аз бахшиши эзадӣ[5] кард ёд.

[1] Л — овар. [2] Л — шох. [3] И — Дилаш.
[4] ИЛ — оби ҳайвон. [5] ИЛ — паҳлавон.

Шикебо зи лашкар ҳар он кас, ки дид,
Нахуст аз миёни сипаҳ баргузид.

Чиҳилрӯза афзун хӯриш баргирифт,
Биёмад дамон то чӣ бинад шигифт.

Сипаҳро бар он шорсон ҷой кард,
Яке пешрав ҷусту бар пой кард.

Варо андар ин Хизр буд ройзан,
Сари номдорони он анҷуман.

Сикандар биёмад ба фармони ӯй,
Дилу ҷон супурда ба паймони ӯй.

Бад-ӯ гуфт, к-«эй марди бедордил,
Яке тез гардон[1] бад-ин кор дил.

Агар оби ҳайвон ба чанг оварем,
Басе бар парастиш диранг оварем.

Намирад касе к-ӯ равон парварад,
Ба яздон паноҳад зи роҳи хирад.

Ду мӯҳраст бо ман, ки чун офтоб
Битобад шаби тира чун бинад об.

Яке з-он ту баргиру дар пеш бош,
Нигаҳбони ҷону тани хеш бош.

Дигар мӯҳра бошад маро шамъи роҳ,
Ба торикӣ андар шавам бо сипоҳ.

Бубинем то кирдгори ҷаҳон,
Бар ин ошкоро чӣ дорад ниҳон?

Туӣ пешрав к-ӯ[2] паноҳи ман аст,[3]
Намояндаи обу роҳи ман аст».[4]

---

[1] И — тира магардон. [2] Л — гар. [3] Л — ӯст. [4] Л — ӯст.

Чу лашкар сӯи оби ҳайвон гузашт,
Хурӯш омад, «оллоҳу акбар» зи дашт.

Чу аз манзили Хизр бардоштӣ,
Хурӯшҳо зи[1] ҳаргуна бугзоштӣ.

Ҳаме рафт з-ин сон ду рӯзу ду шаб,
Қасеро ба хӯрдан начунбид лаб.

Се дигар ба торикӣ андар ду роҳ
Падид омаду гум шуд аз Хизр шоҳ

Паямбар[2] сӯи Оби Ҳайвон кашид,
Сари зиндагонӣ ба кайвон кашид.

Бад-он оби равшан тану сар бишуст,
Нигаҳдор чуз пок яздон начуст.

Бихӯрду биёсуду баргашт зуд,
Ситоиш ҳаме б-офарин барфузуд.

ГУФТУГӮИ ИСКАНДАР БО МУРҒОН

Сикандар сӯи рӯшноӣ расид,
Яке баршуда кӯҳи рахшанда дид.

Зада бар сари кӯҳи хоро[3] амуд,
Сараш то ба абр андар аз[4] чӯби уд.

Бар он ҳар амуде куноми бузург,
Нишаста бар ӯ сабзмурғе сутург.

Ба овози румӣ сухан ронданд,[5]
Ҷаҳондори пирӯзро хонданд.[6]

[1] И — хуришҳои. [2] Л — Биёмад. [3] И — кӯҳ чор аз. [4] И — андарон.
[5] Л — рондӣ. [6] Л — хондӣ.

Чу овоз бишнид, қайсар бирафт,
Ба наздики мурғон хиромид тафт.

Бад-ӯ гуфт мурғ: «эй[1] дилорой, ранҷ
Чӣ ҷуӣ ҳаме з-ин сарои сипанҷ?

Ки гар сар барорӣ ба чархи баланд,
Ҳамон[2] бозгардӣ ту з-ӯ[3] мустаманд.

Кунун к-омадӣ, ҳеҷ дидӣ зане,
В-агар карда аз хишти заррин буне?»[4]

Чунин дод посух, к-«аз ин харду ҳаст,
Заневу бар ингуна ҷои нишаст».

Чу бишнид посух фурӯтар нишаст,
Бад-ӯ хира шуд марди яздонпараст,

Бипурсид, к-«андар ҷаҳон бонги рӯд,
Шунидиву овози масту суруд?»

Чунин дод посух ки «ҳар к-ӯ зи даҳр
Зи шодӣ ҳаме барнагиранд баҳр,

Варо шод мардум нахонад касе,[5]
В-агар диллу ҷон барфишонад басе.[6]

Ба хок омад аз баршуда чӯби уд,
Тиҳӣ монд з-он мурғи мушкин[7] амуд».

Дигар гуфт: «доноиву ростӣ,
Фузун аст, агар каммиву[8] костӣ?»

Чунин дод посух, ки «донишпижӯҳ
Ҳаме сар барафрозад аз ҳар гурӯҳ.

---

1 И — мурғи. 2 И — ҳаме. 3 ИЛ — аз ӯ.
4 Л — дигар карда аз хишти пухта буне. 5 Л — Ҳаме. 6 Л — ҷону дил барфишонад, ҳаме. 7 Л — аз он мурғи мискин. 8 ИЛ — кажживу.

Ба сӯи амуд омад аз тирахок,
Ба минқор чанголҳо карда[1] пок.

Зи қайсар бипурсид, к-«эзадпараст,
Ба шаҳри ту бар кӯҳ дорад нишаст?»

Бад-ӯ гуфт:[2] «чун мард шуд покрой,
Наёбад парастанда ҷуз[3] кӯҳ ҷой.

Аз он ҷӯб пӯянда шуд бар куном,
Ҷаҳонҷӯву равшандилу шодком.

Ба чангал ҳаме кард минқор тез,
Чу эмин шуд аз бахшиши растахез.

Ба қайсар бифармуд то бе гурӯҳ,
Пиёда шавад бар сари теғи кӯҳ.

Бубинад, ки то бар сари кӯҳ чист
К-аз ӯ шодмонро бибояд гирист.

### ДИДАНИ ИСКАНДАР ИСРОФИЛРО

Сикандар чу бишнид, шуд сӯи кӯҳ,
Ба дидор бар[4] теғ шуд бе гурӯҳ.

Сирофилро дид суре ба даст,
Барафрохта сар зи ҷои нишаст.

Пур аз бод лаб, дидагон пур зи нам,
Ки фармон кай ояд зи яздон, ки дам.

Чу бар кӯҳ рӯи Сикандар бидид,
Чу раъди хурӯшон фиғон баркашид.

Ки эй бандаи оз! Чандин макӯш,
Ки рӯзе ба гӯш оядат як хурӯш,

---

[1] Л — кард. [2] Л — Бигуфто. [3] Л — набошад парастанда чун. [4] И — Ба дидори он.

Ки чандин маранҷ аз чунин тоҷу ганҷ,[1]
Ба рафтан биёрою мафзой ранҷ».[2]

Чунин дод посух бад-ӯ шаҳриёр,
Ки «баҳри ман ин омадат рӯзгор,

Ки ҷуз ҷунбишу гардиш андар ҷаҳон,
Набинам ҳаме ошкору ниҳон.

Аз он кӯҳ бо нола омад фуруд,
Ҳаме дод некидиҳишро дуруд.

Бад-он роҳи торик бинҳод руй,
Ба пеш андарун мардуми роҳҷуй.

Чу омад ба торикӣ андар сипоҳ,
Хурӯше баромад зи кӯҳи сиёҳ.

Ки «ҳар кас, ки бардорад аз пой[3] санг,
Пушаймон шавад з-он, ки дорад ба чанг.

В-агар барнадорад пушаймон шавад,
Ба ҳар дарди дил сӯи дармон[4] шавад.

Сипаҳ сӯи овоз бинҳод гӯш,
Пурандеша шуд ҳар касе з-он хурӯш,

Ки бардорад он санг гар[5] бугзарад,
Басе[6] ранҷи ноомада бишмарад».

Яке гуфт, к-«ин ранҷ ҳаст аз гуноҳ,
Пушаймонӣ аз санг бурдан зи[7] роҳ».

Дигар гуфт «сахтӣ[8] бибояд кашид,
Магар дарду ранҷаш набояд[9] чашид».

---

1 Л — Ту чандин маранҷ аз паи тоҷу тахт.
И — аз паи тоҷу тахт. 2 ИЛ — барбанд рахт. 3 Л — кӯҳ 4 И — Зи ҳар ду ба дил сӯи осмон. 5 Л — Қ-ӯ. 6 ИЛ — Паи. 7 Л — ба. 8 ИЛ — лахте. 9 И — бибояд.

Яке бурд аз он сангу дигар набурд,
Се дигар кас аз коҳилӣ бурд[1] хурд.

Чу аз оби ҳайвон ба ҳомун шуданд,
Зи торикии роҳ берун шуданд,

Бичустанд ҳар кас бад-он ростӣ,
Падидор шуд кажживу костӣ.

Қанори яке пур зи ёқут буд,
Якеро пур аз гавҳари нобисуд.

Пушаймон шуд он кас, ки кам дошт уй,[2]
Забарҷад чунон[3] хор бугзошт ӯй.[4]

Пушаймонтар он кас, ки худ барнадошт,
Аз он гавҳари пурбаҳо сар бигошт.[5]

Ду ҳафта бар он ҷойгаҳ-бар бимонд,
Чу осудатар гашт, лашкар биронд.

### БАСТАНИ ИСКАНДАР САДДИ ЯЪҶУҶ ВА МАЪҶУҶРО

Суи Бохтар шуд чу Ховар бидид,
Зи гетӣ ҳама роҳи рафтан гузид.

Ба раҳ-бар яке шорсон дид пок,
Ки нагзашт, гуфтӣ бад-ӯ боду хок.

Чу овози кус омад аз пушти пил,
Пазира шудандаш бузургон ду мил.

Ҷаҳонҷӯй чун дид, бинвохтшон,
Ба хуршед гардан барафрохтшон.

---

[1] Л — яке дигар аз коҳилӣ дошт. [2] И — ӯ. [3] Л — чаро. [4] И — ӯ.
[5] И — б. 1445 нест.

Бипурсид к-эдар чй бошад шигифт?
Қ-аз он бартар андоза натвон гирифт».

Забон баркушоданд бар шаҳриёр,
Ба нолидан аз гардиши рӯзгор,

Ки «моро яке кор пеш аст сахт,
Бигӯем бо шоҳи пирӯзбахт.

Аз ин кӯҳи сар то ба абр андарун,
Дили мо пур аз дарду ранҷ асту хун.

1455 Зи Яъҷуҷу Маъҷуҷ хастадилем,
Чунон шуд, ки дилҳо зи тан бугсилем.

Чу оянд баҳре сӯи шаҳри мо,
Ғаму ранҷ бошад ҳама баҳри мо.[1]

Ҳама рӯйҳошон чу рӯи[2] ҳаюн,
Забонҳо сиёҳ, дидаҳо ҳамчу[3] хун.

Сияҳ рӯю дандонҳо чун гуроз,
Ки ёрад шудан назди эшон фароз?

Ҳама тан пур аз мӯи ҳамранги[4] нил,
Бару синаву гӯшҳошон чу пил.

1460 Бихуспанд[5] як гӯш бистар кунанд,
Дигар бар тани хеш чодар кунанд.

Зи ҳар модае бачча зояд[6] ҳазор,
Қаму беши эшон ки донад шумор?

Ба гирд омадан чун сутурон шаванд,
Так оранд, бар сони гурон шаванд.

---

[1] Л — пас аз б. 1456 ин б. омада:
Фузун асташон қомат аз як бадаст,
Аз озорашон зиндагонӣ бад аст.

[2] Л — ба сони. [3] Л — дидаҳошон чу. [4] И — мую мӯе чу; Л — мую муяш чу. [5] Л — Бихуспанду. [6] И — модаре бачча ояд. [7] Л — надорад.

Баҳорон к-аз абр андар ояд хурӯш,
Ҳамон сабздарьё барояд[1] ба ҷӯш.

Чу таннин аз он мавҷ бардорад абр,
Ҳаво бархурӯшад[2] ба сони ҳизабр.

Фуруд афканад абр таннин ба кӯҳ,
Биёянд аз эшон гуруҳогуруҳ.

Хурӯшон бувад сол то солашон,
Ки оганда гардад бару ёлашон.

Гиёшон бувад з-он сипас хӯрданӣ,
Бипуянд ҳар су ба оварданӣ.

Чу сармо бувад, сахт лоғар шаванд,
Ба овоз бар сони кафтар шаванд.

Баҳорон зи таннин[3] ба кирдори гург,
Биғурранд[4] б-овозҳои бузург.

Агар подшо чорае созадӣ,
Қ-аз ин ғам дили мо бипардозадӣ,

Басе офарин ёбад аз ҳар касе,
В-аз он пас ба гетӣ бимонад басе.

Бузургӣ куну чораи мо[5] бисоз,
Ҳам[6] аз покяздон наӣ бениёз».

Сикандар бимонд андар эшон шигифт,
Ғамӣ гашту андеша андар гирифт.

Чунин дод посух, ки «аз мост ганҷ,
Зи шаҳри шумо ёрмандиву ранҷ.

---

[1] Л — дарояд. [2] Л — пурхурӯшон. [3] И — чу ояд. [4] И — бар сони гурги сутург; Л — бар сони шери сутург. [5] Л — кори маро; И — ранчи моро. [6] ИЛ — ки.

Барорам ман ин роҳи эшон ба рой,
Ба неруи некидиҳиш як худой.[1]

Ҳама шаҳр гуфтанд, к-«эй шаҳриёр,
Зи ту дур бодо бади рӯзгор.

Зи мо ҳар чи хоҳӣ, ҳама бандаем,
Парастанда бошем то зиндаем.[2]

Биёрем чандон, ки хоҳӣ зи[3] чиз,
К-аз ин беш коре надорем низ.»

Сикандар биёмад, нигаҳ кард кӯҳ,
Биёвард з[4]-он файласуфон гурӯҳ.

Бифармуд, к-оҳангарон оваред,[5]
Мису[6] рою путки гарон оваред.[7]

Гаҷу сангу ҳезум фузун[8] аз шумор,
Биёред чандон, ки бояд ба кор.

Беандоза бурданд чизе, ки хост,
Чу шуд сохта кору[9] андеша рост,

Зи деворгар ҳам, зи оҳангарон,
Ҳар он кас, ки устод буд андар он,

Зи гетӣ ба пеши Сикандар шуданд,
Бад-он кори шоиста[10] ёвар шуданд.

Зи ҳар кишваре донишӣ шуд гурӯҳ,
Ду девор кард аз ду паҳлуи кӯҳ.

Зи бун то сари теғ болои ӯй,
Чу сад арш карданд[1] паҳнои ӯй.

---

1 Л — фармони некидиҳӣ раҳнамой. 2 Л — Пас аз б. 1477 ин б. омада:

Ҳама ҳар чи гӯӣ, бар онем мо,
Бифармой чизе, ки донем мо.

3 Л — хоҳед; И — бояд-т. 4 Л — аз. 5 Л — оваранд. 6 И — митин. 7 Л — оваранд. 8 Л — охан фузун аз. 9 ИЛ — кори. 10 Л — боиста. 11 Л — шохраш буд; И — шохраш карда.

Аз ӯ як раш ангишту оҳан яке,
Пароканда мис дар миён андаке.

Ҳаме рехт гӯгирдаш андар миён,
Чунин бошад афсуну рои каён.[1]

Ҳаме рехт[2] ҳар гавҳаре як рада,
Чу аз хок то[3] теғ гашт ожада,

Басе нафту равған биёмехтанд,
Ҳаме бар сари гавҳарон рехтанд.

Ба хирвор ангишт бар сар заданд,
Бифармуд то оташ андар заданд.

Дам овард[4] оҳангарон сад ҳазор,
Ба фармони пирӯзгар шаҳриёр.

Хурӯши даманда баромад зи кӯҳ,
Ситора шуд аз таффи оташ сутӯҳ.

Чунин рӯзгоре баромад бар он,
Дами оташу ранҷи оҳангарон.

Гуҳарҳо як андар дигар сохтанд,
В-аз он оташи тез бугдохтанд.

Зи Яъҷуҷу Маъҷуҷ гетӣ бираст.
Замин гашт ҷои нашиму нишаст.

Аз он номвар садди Искандарӣ,
Ҷаҳон аз бадон расту аз доварӣ.

Араш понсад буд болои ӯй,
Чу наздики сад ёз паҳнои ӯй.

Бар ӯ меҳтарон хонданд офарин,
Ки бе ту мабодо замону замин!

---

1 И — афсуни донойгон. 2 И — ҳаме кард. 3 ИЛ — бо.
4 ИЛ — оварду.

Зи чизе ки буд андар он ҷойгоҳ,
Фаровон бибурданд наздики шоҳ.

Напазруфт[1] аз эшону худ[2] баргирифт,
Ҷаҳон монда аз кори ӯ дар шигифт.

### ДИДАНИ СИКАНДАР МУРДАРО ДАР АЙВОНИ ЁҚУТИ ЗАРД

Ҳамон ронд[3] як моҳ пуён ба роҳ,
Ба ранҷ омад аз роҳ шоҳу сипоҳ.

Чунин то ба наздики кӯҳе расид,
Ки ҷое даду дому мардум надид.

Яке тер[4] дид аз бараш ложвард,[5]
Яке хона бар сар зи ёқути зард.

Ҳама хона қандилҳои булӯр,
Миён андарун чашмаи оби шӯр.

Яке сурхгавҳар ба ҷои чароғ,
Ба зер андараш моя чун парри зоғ.

Фитода фурӯғи чароғ андар об,
Зи гавҳар ҳама хона чун офтоб.

Ниҳода бар он чашма заррин ду тахт,
Бар ӯ хобанида яке шӯрбахт.

Ба тан мардуму сар ба сони гуроз,
Ба бечорагӣ мурда бар тахти ноз.

Зи кофур зер андараш бистаре
Кашида зи дебо бар ӯ чодаре.

Ҳар он кас, ки рафтӣ, ки чизе барад,
В-агар хоки он хонаро биспарад,

---

1 И — Бипазруфт. 2 Л — Пазируфт аз эшону раҳ. 3 ИЛ — ҳаме ронд. 4 ИЛ — кӯҳ. 5 И — лоҷвард.

Ҳама тан-ш бар ҷой ларзон шудӣ,
В-аз он ларза ҳам зинда резон шудӣ.

Хурӯш омад аз чашмаи оби шӯр,
Ки «эй орзумард[1] чандин машӯр

Басе чиз дидӣ, ки он кас надид,
Инонат кунун боз бояд кашид.

Кунун зиндагонит кӯтоҳ гашт,
Сари тахти шоҳит бемоҳ гашт».

Сикандар битарсиду баргашт зуд,
Ба лашкаргаҳ омад ба кирдори дуд.

В-аз он ҷойгаҳ тез лашкар биронд,
Хурӯшон ҳаме номи یздон бихонд.

В-аз он кӯҳ роҳи биёбон гирифт,
Ғамӣ гашту андешаи ҷон гирифт,

Ҳаме ронд пурдарду гирьён зи ҷой,
Сипоҳ аз пасу пеш ӯ раҳнамой.

## ДИДАНИ СИКАНДАР ДАРАХТИ ГӮЁРО

Зи роҳи биёбон ба шаҳре расид,
Бибуд шод, к-овози мардум шунид.

Ҳама буму бар боғи обод буд,
Дили мардум аз хуррамӣ шод буд.

Пазира шудандаш бузургони шаҳр,
Касеро, ки аз мардумӣ буд баҳр.

Бар ӯ*[1] ҳамгинон офарин хонданд,
Басе зарру гавҳар барафшонданд.

[1] ИЛ — озвармард.
* 1М — Ҳама

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки «эй шаҳриёр,
Ануша, ки кардӣ ба мо-бар гузор.

Бад-ин шаҳр ҳаргиз наёмад сипоҳ,
На ҳаргиз шунидаст кас номи шоҳ.

Ҳунун, к-омадӣ ҷони мо пеши туст,
Ки равшанравон бодиву тандуруст».

Сикандар дил аз мардумон шод кард,
Зи роҳи биёбон тан озод кард.

Бипурсид аз эшон, ки «эдар шигифт
Чи чиз аст к-андоза бояд гирифт?»

Чунин дод посух бад-ӯ раҳнамой,
Ки «эй шоҳи пирузи покизарой,

Шигифтест, эдар ки андар ҷаҳон
Касе он надид ошкору ниҳон.[1]

Дарахтест эдар ду бун[2] гашта ҷуфт,
Ки чун он[3] шигифтӣ нашояд нуҳуфт.

Яке модаву дигаре нарри[4] ӯй,
Сухангӯю бошоху[5] борангу бӯй.

Ба шаб мода гӯёву бӯё[6] шавад,
Чу равшан шавад, нарр гӯё шавад.

Сикандар бишуд бо саворони Рум,
Ҳамон[7] номдорони он марзу бум.

Бипурсид аз эшон ки «акнун дарахт
Сухан кай сарояд ба овози сахт?»

Чунон дод посух бад-ӯ тарҷимон,
Ки «аз рӯз чун бугзарад нӯҳ замон,

---

1 Л — аз кеҳону меҳон. 2 Л — ду тан. 3 Л — чунон. 4 Л — нар аз.
5 И — Сухангӯй бо шоҳ. 6 Л — пуё. 7 Л — гуё.

Сухангуй гардад яке з-ин дарахт,
Ки овози ӯ бишнавад некбахт».[1]

Бипурсид, «чун бугзарем аз дарахт,
Шигифтӣ чӣ пеш ояд, эй некбахт?»

Чунин дод посух, к-«аз ӯ бугзарӣ,
Зи рафтан-т кӯтаҳ шавад доварӣ.

Чу з-ӯ баргузаштӣ, намонад-т ҷой,
Карони[2] ҷаҳон хонадаш раҳнамой».

Ҳама ронд[3] бо румиён некбахт,
Чу омад ба наздики гуё дарахт,

Заминаш зи гармӣ ҳаме бардамид,
Зи пӯсти дадон хок пайдо надид.

Зи гӯянда пурсид, к-«ин пӯст чист?
Дадонро бар ин гуна дарранда кист?»

Чунин дод посух бад-ӯ некбахт,
Ки «чандин парастанда дорад дарахт,

Чу ҷӯянд гоҳи парастиш хӯриш,
Зи гӯшти дадоншон бувад парвариш.

Чу хуршед бар теғи гунбад кашид,
Сикандар хурӯше зи боло шунид.

Ки омад зи барги дарахти баланд,
Хурӯше пур аз ҳавлу носудманд.

Битарсиду пурсид аз ин тарҷимон,
Ки «эй марди бедори некигумон,

---

[1] ТПЗЛ — Шаби тирагун мода гуё шавад,
Бару барг чун машқ буё шавад.
[2] И — Канори. [3] ИЛ — Ҳаме ронд

Чунин барги гуё чӣ гӯяд ҳаме?
Ки дилро ба хуноб шӯяд ҳаме?»[1]

Чунин дод посух, ки «эй некбахт,
Ҳаме гӯяд ин баргу шохи дарахт,

Ки чандин Сикандар чӣ пӯяд ҳаме?[2]
Қунун роҳи рафтан биҷӯяд ҳаме.[3]

Зи шоҳиш чун сол шуд бар ду ҳафт,
Зи тахти бузургӣ бибояд-ш рафт».

Сикандар зи дида биборид хун,
Дилаш гашт пурдард аз он раҳнамун,

В-аз он пас яке низ накшод лаб,
Пур аз ғам ҳаме буд то ними шаб.

Сухангӯй шуд барги дигар дарахт,
Дигар бора пурсид аз он некбахт.

«Чӣ гӯяд ҳаме ин дигар шох?» — гуфт,
Сухангӯй букшод роз аз нуҳуфт,

Чунин дод посух, ки «ин модашох
Ҳаме гуяд андар ҷаҳони фаррох,

Зи озу фузунӣ[4] ба ранҷи ҳаме,
Равонро чаро баршиканҷӣ ҳаме.

Туро ози гирди ҷаҳон гаштан аст,
Қас озурдану подшо куштан аст!

Намонад[5] ба гетӣ фаровон диранг,
Макун рӯз бар хештан тору танг».

Бипурсид аз он тарҷимон подшо,
Ки «эй марди равшандили порсо,

---

[1] И — б. 1544—1549 нест. [2] ИЛ — ба дахр.
[3] ИЛ — Кӣ бар дошт аз некуиҳош бахр?
[4] Л — ози фаровон. [5] И — Наҷӯндаш.

Яке боз пурсаш, ки бошад[1] ба Рум,
Ки пеш ояд[2] ин гардиши рӯзи шум,

Магар зинда бинад маро модарам
Яке то ба рух баркашад чодарам?»

Чунин гуфт бо шоҳ гӯё дарахт,
Ки «кӯтоҳ кун рӯзу[3] барбанд рахт.

На модар-т бинад, на хешони Рум,
На пӯшидарӯёни он марзу бум.

Ба шаҳри касон маргат ояд на дер,
Шавад ахтар аз тоҷу тахти[4] ту сер».

Чу бишнид, баргашт зери дарахт,
Дилаш хаста гашта ба шамшери бахт,

Чу омад ба лашкаргаҳи хеш боз
Бирафтанд гурдони гарданфароз,

Ба шаҳр андарун ҳадьяҳо сохтанд,
Бузургон бари подшо тохтанд.

Яке ҷавшане буд тобон чу нил,
Ба болову паҳной як чарми пил.

Ду дандони моҳӣ бараш[5] панҷ буд,
Ки онро ба бар доштан ранҷ буд.

Зиреҳ буду дебои пурмоя буд,
Зи зар карда оганда сад хоя буд.

Ба санги дирам ҳар яке шаст ман,
Зи зарру зи гавҳар яке каркадан[6].

Пазируфту*[1] з-он шаҳр лашкар биронд,
Ба дида ҳаме хуни дил барфишонд.

---

[1] Л — Кӣ бошам. [2] Л — оядам. [3] И — кутоҳ шуд рӯз. [4] ИЛ — ахтару тоҷу тахт аз. [5] ИЛ — Ду доман, ки паҳнои он*. [6] И — б. 1573 нест.
* 1М — Бипазруфту
* И — у.

## РАФТАНИ ИСҚАНДАР БА НАЗДИКИ ФАҒФУРИ ЧИН

Аз он рӯй лашкар ба Чин баркашид,
Сипаҳро ба манзил фуруд оварид.[1]

Яке нома фармуд пас то дабир
Нависад зи Искандари шаҳргир,

Бифармуд ҳар гунае хубу зишт,
Нависанда чун нома андар навишт,

Сикандар бишуд чун фиристодае,
Гузин кард бинодил озодае.

Ки бо ӯ бувад якдилу яксухун,
Бигӯяд ба меҳтар, ки кун, ё макун.

Сипаҳро ба солори лашкар супурд,
В-аз он румиён[2] панҷ доно бибурд.

Чу огоҳӣ омад ба Фағфур аз ин[3]
Ки омад фиристодае сӯи Чин,[4]

Пазира фиристод чанде сипоҳ,
Сикандар гурозон биёмад зи роҳ.

Чу омад бад-он боргоҳи бузург,
Бидид он гузида сипоҳи бузург.[*1]

Биёмад зи даҳлез то пеши ӯй,
Пурандеша ҷони бадандеши ӯй.

Давон пеши ӯ рафту бурдаш намоз,
Нишаст андар айвон замоне дароз.

---

1 ТПЗИ — Ҳаме ронд манзил ба манзил ба дашт,
Чиҳил рӯз то пеши дарьё гузашт.
Зи дебо саропардае баркашид,
Сипаҳро ба манзил фуруд оварид.

2 И — Румие. 3 И — Фагфури Чин. 4 И — фиристода боофарин.

* 1М — сутург

Бипурсид Фағфуру бинвохташ,
Яке номвар ҷойгаҳ сохташ.

Чу барзад сар аз кӯҳ равшанчароғ,
Бибурданд болои заррин ҷуноғ.

Фиристодаи шоҳро пеш хонд,
Сикандар фаровон суханҳо биронд.

Бигуфт ончи боисту нома бидод,
Суханҳои қайсар ҳама кард ёд.

Бад-он нома унвон буд аз шоҳи Рум,
Ҷаҳондору солори ҳар марзу бум.

Ки хонанд шоҳон бар ӯ офарин,
Сӯи кишваророй фағфури Чин.

Сари нома буд аз нахуст офарин,
Зи мо бандагон бар ҷаҳонофарин.

Дигар гуфт, «фармони мо сӯи Чин,
Чунон аст, к-ободгардад замин.[1]

Набояд бисечид моро ба ҷанг,
Ки аз ҷанг шуд рӯз бар Фур танг.

Чу Доро, ки буд шаҳриёри ҷаҳон,
Чу Фарьёни тозиву дигар меҳон.

Зи Ховар бирав то дари Бохтар,
Зи фармони мо кас наҷӯяд гузар.

Шумори сипоҳам надонад сипеҳр,
Магар бишмарад тиру ноҳиду меҳр.

Агар ҳеч, фармони мо бишканӣ,
Тану буму кишвар ба ранҷ афканӣ,

---

1 ТПИМ — Ҷаҳондори дорандаву раҳнамой,
Худованди покиву некифизой.

Чу нома бихонӣ, биёрой сов,
Маранҷон тани хеш, бо бад маков.

Гар ой, бубинӣ маро бо сипоҳ,
Бубинам туро якдилу некхоҳ.

Бидорем бар ту ҳамин тоҷу тахт,
Ба чизе газандат наёяд зи бахт.

В-агар кунд бошӣ ба пеш омадан,
Зи кишвар сӯи шоҳи хеш омадан,

Зи чизе, ки бошад зароиф ба Чин,
Зи арринаву теғу аспу нигин,

Ҳамон[1] ҷомаву бардаву[2] тахти оҷ,
Зи дебои пурмояву тавқу[3] тоҷ,

Зи чизе, ки ёбӣ, фиристӣ ба ганҷ,
Чу хоҳӣ, ки аз мо наёяд-т ранҷ.

Сипоҳи маро боз гардон зи роҳ,
Бибош эмин аз тахту[4] ганҷу кулоҳ.[5]

Чу солори Чин з-он нишон нома дид,
Барошуфту пас хомӯшӣ баргузид.

Бихандиду пас бо фиристода гуфт,
Ки «шоҳи туро осмон аст ҷуфт.

Бигӯй, он чӣ донӣ зи дидори[6] ӯй,
Зи болову мардиву гуфтори[7] ӯй.

---

[1] Л — ҳам аз. [2] И — Ҳама бораву бардаву.
[3] И — тахту. [4] И — тоҷу.
[5] ТПЗИЛ — Ту донӣ кунун ҳар ду раҳ пеши туст,
Сипаҳро ду дида ба кам беши туст.
Дуруди ҷаҳонофарин бар ту бод!
Мабод он ки панди ман ояд-т ёд*.
[6] Л — кирдори. [7] Л — мардиву болову дидори; И — гуфтору кирдори.
* Л — ҳами чархи гардон замини ту бод; ИЛ — Танҳо, б. дуюм мавҷуд аст.

Фиристода гуфт, «эй сипаҳдори Чин,
Қасе чун Сикандар мадон дар замин.

Ба мардиву рою ба бахшу хирад,
Зи андешаи ҳар касе бугзарад.

Ба болои сарв асту бо зӯри пил,
Ба бахшиш ба кирдори дарьёи Нил.

Забонаш ба кирдори буррандатеғ,
Ба чарбӣ уқоб андар орад зи меғ.

Чу бишнид фағфури Чин ин сухун,
Яке дигар андеша афканд бун.

Бифармуд то хону май хостанд,
Ба боғ андар айвон биёростанд.

Ҳаме хӯрд май то ҷаҳон тира ғашт,
Сари майгусорон зи май хира гашт.

Сипаҳдори Чин бо фиристода гуфт,
Ки «бо шоҳи ту муштарӣ бод ҷуфт.

Чу равшан шавад, нома посух кунам,
Ба дидори ту рӯз фаррух кунам».

Сикандар биёмад турунҷе ба даст,
Зи айвони солори Чин ниммаст.

Чу хуршед барзад сар аз бурҷи шер,
Сипехр андар овард шабро ба зер,

Сикандар ба наздики Фағфур шуд,
Зи[1] андешаи бад дилаш дур шуд.

Бипурсид аз ӯ гуфт:[2] «шаб чун будӣ,
Чу[3] берун шудӣ душ майгун будӣ?»

---

[1] И — Аз. [2] Л — Бипурсиду гуфташ, ки. [3] ИЛ — Ки.

В-аз он пас бифармуд, то шуд[1] дабир,
Биёвард қиртосу мушку абир,

Яке номаро гарм посух навишт,
Биёрост қиртоси Чин чун биҳишт,

Нахуст офарин кард бар додгар,
Худованди мардиву доду ҳунар.[2]

Худованди фарҳангу парҳезу дин,
Аз ӯ бод бар шоҳи Рум офарин,

Расид он фиристодаи чарбгӯй,
Ҳам он номаи шоҳи фарҳангҷӯй.

Суханҳои шоҳӣ ҳама хонданд,[3]
В-аз он бо бузургон сухан ронданд.[4]

Зи Дорои Доробу Фарьёну Фур,
Сухан ҳар чи пайдо шуд аз разму[5] шур,

Ки пирӯз гаштӣ бар эшон ҳама,
Шубон гаштаву[6] шаҳриёрон рама.

Ту додӣ худованди хуршеду моҳ
Зи мардӣ мадону фузунӣ сипоҳ.

Чу бар меҳтаре бугзарад рӯзгор,
Чи дар сур мирад, чи дар корзор,

Чу фарҷомашон рӯзи разми ту буд,
Замона на коҳад, на ҳаргиз фузуд.

Ту з-эшон макун бешиву бартарӣ.
Ки гар з-оҳанӣ бегумон бугзарӣ.

---

[1] И — Бифармуд то пеш омад. [2] И — б. 1624, 1625 нест.
[3] И — шоҳон ҳама хондем. [4] Л — рондем. [5] ИЛ — ҷангу.
[6] ИЛ — гаштаву.

Куҷо шуд Фаридуну Заҳҳоку Ҷам,
Фароз омад он[1] боду[2] шуд сӯи дам.

Ман аз ту на тарсам,[3] на ҷанг оварам,
На бар сони ту бод гирад сарам.

Ки хун рехтан нест оини ман,
На бад кардан андархури дини ман.

Бихонӣ маро бар ту бошад шикаст,
Ки яздонпарастам, на хусравпараст,

Фузун з-он фиристам, ки дорӣ маниш,
Набошад ба[4] бахшиш маро сарзаниш».

Сикандар ба рух ранги ташвир ёфт,[5]
Зи гуфтори ӯ бар ҷигар тир ёфт.[6]

Ба дил гуфт, «з-ин пас маро дар[7] ҷаҳон
Набинанд рафта ба[8] ҷое ниҳон».

Зи айвон биёмад ба ҷои нишаст,
Миён аз паи бозгаштан бубаст.

Сарафроз Фағфур букшод ганҷ,
Зи бахшиш наёмад ба дил бар-ш[9] ранҷ.

Нахустин бифармуд панҷоҳ тоҷ,
Ба гавҳар биёганда даҳ тахти оҷ,

Зи симину заррина уштур ҳазор,
Бифармуд то барниҳоданд бор.

Зи дебои чиниву ҳаззу ҳарир,
Зи кофуру анбар, зи уду[10] абир,

---

1 Л — аз. 2 И — омаду боз. 3 И — На ман аз ту тарсам. 4 Л — зи. 5 ИЛ — хурд. 6 ИЛ — хурд. 7 ИЛ — кас андар. 8 ИЛ — маро рафта. 9 И — тарсу. 10 ИЛ — кофур в-аз уду мушку.

Ҳазор уштури боркаш бор кард,
Таносон шуд он к-ӯ дирам хор кард.

Зи санҷобу қоқум, зи мӯи самур,
Ҳам аз нофаи мушку кимоли бур.[1]

Биёвард аз ин ҳар яке ду[2] ҳазор,
Хирадманд ганҷур барбаст бор.[3]

Гаронмоя сад зин ба[4] симин ситом,
Зи заррина панҷоҳ бурданд ном.

Бибурданд сесад шутур сурхмӯй,
Зароиф будаш[5] бор чинӣ бар ӯй.

Яке марди босангу ширинсухан,
Гузин кард аз он чиниёни куҳан.

Бифармуд то бо дуруду паём
Биёяд бари шоҳу орад хиром,

Ки якчанд бошад ба наздики Чин,
Бар ӯ номдорон кунанд офарин.

Фиристода шуд бо Сикандар ба роҳ,
Гумоне кӣ бурдӣ ки ӯяст шоҳ?!

Чу маллоҳ рӯи Сикандар бидид,
Биҷасту сабук бодбон баркашид.

Чу дастур бо лашкар омад-ш пеш,
Бигуфт он чи омад зи бозори хеш.

Сипоҳаш бар ӯ хонданд офарин,
Ҳама барниҳоданд сар бар замин.

---

1 ТПЗ — Гаронмоя аспон ба зарринситом,
Ба зарринкамар низ сесад ғулом.
2 И — з-ин ҳар яке ей. 3 И — барсохт кор. 4 И — зини. 5 Л — буду.

Бидонист чинӣ, ки ӯяст шоҳ,
Пиёда биёмад ғиревон ба роҳ.

Сикандар бад-ӯ гуфт: «пӯзиш макун,
Марон пеши Фағфур з-ин дар сухун.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ
Ба оин[1] биншаст бар тахт шоҳ.

Фиристодаро чиз бахшиду гуфт,
Ки «бо ту равони Масеҳост ҷуфт.

Бирав пеши Фағфури Чинӣ бигӯй,
Ки наздики мо ёфтӣ обрӯй,

Гар эдар бибошӣ, ҳама Чин туруст,
В-агар ҷои дигар хиромӣ равост.

Биёсоям эдар, ки чандин сипоҳ,
Ба тезӣ нашояд кашидан ба роҳ».

Фиристода баргашту омад чу бод,
Ба Фағфур пайғоми қайсар бидод.[2]

## РАСИДАНИ ИСКАНДАР БА КИШВАРИ СИНД ВА ҶАНГ КАРДАН

Бад-он ҷойгаҳ шоҳ моҳе бимонд,
Чу осуда шуд шоҳ[3] лашкар биронд.

Аз он сабздарьё чу гаштанд боз,
Биёбон гирифтанду роҳи[4] дароз.

Чу манзил ба манзил ба Чағвон расид,
Яке бораву моявар шаҳр дид.

---

[1] ИЛ — Ба ором. [2] И — б. 1666 нест. [3] Л — Пас он гаҳ биҷунбиду; И — хунук шуд биҷунбиду.
[4] И — гирифтанд роҳе.

Ба пеш омадандаш бузургони шаҳр,
Қасе к-аш зи ному хирад буд баҳр.

Бирафтанд бо ҳадьяву бо нисор,
Зи Чағвон сарон то дари шаҳриёр.

Сикандар сабук пурсиш андар гирифт,
Қи эдар чӣ донед[1] чизе шигифт.

Бад-ӯ гуфт гӯянда, к-«эй шаҳриёр,
Надонем чизе, ки ояд ба кор,

Бад-ин шаҳр[2] дарвешиву ранҷ ҳаст,
Қ-аз ин[3] бугзарӣ бод монад ба даст».

Чу гуфтори гӯянда бишнид шоҳ,
Зи Чафвон сӯи Ҳинд шуд бо сипоҳ,

Пазира шудандаш саворони Синд,
Ҳамон ҷангро ёвар омад зи Ҳинд.

Ҳар он кас, ки аз Фур дилхаста буд,
Ба хун рехтан дастҳо шуста буд.

Бибурданд пилону ҳиндидарой
Хурӯш омаду нолаи каррной.

Сари синдиён буд Бандоҳ[4] ном,
Савори сарафроз, бо рою ком.

Яке размашон карда шуд ҳамгурӯҳ,
Замин шуд зи афканда бар сони кӯҳ.

Шаб омад бар он дашт синдӣ намонд,
Сикандар сипоҳ аз пас андар биронд.

Ба даст омадаш пил ҳаштоду панҷ,
Ҳамон тоҷи заррину шамшеру ганҷ.

---

1 ИЛ — бинед. 2 И — марз. 3 Л — Аз ин. 4 ИЛ — ному.

Зану кӯдаку пирмардон ба роҳ
Бирафтанд гирьён ба наздики шоҳ,

Ки «эй шоҳи бедор, боз ор ҳуш
Масӯзон бару буму[1] кӯдак макуш,

Ки фарҷом рӯзи ту ҳам бугзарад,
Хунук он ки гетӣ ба бад наспарад».

Сикандар бар эшон наёвард меҳр,
Бар он хастагон ҳеҷ нанмуд чеҳр.

Гирифтанд аз эшон фаровон асир,
Зану кӯдаки хурду барнову пир.

Сӯи Нимрӯз омад аз роҳи Буст,
Ҳама рӯи гетӣ зи душман бишуст.

В-аз он ҷойгаҳ шуд[2] ба шаҳри Яман,
Ҷаҳонгир бо номдор анҷуман.

Чу бишнид шоҳи Яман, бо меҳон
Биёмад бари шаҳриёри ҷаҳон.

Чунон ҳадьяҳо дар[3] Яман баргузид,
Баҳогиру зебо чунон чун сазид.

Даҳ уштур зи бурди Яман бор кард,
Дигар панҷро бор динор кард.

Дигар даҳ шутур бор кард аз дирам,
Чу бошад дирам, дил набошад ба ғам.

Дигар суллаи заъфарон буд ҳазор
Зи дебову аз[4] ҷомаи бешумор.

Забарҷад яке ҷом будаш ба ганҷ,
Ҳамон[5] дурри носуфта ҳаштоду[6] панҷ.

---

[1] ИЛ — пиру. [2] Л — ҷо биёмад. [3] ИЛ — к-аз. [4] И — хар.
[5] И — ҳама. [6] И — ҳафтоду.

Яке ҷоми дигар буд аз[1] ложвард,
Ниҳод андар ӯ шаст ёқути зард.

Зи ёқути сурх аз бараш бар[2] нигин,
Ба фармонбарон доду кард офарин.

Ба пеши сарюпардаи шаҳриёр
Расиданд бо ҳадьяву бо нисор.

Сикандар бипурсиду бинвохташ,
Бари тахт наздик биншохташ,

Бар ӯ офарин хонд[3] шоҳи Яман,
Ки «пирӯзгар бош бо[4] анҷуман.

Ба ту шодам ар бошӣ эдар ду моҳ,
Биёсояд[5] аз роҳ шоҳу сипоҳ».

Сикандар бар ӯ офарин карду гуфт,
Ки «бо ту ҳамеша хирад бод ҷуфт».

Ба шабгир шоҳи Яман бозгашт,
Зи лашкар ҷаҳоне пуровоз[6] гашт.

## ЛАШКАР КАШИДАНИ СИКАНДАР СӮИ БОБУЛ

Сикандар сипаҳ сӯи Бобул кашид,[7]
Зи гарди сипаҳ шуд ҷаҳон[8] нопадид.

Ҳаме ронд як моҳ худ бо сипоҳ,
Надиданд аз эшон кас оромгоҳ.[9]

Бар ин гуна то сӯи кӯҳе расид,
Зи дидори дида сараш нопадид.

---

[1] Л — будаш. [2] ИЛ — даҳ. [3] Л — кард. [4] Л — бар. [5] ИЛ — баросояд. [6] Л — ҷаҳон пур зи овоз. [7] И — пештар баркашид. [8] Л — ҳаво. [9] И — б. 1705 нест.

Ба сар-бар яке абри торик буд,
Бад кайвон ту гуфтӣ, ки наздик буд.

Зи ҷое бад-ӯ-бар надиданд роҳ,
Фурӯ монд аз он кор шоҳу сипоҳ.

Гузаштанд бар кӯҳи хоро ба ранҷ,
В-аз ӯ хира шуд марди бориксанҷ.

Зи рафтан чу гаштанд яксар сутӯҳ,
Яке жарфдарьё аз он рӯи кӯҳ

Падид омаду шод шуд з-он сипоҳ,
Ки дарьёву ҳомун бидиданду роҳ,

Сӯи жарфдарьё ҳаме ронданд,
Ҷаҳонофаринро ҳаме хонданд.

Даду дом дар[1] ҳар сӯе бешумор,
Сипаҳро набуд хӯрданӣ ҷуз шикор.

Падид омад аз дур марди сутург,
Пур аз мӯю бо гӯшҳои бузург.

Танаш зери мӯй андарун ҳамчу нил,
Ду гӯшаш ба паҳнои ду гӯши пил.

Чу диданд гурдон касе з-ин[2] нишон,
Бибурданд пеши Сикандар кашон.[3]

Сикандар нигаҳ кард з-ӯ хира монд,
Бар ӯ-бар ҳаме номи яздон бихонд.

«Чӣ мардӣ бад-ӯ гуфту[4] номи ту чист?
Зи дарьё[5] чӣ ёбиву[6] коми ту чист?»

Бад-ӯ[7] гуфт, «шоҳо, маро бобу мом
Ҳаме Гӯшбистар ниҳоданд ном».

---

[1] И — буд. [2] Л — гарданкашон з-он. [3] И — б. 1716 нест. [4] ИЛ — гуфт. [5] Л — дуньё. [6] И — Чӣ ёбӣ зи дарьёву. [7] Л — чунин.

Бипурсид, к-«он чист бамьёни об,
Қ-аз он сӯ бароянд ҳаме[1] офтоб?».

Чунин дод посух, ки «эй шаҳриёр,
Ҳамеша бизӣ дар ҷаҳон номдор,

Яке шорсон аст он чун биҳишт,
Ки гӯй на аз хок дорад сиришт.

Набинӣ бад-ӯ андар айвону хон,
Магар пӯшиши ӯ ҳама[2] устухон.

Бар айвонҳо ҷанги Афросиёб
Нигорида равшантар аз офтоб.

Ҳамон чеҳри Қайхусрави ҷангҷӯй,
Бузургиву мардиву оҳанги ӯй.[3]

Бар он устухонҳо нигорида пок,
Набинӣ ба шаҳр андарун гарду хок.

Зи моҳӣ бувад мардумонро хӯриш,
Надоранд чизе ҷуз ин парвариш.

Чу фармон диҳад номбардор шоҳ,
Равам ман бад-он шорсон бесипоҳ».

Сикандар бад-он гӯшвар гуфт: «рав,
Биёвар касе, то ки бинем нав».

Бишуд Гӯшбистар ҳам андарзамон,
Аз он шорсон бурд мардум дамон[4]

Гузаштанд бар об ҳаштод мард,
Хирадьёфта мардуми солх(в)ард.

---

[1] Л — барзанад. [2] Л — бувад. [3] И — б. 1725 нест.
[4] ТПЗ — Бад-эшон бидод ӯ зи кайсар паём,
Ки хоҳад шуморо шаҳи некном.
Чу он гуфта бишнид пиру ҷавон,
Аз он шорсон кеҳтарону меҳон.

Хама ҷомаҳошон зи хаззу ҳарир,
Аз ӯ чанд барно буду чанд пир.

Аз он ҳар кӣ пире буду ном дошт,
Пур аз дурр заррин яке ҷом дошт.

Қасе к-ӯ ҷавон буд тоҷе ба даст,
Бари қайсар омад сар афканда паст.

Бирафтанду бурданд пешаш намоз,
Бигуфтанд бо ӯ замоне дароз.[1]

Бибуд он шабу гоҳи бонги хурӯс,
Зи даргоҳ бархост овои кӯс.

Аз он ҷойгаҳ сӯи Бобул кашид,
Замин гашта аз лашкараш нопадид.

НОМАИ ИСКАНДАР НАЗДИ АРИСТОЛИС
ВА ПОСУХ ЁФТАН

Бидонист к-аш марг наздик шуд,
Бар ӯ-бар ҳаме рӯз торик шуд.

Бар он будаш андеша к-андар ҷаҳон
Намонад касе аз нажоди меҳон.

Ки лашкар кашад ҷангро сӯи Рум,
Ниҳад пай бар он хоки ободбум.

---

[1] ТПЗ — Ки наздики мо ганҷи Кайхусрав аст,
Сазовори ту шахриёри нав аст.
Сикандар биёмад ҳам андар шитоб,
Сӯи шаҳри Эрону бугзошт об,
Бидид он ҳама шаҳру бозору кӯй.
Бад-он хонаи ганҷ шуд номҷӯй.
Ҳама ганҷ буд тоҷу ҳам тахти зар,
Ҳамон афсару ёраҳову камар.
Кас андозаи он надонист кард,
К-аз андоза бас нотавон гашт мард,
Ҳама пок бардошт омад дамон,
Ба лашкаргаҳи хешташ шодмон.

Чу мағз андарин кори*[1] худ кома кард,
Сӯи Арстолис яке нома кард.[1]

Ҳар он кас, ки буд ӯ зи тухми каён.
Бифармудашон то бубандад миён

Ҳама руйҳо сӯи даргаҳ кунанд,
Зи бадҳо гумониш кӯтаҳ кунанд.

Чу нома бибурданд назди ҳаким,
Дили Арстолис шуд пур зи бим.[2]

Ҳам андар замон посухи нома кард,
Зи мижгон ту гуфтӣ сари хома кард.

Ки он номаи шоҳи кайҳон расид,
Зи бадкома дастат бибояд кашид.

Аз он бад, ки гуфтӣ маяндеш низ,
В-аз андеша дарвешро бахш чиз.

Бипарҳезу танро ба яздон супор,
Ба гетӣ чуз аз тухми некӣ макор.

Ҳама маргроем то зодаем,
Ба бечорагӣ дил бад-ӯ додаем.

На ҳар кас, ки шуд подшоҳӣ бибурд,
Бирафту[3] бузургӣ касеро супурд.

Бипарҳезу хуни бузургон марез,
Ки нафрин бувад бар ту то растахез,

---

[1] ТПЗ — Ки рой ончунон дорам андар замон,
Ки як тан намонам зи тухми меҳон.
Кунун хафт кишвар бигаштам тамом,
Басе сарваронро кашидам ба дом.
Ҳамоно маро марг наздик шуд,
Чу марг омадам, руз торик шуд.

[2] Л — Бар ду ним; И — буд бар ду ним. [3] ИЛ — Ба рафтан.

* 1М — рои

Ва дигар, ки чун андар Эрон сипоҳ
Набошад ҳамон шоҳ дар пешгоҳ.

Зи Турку зи Ҳинду зи Сақлобу Чин,
Сипоҳ ояд аз ҳар суе ҳамчунин.

Ба Рум ояд он кас, ки Эрон гирифт,
Агар кин бисечад, набошад шигифт.

Ҳар он кас, ки ҳаст аз нажоди каён,
Набояд, ки аз бод ёбад зиён.

Бузургону озодагонро бихон,
Ба ҷашну[1] ба суру ба рою ба хон.

Сазовори ҳар меҳтаре кишваре
Биёрову оғоз кун дафтаре.

Ба номи бузургону озодагон,
К-аз эшон ҷаҳон ёфтӣ ройгон,

Якеро мадеҳ бар дигар дастгоҳ,
Қасеро маҳон дар ҷаҳон низ шоҳ.

Сипар кун каёнро ҳама пеши бум,
Чу хоҳӣ, ки лашкар наёяд ба Рум».

Сикандар чу посух бад-он гуна ёфт,
Ба андешаву рои дигар шитофт.

Бузургону озодагонро зи даҳр,
Ҳар он кас, к-аш аз мардумӣ буд баҳр,

Бифармуд то пеши у хонданд,
Ба ҷои сазовор биншонданд.

Яке аҳд бинвишт то[1] ҳар яке
Фузунӣ наҷӯяд зи даҳр андаке.

---

[1] ИЛ — Ба бахшу. [2] Л — бо

Бар он номдорони ҷӯяндаком,
Мулуки тавоиф ниҳоданд ном.

Ҳамон шаб Сикандар ба Бобул расид,
Меҳонро ба дидори ӯ[1] шод дид.

Яке кӯдак омад занеро ба шаб,
Аз ӯ монд ҳар кас, ки дидаш[2] аҷаб.

Сараш чун сари шеру бар пой сум,
Чу мардум бару китфу[3] чун гов дум,

Бимурд он шигифтӣ ҳамон гаҳ, ки зод,
Сазад гар нагиранд аз он зан нажод.

Бибурданд ҳам дар замон назди шоҳ,
Бад-ӯ кард шоҳ аз шигифтӣ нигоҳ.

Ба фолаш бад омад ҳамон гоҳ гуфт,
Ки «ин тухмаро[4] хок бояд нуҳуфт.»

Аз ахтаршиносон басе пеш хонд,
В-аз он кӯдаки мурда чанде биронд.

Ситорашумар з-он ғамӣ гашт сахт,
Бипӯшид бар хусрави некбахт.

Аз ахтаршиносон биҷӯшиду гуфт,
Ки «гар ҳеҷ монад сухан дар нуҳуфт,

Ҳам акнун саронтон бибуррам зи тан,
Наёбед[5] ҷуз коми шерон кафан!»

Ситорашумар, чун барошуфт шоҳ,
Бад-ӯ гуфт, к-эй номвар пешгоҳ,

Ту бар ахтари шер зодӣ нахуст,
Бари мӯбадону радон шуд дуруст,

---

1 И — худ. 2 Л — дид он. 3 ИЛ — китфу. 4 Л — бачаро. 5 Л — набошад.

Сари баччаи мурда бинӣ чу шер,
Бигардад сари подшоҳӣ ба зер.[1]

Ситорашумар пеши ӯ[2] ҳар кӣ буд,
Ҳамин гуфту инро нишонӣ[3] намуд.

Сикандар чу бишнид з-он шуд ғамӣ,
Ба рою ба мағз андар омад камӣ.

Чунин гуфт, к-«аз марг худ чора нест,
Маро бар дил андеша з-ин бора нест.

Маро беш аз ин зиндагонӣ набуд,
Замона на коҳид, на ҳаргиз[4] фузуд».

### НОМАИ ИСКАНДАР БА НАЗДИКИ МОДАР ВА АНДАРЗ КАРДАН

Ба Бобул ҳамон рӯз шуд дардманд,
Бидонист, к-омад ба тангӣ газанд.

Дабири ҷаҳондидаро пеш хонд,
Ҳар он ч-аш ба дил буд, бо ӯ[5] биронд.

Ба модар яке нома фармуду гуфт,
Ки огоҳии марг натвон нуҳуфт.

Зи гетӣ маро баҳра ин буд, ки буд,
На коҳад замона, на шояд фузуд.

Ту аз марги ман ҳеҷ ғамгин машав,
Ки андар замон[6] ин сухан нест нав.

Ҳар он кас, ки зояд, бибояд-ш мурд,
Агар шаҳриёр аст, агар марди хурд.

---

[1] Л — далер;
ТПИЛМ — Пурошуб гардад замин чанд гоҳ,
Чунин то нишинад яке пешгоҳ.
[2] Л — аз ин; И — аз он. [3] Л — Ҳаме гуфту инро нишонҳо.
[4] И — нахоҳад. [5] И — вай. [6] ИЛ — ҷаҳон.

Бигӯям кунун бо бузургони Рум,
Ки чун бозгарданд аз ин марзу бум,

Начӯянд ҷуз рою фармони ту,
Қасе барнагардад зи паймони ту.

Ҳар он кас, ки буданд аз эрониён,
Қ-аз эшон будӣ румиёнро зиён,

Супурдам ба ҳар меҳтаре кишваре,
Чу гардад бад-он подшоҳӣ саре,

Ҳамоно ниёзаш наёяд ба Рум,
Баросояд аз душман он марзу бум.

Ба соле зи динори ман сад ҳазор,
Бубахшед бар мардуми хешкор.

Маро мурда дар хоки Миср[1] оганед,
Зи гуфтори ман ҳеҷ мапроганед.

Гар ояд яке Равшанакро писар,
Шавад бегумон зинда номи падар,

Набояд, ки бошад ҷуз ӯ шоҳи Рум,
Ки ӯ тоза гардонад он марзу бум.

В-агар духтар ояд ба ҳангоми бус,
Бипайванд бо кудаки Файлақус.

Ту фарзанд хонаш, на домоди ман,
Бад-ӯ тоза кун дар ҷаҳон ёди ман,

Дигар духтари Қайдро бегазанд
Фиристед назди падар[2] арҷманд.

Або бадраву бардаи[3] некхоҳ,
Иморӣ бисечед бо ӯ ба роҳ.[4]

---

1 Л — меҳр. 2 Л — падар-ш. 3 Л — бардаву. 4 И — б. 1795—1801 нест.

Ҳамон[1] афсару гавҳару симу зар,
Ки оварда буд ӯ зи назди падар,

Ба рафтан чун ӯ гашт ҳамдостон,
Фиристед бо ӯ ба Ҳиндустон.

Ман эдар ҳама кор кардам ба барг,[2]
Ба бечорагӣ дил ниҳодам ба марг.

Нахуст он ки тобути заррин кунед,
Кафан бар сарам[3] анбарогин кунед.

Зи зарбафти чинӣ сазовори ман,
Касе сар напечад зи тимори ман,

Ҳама дарзи тобути моро ба қир
Бигиреду[4] кофуру мушку абир,

Нахуст оганед андар ӯ ангубин,
Зи бар ангубин, зер дебои Чин.

Аз он пас тани ман ниҳед андар ӯй,
Сар ояд сухан чун бипӯшед рӯй.

Ту панди ман, эй модари пурхирад,
Нигаҳ дор то рӯзи ту бугзарад.

Зи чизе, ки овардам аз Ҳинду Чин.
Зи Тӯрону Эрону Мукронзамин,

Бидору бубахш он чи афзун бувад,
В-аз андозаи хурд берун бувад.

Ба ту ҳоҷат онаст, эй меҳрубон,
Ки бедор бошиву равшанравон,

---

[1] И — Ҳама.
[2] ТПЗ — Ба андарзи ман гӯш бояд кушуд,
Бад-ин гуфти ман дар набояд фузуд.
[3] ИЛ — танам. [4] Л — Бигиранд ў.

Надорӣ тани хешро ранҷа[1] бас,
Ки андар ҷаҳон нест ҷовид кас.

Равонам равони туро бегумон
Бубинад чу танг андар ояд замон.

Шикебой аз меҳр номитар аст,
Сабуксар шавад[2] ҳар ки ӯ кеҳтар аст.

Туро меҳр буд бар танам солу моҳ,
Кунун ҷони покам зи яздон бихоҳ.

Бад-ин хостан бош фарьёдрас,
Ки фарьёд гирад маро дасту бас.

Нигар, то кӣ бинӣ ба гирди[3] ҷаҳон,
Ки ӯ нест аз марг хаста равон».[4]

Чу нома ба муҳр андаровардуу[5] банд,
Бифармуд то бар сутури наванд

Зи Бобул ба Рум оваранд огаҳӣ,
Ки тира шуд он фарри шоҳаншаҳӣ.

## МУРДАНИ ИСКАНДАР БА БОБУЛ

Чу огоҳ шуд лашкар аз дарди шоҳ,
Ҷаҳон гашт[6] бар номдорон сиёҳ.

Ба тахти бузургӣ ниҳоданд рӯй,
Ҷаҳон шуд саросар пур аз гуфтугӯй.

Сикандар зи лашкар чу огоҳ шуд,
Бидонист, к-аш рӯз кӯтоҳ шуд.

---

[1] И — ранҷ. [2] ИЛМ — бувад. [3] Л — киро бинӣ андар.
[4] ТПМ — Равонам равони туро банда бод,
Ҳама рӯзгори ту фархунда бод.
[5] И — овард. [6] Л — шуд.

Бифармуд, то тахт берун баранд,
Зи айвони шоҳӣ ба ҳомун баранд.

Зи бемории шаҳ ғамӣ шуд сипоҳ,
Ки беранҷ диданд рухсори шоҳ.

Ҳама дашт яксар[1] хурӯшон шуданд,
Чу бар оташи тез ҷӯшон[2] шуданд.

Ҳаме гуфт, ҳар кас, ки бад рӯзгор,
Ки аз румиён гум шавад шаҳриёр,

Фароз омад он гардиши рӯзи[3] шум,
Ки вайрон шавад з-ин сипас буми Рум.

Ҳама душманон коми дил ёфтанд,
Расиданд ҷое ки биштофтанд.

Ба мо-бар кунун талх гардад ҷаҳон,
Хурӯшон шавем ошкору ниҳон».

Чунин гуфт қайсар ба овози нарм,
Ки тарсанда*[1] бошеду бо рӯю шарм,

Аз[4] андарзи ман як нафас нагзаред,[5]
Чу хоҳед, к-аз ҷону тан бар хӯред.

Пас аз ман шуморо ҳамин аст кор,
На бо ман ҳаме бад кунад рӯзгор».

Бигуфт ину ҷонш баромад зи тан,
Шуд он номвар шоҳи лашкаршикан.

Зи лашкар баромад саросар хурӯш,
Ҳаворо бидаррид аз овоз ғӯш.

Ҳама хок бар сар ҳаме рехтанд,
Ба мижгон ҳаме хуни дил бехтанд.

---

[1] Л — даст бар сар. [2] Л — бирьён. [3] Л — бахти. [4] Л — Зи: [5] Л — сар ба сар магзаред.
* 1М — то зинда

Заданд оташ андар сарои нишаст,
Ҳазор аспро дум буриданд паст.

Ниҳода бар аспон нагунсор зин,
Ту гуфтӣ, ҳаме бархурӯшад[1] замин.

Бибурданд сандуқи заррин ба дашт,
Ҳаме нола аз осмон баргузашт.

Сакубо бишусташ ба мушку гулоб,
Пароканд бар тан-ш кофуру[2] ноб.

Зи дебои зарбафт кардаш кафан,
Хурӯшон бар он шаҳриёр анҷуман.

Тани номвар зери дебои Чин
Ниҳоданд то пой дар ангубин.

Сари тангутобут карданд сахт,
Шуд он соягустар диловар дарахт[3].

Намонӣ ҳаме дар сарои сипанҷ,
Чӣ ёзӣ[4] ба тахту чӣ нозӣ ба ганҷ?!

Чу тобуташ аз дашт бардоштанд,
Ҳаме даст бар даст бугзоштанд.

Дар овоз буд румиву порсӣ,
Суханшон зи тобут шуд як басе.

Ҳар он кас, ки ӯ порсӣ буд, гуфт,
Ки «ӯро ҷуз эдар набояд нуҳуфт.

Чу эдар бувад хоки шоҳаншаҳон,
Чӣ тозед[5] тобут гирди ҷаҳон?»

Чунин гуфт румӣ яке раҳнамой,
Ки «эдар нуҳуфтан маро[6] нест рой.

---

1 ИЛ — хун хурӯшад. 2 ИЛ — кофури. 3 Л — зи тахт. 4 ИЛ — нозӣ.
5 И — тозанд. 6 ИЛ — варо.

Агар бишнавед он чи гӯям дуруст,
Сикандар дар[1] он хок резад, ки руст».

Яке порсе низ гуфт, ин сухан.
«Агар чанд гуӣ наёяд ба бун,

Намоям шуморо яке марғзор,
Зи шоҳони пешинагон ёдгор.

Варо Хурм хонад ҷаҳондида пир,
Бад-ӯ андарун бешаву обгир.[2]

Чу пурсӣ, туро посух ояд зи кӯҳ,
Ки овози онро бидонад[3] гурӯҳ.

Биёред мар пири фартутро,
Ҳам эдар бидоред тобутро».

Бипурсад ва[4] аз кӯҳ посух диҳанд,[5]
Шуморо бад-ин рои фаррух ниҳанд.

Бирафтанд пӯён ба кирдори ғурм,
Бад-он беша, к-ӯ номзад шуд ба Хурм.

Бигуфтанду[6] посух чунин дод боз,
Ки «тобути шоҳон чӣ дорӣ дароз.

Ки хоки Сикандар ба Искандарист,
Ки кард ӯ бад-он[7] рӯзгоре, ки зист».

Чу овоз бишнид лашкар бирафт,
Бибурданд аз он беша сандуқ тафт.

---

[1] Л — бар. [2] Л — Пас аз б. 1854 ин б. омада:
Яке кӯҳ раста дар он марғзор,
Ки гар бод ёбад бар ӯ бар гузор.
[3] Л — ӯ бишнавад ҳар. [4] Л — Бипурсед то; И — Бипурсед, к-аз.
[5] Л — диҳад. [6] И — Бигуфтанд. [7] Л — ӯ карда буд.

### ШЕВАНИ ҲАКИМОН БАР ИСКАНДАР

Чу Искандар омад[1] ба Искандарӣ,
Ҷаҳонро дигаргуна шуд доварӣ.

Ба ҳомун ниҳоданд тобути ӯй,
Замин[2] шуд саросар пур аз гуфтугӯй,

Ба Искандарӣ кӯдаку марду зан
Ба тобути ӯ баршуданд анҷуман.

Агар баргирифтӣ зи мардум шумор,
Муҳандис фузун омадӣ сад ҳазор.

Ҳамон Арситолис пеш андарун,
Ҷаҳоне бар ӯ дидагон[3] пур зи хун,[4]

Бар он тангтобут бинҳод даст,
Чунин гуфт, к-«Эй шоҳи яздонпараст,

Куҷо он ҳушу донишу рои ту,
Ки ин тангтобут шуд ҷои ту?

Ба рӯзи ҷавонӣ бад-ин моя сол,
Чаро хокро баргузидӣ[5] ниҳол?»[6]

Ҳакимони румӣ шуданд анҷуман,
Яке гуфт, к-«эй пили рӯинатан,

Зи поят кӣ афканду ҷоят кӣ ҷуст,
Куҷот он ҳама ҳазму[7] рои дуруст?»

Дигар гуфт, «чандин нуҳуфтӣ ту зар,
Кунун зар чӣ дорад танатро ба бар?»[8]

Дигар гуфт, к-«аз дасти ту кас наҷаст,
Чаро судӣ, эй шоҳ, бо марг даст?»

---

[1] Л — Чу омад Сикандар. [2] И — Ҷаҳон. [3] Л — дидаҳо. [4] И — л. 1866 нест; [5] Л — хоки пай гузидӣ. [6] И — б. 1869 нест; [7] Л — Куҷо он ҳама Хурму; И — Куҷот он хама Хурму. [8] Л — ки дорӣ, танатро бихар.

Дигар гуфт, к-«осудӣ аз дарду ранҷ,
Ҳамон[1] ҷустани подшоҳиву ганҷ!»

Дигар гуфт: «чун пеши довар шавӣ,
Ҳамон бар,[2] ки киштӣ, ҳамон бидравӣ!»

Дигар гуфт: «бедастгоҳ он бувад,
Ки резандаи хуни шоҳон бувад!»

Дигар гуфт: «мо чун ту бошем зуд,
Ки будӣ ту чун гавҳари нобисуд».

Дигар гуфт: «чун бинадат устод,
Биёмӯзад он чиз, к-ат нест ёд».

Дигар гуфт, к-«аз марг чун ӯ наҷаст,
Сазад гар ба бешӣ наёзем[3] даст».

Дигар гуфт, к-«эй бартар аз моҳу меҳр,
Чаро пӯшӣ аз анҷуман[4] хуб чеҳр?»

Дигар гуфт: «марди фаровонҳунар
Бикӯшад, ки чеҳра напӯшад ба зар.

Кунун, эй ҳунарманд, марди далер,
Туро зарри зард[5] оваридаст зер».

Дигар гуфт: «дебо бипӯшидаӣ,
Зи мо чеҳри зебо бипӯшидаӣ.[6]

Кунун сар зи дебо баровар, ки тоҷ
Ҳаме ҷӯядат, ёраву тахти оҷ».

Дигар гуфт, к-«аз моҳрух бандагон,
Зи чиниву румӣ парастандагон,

Буридиву зар дорӣ андар канор,
Ба расми каён зарру дебо мадор».

---

[1] Л — хам аз [2] И — бад. [3] ИЛ — ба бешӣ сазад гар наёрем.
[4] Л — Чӣ пӯшӣ хаме з-анҷуман. [5] Л — зарру зӯр. [6] Л — На пӯшидай низу на дидай

Дигар гуфт: «пурсанда пурсад кунун,
Чӣ ёд оядат посухи раҳнамун,

Ки хуни бузургон чаро рехтӣ?
Ба сахтӣ ба ҷанг андар овехтӣ?

Надидӣ, ки чанд аз бузургон, ки мурд,[1]
Зи гетӣ ба ҷуз[2] номи некӣ набурд».

Дигар гуфт: «рӯзи ту андар гузашт,
Забонат зи гуфтор бекор гашт.

Ҳар он кас, ки ӯ тоҷу тахти ту дид,
Инон аз бузургӣ бибояд кашид,

Ки бар кас намонад чу бар ту намонд,
Дарахти бузургӣ набояд нишонд».

Дигар гуфт: «кирдори ту бод гашт,
Сари саркашон аз ту озод гашт.

Бубинӣ кунун боргоҳи бузург,
Ҷаҳоне, ҷудо карда аз меш гург».[3]

Дигар гуфт, к-«андар сарои сипанҷ,
Чаро доштӣ хештанро ба ранҷ?

Ки баҳри ту ин омад аз ранҷи ту,
Яке тангтобут шуд[4] ганҷи ту.

Биҷӯӣ[5] ҳаме нолаи букро,[6]
Писанд омадат банд[7] сандуқро».[8]

Дигар гуфт: «чун лашкарат бозгашт,
Ту танҳо бимонӣ бар ин паҳндашт.

Ҳамоно паси ҳар касе бингарӣ,
Фаровон ғами зиндагонӣ х[в]арӣ».

---

[1] Л — Ки дидӣ, ки чандон бузургон бимурд. [2] Л — ҷуз аз [3] И — б. 1894 нест. [4] Л — буд. [5] ИЛ — Наҷӯӣ. [6] И — буку тарг. [7] Л — Писандидӣ ин танг. [8] И — сандуқу марг.

### ШЕВАН ҚАРДАНИ МОДАР ВА ЗАНИ ИСҚАНДАР БАР Ў

В-аз он пас[1] биёмад дамон модараш,
Фаровон бимолид рух бар бараш.[2]

Ҳаме гуфт, к-«эй номвар подшо,
Ҷаҳондору некахтару порсо,

Ба наздикӣ андар ту дурӣ зи ман,
Ҳам аз кишвару[3] лашкару[4] анҷуман,

Равонам равони туро банда бод,
Дили ҳар к-аз ин шод шуд, канда бод!»

В-аз он пас бишуд Равшанак пур зи дард,
Чунин гуфт, к-«эй шоҳи озодмард,

Ҷаҳондор Дорои[5] Доро куҷост,
К-аз ӯ дошт гетӣ ҳама[6] пушт рост?

Ҳамон Хусраву Ашку Фарьёну Фур,
Бузургони Синду шаҳи шаҳри Зур,

Дигар шаҳриёрон, ки рӯзи набард,
Сароншон зи бод андар омад ба гард?

Чу абре будӣ тунду бораш[7] тагарг,
Туро гуфтам эмин шудастӣ зи марг,

Зи бас разму пайкору хун рехтан,
Чӣ танҳо, чӣ бо лашкар овехтан,

Замона туро дод, гуфтам ҷавоз,
Ҳаме дорӣ аз мардуми хеш роз.

Чу кардӣ ҷаҳон аз бузургон тиҳӣ,
Бияндохтӣ тоҷи шоҳаншаҳӣ,

---

[1] И — он ҷо. [2] И — сараш. [3] Л — ахтару. [4] И — лашкару афсару.
[5] И — Доробу. [6] Л — ҳаме. [7] И — бодаш.

Дарахте, ки киштӣ чу омад ба бор,
Ҳаме хок бинам туро ғамгусор».

Чу тоҷи сипеҳр андар омад ба зер,
Бузургон зи гуфтор гаштанд сер.

Нуҳуфтанд сандуқи ӯро ба хок,
Надорад ҷаҳон аз чунин кор[1] бок.

Зи бод андар орад, барад[2] сӯи дам,
На дод аст пайдо, на хонам[3] ситам.

Наёбӣ ба чуну чаро низ роҳ,
На кеҳтар бад-ин даст ёбад, на шоҳ,

Ҳама некӯвӣ бояду мардумӣ,
Ҷавонмардиву хубиву[4] хуррамӣ.

Ҷуз инат набинам ҳаме баҳрае,
Агар кеҳтаре бошӣ, ар[5] шӯҳрае.

Агар монд эдар зи ту номи зишт,
Наёбӣ, афаллоҳ, хуррамбиҳишт,

Чунин аст расми сарои куҳан,
Сикандар шуду монд эдар сухан.

Чун[6] ӯ сиву шаш подшоро бикушт,
Нигар, то чӣ дорад зи гетӣ ба мушт?

Баровард пурмоя даҳ шорсон,
Шуд он шорсонҳо кунун хорсон.

Биҷуст он ки ҳаргиз наҷустаст кас,
Сухан монд аз ӯ андар офоқу бас.

Сухан беҳ, ки вайрон нагардад сухан,
Чу аз барфу борон сарои куҳан.

---

[1] Л — шарму. [2] И — омад, бишуд. [3] И — Ба дод аст пайдо нишони.
[4] ИЛ — хурдану. [5] Л — кеҳтариву агар. [6] Л — Чу.

Гузаштем аз ин[1] садди Искандарӣ,
Ҳама беҳтарӣ боду некахтарӣ.

Дили шаҳриёри ҷаҳон шод бод,
Зи ҳар бад тани покаш озод бод!

ГИЛА КАРДАНИ ФИРДАВСӢ
АЗ ПИРӢ ВА ДАҲР

Алоё, дилоройи[2] чархи баланд,
Чӣ дорӣ ба пирӣ маро мустаманд?

Чу будам ҷавон бар барам доштӣ,
Ба пирӣ маро хор бугзоштӣ,

Хаме зард гардад гули комгор,
Хаме парниён гардад аз ранҷ хор.

Дутой шуд он сарви нозон ба боғ,
Хамон тира гашт он гиромӣ чароғ.

Пур аз барф шуд кӯҳсори сиёҳ,
Хаме лашкар аз шоҳ бинад гуноҳ.

Ба кирдори модар будӣ то кунун,
Хаме рехт бояд зи ранҷи ту хун.

Вафову хирад нест наздики ту,
Пур аз дардам[3] аз рои торики ту,

Маро пеш ҳаргиз напарвардай,
Чу парварда будӣ, наёзурдай.

Ҳар он гаҳ к-аз ин тирагӣ бугзарам,
Бигӯям ҷафои ту бо доварам.

---

[1] И — в-ин. [2] И — [illegible] баровардa. [3] И — ранҷам.

Бинолам зи ту пеши яздони пок,
Хурӯшону бар сар пароканда хок.

Зи пирӣ маро тангдил дид даҳр,
Ба ман боз дод аз[1] гуноҳаш ду баҳр».

Чунин дод посух сипеҳри баланд,
Ки «эй пири гӯяндаи бегазанд,

Чаро бинӣ аз ман ҳаме неку бад?
Чунин нола аз донишӣ кай сазад?

Ту аз ман ба ҳар борае бартарӣ,
Равонро ба дониш ҳаме парварӣ.

Хӯру хобу рои нишастан туρост,
Ба неку ба бад роҳ ҷустан туρост.

Бад-ин ҳар чи гуфтӣ маро роҳ нест,
Хуру моҳ аз ин дониш огоҳ нест.

Аз он ҷӯй роҳат, ки роҳ офарид,
Шабу рӯзу хуршеду моҳ офарид.

Яке он ки ҳастии ӯ роз нест,
Ба кореш анҷому[2] оғоз нест.[3]

Ман аз офариниш яке бандаам,
Парастандаи офаринандаам.

Нагардам[4] ҳаме ҷуз ба фармони ӯй,
Натобам ҳаме сар[5] зи паймони ӯй.

Ба яздон гирову ба яздон паноҳ,
Бар андоза з-ӯ ҳар чӣ хоҳӣ бихоҳ.

---

[1] И — он. [2] И — фарҷому.
[3] ТПЗМ — Чӣ гӯяд бибош, он чи хоҳад будаст,
Касе к-ӯ ҷуз ин донад, ӯ беҳудаст.
[4] И — Накардам. [5] И — Наёрам гузаштан.

Ҷуз ӯро мадон[1] кирдгори сипеҳр,
Фурӯзандаи моҳу ноҳиду меҳр.

В-аз ӯ бар равони паямбар[2] дуруд,
Ба ёрон-ш бар ҳар яке барфузуд.

## ПОДШОҲИИ АШКОНИЁН

*Дусад сол буд*

### ГУФТОР АНДАР СИТОИШИ СУЛТОН МАҲМУД

Кунун подшоҳи ҷаҳонро ситой,
Ба базму ба разму ба дониш гирой,

Ҷаҳондор Абулқосими пурхирад,
Ки рояш ҳаме аз хирад бар хӯрад.

Ҳаме бод то ҷовидон шоддил,
Зи ранҷу зи ғам гашта озоддил.

Сарафроз Маҳмуди фархундарой
К-аз ӯяст номи бузурги ба пой.

Шаҳаншоҳи Эрону Зобулситон
Зи Қаннуҷ то марзи Қобулситон,

Бар ӯ офарин боду бар лашкараш,
Чи бар хешу бар дудаву кишвараш,

Ҷаҳондор солори ӯ Мири Наср,
К-аз ӯ шодмон аст гиранда аср,

Ки пируз ном асту пирӯзбахт,
Ҳаме бугзарад килки ӯ бар дарахт,

Сипаҳдор чун Булмузаффар бувад,
Сари лашкар аз моҳ бартар бувад.

Ҳамеша тани шоҳ беранҷ бод,
Нишасташ ҳама бар сари ганҷ бод.

Ҳамедун сипаҳдори ӯ шод бод,
Дилаш равшану ганҷаш обод бод.

---

[1] И — махон. [2] И — Мухаммад.

Чунин то ба пой аст гардонсипеҳр,
Аз ин тухма ҳаргиз мабуррод меҳр.

Падар бар падар, бар писар бар писар,
Ҳама тоҷвар боду пирӯзгар!

Гузашта зи шаввол даҳ бо чаҳор,
Яке офарин бод бар шаҳриёр.

Аз ин муждае дод баҳри хироҷ,
Ки фармон буд аз шоҳи бофарру тоҷ.

Ки соле хироҷе нахоҳанд пеш,
Зи диндори бедору аз марди кеш,

Бад-ин аҳди Нӯшервон тоза шуд,
Ҳама кор бар дигар андоза шуд.

Чу ояд бар он рӯзгоре дароз,
Ҳаме густарад чодари дод боз.

Бубинӣ бад-ин доду некӣ гумон,
Ки ӯ хилъате ёбад аз осмон.

Ки ҳаргиз нагардад кӯҳан дар бараш,
Бимонад кулоҳи кай бар сараш.

Сараш сабз боду танаш бегазанд,
Маниш баргузашта зи чархи баланд.

Надорад касе хор фоли маро,
Куҷо бишмарад моҳу соли маро?

Нигаҳ кун, ки ин нома то ҷовидон
Дурафше шавад бар сари бихрадон.

Каюмаррасӣ тухмае гардад ин,
Ки хонанд ҳар кас бар ӯ офарин.

Чунин гуфт Нушервони Кубод,
Ки «чун шоҳро сар бупечад зи дод,

Кунад чарх маншури ӯро сиёҳ,
Ситора нахонад варо низ шоҳ.

Ситам номаи азли шоҳон бувад,
Чу дарди дили бегуноҳон бувад.

Бимонод то ҷовидон ин гуҳар,
Ҳунарманду бодонишу додгар.

Набошад ҷаҳон бар касе пойдор,
Ҳама номи некӣ бувад ёдгор.

Куҷо Офаридуну Заҳҳоку Ҷам,
Меҳони араб, хусравони Аҷам?

Куҷо он бузургони Сосониён,
Зи Баҳромиён то ба Сомониён?

Накӯҳидатар шоҳ Заҳҳок буд,
Ки бедодгар буду нопок буд.[1]

Фаридуни фаррух ситоиш бибурд,
Бимурд ӯву ҷовид номаш намурд.

Сухан монд андар ҷаҳон ёдгор,
Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор.

Ситоиш набурд он ки бедод буд,
Ба тахту ба ганҷи меҳӣ шод буд.

Гусаста шуд андар ҷаҳон коми[2] ӯй,
Нахонад[3] ба гетӣ касе номи[4] ӯй,

Аз ин номаи[5] шоҳи мардумнавоз,
Ки бодо ҳамасола[6] бар тахти ноз.

Ҳама мардум аз хонаҳо шуд ба дашт,
Ниёиш ҳаме з-осмон баргузашт,

---

[1] И — б. 31, 32 нест. [2] И — шуд аз тоҷ номи. [3] И — наҷӯяд.
[4] И — коми. [5] И — ному ин. [6] И — Ҳама сол.

Қи ҷовид бодо сари тоҷдор,
Хуҷаста бар ӯ гардиши рӯзгор,

Зи гетӣ мабинод ҷуз коми хеш,
Набишта бар айвонҳо номи хеш.

Ҳамон дудаву лашкару кишвараш,
Ҳамон хусравиқомату манзараш.

## АШКОНИЁН

*ОҒОЗИ ДОСТОН*

Кунун, эй сароянда фартутмард,
Сӯи гоҳи ашкониён боз гард.

Чӣ гуфтан дар ин номаи бостон,
Ки гӯянда ёд орад аз достон.

Пас аз рӯзгори Сикандар ҷаҳон
Чӣ гӯяд, киро буду тахти меҳон?

Чунин гуфт донанда деҳқони Чоч,
Қ-«аз он пас касеро набуд тахти оҷ.

Бузургон, ки аз тухми Ораш буданд,
Далеру сабуксору саркаш буданд.

Ба гетӣ ба ҳар гӯшае бар[1] яке,
Гирифта зи ҳар кишваре андаке,[2]

Чу бар тахташон шод биншонданд,
Мулуки тавоиф ҳаме хонданд.

Аз ин гуна бугзашт соле дувист,
Ту гуфтӣ, ки андар ҷаҳон[3] шоҳ нест.

Накарданд ёд ин аз он, он аз ин,
Баросуд якчанд рӯи замин.

---

[1] Л — ҳар. [2] И — б. 46, 47 нест. [3] ИЛ — замин.

Сикандар сиголид аз он гуна рой,
Ки то Рум обод монад ба ҷой.

Нахуст Ашк буд аз нажоди Қубод,
Дигар гурд Шопури фаррухнажод.[1]

Дигар буд Гударз аз[2] Ашкониён,
Чу Бежан, ки буд аз нажоди каён,

Чу Насриву чун Урмузди бузург,
Чу Ораш, ки буд номдори сутург,

Чу з-ӯ бугзарӣ, номдор Ардавон,
Хирадманду борою равшанравон.

Дигар буд Гударз аз[2] Ашкониён,
Бубахшид ганҷе ба арзониён.

Варо хонданд Ардавони бузург.
Ки аз меш бугсаст чанголи гург.

Варо буд Шероз бо[3] Исфаҳон,
Ки доната хондиш марзи меҳон,

Ба Истахр буд Бобак аз дасти ӯй,
Ки Таннин хурӯшон буд аз шасти ӯй,

Чу кӯтоҳ шуд шоху ҳам бехашон,
Нагӯяд ҷаҳондида таърихашон.

Аз эшон ба ҷуз ном нашнидаам,
На дар номаи хусравон дидаам.[4]

---

1 Л — хусравнажод; И — деҳқоннажод. 2 Л — Зи як даст Гударзи; И — Ба як даст Гударзи. 3 Л — Шерозу Порс.
4 ТПИМ — Сикандар чу навмед гашт аз ҷаҳон,
Пай афканд рое миёни меҳон.
К-аз он пас нагирад кас аз Рум ёд,
Бимонад яке кишвар ободу шод
Чу доно бувад бар замин шаҳриёр,
Чунин оварад дониши пок бор.

### ХОБ ДИДАНИ БОБАК ДАР ҚОРИ СОСОН

Чу Доро ба разм андарун кушта шуд,
Ҳама дударо рӯз баргашта шуд.

Писар буд мар ӯро яке шодком.
Хирадманду ҷангиву Сосон ба ном,

Падарро бад-он гуна чун кушта дид,
Сари бахти эрониён гашта дид,

Аз он лашкари Рум бугрехт ӯй,
Ба доми бало барнаёвехт ӯй.

Ба Ҳиндустон-дар ба зорӣ бимурд,
Зи Сосон яке кӯдаке монд хурд.

Бар ин ҳамнишон то чаҳорум писар,
Ҳаме ном Сосон-ш кардӣ падар.

Шубонон будандӣ в-агар сорбон,
Ҳамасола бо дарду ранҷи гарон.[1]

Чу назди шубонони Бобак расид,
Ба дашт омаду саршубонро бидид,

Бад-ӯ гуфт: «муздурат ояд ба кор,
Ки эдар гузорад ба бад рӯзгор?

Бипазруфт бадбахтро саршубон.
Ҳаме дошт бо ранҷ рӯзу шабон.

Чу шуд коргармард[2] омад писанд,
Шубон саршубон гашт бар гӯсфанд.

Шабе хуфта буд Бобаки зудьёб,
Чунон дид равшанравонаш ба хоб,

---

[1] ТПИ — Бурун шуд писар ҷуст коре ба ранҷ,
Магар ёбад аз ранҷ подош ганҷ.

[2] Л — коргармарду

Ки Сосон ба пили жиён барнишаст,
Яке теғи ҳиндӣ гирифта ба даст.

Ҳар он кас, ки омад бар ӯ бар фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Заминро ба хубӣ биёростӣ,
Дили тира аз ғам бипе/ ростӣ.

Ба дигар шаб андар чу Бобак бихуфт,
Ҳаме буд бо мағзаш андеша ҷуфт.

Чунин дид дар хоб, к-оташпараст,
Се оташ бибурдӣ фурӯзон ба даст,

Чу Озаргушаспу чу Харроду Меҳр,
Фурӯзон ба кирдори гардонсипеҳр.

Ҳама пеши Сосон фурӯзон будӣ,
Ба ҳар оташе уд сӯзон будӣ.

Сари Бобак аз хоб бедор шуд,
Равону дилаш пур зи бозор[1] шуд.

Ҳар он кас, ки дар хоб доно буданд,
Ба ҳар донише бар тавоно буданд.

Ба айвони Бобак шуданд анҷуман,
Бузургону[2] фарзонаву ройзан.

Чу Бобак сухан баркушод аз нуҳуфт.
Ҳама хоб яксар бад-эшон бигуфт.

Нихода бад-ӯ гӯш посухсарой,
Пурандеша шуд з-он сухан раҳнамой.

Саранҷом гуфт: «эй сарафроз шоҳ,
Ба таъвили ин[3] кард бояд нигоҳ.

---

1 Л — озор; И — ҳамчу бозор. 2 И — Бузургони. 3 И — борики он.

Қасеро, ки диди ту з-инсон[1] ба хоб,
Ба шоҳӣ барорад сар аз офтоб.

Вар[2] эдун, ки ин хоб аз ӯ бугзарад,
Писар бошадаш, к-аз ҷаҳон бар хӯрад».

Чу Бобак шунид ин сухан гашт шод,
Бар андозашон як ба як ҳадья дод.

Бифармуд то саршубон аз рама
Бари Бобак омад ба рӯзи дама.

Биёмад шубон пеши ӯ бо гилем,
Пур аз барф пашмину[3] дил пур зи бим.[4]

Бипардохт Бобак зи бегона ҷой,
Бадар шуд парастандаву раҳнамой.

Зи Сосон бипурсиду бинвохташ,
Бари хеш наздик биншохташ.

Бипурсидаш аз гавҳару аз нажод,
Шубон з-ӯ битарсиду посух надод,

В-аз он пас бад-ӯ гуфт, к-«эй шаҳриёр,
Шубонро ба ҷон гар диҳӣ зинҳор,

Бигӯям зи гавҳар ҳама ҳар чи ҳаст,
Чу дастам бигирӣ ба паймон ба даст,

Ки бо ман насозӣ бадӣ дар ҷаҳон,
На дар ошкоро,[5] на андар ниҳон».

Чу бишнид Бобак забон баркушод,
Зи яздони некидиҳиш кард ёд.

Ки «бар ту насозам ба чизе газанд,
Бидорамт шодондилу арҷманд».

---

[1] Л — аз ин сон. [2] Л — Гар. [3] И — Бар аз барф пашмина.
[4] Л — барфу пашмина дил бар ду ним. [5] Л — бар ошкору.

Ба Бобак чунин гуфт аз он пас шубон,[1]
Ки «ман пури Сосонам, эй паҳлавон,

Набира ҷаҳондор шоҳ Ардашер,
Ки Баҳман-ш хонад ҳаме ёдгир.

Сарафроз пури ял Исфандиёр,
Зи Гуштосп андар ҷаҳон ёдгор».

Чу бишнид Бобак, фурӯ рехт об,
Аз он чашми равшан, ки ӯ дид хоб.

Бад-ӯ гуфт Бобак: «ба гармоба шав,
Ҳаме бош то хилъат оранд нав.

Биёвард пас ҷомаи хусравӣ,
Яке асп бо олати паҳлавӣ.

Яке кохи пурмоя ӯро бисохт,
Аз он саршубонӣ сараш барфарохт,

Чу ӯро бад-он кох-дар ҷой кард,
Ғулому парастанда бо[2] пой кард.

Ба ҳар олате сарфарозиш дод,
Ҳам аз хоста бениёзиш дод.

Бад-ӯ дод пас духтари хешро,
Писандидаву афсари хешро.

ЗОДАНИ АРДАШЕРИ БОБАКОН

Чу нуҳ моҳ бугзашт аз он моҳчеҳр,[3]
Яке кӯдак омад чу тобанда меҳр.

Ҳамонандаи[4] шаҳриёр[5] Ардашер,
Физояндаву фарруху дилпазир.

---

[1] И — пас саршубон; Л — з-он пас чавон. [2] ИЛ — бар [3] ИЛ — хубчеҳр. [4] И — Ба монандаи. [5] Л — номдор.

Ҳамон Ардашераш падар ном кард,[1]
Ба дидори ӯ ромишу ком кард.[2]

Ҳаме парваридаш ба бар барниёз,
Баромад бар ин рӯзгори дароз.

Мар ӯро кунун мардуми тезвер,
Ҳаме хонадаш Бобакон Ардашер.

Биёмӯхтандаш ҳунар ҳар чӣ буд,
Ҳунар низ бар гавҳараш барфузуд.

Чунин[3] шуд ба фарҳангу болову[4] чеҳр,
Ки гуфтӣ, хаме барфурӯзад сипеҳр,

Пас огоҳӣ омад сӯи Ардавон,
Зи фарҳангу аз дониши он ҷавон,

Ки шери жиён аст ҳангоми разм,
Ба ноҳид монад ҳаме рӯзи базм.[5]

Ки «эй марди бо донишу покрой,
Сухангӯву донандаву[6] раҳнамой,[7]

Шунидам, ки фарзанди ту Ардашер,
Саворест гӯяндаву[8] ёдгир.

Чу нома бихонӣ ҳам андар замон,
Фиристаш ба наздики ман[9] шодмон.

Зи бохстаҳо бениёзаш кунам,
Миёни ялон сарфарозаш кунам.

Чу бошад ба наздики фарзанди мо,
Нагӯем, к-ӯ нест[10] пайванди мо».

---

[1] Л — кард ном. [2] Л — Ки бошад ба дидори у шодком. [3] ИЛ — Чунон. [4] Л — дидору.
[5] ЛМ — Пас аз б. 119 ин б. омада:

Яке нома бинвишт пас Ардавон,
Сӯи Бобаки номвар паҳлавон.

[6] И — бо донишу. [7] Л — бо ному покизарой. [8] И — Ҷавонест бодонишу. [9] Л — мо. [10] И — Бигуям, ки ӯ хаст; Л — Бигуем, к-ӯ ҳаст.

Чу он номаи шоҳ Бобак бихонд,
Басе хун зи мижгон ба рух барфишонд.

Бифармуд то пеши ӯ шуд дабир,
Ҳамон наврасида ҷавон[1] Ардашер.

Бад-ӯ гуфт, к-«ин номаи Ардавон,
Бихону нигаҳ кун ба равшанравон.

Ман инак яке нома наздики шоҳ
Нависам, фиристам яке некхоҳ.

Бигӯям, ки инак дилу дидаро,
Диловар ҷавони писандидаро

Фиристодаму низ додам-ш панд,
Чу ояд бад-он боргоҳи баланд,

Ту он кун, ки аз расми шоҳон сазад,
Набояд, ки боде бар ӯ барвазад.

Дари ганҷ букшод Бобак чу бод,
Ҷавонро зи ҳар гунае ҳадья дод.

Зи фарзанд чизе набудаш[2] дареғ,
Зи зарринситому зи гуполу теғ.

Зи динору дебову аспу раҳӣ,
Зи чиниву зарбафти шоҳаншаҳӣ

Биёвард, бинҳод пеши ҷавон,
Ҷавон шуд парастандаи Ардавон.[3]

Басе ҳадьяҳо низ бо Ардашер
Фиристоду[4] динору мушку абир.

Зи пеши ниё кӯдаки некпай
Ба даргоҳи шоҳ Ардавон шуд ба Рай.

---

[1] И — ба дахр. [2] Л — чизаш наёмад. [3] Л — Ҳамон олати ҳарбу тоҷи гавон. [4] ИЛ — Зи дебову.

ОМАДАНИ АРДАШЕРИ БОБАКОН
БА ДАРГОҲИ АРДАВОН

Чу омад ба наздикии боргоҳ,
Бигуфтанд бо шоҳ аз он борхоҳ.

Ҷавонро ба меҳр Ардавон пеш хонд,
Зи Бобак фаровон суханҳо биронд.

Ба наздикии тахт биншохташ,
Ба барзан яке ҷойгаҳ сохташ.

Фиристод ҳар гунае хӯрданӣ,
Зи пӯшиданӣ, ҳам зи густурданӣ,

Худу номдорон биёмад ҷавон,
Ба ҷое, ки фармуда буд Ардавон.

Чу курсӣ ниҳод аз бари чарх шед,
Ҷаҳон гашт чун рӯи румӣ сапед.

Парастандае пеш хонд Ардашер,
Ҳамон ҳадьяҳое, ки буд ногузир.

Фиристод наздики шоҳ Ардавон,
Фиристода шуд бо яке паҳлавон.[1]

Бидид Ардавону писанд омадаш,
Ҷавонмардро судманд омадаш.

Писарвор меҳтар ҳаме дошташ,
Замоне ба тимор нагзошташ.

Ба майхӯрдану хону нахчиргоҳ
Нарафтӣ ба ҷуз бо ҷавонмард шоҳ.

Ҳаме дошташ ҳамчу пайванди хеш,
Ҷудоӣ надодаш зи фарзанди хеш.

---

[1] Л — Фиристодаи Бобаки Ардавон.

Чунон буд, ки рӯзе ба[1] нахчиргоҳ,
Пароканда шуд лашкару пури шоҳ.

Писар буд мар Ардавонро чаҳор,
Аз он ҳар яке чун яке шаҳриёр.

Ҳаме ронд бо Ардавон Ардашер,
Ҷавонмард буд шоҳро дилпазир.[2]

Ба ҳомун падид омад аз дур гӯр,
Аз он лашкари гашн бархост шӯр.

Ҳама бодпоён барангехтанд,
Ҳаме гард бо хай баромехтанд.

Ҳаме тохт пеш андарун Ардашер,
Чу наздик шуд, бар камон ронд[3] тир.

Бизад бар сурини яке гӯри нар,
Гузар кард бар гӯр пайкону пар.

Биёмад ҳам андар замон Ардавон,
Ба дидори афканда гӯри жиён.[4]

Ба тире чунин гӯр, к-афканд,[5] гуфт
Ки «бо дасти он кас равон бод ҷуфт».

Чунин дод посух бад-ӯ Ардашер,
Ки «ин гӯрро ман фикандам ба тир».

Писар гуфт, к-«инро ман афкандаам,
Ҳамон ҷуфтро низ ҷӯяндаам».

Чунин дод посух бад-ӯ Ардашер,
Ки дашти фароз[6] асту ҳам гӯру тир.

---

1 Л — зи. 2 Л — б. 152 нест. 3 Л — Чу шуд танг бар гур букшод. 4 Л — Бидид он кушоду бари он ҷавон; И — Бад-он баркушода забон бар ҷавон. 5 И — яке гӯр афганда. 6 ИЛ — фарох.

Яке дигар афкан бар ин ҳамнишон,
Дуруғ аз гуноҳ аст бо саркашон.

Пур аз хашм шуд з-Ардашер[1] Ардавон,
Яке бонг барзад ба марди ҷавон.

Бад-ӯ тунд гуфт, «ин гуноҳи ман аст,
Ки парвардан оину роҳи ман аст!

Туро худ ба базму ба нахчиргоҳ
Чаро бурд бояд ҳаме бо сипоҳ?

Бад-он то зи фарзанди ман бугзарӣ,
Баландӣ гузиниву кундоварӣ.

Бирав тозиаспони моро бубин,
Ҳамон ҷойгаҳ бар[2] сарое гузин.

Бар он охури асп солор бош,
Ба ҳар кор бо ҳар касе ёр бош!»

Биёмад пур аз оби чашм Ардашер,
Бар он охури тозиаспон амир.

Ки моро чӣ пеш омад аз Ардавон,
Ки дарди танаш боду ранҷи равон.

Яке нома бинвишт назди ниё,
Пур аз ғам дилу сар пур аз кимиё.

Ҳама ёд кард он куҷо рафта буд,
Ки шоҳ Ардавон аз чӣ ошуфта буд?

Чу он нома наздики Бобак расид,
Накард ин[3] сухан ҳеҷ бар кас падид.

Дилаш гашт аз он кор пурдарду ранҷ,
Биёвард динор чанде зи[4] ганҷ.

---

1 Л — з-он сухан. 2 И — Ҳамон ҷо, ки рафтӣ. 3 ИЛ — он. 4 Л — чанде зи динору; И — чандеву.

Фиристод наздики ӯ дах ҳазор,
Ҳаюне барафканду[1] марде савор.

Бифармуд то пеши ӯ шуд дабир,
Яке нома фармуд зӣ Ардашер,

Ки «эй камхирад наврасида ҷавон,
Чу рафтӣ ба нахчир бо Ардавон,

Чаро тохтӣ пеши фарзанди ӯй?
Ту аз чокаронӣ,[2] на пайванди ӯй!

Накард ӯ ба ту ҳеҷ гуна бадӣ,
Ки худ кардаӣ ту зи нобихрадӣ!

Кунун кому хушнудии ӯ биҷӯй.
Магардон зи фармони ӯ ҳеҷ рӯй!

Зи динор лахте фиристодамат,
Ба нома дарун пандҳо додамат.

Ҳар он гаҳ, ки ин моя бурдӣ ба кор,
Дигар хоҳ то бугзарад рӯзгор».

Таковар ҳаюн бо ҷаҳондида пир
Биёмад давон то бари Ардашер.

Чу он нома бархонд, дилтанг[3] шуд,
Дилаш сӯи найрангу авранг[4] шуд.

Ба наздики аспон сарое гузид,
На андархури хеш ҷое гузид.

Бигустурд ҳар гуна густурданӣ,
Зи пӯшиданиҳову аз хӯрданӣ,

Шабу рӯз хӯрдан будӣ кори ӯй,
Маю руду ромишгарон ёри ӯй.

[1] ИЛ — барафганд. [2] Л — Парастандаӣ ту. [3] Л — хурсанд.
[4] Л — авранд.

## ДИДАНИ ГУЛНОР АРДАШЕРРО ВА МУРДАНИ БОБАК

Яке кох буд Ардавонро баланд,
Ба кох андарун бардае арҷманд,

Ки Гулнор буд номи он моҳрӯй,
Нигоре пур аз гавҳару рангу бӯй.

Бари Ардавон ҳамчу дастур буд,
Бар он хоста низ ганҷур буд.

Бар ӯ-бар гиромитар аз ҷон будӣ,
Ба дидори ӯ шоҳ[1] хандон будӣ.

Чунон буд, ки як рӯз дидаш зи бом,
Дилаш гашт аз он хуррамӣ шодком.

Нигаҳ кард хандон лаби Ардашер,
Ҷавон бар дили моҳ шуд ҷойгир.

Ҳаме буд то рӯз торик шуд,
Ҳамоно ба шаб рӯз наздик шуд,

Каманде бад-он кунгура дар бубаст,
Гиреҳ зад бар ӯ чанду бибсуд даст.

Ба густохӣ аз бора омад фуруд,
Ҳаме дод некидиҳишро дуруд.

Чу омад хиромон бари Ардашер,
Пур аз гавҳару бӯи мушку абир.

Зи болини дебо сараш баргирифт,
Чу бедор шуд танг дар бар гирифт.

Нигаҳ кард барно бад-он хубрӯй,
Бад-он мӯву он рӯву он рангу бӯй.

---

1 ИЛ — шоду.

Бад-он моҳ гуфт: «аз куҷо хостӣ,
Ки пурғам диламро биёростӣ».

Чунин дод посух, ки «ман бандаам,
Дилу ҷон зи меҳри ту огандаам.[1]

Биёям, чу хоҳӣ ба наздики ту,
Дурахшон кунам рӯзи торики ту.[2]

Чу лахте баромад бар ин рӯзгор,
Шикаст андар омад ба омӯзгор.

Ҷаҳондида[3] бедор Бобак бимурд,
Сарои кӯҳан дигареро супурд,

Чу огоҳӣ омад суи Ардавон,
Пур аз ғам шуду тира гашташ равон.[4]

Гирифтанд ҳар меҳтаре ёд Порс,
Сипаҳбад ба меҳтарписар дод Порс.

Бифармуд то кӯс берун барад,
Зи даргоҳ лашкар ба ҳомун барад.

Ҷаҳон тира шуд бар дили Ардашер,
Аз он шоҳи равшандили дастгир.[5]

Дил аз лашкари Ардавон баргирифт,
В-аз он огаҳӣ рои дигар гирифт.

Ки аз дарди ӯ буд дилаш пурситез,
Зи ҳар сӯ ҳаме ҷуст рози[6]*[1] гурез.

---

1 ТПЗЛ — Диломому ганҷури шоҳ Ардавон,
Ки аз ман бувад шоду равшанравон.
Кунун гар пазирӣ маро*, бандаам,
Ба гетӣ ба дидори ту зиндаам.

2 ТПМ — Аз он шодмон шуд дили Ардашер,
Ба дидори он дилбари дилпазир.

3 ИЛ — Чаҳондори. 4 И — ҷонаш аз он. 5 И — равшандилу ёдгир.

6 ИЛ — роҳи.

* Л — туро

* 1М — рои

В-аз он пас чунон буд, ки шоҳ Ардавон —
Аз ахтаршиносони равшанравон,

Биёвард чанде ба даргоҳи хеш,
Ҳаме бозҷуст ахтару роҳи хеш.

Ҳамон низ аз[1] гардиши рӯзгор,
Аз он пас киро бошад омӯзгор.

Фиристодашон назди Гулнор шоҳ,
Бад-он то кунад ахтаронро нигоҳ.[2]

Се рӯз андар он кор шуд рӯзгор.
Нигаҳ карда шуд ахтари шаҳриёр.

Чу Гулнор[3] бишнид овозашон,
Сухан гуфтан аз ахтару[4] розашон.

Ба се рӯз то шаб гузашта се пос,
Қанизак напардохт[5] аз ахтаршинос.

Пур аз орзӯ дил, забон пур зи бод,
Ҳаме дошт гуфтори эшон ба ёд.

Чаҳорум бишуд марди равшанравон,
Ки бикшояд он роз бар Ардавон.

Бирафтанд бо зичҳо дар канор,
Зи кохи канизак бари шаҳриёр.

Бигуфтанд рози сипеҳри баланд,
Ҳамон кори ӯ бар чиву чуну чанд.

Қ-аз ин пас кунун то на бас рӯзгор
Зи чизе бупечад дили шаҳриёр,

---

[1] И — Ҳама низ бо; Л — бо. [2] И — б. 214 нест. [3] Л — ганчур.
[4] И — гуфтану толеи; Л — толеъву. [5] Л — бипардохт.

Қи бугрезад аз меҳтаре кеҳтаре,
Сипаҳбаднажодеву[1] кундоваре,

В-аз он пас шавад шаҳриёре баланд,
Ҷаҳондору некахтару судманд.[2]

Дили номвар меҳтари некбахт,
Зи гуфтори эшон ғамӣ гашт сахт.

ГУРЕХТАНИ АРДАШЕР БО ГУЛНОР

Чу шуд рӯи кишвар ба кирдори қир,
Қанизак биёмад бари Ардашер.

Чу дарьё барошуфт марди ҷавон,
Қи як рӯз нашкебад аз Ардавон.

Қанизак бигуфт он чи равшанравон
Ҳаме гуфт бо номвар Ардавон.

Сухан чун зи Гулнор аз он сон шунид,
Шикебоиву хомӯшӣ баргузид.

Дили марди барно шуд аз гуфта тез,
В-аз он пас фузун ҷуст роҳи гурез.

Бад-ӯ гуфт: «гар ман ба Эрон шавам,
Зи Рай суи шаҳри далерон шавам,

Ту бо ман сиголӣ, ки ой ба роҳ,
Гар эдар бибошӣ ба наздики шоҳ?

Агар бо ман ой, тавонгар шавӣ,
Ҳамон бар сари кишвар афсар шавӣ».

Чунон дод посух, ки «ман бандаам,
Набошам ҷудо аз ту то зиндаам».

---

1 Л — Сипаҳбаднажоде зи. 2 Л — Ҷаҳонро бигирад ба ҳамми каманд.

Ҳаме гуфт бо лаб[1] пур аз боди сард,
Фуру рехт аз дидагон оби зард.

Чунин гуфт бо моҳрӯй Ардашер,
Ки «фардо бибояд шудан ногузир».

Қанизак биёмад ба айвони хеш,
Ба каф барниҳода сару ҷони хеш.

Чу шуд руи гетӣ зи хуршед зард,
Ба хам андар омад шаби лоҷвард,

Қанизак дари ганҷҳо боз кард,
Зи ҳар гавҳаре ҷустан оғоз кард.

Зи ёқуту аз гавҳари шоҳвор,
Зи динор чандон, ки будаш ба кор.

Биёмад ба ҷое, ки будаш нишаст,
Бад-он хона бинҳод гавҳар ба даст.[2]

Ҳаме буд то шаб баромад зи кӯҳ,
Бихуфт Ардавон ҷой шуд бегурӯҳ.

Зи айвон биёмад ба кирдори тир.
Биёвард гавҳар бари Ардашер.

Ҷаҳонҷуйро дид ҷоме ба даст,
Нигаҳбони аспон ҳама хуфта маст.[3]

Ду аспи гаронмоя карда гузин,[4]
Бар охур ниҳода ҳамон[5] зери[6] зин.

---

1 И — он.
2 ТПИМ — Ҳаме буд аз он кор бо ранҷу дард,
Зи ҳар гуна андешаҳо ёд кард.
Ки то чун гурезад зи шоҳ Ардавон,
Чи гуна шавад кори у бо ҷаҳон.
3 ТПМ — Куҷо мастошон карда буд Ардашер,
Ки у хост рафтан ба шаб ногузир.
4 Л — карданд зин; И — ба зин. 5 Л — чарон ҳамчунон. 6 И — пеш аз.

Ҷаҳонҷӯй чун рӯи Гулнор дид,
Ҳамон гавҳари сурху динор дид,[1]

Ҳам андар замон пеш бинҳод ҷом,
Бизад бар сари тозиаспон лагом.[2]

Бипӯшид хафтону худ барнишаст,
Яке теғи заҳробдода ба даст.

Ҳамон моҳрух бар дигар борагӣ
Нишасту бирафтанд якборагӣ.

Аз айвон сӯи Порс бинҳои рӯй,
Ҳаме рафт шодондилу роҳҷӯй,

### ОГОҲӢ ЁФТАНИ АРДАВОН АЗ ҚОРИ ГУЛНОР ВА АРДАШЕР

Чунон буд, ки бе моҳрух[3] Ардавон
Набудӣ шабу рӯз равшанравон.

Зи дебо набардоштӣ дӯшу ёл,
Магар чеҳри Гулнор дидӣ ба фол.

Чу омад-ш ҳангоми бархостан,
Ба дебо сари гоҳаш оростан,

Қанизак наёмад ба болини ӯй,
Барошуфту печон шуд аз кини ӯй.

Ба дар бар сипоҳ истода ба пой,
Биёроста тоҷу тахту сарой.

Зи даргоҳ бархост солори бор,
Биёмад бари номвар шаҳриёр.

---

[1] ТПИМ — Ҳаме гуфт, к-«Акнун бибояд шудан,
Набояд ба андуҳ фузун з-ин будан*,
Магар ёбам аз ҷанги ин аждаҳо
Бад-ин рузгори ҷавонӣ раҳо».

[2] И — б. 247 нест.

[3] Л — моҳрӯй.

Бад-ӯ гуфт: «гарданкашон бар даранд,
Ҳар он кас куҷо меҳтари кишваранд».

Парастандагонро чунин гуфт шоҳ,
*Ки «гулнорро аз чӣ баст аст роҳ?*

Чаро ӯ наёяд ба болини ман?
Магар бошад андар дилаш кини ман?»[1]

Биёмад ҳамон гоҳ меҳтар дабир,
Ки «рафтаст бегоҳ дӯш Ардашер.

Або худ[2] бибурдаст хингу сиёҳ,
Ки буд бораи номбардор шоҳ.

Ҳам он гоҳ шуд шоҳро дилпазир,
Ки ганҷури ӯ рафт бо Ардашер.

Дили марди ҷангӣ баромад зи ҷой,
Ба болои бур[3] андаровард пой.[4]

Саворони ҷангӣ фаровон[5] бибурд,
Ту гуфтӣ «ҳама роҳ оташ сипурд.[6]

Ба раҳ-бар[7] яке номвар дид ҷой,
Басе андар ӯ мардуму чорпой.

Бипурсид аз эшон, ки «шабгир ҳур
Шунидед овози наъли сутур?

Ду тан баргузаштанд пӯён ба роҳ?
Яке бораи хингу дигар сиёҳ?»

Яке гуфт аз эшон, ки «эдар гузашт,
Ду тан бо ду асп андар омад ба дашт.

---

[1] Л — б. 258, 259 нест. [2] Л — В-аз охур. [3] Л — асп [4] И — б. 263 нест. [5] Л — Фаровон саворони ҷангӣ. [6] Л — Ҳаме бора оташ сипурд; И — Ҳаме бора оташ ситурд. [7] И — Ба деҳ бар.

Ба думми саворон яке ғурми пок,
Чу аспе ҳаме барпароканда хок».

Ба дастур гуфт он замон Ардавон,
Ки «ин ғурм боре[1] чаро шуд давон?»

Чунин дод посух, ки «он фарри ӯст,
Ба шоҳиву некахтарӣ парри ӯст.

Гар ин[2] ғурм дарьёбад ӯро, матоз,
Ки ин кор гардад бари[3] мо дароз».

Фуруд омад ин ҷойғаҳ Ардавон,
Бихӯрду баросуду омад давон.

Ҳаме тохтанд аз паси Ардашер,
Ба пеш андарун Ардавону вазир,

Ҷавон бо канизак чу боди дамон
Напардохт аз тохтан як замон.

Қиро ёр бошад сипеҳри баланд,
Бар ӯ-бар зи душман наёяд газанд.

Аз ин тохтан ранҷа шуд Ардашер,
Бидид аз баландӣ яке обгир.

Ҷавонмард пуён ба Гулнор гуфт,
Ки «акнун, ки бо ранҷ гаштем ҷуфт,

Бибояд бари чашма омад фуруд,
Қи шуд бораву мард бетору пуд.

Бибошем бар обу чизе х[в]арем,
В-аз он пас ба осудагӣ бугзарем.

Чу ҳар ду расиданд наздики об,
Ба зардӣ ду рухсора чун офтоб,

1 И — бо вай. 2 Л — он. 3 Л — ба мо бар.

Ҳаме хост омад фуруд Ардашер,
Ду марди ҷавон дид бар обгир.

Ҷавонон ба овоз гуфтанд, зуд
Инону рикобат бибояд бисуд.

Ки растӣ зи кому дами аждаҳо,
Кунун истодан наёрад баҳо.

Набояд, ки ой ба хӯрдан фуруд,
Тани хешро дод бояд дуруд.

Чу аз пандгӯй он шунид Ардашер,
Ба Гулнор гуфт: «ин сухан ёд гир».

Рикобаш гарон шуд, сабук шуд инон,
Ба гардун[1] баровард рахшон синон.

Пас андар чу боди давон[2] Ардавон,
Ҳаме тохт бо ранҷ[3] тираравон.

Бад-он гаҳ, ки бугзашт[4] ниме зи рӯз,
Фалакро бипаймуд гетифирӯз.

Яке шорсон дид[5] бо рангу бӯй,
Басе мардум омад ба наздики ӯй.

Чунин гуфт бо мӯбадон номдор,
Ки «кай баргузашт он набардасавор?»[6]

Чунин дод посух бад-ӯ раҳнамой,
Ки« эй шоҳи некахтари покрой,

Бад-он гаҳ ки хуршед баргашт зард,
Бигустурд чодар шаби ложвард,

Бар ин шаҳр бугзашт пуён ду тан,
Пур аз гарду беоб гашта даҳан.

---

[1] ИЛ — гардан. [2] ИЛ — дамон. [3] Л — ҳамвора. [4] ИЛ — бигзашт. [5] И — буд. [6] Л — ин диловарсавор; И — чун баргузашт ин набардасавор.

Яке ғурм тозон зи думми савор,
Ки чун ӯ надидам бар айвон нигор».[1]

Чунин гуфт бо Ардавон кадхудой,
Ки «эдар магар бозгардӣ ба ҷой,

Сипаҳ созиву сози ҷанг оварӣ,
Ки акнун дигаргуна шуд доварӣ,

Ки бахташ паси пушти ӯ дарнишаст,
Аз ин тохтан бод монад ба даст».

Яке нома бинвис назди писар,
Ба нома бигӯ ин сухан сарбасар.

Нишоне биёбад магар з[2]-Ардашер,
Набояд, ки гардад ҳамон ғурм шер.[3]

Чу бишнид аз ӯ Ардавон ин сухан,[4]
Бидонист, к-овози ӯ шуд куҳан.[5]

Бад-он шорсон андар омад фуруд,
Ҳаме дод некидиҳишро дуруд.

### НОМА НАВИШТАНИ АРДАВОН БА БАҲМАН ПИСАРИ ХУД ДАР БОРАИ ГИРИФТАНИ АРДАШЕР

Чу шаб рӯз шуд бомдоди пагоҳ,
Бифармуд то бозгардад сипоҳ.

Биёмад ду рухсора ҳамранги най,
Чу шаб тира гашт андар омад ба Рай.

---

1 ТПМ — Чу симурғ болу чу товус дум,
Чу рахши диловар сару гӯшу сум,
Ба ранг арғувону ба так тундбод,
Надорад бар он сон касе ғурм ёд.

2 Л — магар ёбад аз. 3 Л — набояд, ки ӯ душад аз ғурм шир.

4 Л — ин сухан Ардавон. 5 Л — к-ӯро сар омад замон.

Яке нома бинвишт назди писар,
Ки каҷкӣ ба тоҷ андар овард сар.

«Чунон шуд зи болини мо Ардашер,
К-аз он сон нарафт аз камон ҳеҷ тир.

Сӯи Порс омад, биҷӯяш ниҳон,
Магӯй ин сухан бо кас андар ҷаҳон.

## ГИРД КАРДАНИ ЛАШКАР АРДАШЕР

Аз ин сӯ ба дарьё расид Ардашер,
Ба яздон чунин гуфт, к-«эй дастгир,

Ту кардӣ маро эмин аз бадкунаш,
Ки ҳаргиз мабинод некӣ танаш!

Баросуду маллоҳро пеш хонд,
Зи кори гузашта фаровон биронд.

Нигаҳ кард фарзона маллоҳи пир,
Ба болову чеҳру[1] бари Ардашер.

Бидонист к-ӯ нест ҷуз кайнажод,
Зи фарру зи авранди ӯ гашт шод.

Биёмад ба дарьё ҳам андар шитоб,
Зи ҳар сӯ барафканд заврақ бар об.

Аз огоҳии номдор Ардашер,
Сипоҳ анҷуман шуд дар он обгир.

Ҳар он кас, ки буд бобакӣ дар Ситахр,
Ба огоҳии шоҳ карданд фахр.

Дигар ҳар кӣ аз тухми Доро буданд,
Ба ҳар кишваре бо мадоро буданд,

---

[1] И — чеҳра.

Чу огоҳ гаштанд аз Ардашер,
Зи шодӣ ҷавон шуд дили марди пир.

Ҳаме рафт мардум зи дарьёву кӯҳ,
Ба наздики барно гурӯҳо гурӯҳ.

Зи ҳар шаҳр фарзонаву ройзан,
Ба назди ҷаҳонҷӯй гашт анҷуман.

Забон баркушод Ардашери ҷавон,
Қи «эй номдорони равшанравон,

Қасе нест з-ин номдор анҷуман,
Зи фарзонаву мардуми ройзан,

Қи нашнид, к-Искандар андар ҷаҳон,
Чӣ кард аз фурумоягони меҳон.[1]

Ниёкони моро якояк бикушт,
Ба бедодӣ овард гетӣ ба мушт.

Чу ман бошам аз тухми Исфандиёр,
Ба марз андарун Ардавон шаҳриёр?!

Сазад гар мар инро нахонем дод,
В-аз ин достон кас нагирем ёд.

Чу бошед бо ман бад-ин ёрманд,
Намонам ба кас ному тахти баланд.

Чӣ гуеду инро чӣ посух диҳед?
Маро андар ин рои фаррух ниҳед.

Ҳар он кас, ки буд андар он анҷуман,
Зи шамшерзан марду аз ройзан,

Чу овоз бишнид бар пой хост,
Ҳама рози дил боз гуфтанд рост.

[1] И — б. 322 нест.

Ки ҳар кас, ки ҳастем бобакнажод,
Ба дидори чеҳри ту гаштем шод.

Ва дигар, ки ҳастем сосониён,
Бубандем кинро камар бар миён.

Тану ҷони мо сарбасар пеши туст,
Ғаму шодмонӣ ба кам беши туст.

Ба ду гавҳар аз ҳар касе бартарӣ,
Сазад бар ту шоҳиву кундоварӣ.

Ба фармони ту кӯҳ ҳомун кунем,
Ба теғ оби дарьё ҳама хун кунем.

Чу посух бад-он сон шунид Ардашер,
Сараш бартар омад зи ноҳиду тир.

Бар он меҳтарон офарин густарид,
Ба дил-бар ба андеша кин густарид.

Ба наздики дарьё яке шорсон
Пай афканду шуд шорсон корсон.

Яке мӯбаде гуфт бо Ардашер,
Ки «эй шоҳи некахтари дилпазир,

Сари шаҳриёрӣ ҳаме нав кунӣ,
Тани[1] Порс бояд, ки беҳав кунӣ.

В-аз он пас кунӣ разм бо Ардавон,
Ки ахтар ҷавон асту хусрав ҷавон.

Ки ӯ аз мулуки тавоиф ба ганҷ,
Фузун асту з-ӯ бинӣ андӯҳу ранҷ

Чу бардоштӣ гоҳи ӯро зи ҷой,
Надорад касе з-он сипас бо ту пой».

---

1 Л — Бари

Чу бишнид гарданфароз Ардашер
Суханҳои боистаи[1] дилпазир,

Чу барзад сар аз теғи кӯҳ офтоб,
Ба сӯи Ситахр омад аз пеши об.

Хабар шуд бари Баҳмани Ардавон,
Дилаш гашт пурдарду тираравон.

Накард эч бар тахти шоҳӣ диранг,
Сипоҳе[2] биёвард бо сози чанг,

ЧАНГ КАРДАНИ АРДАШЕР БО БАҲМАН
ВА ФИРӮЗӢ ЁФТАН

Яке номвар буд номаш Табок
Або олату лашкару рои пок.

Ки бар шахри Чахрам буд ӯ подшо,
Чахондида, бododу фармонраво.

Мар ӯро хучаста писар буд хафт,
Чу огаҳ шуд, аз пеши Баҳман бирафт.

Биёмад сӯи номвар Ардашер,
Або лашкару кӯсу бо дору гир.

Чу чашмаш ба рӯи[3] сипахбад расид,
Зи асп андар омад чунон чун сазид.

Биёмад замон пои ӯ буса[4] дод,
Зи Сосони пешин яке кард ёд.

Фаровон чахончӯи бинвохташ,
Ба зуд омадан арҷ[5] бишнохташ.

---

[1] И — боиставу. [2] И — Сипахро. [3] Л — сӯй. [4] Л — буе. [5] Л — зуд.

Валекин пурандеша шуд[1] аз Табок,
Дилаш гашт аз он пир пуртарсу бок.

Ба роҳ андар аз пир ожир буд,
Ки бо ӯ сипоҳе ҷаҳонгир буд.

Ҷаҳондида бедордил буд пир,
Бидонист андешаи Ардашер.

Биёмад, биёвард[2] Устову Занд,
Чунин гуфт, к-аз кирдори баланд,

Буридаст бемоя ҷони Табок,
Агар нест аз бад дилаш бо ту пок.

Чу огоҳӣ омад зи шоҳ Ардашер,
Ки овард лашкар бад-он обгир,

Чунон сер гаштам зи шоҳ[3] Ардавон,
Ки аз пирзан гашт марди ҷавон.

Маро некдил,[4] меҳрбон банда дон,
Шикебодилу роздоранда[5] дон».

Чу бишнид аз ӯ Ардашер ин сухун,
Яке дигар андеша афканд бун.

Мар ӯро ба ҷои падар доштӣ,
Бар он номдорон-ш сар доштӣ.

Дили шоҳ аз андеша озод шуд,
Сӯи озари Ромхаррод[6] шуд.

Ситоиш[7] ҳаме кард пеши Худой,
Ки бошад[8] бари некӯвӣ раҳнамой,

---

1 Л — номҷӯй. 2 Л — Биёварду бинҳод. 3 Л — ман аз. 4 ИЛ — некпай. 5 ИЛ — роздонанда. 6 Л — озар ороми Харрод. 7 ИЛ — Ниёиш. 8 ИЛ — бошад-ш.

Ба ҳар кор пирӯзгар дорадаш,
Дарахти бузургӣ ба бар дорадаш,

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба пардасарой,
Араз пеши ӯ рафт бо кадхудой.[1]

Сипаҳро дирам доду обод кард,
Зи додори некидиҳиш ёд кард.

Чу[2] шуд лашкаре чун диловар паланг,[3]
Сӯи Баҳмани Ардавон шуд ба ҷанг.

Чу гаштанд наздик бо якдигар,[4]
Бирафтанд гурдони пархошхар.

Сипоҳ аз ду рӯя кашиданд саф,
Ҳама найзаву теғи ҳиндӣ ба каф.

Чу шерони ҷангӣ баровехтанд,
Чу ҷӯн равон хун ҳаме[5] рехтанд.

Бар ин гуна то гашт хуршед зард,
Ҳаво пур зи гарду замин пур зи мард.

Чу шуд чодари чарх пирӯзранг,
Сипоҳи Табок андар омад ба ҷанг.

Баромад яке боду абре[6] чу қир.
Биёмад зи гарди сипоҳ Ардашер.

[illegible] Баҳмани Ардавон,
Танаш[7] хаста аз тиру тира равон.

---

[1] [illegible] — [illegible] ҳаме баршумурд.
[illegible] то кист солору гурд.
[illegible] панҷаҳ ҳазор,
[illegible] мардони ханҷаргузор.
[illegible] пурсид ном,
[illegible] лашкари гашн шуд шодком.
[2] [illegible] [3] [illegible] — лашкараш чун диловар наҳанг. [4] Л — як бо дигар. [5] Л — [illegible] ҳаме чун хун. [6] Л — гарде. [7] Л — тани.

Пас андар ҳаме тохт шоҳ Ардашер,
Або нолаи буқу борони тир.

Бар ин ҳамнишон то ба шаҳри Ситахр,
Ки Баҳман бад-ӯ доштӣ тоҷу[1] фахр.

Зи гетӣ чу бархост овози шоҳ,
Зи ҳар сӯ бипайваст бемар сипоҳ.

Мар ӯро фаровон намуданд ганҷ,
Куҷо Бобак[2] оганда буд он ба ранҷ.

Дирамҳои огандаро барфишонд,
Ба неру шуд аз Порс' лашкар биронд.

ҶАНГИ АРДАШЕР БО АРДАВОН
ВА КУШТА ШУДАНИ АРДАВОН

Чу огоҳӣ омад сӯи Ардавон,
Дилаш гашт пурбиму тира равон,

Чунин гуфт, к-«ин рози' чархи баланд
Ҳаме гуфт бо ман худованди панд.

Ҳар он бад[3] к-аз андеша берун шавад,
Зи бахшаш ба кӯшиш гузар чун шавад.

Гумоне набурдам, ки аз Ардашер
Яке номҷӯй ояду шаҳргир.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Сипаҳ баргирифту буна барниҳод.

Зи Гилу зи Дайлам биёмад сипоҳ,
Ҳаме гарди лашкар баромад ба моҳ.

В-аз он рӯи лашкар биёвард шоҳ,
Сипоҳе ки бар бод барбаст роҳ.

---

1 Л — овозу. 2 ИЛ — Баҳман. 3 И — Ҳар он кас.

Миёни ду лашкар ду партоб монд,
Ба хок андарун мор бехоб монд.

Зи бас нолаи кӯс бо каррной,
Ҷарангидани зангу ҳиндидарой.

Хурӯшон сипоҳу дурафшон дурафш,
Сарафшон шуда теғҳои бунафш.

Чиҳил рӯз аз ин сон ҳаме ҷанг буд,
Бар он зердастон ҷаҳон танг буд.[1]

Зи бас кушта шуд рӯи ҳомун чу кӯҳ,
Шуда хаста аз зиндагонӣ сутӯҳ.

Саранҷом абре баромад сиёҳ,
Бишуд кӯшиши размро дастгоҳ,

Яке бод бархост бас ҳавлнок,
Дили ҷангиён шуд аз он пур зи бок

Битавфид[2] кӯҳу бидаррид дашт,
Хурӯшаш ҳаме аз ҳаво баргузашт.

Битарсид аз он лашкари Ардавон,
Шуданд андар ин яксухан[3] якзабон.[4]

Ки ин кор бар Ардавон эзадист,
Бар ин лашкар акнун бибояд гирист.

Ба рӯзе куҷо сахт шуд корзор,
Ҳама бихрадон хостанд зинҳор.

Биёмад зи қалби сипоҳ Ардашер,
Чакочок[5] бархосту борони тир.

---

1 ТПИЛ — Зи ҳар гунае танг шуд хӯрданӣ,
Ҳамон танг шуд роҳи овярданӣ.

2 И — Битаркид. 3 И — якдилу. 4 ҳамзабон. 5 Л — Куҷо хок.

Гирифтор шуд дар миён Ардавон,
Бидод аз паи тоҷ ширинравон.

Ба дасти яке мард Харрод ном
Чу бигрифт бурдаш гирифта лагом,

Бибурдаш ба пеши ҷаҳонҷӯ асир,
Зи дур Ардавонро бидид Ардашер,

Фуруд омад аз асп шоҳ Ардавон,
Танаш хаста аз тиру тира равон,

Ба дижхим фармуд шоҳ Ардашер,
Ки «рав[1] душмани подшоро бигир.

Ба ханҷар миёнаш ба ду ним кун,
Дили бадсиголон пур аз бим кун!

Биёмад дижогоҳу фармон гузид,
Шуд он номдор аз ҷаҳон нопадид.

Чунин аст кирдори ин чархи пир,
Чӣ бо Ардавону чӣ бо Ардашер.

Қиро[2] то ситора барорад баланд,
Супорад мар ӯро ба хоки нажанд.

Ду фарзанди ӯ ҳам гирифтор шуд,
В-аз ӯ тухмаи орашӣ хор шуд.

Мар он ҳар дуро пой карданд банд,
Ба зиндон фиристод шоҳи баланд.

Ду буд мехтар аз разм бугрехтанд,
Ба доми бало-бар наёвехтанд.

Бирафтанд гирьён ба Ҳиндустон,
Сазад гар кунӣ з-ин яке достон.

---

[1] Л — шав. [2] ИЛ — Агар.

Ҳама размгаҳ пурситому камар,
Пур аз олати[1] лашкару симу зар.

Бифармуд то гирд карданд, шоҳ
Бубахшид аз он пас ҳама бар сипоҳ.

Бирафт аз миёни бузургон Табок,
Тани Ардавонро зи хун кард пок.

Хурӯшон бишусташ зи хоки набард,
Бар оини шоҳон яке дахма кард.

Ба дебо бипӯшид хаста бараш,
Зи кофур кард афсаре бар сараш,

Напаймуд кас хоки кохаш[2] ба пай,
Зи лашкар ҳар он кас, ки шуд сӯи Рай.

В-аз он пас биёмад сӯи Ардашер,
Чунин гуфт, к-«эй шоҳи донишпазир,

Ту фармон бару духтари ӯ бихоҳ,
Ки бо фарру зеб асту бо тоҷу гоҳ.

Ба даст оядат афсару тоҷу ганҷ,
Куҷо Ардавон гирд кард он ба ранҷ».

Аз ӯ панд бишниду гуфто: «Равост»,[3]
Ҳам андар замон духтари ӯ бихост.

Ба[4] айвони ӯ буд то як[5] ду моҳ,
Тавонгар сипаҳбад, тавонгар сипоҳ.

Сӯи Порс омад зи Рай номҷӯй,
Баросуд аз ранҷу аз гуфтугӯй.

Яке шорсон кард пуркоху боғ,
Бад-ӯ андарун чашмаву дашту роғ,

---

[1] Л — олату. [2] Л — гоҳаш. [3] Л — гуфтор рост. [4] Л — дар.
[5] ИЛ — танги.

Ки акнун гаронмоя деҳқони пир
Ҳаме хонадаш Хурраи Ардашер.

Яке чашмае бекарон андар ӯй,
Фаровон аз он чашма букшод[1] ҷӯй.

Баровард бар[2] чашма оташкада,
Бар ӯ тоза шуд Меҳру ҷашни Сада,

Ба гирд андараш боғу майдону[3] кох
Баровард шуд ҷойгохе фарох.

Чу шуд шоҳ бодонишу[4] фарру зӯр,
Ҳаме хонадаш марзбон шаҳри Гӯр[5].

Ба гирд андараш рустоҳо бисохт,
Чу обод кардаш, касе дарнишохт.[6]

Ба ҷое яке жарфдарьё бидид,
Ҳаме кӯҳ боист пешаш бурид.

Бибурданд метину мардони кор,
В-аз он кӯҳ бубрид сад ҷӯйбор.

Ҳаме ронд з-он кӯҳ то шаҳри Гӯр,
Шуд он шорсон пурсарою сутӯр.

ҶАНГИ АРДАШЕР БО ҚУРДОН

Сипоҳе зи Истахр бемар бибурд,
Бишуд сохта то кунад разми курд.[7]

Чу шоҳ Ардашер андар омад ба танг,
Пазира шудаш курди бемар ба ҷанг,

---

1 Л — руд букшоду. 2 ИЛ — з-он. 3 ИЛ — айвону. 4 И — шаҳри бо оташу. 5 И — Тур. 6 ИЛ — андар нишохт.
7 ТПИМ — Ба некӣ зи яздон ҳаме ҷуст музд,
Ки резад бар он буму бар хуни дузд.

Яке кор буд хору душвор[1] гашт,
Або курд кишвар ҳама ёр[2] гашт.

Яке лашкаре карда[3] буд порсӣ,
Фузунтар зи курдон як-ду басе.[4]

Яке[5] рӯз то шаб баровехтанд,
Сипоҳи ҷаҳондор[6] бугрехтанд.

Зи бас куштаву хаста бар дашти ҷанг,
Шуд овардгаҳро ҳаме ҷой танг.

Ҷуз аз шоҳ бо хормоясипоҳ
Набуд номдоре бад-он размгоҳ.

Зи хуршеди тобону аз гарду хок,
Забонҳо шуд аз ташнагӣ чок-чок.

Ҳамон гаҳ дурафше даровард шаб,
Ки биншонад он ҷангу ҷӯшу ҷалаб.[7]

Яке оташе дид бар сӯи кӯҳ,
Биёмад ҷаҳондор бо ин гурӯҳ,

Сӯи оташ овард рӯ[8] Ардашер,
Ҳамон андаке мард[9] барнову пир.

Чу танг андар омад шубонон бидид,
Абар мешу буз посбонон бидид,

Фурӯд омад аз асп шоҳу сипоҳ,
Даҳоншон пур аз гарди[10] овардгоҳ.

Аз эшон сабук Ардашер об хост,
Якояк бибурданд бо об мост.

---

1 Л — душвор. 2 — тор. 3 Л — курд. 4 Л — курдони ӯ як ба сӣ.
5 Л — Ба як. 6 Л — Зи дасти сипаҳдор. 7 Л — б. 444 нест.
8 Л — руй. 9 Л — Або он ки буданд. 10 Л — хоки.

Биёсуду лахте чарид он чӣ дид,
Шаби тира хафтон ба сар баркашид.

Зи хафтони шоиста буд бистараш,
Ба болин ниҳод он каӣ миғфараш.

Сапеда чу барзад зи дарьёи об,
Сари шоҳи Эрон баромад зи хоб.

Биёмад ба болини ӯ саршубон,
Қи падром бодот рӯзу шабон.

Чӣ бад[1] буд, к-ин дашт роҳи ту буд,
На оромро хобгоҳи ту буд.

Бипурсид аз саршубон роҳ шоҳ,
Қ-«аз эдар куҷо ёбам оромгоҳ?»

Чунин дод посух, ки «обод ҷой
Наёбӣ магар бошадат раҳнамой.

Аз эдар кунун чор фарсанг роҳ
Чу рафтӣ, падид ояд оромгоҳ.

В-аз он рӯз пайваста шуд деҳ ба деҳ,
Ба ҳар деҳ яке номбардор меҳ».

Чу бишнид аз он саршубон Ардашер,
Бибурд аз рама роҳбар чанд пир.

Сипаҳбад зи кӯҳ андар омад ба деҳ,
Аз он деҳ сабук пеши ӯ рафт меҳ.[2]

Саворон фиристод барнову пир,
Аз ин ҷой то Хурраи Ардашер,

Сипаҳро чу огоҳӣ омад зи шоҳ,
Ҳама шоддил баргирифтанд роҳ.

---

[1] И — Бад-он. [2] Л — б. 459, 460 нест.

Ба курдон фиристод корогаҳон,
Қи то кори эшон биҷӯяд ниҳон.

Бирафтанд ёрону[1] боз омаданд,
Бари шоҳи Эрон фароз омаданд.

Қи эшон ҳама номҷӯянду шод,
Надорад касе дар[2] дил аз шоҳ ёд.

Бар онанд, к-андар Ситахр Ардашер
Куҳан гашту шуд бахти барнош пир».

Чу бишнид шоҳ ин сухан шод гашт,
Гузашта сухан бар дилаш бод гашт.

Гузин кард аз он[3] лашкари номдор
Саворони шамшерзан даҳ[4] ҳазор,

Камондор бо тиру таркаш ҳазор,
Биёвард бо хештан шаҳриёр.

## ШАБЕХУН ҚАРДАНИ АРДАШЕР БАР САРИ ҚУРДОН ВА ШИКАСТ ДОДАН ЭШОНРО

Чу хуршед шуд зард, лашкар биронд.
Қасеро, ки нобуданӣ[5] буд, бимонд,

Чу шаб ним[6] бугзашту торик шуд,
Ҷаҳондор бо курд наздик шуд.

Ҳама дашт аз эшон пур аз хуфта дид,
Якояк дили лашкар ошуфта дид.

Чу омад сипаҳбад ба болини курд,
Инон бораи тезтакро супурд.

---

[1] ИЛ — пуёну. [2] Л — бар. [3] Л — з-он. [4] Л — сӣ. [5] ИЛ — нобурданӣ.
[6] ИЛ — нимма

Бароҳехт шамшеру андар ниҳод,
Гиёро зи хун бар сар афсар ниҳод,

Ҳама дашт аз эшон сару даст буд,[1]
Тани куштагон шаст бар шаст буд.[2]

Беандоза з-эшон гирифтор шуд,
Сутургиву нобихрадӣ хор шуд.

Ҳама бумҳошон ба тороҷ дод,
Сипаҳро ҳама бадраву тоҷ дод.

Чунон буд, ки динор бар сар ба ташт
Агар пирмарде бибурдӣ ба дашт,

Накардӣ ба динори ӯ кас нигоҳ,
Зи некахтари рӯзу[3] аз доди шоҳ.

Зи мардӣ накард ӯ бад-ин ҷанг фахр,
Гурозон биёмад ба шаҳри Ситахр.

Бифармуд, к-аспон ба неру кунед,
Силеҳи саворон[4] беоҳу кунед.

Чу осуда гардед яксар ба базм,
Кунед он гаҳ андешаи рӯзи разм.

Далерон ба хӯрдан ниҳоданд сар,
Чу осуда шуд гирдгоҳ аз камар,

Пурандешаи разм гашт Ардашер,
Чу ин достон бишнавӣ ёд гир.

## ДОСТОНИ КИРМИ ҲАФТВОД

Бубин ин шигифтӣ, ки деҳқон чӣ гуфт,
Бад-он гаҳ, ки букшод роз аз нуҳуфт.

Зи шаҳри Куҷорон ба дарьёи Порс,
Чу гӯяд зи болову паҳнои Порс.

---

[1] Л — гашт. [2] Л — Зи анбуҳи кушта замин шаст гашт. [3] И — шоҳу.
[4] Л — Силоҳу саворӣ.

Яке шаҳр буд нек,[1] мардум басе,
Зи кӯшиш будӣ хӯрдани ҳар касе.

Бад-он шаҳр духтар фаровон будӣ,
Ки беком ҷӯяндаи нон будӣ.

Ба як рӯй наздиктар буд кӯҳ,
Шудандӣ ҳама духтарон ҳамгурӯҳ.

Аз он ҳар яке пунба бурдӣ ба санг,
Яке дукдоне зи чӯби хаданг.

Ба дарвоза духтар шудӣ ҳамгурӯҳ,
Хиромон аз ин шаҳр то пеши кӯҳ.

Баромехтандӣ хуришҳо ба ҳам,
Набудӣ ба худ[2] андар ӯ бешу кам.

Нарафтӣ сухан гуфтан аз хобу х[в]ард,
Аз он пунбашон буд нангу набард.

Шабонгаҳ будандӣ сӯи хона[3] боз,
Шуда[4] пунбашон ресмони тароз.

Бад-ин шаҳри бечиз хуррамниҳод
Яке мард буд номи ӯ Ҳафтвод.

Бар ин гуна-бар ному овоза[5] рафт,
Азеро, ки ӯро писар буд ҳафт.

Гиромӣ яке духтараш буду бас,
Ки нашмурдӣ ӯ духтаронро ба кас.

Чунон буд, ки рӯзе ҳама ҳамгурӯҳ,
Нишастанд бо дук дар пеши кӯҳ,

Ба гоҳи хӯриш дук бугзоштанд,
Баромехтанд он куҷо доштанд.

[1] Л — танг. [2] И — набурдӣ ба хурд. [3] Л — Шудандӣ сӯи хонаи хеш. [4] И — Шудӣ. [5] Л — номи ӯ аз чӣ. [6] Л — мехтаронро.

Чунон буд, к-он духтари некбахт,
Яке себ афканда бод аз дарахт,

Ба раҳ-бар бидиду сабук баргирифт,
Қунун бишнав ин то бимонӣ[1] шигифт.

Чу он хубрух мева андар газид,
Яке дар миён кирм оганда дид.

Ба ангушт аз он себ бардошташ,
Дар он дукдон нарм бугзошташ.

Чу бардошт он дуку он пунба гуфт,
«Ба номи худованди беёру ҷуфт,

Ман имрӯз бар ахтари кирми себ,
Ба риштан намоям шуморо ниҳеб».

Ҳама духтарон шоду хандон шуданд,
Кушодаруху симдандон шуданд.

Дучандон, ки риштӣ ба рӯзе, бирешт,
Шумораш[2] ҳаме бар замин барнавишт.

В-аз он ҷо биёмад ба кирдори дуд,
Ба модар намуд он куҷо ришта буд.

Бар ӯ офарин кард модар ба меҳр,
Ки бархӯрдӣ аз ахтар, эй хубчеҳр.[3]

Ба шабгир чун ресмон баршумурд,
Дучандон, ки ҳар бор бурдӣ[4] бибурд.

Чу омад бад-он чораҷӯй анҷуман,
Ба риштан ниҳода дилу ҳушу тан.

Чунин гуфт бо номвар духтарон,
Ки «Эй моҳруёну некахтарон,

[1] Л — достони [2] Л — Шуморӣ. [3] И — б. 509 нест. [4] И — будӣ.

Ман аз ахтари кирм чандон тароз
Биресам, ки низам набошад ниёз.

Бирешт он куҷо бурда буд, пеш аз он,
Ба кор омадӣ гар будӣ беш аз он,

Сӯи хона бурд он тарозе, ки ришт,
Дили моми ӯ шуд чу хуррамбиҳишт.

Ҳаме лахтаке себ ҳар бомдод,
Парируй духтар бад-ин[1] кирм дод.

Аз он пунба ҳарчанд кардӣ фузун,
Бириштӣ ҳама духтари пурфусун.

Чунон буд, ки як рӯз мому падар
Бигуфтанд бо духтари пурҳунар,

Ки чандин бирешӣ[2] магар бо парӣ
Гирифтастӣ, эй моҳрӯ,[3] хоҳарӣ?

Сабук симтан[4] пеши модар бигуфт,
Аз он себу он кирмак андар нуҳуфт.

Ҳамон кирми фаррух бад-эшон намуд,
Зану шуйро равшаноӣ фузуд.

Ба фоле гирифт ин сухан Ҳафтвод
Зи коре накардӣ ба дил низ ёд.

Магар з-ахтари кирм гуфтӣ сухан,
Бар ӯ нав шудӣ рӯзгори куҳан.

Чунин то баромад бар ин рӯзгор,
Фурӯзандатар гашт ҳар рӯз кор.

Мар он кирмро хор нагзоштанд,
Ба хӯрдан-ш некӯ ҳаме доштанд.

---

1 ИЛ — бад-он. 2 И — биришти; Л — биресӣ. 3 Л — поктан.
4 Л — симрух.

Тановар шуд он кирму перу гирифт,
Сару пушти ӯ ранги неку гирифт.

Ҳаме танг шуд дукдон бар танаш,
Чу мушки сияҳ гашт пероҳанаш.

Ба мушк андарун пайкари заъфарон,
Бару пушти ӯ аз карон то карон.

Яке поксандуқ кардаш сиёҳ,
Бад-ӯ андарун сохта ҷойгоҳ.

Фароз омадаш арҷу озарму чиз,
Тавонгар шуд он ҳафт фарзанд низ.

Чунон шуд[1], ки дар шаҳр бе Ҳафтвод
Нагуфтӣ сухан кас ба бедоду дод.[2]

Яке мир[3] буд андар он шаҳри ӯй,
Сарафрозу болашкару обрӯй.[4]

Баҳона ҳаме сохт бар Ҳафтвод,
Ки динор бистонад аз баднажод,

Басе номдор анҷуман шуд бар ӯй,
Бар он ҳафт фарзанди пайкорҷӯй.

Зи шаҳри Куҷорон баромад нафир,
Бирафтанд бо найзаву теғу тир.

Ҳаме рафт пеш андарон Ҳафтвод,
Ба ҷанг омаду доди мардӣ бидод.

Ҳаме шаҳр бигрифту ӯро бикушт,
Басе гавҳару ганҷаш омад ба мушт.

Ба наздики ӯ мардум анбӯҳ шуд,
Зи шаҳри Куҷорон суи кӯҳ шуд.

---

[1] Л — буд. [2] Л — ба панду ба дод. [3] И — мард. [4] И — рангу бӯй.

Яке диж бикард аз бари теғи кӯҳ,
Шуд он шаҳр бо ӯ ҳама ҳамгурӯҳ.[1]

Ниҳодаш бар он диж дари оҳанин,
Ҳам оромгаҳ буду ҳам ҷои кин.

Яке чашмае буд бар[2] кӯҳсор,
Зи теғ[3] андар омад миёни ҳисор.

Яке борае гирд кард андараш,
Ки бино ба дида надидӣ сараш.

Чу он кирмро гашт сандуқ танг,
Яке ҳавз карданд бар кӯҳу санг.

Чу соруҷу санг аз ҳаво гашт гарм,
Ниҳоданд кирм андар ӯ нарм-нарм.

Чунон шуд, ки доранда ҳар бомдод
Бирафтӣ давон аз бари[4] Ҳафтвод.

Лавиде гуринҷаш алаф сохтӣ,
Бибурдиву[5] кирм он бипардохтӣ.

Баромад бар ин кор-бар панҷ сол,
Чу пиле шуд он кирм бо шоху[6] ёл.[7]

Ҳамон духти ӯ буд нигаҳдори кирм,
Падар гашта ҷангӣ сипаҳдори кирм.

Биёростандаш ба чиниҳарир,[8]
Гурунҷаш будӣ хӯрдану шаҳду шир.

Дили марди нодон аз он кирм шод,[9]
Сипаҳбад будӣ бар дараш Ҳафтвод.[10]

---

1 И — б. 538, 539 нест. 2 Л — чашма буд бар сари. 3 ИЛ — бахт.
4 Л — дари. 5 — Пароканда. 6 Л — шере жиён кард он кирм.
7 ТПЗИ — Чу бугзашт якчанд бар Ҳафтвод,
Мар он ҳиснро ном Кирмон ниҳод.
8 ИЛ — дабиру вазир. 9 Л — Сипаҳбад будӣ бар дари Ҳафтвод.
10 Л — Ҳамон пурсиш аз кори бедоду дод.

Зи дарьёи Чин то ба Қирмон расид,
Ҳама руи кишвар сипаҳ густарид.

Писар ҳафт[1] бо теғзан даҳ ҳазор,
Ҳамон[2] ганҷу ҳам[3] олати корзор.

Ҳар он[4] подшо, к-ӯ кашидӣ ба ҷанг,
Чу рафтӣ сипоҳаш бари кирм танг,

Шикаста шудаш[5] лашкаре к-одамӣ,
Чу овози ин достон бишнадӣ.

Чунон шуд[6] дари номвар Ҳафтвод,
Ки гирдаш наёраст ҷунбид бод.[7]

Чу огаҳ шуд аз Ҳафтвод Ардашер,
Набуд он суханҳо варо[8] дилпазир.

Сапаҳбад фиристод наздики ӯй
Сипоҳе баландахтару номҷӯй.

## РАЗМИ АРДАШЕР БО ҲАФТВОД ВА ШИКАСТ ЁФТАНИ АРДАШЕР

Чу огоҳ шуд з-он сухан Ҳафтвод,
Аз эшон ба дил барнаёвард[9] ёд.

Камингоҳе кард андар он кунҷи кӯҳ,
Биёмад суи разм худ бо гурӯҳ.

Чу лашкар саросар барошуфтанд,
Ба гурзу табарзин ҳаме кӯфтанд.

Сипоҳ андар омад зи[10] ҷои камин.
Сияҳ шуд бар он номдорон замин,

---

[1] Л — ҳафту. [2] И — ҳама. [3] Л — бо. [4] И — Ҳамон. [5] Л — шудӣ.
[6] И — к-аз. [7] ТПЗИЛ — Пас аз б. 555 ин б. омада:
Ҳисорӣ шуд он пур зи ганҷу сипоҳ,
Набурдӣ* бар он бора-бар бод роҳ,
[8] Л — суханҳои ӯ. [9] Л — дарнаёмад-ш. [10] И — ба.
* Л — надидӣ

Ки кас[1] боз нашнохт аз пой даст,
Ту гуфтӣ, замин пои аспон[2] бубаст.

Зи кушта чунон шуд дару дашту кӯҳ,
Ки пирӯзгар шуд зи куштан сутӯҳ.

Ҳар он кас, ки буд зинда, з-он размгоҳ
Сабук бозгаштанд наздики шоҳ.[3]

Чу огоҳ шуд номдор Ардашер,
Аз он куштану ғорату дору гир,

Ғамӣ гашту лашкар ҳама боз хонд,
Ба зудӣ силоҳу дирам барфишонд.

Ба тундӣ биёмад сӯи Ҳафтвод,
Ба гардун баромад сари баднажод.

Биёвард ганҷу силеҳ[4] аз ҳисор,
Бар ӯ хор шуд лашкару корзор.

Ҷудо буд аз ӯ дур меҳтар писар,
Чу огоҳ гашт ӯ зи разми падар,

Баромад зи орому аз хӯрду хоб,
Ба киштӣ биёмад бад-ин рӯи об.

Ҷаҳонҷӯйиро ном Шоҳӯй буд,
Яке шӯху бадсозу бадхӯй[5] буд.

Ба киштӣ биёмад бари Ҳафтвод,
Дили Ҳафтвод аз писар гашт шод.

Биёрост бар маймана ҷои хеш,
Сипаҳбад буду[6] лашкаророи хеш.

Ду лашкар шуду[7] ҳар ду ороста,
Пур аз кина сар, ганҷ пурхоста.

1 Л — Қасе. 2 Л — Зи хун пои эшон. 3 И — б. 563, 564 нест.
4 Л — силоҳ. 5 Л — бадгӯй. 6 И — Сипаҳдор буд. 7 Л — шуда.

575 Бад-эшон нигаҳ кард шоҳ Ардашер,
Дили марди барно шуд аз ранҷ пир.[1]

Сипаҳ баркашид аз дурӯя ду саф,
Зи хуршеду шамшер бархост таф.

Чу овози кӯс омад аз пушти пил,
Ҳаме мард беҳуш гашт аз ду мил.

Баромад хурӯшидани говгум,
Ҷаҳон пур шуд аз бонги рӯинахум.

Замин ҷунб-ҷунбон шуд аз мехи[2] наъл,
Ҳаво аз дурахши сарон гашт лаъл.

580 Зи овози кӯпол бар тарку худ,
Ҳаме дод гардун заминро дуруд.

Ба так бодпоён заминро канон,
Дару дашт шуд пур сари бетанон.

Бар он гуна шуд лашкари Ҳафтвод,
Ки[3] гуфтӣ, биҷунбид дарьё зи бод.

Биёбон чунон шуд зи ҳар ду сипоҳ,
Ки бар мӯру бар пашша шуд танг роҳ.

Бар ин гуна то рӯз баргашт зард,
Баровард шаб чодари ложвард.

585 Зи ҳар сӯ сипаҳ боз чид[4] Ардашер,
Паси пушти ӯ буд яке обгир.

Чу дебои зангоргун шуд сиёҳ,
Талоя биёмад зи ҳар ду сипоҳ.

Хӯриш танг шуд лашкари хешро,
Ки бархоҳи ӯ баста буд роҳро.

---

[1] Л — ҷанг сер. [2] Л — меху. [3] Л — Ту. [4] И — хонд.

## ТОРОҶ ДОДАНИ МЕҲРАКИ НӮШЗОД ХОНАИ АРДАШЕРРО

Ба Ҷаҳрам яке мард буд кайнажод,
Куҷо номи ӯ Меҳраки Нӯшзод.

Чу огаҳ шуд аз рафтани Ардашер,
В-аз он монданаш бар лаби обгир,

Ҳамон низ тангӣ дар он[1] размгоҳ,
Зи баҳри хӯришҳо бар ӯ баста роҳ,

Зи Ҷаҳрам биёмад ба айвони шоҳ,
Зи ҳар сӯ биёвард бемар сипоҳ.

Ҳама ганҷи ӯро ба тороҷ дод,
Ба лашкар басе бадраву тоҷ дод.

Чу огоҳӣ омад ба шоҳ Ардашер,
Пурандеша шуд бар лаби обгир.[2]

Ҳаме гуфт носохта хонаро,
Чаро хостам ҷанги[3] бегонаро?

Бузургони лашкар-шро пеш хонд,
Зи Меҳрак фаровон суханҳо биронд.

«Чӣ бинед, гуфт,— эй сарони сипоҳ,
Ки моро чунин танг шуд дастгоҳ?

Қашидам басе талхӣ аз[4] рӯзгор,
Набуд ранҷи Меҳрак маро дар шумор».

Ба овоз гуфтанд,[5] к-«эй шаҳриёр,
Мабинод чашмат бади рӯзгор,

Чу Меҳрак бувад душмане дар[6] ниҳон,
Чаро ҷуст бояд ба сахтӣ ҷаҳон?

---

1 Л — Зи тангӣ, ки буд андар он. 2 И — б. 590—593 нест.
3 Л — размӣ. 4 ИЛ — талхии. 5 Л — Ба посух бигуфтанд.
6 Л — душман андар.

Ту дорӣ бузургиву кайҳон туростъ
Ҳама бандагонему фармон туростъ

Бифармуд то хон биёростанд,
Маю ҷому[1] ромишгарон хостанд.

Ба хон барниҳоданд чанде бара,
Ба хӯрдан ниҳоданд сар яксара.

Чу нонро ба хӯрдан гирифт Ардашер,
Биёмад ҳамон гаҳ яке тез тир.

Нишаст андар он пок фарбеҳбара,
Ки тир андарун ғарқ[2] шуд яксара.

Бузургону фарзонаи размсоз,
Зи нон доштанд он замон даст боз.

Зи ғам ҳар касе аз ҷигар хун кашид,
Яке аз бара тир берун кашид.

Бидиданд хатте[3] бад-он тезтир,
Бихонд он ки буд аз бузургон дабир.

Набишта бад-он тир буд паҳлавӣ,
Ки «эй шоҳ, дונанда гар бишнавӣ.

Чунин тезтир омад аз боми диж,
Ки аз бахти кирм аст ороми диж.

Гар андохтам*[1] ман сӯи Ардашер,
Бар ӯ баргузар ёфтӣ парри тир.

Набояд ки чун ӯ яке шаҳриёр
Кунад ҷанги кирм андар он[4] рӯзгор».[5]

Чу хонанда бар[6] шаҳриёр Ардашер
Набишта ҳаме хонд аз чӯби[7] тир,

1 И — руду. 2 Л — ғарқа. 3 ИЛ — нақше. 4 Л — паст кирм андар ин. 5 И — б. 611 нест. 6 Л — Бар он муъбадон. 7 Л — тез.
* 1М — андохтӣ

Зи диж то бар эшон[1] ду фарсанг буд,
Дили меҳтарон з-он сухан танг буд.

Ҳаме ҳар касе хонданд офарин,
Зи дидор бар фарри шоҳи замин.

### ОГОҲӢ ЁФТАНИ АРДАШЕР АЗ КОРИ КИРМ ВА ЧОРА НАМУДАН ВА КУШТАНИ Ӯ КИРМРО

Пурандеша буд он шаб аз кирм шоҳ,
Чу биншаст хуршед бар ҷои моҳ,

Сипаҳ баргирифт аз лаби обгир,
Сӯи Порс омад дамон[2] Ардашер.

Паси лашкари ӯ биёмад сипоҳ,
Зи ҳар сӯ гирифтанд бар шоҳ роҳ.

Бикуштанд ҳар кас, ки буд номдор,
Ҳаме тохт бо вижагон шаҳриёр.

Хурӯш омад аз пас, ки аз[3] бахти кирм,
Ки рахшанда[4] бодо сари тахти кирм!

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки инат шигифт,
К-аз ин ҳаргиз[5] андоза натвон гирифт.

Биёмад гурезону дил пурниҳеб,
Ҳаме тохт андар фарозу нишеб.

Яке шорсон дид ҷои бузург,
Биронданд бо пӯя аспон чу гург.

Чу танг андар омад яке хона дид,
Ба дар-бар ду барнои бегона дид.

---

[1] ИЛ — бари ӯ. [2] И — давон. [3] Л — ин. [4] Л — фархунда. [5] Л — ҳар кас.

Бибуданд бар дар[1] замоне ба пой,
Бипурсид аз ӯ[2] ин ду покизарой.

«Ки бегаҳ чунин аз куҷо рафтаед,
Ки бо гарди роҳеду ошуфтаед?»

Бад-ӯ гуфт «Аз ин су[3] гузашт Ардашер,
В-аз ӯ бозмондем, мо хира-хир».

Ки бугрехт аз кирму аз Ҳафтвод.
В-аз он беҳунар лашкари баднажод.

Бупечид бар ҷой ҳар ду ҷавон,
Пур аз дард гаштанду тираравон.

Фуруд оваридандаш аз пушти зин,
Бар ӯ ҳар ду он[5] хонданд офарин.

Яке ҷои хуррам биёростанд,
Писандида хоне бипеnecessary.

Нишастанд бо шоҳ гурдон ба хон,
Парастиш гирифтанд ҳар ду ҷавон.

Ба овоз гуфтанд, к-«эй сарфароз,
Ғаму шодмонӣ намонад дароз.

Нигаҳ кун, ки Заҳҳоки бедодгар,
Чӣ овард з-он тахти шоҳӣ ба сар?

Ҳам Афросиёби[6] бадандешмард,
Қ-аз ӯ буд дили шаҳриёрон ба дард.

Сикандар, ки омад бад-ин рӯзгор,
Бикушт он ки буд дар ҷаҳон шаҳриёр,

Бирафтанду з-эшон ба ҷуз номи зишт
Намонду наёбанд хуррамбиҳишт.

---

1 И — андар. 2 И — з-ӯ. 3 И — Ин су. 4 ИЛ — бар. 5 Л — он меҳтарон. 6 ИЛ — Афросиёб он.

Намонад ҳамин низ бар Ҳафтвод,
Бупечад ба фарҷом аз ин[1] баднажод».

Зи гуфтори эшон дили шаҳриёр
Чунон тоза шуд чун гул андар баҳор.

Хуш омад-ш гуфтори он дилнавоз,
Бикард ошкорову[2] букшод[3] роз,

Зи фарзанди Сосон манам Ардашер
Ҳаме[4] панд бояд маро дилпазир.

Чӣ созем бо кирму бо Ҳафтвод,
Ки ному нажодаш ба гетӣ мабод?!

Сипаҳдори Эрон чу бинмуд роз,
Ҷавонон-ш бурданд ҳар ду намоз.

Бигуфтанд ҳар ду-«к-ануша бадӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ!

Тану ҷони мо пеши ту банда бод,
Ҳамеша равони ту поянда бод!

Суханҳо, ки пурсидӣ аз мо нахуст,
Бигӯем то чора созӣ дуруст.

Ту дар ҷанг бо кирму бо Ҳафтвод
Басанда най, гар напечӣ зи дод.

Яке ҷой доранд бар теғи кӯх,
Бад-ӯ андарун кирму ганҷу гурӯҳ,

Ба пеш андарун шаҳру дарьё ба пушт,
Диже бар сари куҳу роҳи дурушт.

Ҳамон кирм, к-аз мағзи Аҳриман аст,
Ҷаҳонофаринандаро душман аст.

---

[1] Л — он. [2] И — Дилаш буд пурдард. [3] Л — бинмуд. [4] ИЛ — яке.

Ҳаме кирм хонӣ ба чарм андарун,
Яке деви ҷангист резандахун».

Суханҳо чу бишнид аз ӯ Ардашер,
Ҳама меҳрҷӯяндаву[1] дилпазир.

Бад-эшон чунин гуфт: «Қоре равост,
Баду неки эшон маро бо шумост».

Ҷавонон варо посух оростанд,
Дили ҳушмандаш бипеQростанд.

Ки мо бандагонем пешат ба пой,
Ҳамеша ба некӣ туро раҳнамой.»

Зи гуфтори эшон ҳаме гашт[2] шод,
Ҳаме шуд шитобону[3] дил пур зи дод.

Чу бардошт аз он ҷо ҷаҳондор шоҳ,
Ҷавонон бирафтанд бо ӯ ба роҳ.

Ҳаме рафт равшандилу ёдгир,
Сарафроз то Хурраи Ардашер.

Чу бар шоҳ-бар шуд сипоҳ анҷуман,
Бузургони фарзонаи[4] ройзан.

Баросуд якчанд рӯзе ба дод,
Биёмад сӯи Меҳраки Нӯшзод.

Чу Меҳрак наёраст рафтан ба ҷанг,
Ҷаҳон кард бар хештан тору танг.

Ба Ҷаҳрам чу наздик шуд подшо,
Ниҳон гашт аз ӯ Меҳраки бевафо.

Дили подшо пур зи пайкор шуд,
Ҳаме буд то ӯ гирифтор шуд.

---

[1] И — Аз он марди ҷӯяндаи. [2] Л — дилаш гашт.
[3] Л — рафт пирузу. [4] И — фарзонаву.

Ба шамшери ҳиндӣ бизад гарданаш,
Бар оташ барандохт бесар[1] танаш.

Ҳар он кас, ки аз тухмаш омад ба мушт,
Ба ханҷар ҳам андар замонаш бикушт,

Магар духтаре к-он ниҳон гашт[2] аз ӯй,
Ҳама шаҳр аз ӯ шуд пур аз ҷустуҷӯй.

## ҚУШТАНИ АРДАШЕР ҚИРМИ ҲАФТВОДРО

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи ҷанги кирм,
Сипоҳаш ҳама карда[3] оҳанги кирм.

Биёвард лашкар даҳу ду ҳазор,
Ҷаҳондидаву коркарда савор.

Пароканда лашкар чу шуд ҳамгурӯҳ,
Биёвардашон то миёни ду кӯҳ.

Яке мард буд номи ӯ Шаҳргир,
Хирадманду солори шоҳ Ардашер.

Чунин гуфт пас шоҳ бо паҳлавон,
Ки «Эдар ҳаме бош равшанравон.

Шабу рӯз карда талоя ба пой,
Саворони бодонишу раҳнамой.

Ҳамон дидабон дору[4] ҳам посбон,
Нигаҳбони[5] лашкар ба рӯзу шабон.

Ман акнун бисозам яке кимьё,
Чу Исфандиёр он ки будам ниё.

Агар дидбон дуд бинад ба рӯз,
Шаб оташ чу хуршеди гетифурӯз,

---

1 Л — Ба оташ дарандохт бебар; И — Ба оташ биандохт бебар.
2 И — монд. 3 Л — кард. 4 И — дор. 5 Л — Нигаҳдори.

Бидонед, к-омад ба сар кори кирм,
Гузашт ахтару рӯзи бозори кирм.

Гузин кард аз он меҳтарон ҳафт мард
Далерону шерони рӯзи набард.

Ҳар он кас, ки будӣ ҳамовози ӯй,
Нагуфтӣ ба боди ҳаво рози ӯй.

Басе[1] гавҳар аз ганҷ бугзид низ,
Чу дебову динору ҳар гуна чиз,

Ба чашми хирад чиз ночиз кард,
Ду сандуқ пурсурбу арзиз кард.

Яке деги руин[2] ба бор андарун,
Ки устод буду[3] ба кор андарун,

Чу з-он гуна найрангҳо[4] кард рост,
Зи солори охур харе даҳ бихост.

Чу харбандагон ҷомаҳои гилем
Бипӯшиду бораш ҳама зарру сим.

Ҳаме шуд халидадилу роҳҷӯй,
Зи лашкар сӯи диж ниҳоданд рӯй,

Ҳамон рустоӣ ду марди ҷавон,
Ки буданд рӯзе варо мизбон.[5]

Аз он анҷуман бурд бо хештан,
Ки ҳам дӯст буданду ҳам ройзан.

Чу аз роҳ наздики он диж шуданд,
Бибурданд бар кӯҳу[6] дам барзаданд.

Парастандаи кирм буд шаст мард,
Напардохтӣ як тан аз коркард.

---

1 И — яке 2 И — сангӣ. 3 И — Ки истода буд. 4 И — Чу он будани ҷомаҳо; Л — Чу аз бурданӣ ҷомаҳо. 5 И — меҳрубон. 6 И — Бибурданду бар кӯҳ

Нигаҳ кард як тан ба овоз гуфт,
Ки «сандуқро чист андар нуҳуфт?»

Чунин дод посух бад-ӯ шаҳриёр,
Ки «ҳар гунае чиз дорам ба бор.

Зи пирояву ҷомаву симу зар,
Зи дебову динору хаззу гуҳар,

Ки бозоргони хуросониам,
Ба ранҷ андарун бе таносониам.[1]

Басе хоста дорам аз бахти кирм,
Кунун омадам шод то тахти кирм.

Агар бар парастиш физоям сазост,
Ки аз бахти ӯ кори ман гашт рост.

Парастандаи кирм букшод роз,
Ҳамон гаҳ дари диж кушоданд боз.

Хару бораш овард андар ҳисор,
Биёрост дукон ҳаме номдор.

Сари бор букшод зуд Ардашер,
Бубахшид чизе, ки буд ногузир.[2]

Яке суфра пеши парастандагон
Бигустурд бар сони харбандагон,

Зи сандуқ букшод банду калид,
Баровараду пур кард ҷоми набид.

Ҳар он кас, ки зӣ кирм кардӣ хӯриш,
Зи ширу гурунҷ омадаш парвариш,

Бупечид гардан зи ҷоми набид,
Ки навбат будаш ҷои мастӣ надид.

---

[1] Л — Бар таносониам. [2] Л — ки з-ӯ буд гузир; И — Қ-аз ӯ буд гузир.

Чу бишнид, бар пой ҷаст Ардашер,
Ки «бо ман фаровон гурунҷ асту шир.

Ба дастурии сарпарастон[1] се рӯз
Мар ӯро ба хӯрдан манам дилфурӯз.

Магар ман шавам дар ҷаҳон шӯҳрае,
Маро бошад аз ахтараш баҳрае,[2]

Шумо май гусоред бо ман се рӯз,
Чаҳорум чу хуршеди гетифируз

Бароянд, яке кулба созам фарох,
Сари тоқ бартар зи девори кох.

Фурӯшандаам ҳам харидорҷӯй,
Физоянд маро назди кирм обрӯй.

Баромад ҳама коми ӯ з-он сухун,
Бигуфтанд, к-«ӯро парастиш ту кун».

Баровард харбанда ҳар гуна ранг,
Парастанда биншаст бо май ба чанг.

Бихӯрданд чизеву мастон шуданд,
Парастандагон майпарастон шуданд.

Чу аз ҷоми май сустшон шуд забон.
Биёмад ҷаҳондор бо мизбон.

Биёвард арзизу руинлавид,[3]
Барафрӯхт оташ ба рӯзи сапед.

Чу он кирмро буд гоҳи хӯриш,
Аз арзизи ҷӯшон будаш парвариш.[4]

---

[1] Л — сарварон то. [2] И — б. 703 нест. [3] И — равшан падид.
[4] ТПЗ — Сӯи кунда овард арзиз гарм,
Сар аз кунда бардошт он кирм нарм.

Забонаш бурун карда ҳамранги санҷ,
Бар он сон, ки аз пеш хӯрдӣ гуранҷ.[1]

Фурӯ рехт арзиз марди ҷавон,
Ба ҳавз андарун[2] кирм шуд нотавон,

Тароқе баромад зи ҳалқуми ӯй,
Ки ларзон шуд он кундаву буми[3] ӯй,

Бишуд бо ҷавонон чу бод Ардашер,
Бибурданд шамшеру кӯполу тир,

Парастандагон он, ки буданд маст,
Яке зинда аз дасти эшон наҷаст.[4]

Барангехт з-ин[5] боми диж тира дуд,
Далерӣ ба солори лашкар намуд.

Давон дидабон шуд сӯи[6] Шаҳргир,
Ки пирӯзгар гашт шоҳ Ардашер.

Биёмад сабук паҳлавони[7] сипоҳ,
Биёвард лашкар ба наздики шоҳ.

КУШТАНИ АРДАШЕР ҲАФТВОДРО

Чу огоҳ шуд з-он сухан Ҳафтвод,
Дилаш гашт пурдарду лаб пур зи бод.

Биёмад, ки дижро кунад хостор,
Бар он бора баршуд дамон[8] шаҳриёр.

Бикӯшид чанде наёмад-ш суд,
Ки бар бораи диж паи[9] шер буд.

---

[1] Л — пас аз б. 713 ин б. омада:

Ду чашмаш чу бар Ардашер уфтод,
Даҳонро зи баҳри хӯриш баркушод.

[2] Л — маканда дарун. [3] И — кирми. [4] Л — нараст. [5] Л — аз.
[6] Л — бари. [7] Л — паҳлавон бо. [8] И — Бад-он бора бар шуд бари.
[9] Л — якс.

В-аз он руй лашкар биёмад чу кӯҳ,
Бимонданд бо доғу дард он гурӯҳ.

Чунин гуфт аз он бора шоҳ[1] Ардашер,
Ки «бифроз чанг, эй яли Шаҳргир.

Агар гум шавад з-ин миён Ҳафтвод,
Намонад ба чанги ту ҷуз ранҷу бод,

Ки ман кирмро додам[2] арзизи гарм».
Шуд он давлату рафтани тез[3] нарм».

Шунид он ҳама лашкар овози шоҳ,
Ба сар барниҳоданд з-оҳан кулоҳ,

Аз он дил гирифтанд эрониён,
Бубастанд аз бахри кина[4] миён.[5]

Суи лашкари кирм баргашт бод,
Гирифтор шуд дар замон[6] Ҳафтвод.

Ҳамон низ Шоҳуи айёри уй,
Ки меҳтарписар буду солори уй.

Фуруд омад аз диж давон Ардашер,
Пиёда бишуд пеши у Шаҳргир.

Бибурданд болои зарринситом,[7]
Нишаст аз бараш хусрави некном.[8]

Бифармуд пас шаҳриёри баланд
Задан[9] пеши дарьё ду дори баланд.

---

1 И — з-он подшоҳ. 2 И — дода. 3 И — давлати тезаш имрӯз.
4 ИЛ — бо дард кинро. 5 Л — пас аз б. 729 ин б. омада:

Ҳамон гаҳ яке лашкаре Ҳафтвод,
Биёрасту омад ба кирдори бод.
Ду лашкар баробар рада баркашид,
Ту гуфтӣ, ки хуршед шуд нопадид,
Баромад яке боду гарде сиёҳ,
Ки пушида шуд руи хуршеду моҳ,

6 Л — миён; И — з-он миён. 7 ИЛ — зарринлагом. 8 Л — меҳтари шодком. 9 И — Аз он.

Ду бадхоҳро зинда бар дор кард,
Дили душман аз хоб бедор кард.

Биёмад зи[1] қалби сипаҳ Шаҳргир,[2]
Бикушт он ду танро ба борони тир.

Ба тороҷ дод он ҳама хоста,
Шуд аз хоста лашкар ороста.

Зи[3] диж ҳар чи буд, аз карон то карон
Фуруд овариданд фармонбарон.

Зи пурмоятар ҳарчи[4] буд дилпазир,
Ҳаме тохт то Хурраи Ардашер.

Бикард андар он кишвар оташкада,
Бар ӯ тоза шуд Меҳргону Сада.

Супурд он замон кишвару тоҷу тахт
Бад-он мизбонони[5] бедорбахт.

В-аз он ҷойгаҳ рафт пирӯзу шод,
Бигустурд бар кишвари Порс дод.

Чу осуда баргашт[6] марду сутур,
Биёвард лашкар сӯи шаҳри Зур.

Ба Кирмон фиристод чанде сипоҳ,
Яке марди шоистаи тоҷгоҳ.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи Тайсафун,
Сари бахти бадхоҳ карда нагун.

Чунин аст расми ҷаҳони ҷаҳон,
Ҳаме рози хеш аз ту дорад ниҳон

Насозад, ту ночор бо ӯ бисоз,
Ки рӯзе нишеб асту рӯзе фароз.

---

[1] Л — ба. [2] Л — Ардашер. [3] Л — Ба. [4] Л — чизе ки. [5] Л — марзбонони. [6] Л — Чу осудатар гашт.

# ПОДШОҲИИ СОСОНИЁН

## ПОДШОҲИИ АРДАШЕРИ БОБАКОН

*Чиҳил солу ду моҳ буд*

### БАР ТАХТ НИШАСТАНИ АРДАШЕР

Ба Бағдод биншаст бар тахти оҷ,
Ниҳода ба сар-бар зи пируза тоҷ

Камар бastаву гурзи шоҳон ба даст,
Биёроста ҷойгоҳи нишаст.

Шаҳаншоҳ хонанд аз он[1] пас варо,
Зи Гуштосп нашнохтӣ кас варо.

Чу тоҷи бузургӣ ба сар барниҳод,
Чунин кард бар тахти пируза ёд.:

Ки андар ҷаҳон дод ганҷи[2] ман аст,
Ҷаҳон зинда аз бахту ранҷи ман аст.

Кас ин ганҷ аз ман наёрад ситад,
Бад ояд ба мардум зи кирдори бад.

Чу хушнуд бошад ҷаҳондори пок,
Надорад дареғ аз ман ин тирахок.

Ҷаҳон сарбасар дар паноҳи ман аст,
Писандидани дод роҳи ман аст,

Набояд, ки аз кордорони ман,
Зи сарҳангу ҷангисаворони ман,

Бихуспад[3] касе дил пур аз орзӯй,
Гизоянда[4] бо мардуми некхуй.

Кушодаст бар ҳар кас ин боргоҳ,
Зи бадхоҳу аз мардуми некхоҳ.

---

1 ИЛ — з-он. 2 Л — точу гоҳи. 3 Л — Нахуспад. 4 Л — гироянда.

Ҳама анҷуман хонданд офарин,
Ки обод бодо ба додат замин.

Фириштод бар ҳар сӯе лашкаре,
Ки то ҳар кӣ[1] бошад зи душман саре,

Сари кинаваршон ба роҳ оваранд,[2]
Гар оини шамшеру гоҳ оваранд.[3]

## САРГУЗАШТИ АРДАШЕР БО ДУХТАРИ АРДАВОН

Бад-он гаҳ, ки шоҳ Ардавонро бикушт,
Зи хуни вай овард гетӣ ба мушт.

Чу ӯ кушта шуд, духтарашро бихост,
Бад-он то бигӯяд, ки ганҷаш куҷост.

Ду фарзанди ӯ шуд ба Ҳиндустон,
Ба ҳар неку бад гашта ҳамдостон,

Ду дар банду зиндони шоҳ Ардашер,
Падар куштаву зинда хаста ба тир.

Ба Ҳиндустон буд меҳтар писар,
Ки Баҳман будӣ номи ӯ[4] пурҳунар.

Фиристодае ҷуст бо рою ҳуш,
Ҷавоне ки дорад ба гуфтор гӯш.

Чу аз подшоҳӣ наҷид еч баҳр,
Бад-ӯ дод бегоҳ як пора заҳр.

Бад-ӯ гуфт, «рав пеши хоҳар бигӯй,
Ки аз душман ин меҳрубонӣ маҷӯй.

Туро ду бародар[5] ба Ҳиндустон,
Ба ранҷу бало гашта ҳамдостон.

---

[1] Л — Ки ҳар кас, ки. [2] Л — оваред. [3] Л — чоҳ оваред. [4] ИЛ — он.
[5] Л — баробар ду дорӣ.

Ду он ҷо ба зиндони шоҳ андарун,
Ду дида пур аз обу дил пур зи хун,

Ту аз мо гусаста бад-ин гуна меҳр,[1]
Писандад чунин кирдигори сипеҳр?[2]

Чу хоҳӣ, ки бонуи Эрон шавӣ,
Ба гетӣ писанди далерон шавӣ.

Ҳалоҳил чунин заҳри ҳиндӣ бигир,
Ба кор ор якбора бар Ардашер».

Фиристода омад ба ҳангоми шом,
Ба духти гиромӣ бидод ин[3] паём.

Варо ҷону дил бар бародар бисӯхт,
Ба кирдори оташ дилаш барфурӯхт.

Зи доранда бистуд гаронмоя заҳр,
Бад-он буд, ки бардорад аз ком баҳр.[4]

Чунон буд, ки як рӯз шоҳ Ардашер,
Ба нахчир букшод бар гӯр тир.

Чу бугзашт ниме зи рӯзи дароз,
Сипаҳбад зи нахчиргаҳ гашт боз.

Сӯи духтари Ардавон шуд зи[5] роҳ,
Давон моҳчеҳра бишуд назди шоҳ.

Биёвард ҷоме зи ёқути зард,
Пур аз шаккару пист бо оби сард.

Биёмехт бо шаккару пист заҳр,
Ки Баҳман магар ёбад аз ком баҳр.

Чу бигрифт шоҳ Ардашер он ба даст,
Зи дасташ биафтоду[6] бишкаст паст.

---

1 И — банд. 2 И — баланд. 3 Л — он. 4 Л — б. 29, 30 нест. 5 И — ба.
6 Л — дарафтоду.

Шуд он подшозода[1] ларзон зи бим,
Ҳам андар замон шуд дилаш бар ду ним.

Ҷаҳондор аз он ларза шуд бадгумон,
Пурандеша аз гардиши осмон.

Бифармуд то хонагӣ мурғ чор,
Парастанда орад бари шаҳриёр.

Чу он мурғ бар пист бугзоштанд,
Гумоне ҳаме хира пиндоштанд.

Ҳамон гоҳ мурғ он бихӯрду бимурд,
Гумонбурдан аз роҳи некӣ бибурд.

Бифармуд то мӯбаду кадхудой,
Биёмад бари хусрави некрой.

Зи дастури хеш он[2] бипурсид шоҳ,
Ки бадхоҳро гар нишонӣ ба гоҳ,

Шавад дар навозиш дар он гуна маст,
Ки беҳуда ёзад ба ҷони ду даст,

Чӣ бодафрааст ин баровардаро,
Чӣ созем дармони худкардаро?»

Чунин дод посух, ки «меҳтарпараст,
Чу ёзад ба ҷони ҷаҳондор даст,

Сари пургунохаш бибояд бурид,
Касе панд гӯяд, набояд шунид!»

Бифармуд, к-аз духтари Ардавон,
Тане кун, ки ҳаргиз набинад равон,

Бишуд мӯбаду пеши ӯ духти шоҳ,
Ҳаме рафт ларзону дил[3] пургуноҳ.

---

[1] Л — подшоҳбача. [2] Л — Эрон. [3] И — ларзондилу.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-«эй пурхирад,
Марову туро рӯз ҳам бугзарад.

Агар кушт хоҳӣ маро ногузир,
Яке кӯдаке дорам аз Ардашер,

Агар ман сазоям ба хун рехтан,
Зи[1] дори баланд андар овехтан,

Чу ин гардад аз покмодар ҷудо,
Бикун ҳар чи фармон диҳад подшо».

Зи раҳ боз шуд мӯбади тезвир,
Бигуфт он чи бишнид бо Ардашер.

Бад-ӯ гуфт, «з-ӯ[2] низ машнав сухун,
Қаманд ору бодафраи ӯ бикун».

ЗОДАНИ ШОПУРИ АРДАШЕР

Ба дил гуфт мӯбад, ки бад рӯзгор,
Ки фармон чунин омад аз шаҳриёр.

Ҳама маргроем барнову пир,
Надорад писар шаҳриёр Ардашер,

Гар ӯ бешумар[3] солиён бишмарад,
Ба душман расад тахт к-ӯ[4] бугзарад.

Ҳамон беҳ, к-аз ин кори носудманд,
Ба мардӣ яке рой[5] созам баланд,

Зи куштан раҳонам ман ин моҳро,
Магар з-ин пушаймон кунам шоҳро».

Ҳар он гаҳ, к-аз ӯ бачча ояд ҷудо,
Ба ҷой орам ин кинаи[6] подшо.

---

1 Л — Ба. 2 Л — Рав. 3 ИЛ — солиён. 4 Л — чун; И — гар. 5 Л — кор.
6 И — ҷо орам ин гуфтаи.

На корест, к-аз дил ҳаме бугзарад,
Хирадманд бошам беҳ[1] аз бехирад.

Биёрост ҷое ба айвони хеш,
Ки дорад варо чун тану ҷони хеш.

Ба дил гуфт, агар ҳеҷ боди ҳаво,
Бубинад варо, ман надорам раво.

Пас андеша кард он, ки душман бас аст,
Гумони баду нек бо ҳар кас аст.

Яке чора созам, ки бадгӯи ман
Наронад ба бад об дар ҷӯи ман.

Ба ҷое шуду хоя бибрид паст,
Бар ӯ доғу дору ниҳоду бубаст.

Ба хоя намак барпароканд зуд,
Ба ҳуққа дарафканд[2] бар сони дуд.

Ҳам андар замон ҳуққаро мӯҳр кард,
Биёмад хурӯшону рухсора зард.[3]

Ниҳоданд бар пеши[4] тахти баланд,
Ҳамон ҳуққа дар даст[5] бо мӯҳру банд.

Чунин гуфт бо шоҳ, к-«ин зинҳор,
Супорад ба ганҷури худ шаҳриёр.

Набишта бад-он ҳуққа таърихи он,
Падидор карда паю беҳи он».

---

[1] Л — на. [2] Л — дароганд.
[3] ТПЛМ — Ба фармонбарон гуфт, «Маҳд оваред,
Чу тира шавад назди шоҳам баред.
Чунон ҳам варо зор бардоштанд,
Ба маҳд андарун тез бугзоштанд
Ба мубад чунин гуфт шоҳ Ардашер,
Ки чеҳра чаро кардаӣ чун зарир?»
Чунин дод посух, к-«Аз он коркард,
Дилам гашт пурдарду рухсора зард».
[4] Л — Чу омад ба наздикии. [5] Л — бинҳод.

## ЗОДАНИ ШОПУР ПИСАРИ АРДАШЕР АЗ ДУХТАРИ АРДАВОН ВА ПАС АЗ ҲАФТ СОЛ ОГОҲӢ ЁФТАНИ АРДАШЕР АЗ ОН ВА ШИНОХТАН УРО

Чу ҳангомаи зодан омад фароз,
Аз он кор бар бод накшод роз.

Писар зод аз ин духтари Ардавон,
Яке хусравоини[1] равшанравон,

Аз айвони хеш анҷуман дур кард,
Варо ном дастур Шопур кард.

Ниҳонаш ҳаме дошт то ҳафт сол,
Яке шоҳфаш[2] гашт бо фарру ёл.

Чунон буд, ки рӯзе биёмад вазир,
Бидид об бар чеҳраи Ардашер.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, ануша бадӣ,[3]
Ниҳонро[4] ба андеша тӯша бадӣ![5]

Зи гетӣ ҳама коми дил ёфтӣ,
Сари душман аз тахт бартофтӣ.

Кунун гоҳи шодиву май хӯрдан аст,
На ҳангоми андеша парвардан[6] аст.

Замин ҳафт кишвар ба шоҳӣ туrost,
Сипоҳиву гоҳиву роҳӣ туrost».

Чунин дод посух бад-ӯ шаҳриёр,
Ки эй покдил мӯбади роздор.[7]

Замона ба шамшери мо гашт рост,[8]
Ғаму ранҷу нохубӣ аз мо бикост.[9]

---

1 И — хусравоину. 2 Л — Шохрух. 3 Л — бизӣ. 4 ИЛ — равонро. 5 Л — бизӣ. 6 ИЛ — овардан. 7 И — ёдгор. 8 Л — рост гашт. 9 Л — ранҷ бо хӯрдан андар гузашт.

Маро сол бар панҷаҳу як расид,
Зи кофур шуд мушку гул нопадид.

Писар боядӣ[1] пешам акнун ба пой,
Дилорову нерудеҳу[2] раҳнамой.

Падар бе писар чун[3] писар бе падар,
Ки бегона ӯро нагирад ба бар.

Пас аз ман ба душман расад тоҷу ганҷ,
Маро хок суд ояд аз дарду ранҷ.

Ба дил гуфт бедор марди куҳан,
Ки омад кунун рӯзгори сухан.

Бад ӯ гуфт, ки: — Эй шоҳи кеҳтарнавоз,
Ҷавонмарду равшандилу сарфароз,

Гар эдун, ки ёбам ба ҷон зинҳор,
Ман ин ранҷ бардорам аз шаҳриёр.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй хирадманд мард,
Чаро боядам ҷони ту ранҷа кард?

Бигӯ он чи дониву бифзой низ,
Зи гуфти хирадманд бартар чӣ чиз?»

Чунин дод посух бад-ӯ кадхудой,
Ки эй шоҳи равшандилу[4] покрой,

Яке ҳуққа буд назди ганҷури шоҳ,
Сазад гар ки хоҳад[5] кунун пешгоҳ.

Ба ганҷур гуфт: «Он, ки ӯ зинҳор
Туро дод, омад кунун хостор.

---

1 И — то будӣ. 2 И — Ки дилҷӯи ман будиву. 3 И — шуд; И — чунин рӯзгораш биёмад ба сар. 4 Л — равшандили. 5 ИЛ — бихоҳад.

Бад-ӯ[1] боз деҳ, то бубинам, ки чист
Магармон набояд ба андеша зист»[2],

Биёвард пас ҳуққа ганҷури ӯй,
Супурд, он ки бистуд зи дастури ӯй.

Бад-ӯ гуфт, к-он[3] хуни гарми ман аст,
Бурида зи бун боз[4] шарми ман аст.

Супурдӣ ба ман[5] духтари Ардавон,
Ки то боз хоҳӣ танаш[6] беравон.

Накуштам, ки фарзанд буд дар ниҳон,
Битарсидам аз кирдгори ҷаҳон.

Наҷустам ба фармон-т озарми хеш,
Буридам ҳам андар замон шарми хеш.

Бад-он то касе бад нагӯяд маро,
Ба дарьёи тӯҳмат нашӯяд маро,

Кунун ҳафтсоласт Шопури ту,
Ки зебад бад-он[7] сол дастури ту.

Чун ӯ нест фарзанд як шоҳро,
Намонад магар бар фалак моҳро.

Варо ном Шопур кардам ба меҳр,
Ки аз бахти ӯ шод бодо сипеҳр.

Ҳамон модараш низ[8] бо ӯ ба ҷой,
Ҷаҳонҷӯй фарзандро раҳнамой.

Бад-ӯ монд шоҳи ҷаҳон дар шигифт,[9]
В-аз он кӯдак андешаҳо баргирифт.

---

1 И — Бирав. 2 И — Ниҳодан бар ин ҳуққа-бар мӯҳри кист?; Л — ниҳода бар ин банд-бар мӯҳри кист?
3 Л — Ин. 4 Л — бори. 5 Л — маро. 6 Л — тани. 7 Л — шояд бад-ин.
8 Л — низ модар-ш.
9 И — Чу ӯ номи додори довар гирифт.

В-аз он пас чунин гуфт бо кадхудой,
Ки-эй марди равшандили покрой,

Басе ранҷ бардоштӣ з-ин сухан,
Намонам, ки ранҷи ту гардад куҳан.

Қунун сад писар гир ҳамсоли ӯ,
Ба болову чеҳру бару ёли ӯ,

Ҳамон[1] ҷома пӯшида бо ӯ баҳам,
Набояд, ки чизе бувад бешу кам.

Ҳама кӯдаконро ба чавгон фирис
Биёрой гӯю ба майдон фирист.

Чу як[2] дашт кӯдак бувад хубчеҳр,
Бупечад зи фарзанд ҷонам ба меҳр.

Бар он ростӣ дил гувоҳӣ диҳад,
Маро бо писар ошноӣ диҳад.

ГӮЙ ЗАДАНИ ШОПУР ВА ШИНОХТАНИ
ӮРО ПАДАР

Биёмад ба шабгир дастури шоҳ,
Бибурд он ҳама кӯдаконро ба гоҳ.[3*1]

Ба як ҷомаву чеҳру боло яке,
Ки пайдо набуд ин аз он андаке.

Ба майдон ту гуфтӣ яке сур буд,
Миён андарун шоҳ Шопур буд.

Чу кӯдак ба захм андар овард рӯй,
Фузунӣ ҳаме ҷуст ҳар як ба гӯй.[4]

Биёмад ба майдони хеш Ардашер,
Тане чанд аз он вижагон[5] ногузир.

---

[1] И — Ҳама. [2] Л — бар. [3] Л — Ҳаме бурд кӯдак ба майдон сипоҳ
[4] Л — бад-ӯй. [5] И — зиракон.
* М — Ҳаме бурд кӯдак ба майдонгоҳ.

Нигаҳ карду[1] чун кӯдаконро[2] бидид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Ба ангушт бинмуд бо кадхудой,
Ки инак магар[3] Ардашере ба ҷой?

Бад-ӯ роҳбар гуфт, к-эй[4] подшо,
Дилат шуд ба фарзандии ӯ гуво.

Яке бандаро гуфт шоҳ Ардашер
Ки эй марди бинодилу ёдгир![5]

Ҳаме бош бо кӯдакон тозарӯй,
Ба чавгон ба[6] пеши ман андоз[7] гӯй.

Аз он кӯдакон он[8] кӣ ояд далер,
Миёни саворон ба кирдори шер.

Зи дидори ман гӯй берун барад,
Аз он анҷуман кас ба кас нашмарад

Бувад бегумон пок фарзанди ман,
Зи тухму бару ёлу[9] пайванди ман.

Ба фармон бишуд[10] бандаи шаҳриёр,
Бизад гӯю афканд пеши савор.

Давон кӯдакон аз паси ӯ чу тир,
Чу гаштанд наздик бо Ардашер,

Бимонданд ноком бар ҷои хеш,
Биёмад ҳамон гоҳ Шопур пеш,

Зи пеши падар гӯй бирбуду бурд,
Чу шуд дуртар, кӯдаконро супурд.

---

[1] Л — кард. [2] И — кард чун кӯдак андар. [3] ИЛ — яке. [4] Л — гуфт мӯбад, ки. [5] ИЛ — Раву гӯи эшон ба чавгон бигир. [6] И — чавгон-т. [7] Л — сӯи ман биандоз. [8] ИЛ — то. [9] И — тухми ману пок.
[10] — И — фармон шуда.

Зи шодӣ чунон шуд дили Ардашер,
Ки гардад ҷавон мардуми гаштапир.

Саворон-ш аз хок[1] бардоштанд,
Ҳаме даст бар даст бугзоштанд.

Шаҳаншоҳ аз он пас гирифташ ба бар,
Ҳаме офарин хонд бар додгар.

Сару чашму рӯяш бибӯсиду гуфт,
Ки чун ин[2] шигифтӣ нашояд нуҳуфт.

Ба дил ҳаргиз ин ёд нагзоштам,
Ки инро ҳама[3] кушта пиндоштам.

Чу яздон ҳаме шаҳриёрӣ фузуд,
Зи ман дар ҷаҳон ёдгорӣ намуд.

Зи[4] фармони ӯ барнаёбӣ гузар,
В-агар бартар орӣ зи хуршед сар.

Гуҳар хост аз ганҷу динор хост,
Гаронмоя ёқути бисьёр хост.

Бар ӯ зарру гавҳар ҳаме рехтанд,
Зи бар мушку анбар ҳаме бехтанд.

Зи динор шуд торакаш нопадид,
Зи гавҳар касе чеҳраи ӯ надид.

Ба дастур-бар низ гавҳар фишонд,
Ба курсии зарпайкараш барнишонд.

Бубахшид чандон варо хоста,
Ки шуд коху айвон-ш ороста.[5]

Бифармуд то духтари Ардавон,
Ба айвон шавад шоду равшанравон.

---

1 И — Саворонаш он ҷой. 2 ИЛ — чунин. 3 ИЛ — ҳаме. 4 Л — Ба.
5 И — б. 144 нест.

Бубахшид карда гуноҳи варо,
Зи зангор биздуд моҳи варо.

Биёвард фарҳангиёнро зи шаҳр,
Қасе к-аш зи фарзонагӣ буд баҳр,

Набиштан[1] биёмӯхташ паҳлавӣ,
Нишасти сарафрозиву хусравӣ.[2]

Ҳамон ҷангро гирд кардан[3] инон,
Зи боло ба душман намудан[4] синон.

Зи[5] майхӯрдану бахшишу кори базм,
Сипаҳ бастану кӯшишу кори разм.

В-аз он пас дигар кард меҳи[6] дирам,
Ҳамон меҳи[7] динору ҳам[8] бешу кам,

Ба як рӯй-бар номи шоҳ Ардашер,
Ба рӯи дигар номи фаррухвазир.

Гаронмоя буд номи дастури шоҳ,
Ҷаҳондида марди намояндароҳ,

Набиштанд бар номаҳо ҳамчунин,
Бад-ӯ дод фармони муҳру нигин.

Бубахшид ганҷе ба дарвешмард,
Ки хӯрдаш набудӣ ба ҷуз коркард,

Нигаҳ кард ҷое, ки буд хорсон,
Аз ӯ кард хуррам яке шорсон,

Куҷо Ҷанди Шопур хонӣ ҳаме,
Ҷуз ин низ номе надонӣ ҳаме,

---

1 Л — Набишта. 2 И — б. 147, 148 нест. 3 Л — карда. 4 Л — намуда.
5 Л — Ба. 6 Л — муҳри. 7 Л — муҳри. 8 Л — ҳар.

## ФОЛ ПУРСИДАНИ АРДАШЕР АЗ ҚАЙДИ ҲИНДӢ

Чу Шопур шуд ҳамчу сарви баланд,
Зи чашми бадаш буд[1] бими газанд.

Набудӣ ҷудо як замон з-Ардашер,
Мар ӯро чу[2] дастур гашту вазир.

Напардохтӣ шоҳ рӯзе зи ҷанг,
Ба[3] шодӣ набудиш ҷои диранг.

Чу ҷое зи душман бупардохтӣ,
Дигар бадкуниш сар барафрохтӣ.

Ҳаме гуфт к-аз кирдгори ҷаҳон
Бихоҳам ҳаме ошкору ниҳон,

Ки бедушман орам ҷаҳонро ба даст,
Набошам магар пок яздонпараст.

Бад-ӯ гуфт фархунда дастури ӯй,[4]
Ки эй шоҳи равшандилу роҳҷӯй![5]

Сӯи Кайди ҳиндӣ фиристем кас,
Ки донишпижӯҳ асту фарьёдрас.

Бидонад шумори сипеҳри баланд,
Дари шодмониву[6] роҳи газанд.

Агар хафт кишвар туро беҳамол,
Ҳаме буд, хоҳад, бидонад ба фол.[7]

Чу бишнид, бугзид шоҳ Ардашер,
Ҷавоне гаронмояи тезвир,

---

[1] Л — Рухаш зард буда зи. [2] Л — Варо ҳамчу. [3] Л — Зи. [4] Л — ӯ.
[5] Л — равшандили ростгӯ. [6] ИЛ — подшоҳиву
[7] ТПЗЛ — Яко-як бигӯяд надорад ба ранҷ
Нахоҳад бар ин посух аз шоҳ ганҷ.

Фиристод наздики донои Ҳинд,
Басе аспу динору чинипаринд.

Бад-ӯ гуфт: «Рав пеши доно бигӯй»,
Ки эй марди некахтари роҳҷӯй,

Ба ахтар нигаҳ кун, ки то ман зи ҷанг
Қай осояму кишвар орам ба чанг?

В-агар мисли ин то набошам ба ранҷ,
Бар ин гуна напроканам низ ганҷ.

Биёмад фиристодаи шаҳриёр,
Бари Қайд бо ҳадьяву бо нисор.

Бигуфт он чи бо вай шаҳаншоҳ гуфт,
Ҳама розҳо баркушод аз нуҳуфт,

Бипурсид аз ӯ Қайду ғамхора гашт,[1]
Зи пурсиш сӯи донишу чора гашт.[2]

Биёвард суллобу[3] ахтар гирифт,
Яке зиҷи ҳиндӣ[4] ба бар даргирифт,

Нигаҳ кард кирдори чархи баланд,
Аз осониву суду дарду газанд.

Фиристодаро гуфт: «Қардам шумор,
Аз Эрону аз ахтари шаҳриёр,

Гар аз гавҳари Меҳраки Нӯшзод,
Баромезад ин тухма бо он нажод,

Нишинад ба ором бар тахти ноз[5],
Набояд шуд ӯро сӯи ҷанг боз.[6]

Бияфзоядаш ганҷу коҳад-ш ранҷ,
Ту шав кина бо ин ду гавҳар масанҷ,

---

[1] Л — Қайд ғамхора шуд. [2] — шуд. [3] И — Сутурлоб оварду. [4] ИЛ — румӣ. [5] ИЛ — тахти шоҳ. [6] Л — набояд фиристод ҳар сӯ сипоҳ.

Чу ин кард, Эрон варо гашт рост,
Биёбад ҳама коми дил ҳар чи хост».

Фиристодаро чиз бахшиду гуфт,
Қ-аз ин ҳарф гуфтан набояд нуҳуфт.

Қ-аз ӯ з-ин напечад сипеҳри баланд,
Кунад ин, ки гуфтам бар ӯ арҷманд.

Фиристода омад бари шаҳриёр,
Бигуфт он чи бишнид аз омӯзгор.

Чу бишнид гуфтори ӯ Ардашер,
Дилаш гашт пурдарду рух пурзарир.[1]

Фиристодаро гуфт: «Ҳаргиз мабод!
Ки ман бинам[2] аз тухми Меҳрак нажод!

Ба хона дарун душман орам зи кӯй,
Шавад бо бару буми ман кинаҷӯй.

Дареғ, он парокандани ганҷи ман,
Фиристодани мардуму ранҷи ман,

Зи Меҳрак яке духтаре монду бас,
Ки ӯро ба чеҳра надидаст кас.

Бифармоям акнун, ки ҷӯянд боз,
Зи Руму зи Чину зи Ҳинду Тароз,

Бар оташ чу ёбам-ш бирьён кунам,
Бар ӯ хокро зору гирьён кунам.

Ба Чаҳрам фиристод чанде савор,
Яке марди ҷӯяндаву кинадор.

Чу огоҳ шуд духти Меҳрак, биҷаст,
Шуд аз хони Меҳрак[3] ба кунҷе нишаст,

---

[1] Л — чун; И — б. 183—186 нест. [2] И — Кӣ бинем. [3] Л — Сӯи хони меҳтар.

Чу биншаст дар хони меҳтар[1] ба деҳ,
Мар ӯро гиромӣ ҳаме дошт меҳ.

Биболид бар сони сарви саҳӣ,
Хирадманду бозебу бо фарраҳӣ.[2]

Мар ӯро бад-он бум ҳамто набуд,
Ба кишвар чун ӯ[3] сарвболо набуд.

### БА ЗАНИ ГИРИФТАНИ ШОПУР ДУХТАРИ МЕҲРАКРО

Чу лахте баромад бар ин рӯзгор,
Фурӯзанда шуд ахтари[4] шаҳриёр.[5]

Ба нахчир шуд шоҳ рӯзе пагоҳ,
Хирадманд Шопур бо ӯ ба роҳ.

Ба ҳар сӯ саворон ҳаме тохтанд,
Зи нахчир даште бипардохтанд.

Падид омад аз дур ҷои фарох,
Пур аз боғу майдону айвону кох.

Ҳаме тофт Шопур то пеши деҳ,
Фуруд омад аз роҳ бар хони меҳ,

Яке боғ буд гашн андар сарой,
Ҷавон андар омад бад-он сабзҷой.

Яке духтаре дид бар сони моҳ,
Фурӯ ҳишта аз чарх далве ба чоҳ,

Чу он моҳрух рӯи Шопур дид,
Биёмад бар ӯ офарин густарид.

---

[1] Л — овози Меҳрак. [2] ИЛ — Хирадманди. [3] И — чунон. [4] Л — давлати.
[5] ТПИМ — Кунун бишнав аз духти Меҳрак сухан,
Або гурд Шопури шамшерзан.

Ки шодон бадӣ,[1] шоду[2] хандон бадӣ,[3]
Ҳамасола[4] аз бегазандон бадӣ.[5]

Кунун бегумон ташна бошад сутур,
Бад-ин деҳ бувад об якрӯя шӯр,

Ба чоҳ андарун оби сард аст х(в)аш,
Бифармой то ман бувам обкаш.

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-эй моҳрӯй!
Чаро ранҷа гаштӣ бад-ин гуфтугӯй,

Ки ҳастанд[6] бо ман парастандамард,
К-аз ин чоҳи бебун кашанд оби сард.

Канизак зи барно бипӯшид рӯй,
Бишуд дуру биншаст дар пеши ҷӯй.

Парастандаеро бифармуд шоҳ,
Ки ташт оварӯ об баркаш зи чоҳ».

Парастанда бишниду омад давон,[7]
Расан буд бо далву чархи[8] равон,

Чу он далв дар чоҳ пуроб гашт,
Парастандаро рӯй пуртоб гашт.

Чу далви гарон барнаёмад зи чоҳ,
Биёмад давон тез[9] Шопур шоҳ.[10]

Парастандаро гуфт, к-эй нимзан!
На зан дошт ин далву чарху расан?

Ҳаме баркашид об чандон[11] зи чоҳ,
Ту гаштӣ пур аз ранҷу фарьёдхоҳ.

---

1 Л — бизӣ. 2 И — шоху. 3 Л — бизӣ. 4 И — ҳамасол. 5 Л — бизӣ. 6 Л — бошанд. 7 ИЛ — дамон. 8 Л — бар чарху далве. 9 Л — жакон-рӯй. 10 И — б. 215 нест. 11 Л — чандин.

Биёмад расан бистуд аз пешкор,
Шуд он кор душхор бар шаҳриёр.

Зи далви гарон чун чунон ранҷ дид,
Бар он хубрух офарин густарид.

Ки бартофт далве бар он сон гарон,
Ҳамоно, ки ҳаст аз нажоди каён.

Қанизак, чу шаҳ далвро баркашид,
Биёмад ба меҳр офарин густарид.

Ки нӯша бизӣ то бувад рӯзгор,
Ҳамеша хирад бодат омӯзгор.

Ба неруи Шопури шоҳ Ардашер,
Шавад бегумон об дар чоҳ шир:

Ҷавон гуфт бо духтари хубрӯй,
«Чӣ донӣ, ки Шопурам, эй хубгӯй?»[1]

Чунин дод посух, ки ин достон
Шунидам басе аз лаби ростон,

Ки Шопури гурд аст бо зӯри пил,
Ба бахшандагӣ ҳамчу дарьёи Нил.

Ба болой сарв асту рӯинтан аст,
Ба ҳар чиз монандаи Баҳман аст.

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-эй моҳрӯй,
Сухан ҳар чи пурсам туро, рост гӯй.

Падидор кун то нажоди ту чист,
Ки бар чеҳраи ту нишони каист.

Бад-ӯ гуфт: «Ман духти деҳмеҳтарам[2],
Азеро чунин хубу кундоварам».

---

[1] ИЛ — моҳрӯй. [2] ИЛ — духтари меҳтарам.

Бад-ӯ гуфт Шопур: «Ҳаргиз дурӯғ
Нагирад бари шаҳриёрон фурӯғ.

Қашоварзро духтари моҳрӯй
Набошад бад-ин зӯру[1] ин рангу бӯй?»

Канизак бад-ӯ гуфт, к-эй шаҳриёр!
Ҳар он гаҳ, ки ёбам ба ҷон зинҳор,

Бигӯям ҳама пеши ту ман[2] нажод,
Чу ёбам зи хашми шаҳаншоҳ дод».

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-аз бӯстон
Нарӯяд ҳаме кинаи дӯстон.

Биғую зи ман бим дар дил мадор,
На аз номвар, додгар шаҳриёр.[3]

Канизак бад-ӯ гуфт, к-аз роҳи дод,
Манам духтари Меҳраки Нушзод.

Маро порсое биёвард хурд,
Бад-ин номвар меҳтари деҳ[4] супурд.

Ман аз бими он номвар шаҳриёр,
Чунин обкаш гаштаму пешкор.

Биёмад бипардахт Шопур ҷой,
Ҳаме буд меҳтар ба пешаш ба пой.

Бад-ӯ гуфт, к-ин духтари хубчеҳр,
Ба ман деҳ, ба ман-бар[5] гуво кун сипеҳр.

Бад-ӯ дод меҳтар ба фармони ӯй,
Бар оини оташпарастони ӯй.

---

1 рую. 2 Л — аз. 3 И — б. 233—236 нест. 4 И — мири дехро.
5 Л — бахшу бар ман.

## ЗОДАНИ УРМУЗДИ ШОПУР АЗ ДУХТАРИ МЕҲРАК

Басе барнаёмад бад-ин рӯзгор,
Ки сарви саҳӣ чун гул омад ба бор.[1]

Чу нӯҳ моҳ бугзашт бар[2] моҳрӯй,
Яке кӯдак овард ҳамтои[3] ӯй.

Ту гуфтӣ, ки боз омад Исфандиёр,
В-агар[4] номдор Ардашери савор.

Варо подшо ном кард Урмузд,
Чу сарве буд[5] андар миёни фурузд.

Чунин то баромад бар ин ҳафт сол,
Бибуд Урмузд аз ҷаҳон беҳамол.

Зи ҳар кас ниҳонаш ҳаме доштанд,
Ба ҷое ба бозиш[6] нагзоштанд.

Ба нахчир шуд ҳафт рӯз Ардашер,
Бишуд низ Шопури нахчиргир.

Ниҳон Урмузд аз миёни гурӯҳ,
Биёмад, к-аз омӯхтан шуд сутӯҳ.

Даромад[7] ба майдони шоҳ Ардашер,
Камон дошт бар дасту ду ҷуба[8] тир.

Або кӯдаке чанд чавгону гӯй,
Ба майдони шоҳ омад он номҷӯй.[9]

Ҷаҳондор ҳам дар замон бо сипоҳ
Даромад ба майдон зи нахчиргоҳ.

---

[1] ТП — Ба айвони худ бурдаш аз хона меҳ,
Ҳаме дошташ чун яке тоза беҳ

[2] Л — з-ин; И — з-он. [3] ИЛ — омад ба болои. [4] Л — Сари; И — Дигар. [5] ИЛ — Ки сарве буд ӯ. [6] Л — ниёзем. [7] Л — Давон шуд. [8] Л — Камоне ба як дасту дигар ду. [9] ИЛ — андар омад зи кӯй.

Або мӯбадон мӯбади тезвир,
Чу наздики майдон расид Ардашер.

Бизад кӯдаке тез чавгон зи роҳ,
Бишуд гӯй гардон[1] ба наздики шоҳ.[2]

Нарафтанд аз эшон паси гӯй кас
Бимонданд ноком бар ҷой бас.

Давон Урмузд аз миёна бирафт,
Ба пеши ҷаҳондор чун бод тафт.

Зи пеши ниё тез бардошт гӯй,
В-аз ӯ гашт лашкар пур аз гуфтугӯй.

В-аз он пас хурӯше баровард сахт,
Қ-аз ӯ хира шуд шоҳи бедорбахт.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-эй покзод![3]
Нигаҳ кун, ки то аз кӣ дорад нажод?

Бипурсид мӯбад надонист кас,
Ҳама хомӯшӣ баргузиданду бас.[4]

Ба мӯбад бифармуд[5] пас шаҳриёр,
Ки бардораш аз хоку назди ман ор.

Бишуд мӯбаду баргирифташ зи гард,
Бибурдаш бари шоҳи озодмард.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй гаронмоя хурд,
Туро аз нажоди кӣ бояд шумурд?»

Ҳамон гоҳ кӯдак ба овоз гуфт,
Ки ному нажодам набояд нуҳуфт.

Манам пури Шопур, к-ӯ пури туст,
Зи фарзанди Меҳрак бизодам[6] дуруст.

---

1 Л — гурдон. 2 И — б. 254, 255 нест. 3 И — хуршед-тахт. 4 И — б. 261 нест. 5 Л — чунин гуфт. 6 Л — нажоди.

Фурӯ монд аз ӯ шоҳи гетӣ шигифт,[1]
Бихандиду андеша андар гирифт.[2]

Бифармуд то рафт Шопур пеш,
Ба пурсиш гирифташ аз андоза беш.

Битарсид Шопур аз он коркард,[3]
Дилаш гашт пурдарду рухсора зард.

Бихандид аз ӯ номвар шаҳриёр,
Бад-ӯ гуфт, к-ин роз[4] пинҳон мадор!

Писар бояд аз ҳар кӣ бошад равост,
Ки гӯянд,[5] к-ин баччаи подшост».

Бад-ӯ гуфт Шопур: «Нӯша[6] бадӣ,
Ҷаҳонро ба дидор тӯша бадӣ.

Зи пушти ману номи ӯ[7] Урмузд,
Дурахшанда чун лола андар фурузд.

Ниҳон доштам чанд[8] аз шаҳриёр,
Бад-он то сар ояд бари[9] мевадор.

Гаронмоя аз духтари Меҳрак аст,
Зи пушти ман асту[10] маро бешак аст,

Аз обу зи чоҳ он кӯҷо рафта буд,
Писар гуфт чанде падар баршунуд.

Зи гуфтори ӯ шод гашт Ардашер,
Ба айвон хиромид худ бо вазир.

Гирифта дилафрӯзро бар канор,
Зи майдон сӯи тахт шуд шаҳриёр.

---

1 Л — шох гуфтӣ; И — Аз ӯ монд в-аз кори гетӣ
2 ТПМ — Ба дил гуфт, к-ин буданӣ кор буд,
Маро дар дил андӯҳ набояд фузуд.
3 Л — аз озодмард. 4 ИЛ — фарзанд. 5 Л — Бигуянд. 6 Л — Анӯша.
7 Л — ман асту ину ном. 8 Л — доштам чандаш. 9 Л — Бар он то баромад бар аз. 10 Л — аст ин.

Биёрост заррин яке тахт шоҳ,[1]
Яке тавқ фармуду[2] заррин кулоҳ.

Сари хурдкӯдак биёростанд,
Бас аз ганҷ зарру[3] гуҳар хостанд.

Ҳаме рехт то шуд сараш нопадид,
Пас онгаҳ танаш з-он миён баркашид.

Ҳама зарру гавҳар ба дарвеш дод,
Хирадмандро хоста беш дод.

Ба дебо биёрост оташкада,
Ҳам айвони наврӯзу кохи сада.

Яке базмгаҳ сохт бо меҳтарон,
Нишастанд бар базм ромишгарон.

Чунин гуфт бо номдорони шаҳр,
Ҳар он кас, ки ӯ аз хирад дошт баҳр,

Ки аз гуфти доно ситорашумар,
Мабодо,[4] ки ҳаргиз кунад кас гузар.

Чунин гуфта буд, Қайди ҳинди, ки бахт
Нагардад туро шоду хуррам, на тахт,

На кишвар, на афсар, на ганҷу сипоҳ,
На дайҳими шоҳӣ, на фарру[5] на ҷоҳ.

Магар тухмаи Меҳраки Нӯшзод,
Биёмезад ин дуда бо он[6] нажод.

Кунун солиён андар омад ба ҳашт,
Ки ҷуз б-орзу чарх бар мо нагашт.

Чу рафт Урмузд андар ороми хеш,
Зи гетӣ надидам ҷуз аз[7] коми хеш.

---

[1] Л — зергоҳ. [2] Л — фармуд. [3] Л — Пас аз ганҷ дурру. [4] ИЛ — Набояд. [5] Л — фарзанду. [6] Л — Баромезад он дуда бо ин. [7] И — надидем ҷуз.

Замин ҳафт кишвар маро гашт рост,
Дилам ёфт аз бахт[1] чизе, ки хост.

В-аз он пас ҳама кордорони ӯй,
Шаҳаншоҳ карданд унвони ӯй.[2]

ТАДБИР СОХТАНИ АРДАШЕР
ДАР ҚОРИ ПОДШОҲӢ

Зи фарру ҳунармандии[3] Ардашер,
Сухан бишнаву як ба як ёд гир.

Бикӯшиду оини неку ниҳод,
Бигустурд бар ҳар касе[4] меҳру дод.

Ба даргоҳ чун хост лашкар фузун,
Фиристод бар ҳар сӯе раҳнамун.

Ки то ҳар касеро, ки дорад писар,
Намонад, ки боло кунад беҳунар.

Саворӣ биёмӯзаду расми ҷанг,
Ба гурзу камону ба тири хаданг,

Чу кӯдак зи кӯшиш ба неру шудӣ,
Ба ҳар бахш андар беоҳу шудӣ,

Зи кишвар ба даргоҳи шоҳ омадӣ,
Бад-он номвар боргоҳ омадӣ.

Навиштӣ араз ному[5] девони ӯй,
Биёростӣ коху майдони[6] ӯй.

Чу ҷанг омадӣ наврасида ҷавон,
Бирафтӣ зи даргоҳ бо паҳлавон.

---

[1] И — тахт.
[3] ТПМ — Кунун бишнав аз доду фарҳанги ӯй,
Зи некӣ ба ҳар ҷой оҳанги ӯй.
[3] И — Кунун аз хирадмандии. [4] Л — сӯе. [5] ИЛ — ном. [6] Л — айвони.

Яке мӯбадеро зи корогаҳон,
Ки будӣ харидори кори ҷаҳон.

Або ҳар ҳазоре яке корҷӯй,
Бирафтӣ, нигаҳ доштӣ кори ӯй.

Ҳар он кас, ки дар ҷанг суст омадӣ,
Ба овард нотандуруст омадӣ,

Шаҳаншоҳро нома кардӣ бад-он,
Ҳам аз беҳунар, ҳам зи ҷанговарон.

Ҷаҳондор чун нома бархондӣ,
Фиристодаро пеш биншондӣ.

Ҳунармандро хилъат оростӣ,
Зин ганҷ он чи пурмоятар хостӣ.

Чу кардӣ нигоҳ андар он бадҳунар,
Набастӣ миён ҷангро бештар.

Чунин то сипоҳаш ба ҷое[2] расид,
Ки паҳнои эшон ситора надид.

Аз эшон касе, ки будӣ ройзан,
Сарашро барафрохтӣ з-анҷуман.

Бигаштӣ мунодигаре дар сипоҳ,
Ки эй номдорону гурдони шоҳ![3]

Ҳар он[4] кас, ки хушнудии шоҳ ҷуст,
Заминро ба хуни далерон бишуст,

Биёбад зи ман хилъати шаҳриёр,
Бувад дар ҷаҳон номи ӯ ёдгор.

---

1 Л — Бубастӣ. 2 Л — то сипоҳӣ бад-он ҷо. 3 И — б. 312 нест;
Л — Мунодигареро бифармуд шоҳ,
Ки то барзанад бонг дар боргоҳ.
4 ИЛ — Ки ҳар.

Ба лашкар биёрост гетӣ ҳама,
Шубон гашту пархошҷӯён рама![1]

Ба девон-ш корогаҳон доштӣ,
Ба бедонишон кор нагзоштӣ.

Балоғат нигаҳ доштандиву хат,
Қасе к-ӯ будӣ чира бар як нуқат.

Чу бардоштӣ он сухан раҳнамун,
Шаҳаншоҳ кардиш рӯзӣ фузун:

Қасеро, ки камтар будӣ хатту вир,
Нарафтӣ ба девони шоҳ Ардашер.

Сӯи кордорон шудандӣ ба кор,
Қаламзан бимондӣ бари шаҳриёр.

Ситоянда буд шаҳриёр Ардашер,
Чу дидӣ ба даргоҳ марди дабир.

Нависанда гуфтӣ, ки ганҷ оганад,
Ҳам аз рою аз[2] ранҷ бипроганд.

Бад-ӯ бошад обод шаҳру сипоҳ,
Ҳамон зердастони фарьёдхоҳ.

Дабирон чу пайванди ҷони мананд,
Ҳама[3] подшо бар ниҳони мананд.

Чу рафтӣ сӯи кишваре кордор,
Бад-ӯ шоҳ гуфтӣ, дирам хор дор.

Набояд, ки мардум фурӯшӣ ба ганҷ,
Ки бар кас намонад сарои сипанҷ.

---

[1] ТПИ — Нигаҳ кун ба тадбири шоҳ Ардашер,
Ба девон чу барсохт* кори дабир.

[2] Л — рой ӯ. [3] Л — Ҳамон.

* И — Ки чун кард тадбири.

Ҳама ростӣ ҷуву фарзонагӣ,
Зи ту дур бод озу девонагӣ.

Зи пайванду хешон мабар ҳеҷ кас,
Сипоҳ он ки ман додамат ёр бас.

Дирам бахш ҳар моҳ дарвешро,
Мадеҳ чиз марди бадандешро.

Агар кишвар обод дорӣ ба дод.
Бимонӣ ту ободу аз дод шод.

В-агар ҳеҷ дарвеш хуспад ба бим,
Ҳаме ҷон фурӯшӣ ба зарру ба сим.

Ҳар он кас, ки рафтӣ ба даргоҳи шоҳ
Ба шоиста кореву гар додхоҳ,

Шудандӣ бараш устуворони ӯй,
Ба пурсидан аз кордорони ӯй.

Кӣ додаст аз эшону гар оз чиз,
В-аз эшон кӣ хуспад ба тимор низ.

Дигар он ки дар шаҳр доно киананд,
Гар аз нестӣ нотавоно киананд?

Дигар кист к-ӯ[1] аз дари подшост,
Ҷаҳондида пир аст агар[2] порсост.

Шаҳаншоҳ гӯяд, ки аз ранҷи ман
Мабодо касе шоду аз[3] ганҷи ман

Магар марди бодонишу ёдгир,
Чӣ некӯтар аз марди донову пир?!

Ҷаҳондидагонро манам[4] хостор,
Ҷавони писандидаву бурдбор.

[1] И — к-он. [2] ИМ — Гаронмоя пир аст гар; Л — асту ҳам.
[3] ИЛ — шод бе: [4] Л — ҳаме.

Ҷавонони донон донишпазир,
Сазад гар нишинанд бар ҷои пир.

Чу лашкар-ш рафтӣ ба ҷое ба ҷанг,
Хирад ёр кардиву рои[1] диранг.

Фиристодае[2] баргузидӣ дабир,
Хирадманду бодонишу ёдгир.

Паёме бидодӣ ба оину чарб,
Бад-он, ки набошад ба бедод ҳарб.[3]

Фиристода рафтӣ бари душманаш,
Қи бишнохтӣ рози[4] пироҳанаш.

Шунидӣ сухан гар хирад доштӣ,
Ғаму ранҷу[5] бадро ба бад доштӣ.

Бад-он ёфтӣ хилъати шаҳриёр,
Ҳамон аҳду маншуру ҳам ёдгор.

Агар тоб будӣ ба сар-ш андарун,
Ба дил кину андар ҷигар ҷуши хун,

Сипаҳро бидодӣ саросар дирам,
Бад-он то набошад яке тан дижам.

Яке паҳлавон хостӣ[6] номҷуй,
Хирадманду бедору оромҷуй.

Дабире ба оину бо дастгоҳ,
Қи дорад зи бедод лашкар нигоҳ.

В-аз он пас яке мард бар пушти пил,
Нишастӣ, ки рафтӣ хурӯшаш ду мил,

Задӣ бонг, к-эй номдорони ҷанг!
Ҳар он кас, ки дорад дилу ному нанг,

---

1 Л — рою. 2 Л — Фиристодаро. 3 И — б. 343 нест. 4 ИЛ — нашнохтӣ роз. 5 ИЛ — ранҷи. 6 Л — доштӣ.

Набояд, ки бар ҳеч дарвеш ранҷ
Расад, гар бар он кас бувад ному ганҷ.

Ба ҳар манзиле-дар хӯреду диҳед,
Бад-он зердастон сипосе ниҳед.

Ба чизи касон кас маёзед[1] даст,
Ҳар он кас, ки ӯ ҳаст яздонпараст.

Ба душман ҳар он кас, ки бинмуд пушт,
Шавад з-он сипас рӯзгораш дурушт.

Агар дахма бошад ба чанголи ӯй,
В-агар банд сояд бару ёли ӯй.

Зи девон агар номи ӯ карда пок,
Хӯриш хоку хуфташ бари тирахок.

Ба солор гуфтӣ, ки сустӣ макун,
Ҳамон тезиву пешдастӣ макун.

Ҳамеша ба пеши сипаҳ дор пил,
Талоя пароканда бар чор мил.

Нахустин яке гирди лашкар бигард,
Чу пеш оядат рӯзи нангу набард.

Ба лашкар чунин гӯй, к-ин худ киянд,
Бад-ин размгоҳ андарун бар чиянд?

Шуморо ҳама пок барнову пир,
Ситонам яке хилъат аз Ардашер,

Аз эшон сад аспафкан аз мо яке,
Ҳамон сад ба пеши яке андаке.

Чу асп афканад лашкар аз ҳар ду рӯй,
Набояд, ки гурдони пархошҷӯй

Биёянду монад тиҳӣ қалбгоҳ,
В-агар чанд бисёр бошад сипоҳ.

---

[1] Л — дармаёзед.

Чунон кун, ки бо маймана майсара,
Бикӯшанд ҷанговарон яксара.

Бувад лашкари қалб бар ҷои хеш,
Қас аз қалбгаҳ нагсилад пои хеш.

В-агар қалби эшон биҷунбад зи ҷой,
Ту бо лашкар аз қалбгоҳ андар ой.

Чу пирӯз гардӣ зи тан хун марез,
Чу бошад зи ту[1] бадкуниш дар гурез.

Чу хоҳад зи душман касе зинҳор,
Ту зинҳордеҳ бошу кина мадор.

Чу ту пушти душман бубинӣ ба чиз,
Матозу мапардоз ҳам ҷой низ.

Набояд, ки эмин шавӣ аз камин,
Сипаҳ бошад андар дару дашти кин,

Ҳар он гаҳ ки аз душман эмин шавӣ,
Сухан гуфтани кас нигар нашнавӣ.

Ғанимат бар он бахш, к-ӯ ҷанг ҷуст,
Ба мардӣ дил аз ҷони ширин бишуст.

Ҳар он кас, ки гардад ба дастат асир,
Бад-ин боргоҳ овараш ногузир.

Ман аз баҳри эшон яке шорсон
Барорам ба буме, ки буд хорсон.

В-аз ин пандҳо ҳеҷ гуна магард,
Чу хоҳӣ, ки монӣ ту беранҷу дард.

Ба пирӯзӣ андар ба яздон гирой,
Ки ӯ бошадат бегумон раҳнамой.

Зи ҳар ҷо, ки омад фиристодае,
Зи турку зи румӣ, гар озодае,

---

1 Л — ки шуд душмани.

Аз ӯ марзбон огаҳӣ доштӣ,
Чунин корҳо хор нагзоштӣ.

Ба раҳ-бар будӣ чои ӯ сохта,
Қуноранг аз он кор пардохта.

Зи пӯшиданиҳову аз хӯрданӣ,
Ниёзаш набудиву густурданӣ.

Чу огаҳ шудӣ з-он сухан кордор,
Ки ӯ бар чӣ омад бари шаҳриёр,

Ҳаюни сарафрозу марди дабир,
Бирафтӣ ба наздики шоҳ Ардашер.

Бад-он то пазира шудандӣ сипоҳ,
Биёростӣ тахт пирӯзшоҳ.

Қашидӣ парастанда ҳар сӯ рада,
Ҳама ҷомҳошон ба зар озада.

Фиристодаро пеши худ хондӣ,
Бари тахти заррин-ш биншондӣ.

Ба пурсиш гирифтӣ ҳама рози ӯй,
Зи неку баду ному овози ӯй.

Зи доду зи бедод дар кишвараш,
Аз оину аз шоху аз лашкараш.

Ба айвон-ш бурдӣ фиристодавор,
Биёростӣ ҳар чӣ будӣ ба кор.

В-аз он пас ба хону маяш хондӣ,
Абар тахти заррин-ш биншондӣ.

Ба нахчир бурдиш бо хештан,
Шуда[1] лашкари бешумор анҷуман.

Гусӣ карданашро фиристодавор,
Биёростӣ хилъати шаҳриёр.

---

[1] И — Шудӣ.

Ба ҳар сӯ фиристод пас мӯбадон,
Беозору бедордил бихрадон,

Ки то ҳар сӯе шаҳрҳо сохтанд,
Бар ин низ ганҷе бипардохтанд.

Бад-он то касеро, ки бехона буд,
Набудаш наво, бахт бегона буд,

Хӯриш сохт бо ҷойгоҳи нишаст,
Ҳамон то фаровон шавад зердаст.

Аз ӯ номи неке бувад дар ҷаҳон,
Чи бар ошкору чи андар ниҳон.

Чун ӯ дар ҷаҳон шаҳриёре бувад,
Қ-аз ӯ дар ҷаҳон[1] ёдгоре бувад.

Манам вижа зиндакуни номи ӯй,
Мабодо ба ҷуз нек фарҷоми ӯй.[2]

Фаровон сухан дар ниҳон доштӣ,
Ба ҳар ҷой корогаҳон доштӣ,

Чу бемоя гаштӣ яке моядор,
В-аз он огаҳӣ ёфтӣ шаҳриёр.

Чу боист барсохтӣ кори ӯй,
Намондӣ чунон тира бозори ӯй.

Замини барӯманду ҷои нишаст,
Парастандаву мардуми зердаст.

Биёростӣ чун бибоистӣ кор,
Нагаштӣ ниҳонаш ба шаҳр ошкор.[3]

---

[1] Л — Пас аз марг аз ӯ.
[2] ТПИМ — Бубин ин шигифтӣ ки аз дод кард,
Ки байте* ба доди худ обод кард.
[3] И — б. 406, 407 нест.
* И — гетӣ.

Ҳамон кӯдакашро ба фарҳангиён
Супурдӣ чу будӣ аз оҳангиён,

Ба ҳар барзам андар дабистон будӣ
Ҳамон ҷои оташпарастон будӣ

Намондӣ, ки будӣ якеро ниёз
Магар доштӣ сахтии хеш роз.[1]

Наҷустӣ ба дод андар озарми кас,
Чи кеҳтар, чи фарзанди фарьёдрас,

Зи додаш ҷаҳон яксар обод буд,
Дили зердастон бад-ӯ шод буд.

Ҷаҳондор чун гашт бо дод ҷуфт,
Замона паи ӯ наёрад нуҳуфт.

Нигаҳ кун ба тадбири озодмард,[2]
Ки дар некномӣ чӣ буньёд кард?[3]

Фиристода будӣ ба гирди ҷаҳон,
Хирадманду бедор корогаҳон.

Ки ҷое, ки будӣ замини хароб,
В-агар танг будӣ ба руд андар об,

Хироҷ андар он бум бардоштӣ,
Замини касон хор нагзоштӣ.

Гар эдун, ки деҳқон будӣ тангдаст,
Сӯи нестӣ гашта кораш зи ҳаст.

Бидодӣ зи ганҷ олату чорпой,
Намондӣ, ки пояш нарафтӣ зи ҷой.

Зи доно сухан бишнав, эй шаҳриёр,
Ҷаҳонро бад-ин гуна обод дор.

---

1 ТПЗ — Ба майдон шудӣ бомдоди пагоҳ,
Бирафтӣ касе, к-ӯ будӣ додхоҳ.

2 И — он родмард. 3 Л — б. 414 нест; И — Ки гӯи ҳама некноми бибард.

Чу хоҳӣ, ки озод бошӣ зи ранҷ,
Беозору оганда беранҷ ганҷ,

Беозории зердастон гузин,
Қи ёбӣ зи ҳар кас ба дод офарин![1]

## АНДАРЗ КАРДАНИ ШОҲ АРДАШЕР МЕҲТАРОНИ ЭРОНРО

Чу аз Руму аз Чину аз Турку Ҳинд,
Ҷаҳон шуд мар ӯро чу румипаринд,

Зи ҳар мард пайваста шуд божу сов,
Қасеро набуд бо ҷаҳондор тов.

Ҳама меҳтаронро зи Эрон бихонд,
Сазовор бар тахти шоҳӣ нишонд.

В-аз он пас ҷаҳондор бар пой хост,
Ба хубӣ биёрост гуфтор рост.

Чунин гуфт, к-эй номдорони шаҳр,
Зи рою хирад ҳар кӣ доред баҳр,

Бидонед, к-ин тезгардон сипеҳр,
Нанозад ба доду наёзад ба меҳр.

Ҳар онро, ки хоҳад барорад баланд,
Ҳам ӯро супорад ба хоки нажанд.

Намонад ба ҷуз номи ӯ дар ҷаҳон,
Ҳама ранҷ бо ӯ шавад дар ниҳон.

Ба гетӣ мамонед ҷуз[2] номи нек,
Ҳар он кас, ки хоҳад саранҷоми нек.

---

1 И — пас аз б. 422 ин б. омада:
Қи гетӣ мар уро ҳама рост шуд,
Зи ҳиммат ба кайвон ҳаме хост шуд.

2 Л — намонад ба ҷуз.

Туро рӯзгор урмузд он бувад,
Қи хушнудии покяздон бувад.

Ба яздон гирою ба яздон кушой,
Ки доранда ӯясту некифизой.[1]

Зи ҳар бад ба дорои гетӣ[2] паноҳ,
Ки ӯрост бар неку бад дастгоҳ.[3]

Кунад бар ту осон ҳама кори сахт,
Аз ӯӣ дилафрӯзу пирӯзбахт.[4]

Нахустин зи кори ман андоза гир,
Гузашта баду неки ман тоза гир.

Чу кардам ба дорои гетӣ паноҳ,
Ба дил шодмон гаштам аз тоҷгоҳ,[5]

Замин ҳафт кишвар ба шоҳӣ марост,
Чунон к-аз худовандии ӯ сазост.

Ҳаме бож ёбам зи Руму зи Ҳинд,
Ҷаҳон шуд маро ҳамчу румипаринд.

Сипосам зи яздон, ки ӯ дод зӯр,
Баландахтару бахши кайвону ҳур.

Ситоиш кӣ донад сазовори ӯй,
Ниёиш ба онни[6] кирдори ӯй!

Магар ӯ диҳад ёдамон бандагӣ,[7]
Намояд бузургиву дорандагӣ!

Кунун ҳар чи хоҳед кардан зи дод,
Бигӯему аз дод бошем[8] шод.

---

[1] И — ӯяст бар неку бад раҳнамой. [2] Л — додори кайҳон. [3] И — б. 434 нест. [4] И — дилафруз, бедорбахт. [5] И — б. 437 нест. [6] ИЛ — бар онну. [7] Л — к-ӯ диҳад ёри дармондагӣ. [8] И — Бикӯшему озод бошему.

Зи даҳьяк маро чанд дар шаҳрҳост,
Ки деҳқони мӯбад бар он бар гувост.

Нахоҳам бубахшам шуморо ҳама,
Ҳамон даҳьяки буму божи рама.

Магар он чи ояд шуморо фузун,
Биёрад сӯи ганҷи мо раҳнамун.

Зи даҳьяк, ки ман бистадам пеш аз ин,
Зи бож он чи кам буду ё беш аз ин,

Ҳама[1] аз паи суд бурдам ба кор,
Бад-ӯ доштам лашкари[2] бешумор.

Шуморо хушӣ ҷустаму[3] эманӣ,
Ниҳон кардани кеши оҳарманӣ.[4]

Шумо даст яксар ба яздон занед,
Бикӯшеду паймони ӯ машканед,

Ки бахшанда ӯяст у доранда[5] ӯст,
Баландосмонро нигоранда ӯст.

Ситамдидаро ӯст фарьёдрас,
Манозед бо нозиши ӯ ба кас.

Набояд ниҳодан дил андар фиреб,
Ки ҳаст аз паси ҳар фарозе нишеб

Куҷо он, ки барсуд точаш ба абр?
Куҷо он, ки будӣ шикораш ҳизабр?

Ниҳолӣ ҳама хок доранду хишт,
Хунук он ки ҷуз тухми некӣ накишт!

---

1 Л — Ҳаме. 2 Л — Ба дар доштан лашкаре. 3 Л — Бузургӣ ҳамеҷустаму. 4 Л — Ахриманӣ. 5 И — донанда.

Ҳама ҳар ки ояд дар ин[1] марзи ман,
Қуҷо гӯш доред б-андарзи[2] ман.

Намоям шуморо кунун роҳ панҷ
Қи судаш фузун ояд аз тоҷу ганҷ.

## АНДАРЗ ҚАРДАНИ АРДАШЕР МАРДУМОНРО

Ба гуфтори ин номдор Ардашер,
Ҳама гӯш доред барнову пир.

Ҳар он кас, ки донад, ки додор ҳаст,
Набошад магар пок яздонпараст

Дигар он ки дониш магиред[3] хор,
Агар зердастед, агар[4] шаҳриёр.

Се дигар бидонӣ, ки ҳаргиз сухан
Нагардад бари марди доно куҳан.

Чаҳорум чунон дон, ки бими гуноҳ
Фузун бошад аз банду зиндони шоҳ.

Ба панҷум сухан мардуми айбҷӯй
Нагирад ба назди касон обрӯй.

Бигӯям яке тоза андарз низ,
Қи он бартар аз дидаву ҷону чиз.

Хунук он ки обод дорад ҷаҳон,
Бувад ошкорон ӯ чун ниҳон.

Дигар он ки дорад хам овози нарм,
Хирад дораду шарму гуфтори гарм.

Ҳазина шумар сим,[5] к-аз баҳри лоф
Ба беҳуда бипроканад бар газоф

---

1 Л — бад-ин. 2 ИЛ — дорад ба андарзи. 3 Л — дониш нагирӣ ту.
4 Л — зердастӣ ва гар. 5 Л — Ҳазина шумар мард.

На музду на дорад касе з-ӯ сипос,
На бипсандат он мард яздоншинос.

Миёна гузинӣ, бимонад ба ҷой,
Хирадманд хонад-т[1] покизарой.

Ҳ-аз ин бугзарӣ, панҷ роҳаст пеш,
Куҷо тоза гардад[2] туро дину кеш?

Таносониву шодӣ афзоядат,
Ки бо шаҳри ӯ заҳр нагзоядат.

Яке он, ки аз бахшиши додгар,
Ба озу фузунӣ[3] наҷӯй гузар.

Тавонгар шавад[4] ҳар кӣ хурсанд гашт,
Гули навбаҳораш барӯманд гашт.

Агар бишканӣ гардани озро,
Нагӯй ба пеши занон розро.

Се дигар нанозӣ ба нангу набард,
Ки нангу набард оварад ранҷу дард.

Чаҳорум, ки дил дур дорӣ зи ғам,
Зи ноомада ғам набошӣ дижам.

Ба панҷум ба коре, ки кори ту нест,
Наёзӣ[5] бад-он к-он шикори ту нест.

Ҳама гӯш доред панди маро,
Сухан гуфтани судманди маро.[6]

Замоне маёсой аз омӯхтан,
Агар ҷон ҳаме хоҳӣ афрӯхтан.

---

[1] Л — хонад-ту. [2] Л — дорад. [3] Л — ба кӯшиш. [4] Л — шуда.
[5] ИЛ — Нанозӣ.
[6] ТПЗЛ — Бувад бар дили ҳар касе арҷманд,
Ки ёбад аз ӯ эминӣ аз газанд.

Чу фарзанд бошад, ба фарҳанг дор,
Замона зи бозӣ бад-ӯ танг дор.

Ҳама ёд доред гуфтори мо,[1]
Қашидан бад-ин гуна тимори мо.[2]

Ҳар он кас, ки бо доду равшандилед,
Зи омӯзиши якдигар магсилед.

Дил ором доред аз чор чиз,
Қ-аз ӯ хубиву судмандист низ,

Яке биму озарму шарми худой,
Ки то бошадат раҳбару раҳнамой.

Дигар дод додан тани хешро,
Нигаҳ доштан домани[3] кешро.

Ба фармони яздон дил оростан,
Маро чун тани хештан хостан.

Се дигар, ки пайдо кунӣ ростӣ,
Ба дур афканӣ кажживу костӣ.

Чаҳорум, ки аз рои шоҳи ҷаҳон
Напечӣ дил аз ошкору ниҳон.

Варо чун тани хеш хоҳӣ ба меҳр,
Зи[4] фармони ӯ тоза гардад-т чеҳр.

Дилат баста дорӣ ба фармони ӯй,
Равонро напечӣ зи паймони ӯй.

Бар ӯ меҳр дорӣ чу бар ҷони хеш,
Чу бо дод бинӣ нигаҳбони хеш.

Ғами подшоҳӣ ҷаҳонҷӯйрост,
Зи гетӣ сиголиш нагирад зи[5] кост.

---

1 Л — ман. 2 Л — ман. 3 И — донишу. 4 Л — Ба. 5 Л — Фузуни сиголад на.

Гар аз кордорону аз лашкараш,
Бидонад ки ранҷ аст бар кишвараш,

Наёзад ба дод, ӯ ҷаҳондор нест,
Бар ӯ тоҷи шоҳӣ сазовор нест.

Сияҳ кард маншури шоҳаншаҳӣ,
В-аз он пас набошад варо фарраҳӣ.

Чунон дон, ки бедодгар шаҳриёр
Бувад шери дарранда бар марғзор.

Ҳамон зердасте, ки фармони шоҳ
Ба ранҷу ба кӯшиш надорад нигоҳ

Бувад зиндагониш бо дарду ранҷ,
Нагардад[1] кӯҳан дар сарои сипанҷ.

Агар беҳтарӣ бояду меҳтарӣ,
Наёбӣ ба зуфтиву кундоварӣ.

Дили зердастони мо шод бод,
Ҳам аз доди мо гетӣ обод бод!

СУТУДАНИ ХАРРОД АРДАШЕРРО

Чу бар тахт биншаст шоҳ Ардашер,
Бишуд пешгоҳаш яке марди пир.

Куҷо номи он пир Харрод буд,
Равону забонаш пур аз дод буд.

Чунин дод посух, ки эй шаҳриёр,
Анӯша бувӣ[2] то бувад рӯзгор.

Ҳамеша бизӣ шоду пирӯзбахт,
Ба ту шодмон кишвару тоҷу тахт!

---

[1] Л — Бигардад. [2] ИЛ — бизӣ.

Ба ҷое расидӣ, ки мурғу дада,
Зананд аз бари бахт пешат[1] рада.

Бузурги ҷаҳонӣ карон то карон
Сарафроз бар тоҷвар меҳтарон.[2]

Кӣ донад сифат кардан аз доди ту,
Ки доду бузургист буньёди ту.

Ҳама офаринро[3] физоиш кунем,
Худои ҷаҳонро ниёиш кунем.

Ки мо зинда андар замони туем,
Ба ҳар кор некугумони[4] туем.

Харидор дидору чеҳри туро,
Ҳамон хубгуфтору[5] меҳри туро.

Ту эмин бизӣ, к-аз ту мо эминем,
Мабодо, ки паймони ту бишканем.

Ту бастӣ раҳи бадсиголони мо,
Зи Ҳинду зи Чин ноҳамолони[6] мо.

Пароканда шуд ғорату ҷангу ҷӯш,
Наёяд ҳаме бонги душман ба гӯш.

Бимонод ҷовид равшанравон,[7]
Ҳамеша сару кор бо мӯбадон.

На кас чун ту дорад зи шоҳон хирад,
На андеша аз рои ту бугзарад.

Буне дарфикандӣ ба Эрон зи дод,
Ки фарзанди мо бошад аз дод шод.

---

1 Л — Зананд аз пасу пеши тахтат. 2 И — б. 505, 506 нест.
3 И — офарин бар; Л — офарин дар. 4 Л — неку бад дар амони.
5 Л — чарбгуфтору. 6 Л — ину ҳамолони. 7 Л — Бимонӣ чунин шод то ҷовидон.

Ба ҷое расидӣ ҳам андар сухан,
Ки нав шуд зи роҳи ту марди кӯҳан.

Бад-ин анҷуман ҳар кӣ дорад нажод,
Ба ту шодмонанду аз дод шод.

Хирадҳо фузун шуд зи гуфтори ту,
Ҷаҳон гашт равшан зи додори ту.

Туӣ хилъати эзадӣ бахтро,
Кулоҳу камарбастану тахтро.

Бимонӣ чунин шод бо меҳру дод,
Надорад ҷаҳон чун ту хусрав ба ёд.

Ҷаҳон эмин аз бурзу аз фарри туст,
Хунук он ки дар сояи парри туст,

Ҳамеша сари тахт ҷои ту бод,
Ҷаҳон зери фармону рои ту бод!

СУХАН ДАР БЕВАФОИИ РУЗГОР

Ало, эй харидори мағзи сухан,
Дилат баргусил з-ин сарои кӯҳан,

Ки ӯ чун ману чун ту бисьёр дид,
Нахоҳад ҳаме бо касе орамид.

Агар шаҳриёрӣ в-агар пешкор,
Ту андар гузориву ӯ пойдор.

Чӣ бо ранҷ бошӣ, чӣ бо тоҷу тахт,
Бибояд-т бастан ба фарҷом рахт.[1]

Агар з-оҳанӣ, чарх бигдозадат,
Чу гаштӣ кӯҳан низ нанвозадат,

Чу сарви дилорой гардад ба хам,
Хурӯшон шавад наргисони дижам,

---

[1] И — б. 526, 527 нест.

Ҳамон чеҳраи арғувон заъфарон,
Сари[1] мардуми шод гардад гарон,

Нахуспад равон чун ки боло бичафт,[2]
Ту танҳо мамон, чун ки ҳамроҳ рафт.

Агар шаҳриёрӣ, агар зердаст,
Ба ҷуз хоки тира наёбӣ нишаст.

Куҷо он бузургони ботоҷу тахт?
Куҷо он саворони пирӯзбахт?

Куҷо он хирадманд кундоварон?
Куҷо он сарафроз ҷангисарон?

Ҳама хок доранд болину хишт,
Хунук он ки ҷуз номи[3] некӣ нахишт.

Нишон бас бувад шаҳриёр[4] Ардашер,
Чу аз ман сухан бишнавӣ, ёд гир.

### СУПУРДАНИ АРДАШЕР ҚОРИ ПОДШОҲИРО БА ШОПУР

Чу сол андар омад ба ҳафтоду ҳашт,
Ҷаҳондори бедор бемор гашт.

Бидонист, к-омад ба наздик марг,
Ҳаме зард хоҳад буд он[5] сабзбарг.

Бифармуд то рафт Шопур пеш,
Варо пандҳо дод аз андоза беш.

Бад-ӯ гуфт, к-ин аҳди ман ёд дор,
Ҳама гуфти бадгӯйро бод дор,

Суханҳои ман чун шунидӣ биварз,
Магар боз донӣ зи ноарз арз.

---

[1] ИЛ — сабук. [2] Л — ҳар ки боло гирифт. [3] ИЛ — тухми. [4] И — шоҳин. [5] ИЛ — шудан.

Ҷаҳон рост кардам ба шамшери дод,
Нигаҳ доштам арҷи марди нажод.

Чу кори ҷаҳон мар маро гашт рост,
Фузун шуд замин,[1] зиндагонӣ бикост.

В-аз он пас, ки бисьёр бурдем ранҷ,
Биполуд хайю[2] биафзуд ганҷ.

Шуморо ҳама ганҷ[3] пеш асту ноз,[4]
Ба ҳар ҷо нишеб аст пеши[5] фароз.

Чунин аст кирдори гардонсипеҳр,
Гаҳе дард[6] пеш орадат,[7] гоҳ меҳр.

Гаҳе бахт гардад чу аспи шамӯс,
Ба нӯъм андарун зуфтӣ орад-т бӯс.

Замоне яке борае тохта,
Зи некӣ сарашро[8] барафрохта,

Бидон, эй писар, к-ин сарои фиреб,
Надорад туро шодмон бениҳеб.[9]

Нигаҳдори тан бошу они хирад,
Чу хоҳӣ, ки рӯзат ба бад нагзарад.

Чу бар дин кунад шаҳриёр офарин,
Бародар[10] шавад подшоҳиву дин.

На бе тахти шоҳӣ бувад дин ба пой,
На бедин бувад шаҳриёре ба ҷой.

Ду буньёд як бар дигар бофта,
Бароварда пеши хирад тофта.

---

1 Л — ҷаҳон; И — маро. 2 Л — хай чун. 3 Л — ҳамон ранҷ.
4 Л — боз. 5 Л — Замоне нишебу замоне; И — пеш аз. 6 Л — **кина**.
7 И — оварад. 8 Л — Зи фарзонагӣ сар. 9 И — б. 558, 559 **нест**.
10 Л — Бар озар.

На аз подшо бениёз аст дин,
На бе дин бувад шоҳро офарин.

Чун ин посбонони якдигаранд,
Ту гӯӣ, ки дар зери як чодаранд.

На он з-ин, на ин з-он бувад бениёз,
Ду амбоз дидемашон нексоз.

Чу бошад худованди рою хирад,
Ду гетӣ ҳама марди динӣ барад.

Чу динро бувад подшо посбон,
Ту ин ҳардуро ҷуз бародар махон.

Ҳар он кас, ки бар додгар шаҳриёр
Кушояд забон, марди динаш мадор.

Чу диндор кин дорад аз подшо,
Магар то нахонӣ варо порсо.

Чӣ гуфт он сухангӯи боофарин,
Ки чун бингарӣ, мағзи додаст дин.

Сари тахти шоҳон бупечад се кор,
Нахустин зи бедодгар шаҳриёр.

Дигар он, ки бемояро[1] баркашад,
Зи марди ҳунарманд бартар кашад.

Се дигар, ки бо ганҷ хешӣ кунад,
Ба динор кӯшад, ки бешӣ кунад.

Ба бахшандагӣ нозу доду хирад,
Дурӯғ эч то бар ту барнагзарад.

Рухи подшо тира дорад дурӯғ,
Бадандеш ҳаргиз нагирад фурӯғ.

Нигар то набошӣ нигаҳбони ганҷ,
Ки мардум зи динор ёзад ба ранҷ.

1 ИЛ — бесудро. 2 И — б. 566 нест.

Агар подшо ози ганҷ оварад,
Тани зердастон ба ранҷ оварад.

Куҷо ганҷи деҳқон бувад ганҷи ӯст,
В-агар чанд бар кӯшишу ранҷи ӯст.

Нигаҳбон бувад шоҳ ганҷи варо,
Ба бор оварад низ ранҷи варо.[1]

Бад-он кӯш, то дур монӣ[2] зи хашм,
Ба мардӣ бихоб аз гунаҳгор чашм.

Чу хашм оварӣ ҳам пушаймон шавӣ,
Ба пӯзиш нигаҳбони дармон шавӣ.

Ҳамон гаҳ, ки хашм оварад подшо,
Сабукмоя хонад варо порсо.

Чу бар шоҳ айб аст бад хостан,
Бибояд ба хубӣ дил оростан.

В-агар бим дорад[3] ба дил як замон,
Шавад чира[4] рои дили бадгумон.

Зи бахшиш манеҳ бар дил андӯҳ низ,
Бидон, эй писар, то тавон арҷи чиз.

Чунон дон, ки шоҳӣ бар он барсазост,[5]
Ки даври фалакро бубахшид рост.

Замоне ғами подшоҳӣ х[в]арад,[6]
Худу мӯбадаш рой пеш оварад.

Бипурсад ҳам аз кори бедоду дод,
Кунад он сухан бар дили шоҳ ёд.

Ба рӯзе, ки рои шикор оядат,
Агар май хӯрӣ, беш бигзоядат[7]

---

1 И — б. 569, 570 нест. 2 Л — бошӣ. 3 ИЛ — дорӣ. 4 Л — хира. 5 Л — кас сазост. 6 ИЛ — барад. 7 Л — чу гиранда боз он ба кор оядат.

Ду бозӣ ба ҳам бар набояд задан,
Маю базму нахчиру берун шудан.

Ки тан гардад аз ҷунбиши май гарон,
Нигаҳ доштанд ин сухан меҳтарон.

В-агар душман ояд зи ҷое[1] падид,
Аз ин корҳо дил бибояд[2] кашид.

Дирам бояду[3] теғ перостан,
Зи ҳар подшоҳе[4] сипаҳ хостан.

Ба фардо мамон кори имрӯзро,
Бари тахт маншон бадомӯзро.

Маҷӯй аз дили омиён ростӣ,
К-аз он ҷустуҷӯ оядат костӣ.

В-аз эшон туро гар бад ояд хабар,
Ту машнав зи бадгӯву андӯҳ мах(в)ар

На хусравпарасту на яздонпараст,
Агар пой гирӣ, сар ояд ба даст.

Чунин бошад андозаи оми шаҳр,
Туро ҷовидон аз хирад бод баҳр.

Битарс аз бади мардуми бадниҳон,
Ки аз бадниҳон танг бошад ҷаҳон.

Сухан хеҷ масрой бо роздор,
Ки ӯро бувад низ амбозу ёр.

Суханро ту барканда[6] донӣ ҳаме,
Ба[7] гетӣ пароканда хонӣ ҳаме.

Чу розат ба шаҳр ошкоро шавад,
Дили бихрадат бемадоро шавад.

---

[1] Л — ба гоҳе. [2] Л — набояд. [3] Л — додану [4] Л — ба ҳар подшоҳӣ. [5] Л — бар. [6] ИЛ — оганда. [7] ИЛ — Зи.

Барошӯбиву сарсабук хонадат,
Хирадманд к-он ҷӯш биншонадат.

Ту айби касон ҳеҷ гуна маҷӯй,[1]
Ки айб оварад бар ту-бар айбгӯй.[2]

В-агар чира гардад ҳаво бар хирад,
Хирадмандат аз мардумон нашмарад.

Хирадманд бояд[3] ҷаҳондор шоҳ,
Куҷо ҳар касеро бувад некхоҳ.

Касе к-ӯ бувад тезу бартарманиш,
Напечад зи[4] пайғораву сарзаниш.

Мабодо, ки гирад ба назди ту ҷой,
Чунин мард гар бошадат раҳнамой.

Чу хоҳӣ, ки бистоядат порсо,
Бинеҳ хашму кин чун шавӣ подшо

Ҳаво ҳар ки бар тахти ҳашмат нишаст,
Набошад хирадманду яздонпараст.

Набояд, ки бошӣ фаровонсухун,
Ба рӯи касон порсоӣ макун,

Сухан бишнавӣ[5] беҳтарин ёд гир,
Нигар, то кадом оядат дилпазир.

Сухан пеши фарҳангиён сахта гӯй,
Ба ҳар кас навозандаву тозарӯй.

Макун хор хоҳанда дарвешро,
Бари тахт маншон бадандешро.

Ҳар он кас, ки пӯзиш кунад бар гуноҳ,
Ту бипзиру кини гузашта махоҳ.

---

[1] И — магуй. [2] Л — айбҷуй; И — ҳам айбҷуй. [3] Л — бошад.
[4] И — Бупечад ба. [5] Л — бишнаву.

Ҳама додгар[1] бошу парвардигор,
Хунук марди бахшандаву[2] бурдбор!

Чу душман битарсад, шавад чоплус,
Ту лашкар биёрову барбанд кӯс.

Ба ҷанг он гаҳе шав, ки душман зи ҷанг
Бипарҳезаду суст гардад-ш чанг.

В-агар оштӣ ҷӯяду ростӣ,
Набинӣ ба дил-ш андарун костӣ.

Аз ӯ бож бистону кина маҷӯй,
Чунин ор наздики ӯ обрӯй.

Биёрой дилро ба дониш, ки арз
Ба дониш бувад, чун бидонӣ, биварз.

Чу бахшанда бошӣ, гиромӣ шавӣ,
Ба доноиву дод номӣ шавӣ.

Ту аҳди падар бо равонат бидор.
Ба фарзанд мон ҳамчунин ёдгор.

Чу ман ҳаққи фарзанд бугзордам,
Қасеро ба гетӣ наёзордам,

Шумо ҳам аз ин аҳди ман магзаред,
Нафас достонро ба бад машмаред.[4]

Бар ин бугзарад солиён панҷсад,
Бузургӣ шуморо ба поён расад.

Бупечад сар аз аҳд фарзанди ту,
Ҳамон кас, ки бошад зи пайванди ту

---

[1] И — додех. [2] И — бахшандаи. [3] И — б. 610, 611 нест.
[4] ТПМ — Ту панди падар ҳамчунин ёд дор,
Ба некӣ гирову бадӣ боз дор.
Ба хира маранҷон равони маро,
Ба оташ тани нотавони маро
Манеҳ гардани хеш б-озори кас,
Маҷӯй, эй писар, дарду тимори кас.

Зи рою зи дониш ба яксӯ шаванд,
Ҳамон панди донандагон нашнаванд.

Бигарданд яксар зи аҳди[1] вафо,
Ба бедод ёзанду[2] ҷабру ҷафо.

Ҷаҳон танг доранд бар зердаст,
Бар эшон шавад хор яздонпараст,

Бипӯшанд пероҳани бадтанӣ,
Биболанд бо кеши оҳарманӣ.

Кушода шавад ҳарчи мо бастаем,
Биёлояд ин дин, ки мо шустаем.

Табаҳ гардад ин панду андарзи ман,
Ба вайронӣ орад рух ин марзи ман.

Ҳаме хоҳам аз кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон.

Ки бошад зи ҳар бад нигаҳдоратон,[3]
Ҳама некномӣ бувад ёратон,[4]

Зи яздону аз мо бар он кас дуруд,
Ки тораш хирад бошаду дод пуд.

Наёрад шикаст андар ин аҳди ман,
Накӯшад, ки ҳанзал кунад шаҳди ман.

Баромад чиҳил солу бар сар ду моҳ,
Ки то барниҳодам зи шоҳӣ кулоҳ.

Ба гетӣ маро шорсон аст шаш,
Ҳамон мушкбӯву ба зер[5] оби х(в)аш.

Яке хондам Хурраи Ардашер,
Ҳаво хушгувору[6] ба ҷӯй оби шир.

---

1 ИЛ — аҳду. 2 ИЛ — ёзанд. 3 Л — нигаҳдорамон. 4 Л — ёрамон. 5 Л — ҳаво хушгувору замин. 6 ЛМ — мушкбӯву.

Чу Ромардашер аст шаҳри дигар,
К-аз ӯ бар сӯи Порс кардам[1] гузар.

Дигар шорсон Урмӯздардашер,[2]
Ки гардад зи бодаш ҷавонмард пир.

Бад-ӯ шод шуд кишвари Хузиён,
Пур аз мардуму обу суду зиён,

Дигар шорсон Биркаи Ардашер,
Пур аз боғу пургулшану обгир.

Ду дар буми Майсону оби[3] Фурот,
Пур аз чашмаву чорпову набот.

Ки хонӣ бино подшоҳ Ардашер,
Чу аз ман сухан бишнавӣ, ёд гир.

Кунун дахмаро барниҳодем рахт,
Ту биспор тобуту пардоз[4] тахт.

Басе ранҷҳо бурдам андар ҷаҳон,
Чи бар ошкоро, чи андар ниҳон.

Равони маро шод гардон ба дод,
Ки пирӯз бодӣ ту бар тахту шод.

Бигуфт ину торик шуд бахти ӯй,
Дареғ он сару афсару тахти ӯй.

Чунин аст оину расми[5] ҷаҳон,
Нахоҳад кушодан ба мо-бар ниҳон.

Анӯша касе, ки бузургӣ надид,
Набоисташ аз тахт шуд нопадид.

Бикӯшанду ҳар гуна варзанд[6] чиз,
На мардум, на он чиз монад ба низ.

Саранҷом бо хок бошем ҷуфт,
Ду рухро ба чодар бибояд нуҳуфт.

---

[1] Л — кардӣ. [2] Л — Биркаи Ардашер, [3] Л — бар буми Майсору руди. [4] ИЛ — бардор. [5] Л — оини хуррам. [6] Л — Бикӯшиву варзӣ зи ҳар гуна.

Биё то ҳама дасти некӣ барем.
Ҷаҳони ҷаҳонро ба бад наспарем.
Хунук он куҷо май[1] бигирад ба даст,
Хӯрад ёди[2] шоҳони[3] яздонпараст.

Чу ҷоми набидаш дамодам шавад,
Бихуспад бад-он гаҳ, ки хуррам шавад[4]

---

[1] ИЛ — ки ҷоме. [2] Л — Барад номи. [3] И — худи подшоҳони.
[4] ТПЗИЛ: —

Бар он офарин, к-офарин офарид,
Макону замону замин офарид.
Ҳам ором аз уяст, ҳам ком аз ӯй,
Ҳам анҷом аз ӯясту фарҷом аз ӯй,
Сипеҳру замину замон кардааст,
Қаму беши гетӣ баровардааст.
Зи хошоки ночиз то арши рост,
Саросар ба ҳастии яздон гувост.
Чуз ӯро маҳон кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон.
В-аз ӯ бар равони Муҳаммад дуруд,
Ба ёрон-ш бар ҳар яке бар фузуд*.
Ҳама пок буданду парҳезгор,
Суханҳояшон баргузашт аз шумор.
Кунун бар суханҳо физоиш кунем,
Ҷаҳонофаринро ниёиш** кунем,
Ситоем тоҷи*** шаҳаншоҳро,
Ки бахташ**** дурафшон кунад моҳро.
Ҷаҳондор Маҳмуди бофарру ҷуд,
Қ-аз ӯ бахшишу ҷуд шуд дар вуҷуд
Далер асту бо бахшишу фарру дод,
Замона зи фармони ӯ гашт шод.
Худованди куполу шамшеру ранҷ,*****
Худованди осониву тоҷи ганҷ.
Ҷаҳондори бофарру некишинос,
Ки аз тоҷ дорад зи яздон сипос.
Хирадманду зебову чирасухан,
Ҷавона****** ба солу ба дониш куҳан.
Ҳаме муштарӣ борад******* аз фарри ӯй,
Бинозем дар сояи парри уй,
Ба разм осмонро хурӯшон кунад,
Чу базм оядаш гавҳар афшон кунад.
Чу хашм оварад, куҳ рсзон шавад,
Сипеҳр аз бари хок ларзон шавад.
Падар бар падар шаҳриёр асту шоҳ
Бинозад бад-ӯ гунбади хуру моҳ.
Бимонод то ҷовидон номи ӯй
Ҳама меҳтарӣ бод фарҷоми ӯй!

# ПОДШОҲИИ ШОПУРИ АРДАШЕР

*Сиву як солу як моҳу ду рӯз буд*

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ШОПУР

Чу биншаст Шопур бар тахти дод,
Кулоҳи дилафрӯз бар сар ниҳод.

Шуданд анҷуман пеши ӯ бихрадон,
Бузургони фарзонаву мӯбадон.

Чунин гуфт, к-эй номдор анҷуман,
Бузургони бодонишу ройзан,

Манам покфарзанди шоҳ Ардашер,
Сарояндаи донишу ёдгир.

Ҳама гӯш доред фармони ман,
Магардед як тан зи паймони ман.

---

Сари нома кардам санои варо,
Бузургиву оину рои варо.
Зи гетӣ варо бод фарҷоми нек.
Аз ӯ дидам андар ҷаҳон номи нек,
Зи дидори у тоҷ равшан шудаст,
Зи бадҳо варо бахт ҷавшан шудаст.
Бинозад бад-у мардуми порсо,
Ҳамон кас, ки шуд бар замин подшо.
Ҳаво равшан аз моявар бахти уст,
Замин пояи номвар тахти уст.
Ба разм андарун жандапили балост,
Ба базм андарун осмони вафост.
Чу дар базм рахшон шавад рои ӯй,
Хама мавҷ хезад зи дарьёи ӯй.
Ба нахчир шоҳон******** шикори ваянд,
Даду дом дар зинҳори ваянд.
Аз овози гурзаш ҳаме рӯзи чанг
Бидаррад дили шеру чарми********* паланг.
Сараш сабз бодо, дилаш пур зи дод,
Ҷаҳон бесару афсари ӯ мабод!

* ИЛ — Пас аз б. 6 ин б. омада:
Сари анҷуман буд зи ёрон Алӣ,
Ки шеиш хонад Алии валӣ,

** Л — ситоиш. *** И — з-он пас **** ИЛ — тахташ.
***** И — санҷ. ****** Л — ҷавоне. ******* Л — нозад.
******** Л — шерон. ********* Л — гӯши.

В-аз ин ҳарчи гӯям пижӯҳиш кунед,
Агар хом бошад, накӯҳиш кунед.

Чу дидам кунун роҳи суду зиён,
Ду бахшаш ниҳода шуд андар миён.

Яке подшо посбони ҷаҳон,
Нигаҳбони ганҷи кеҳону меҳон.

Агар шоҳ бododу фаррухпай аст,
Хирад бегумон посбони вай аст.

Хирад посбон бошаду некхоҳ,
Сараш баргузорад зи абри сиёҳ.

Ҳама ҷустанаш доду дониш бувад,
Зи дониш равонаш ба ромиш бувад.

Дигар он ки бо озмуни хирад,
Бикӯшад, ки бо дод[1] гирд оварад.

Ба дониш зи яздон шиносад сипос,
Хунук марди донову яздоншинос.

Ба шоҳӣ хирадманд бошад сазо,
Ба ҷои хирад зар бувад[2] бебаҳо.

Тавонгар бувад[3] ҳар ки хушнуд гашт,
Дилӣ орзу[4] хонаи дуд гашт.

Қиро орзу беш, тимор беш,
Бикӯшу манеҳ меваи оз пеш.

Ба осоишу некномӣ гирой,
Гурезон шав аз марди нопокрой.

---

1 Л — бар мардиву. 2 Л — шавад. 3 Л — шавад. 4 Л — озвар.

Ба чизи касон даст ёзад касе,
Ки баҳра надорад зи дониш[1] басе.

Маро бар шумо з-он фузун аст меҳр,
Ки ахтар намояд ҳаме бар сипеҳр.

Ҳамон расми шоҳи баланд Ардашер,
Ба ҷой оварам бо шумо ногузир.

Зи деҳқон нахоҳам ҷуз аз сӣ[2] яке,
Дирам то ба лашкар диҳам андаке.

Маро шаҳру ҳам[3] ганҷи обод ҳает,
Далериву мардиву буньёд ҳаст.

Зи чизи касон беннёзем низ,
Ки душман бувад[4] дӯст аз баҳри чиз

Бари мо шуморо кушодаст роҳ,
Ба меҳрем бар мардуми додхоҳ.

Ба ҳар сӯ фиристем корогаҳон,
Биҷӯем бедор кори ҷаҳон.

Нахоҳем ҳаргиз ҷуз аз офарин,
Ки бар мо кунад мӯбади покдин.[5]

Меҳону кеҳон пок бархостанд,
Забонҳо ба хубӣ биёростанд,

Ба Шопур-бар офарин хонданд,
Забарҷад ба тоҷаш барафшонданд.

Ҳамон[6] това шуд расми шоҳ Ардашер,
Бад-ӯ шод гаштанд барнову пир.

---

[1] Л — фарҳангу баҳраш набошад. [2] Л — даҳ; И — сад.
[3] Л — хубиву; И — хониву. [4] Л — шавад. Л — кунанд аз ҷаҳон-офарин. [6] И — ҳама.

РАЗМИ ШОПУР БО РУМИЕН

В-аз он пас пароканда гашт огаҳӣ,
Ки бекор шуд тахти шоҳаншаҳӣ,

Бимурд Ардашери хирадмандшоҳ,
Ба Шопур биспурд тахту кулоҳ.[1]

Хурӯше баромад зи ҳар марзу бум,
Зи Қайдофа баргашта шуд то ба[2] Рум.

Чу огоҳӣ омад ба Шопуршоҳ,
Биёрост кӯсу дурафшу сипоҳ.

Ҳаме ронд то пеши Болуина.
Сипоҳи сабук беҳаюну[3] буна.

Сипоҳе зи Қайдофа омад бурун,
Ки аз гард хуршед шуд тирагун,

Зи Болуина ҳамчунин лашкаре
Биёмад сипаҳдорашон меҳтаре.

Баронуш буд номи он паҳлавон,
Саворе сарафрозу равшанравон,

Ки будӣ бари қайсарон арҷманд,
Қамандафкану номдору[4] баланд.

Чу бархост овози кӯс аз ду рӯй,
Зи қалб андар омад гави номҷӯй.

В-аз ин сӯ бишуд номдоре далер,
Қуҷо номи ӯ буд Гаршоспи шер.[5]

---

1 Л — ганҷу сипоҳ. 2 Л — бардоштанд божи, 3 Л — бетабору.
4 Л — камандафкане номдоре.
5 ТПЗ — Диловар саворе, ки гоҳи набард,
Чи ҳамкуши ӯ жандапилу чи мард,
Ба овард ҳар ду баровехтанд,
Ҳаме хок бар ахтарон рехтанд.
Фаровон зи ҳар гуна ҷустанд кин,
На ин з-он ситуҳ шуд, на низ он аз ин
Саранҷом лашкар ҳама ҳамгуруҳ,
Ба ҳам баршикастанд чун кӯҳ-кӯҳ.

Баромад зи ҳар ду сипаҳ кӯсу ғав,
Бичунбид дар қалб Шопури гав.

Зи бас нолаи буқу ҳиндидарой,
Ҳаме чархи моҳ андар омад зи ҷой.

Табира бубастанд бар пушти пил
Ҳаме баршуд овози аспон[1] ду мил.

Замин ҷунб-ҷунбон шуду абр[2] гард,
Чу оташ дурахшон синони набард.

Равоне[3] кучо бо хирад буд ҷуфт,
Ситора ҳаме борад аз абр[4] гуфт.

Баронӯши чангӣ ба қалб андарун
Гирифтор шуд бо диле пур зи хун.

В-аз он румиён кушта шуд се ҳазор,
Ба Болуина дар сафи корзор.

Ҳазору ду сесад гирифтор шуд,
Дили румиён пур зи тимор шуд.

Фиристод қайсар яке ёдгир,
Ба наздики Шопуршоҳ Ардашер.

Ки чандин ту аз баҳри динор хун
Бирезӣ ту бо довари раҳнамун

Чӣ гӯӣ, чу пурсад-т рӯзи шумор,
Чӣ пӯзиш кунӣ пеши парвардигор?

Фиристем боже чунон ҳам, ки буд,
Бар ин низ дарде набояд фузуд.

Ҳамон низ бо бож фармон кунем,
Зи хешон фаровон гаравгон кунем.

---

[1] Л — пур зи. [2] Л — овозашон бар. [3] Л — Забоне. [4] ИЛ — чарх.

Зи Болунна бозгардӣ равост,
Фиристем бо бож ҳар ч-ат ҳавост.

Ҳаме буд Шопур то божу сов
Фиристода қайсар даҳ анбони гов.[1]

Ғулому парастори румӣ ҳазор,
Гаронмоя дебо на андар[2] шумор.[3]

Ба болуина дар бибуд рӯз ҳафт,
Зи Рум андар омад ба Аҳвоз рафт.

Яке шорсон ном Шопур кард,
Ки гӯянд бо дод Шопургард.[4]

Ҳаме бурд як сол аз он[5] шаҳр[6] ранҷ,
Бипардахт бо ранҷ бисьёр ганч,[7]

Ба Порс андарун шорсони баланд,
Баровард покизаву судманд.

Дари хузиён дорад ин буму бар,
Ки доранд ҳар кас бар ӯ баргузар.

Қуҳандиж ба шаҳри Нишопур кард,
Бароварду пардахт аз рӯзи ард.

Ҳаме бурд ҳар сӯ Баронушро,
Бад-ӯ доштӣ дар сухан гӯшро,

Яке руд буд паҳн дар Шустар,
Ки моҳӣ накардӣ бар ӯ бар гузар.

---

[1] ТПЗ — Пур аз зарри динорҳо қайсарӣ,
Фузуда бад-ӯ чизҳо бартарӣ.

[2] Л — фузун аз. [3] И — б. 55, 56 нест. [4] Л — Бароварду пардахт аз ӯ рӯзи ард. [5] И — з-он. [6] Л — он ҷо ба.

[7] ТПЗЛ — Яке шорсон кард обод бум,
Баровард баҳри асирони Рум.

Баронушро гуфт, гар ҳандасӣ,
Пуле созӣ он ҷойгаҳ чун расӣ,

Ки мо бозгардему ин пул ба ҷой
Бимонад ба донои раҳнамой.

Ба раш карда болои ин пул ҳазор,
Бихоҳӣ зи ганҷ он чи хоҳӣ ба кор.

Ту аз дониши файласуфони Рум
Ба кор ор чанде бад-ин марзу бум.

Чу ин пул бароят, сӯи хони хеш
Бирав, то зии бош меҳмони хеш.

Або шодмониву бо эманӣ,
Зи бад дуру аз дасти[1] оҳарманӣ.

Ба кор андар омад Баронуш мард,
Ба се сол он пул тамомӣ бикард.[2]

Чу шуд пул тамом ӯ зи Шустар бирафт,
Сӯи хони худ рӯй бинҳод тафт.

### АНДАРЗ КАРДАНИ ШОПУР ПИСАРИ ХУД УРМУЗДРО

Ҳаме буд Шопур бо доду рой,
Баландахтару тахти шоҳӣ ба ҷой.

Чу сӣ сол бугзашту бар сар ду моҳ,
Пароканда шуд фарру авранди шоҳ.

Бифармуд то рафт пеш Урмузд,
Бад-ӯ гуфт, шуд зард рӯи фурузд.

Ту бедор бошу ҷаҳондор бош,
Абар дод[5] ҳамвора солор[4] бош.

---

[1] И — кеши. [2] И — б. 71 нест. [3] И — Бари дода. [4] Л — Ҷаҳондидагонро харидор.

Нигар то ба шоҳӣ надорӣ умед,
Бихон рӯзу шаб дафтари Ҷаммшед.

Ба ҷуз доду некӣ макун дар ҷаҳон,
Паноҳи кеҳон бошу фарри[1] меҳон.

Ба динор кам нозу бахшанда бош,
Ҳамон доддеҳ бошу фархунда бош.

Мазан бар камозор бонги баланд.
Чу хоҳӣ, ки бахтат бувад ёрманд.

Ҳама панди ман сарбасар ёд гир,
Чунон ҳам ки ман дорам аз Ардашер.

Бигуфт ину ранги рухаш зард гашт,
Дили марди барно пур аз дард гашт.

Чӣ созӣ ҳаме з-ин сарои сипанҷ,
Чӣ нозӣ ба ному чӣ ёзӣ[2] ба ганҷ.

Туро тангтобут баҳр асту бас,
Хӯрад ранҷи ту носазовор кас.

Нагирад[3] зи ту ёд фарзанди ту,
На хешони наздику[4] пайванди ту.

Зи мерос дашном ёбӣ ту баҳр,
Ҳама заҳр шуд посухи пойзаҳр.

Ба яздон гирову сухан з-ӯ физой,
Ки ӯяст некидеҳу[5] раҳнамой.

Дуруд аз ту[6] бар гӯри пайғамбараш,
Ки салвот тоҷ аст бар минбараш.[7]

---

1 Л — пушти. 2 ИЛ — нозӣ. 3 Л — Бигирад. 4 Ба наздики хешону. 5 Л — рузидеху. 6 Л — Дуруди ту. 7 И — Пас аз б. 88 ин б. омада:

Муҳаммад расули худову амин,
Ки роҳи мусулмонӣ оварду дин.

# ПОДШОҲИИ УРМУЗДИ ШОПУР

*Як солу ду моҳ буд*

Сари гоҳу дайҳими шоҳ Урмузд,
Биёроям акнун чу моҳ Урмузд.

Зи шоҳӣ бар ӯ ҳеҷ товон набуд,
Бад-он буд, ки аҳдаш фаровон набуд.

Чу биншаст шоҳ Урмузди бузург,
Ба обишхур омад ҳаме мешу гург.

Чунин гуфт, к-эй[1] номвар бихрадон,
Ҷаҳондидаву коркарда[2] радон.

Чу яздони некидиҳиш некӯвӣ,
Ба мо доду[3] тоҷи сари хусравӣ.

Бикӯшем то нек[4] орему дод,
Хунук он, ки панди падар кард ёд.

Ба некӣ кунам вижжа анбозатон,
Нахоҳам, ки бе ман бувад розатон.

Бидонед, к-он кас, ки саркаш бувад,
Бари меҳтарон сахт нох(в)аш бувад.

Ситеза бувад мардро пешрав,
Бимонад ниёзаш ҳамасола нав.

Ҳамон рашки шамшер нодон бувад,
Ҳамеша бар ӯ бахт хандон бувад.

В-агар ҳар ки дорад зи ҳар кор нанг,
Бувад зиндагониву рӯзиш танг.

Дари оз бошад дили сифламард,
Бари сифлагон то тавонӣ магард,

[1] Л — Бо. [2] И — кордида. [3] Л — дод. [4] Л — некӣ.

Ҳар он кас, ки дониш наёбӣ бараш,
Макун раҳгузар то зии[1] бар дараш.[2]

Дилат дор зинда ба фарҳангу ҳуш,
Ба бад дар ҷаҳон то тавонӣ макӯш.

Хирад ҳамчу об асту дониш замин,
Бидон, к-ин ҷудо, в-он ҷудо нест аз ин.

Дили шоҳ, к-аз меҳр дурӣ гирифт,
Агар тира гардад, набошад шигифт.

Ҳар он кас, ки бошад маро зердаст,
Ҳама шодмон боду яздонпараст.

Ба хушнудии кирдгори ҷаҳон,
Хирад ёр бод ошкору ниҳон.

Хирадманд бо мардуми порсо
Чу ҷое сухан ронад аз подшо.

Ҳама сахта бояд, ки ронад сухан,
Ки гуфтори некӯ нагардад куҳан,

Набояд, ки гӯӣ ба ҷуз некувӣ,
В-агар бад сарояд касе нашнавӣ.

Бубинад дили подшо рози ту,
Ҳамон бишнавад гӯшаш овози ту.

Чӣ гуфт он сухангӯи посухниюш,
Ки девор дорад ба гуфтор гӯш.

Ҳама анҷуман хонданд офарин,
Бар он шоҳи бинодили покдин.

---

[1] Л — зияд.
[2] ТПЗЛ — Ба марди хирадманду фарҳангу рой,
Бувад ҷовидон тахти шоҳӣ ба ҷой.

Пароканда гашт он бузург анҷуман,
Ҳама шод аз он[1] сарви сояфикан.

Ҳамон расми Шопури шоҳ Ардашер,
Ҳаме дошт он шоҳи донишпазир.

Ҷаҳоне саросар бад-ӯ гашт шод,
Ҳаме дошт он шоҳи бобахшу дод.

Ҳаме ронд бо шарму бо дод кор,
Чунин то баромад бад-ин рӯзгор.

Бигустурд кофур бар ҷои мушк,
Гули арғувон шуд ба полез хушк.

АНДАРЗ ҚАРДАНИ УРМУЗД ВА МУРДАН

Чу донист, к-аз марг натвон гурехт,
Басе оби хунин зи наргис[2] бирехт.[3]

Бигустурд фарш андар айвони хеш,
Бифармуд то рафт[4] Баҳром пеш.

Бад-ӯ, гуфт к-эй покзода писар,
Ба мардиву дониш баровarda сар,

Ба ман нотавонӣ ниҳодаст рӯй,
Ки ранги рухам кард ҳамранги мӯй.

Ҳам оварd болои сарви саҳӣ,
Гули сурх бигрифт[5] ранги биҳӣ.

Чу рӯзи ту ояд ҷаҳондор бош,
Хирадманд бошу беозор бош.

---

[1] ИЛ — з-он. [2] Л — зи мижгон.
[3] ТПЗ — Писар буд мар уро яке хешком,
Хирадманд хондиш Баҳром ном.
[4] Л — к-ояд-ш. [5] Л — сурхро дод.

Нигар, то напечӣ сар аз додхоҳ,
Набахшӣ ситамгорагонро гуноҳ.

Забонро магардон ба гирди дурӯғ.
Чу хоҳӣ, ки тоҷ аз ту гирад фурӯғ.

Равонат хирад боду дастур шарм,
Сухан гуфтанат хубу овоз нарм.

Худованди пирӯз ёри ту бод,
Дили зердастон шикори ту бод!

Бинеҳ кинаву дур бош аз ҳаво.
Мабодо ҳаво бар ту фармонраво.

Суханчину бедонишу чорагар
Набояд, ки ёбанд пешат гузар.

Зи нодон наёбӣ ба ҷуз бадтарӣ.
Нигар сӯи бедонишон нангарӣ.

Чунон дон, ки бешарму бисьёргӯй
Надорад ба назди касон[1] обрӯй.

Хирадро меҳу хашмро банда дор,
Машав тез бо марди парҳезгор.

Нигар, то нагардад ба гирди ту оз,
Ки оз оварад хашму биму ниёз.

Ҳама бурдборӣ куну ростӣ,
Ҷудо кун зи дил каҷживу костӣ.

Бипарҳез то бад наградадат ном,
Ки бадном гетӣ набинад ба ком.

Зи роҳи хирад ҳеҷ гуна матоб,
Пушаймонӣ орад дилатро шитоб.

---

[1] Л — Нагирад ба назди касе: И — касе.

Диранг оварад ростиҳо падид,
Зи роҳи ҳунар сар набояд кашид.

Сари бурдборон наёяд ба хашм,
Зи нобурданиҳо битобанд чашм.

В-агар[1] бурдборӣ зи ҳад бугзарад,
Диловар[2] гумоне ба сустӣ барад.

Ҳар он кас, ки бошад худованди гоҳ,
Миёнҷӣ хирадро кунад бар ду роҳ.

На тезӣ, на сустӣ ба кор андарун,
Хирад бод ҷони туро раҳнамун.

Нигаҳ дор то мардуми айбҷӯй
Наҷӯяд зи кирдори шоҳ обрӯй.

Зи душман макун дӯстӣ хостор,
В-агар чанд хонад туро шаҳриёр.

Дарахте бувад сабзу бораш кабаст,
Агар пой гирӣ сар ояд ба даст.

Агар дар фарозиву гар дар нишеб,
Набояд ниҳодан сар андар фиреб.

Ба дил низ андешаи бад мадор,
Бадандешро бад бувад рӯзгор.

Сипаҳбад кучо гашт паймоншикан,
Бихандад бар ӯ номдор анҷуман.

Хирад гир к-ороиши кори туст,[4]
Нигаҳдори гуфтору кирдори туст.[5]

---

1 Л — Магар. 2 Л — Дили ӯ. 3 И — ҷоҳ. 4 Л — ҷон бувад; И — ҷони туст. 5 Л — паймон бувад. И — паймони туст.

Ҳам ороиши ганҷу тоҷу сипоҳ,
Намояндаи гардиши хуру моҳ.

Нигар, то насозӣ ту бо нозу ганҷ,
Ки бар ту сар ояд сарои сипанҷ,

Мазан рой ҷуз бо хирадманд мард,
Зи оини шоҳони пешин магард.

Ба лашкар битарсон бадандешро,
Ба жарфӣ нигаҳ кун пасу пешро.

Ситояндае к-ӯ зи баҳри ҳаво
Ситояд касеро ҳаме носазо,

Шикасти ту ҷӯяд ҳам аз он сухан,
Мамон то ба пеши ту гардад куҳан.

Касе к-аш ситоиш наёяд ба кор,
Ту ӯро зи гетӣ ба мардум[1] мадор.

Ки яздон ситоиш бихоҳад ҳаме,
Накӯҳандаро дил бикоҳад ҳаме.

Ҳар он кас, ки ӯ аз гунаҳгор чашм
Бихобиду осон фурӯ хӯрд хашм,

Фузуниш ҳар рӯз афзун шавад,
Шитоб оварад, дил пур аз хун шавад.

Ҳар он кас, ки аз[2] оби дарьё набард
Биҷӯяд, набошад хирадманд мард.

Камон дор дилро забонат чу тир,
Ту ин достони ман осон магир,

Кушода барат бошаду рост рост,
Нишона бинеҳ з-он нишон, к-ат ҳавост.

---

1 И — ба гетӣ зи мардум. 2 ИЛ — бо.

Забону дилат бо хирад рост кун,
Ҳаме рон аз он сон, ки хоҳӣ сухун.

Ҳар он кас, ки андар сараш мағз буд,
Ҳама рою гуфтори ӯ нағз буд.

Ҳар он гаҳ, ки бошӣ ту бо ройзан,
Суханҳо биёрой бо анҷуман,

Гарат рой бо озмоиш бувад,
Ҳама рӯзат андар физоиш бувад,

Шавад[1] ҷонат аз душман ожиртар,[2]
Дилу мағзу роят ҷаҳонгиртар.[3]

Қасеро куҷо пешрав шуд ҳаво,
Чунон дон, ки рояш нагирад наво.

Агар дӯст бошад туро тозарӯй,
Бияфзоядаш нозишу рангу бӯй.

Ту бо душманат рух пурожанг[4] дор,
Бадандешро чеҳра беранг дор.

Ба арзониён бахш ҳар ч-ат ҳавост,
Ки ганҷи ту арзониёнро сазост.

Бикаш ҷону дил то тавонӣ зи ришк,
Ки рашк оварад гарму хунин сиришк.

Ҳар он гаҳ, ки рашк оварад подшо,
Накӯҳиш кунад мардуми порсо.[5]

Чу андарз бинбишт фаррухдабир,
Биёварду бинҳод пешаш[6] вазир.

---

[1] Л — Тану. [2] Л — ожир дор. [3] Л — ҷаҳонгир дор. [4] Л — ба ожанг.
[5] ТПЗ — Яке солу ду моҳ бар тахт беш
Набудам, надонистам ин роз пеш.
Гумонам чунон буд, ки то солиён,
Бимонад ба ман тоҷу тахти каён.
Кунун рӯзгори ман омад ба сар,
Туро баст бояд ба шоҳӣ камар.
[6] ИЛ — пеши.

Ҷаҳондор барзад яке боди сард,
Шуд он лаълрухсор[1] чун барги зард.

Чу рангинрухи шоҳ зарфом гашт,
Аз он дарду ғам баҳри Баҳром гашт.

Чиҳил рӯз шуд[2] сугвору нажанд,
Пур аз гарду бекор тахти баланд.

Чунин буд, то буд гардонсипеҳр,
Гаҳе пур зи дарду гаҳе пур зи меҳр.[3]

Шаби Урмузд омад аз моҳи дай,
Зи гуфтан биёсою бардор май.

## ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ УРМУЗД

*Се солу се моҳу се рӯз буд*

### БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМ ВА АНДАРЗ ҚАРДАН БА САРДОРОН ВА СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРАШ

Қунун кори дайҳими Баҳром соз,
Ки дар подшоҳӣ намонд ӯ дароз.

Чу Баҳром биншаст бар тахти зар,
Дилу мағз ҷӯшон зи дарди[4] падар.[5]

Ҳама номдорони эрониён
Бирафтанд гирьён камар бар миён,

---

[1] И — лаълрухсора. [2] Л — буд.
[3] ТПЗЛ — Ту гар бохушӣ, машмар уро ба дӯст,
Ки чун даст ёбад, бидаррад-т пуст.
[4] Л — пурдарди марги.
[5] ТПИЛ — Се солу се моҳу ба сар бар се рӯз,
Бад-у шод буд тахти гетифируз.

Бар ӯ хонданд офарини худой,
Ки то ҷой бошад, ту монӣ ба ҷой.

Ки тоҷи каӣ торакатро сазост,
Падар бар падар тоҷи шоҳӣ турост.

Рухи бадсиголони ту зард бод,
В-аз он рафта ҷони ту бедард бод!

Чунин дод посух, ки эй меҳтарон,
Саворони[1] ҷангиву кундоварон,

Зи деҳқону аз[2] марди хусравпараст,
Ба гетӣ суи бад маёзед[3] даст.

Бубинед,[4] к-ин чархи нопойдор
На парварда донад, на парвардигор.

Саросар бубандед дасти ҳаво,
Ҳаворо мадоред фармонраво.[5]

Қасе к-ӯ бипарҳезад аз бадкунаш,
Наёлояд андар бадиҳо танаш.[6]

Ба ғетӣ дарун шоду[7] хурам бувад,
Ба рафтан зи душман абеғам[8] бувад.

Панохе бувад ганҷро подшо,
Навозандаи мардуми порсо.

Тани шоҳ динро[9] панохе бувад,
Ки дин бар сари ӯ кулохе бувад.[10]

---

1 Л — Сарафроз. 2 Л — в-аз 3 Л — Зи гетӣ суи бад маёред.
4 Л — Набинед.
5 ТП — Ҳаво мардро хору бебар кунад,
Ба гетиш чун мурғи бепар кунад.
6 Л — маниш. 7 Л — Бад-ин гетияш рӯз. 8 Л — Гаҳи рафтан аз хасм беғам; И — хасмон-ш. беғам.
9 И — шоҳро дин.
10 ТП — Панохе беҳ аз дин набошад ҳаме
Абедин нашояд туро зад даме.

15 Хунук он ки дар хашм ҳушьёртар,
Ҳамон бар замин ӯ беозортар.

Гаҳн тангдастӣ[1] дилаш шоду род,
Ҷаҳон бе тани марди доно мабод.

Ки[2] бар душмане-бар тавоно бувад,
Ба пай наспарад[3] вижа[4] доно бувад.[5]

Ситеза на хуб ояд аз номҷӯй,
Бипарҳезу гирди ситеза мапӯй.

Ҫипоҳиву деҳқону бекор[6] шоҳ,
Чунон дон, ки ҳар се надоранд роҳ.

20 Ба хоб[7] андар аст, он ки бекор гашт,
Пушаймон шавад чун[8] ки бедор гашт.

Зи гуфтори некӯву кирдори зишт,
Ситоиш наёбиву хуррамбиҳишт.

Ҳама рост гӯеду некӣ кунед,
Дили некпай мардумон машканед.

Маро ганҷу динори бисьёр ҳаст,
Бузургиву шоҳиву неруи даст.

Хӯред он чи дореду онро, ки нест,
Бидонед, к-аз ганҷдорон якест.

25 Сари бадраи мо кушодаст боз,
Набояд, ки монад кас андар ниёз.

---

1 Л — дасттангӣ. 2 ИЛ — Чу. 3 И — биспарад. 4 Л — биспарад мардӣ.
5 ТП — Ба доной андар ҷаҳон биспарад,
Ҳама суи дониш ҳаме бугзарад.
6 И — пайкори. 7 Л — на хуб. 8 Л — ҳар. 9 Л — ном ҷӯеду.

## ТАХТ СУПУРДАНИ БАҲРОМИ УРМУЗД ПИСАРИ ХУДРО БАҲРОМИ БАҲРОМ ВА МУРДАН

Бар ӯ низ нагзашт рӯзи дароз,
Яке тоҷдор андар омад ба гоз.

Яке пур будаш дилором' буд,
Варо ном Баҳроми Баҳром буд.

Биёварду биншондаш[1] зери тахт,
Бад-ӯ гуфт, к-эй сабз шохи дарахт!

Набудам фаровон ман аз тоҷ шод,
Ҳама рӯзгори ту фархунда бод![2]

Сароянда бошу физоянда бош,
Шабу рӯз бо ромишу ханда бош.

Чунон рав, ки пурсад-т рӯзи шумор,
Напечӣ сар аз шарми парвардигор.[3]

Ба доду деҳиш гетӣ обод дор,
Дили зердастони худ шод дор.

Ки бар кас намонад ҷаҳон[4] ҷовидон,
Чи бар шаҳриёрон,[5] чи бар мӯбадон.

Чу Баҳром гетӣ ба Баҳром дод,
Писар мар варо дахма ором дод.

Ту аз чархи гардон мадон ин ситам,
Ҷуз аз бод чизе наёяд ба дам.[6]

---

[1] Л — биншонд дар.
[2] ТП — Накард эч бо ман вафо тоҷу тахт,
Ту фархунда бодиву фирӯзбахт.
[3] ТПМ — Ҷаҳонро зи баҳри хӯриш сохтанд,
Зи бехрой бешӣ напардохтанд.
Хуреду диҳеду равон парваред,
Ба дасти хирад пои бад бишкаред.
[4] Л — намондаст ин. [5] Л — тоҷдорон. [6] И — б. 33—35 нест;
ТПЗ — Ба се солу се моҳу бар сар се рӯз,
Тиҳӣ гашт аз ӯ тахти гетифурӯз.

Чунин буд то буд чархи равон,
Ба андеша ранҷа чӣ дорӣ равон?

Чӣ пӯӣ, чӣ ҷӯӣ, чӣ шояд будан?
Бар ин достонҳо нашояд задан.

Равонат камозору[1] фартут нест,
Нишасти[2] ту ҷуз тангтобут нест.

Агар марг дорад чунин табъи гург,
Пур аз май яке ҷом хоҳам бузург.

Яке сарвқаддеву симинбадан,
Диломому хушхӯву ширинсухан.

Суманбӯву зеборуху моҳрӯй,
Чу хуршед дидору чун мушк бӯй.[3]

## ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ БАҲРОМ

*нуздаҳ сол буд*

БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМИ БАҲРОМ
ВА АНДАРЗ ҚАРДАН БА САРДОРОН
ВА МУРДАНАШ

Чу Баҳром дар сӯги Баҳромшоҳ
Чиҳил рӯз нанҳод бар сар кулоҳ,[4]

Бирафтанд гурдони бисьёрхуш,
Пур аз дарду бо нолаву бо хурӯш.

Нишастанд бо ӯ бад-он сӯгу дард,
Ду рух зарду лабҳо шуда ложвард.

---

1 Л — гар аз оз. 2 Л — Нишеми. 3 И — б. 40, 41 нест.
4 Л — пеш аз б. ин б. омада:
Кунун кори Баҳроми Баҳром гӯй,
Ки ин чарх гардонст бар сони гӯй.

Аз он пас бишуд мӯбаде покрой,
Ки гирад магар шоҳ бар тахт ҷой.

Ба як ҳафта бо ӯ бикӯшид сахт,
Ҳаме буд то барнишаст ӯ ба тахт.

Чу биншаст бар тахт Баҳром шод,
Ба расми каӣ тоҷ бар сар ниҳод.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Фурӯзандаи гардиши рӯзгор.

Физояндаи донишу ростӣ,
Газояндаи кажживу костӣ.

Худованди кайвону гардонсипеҳр,
Зи банда нахоҳад ҷуз аз доду меҳр.

В-аз он пас чунин гуфт, к-эй бихрадон,
Ҷаҳондидаву покдил мӯбадон!

Шумо низ доред дониш бузург,
Мабошед бо шаҳриёрон сутург.

Касеро, ки яздон фузунӣ диҳад,
Сухандониву раҳнамунӣ диҳад.[2]

Ба фарҳанг ёзад касе к-аш хирад,
Бувад дар сару мардумӣ парварад.

Сари мардумӣ бурдборӣ бувад,
Чу тезӣ кунӣ тан ба хорӣ бувад.[3]

---

[1] ТПМ — Бикӯшеду некӣ ба ҷой оваред,
Ҳаме шодии шоҳи Эрон харед.
[2] ТПМ — Ҳама кор бо бахшишу дод бод,
Ҳама гетӣ аз дод обод бод.
Мабодо, ки бедод дам барзанем,
В-агар аз паи оз ганҷ оганем.
Маро ганҷ аз баҳри бахшиш бувад,
Ки шаҳро зи некӣ дурахшиш бувад.
[3] ТПМ — Зи гетӣ нагардад туро бахт ром,
Зи тундиву тезӣ наёбӣ ту ком.

Ҳар он кас, ки гашт эмину шод гашт,
Ғаму ранҷ бо эминӣ бод гашт.

Тавонгартар он, к-ӯ диле род дошт,
Дирам гирд кардан ба дил бод дошт.

Агар нест чизат[1] ту лахте биварз,
Қи бе чиз будан надорӣ ту[2] арз.

Мурувват наёбӣ гарат[3] чиз нест,
Ҳамон чора назди касаш низ нест.

Чу хушнуд гардӣ, таносон шавӣ,
В-агар оз варзӣ, ҳаросон шавӣ.

На кӯшидане к-он[4] тан орад ба ранҷ,
Равонро бипечонӣ аз ози ганҷ.

Зи кори замона миёна гузин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ зи ҳақ[5] офарин,

Чу хушнуд дорӣ кеҳонро[6] ба дод,
Тавонгар бимониву аз дод шод.

Ҳама эминӣ бояду ростӣ,
Набояд ба дод андарун костӣ.

В-агар оз гирад дилатро ба чанг,
Бимонад равонат ба коми наҳанг.

Чу шоҳе[7] ба коме бикоҳад равон
Хирад гардад андар миён нотавон.

Чунин аст оини чархи равон
Тавоно ба ҳар кору мо[8] нотавон.[9]

---

1 Л — чизе. 2 Л — на рой дорӣ на. 3 Л — наёяд агар. 4 Л — к-ӯ. 5 Л — халқ. 6 ИЛ — ҷаҳонро. 7 Л — шодӣ. 8 Л — тавоност ӯ гар туӣ. 9 И — тавоност у гар туй бетавон;
ТП — Ҳаме ронд шоҳӣ ба оину дод,
Дили зердастон-ш аз дод шод.

Чу шуд подшоҳиш бар сол бист,
Яке кам бар ӯ зиндагонӣ гирист,

Шуд он тоҷваршоҳ бо хок ҷуфт,
Зи хуррамҷаҳон дахма будаш нуҳуфт.

Ҷаҳонро чунин аст оину шон,[1]
Ҳамеша ба мо роз дорад ниҳон.[2]

## ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ БАҲРОМИЁН

*чаҳор моҳ буд*

### БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМИ БАҲРОМИЁН ВА МУРДАНАШ ПАС АЗ ЧАҲОР МОҲ

Чу биншаст Баҳроми Баҳромиён,
Бубаст аз паи доду бахшиш миён.

Ба тоҷаш забарҷад барафшонданд,
Ҳаме ном Қирмоншаҳаш хонданд.

Чунин гуфт, к-аз додгар як худой,
Хирад бодамон баҳраву доду рой![3]

Сарои сипанҷӣ намонад ба кас,
Туро некуви бод фарьёдрас.

Ба некӣ гироему паймон кунем,
Ба доду диҳиш тан[4] гаравгон кунем.

Қи хубиву зиштӣ зи мо ёдгор
Бимонад, ту ҷуз тухми некӣ макор.

---

[1] Л — сон. [2] Л — рози ӯ норасон.
[3] ТПМ — Чу фаррухпадар кард некӣ ҳама,
Ки ӯ чун шубон буду шоҳон рама.
Маро низ ҳам некуӣ пеша дод,
Ҳама хубиву додам андеша дод.
Мабодо, ки кажжӣ дарорам ба кор,
Ки шармандагӣ ёбам аз кирдгор.
[4] ИЛ — дил.

Чу шуд подшоҳиш бар чор моҳ,
Бар ӯ зор бигрист тахту кулоҳ.

Чу Баҳром донист к-омад-ш марг,
Наҳанге кучо бишкарад пилу карг.

Ҷаҳонро ба фарзанд биспурду гуфт,
Ки бо меҳтарит офарин бод ҷуфт,

Бинӯшу бипӯшу бинозу бубахш,
Макун рӯз бо тоҷу, бо тахт рахш.

Чу баргашт Баҳромро фарру бахт,
Ба Нарсӣ супурд он замон тоҷу тахт.[1]

Замона бад-ин сон ҳаме бугзарад,
Нафас мардуми озвар нашмарад.

Маи лаъл пеш ор, эй рӯзбе!
Ки шуд соли гӯянда бар шасту се.

## ПОДШОҲИИ НАРСИИ БАҲРОМ

*нӯҳ сол буд*

### БАР ТАХТ НИШАСТАНИ НАРСӢ ВА ПАНД ГУФТАН БА ПИСАР ВА СИПАРӢ ШУДАНИ РУЗГОРАШ

Чу Нарсӣ нишаст аз бари тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он сарафроз тоҷ.

---

[1] ТПЗМ — Чунин асту инро беандоза дон,
Газофи фалак ҳар замон тоза дон.
Баровард бодеву ночиз шуд,
Ба дахма дарун ҷои ӯ низ шуд*.

* дар 3 танҳо б. 1 мавҷуд аст.

Ҳама меҳтарон бо нисор омаданд,
Зи дарди падар сугвор омаданд.

Бар эшон сипаҳдор кард офарин,
Ки эй меҳрубонони бододу дин,

Бидонед, к-аз кирдгори ҷаҳон,
Чунин рафт кор ошкору ниҳон,

Ки моро зи гетӣ хирад доду шарм,
Ҷавонмардиву рою овози нарм.

Гар аз ахтарам безиёнӣ бувад,
Шуморо зи ман шодмонӣ бувад.

Хирадманд мардум туро дӯст гашт,
Чунон дон, ки бо ту зи як пӯст гашт.

Ту кирдори хуб аз тавоно шинос,
Хирад низ[2] наздики доно шинос.

Далерӣ зи ҳушьёр будан бувад,
Диловар ба ҷои сутудан бувад.

Ҳар он кас, ки бугрезад аз коркард,
Аз ӯ дур шуд ному нанги набард.[3]

Ҳамон коҳилӣ мардум аз баддилист,
Ҳамовоз бо баддилӣ[4] коҳилист.

Хаме зист нӯҳ сол бо рою панд,
Ҷаҳонро сухан гуфтанаш судманд.

Чу рӯзаш фароз омаду бахт шум,
Шуд он тарги пӯлод бар сар чу[5] мум.

Давон шуд ба болини шаҳ Урмузд,
Ба рахшонии[6] лола андар фурӯзд.

---

[1] Л — ар. [2] И — Хирадро ба. [3] И — хобу орому х(в)ард. [4] Л — бад-дилон. [5] Л — бар сони. [6] Л — рухсор чун.

Ки фарзанди он номвар шоҳ буд,
Фурӯзон чу дар тирашаб моҳ буд.

Бад-ӯ гуфт, к-эй ноздида ҷавон,
Мабар даст сӯи бадӣ то тавон.

Туӣ ҷони Нарсиву Баҳроми бахт,
Сазовори тоҷиву зебои тахт.[1]

Бад-ин бурзи болову ин[2] фарру ёл
Ба ҳар дониш аз ҳар касе беҳамол.[3]

Match: Мабодо, ки тоҷ аз ту гирьён шавад,
Дили анҷуман аз ту бирьён шавад.

Ҷаҳонро ба оини шоҳӣ бидор,
Чу омухтӣ аз покпарвардигор.[4]

Ба фарҷом рӯзи ту ҳам бугзарад,
Сипеҳри равонат ба пай биспарад.

Чунон рав, ки пурсад-т, посух кунӣ,
Ба посухгарӣ рӯз фаррух кунӣ.

Бигуфт ину чодар ба рух даркашид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Ҳамон рӯз гуфтӣ, ки Нарсӣ набуд,
Варо тоҷу[5] дайҳиму курсӣ набуд.

Чунин аст ин роз дидор[6] нест,
Туро баҳра ҷуз гурму тимор нест.

---

1 Л — б. 17 нест. 2 Л — он. 3 Л — донишӣ ҳар касеро ҳамол.
4 ТПМ — Ҳамеша равону дилат шод бод,
Бузургиву ганҷи ту обод бод.
5 ИЛ — Ҳамон тахту. 6 Л — асту розаш падидор.

# ПОДШОҲИИ УРМУЗДИ НАРСӢ

*нӯҳ сол буд*

## БАР ТАХТ НИШАСТАНИ УРМУЗД ПИСАРИ НАРСӢ ВА СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРАШ

Чу бар гоҳ рафт Урмузди бузург,
Зи нахчир кӯтоҳ шуд чанги гург.

Ҷаҳонро ҳаме дошт бо эминӣ,
Ниҳон гашт кирдори аҳриманӣ.

Нахуст офарин кард бар кирдгор,
Тавонову донову парвардигор.

Шабу рӯзу гардон сипеҳр офарид,
Чу кайвону баҳрому меҳр офарид.

В-аз ӯяст пирӯзиву фарраҳӣ,
Дили[1] доду дайҳими шоҳаншаҳӣ.

Ҳамеша дили мо пур аз дод бод,
Дили зердастони мо шод бод.

Ситоиш наёбад сари сифламард,[2]
Бари сифлагон то тавонӣ магард.

Мазан низ бо марди бадхоҳ рой,
Агар пандгирӣ, ба некӣ гирой.

Зи бахшиш ҳар он кас, ки ҷӯяд сипос,
Нахонад-и бахшанда яздоншинос.

Ситоянда, к-ӯ бесипос[3] аст низ,
Газад гар надорад кас ӯро ба чиз.

---

[1] И — Дилу. [2] Л — бари сифла мард. [3] Л — Ситонанда к-ӯ носипос.

Ҳаросон бувад мардуми сахткор,
Ки ӯро набошад касе дӯстдор.

В-агар сустӣ орад ба кор андарун,
Нахонад варо ройзан раҳнамун.

Гар аз коҳилон ёр хоҳӣ ба кор,
Набошӣ ҷаҳонҷӯву мардумшумор.

Нигар хештанро надорӣ бузург,
В-агар гоҳ ёбӣ, нагардӣ сутург.

Чу бадхӯ шавад марди дарвешу хор,
Ҳаме бинад он аз бади рӯзгор.

Ҳамасола бекору нолон зи бахт,
На рою, на дониш, на зебои тахт.

В-агар боз гиранд, аз ӯ хоста,
Шавад ҷону мағзу дилаш коста.

Ба бечизиву бадхӯӣ созад ӯ,[1]
Надорад хирад гардан афрозад ӯ,[2]

На чизу на дониш, на рою ҳунар,[3]
На дину на хушнудии[4] додгар.

Шуморо шабу рӯз фархунда бод,
Бадандешро ҷон зи тан канда бод.

Бар ӯ меҳтарон офарин сохтанд,[5]
Зи гуфтори ӯ сар барафрохтанд.[6]

---

1 Л — ёзад ӯй. 2 Л — ӯй. 3 И — на фарр. 4 И — хушнуд аз.
5 И — хонданд. 6 Л — Чу аз суги шоҳон бипардохтанд; И — худ аз суги шоҳон бипардохтанд.

Чу нӯҳ сол бугзашт бар сар сипеҳр,
Гули зард гашт он чу гулнор чеҳр.

Ғамӣ шуд зи марг он сари тоҷвар,
Бимурду ба болин набудаш писар.

Шуд он номвар марди ширинсухан
Ба наввӣ бишуд з-ин сарои куҳан[1]

Чиҳил рӯз сӯгаш ҳаме доштанд,
Сари гоҳи ӯ хор бугзоштанд.

## ПОДШОҲИИ ШОПУРИ ЗУЛАКТОФ

*ҳафтоду ду сол буд*

### ЗОДАНИ ШОПУРИ УРМУЗД ЧИҲИЛ РУЗ ПАС АЗ МАРГИ ПАДАР ВА ТОҶВАР ШУДАНАШ

Ба чандин замон тахт бекор буд,
Сари меҳтарон пур зи тимор буд.

Нигаҳ кард мӯбад шабистони шоҳ,
Яке лоларух буд[2] тобон чу моҳ.

Сари мижжа чун ханҷари кобулӣ,
Ду зулфаш чу печчонхати бобулӣ.[3]

Мусалсал як андар дигар бофта,
Гиреҳ барзада сар-ш бартофта.

Паричеҳраро бачча буд дар ниҳон,
Аз он хубрух шодмон шуд ҷаҳон.

---

1 ИЛ — Пас аз б. 24 ин б. омада:
Чунин буд то буд чархи равон,
Тавоно ба ҳар кору мо нотавон.

2 ИЛ — дид. 3 И — зобулӣ

Ба сар бар-ш тоҷе биёвехтанд,[1]
Бар он тоҷ зарру[2] дирам рехтанд.[3]

Басе барнаёмад, к-аз он[4] хубчеҳр
Яке кӯдак омад чу тобанда меҳр.

Сароянда деҳқони мӯбаднажод,
Аз ин достонам чунин дод ёд,[5]

Ки мӯбад варо[6] ном Шопур кард,
Бад-он шодмонӣ яке сур кард.

Ту гуфтӣ, ҳама фарраи эзадист,
Бар ӯ сояи[7] рояти бихрадист.

Чиҳил рӯз шуд руду май хостанд,
Яке тахти шоҳӣ биёростанд.

Бирафтанд гурдони зарринкамар,
Биёвехтанд аз бараш тоҷи зар.

Чу он хурдро сер доданд шир,
Наваштандаш андар миёни ҳарир.

Чиҳилрӯзаро зери он тоҷи зар,
Ниҳоданд бар тахти фаррухпадар.

Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонданд,
Ҳама меҳтарон гавҳар афшонданд.

Яке мӯбаде буд Маҳрӯй ном,
Хирадманду шоиставу шодком.

---

[1] ИЛ — баровехтанд. [2] Л — тоҷи заррин.
[3] ТПЗ — Биёвард мубад варо шодмон,
Нишондаш бар афрози тахти каён.
[4] Л — Чиҳил рӯз бугзашт з-ин. [5] Л — б. 8 нест. [6] Л — Варо мӯбадаш. [7] ИЛ — сояву.

Биёмад ба курсии зар барнишаст,
Миён пеши ӯ бандагиро бубаст.

Ҷаҳонро ҳама дошт бо доду рой,
Сипаҳро ба ҳар некӯвӣ раҳнамой.

Биёганд ганчу сипоҳи варо,
Биёрост айвону гоҳи варо.

Чунин то баромад бар ин панҷ сол,
Барафрохт он кӯдакӣ фарру[1] ёл.

Нишаста шабе шоҳ дар Тайсафун,
Хирадманд мӯбад ба[2] пеш андарун.

Бад-он гаҳ, ки хуршед баргашт зард,
Падид омад он чодари ложвард.

Хурӯш омад аз роҳи Арвандруд,
Ба мӯбад чунин гуфт: «Ҳаст ин дуруд?»

Чунин гуфт мӯбад бад-он шоҳи хурд,
Қи эй некдил, некпай шоҳи гурд,

Қунун марди бозориву чорачӯй,
Зи кулба сӯи хона доранд рӯй.

Чу бар Даҷла як бар дигар бугзаранд,
Чунон тангпулро ба пай биспаранд,

Битарсад ҳаме ҳар кас аз бими об,
Чунин бархурӯшад, ки гирад шитоб.[3]

Чунин гуфт Шопур бо мӯбадон,
Қи эй роҳбар номвар бихрадон,

Яке пули дигар бибояд задан,
Шуданро яке роҳу боз омадан.

---

1 И — кӯдаки хурд. 2 Л — мӯбад-ш.
3 ТПЛ — Битарсад чунин ҳар кас аз захми кӯс,
Ҳаме бархурушанд ҳамчун хурӯс.

Бад-он то чунин зердастони мо
Гар аз лашкари в-ар парастони[1] мо,

Ба рафтан наёянд[2] аз ин сон ба ранҷ,
Дирам дод бояд фаровон зи ганҷ.

Ҳама мӯбадон шод гаштанд сахт,
Қи сабз омад ин норасида дарахт.

Яке пул бифармуд мӯбад дигар,
Ба фармони он кӯдаки тоҷвар.

В-аз ӯ шодмон шуд дили модараш,
Биёвард фарҳангҷӯён бараш.

Ба зудӣ ба фарҳанг ҷое расид,
Қ-аз омӯзгорон сар андар кашид.

Чу бар ҳафт шуд расми майдон ниҳод
Ҳам оварду ҳам расми чавгон ниҳод.

Ба ҳаштум шуд оини тахту кулоҳ,
Ту гуфтӣ, ки ӯяст Баҳромшоҳ,

Тани хешро аз дари фахр кард,
Нишастангаҳи хеш[3] Истахр кард.

Бар оини фаррух ниёкони хеш,
Гузида сарафрозу покони хеш.

БУРДАНИ ТОИРИ АРАБ ДУХТАРИ НАРСИРО
ВА РАФТАНИ ШОПУР БА РАЗМИ Ӯ

Чу якчанд бугзашт бар шоҳ рӯз,
Фурӯзанда шуд тоҷи гетифирӯз.

Зи ғассониён Тоири шердил,
Қи доди фалакро ба шамшер дил,

[1] ИЛ — лашкару дарпарастони. [2] ИЛ — набошад. [3] Л — худ ба.

Сипоҳаш зи румиву аз порсӣ,
Зи Баҳрайну аз Курду аз Қодисӣ,

Биёмад ба перомани[1] Тайсафун,
Сипоҳе зи андоза в-аз мар бурун.[2]

Ба тороч дод он ҳама буму бар,
Киро буд бо ӯ паю пову пар?

Чу огаҳ шуд аз амман шаҳриёр,
Куҷо Нӯша буд номи он навбаҳор.[3]

Биёмад ба айвони он моҳрӯй,
Ҳама Тайсафун гашт пургуфтугӯй,[4]

Аз айвон-ш бурданду карданд асир,
Ки доно набуданду донишпазир.

Чу як сол наздики Тоир бимонд,
Аз андешагон дил ба хун дарфишонд.

Зи Тоир яке духташ[5] омад[6] чу моҳ,
Ки[7] гуфтӣ, ки Нарсист бо тоҷу гоҳ.

Падар Молика ном кардаш чу дид,
Ки духташ ҳаме мамлакатро сазид.[8]

Чу Шопурро сол шуд бисту шаш,
Ҷавон хусраве[9] гашт хуршедфаш.

Ба дашт омаду лашкарашро бидид,
Даҳу ду ҳазор аз ялон баргузид.

---

[1] Л — айвони он. [2] Л — Сипоҳаш зи андози дониш фузун.
[3] Л — Дар он ҷо яке баччa буд шоҳро,
Ки дархурд будӣ фару гоҳро.
Ануша будаш ному чун моҳ буд,
Ҳама гетӣ аз ҳолаш огоҳ буд.
[4] Л — Қашидаш аз он ҷо бараҳна ба руй. [5] Л — духтар. [6] Л — Яке духтар омад зи Тоир. [7] ИЛ — Ту. [8] Л — б. 50 нест. [9] Л — Манифаш касе; И — яке моҳрух.

Або ҳар яке бодпои ҳаюн,
Ба пеш андарун мард сад[1] раҳнамун.

Ҳаюн барнишастанду аспон ба даст,
Бибурданд гурдони хусравпараст.[2]

Бирафт аз паси шоҳи ғассониён,
Сарафроз Тоир ҳизабри жиён.

Фаровон кас аз лашкари ӯ бикушт,
Чу Тоир чунон дид, бинмуд пушт,

Баромад хурӯшидани дору гир,
В-аз эшон гирифтанд чанде асир.

Ҳисорӣ шуданд он сипаҳ дар Яман,
Хурӯш омад аз кӯдаку марду зан.

Биёвард Шопур чандон сипоҳ,
Ки бар мӯру бар пашша барбаст роҳ.

Варо бо сипоҳаш ба диж дарбиёфт,[3]
Дари ҷангу роҳи гурезаш битофт,[4]

Шабу рӯз як моҳашон ҷанг буд,
Сипаҳро ба диж дар алаф танг буд.

ОШИҚ ШУДАНИ МОЛИКА ДУХТАРИ ТОИР
БАР ШОПУР

Ба шабгир Шопури ял барнишаст,
Ҳаме рафт ҷӯшон камоне ба даст.

Сияҳҷавшани хусравӣ дар бараш,
Дурахшон[5] дурафши сияҳ бар сараш,

---

[1] Л — шуд.
[2] ТПЗЛ — Аз он пас худу вижагон барнишаст,
Миёни кай тохтанро бубаст.
[3] Л — битофт. [4] ИЛ — наёфт. [5] Л — Дурафшон.

Зи девори диж Молика бингарид,
Дурафши сари номдорон бидид,

Чу гулбарг рухсору чун мушк мӯй,
Ба ранги табархун лаби мушкбӯй.

Бишуд хобу ором аз он хубчехр,
Бари доя буд бо дили[1] пур зи меҳр.

Бад-ӯ гуфт,[2] к-ин шоҳи хуршедфаш,
Қи эдар биёмад чунин кинакаш,

Бузург асту хуни ниҳони[3] ман аст,
Ҷаҳон хонамаш к-ӯ ҷаҳони ман аст.

Паёме зи ман назди Шопур бар,
Ба разм омадаст ӯ зи ман[4] сур бар.

Бигӯяш, ки бо ту зи ҳамгавҳарам,
Ҳам аз тухми Нарсии кундоварам.

Ҳамон низ бо кин зи ҳам гӯшаам,
Қи хеши туам духтари Нӯшаам.

Маро гар бихоҳӣ ҳисор они туст,
Чу айвон биёбӣ, нигор они туст.

Бад-ин кор бо доя паймон кунӣ,
Забон дар бузургӣ гаравгон кунӣ.

Бад-ӯ доя гуфт: «Он чи фармон диҳӣ,
Бигӯям, биёрам аз ӯ огаҳӣ».

Чу шаб бар замин подшоҳӣ гирифт.
Зи дарьё ба дарьё сиёҳӣ гирифт,

Замин қиргун, кӯҳ чун пил шуд,
Ситора ба кирдори қандил шуд.

---

[1] Л — шуд бо диле. [2] И — Бидонист. [3] Л — Бари ман гиромӣ чу ҷони. [4] Л — аз манаш.

Ту гуфтӣ, ки шамъ аст сесад ҳазор,
Биёвехта з-осмони[1] ҳисор.

Бишуд доя ларзон пур аз тарсу[2] бим,
Зи Тоир ҳаме шуд дилаш бар ду ним.

Чу омад ба наздики пардасарой,
Хиромид наздикии раҳнамой.

Бад-ӯ гуфт: «Агар назди шоҳам барӣ,
Биёбӣ зи ман тоҷу ангуштарӣ».

Ҳушивори бинодил ӯро бибурд,
Зи даҳлези парда бари шоҳи гурд.

Биёмад ба мижгон заминро бируфт,
Сухан ҳарчи бишнид, бо ӯ бигуфт.

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳриёр,
Бихандиду динор додаш ҳазор.

Ду ёра яке тавқи боафсаре,
Зи дебои Чин бофта чодаре.

Чунон дод посух, ки бо моҳрӯй,
Ба хубӣ[3] фаровон суханҳо бигӯй.

Бигӯяш, ки гуфт ӯ ба хуршеду моҳ,
Ба зуннори Зардушту фарру[4] кулоҳ,

Ки ҳар чиз, к-аз ман бихоҳӣ ҳаме,
Гар аз подшоҳӣ, бикоҳӣ ҳаме,

Зи ман бад сухан нашнавад гӯши ту,
Ҷудой наҷӯям зи оғӯши ту

Харидорам[5] ӯро ба тахту кулоҳ,
Ба фармони яздон ба[6] ганҷу сипоҳ».

---

[1] И — б-осмони. [2] И — тарсону ларзон зи. [3] Л — ба чарбӣ. [4] Л — Фаррух. [5] И — Харидор. [6] И — яздону.

Чу бишнид посух ҳам андар замон,
Зи парда биёмад бари диж дамон.

Шунида бад-ин сарви симин бигуфт,
Ки хуршедро гашт ноҳид[1] ҷуфт.

Зи болову дидори Шопуршоҳ,
Бигуфт он чи дид ӯ[2] ба тобандамоҳ.

БАР ДАСТИ ШОПУР ДОДАНИ МОЛИКА ДИЖИ ТОИР ВА КУШТА ШУДАНИ ТОИР

Зи ховар чу хуршед бинмуд тоҷ,
Гули зард шуд бар замин ранги соҷ.

Зи ганҷуру дастур бистуд калид,
Хӯришхонаву хумҳои[3] набид.

Ба диж бар ҳар он кас, ки буд меҳтаре,
Гави ҷангиву ҷангдида саре,

Хӯришҳо фиристоду чанде набид,
Ҳам аз бӯйҳо наргису шанбалид.

Парастандаи бодаро пеш хонд,
Ба чарбӣ фаровон суханҳо биронд.

Бад-ӯ гуфт, к-имшаб туӣ бодадеҳ,
Ба Тоир ҳаме бодаи содда деҳ.

Мамон то бидоранд[4] бода ба даст,
Бад-он то бихуспанду[5] гарданд маст.

Бад-ӯ гуфт соқӣ, ки ман бандаам,
Ба фармони ту дар ҷаҳон зиндаам.

---

[1] И — то ки доранд. [2] И — наҷунбанд. [3] ИЛ — бард. [4] И — то ки доранд. [5] И — наҷунбанд.

Чу хуршед бар Бохтар гашт зард,
Шаби тира гуфташ, ки аз роҳ гард.[1]

Маи хусравӣ хост Тоир ба ҷом,
Нахустин зи ғассониён бурд ном.

Чу бугзашт як пос аз он[2] тирашаб,
Биёсуд Тоир зи бонги шағаб.[3]

Бирафтанд яксар сӯи хобгоҳ,
Парастандагонро бифармуд моҳ,

Ки то кас нагӯяд сухан ҷуз ба роз,
Ниҳонӣ дари диж кушоданд боз,

Бад-он шоҳ Шопур худ чашм дошт,
В-аз[4] овози мастон ба дил хашм дошт.

Чу шамъ аз дари диж бияфрӯхт, гуфт,
Ки гаштем бо бахти бедор ҷуфт.

Мар он моҳрухро ба пардасарой
Бифармуд то хуб карданд ҷой.

Сипаҳро саросар ҳама гирд кард,
Гузин кард гурдони нангу набард.

Пиёда биёварду чанде савор,
Ҳар он кас, ки буд аз дари корзор![5]

Ба диж дар шуду куштан андар гирифт,
Ҳама кинаҳои куҳан баргирифт.

Сипаҳ буд бо Тоир андар ҳисор,
Ҳама маст хуфта фузун аз шумор.

Дигар хуфта осима бархостанд,
Ба ҳар ҷой ҷанге биёростанд.

---

1 ИЛ — бард. 2 Л — з-он. 3 Л — нишаст он чалаб. 4 И — зи.
5 Л — б. 109, 110 нест.

Аз эшон кас аз бим нанмуд пушт,
Басе номвар шоҳи Эрон бикушт.

Чу шуд Тоир андар кафи ӯ асир,
Биёмад бараҳна равон[1] ногузир.

Ба ҷанги вай омад ҳисору буна,
Басе моявар мардуми бадтана.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ,
Чу хуршед бинмуд заррин кулоҳ,

Яке тахти пирӯза андар ҳисор
Ба оин ниҳоданду доданд бор.

Чу аз бор[2] пардахта шуд шаҳриёр,
Ба наздики ӯ шуд гули навбаҳор.

Зи ёқути сурх афсаре бар сараш,
Дурафшон зи зарбафти чинӣ бараш.

Баробар-ш бар тахти заррин нишонд,
Сабук Тоири бастаро пеш хонд.

Чу Тоир биёмад бараҳна сараш,
Бидид он сари номвар духтараш,[3]

Бидонист, к-он ҷодувӣ кори ӯст,
Бад-ӯ бад расидан зи бозори ӯст.

Бад-ӯ[4] гуфт, к-эй шоҳи озодмард!
Нигаҳ кун, ки фарзанд бо ман чӣ кард?!

Чунин ҳам ту аз меҳри ӯ[5] чашм дор,
Зи бегонагон з-ин[6] сипас хашм дор.

Чунин гуфт Шопур бадномро,
Ки аз парда чун духти Баҳромро,

---

[1] Л — девон. [2] Л — бора. [3] Л — б. 121, 122 нест. [4] ИЛ — чунин.
[5] Л — Ту аз меҳри ӯ ҳамчунин. [6] Л — з-он.

Биёриву расво кунӣ дударо,
Барангези ин кини осударо.

Ба дижҳим фармуд то гарданаш
Занад, пас ба оташ бисӯзад[1] танаш,

Сари Тоир аз нанг дар хун кашид,
Пас он гоҳ аз он ҷой[2] берун кашид.

Ҳар он кас куҷо ёфтӣ аз араб,
Намондӣ, ки пешаш кушодӣ[3] ду лаб.

Зи ду дасти ӯ дур кардӣ ду кифт,
Ҷаҳон монда аз кори ӯ дар шигифт.

Арабӣ Зулактоф кардаш лақаб,
Чу аз мӯхра букшод кифти араб.[4]

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи Порс боз,
Ҷаҳоне ҳаме бурд пешаш намоз.

Ҳар он кас, ки бо кифт зинҳор ёфт,
Зи божу зи соваш ҳаме сар натофт.

Бар ин низ бугзашт чанде сипеҳр,
В-аз он пас дигаргуна бинмуд чеҳр.[5]

### РАФТАНИ ШОПУР БА РУМ ВА ҚАЙСАРИ РУМ БА ПУСТИ ХАР ДУХТАН ӮРО

Чунон буд, ки як рӯз бо тоҷу ганҷ,
Ҳаме дошт аз буданӣ дил ба ранҷ.

Зи тирашаб андар гузашта се[6] пос,
Бифармуд то шуд ситорашинос,

---

1 Л — Зананду бисузанд аз оташ; И — Зананду ба оташ бисӯзад. 2 Л — Рафиқоншро гуфт. 3 Л — кас баркушодӣ; И — к-аз он пас кушодӣ. 4 Л — б. 132 нест. 5 Л — дигаргунатар шуд ба меҳр. 6 Л — ду.

Бипурсидаш аз тахти шоҳаншаҳӣ,
Ҳам аз ранҷу аз рӯзгори беҳӣ.

Мунаҷҷим биёвард суллобро,
Бияндохт оромишу хобро.[1]

Бад-он то расад подшоро бадӣ,
В-ар афзоядаш[2] фарраи эзадӣ.

Чу диданд гуфтандаш,[3] «Эй подшо,[4]
Ҷаҳонгиру равшандилу порсо,

Яке кор пеш аст бо ранҷу дард,
Наёрад кас он бар ту бар ёд кард».

Чунин дод Шопур посух бад-ӯй,
Ки эй марди донандаи роҳҷӯй.[5]

Чӣ чораст то ин зи ман бугзарад,
Танам ахтари бад ба пай[6] наспарад.?

Ситорашумар гуфт, к-эй шаҳриёр,
Аз ин гардиши чархи нопойдор

Ба мардиву дониш кӣ ёбад гузар,
Хирадманд ё марди пархошхар?

Бибошад ҳаме буданӣ бегумон,
Натобем бо гардиши осмон.

Чунин дод посух гаронмояшоҳ,
Ки додор бошад зи ҳар бад паноҳ.

Ки гардон баланд осмон офарид,
Тавоноиву нотавон офарид.

---

[1] ТПЛМ — Нигаҳ кард равшан ба қалб-ул-асад,
Ки ҳаст ӯ намояндаи фатҳу ҷад.
[2] ИЛ — физояд бад-ӯ. [3] Л — гуфтанд. [4] И — бар толеи подшо.
[5] И — ростгӯй. [6] И — бадтанӣ; Л — магар.

Бигустурд дар[1] подшоҳиш дод,
Ҳаме буд беранҷ якчанд шод.

Чу обод шуд з-ӯ ҳама марзу бум,
Чунон орзу кард к-ояд ба Рум,

Бубинад, ки қайсар сарафроз ҳаст,
Або лашкару ганҷу нерӯи даст.

Ҳамон роз букшод бар кадхудой,
Яке паҳлавон гурди бо доду рой.

Ҳамин[2] розу андеша бо ӯ бигуфт,
Ҳаме дошт аз[3] ҳар кас андар нуҳуфт.

Чунин гуфт, к-ин подшоҳӣ ба дод
Бидоред, к-аз дод бошед шод.

Шутур хост пурмоя даҳ корвон,
Ба ҳар корвон бар яке сорвон.

Зи дебову аз гавҳарон бор кард,
Аз он сӣ шутур бор динор кард.

Биёмад пурандеша з-обод бум,
Ҳаме рафт ҳам з-ин нишон то ба Рум.

Яке русто дид[4] наздики шаҳр,
Ки деҳқону шаҳрӣ аз ӯ дошт[5] баҳр.

Биёмад ба хони яке кадхудой,
Бипурсид, к-эдар маро ҳаст ҷой?

Бар ӯ офарин кард меҳтар басе,
Ки чун ту наёбем меҳмон касе.

Бибуд он шабу хӯрду бахшид чиз,
Зи деҳқон яке офарин ёфт низ.

---

1 Л — бар. 2 Л — Ҳамон. 3 Л — бо. 4 Л — буд. 5 Л — будӣ з-ӯ дуд.

Сапеда баромад буна барниҳод,
Сӯи хонаи қайсар омад чу бод,

Биёмад ба наздики солори бор,
Бар у офарин карду бурдаш[1] нисор.

Бипурсиду гуфташ: «Чӣ мардӣ, бигӯй,
Ки ҳам шоҳшохиву ҳам шоҳрӯй».

Чунин дод посух: «Наям подшо,
Яке порсимардаму порсо.

Ба бозоргонӣ бирафтам зи Ҷазз,
Яке корвон дорам аз хаззу баз.

Кунун омадастам бад-ин боргоҳ,
Магар назди қайсар кушоянд роҳ.

Аз ин бор чизе, ки[2] андар х(в)ар аст,
Ҳама олату гавҳари[3] лашкар аст.

Пазирад зи чокар супорад ба ганҷ,
Бад-он шод бошам, надорам ба ранҷ.

Дигарҳо[4] фурӯшам ба зарру ба сим,
Ба қайсар панохам, напечам зи бим.

Бихаррам ҳар он ч-ам бибояд зи Рум,
Барам сӯи Эрон ба обод бум».

Зи даргоҳ бархост марди куҳан,
Бари Қайсар омад, бигуфт ин сухан.

Зи дар сӯи қайсар-ш бугзоштанд.
Бифармуд то парда бардоштанд,

Чу Шопур наздики қайсар расид,
Бикард офарине чунон чун сазид.

---

[1] Л — кардаш. [2] Л — Қ-аш. [3] Л — Ҳаме гавҳару олати [4] Л — Дигар то.

Нигаҳ кард қайсар ба Шопури гурд,
Зи хубӣ дилу дида ӯро супурд.

Бифармуд то хону май хостанд,
Ҳама коху айвон биёростанд.

Чаҳондида эроние буд ба[1] Рум,
Чунон чун бувад марди бедоду шум.

Ба қайсар чунин гуфт, к-эй сарфароз,
Яке нав сухан бишнав аз ман ба роз.

Ки ин номвар марди бозоргон,
Ки дебо фурӯшад ба диноргон,

Шаҳаншоҳ Шопур гӯям,[2] ки ҳаст,
Би гуфтору дидору фарру нишаст.

Чу бишнид қайсар сухан, хира шуд,
Ҳаме чашмаш аз рӯи ӯ тира шуд.

Нигаҳбон-ш баркарду бо кас нагуфт,
Ҳаме дошт он рози ӯ дар нуҳуфт.

Чу шуд маст, бархост Шопуршоҳ,
Ҳаме дошт, қайсар мар ӯро нигоҳ.

Биёмад нигаҳбони ӯро гирифт,
Ки Шопури Нарсӣ туӣ, эй шигифт?

Ба хони занон бурду дасташ бубаст,
Ба мардӣ зи доми бало кас нараст,

Чу з-ин моя дониш наёяд[3] ба бар,
Чӣ бояд[4] шумори ситорашумар?

Бари маст шамъе ҳаме сӯхтанд,
Ба зориш дар чарми хар дӯхтанд.

---

[1] И — Чафодида эроние буд зи. [2] Л — донам. [3] Л — Чу з-ин бора дониш наёмад. [4] Л — бошад.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин шӯрбахт,
Ҳаме чарми хар ҷусту бугзошт тахт.

Яке хонае буд торику танг,
Бибурданд бадбахтро бедиранг.

Бад-он ҷои танг андар андохтанд,
Дари хонаро қуфл барсохтанд.

Қалидаш ба кадбонуи хона дод,
Танашро бад-он чарми бегона[1] дод.

Ба зан гуфт: «Чандон деҳаш нону об,
Ки ҷонаш ба рафтан нагирад шитоб.

Агар зинда монад ба якчанд гоҳ,
Бидонад магар арзи тахту кулоҳ.

Ҳамон[2] тахти қайсар наёяд-ш ёд,
Қасеро куҷо нест қайсарнажод».

Зани қайсар он хонаро дар бубаст,
Ба айвон дигар ҷой будаш нишаст.

Яке моҳрух буд ганҷури ӯй,
Гузида ба ҳар кор дастури ӯй.

Қ-аз эрониён доштӣ ӯ нажод,
Падар бар падар бар ҳаме дошт ёд.

Қалиди дари хона ӯро супурд,
Ба чарм андарун баста Шопури гурд.

Ҳамон рӯз аз марз лашкар биронд,
Варо баста дар пӯст он ҷо бимонд.

Чу қайсар ба наздики Эрон расид,
Сабук як ба як теғи кин баркашид.

---

[1] Л — харрона. [2] Л — Ҳам аз.

Аз Эрон ҳаме бурд румӣ асир,
Набуд он ялонро касе дастгир.

Ба Эрон зану марду кӯдак намонд,
Ҳамон[1] чизи бисьёру андак намонд.

Набуд огаҳӣ дар миёни сипоҳ,
На мурда, на зинда зи Шопуршоҳ.

Гурезон ҳама шаҳри Эрон зи Рум,
Зи мардум тиҳӣ шуд ҳама марзу бум.

Аз Эрон беандоза тарсо шуданд,
Ҳама марз пеши сакубо шуданд.

### РАҲОНИДАНИ ҚАНИЗАК ШОПУРРО АЗ ЧАРМИ ХАР

Чунин то баромад бад-ин чанд гоҳ,[2]
Аз Эрон пароканда гашт он сипоҳ.

Ба Рум он, ки Шопурро доштӣ,
Шабу рӯз танҳош нагзоштӣ.

Қанизак набудӣ зи Шопур шод,
Аз он, к-аш зи эрониён буд нажод.

Шабу рӯз аз он чарм гирьён будӣ,
Дили ӯ зи Шопур бирьён будӣ.

Бад-ӯ гуфт рӯзе, ки эй хубрӯй,
Чӣ мардӣ, матарс эчу бо ман бигуй,

Ки дар чарми хар нозук андоми ту,
Ҳаме бугсилад хобу ороми ту.

Чу сарве будӣ бар сараш гирдмоҳ,
Ҳамон моҳ дар зери мушки сиёҳ.

---

[1] И — Ҳама. [2] Л — бар ин панч мох.

Кунун чанбарӣ гашт болои сарв,
Тани пилворат ба кирдори ғарв.[1]

Дили ман ҳаме бар ту бирьён шавад,
Ду чашмам шабу рӯз гирьён шавад.

Бад-ин сахтӣ андар чӣ ҷӯӣ ҳаме?
Ки рози ту бо ман нагӯӣ ҳаме?

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-эй хубчеҳр,
Гарат ҳеҷ бар ман бичунбид меҳр,

Ба савганд паймон-т хоҳам яке,
К-аз он нагзарӣ ҷовидон андаке.

Нагӯӣ ба бадхоҳ рози маро,
Кунӣ ёд дарду гудози маро,[2]

Бигӯям туро он чи дархостӣ,
Ба гуфтор пайдо кунам ростӣ.

Канизак ба додор савганд х(в)ард,
Ба зуннори Шаммоси ҳафтод гард,

Ба ҷони Масиҳову сӯги салиб,
Ба Дорои Эрону меҳру ниҳеб,

Ки рози ту бо кас нагӯям зи бун,
Наҷӯям ҳаме бартарӣ з-ин сухун.

Ҳама роз Шопур бо ӯ бигуфт,
Намонд ин сухан неку бад дар нуҳуфт.

Бад-ӯ гуфт: «Акнун чӣ[3] фармон кунӣ,
Бад-ин рози ман дил гаравгон кунӣ?

Сар аз бонувон бартар ояд туро,
Ҷаҳон зери пой андар ояд туро.

---

[1] Л — Миёне чу ар-ар ба рафтан тазарв.
[2] Л — б. 219 нест. [3] Л — чу.

Ба ҳангоми нон шири гарм оварӣ,
Бипӯшӣ сухан, нарм-нарм оварӣ.

Ба шир андар оғорӣ ин чарми хар,
Ки ин чарм гардад ба гетӣ самар.

Пас аз ман басе солиён бугзарад,
Бигӯяд ҳамин ҳар кӣ дорад хирад![1]

Канизак ҳаме хостӣ шири гарм,
Ниҳонӣ зи ҳар кас ба овози нарм,

Чу гаштӣ яке ҷом бардоштӣ,
Бар он оташи тез бугзоштӣ.

Ба наздики Шопур бурдӣ ниҳон,
Нагуфтӣ сухан бо кас андар ҷаҳон.

Ду ҳафта сипеҳр андар ин гашта шуд,
Ба фарҷом чарми хар оғушта шуд.

Чу Шопур аз он пӯст омад бурун,
Ҳама дил пур аз дарду тан пур зи хун.

Чунин гуфт пас бо канизак ба роз,
Ки эй пок бинодили нексоз,

Яке чора бояд кунун сохтан,
Зи ҳар гуна андеша андохтан,

Ки моро гузар бошад аз шаҳри[2] Рум,
Мабод офарин бар чунин марзу бум.

Канизак бад-ӯ гуфт: «Фардо пагоҳ
Шаванд ин бузургон сӯи ҷашнгоҳ.

Яке ҷашн бошад ба Рум андарун,
Ки марду зану кӯдак ояд бурун,

---

1 Л — б. 229 нест. 2 Л — марзи

Чу кадбону аз шаҳр берун шавад,
Бад-он ҷашни хуррам ба ҳомун шавад,

Шавад хона холиву ман чорае[1]
Бисозам, натарсам зи патьёрае.[2]

Ду аспу ду кӯполу тиру камон,
Ба пеши ту орам ба равшанравон».

Чу бишнид Шопур, кард офарин,
Бар он пурҳунар духтари пешбин.[3]

Ба андеша дилро ба ҷой оварид,
Хирадро бар ин раҳнамой оварид.

Чу аз бохтар чашма андар кашид,
Шаб он чодари қор бар сар кашид.

Пурандеша шуд ҷони Шопуршоҳ,
Ки фардо чӣ созад канизак пагоҳ?[4]

Чу барзад сар аз бурҷи шер офтоб,
Биболид рӯзу биполуд хоб.

Ба ҷашн омаданд, он ки буд ӯ ба шаҳр,
Хунук он ки бардорад аз ҷашн баҳр.

Қанизак сӯи хона бинҳод рӯй,
Чунон чун бувад мардуми чораҷӯй.

Чу айвони холӣ ба чанг омадаш,
Дили шеру чанги паланг омадаш.

Ду аспи гаронмоя з-охур бибурд
Гузида силоҳи саворони гурд,

---

1 Л — шаҳр холиву ман чораҷӯй. 2 Л — наёрам ба якбора рӯй.
3 ИЛ — б. 243 нест;
ТПИЛМ — Бубаст андар андеша дилро нахуст,
Зи охур ду аспи гаронмоя ҷуст.
Ҳамон теғу кӯполу баргустувон,
Ҳамон ҷавшану миғфари паҳлавон.
4 И — ба роҳ.

Зи динор чандон ки боист, низ,
Зи хушобу ёқуту ҳар гуна чиз,

Чу омад ҳама сози рафтан ба ҷой,
Шаб омад ду тан рост карданд рой.[1]

### ГУРЕХТАНИ ШОПУР ЗИ РУМ
### ВА РАСИДАН БА ШАҲРИ ЭРОН

Сӯи шаҳри Эрон ниҳоданд рӯй,
Ду хуррамниҳон шоду оромҷӯй.

Шабу рӯз яксон[2] ҳаме тохтанд,
Ба хобу[3] ба хӯрдан напардохтанд.

Аз ин гуна аз шаҳр бар хорсон
Ҳаме ронд то кишвари Хузиён.

Чу аспу тан аз тохтан гашт суст,
Фуруд омаданро ҳаме ҷой[4] ҷуст.

Деҳе хуррам омад зи пешаш ба роҳ,
Пур аз боғу айвону аз[5] ҷашнгоҳ.

Тан аз роҳ ранҷа[6] гурезон зи бад,
Биёмад дари боғбоне бизад.

Биёмад давон марди полезбон,
Ки ҳам некдил буд, ҳам мизбон.

---

[1] ТПИМ — Ду аз рузбонон нигаҳбон буданд.
Аз он рафтани шоҳ огаҳ шуданд*.
Ба пай бар бирафтанд ҳар ду савор,
Расиданд зӣ марду он номдор.
Инонаш гирифтанд ҳар ду ба даст,
Ба зин андарун шоҳ аз ҷой ҷаст.
Гирифт он сари ҳар дувонро ба даст,
Сабук дар замин хор бифканд паст.
Чу ҳар ду фитоданду беҷон шуданд,
Шаҳу ҳамраҳаш ҳар ду пуён шуданд.

[2] Л — Яксар. [3] И — хону. [4] Л — чора. [5] Л — майдону пур.

[6] Л — ранҷ рахна.

* И — танҳо б. якум мавҷуд аст

Ду тан дид бо найзаву диръу хӯд,
Бипурсид, гуфто: «Ки[1] ҳаст ин дуруд?

Бад-ин бегаҳӣ аз куҷо хостӣ?[2]
Чунин тохтанро биёростӣ?»[3]

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-эй некхоҳ,
Сухан чанд пурсӣ зи гумкарда роҳ?

Яке марди эронием чораҷӯй,[4]
Гурезон ниҳода бар ин марз рӯй.

Пур аз дардам аз қайсару лашкараш,
Мабодо, ки бинам сару афсараш.

Гар имшаб маро мизбонӣ кунӣ,
Ҳушиворииву марзбонӣ кунӣ,

Бар онам,[5] ки рӯзе ба кор оядат,[6]
Дарахте ки корӣ[7] ба бор оядат.[8]

Бад-ӯ боғбон гуфт, к-ин хони туст,
Тани боғбон низ меҳмони туст.

Бад-он чиз к-ояд маро дастрас,
Бикӯшам, биёрам, нагӯям ба кас.

Фуруд омад аз асп Шопуршоҳ,
Канизак ҳаме рафт бо ӯ ба роҳ,

Хӯриш сохт чанде зани боғбон,
Зи ҳар гуна чандон, ки будаш тавон.

Чу нон хӯрда шуд, кори май сохтанд,
Сабукмоя ҷое[9] бипардохтанд.[10]

---

[1] Л — Зи Шопури Баҳром. [2] Л — хостанд. [3] Л — биёростанд. [4] Л — роҳҷӯй. [5] И — Бидонам. [6] И — оямат. [7] И — Дарахте хумоён. [8] И — оямат; Л — б. 267 нест. [9] Л — Сабук бода ҷоме.
[10] ТПИМ — Май оварду бинҳоду бардошт ҷом,
Зи меҳмон шуда хуррару шодком.

Сабук боғбон май ба Шопур дод,
Ки бардор аз он кас, ки бояд-т[1] ёд.

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-эй мизбон,
Ҳушивору бедор, полезбон,

Касе к-ӯ май орад нахуст ӯ хӯрад,
Чу бешаш бувад солиёну хирад.

Ту аз ман ба сол андаке меҳтарӣ,[2]
Ту бояд, ки чун май диҳӣ, май хварӣ.[3]

Бад-ӯ боғбон гуфт, к-эй пурҳунар,
Нахуст он хӯрад май, ки бо зебу фар.[4]

Ту бояд, ки бошӣ бад-ин пешрав,
Ки пирӣ ба фарҳангу дар сол нав.

Ҳаме зеби[5] тоҷ ояд аз рӯи[6] ту,
Ҳаме бӯи мушк ояд аз мӯи[7] ту.

Бихандид Шопуру бистуд набид,
Яке боди сард аз ҷигар баркашид.

Ба полезбон гуфт, к-эй покдин,
Чӣ огоҳӣ астат зи Эронзамин.

Чунин дод посух, ки эй кайманиш,
Зи ту дур бодо бади бадкуниш.

Ба бадхоҳи ту бод чандон зиён,
Ки аз қайсар омад ба эрониён.

Аз Эрон пароканда шуд ҳар ки буд,
Намонд андар он бум кишту дуруд.

Зи бас ғорату куштани марду зан
Пароканда гашт он бузург анҷуман.

---

1 Л — Ки бинюш аз он кас, ки дорӣ ба. 2 Л — бартарӣ.
3 Л — х(в)арӣ. 4 Л — тар. 5 ИЛ — буи. 6 ИЛ — мӯи. 7 И — Ба хуршед монад ҳаме рӯи; Л — ранги оҷ ояд аз

В-аз эшон басе низ тарсо шуданд,
Ба зуннор пеши сакубо шуданд.

Басо Ҷосалиқе ба сар бар кулоҳ,
Бурун аз бару буму оромгоҳ.

Бад-ӯ ғуфт: «Шопуршоҳ Урмузд,
Қи рахшон будӣ ӯ чу моҳ Урмузд,

Қуҷо шуд, ки қайсар чунин хира шуд?
Зи бахт оби эроннён[1] тира шуд?»

Бад-ӯ боғбон гуфт, к-эй сарфароз,
Туро ҷовидон меҳтарӣ боду ноз.

Аз ӯ мурдаву зинда ҷое нишон
Наёмад ба Эрон бад-ин саркашон.

Ҳар он кас, ки буд андар обод бум,
Асиранд сартосар акнун ба Рум.

Бад-ин зор бигрист полезбон,
Қи буд он[2] замон шоҳро мизбон.

Бад-ӯ мизбон гуфт, к-эдар се рӯз,
Бибошӣ, шавад хона гетифурӯз,

Қи доно зад ин достон аз нахуст,
Қи ҳар кас, ки озарми меҳмон наҷуст,

Набошад хирад ҳеҷ наздики ӯй,
Ниёз оварад бахти торики ӯй.

Бибошу биёсову май хӯр ба ҷом,
Чу гардад дилат ром, баргӯй ном.

Бад-ӯ гуфт Шопур: «Қоре равост,
Ба мо бар кунун мизбон подшост..

[1] Л — Эрон чунин. [2] Л — ин. [3] Л — бичуст.

### ШИНОХТАНИ ЭРОНИЁН ШОПУРРО ВА ГИРД КАРДАНИ Ӯ СИПОҲ

Бибуд он шабу хӯрду гуфту шунид,
Сапеда чу аз кӯҳсар бардамид,

Чу зарриндурафше даромад зи роғ,
Бари меҳмон шуд худованди боғ.

Бад-ӯ гуфт: «Рӯзи ту фархунда бод!
Сарат бартар аз абри боранда бод!

Сазои туам ҷойгоҳе набуд,
Ба ором шоиста гоҳе набуд».

Бад-ӯ гуфт Шопур, к-«эй некбахт,
Ман ин хона бугзидам аз тоҷу тахт.

Яке Жанду Ист ор, бо барсамат,
Бигӯ посух аз ҳар чӣ вопурсамат».[1]

Биёвард ҳар ч-аш бифармуд шоҳ,
Биёроста барсаму божгоҳ.

Ба замзам бад-ӯ гуфт «баргӯй рост,
Ки то мӯбадонмӯбад акнун куҷост?»

Чунин дод посух варо боғбон,
Ки «эй номвар марди ширинзабон!

Ду чашмам зи ҷое, ки дорам нишаст,
Бар он хонаи мӯбадонмӯбад аст».

Ниҳонӣ ба полезбон гуфт шоҳ,
Ки аз меҳтари деҳ гили муҳр хоҳ.

Чу бишнид аз ӯ ин сухан боғбон,
Гили муҳр оварду омад дамон.

---

[1] Л — б. 304 нест.

Ҷаҳондор бинҳод бар гил нигин.
Бад-он боғбон доду кард офарин.

Бад-ӯ гуфт, к-ин гил ба мӯбад супор
Нигар то чӣ гӯяд, ҳама гӯш дор.

Сапедадамон мард бо муҳри шоҳ,
Бари мубадонмӯбад омад пагоҳ.

Чу наздики даргоҳи мӯбад расид,
Пароканда гурдону дар баста дид,

Ба овоз аз он боргаҳ бор хост,
Чу букшод дар, боғбон рафт рост,

Чу омад ба наздики мӯбад фароз,
Бад-ӯ муҳр бинмуду бурдаш намоз.

Чу мӯбад нигаҳ карду он муҳр дид,
Зи шодӣ дили ройзан бардамид.

В-аз он пас бар он ном чанде гирист,
Бад-он боғбон гуфт, к-ин муҳр чист?[2]

Чунин дод посух, ки эй номдор.
Нишаста ба хони ман аст ин савор.

Яке моҳ бо ӯ чу сарви саҳӣ,
Хирадманд, бозебу бофарраҳӣ».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки ин[3] номҷӯй
Нишон ғӯ, кӣ[4] дорад ба болову рӯй?

Бад-ӯ боғбон гуфт: «ҳар к-ӯ баҳор
Надидасту сарв аз бари ҷӯйбор,

Ба болову рухсори ӯ бингарад,
Ҳаме дил зи дидан-ш ромиш барад.[5]

---

1 И — инро. 2 ИЛ — муҳри кист. 3 Л — Эй. 4 Л — нишони кӣ.
5 Л — б. 323 нест.

Ду бозу ба кирдори рони ҳаюн,
Бараш чун бари шеру чеҳраш чу хун,

Ҳаме ранги шарм ояд аз меҳри ӯй,
Ҳаме зеби тоҷ ояд аз чеҳри ӯй»

### ОГОҲӢ ЁФТАНИ МӮБАД ВА ПАҲЛАВОН АЗ ОМАДАНИ ШОПУР ВА РАФТАНИ ЭШОН БО СИПОҲ НАЗДИ Ӯ

Чу полезбон гуфту мӯбад шунид,
Ба равшанравон марди доно бидид,

Ки ин шердилмард ҷуз шоҳ нест,
Ҳамон чеҳра ҷуз дархури гоҳ нест.

Фиристодае ҷуст равшанравон,
Фиристод мӯбад бари паҳлавон,

Ки пайдо шуд он фарри Шопуршоҳ,
Ту аз ҳар сӯе анҷуман кун сипоҳ,

Фиристодаи мӯбад омад давон,
Зи ҷое, ки буд то дари паҳлавон.

Сипаҳбад зи гуфтори ӯ гашт шод,[1]
Ки дил[2] пур зи кин дошту[3] лаб пур зи бод.[4]

Ба додор гуфт: «Эй ҷаҳондори рост!
Парастиш ба ҷуз мар[5] туро носазост.

Кӣ донист, ҳаргиз, ки Шопуршоҳ
Бубинад сипаҳрову ӯро сипоҳ.[6]

Сипос аз ту, эй додгар, як худой,
Ҷаҳондору бар некуӣ раҳнамой.

Чу шаб баркашид он дурафши сиёҳ
Ситора падид омаду гирдмоҳ.

---

[1] Л — шод шуд. [2] И — сараш; Л — Дили ӯ. [3] И — карду. [4] Л — аз кину пурбод шуд. [5] Л — касе ҷуз. [6] Л — сипаҳ кажж бинҳад кулоҳ.

Фароз омад аз ҳар сӯе лашкаре,
Ба ҷое, ки буд дар ниҳон меҳтаре.[1]

Зи ҳар сӯ гавон сар барафрохтанд,
Ягону дугона ҳаме тохтанд.[2]

Ба даргоҳи полезбон омаданд,
Ба шодӣ бари мизбон омаданд.

Бифармуд то баркушоданд роҳ,
Агарчи фурӯмоя буд боргоҳ.

Чу рафтанд наздики он номҷӯй,
Яко як ниҳоданд бар хок рӯй.

Меҳонро ҳама шоҳ дар бар гирифт,
Зи бадҳо хурӯшидан андар гирифт.

Бигуфт он чӣ аз чарми хар дида буд,
Суханҳо зи кайсар, ки бишнида буд.

Ҳам озодии бардаи хубчеҳр,
Бигуфт он чӣ ӯ кард пайдо зи меҳр,

Қ-аз ӯ ёфтам ҷону аз кирдгор,
Ки фархунда бодо бар ӯ рӯзгор.

Агар шаҳриёреву фархундае
Шавад бандаи пурҳунар бандае,

Манам банда ин меҳрубон бандаро,[3]
Кушодадилу доддорандаро.[4]

---

1 И — Пас аз б. 336 ин б. омада:
Зумуррад биёварду мардони мард,
Ки шоиста буданд рӯзи набард.
Або марзбон ҷумла гирд омаданд,
Ба якбор сӯи сипаҳбад шуданд,
Зи таблу зи бӯқ он куҷо монда буд,
Гаҳе рӯз ҳар шаб барафшонда буд (?)

2 ТПЗ — Чу лашкар шуд анбӯҳ бар дар сарой,
Ба наздики шоҳ омад он покрой.

3 ИЛ — бардаро. 4 ИЛ — нозпарвардаро.

Ба ҳар сӯ ки акнун сипоҳи ман аст,
В-агар подшоҳиву роҳи ман аст,

Ҳама кас фиристеду огаҳ кунед,
Талоя парокандa бар раҳ кунед.

Бубандед вижа раҳи Тайсафун,
Набояд, ки огоҳӣ ояд бурун.

Чу қайсар биёбад зи мо огаҳӣ,
Ки пайдо шуд он фарри шоҳаншаҳӣ,

Биёяд сипоҳи маро барканад,
Дилу пушти эроннён бишканад.

Кунун мо надорем поёби ӯ,
Бупечем бо бахти шодоби ӯ.

Чу мӯбад биёяд, биёрад сипоҳ,
Зи лашкар бубандем бар пашша роҳ.

Бисозему ороиши нав кунем,
Ниҳонӣ магар боғ бехав кунем.

Биёяд ба ҳар гӯшае дидбон,
Талоя ба рӯзу ба шаб посбон,

Аз ин пас набояд, ки аз румиён
Касе хуспад эмин кушода миён.

ШАБЕХУН ЗАДАНИ ШОПУР ВА ГИРИФТАНИ
ҚАЙСАРИ РУМ

Басе барнаёмад бад-ин рӯзгор,
Ки шуд лашкаре пеши ӯ шаш[1] ҳазор.

Фиристод Шопур корогаҳон,
Сӯи Тайсафун кордида меҳон.

---

1 Л — мардуми лашкараш дах

Бад-он то зи қайсар диҳанд огаҳӣ,
Бад-ин бурздаргоҳи бо фарраҳӣ.

Бирафтанд корогаҳон ногаҳон,
Нуҳуфта бичустанд кори ҷаҳон.

Чу диданд ҳар гуна, боз омаданд,
Бари шоҳи гарданфароз омаданд,

Ки қайсар зи май хурдану аз шикор,
Ҳаме ҳеҷ нандешад аз корзор.

Сипоҳаш пароканда бар ҳар сӯе,
Ба тороҷ кардан ба ҳар паҳлӯе.

На рӯзаш талоя, на шаб посбон,
Сипоҳаст ҳамчун рама бешубон.

Набинад ҳаме душман аз ҳеҷ сӯй,
Писанд омадаш зистан б-орзӯй.

Чу бишнид Шопур аз он шод гашт,
Ҳама ранҷҳо пеши ӯ бод гашт.

Гузин кард аз эрониён се ҳазор,
Зиреҳдору баргустувонвар савор,

Ба шабтира чавшан[1] ба бар даркашид,
Сипаҳро сӯи Тайсафун баркашид.

Ба тирашабон тез биштофтӣ,
Чу равшан шудӣ, рӯй бартофтӣ.

Ҳаме рондӣ бар[2] биёбону[3] кӯҳ,
Бад-он[4] роҳи бероҳ худ бо гурӯҳ.

Фузун аз ду фарсанг пеши сипоҳ,
Ҳаме дидбон буд бероҳу роҳ.

---

[1] ИЛ — Шаби тира чавшан. [2] Л — дар. [3] И — сӯи ғору. [4] И — Бар он.

Чунин то ба наздикии Тайсафун,
Талоя ҳаме ронд пеш андарун.

Ба лашкаргаҳ омад гузашта се пос,
Зи қайсар набудаш ба дил дар ҳарос.

Аз он марз бишнид овози кас,
Ғави посбонону бонги ҷарас.

Пур аз хайма он[1] дашту хиргоҳ буд,
Аз он тохтан худ кӣ огоҳ буд?

Зи май маст қайсар ба пардасарой.
Зи лашкар набуд андар он марз ҷой.

Чу гетӣ чунон дид[2] Шопури гурд,
Инони кай борагиро супурд,

Сипаҳро ба лашкаргаҳ андар кашид,
Бизад дасту гурзи гарон баркашид.

Ба абр андар омад дами карраной,
Ҷарангидани гурзу ҳиндидарой.

Деҳодеҳ баромад зи ҳар паҳлӯе,
Чакочок бархост аз ҳар сӯе.

Ту гуфтӣ ҳаме осмон битракад,[3]
Зи хуршед хун бар ҳаво барчакад.[4]

Дурахшидани[5] коваёнӣ дурафш,
Шаби тираву теғҳои бунафш,

Ту гуфтӣ ҳаво теғ борад ҳаме,
Ҷаҳон яксара меғ дорад ҳаме.

Зи гарди сипаҳ кӯҳ шуд нопадид,
Ситора ҳаме доман андар кашид.

---

[1] Л — як. [2] И — чу дид он чунон кор. [3] Л — бардарид. [4] Л — барчакид. [5] Л — Дурафшидани.

Саропардаи қайсари беҳунар,
Ҳаме кард Шопур зеру забар.[1]

Ба ҳар гӯшае оташ андар заданд,
Ҳаме осмон бар замин барзаданд.[2]

Саранҷом қайсар гирифтор шуд,
В-аз ӯ ахтари нек безор шуд.

В-аз он хаймаҳо номдорони ӯй,
Далеру гузидасаворони ӯй

Гирифтанд бисьёру карданд банд,
Чунин аст кирдори чархи баланд.

Гаҳе з-ӯ фароз ояду гаҳ[2] нишеб,
Гаҳе шодмониву гоҳе[4] ниҳеб.

Беозориву мардумӣ беҳтар аст,
Туро[5] кирдори ҷаҳон ёвар аст.

Чу шуд рӯзу шаб доман андар кашид,
Дурафши хур омад зи боло падид,

Бифармуд Шопур то шуд дабир,
Қалам хосту қиртосу мушку абир.

Набиштанд нома ба ҳар кишваре,
Ба ҳар подшоҳеву ҳар меҳтаре.

Сари нома кард офарини ниҳон[6]
Зи мо бод бар кирдгори ҷаҳон.

---

[1] ТПЗМ — Беандоза куштанд румисавор,
Фузун аз даҳу ду ҳазорон шумор.
ТПИМ — Бикуштанд бисьёр аз он румиён,
Ҳама дашт буд пушту дасту миён.
[3] Л — дар фарозу гаҳе. [4] Л — шодмону гаҳе дар. [5] ИЛ — Киро.
[6] Л — гуфт офарини меҳон.

Ки ӯрост бар некӯӣ дастрас,
Ба неру ниёзаш наёяд ба кас.

Ҳам ӯ офаринандаи рӯзгор.
Ба некӣ ҷуз ӯ нест омӯзгор.

Чу қайсар, ки фармони яздон биҳишт,
Ба Эрон ба ҷуз тухми зуфтӣ[1] накишт.

Ба зорӣ ҳаме банд сояд кунун,
Чу ҷонро набудаш хирад раҳнамун.

Ҳамон тоҷи Эрон сазоро[2] супурд,
Зи гетӣ ба ҷуз номи зиштӣ набурд.

Гусиста шуд он лашкару боргоҳ,
Ба неруи яздон, ки бинмуд роҳ.

Ҳар он кас, ки ёбед[3] румӣ ба шаҳр,
Зи шамшер бояд, ки ёбанд баҳр.

Ҳама дод ҷӯеду фармон кунед,
Ба наввӣ[4] зи сар боз паймон кунед.

Ҳаюне биёмад ба ҳар сӯ давон,
Або номаи шоҳи равшанравон.

Зи лашкаргаҳ омад сӯи Тайсафун,
Беозор биншаст бо раҳнамун.

Чу тоҷи ниёкон ба сар барниҳод,
Зи додори некидиҳиш кард ёд.

Бифармуд то шуд ба зиндон дабир,
Ба қиртос бинвишт номи асир.

Ҳазору саду ду[5] тан омад шумор,
Бузургони Рум, он ки буд номдор,

---

1 Л — зиштӣ. 2 ИЛ — ба ҳаквар. 3 Л — бошад зи. 4 Л — хубӣ. 5 ИЛ — даҳ.

Ҳама хешу пайванди қайсар буданд,
Ба Рум андарун вижжа меҳтар буданд.

Ҷаҳондор бубридашон дасту пой,
Ҳар он кас,[1] ки буд бар бадӣ раҳнамой.

Бифармуд то қайсари Румро
Биёранду[2] солори он бумро.[3]

Бишуд рӯзбон дасти қайсар гирифт,
Зи зиндон биёвард зор, эй шигифт.

Ҷафопеша чун тоҷи[4] Шопур дид,
Сиришкаш зи дида[5] ба рух барчакид.

Бимолид рухсораро[6] бар замин,
Ҳаме кард бар тоҷу тахт офарин.

Заминро саросар ба мижгон бируфт,
Ба рӯю[7] ба тан гашт бо хок ҷуфт.

Бад-у гуфт шоҳ: «Эй сиришти бадӣ!
Ки тарсоиву душмани эзадӣ!

Писар гӯй онро, ки анбоз нест,
Зи гетиш фарҷому оғоз нест.[8]

Надонист гуфтан сухан ҷуз дурӯғ,
Дурӯғ оташи[9] бад бувад, бефурӯғ.

Агар қайсарӣ, курму[10] роят куҷост?!
Ба хубӣ дили раҳнамоят куҷост?!

---

[1] Л — онро. [2] ИЛ — Биёранд.
[3] ТП — Яке хилъат аз баҳри полезбон,
Биёросту з-он шод кардаш равон.
[4] Л — рӯи. [5] Л — мижгон. [6] Л — рангинрухаш. [7] Л — ришу.
[8] ТПЗ — Фиребандаи сахт девонаи,
Бадӣ, баднажодӣ, на фарзонаи.
[9] ИЛ — оташе. [10] ИЛ — шарму.

Чаро бандам аз хоми хар сохтӣ?!
Ба хорӣ[1] ба хок андар андохтӣ?!

Чу бозоргонон ба базм омадам,
На бо кӯсу лашкар ба разм омадам.

Ту меҳмон ба хоми хар андаркашӣ,[2]
Ба Эрон гироиву лашкар кашӣ.[3]

Бубинӣ кунун кори[4] мардони мард,
Қ-аз ин пас наҷӯӣ ба Эрон набард».

Бад-ӯ гуфт қайсар, ки эй шаҳриёр!
Зи фармони яздон кӣ ёбад гузор?

Зи ман тахти шоҳӣ хирад дур кард,
Танамро[5] бари дев муздур кард.

Мукофоти бад гар кунӣ некӯвӣ,
Ба гетӣ дарун достоне шавӣ.

Ки ҳаргиз нагардад кӯҳан номи ту,
Барояд зи[6] мардӣ ҳаме[7] коми ту.

Агар ёбам аз ту ба ҷон зинҳор,
Ба чашмам шавад ганҷу динор хор.

Яке банда бошам ба даргоҳи шоҳ,[8]
Наҷӯям ҷуз ороиши гоҳи шоҳ.[9]

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй бади бадҳунар,
Чаро кардӣ ин бум зеру забар[10]?!

---

1 Л — Бузургӣ. 2 Л — кунӣ. 3 Л — кунӣ. 4 Л — банди. 5 Л — Равонам. 6 Л — ба. 7 Л — ҳама. 8 ИЛ — ту. 9 ИЛ — ту.
10 ТПИЛМ — Кунун* ҳар чӣ бурдӣ зи Эрон асир,
Ҳама боз хоҳам зи ту ногузир.
* Л — Дигар

Дигар хоста ҳар чӣ бурдӣ ба Рум,
Мабодо, ки бинӣ ту он шумбум.

Ҳама яксар аз хона боз оварӣ,
Бад-ин лашкари сарфароз оварӣ.

Аз Эрон дигар ҳар чи вайрон шудаст,
Куноми палангону шерон шудаст,

Саросар барорӣ ба динори хеш,
Биёбӣ мукофоти кирдори хеш.

Дигар ҳар кӣ кӯштӣ аз эрониён
Биҷӯӣ ба Рум аз нажоди каён.

Ба як тан даҳ аз Рум товон диҳӣ,
Равонрову ҷонро гаравгон[1] диҳӣ.

Нахоҳам ҷуз аз марди қайсарнажод,
Ки бошанд бо ман бад-ин буми шод.

Дигар, ҳар чи з-Эрон буридӣ дарахт,
Набуррад дарахти касон некбахт,

Бикориву деворҳо баркунӣ,
Зи дилҳо, магар, хашм камтар кунӣ.

Кунун ман ба банде бубандам туро,
Зи чарми харон қай писандам туро.

Гар ин ҳар чи гуфтам[2] наёрӣ ба ҷой,
Бидарранд чармат зи сар то ба пой!»[3]

Ду гӯшаш ба ханҷар ба ду шох кард,
Ҳамон бинияш низ[4] сӯрох кард.

---

[1] ИЛ — Равонро ба ҳар кор бурхон. [2] Л — гуфтӣ.
[3] ТПЗ — В-аз он пас, ки ин як ба як баршумурд,
Ҷаҳонгир Шопур бо даст бурд.
[4] Л — Ба як ҷой биниш.

Маҳоре ба бинии ӯ барниҳод,
Чу Шопур аз он чарми хар кард ёд.

Ду банди гарон барниҳодаш ба пой,
Бибурдаш ҳамон рӯзбон боз ҷой.

## ЛАШКАР ҚАШИДАНИ ШОПУР БА РУМ ВА РАЗМИ Ӯ БО БАРОДАРИ ҚАЙСАР

Аразгоҳу девон биёростанд,
Қалиди дари ганҷҳо хостанд.

Сипоҳ анҷуман карду рӯзӣ бидод,
Сараш пур зи кину дилаш пур зи бод.

Аз Эрон ҳаме ронд то марзи Рум,
Ҳар он кас, ки буд андар он марзу бум,

Бикуштанду хона[1] ҳаме сӯхтанд,
Ҷаҳоне зи[2] оташ барафрӯхтанд.

Чу огоҳӣ омад зи Эрон ба Рум,
Ки вайрон шуд он марзу ободбум,

Гирифтор шуд қайсари номдор,
Шаби тира андар сафи корзор,

Саросар ҳама Рум гирьён шуданд,
В-аз овози Шопур бирьён шуданд.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки ин бад кӣ кард?
Магар қайсар он ноҷавонмард мард?

Зи қайсар яке, кеҳ бародар-ш буд,
Падар мурдаву[3] зинда модар-ш буд,

Ҷавоне кучо Ёнусаш буд ном,
Ҷаҳонҷӯву бахшандаву шодком.

---

[1] ИЛ — ҷонаш. [2] Л — ба. [3] Л — мурда буд.

Шуданд анҷуман лашкарӣ бар дараш
Дирам дод пархошхар модараш.

Бад-ӯ гуфт: «Кини бародар бихоҳ,
Набинӣ, ки омад зи Эрон сипоҳ».

Чу бишнид Ёнус бичӯшиду гуфт,
Ки кини бародар нашояд нуҳуфт!

Бизад кӯсу овард берун салиб,
Салиби[1] бузургу саворе[2] муҳиб.

Сипаҳро чу рӯй андар омад ба рӯй,
Беором шуд мардуми кинаҷӯй.

Рада баркашиданду бархост ғав,
Биёмад дамон Ёнуси пешрав.

Сипаҳро ба як рӯй бар кӯҳ буд,
Дигар об з-он сон, ки анбӯҳ буд.[3]

Баромад яке абру гарди сиёҳ,
Қ-аз он тирагӣ дида гум кард роҳ.

Бар ин гуна то гашт хуршед зард,
Зи ҳар су ҳаме гашт боди набард.

Бикуштанд чандон, ки рӯи замин
Шуд аз ҷавшани куштагон оҳанин.

---

[1] И — Салибе. [2] Л — сипоҳе.
[3] ТПЗ — Баромад хурӯшидани дору гир,
Ҳамон оташи ханҷару гурзу тир.
Зи гарди саворон ҳаво шуд бунафш,
Дурахшон синону дурафшон дурафш.
Ситора бар он ҷанг наззора буд,
Ки ҳам кину ҳам гоҳи бегора буд.
Бубастанд гурдони румӣ миён,
Бар он ҷанг як сар чу шери жиён
Замин оҳанин шуд, ҳаво ложвард,
Ба абр андар омад сари тирагард.
Ту гуфтӣ ҳаво абр дорад ҳаме,
В-аз он абр алмос борад ҳаме.
Ҳамон лашкари шоҳи эрониён,
Бубастанд хун рехтанро миён.

Чу аз қалб Шопур лашкар биронд,
Чапу росташ вижагонро бихонд.

Чу бо меҳтарон гарм кард асп шоҳ,
Замин гашт ҷунбону печон сипоҳ.

Сӯи лашкари румиён ҳамла бурд,
Бузургаш яке буд бо марди хурд.

Бидонист Ёнус, ки поёби ӯй[1]
Надорад, гурезон бупечид рӯй.[2]

Пас андар ҳаме тохт Шопур гурд,
Ба гард аз ҳаво равшаноӣ бибурд,

Ба ҳар ҷойгаҳ-бар яке тӯда кард,
Заминҳо ба мағзи сар олуда кард,

Аз он лашкари Рум чандон бикушт,
Ки як дашт сар буд бо пою пушт.

Ба ҳомун сипоҳу чалипо намонд,
Ба дижҳо салибу сакубо намонд.

Зи ҳар ҷой чандон ғанимат гирифт,
Ки лашкар ҳаме монд андар шигифт.

Бубахшид яксар ҳама бар сипоҳ,
Ҷуз аз ганҷи қайсар набуд баҳри шоҳ.

Ки ӯ дид ранҷе аз он ганҷи ӯй,
На ҳамгӯшаи ганҷ буд[3] ранҷи ӯй.

Ҳама лашкари Рум гирд омаданд,
Зи қайсар ҳаме достонҳо заданд,

Ки моро чун ӯ низ меҳтар мабод,
Ба Рум андарун номи қайсар мабод.[4]

---

[1] Л — шоҳ. [2] Л — бишуд бо сипоҳ. [3] И — кӯшиши ганҷ бар.
[4] ТПМ — Ба Рум андарун ҷои мазбаҳ намонд,
Салиби масеҳу мувашшаҳ намонд.

Чу зуннори қиссис шуд сӯхта,
Чалипои митрон барафрӯхта.

Қунун Руму Қаннуч моро якест,
Чу овози кеши Масеҳ андакест.[1]

## БАР ТАХТ НИШОНДАНИ РУМИЁН БАРОНӮШРО ВА НОМА НАВИШТАНИ Ӯ БА ШОПУР

Баронӯш марде хирадманд буд,
Равону забонаш пур аз панд буд.

Бад-ӯ гуфт лашкар, ки қайсар ту бош,
Бад-ин лашкар имрӯз меҳтар ту бош.

Ба гуфтори ту гӯш дорад сипоҳ,
Бияфрӯз тоҷу биёрой гоҳ.

Биёрост андар дараш тахти оҷ,
Баронуш биншаст бо фарру тоҷ.

Ба ҷои бузургиш биншонданд,
Ҳама румиён қайсараш хонданд.

Баронуш биншасту андеша кард,
Зи Руму зи овардгоҳу набард.

Бидонист, к-ӯро зи шоҳи баланд,
Зи разму зи овезиш ояд газанд.

Фиристодае ҷуст бо рою шарм,
Ки дониш сарояд ба овози нарм.

Дабире, балиғе, писандидае,
Хирадманду доно ҷаҳондидае.

---

1 ТПЗ — Пас аз б. 479 ин б. омада:
Яке мард буд аз нажоди меҳон,
Ҳам аз тухмаи номвар қайсарон.

Биёварду биншонд наздики хеш,
Бигуфт он суханҳои борики хеш.

Яке нома бинвишт пурофарин,
Зи додор бар шаҳриёри замин,

Ки ҷовид тоҷи ту поянда бод,
Ҳама меҳтарон пеши ту банда бод!

Ту донӣ, ки тороҷу хун рехтан,
Чӣ бо бегунаҳ мард[1] овехтан,

Миҳони сарафроз доранд шум,
Чи бо марзи[2] Эрон, чи бо марзи Рум.

Гар ин кин зи Эраҷ будаст аз нахуст,
Манучеҳр кард он ба мардӣ дуруст.

Тани Салм аз он кин кунун хок шуд,
Ҳам аз Тӯр рӯи замин пок шуд.

В-агар кини Доросту Искандарӣ,
Кӯҳан шуд ба Рум андарун доварӣ.

Мар ӯро ду дастури бад кушта буд,
Ва дигар к-аз ӯ бахт баргашта буд.

В-агар кин зи қайсар физояд ҳаме,
Ба зиндони ту банд сояд ҳаме.

Набояд, ки вайрон шавад буми Рум,
Ки чун Рум ҳаргиз набудаст бум.

В-агар ғорату куштанат буд рой,
Ҳама Рум гаштанд бедасту пой.

Зану кӯдаконшон асири туанд,
В-агар хастаи теғу тири туанд,

---

[1] Л — мардум. [2] Л — шаҳри.

Гаҳ омад, ки камтар кунӣ кину хашм,
Ки ҳаргиз наёяд ба ҳам дину хашм.

Фидои ту бодо ҳама хоста,
Қ-аз ин кин ҳама ҷон шавад коста.

Ту дил хуш куну шаҳр чандин масӯз,
Набояд, ки рӯз андар[1] ояд ба рӯз.

Набошад писанди ҷаҳонофарин,
Ки бедод ҷӯяд ҷаҳондору кин.

Дуруди ҷаҳондор бар шоҳ бод,
Баландахтараш афсари моҳ бод!

Нависанда[2] бинҳод пас хомаро,
Чу андар навишт ин[3] кай номаро

Ниҳоданд пас муҳри қайсар бар ӯй,
Фиристода бинҳод зӣ шоҳ рӯй.

Биёмад хирадманду нома бидод,
Зи қайсар ба Шопури фаррухнажод.

Чу он нома бар[4] номвар хонданд,
Суханҳои нағзаш барафшонданд,

Бубахшуду дида пур аз об кард,
Буруҳои ҷангиш бетоб[5] кард.

Ҳам андар замон нома посух навишт,
Бигуфт он куҷо рафта буд хубу зишт,

Ки меҳмон ба чарми хар андар кӣ дӯхт,
Кӣ бозори кини куҳан барфурӯхт?

Ту гар бихрадӣ, хезу пеши ман ой,
Худу файласуфони покизарой.

---

[1] И — рӯзи ту. [2] И — Набисанда. [3] И — набишт он. [4] Л — Чу нома барӣ. [5] ИЛ — ҷангӣ пур аз тоб.

Чу зинҳор додам, насозем[1] чанг,
Ҷаҳон нест бар марди ҳушьёр танг.

Фиристода баргашту посух бибурд,
Суханҳо якояк бар ӯ баршумурд.

## РАФТАНИ БАРОНУШ ПЕШИ ШОПУР ВА ПАЙМОН БАСТАН БО У

Баронӯш чун посухи нома дид,
Зи шодӣ дили поки ӯ бардамид.

Бифармуд то номдорони Рум,
Бирафтанд сад мард аз он тоза бум.

Дирам бор карданд харвор шаст,
Ҳам аз гавҳару ҷомаҳои нишаст.[2]

Зи динор ганҷе зи баҳри нисор,
Фароз омад аз ҳар сӯе сад[3] ҳазор.

Ҳама меҳтарон назди шоҳ омаданд,
Бараҳнасару бекулоҳ омаданд.

Чу динор пешаш фурӯ рехтанд,
Бигустурда зар, гавҳарон[4] бехтанд.

Бибахшуд Шопуру бинвохтшон,
Ба хубӣ бар андоза биншохтшон.

Баронӯшро гуфт, к-аз[5] шаҳри Рум
Биёмад яке[6] марди бедоду шум.

Ба эронзамин он ки буд шорсон,
Ҳама кард акнун пур аз хорсон.

---

[1] Л — наёзам ба. [2] Л — Ҳамон гавҳару бораи барнишаст. [3] Л — сӣ.
[4] Л — зар-бар гуҳар. [5] Л — гуфт. «Аз [6] Л — басе.

Иваз хоҳам онро, ки вайрон шудаст,
Куноми палангону шерон шудаст.

Баронуш гуфто: «Чӣ хоҳӣ, бигӯй,
Чу зинҳор додӣ, мабартоб руй».

Чунин дод посух гаронмояшоҳ,
Ки хоҳӣ, ки яксар бубахшам гуноҳ,

Зи динори румӣ ба соле се бор,
Ҳаме бож бояд ду раҳ сад[1] ҳазор.

Дигар он ки бошад Насибин маро,
Чу хоҳӣ, ки кӯтаҳ шавад[2] кин маро.

Баронӯш гуфто, ки эрон турост,
Насибину дашти далерон турост.

Пазируфтам аз баҳрат ин божу сов,
Ки бо хашму кинат надорем тов.

Набиштанд аҳде зи Шопуршоҳ,
К-аз он пас наронад зи Эрон сипоҳ.

Магар бо сазовориву хуррамӣ,
Куҷо Румро з-он наёбад камӣ.

В-аз он пас гусӣ карду бинвохтшон,
Сарони гиромӣ барафрохтшон.

Чу эшон бирафтанд лашкар биронд,
Ҷаҳонофаринро фаровон бихонд.

Ҳаме рафт шодон ба Истахри Порс,
Ки Истахр буд бар замин фахри Порс.

Чу андар Насибин хабар ёфтанд,
Ҳама ҷангро тез биштофтанд.

---

[1] ИЛ — ҳазорон. [2] И — кунӣ.

Ки моро набояд, ки Шопуршоҳ
Насибин бигирад, биёрад сипоҳ.

Ки дини Масеҳо надорад дуруст,
Раҳи[1] габригӣ варзаду Жанду[2] уст.

Чу ояд, зи мо барнагирад сухан,
На хоҳем Устову дини куҳан.

Забардаст шуд мардуми зердаст,
Ба кин марди динӣ бад-ин барнишаст.

Чу огоҳӣ омад ба Шопуршоҳ,
Ки андар Насибин надоданд роҳ,

Зи дини Масеҳо барошуфт шоҳ,
Сипоҳе фиристод бемар ба роҳ.

Ҳаме гуфт пайғамбаре к-аш ҷуҳуд
Кушад, дини ӯро нашояд сутуд.

Ба як ҳафта он ҷо ҳаме ҷанг буд,
Дари шаҳр бар ҷангиён танг буд

Бикуштанд аз эшон фаровон сарон,
Ниҳоданд бар зинда банди гарон.

Ҳаме хостанд он замон зинҳор,
Навиштанд нома суи[2] шаҳриёр.

Бибахшудашон номбардор шоҳ,
Бифармуд то бозгардад сипоҳ.[3]

Ба ҳар кишваре номдорӣ гирифт,
Ҳаме[4] бар ҷаҳон комгорӣ гирифт.

Ҳаме хондандиш пирӯзшоҳ,
Ҳаме буд якчанд бо тоҷу гоҳ.

---

1 И — Занду; Л — Ҳама дини Зардушт Занд асту. 2 И — набишганд нома бари. 3 Л — гарданд зи роҳ. 4 Л — Ҷаҳоне
* 1 М — Ҳаме

Қанизак, ки ӯро рахонида буд,
Бад-он комгорӣ расонида буд,

Дилафрӯзи Фаррухпаяш[1] ном кард,
Зи хубон мар ӯро дилором кард.

Ҳамон боғбонро басе хоста
Бидоду гусӣ кардаш ороста.

Ҳаме буд кайсар ба зиндону банд,
Ба зориву хориву захму газанд.[2]

Ба Рум андарун ҳар чи будаш зи ганҷ,
Фароз оварида зи ҳар сӯ ба ранҷ,

Биёварду яксар ба Шопур дод,
Ҳаме зист якчанд лаб пур зи бод,

Саранҷом дар банду зиндон бимурд,
Кулоҳи меҳӣ кайсареро[3] супурд,

Ба Румаш фиристод Шопуршоҳ,
Ба тобуту аз мушк бар сар кулоҳ.

Чунин гуфт, к-инаст фарҷоми мо,
Надонем куҷо бошад ороми мо?

Якеро хама зуфтиву аблаҳист,
Якеро хирадмандиву фаррахист.

Бар иву бар он рӯз ҳам бугзарад,[4]
Хирадманд мардум чаро ғам х(в)рад.[5]

Чу Шопуршаҳ корҳо кард рост,
Ҳама кини эрониён боз хост,[6]

---

1 Л — худ Фаррухаш. 2 ИЛ — захми каманд. 3 Л — шаҳӣ дигариро.
4 Л — бугзарад рӯзгор. 5 Л — хунук мардуми поки парҳезгор.
6 Л — б. 563 нест.

Ба тахти каён андар овард пой,
Ҳаме буд чанде ҷаҳонкадхудой.

В-аз он пас сӯи кишвари Хӯзиён
Фаровон фиристод[1] суду зиён.

Зи баҳри асирон яке шаҳр кард,
Ҷаҳонро аз он бум пурбаҳр кард.

Куҷо Хуррамобод буд номи шаҳр,
Аз он буми хуррам киро буд баҳр?

Қасеро, ки аз пеш[2] бубрид даст,
Бад-ин марз будиш ҷои нишаст.

Бару буми он яксар онро буди,
Сари соли нав хилъате бистуди.

Яке шорсон кард дигар ба Шом,
Ки Пирӯзшопур гуфтиш ном.

Ба Аҳвоз кард он саввум шорсон,
Бад-ӯ андарун коху беморсон.

Қуноми Асирон-ш карданд ном,
Асир андар ӯ ёфтӣ хобу ком.

Зи шоҳиш бугзашт панҷоҳ сол,
Ки андар замона набудаш ҳамол.

## ОМАДАНИ МОНӢ ВА ДАЪВИИ ПАЙҒАМБАРӢ КАРДАН

Биёмад яке марди гӯё зи Чин,
Ки чун ӯ мусаввир набинад замин,

Бад-он чарбдастӣ расида ба ком,
Яке пурманиш мард Монӣ ба ном,

«Ба суратгарӣ,— гуфт пайғамбарам,
Зи диноварони ҷаҳон бартарам».

---

1 ИЛ — Фиристод бисьёр. 2 Л — тан-ш.

Зи Чин назди Шопур шуд, бор хост,
Ба пайғамбарӣ шоҳро ёр хост.

Сухан гуфт марди кушодазабон,
Ҷаҳондор шуд з-он сухан бадгумон.

Сараш тез[1] шуд, мӯбадонро бихонд,
Замоне фаровон суханҳо биронд.

Қ-аз ин марди чинии чиразабон,[2]
Фитодастам аз дини худ[3] дар гумон,[4]

Бугӯеду ҳам з-ӯ сухан бишнавед,
Магар худ ба гуфтори ӯ бигравед.

Бигуфтанд, к-ин марди суратпараст,
На бар мояи мӯбадон мӯбад аст.

Замоне сухан бишнав, ӯро бихон,
Чу бинад варо, кай кушояд забон.

Бифармуд то мӯбад омад-ш пеш,
Сухан гуфт бо ӯ аз андоза беш.[5]

Фурӯ монд Монӣ миёни сухан,
Зи[6] гуфтори мӯбад зи дини куҳан.

Бад-ӯ гуфт, к-эй марди суратпараст,
Ба яздон чаро охтӣ хира[7] даст?

Қасе к-ӯ баландосмон офарид,
Бад-ӯ-дар макону замон офарид,

Куҷо нуру зулмат бад-ӯ андар аст?
Зи ҳар гавҳаре гавҳараш бартар аст.

---

[1] Л — тира. [2] Л — ширинзабон; И — гурди чинии чиразабон.
[3] Л — ӯ. [4] И — у бадгумон.
[5] ТПЗ — Худу мӯбадон ҳар ду наздики шоҳ,
Сухан ронданд аз сапеду сиёҳ.
[6] И — Ба. [7] И — тохтӣ чира.

Шабу рӯз гардон сипеҳри баланд,
Қ-аз уят[1] паноҳ асту ҳам з-у[2] газанд.[3]

Ба бурҳони сурат чаро биграви?
Ҳаме панду дини маро[4] нашнавӣ?!

Ки гӯянда гӯяд, ки яздон якест,
Ҷуз аз бандагӣ карданат чора нест.[5]

Гар ин сурати карда ҷунбон кунӣ,
Сазад гар зи ҷунбанда бурҳон кунӣ.

Надонӣ, ки бурҳон набошад ба кор,
Надорад касе ин сухан устувор.

Агар аҳриман ҷуфти яздон будӣ,
Шаби тира чун рӯзи рахшон будӣ.

Ҳамасола[6] будӣ шабу рӯз рост,
Ба гардиш фузунӣ набудӣ,[7] на кост.

Нагунҷад ҷаҳонофарин дар макон,
Ки ӯ бартар аст аз макону замон.

Суханҳои девонагон асту бас,[8]
Бад-ин бар набояд туро ёр кас».[9]

Суханҳо чунин низ бисьёр гуфт,
Ки бо донишу мардумӣ буд ҷуфт.

Фурӯ монд Монӣ зи гуфтори ӯй,
Бипажмурд шодоб бозори ӯй.

Замоне барошуфт пас шаҳриёр,
Бар ӯ танг шуд гардиши рӯзгор

---

[1] Л — Аз уят. [2] ИЛ — з-уят. [3] Л — Пас аз б. 589 ин б. омада:
Ҳама кардаи кирдгор асту бас,
Чун ӯ кард натвонад ин карда кас.
[4] Л — панди диноварон. [5] Л — б. 591 нест. [6] И — Ҳама сол.
[7] И — набуду. [8] Л — аст, рост. [9] Л — Бар ин бар набояд туро боз хост.

Бифармуд пас тош бардоштанд,
Ба хорӣ зи даргоҳ бугзоштанд,

Чунин гуфт, к-ин марди суратпараст,
Нагунҷад ҳаме дар сарои нишаст.

Ки ошуби гетӣ саросар бад-ӯст,
Бибояд кашидан саропой пӯст,

Ҳамон чармаш оганда бояд ба коҳ,
Бад-он то наҷӯяд кас ин пойгоҳ.

Биёвехтанд аз дари[1] шорсон,
В-агар пеши[2] девори беморсон.

Бифармуд чунон, ки фармуд шоҳ,
Биёвехтандаш бад-он ҷойгоҳ.[3]

Ҷаҳоне бар ӯ офарин хонданд,
Ҳаме хок бар кушта афшонданд.

### ВАЛИАҲД КАРДАНИ ШОПУР АРДАШЕР БАРОДАРИ ХУДРО

Зи Шопур аз он гуна шуд рӯзгор,
Ки дар боғ бо[4] гул надиданд хор.

Зи доду зи рою зи фарҳанги ӯй,
Зи бас кӯшишу бахшишу ҷанги ӯй.

Мар ӯро ба ҳар бум душман намонд,
Бадиро ба гетӣ нишеман намонд.

Чу навмед гашт ӯ зи чархи баланд,
Ки шуд солиёнаш ба ҳафтод анд.

Бифармуд то пеши ӯ шуд дабир,
Або мӯбадонмӯбаду[5] Ардашер.

---

1 Л — Биёвез бар дор бар. 2 Л — В-агарна зи. 3 ИЛ — б. 606 нест. 4 Л — бар. 5 Л — муъбади муъбадон.

Ҷавоне ки кеҳтар бародарш буд,
Ба доду хирад бар сар афсарш буд.

Писар буд яке хурд Шопур ном,
Ҳамон норасида зи ахтар ба ком.

Чунин гуфт пас шоҳ бо Ардашер,
Ба пеши бузургону пеши дабир,

Ки «гар бо ман аз дод паймон кунӣ,
Забонро зи паймон гаравгон кунӣ,

Ки фарзанди ман чун ба мардӣ расад,
Ки боди бузургӣ бар ӯ барвазад,

Супорӣ бад-ӯ ганҷу тахту сипоҳ,
Ту дастур бошӣ варо некхоҳ,

Ман ин тоҷи шоҳӣ супорам ба ту,
Ҳамон ганҷу лашкар гузорам ба ту».

Бипазруфт[1] аз ӯ ин сухан Ардашер,
Ба пеши бузургони барнову пир,[2]

Ки чун кӯдаки ӯ ба мардӣ расад,
Ки дайҳиму тахти каиро сазад,

Супорад[3] ҳама подшоҳӣ варо,
Нахоҳад[4] ҷуз аз некхоҳӣ варо.

Чу бишнид Шопур, пеши меҳон
Бад-ӯ дод дайҳиму мӯҳри ҷаҳон.

Чунин гуфт пас шоҳ бо Ардашер,
Ки «кори ҷаҳон бар дил осон нагир,[5]

---

1 Л — Пазируфт. 2 Л — донишпазир. 3 Л — супорам. Насозам.
5 ТП — Супурдам ба ту тоҷу тахти меҳӣ,
Чунин гуфт: «Фармонбарам чун раҳӣ».

Бидон, эй бародар, ки бедоди шоҳ,
Паи подшоҳӣ надорад нигоҳ.

Ба огандани ганҷ ёзон бувад,
Ба зуфтӣ сари сарфарозон бувад.

Хунук шоҳи бододи яздонпараст,
Қ-аз ӯ шод бошад дили зердаст.

Ба доду ба бахшиш фузунӣ кунад,
Ҷаҳонро[1] бад-ин раҳнамунӣ кунад.

Нигаҳ дорад аз душманон кишвараш,
Ба абр андар орад сару афсараш,

Ба доду ба ором ганҷ оганад,
Ба бахшиш зи дил ранҷ бипроганад!

Гуноҳ аз гунаҳгор бугзоштан,
Раҳи мардумиро нигаҳ доштан.

Ҳар он кас, ки ӯ ин ҳунарҳо биҷуст,
Хирад бояду ҳазму рои дуруст.

Бибояд хирад шоҳро ногузир,
Ҳам омӯзиши[2] марди барнову пир.

Гунаҳкор бошад тани зердаст,
Магар мардуми поку[3] яздонпараст.[4]

Дилу мағзи мардум ду шоҳи тананд,
Дигар олат аз тан сипоҳи тананд.

Чу мағзу дили мардум олуда гашт,
Ба навмедӣ аз рой полуда гашт.

---

[1] Л — Ҷаҳоне. [2] Л — омурзиши. [3] ИЛ — поки.
[4] ТПЗИЛ — Агар з-ӯ дили шоҳ кин оварад,
Ҳама рахна дар доду дин оварад.

Бад-он тан дар осема гардад равон,
Сипаҳ чун бувад[1] шод бепаҳлавон,[2]

Чу равшан набошад, бипарроканад,
Тани беравоне[3] ба хок афканад.

Чунин ҳам чу шуд шоҳ бедодгар,
Ҷаҳон з-ӯ шавад пок зеру забар.

Бар ӯ бар пас аз марг нафрин бувад,
Ҳамон номи ӯ шоҳи бедин бувад.

Бад-ин дор чашму бад-ин дор хашм,
Ки ӯяст дорандаи хашму чашм.

Ҳар он подшо к-ӯ ҷуз ин роҳ ҷуст,[4]
Зи гетӣ дилу даст бояд-ш[5] шуст.

Зи кишварш бипроканад зердаст,
Ҳамон аз дараш марди хусравпараст.

Набинӣ, ки доно чӣ гӯяд ҳаме?
Дилатро зи каҷҷӣ бишӯяд ҳаме?[6]

Накӯҳида бошад ҷафопеша мард,
Ба гирди дари оздорон магард.

Бидон, эй бародар, ки аз шаҳриёр,
Биҷӯяд хирадманд ҳар гуна кор,

Яке он ки пирӯзгар бошад ӯй,
Зи душман натобад гаҳи ҷанг рӯй.

---

[1] Л — зияд. [2] ИЛ — Пас аз б. 637 ин б. омада:
Дили подшо чун гирояд ба меҳр,
Бар ӯ комҳо тоза дорад сипеҳр,
Чу фарзанд бошад варо зердаст,
В-аз ӯ шоддил марди яздонпараст.
[3] Л — беравонро, [4] Л — инро биҷуст. [5] И — Зи гетиш бояд дилу даст; Л — Зи некиш бояд дилу даст.
[6] ТПИЛ — Ки ҳар шоҳ к-уро ситоиш бувад,
Ҳама кораш андар физоиш бувад.

Дигар он ки лашкар бидорад ба дод,
Бидонад фузунии марди нажод.

Қасе, к-аз дари подшоҳӣ бувад,
Нахоҳад, ки меҳтар сипоҳӣ бувад.

Се дигар, ки дорад ба дил ростӣ,
Наёрад ба дод андарун костӣ.[1]

Чаҳорум, ки бо зердастони хеш,
Ҳамон бо куҳан дарпарастони хеш

Надорад дари ганҷро баста сахт,
Ҳаме борад аз шох бори дарахт.

Набояд дари подшо бесипоҳ,
Сипаҳро дари ганҷ дорад нигоҳ.

Агар ганҷат обод дорӣ ба дод,
Ту аз ганҷ шоду сипоҳи ту шод.

Силеҳи тан[2] ороиши хеш дор,
Бувад, к-ат шаби тира ояд ба кор.

Пас эмин машав бар нигаҳдори хеш,
Чу эмин бувӣ, рост кун кори хеш.

Саранҷом марг оядат бегумон,
Агар тирайӣ, гар[4] чароғи замон»,

Бародар чу бишнид, чанде гирист,
Чу андарз бинвишт, соле бизист.

Бирафту бимонд ин сухан ёдгор,
Ту андар ҷаҳон тухми зифтӣ[5] макор,

Ки охир ҳаме рӯзи ту бугзарад,
Чунон бурдаранҷи ту душман х(в)арад.

---

1 Л — б. 650 нест. 2 Л — Силоҳу дил. 3 Л — Сазад. 4 Л — тира гардад. 5 Л — зиштӣ.

Чу оини Ҳурмузду Баҳман бувад,
Бар ин кохи Фаррух нишеман бувад.

Маи лаъл пеш оварам,[1] ҳошимӣ,[2]
Зи хумме, ки ҳаргиз[3] нагирад камӣ.

Чу шасту се солам шуду гӯш кар,
Зи гетӣ чаро ҷӯям оину фар.

Кунун достонҳои шоҳ Ардашер
Бигӯям, ту гуфтори ман ёд гир.

## ПОДШОҲИИ АРДАШЕРИ НЕКӮКОР

*дувоздаҳ сол буд*

### БАР ТАХТ НИШАСТАНИ АРДАШЕР ВА АНДАРЗ КАРДАН БАР САРДОРОНИ ЭРОН

Чу биншаст бар тахт[4] шоҳ Ардашер,
Биёрост он гоҳи[5] Шопури пир.

Камарбаста эрониёнро бихонд,
Бар он пояи тахти заррин нишонд.

Чунин гуфт, к-аз даври чархи баланд,
Нахоҳам, ки бошад касеро газанд.

Ҷаҳон гар шавад ром бар[6] коми ман,
Набинед чизе ҷуз[7] ороми ман.

В-ар эдун, ки бо мо насозад ҷаҳон,
Бисозем мо бо ҷаҳони ҷаҳон.

Бародар, ҷаҳон вижа моро супурд,
Азеро, ки фарзанди ӯ буд хурд.[8]

Фиристем ҷони варо офарин,
Ки аз бадсиголон бишуст он замин.

---

[1] Л — овару. [2] И — эй ҳошимӣ. [3] Л — Зи бешӣ, ки чашмат; И — зи ҷое, ки хуммаш. [4] ИЛ — гоҳ. [5] Л — тахти. [6] Л — бо. [7] Л — бубинед тезиву. [8] Л — Чу аз боғ барканду бо дахма бурд.

Чу Шопури Шопур гардад баланд,
Шавад назди ӯ тоҷу тахт арҷманд,

Супорам бад-ӯ тоҷу ганҷу[1] сипоҳ,
Ки паймон чунин кард Шопуршоҳ.

Ман ин тахтро пойкори ваям,[2]
Ҳамон аз падар ёдгори ваям.[3]

Чунон дон, ки хӯрдему бар мо гузашт,
Чу мурдӣ, ҳама ранҷи тан бод гашт.

Чу даҳсола[4] гетӣ ҳаме дошт рост,
Бихӯрду бубахшид чандон, ки хост.

Начуст аз касе божу сову хироҷ,
Ҳаме ройгон дошт он гоҳу тоҷ.

Мар ӯро накӯкор з-он хонданд,
Ки ҳар кас таносон аз ӯ монданд.

Чу Шопур гашт аз дари тоҷу гоҳ,
Мар ӯро супурд он хуҷаста кулоҳ.

Нагашт он диловар зи паймони хеш,
Ба мардӣ нигаҳ дошт сомони хеш.

## ПОДШОҲИИ ШОПУР БИННИ ШОПУР

*панҷ солу чор моҳ буд*

### БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ШОПУР БИННИ ШОПУР ВА АНДАРЗ ҚАРДАНАШ БА САРДОРОН

Чу Шопур биншаст бар ҷои ам,
Аз Эрон басе шоду чанде[5] дижам.

Чунин гуфт, к-«эй[6] номвар бихрадон,
Ҷаҳондидаву ройзан мӯбадон,

---

[1] Л — гоҳу. [2] И — пойгор оварам. [3] И — ёдгор оварам;
ТПИМ — Шумо яксара дод ёд оваред,
Бикӯшеду оини дод оваред.
[4] ИЛ — даҳ сол. [5] Л — бахре. [6] Л — бо.

Бидонед, к-он кас, ки гӯяд дурӯғ,
Аз он пас нагирад бари мо фурӯғ.

Дурӯғозмоӣ набошад зи[1] рой,
Ки аз рой монад[2] бузургӣ ба ҷой.

Ҳамон мардуми[3] сифларо дӯстдор
Наёбӣ[4], ба боғ андарун хав[5] макор.[6]

Қасеро куҷо мағз бошад басе,
Гавожа набояд задан бар касе.

Забонро нигаҳдор бояд будан,
Набояд равонро ба заҳр ожадан,

Ки бар анҷуман марди бисьёргӯй
Бикоҳад зи гуфтори хеш обрӯй.

Агар донишимард гӯяд[7] сухан,
Ту бишнав, ки дониш нагардад куҳан.

Дили марди томеъ бувад пур зи[8] дард,
Ба гирди тамаъ то тавонӣ, магард.

Макун дӯстӣ бо дурӯғозмой,
Ҳамон низ бо марди нопокрой.

Сиришти рад[9] аз чор гавҳар бувад,
Ки бо мард ҳар чор дар х(в)ар[10] бувад.

Яке пурҳунар бод бошарму дод,
Ба озодагӣ якдилу якниҳод.

Саввум, к-ӯ миёна гузинад зи кор,
Писанд оядаш бахшиши рӯзгор.

---

[1] И — Дурӯғозморо набошад-ш. [2] Л — бошад. [3] ИЛ — мар тани. [4] И — нахоҳӣ. [5] И — ҷав. [6] Л — чун нигор. [7] ИЛ — ронад. [8] Л — зери. [9] ИЛ — тан. [10] И — оташ аз ин чор камтар; Л — оташ дар ин чор камтар.

Чаҳорум наронад сухан аз газоф,
Зи бедонишӣ ном ҷуяд зи лоф.

Ду гетӣ биёбад дили марди род,
Набошад дили мардуми сифла шод.

Бад-ин гетӣ андар бувад ном зишт,
Бад-он гетӣ андар наёбад биҳишт.[1]

Ба гетӣ намонад ҳаме марди лоф,
Ки бипроганад хоста бар газоф.

Сутуда касе к-ӯ миёна гузид,
Тани хешро офарин густарид!

Шуморо ҷаҳонофарин ёр бод,
Ҳамеша сари бахт бедор бод.

Ҷаҳондорамон бод фарьёдрас,
Ки тахти бузургӣ намонад ба кас.

Бигуфт ину аз пеш бархостанд,
Зи яздон бар ӯ офарин хостанд.

Чу шуд солиён панҷ бо чор моҳ,
Бишуд шоҳ рӯзе ба нахчиргоҳ.

Ҷаҳон пур шуд аз бозу юзону саг.
Чи паррандаву чи даванда ба таг.

Ситора заданд аз бари хобгоҳ,
Чу чизе бихӯрду биёсуд шоҳ.

Се ҷом аз маи хусравонӣ бих(в)ард,
Пурандеша шуд сар сӯи хоб кард.

Пароканда гаштанд ёрон ҳама,
Чу дар хоб шуд шаҳриёри рама.

Бихуфт ӯву аз дашт бархост бод,
Ки кас бод аз он сон надорад ба ёд.

---

[1] И — б. 16, 17 нест.

Фурӯбурда чӯби ситора биканд,
Бизад бар сари шаҳриёри баланд.

Ҷаҳонҷӯй Шопури ҷангӣ бимурд,
Кулоҳи каӣ дигариро супурд.

Бисозу бинозу бибозу[1] маранҷ,
Чӣ ёзӣ ба кину чӣ нозӣ ба ганҷ?[2]

Ки баҳри ту инаст аз ин тира гуй,
Ҳунар ҷуву рози ҷаҳонро маҷӯй.

Ки гар боз ёбӣ, бупечӣ зи дард,
Пижӯҳиш макун, гирди розаш магард.[3]

## ПОДШОҲИИ БАҲРОМ ПИСАРИ ШОПУР

*чордаҳ сол буд*

### БАР ТАХТ НИШАСТАНИ БАҲРОМ ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН

Хирадманду шоиста Баҳромшоҳ,
Ҳаме дошт сӯги падар чанд гоҳ.[4]

Чу биншаст бар ҷойгоҳи меҳӣ,
Чунин гуфт бар тахти шаҳаншаҳӣ,

Ки «Ҳар шоҳ, к-аз дод ганҷ оганад,
Бидонед, к-он ганҷ напроганад.[5]

---

1 Л — Манозу матозу маёзу; И — Масозу манозу май ору.

2 ТПЗ — Ҷаҳони ҷаҳон бар чунин аст соз,
Намонад ба кас ҷуз бад-он мӯҳрабоз,
Ки дар ҳуққабозӣ бувад шухруй,
Рабояд аз ину ниҳад зери уй.

3 И — Пас аз б. 33 ин б. омада:
Ҷаҳонро чунин аст расму ниҳод,
Набошад зи кораш хирадманд шод.

4 ТПМ — Писар буд Шопуршаҳро яке,
Ба дониш фаровон ба сол андаке.

5 И — бипроганад.

Зи мо эзади пок хушнуд бод,
Бадандешро дил пур аз дуд бод.

Ҳама דониш ӯрост, мо бандаем,
Ки коҳандаву ҳам физояндаем.

Ҷаҳондор яздон бувад додрост,
Ки нафзуд[1] дар подшоҳӣ, на кост.[2]

Касе к-ӯ ба бахшиш тавоно бувад,
Хирадманду бедору доно бувад,

Набояд, ки бандад дари ганҷ сахт,
Ба вижа худованди дайҳиму тахт.

В-агар чанд бахшӣ зи ганҷи сухун,
Барафшон, ки дониш биёяд[3] ба бун.

Зе неку бадиҳо ба яздон гирой,
Чу хоҳӣ, ки некит монад ба ҷой.

Агар з-ӯ шиносӣ ҳама хубу зишт,
Биёбӣ ба подош хуррамбиҳишт,

В-агар баргузинӣ зи гетӣ ҳаво,
Бимонӣ ба чанги ҳаво бенаво.[4]

Чунин аст умедам ба яздони пок,
Ки чун сар биёрам бад-ин тирахок,

Ҷаҳондор пируз дорад маро,
Ҳамон гетӣ афрӯз дорад маро.

Гар андар ҷаҳон дод бипроганем,
Аз он беҳ, ки бедод ганҷ оганем.

---

[1] Л — бифзуд. [2] И — б. 5, 6 нест. [3] Л — наёяд.
[4] ТПЗЛ — Чу яздон бидорад зи ту даст боз,
Ҳамеша бимонӣ ба гурму гудоз.

Ки эдар бимонад ҳаме ранҷи мо,
Ба душман расад бегумон ганҷи мо.

Баду нек монад зи мо ёдгор,
Ту тухми бадӣ то тавонӣ, макор!

Чу шуд соли он подшаҳ бар ду ҳафт,
Бинолиду он[1] сарви нозон бичафт.[2]

Ба якчанд гаҳ дер бемор буд,
Дили кеҳтарон[3] пур зи тимор буд.

Набудаш писар ҳеҷ[4] духтар-ш буд,
Яке кеҳтар аз вай бародар-ш буд.[5]

Бад-ӯ дод он гоҳ ганҷу сипоҳ,
Ҳамон муҳри шоҳиву тахту кулоҳ.

Ҷаҳондори барно зи гетӣ бирафт,
Бар ӯ солиён баргузашта ду ҳафт.

Аё шасту сесола марди куҳан,
Ту аз бода то чанд ронӣ сухан?!

Ҳам он рӯзи ту ногаҳон бугзарад,
Дари тавба бугзину роҳи хирад.

Ҷаҳондор аз ин банда хушнуд бод,
Хирад моя боду сухан суд бод.

Ки ӯ дар сухан мӯй кофад ҳаме,
Ба торикӣ андар бибофад[6] ҳаме.

Гар эдун суханҳо, ки андар гирифт,
Ба пирӣ сар орад набояд[7] шигифт.

---

1 И — Биболиду чун. 2 И — бихафт. 3 И — меҳтарон. 4 ИЛ — панҷ.
5 ТПМ — Куҷо Яздгирдаш ниҳоданд ном,
Ҷавоне сарафрози ҷуяндаком
Бифармуд то шуд бараш Яздгирд,
Сипаҳро саросар ҳама кард гирд.
6 Л — шикофад. 7 И — набошад; надорад.

Ба фарри[1] шаҳаншоҳи шамшерзан,
Ба боло сараш бартар аз анҷуман.

Замона ба коми шаҳаншоҳ бод,
Сари тахти ӯ афсари моҳ бод.

Аз ӯ бод тахти шаҳӣ шодком,
Қ-аз ӯяст кому бад-ӯяст ном.

Бузургиву дониш варо роҳ бод!
В-аз ӯ дасти бадхоҳ кӯтоҳ бод![2]

## ПОДШОҲИИ ЯЗДГИРДИ БАЗАГАР

*бисту як сол буд*

### БАР ТАХТ НИШАСТАНИ ЯЗДГИРД

Чу шуд подшо бар ҷаҳон Яздгирд,
Сипаҳро зи шаҳр андар овард гирд.

Кулоҳи бародар ба сар барниҳод,
Ҳаме буд аз он марги ношод шод.

Чунин гуфт бо номдорони шаҳр,
Ки «ҳар кас, ки аз дод доред[3] баҳр,

Нахустин ниёиш ба яздон кунед,[4]
Дил аз доди мо шоду хандон кунед.[5]

Бадонро намонам, ки доранд ҳуш,
Агар даст ёзанд, бадро ба кӯш.[6]

Касе к-ӯ биҷӯяд зи мо ростӣ,
Биёромад аз каҷживу костӣ,

---

[1] Л — номи
[2] ТПМ — Ҳамин давлати Шоҳмаҳмуд бод,
Сари тахти ӯ афсари чуд бод!
[3] Л — ёбанд; И — доранд. [4] ИЛ — кунанд. [5] ИЛ — кунанд.
[6] Л — Магар он ки андарз доранд гуш.

Ба ҳар ҷой ҷои вай афзун кунем,
Зи дил кинаву[1] оз берун кунем.

Сиголиш наҷӯем[2] ҷуз бо радон,
Хирадманду бедордил мӯбадон.

Қасеро куҷо бар тан[3] оҳу бувад,
Равонаш зи ҳастӣ ба неру бувад,

Ба бечорагон бар ситам созад ӯй,
Гар аз чиз гардан барафрозад ӯй,

Бикӯшему неруш берун кунем,
Ба дарвеш мо нозиш афзун кунем.

Қасе к-ӯ напарҳезад аз хашми мо,
Ҳаме бугзарад тез бар чашми мо,

Ҳаме бистар аз хок ҷӯяд танаш,
Ҳамон ханҷари ҳиндувӣ гарданаш.

Ба фармони мо чашм равшан кунед,
Хирадро бар ин разм ҷавшан кунед.

Тани ҳар касе гашт ларзон чу бед,
Ки гуполу шамшерашон буд умед.

Чу шуд бар ҷаҳон подшоҳиш рост,
Бузургӣ фузун гашту меҳраш бикост.[4]

Хирадманд наздики ӯ хор гашт,
Ҳама расми шоҳиш бекор гашт.

Кунорранг бо паҳлавону радон,
Ҳамон донишӣ пурҳунар[5] бихрадон,

Яке гашт бо бод наздики уй,
Ҷафопеша шуд ҷони торики ӯй.

---

[1] Л — кина бо. [2] ИЛ — нагӯем. [3] Л — дил пур. [4] ИЛ — накост.
[5] Л — донишӣ бо ҳунар.

Сутурда шуд аз ҷони ӯ меҳру[1] дод,
Ба ҳеҷ орзӯ низ посух надод.

Қасеро набуд назди ӯ пойгоҳ,
Ба зудӣ мукофот кардӣ гуноҳ,

Ҳар он кас, ки дастур буд бар дараш,
Физояндаи афсару ахтараш,

Ҳама аҳд карданд бо якдигар,
Ки ҳаргиз нагӯяд аз он буму бар.

Ҳама яксар аз бим печон шуданд,
Зи ҳавли шаҳаншоҳ беҷон шуданд.

Фиристодагон к-омадандӣ зи роҳ,
Ҳамон зердастони зинҳорхоҳ.[2]

Чу дастур аз он огаҳӣ ёфтӣ,
Бад-он корҳо тез биштофтӣ.

Ба гуфтор гарму ба овоз нарм,
Фиристодаро рой додӣ ба шарм.

Бигуфтӣ, ки шоҳ аз дари кор[3] нест,
Шуморо бад-у роҳи дидор нест.

Намудам бад-ӯ ҳар чи дархостӣ,
Ба фармон-ш лабро наёростӣ.[4]

## ЗОДАНИ БАҲРОМ ПИСАРИ ЯЗДГИРД

Зи шоҳиш бугзашт чун ҳафт сол,
Ҳама мӯбадон з-ӯ ба ранҷу вабол.

Сари соли ҳаштум маҳи фарвадин,
Ки пайдо кунад дар ҷаҳон ҳури дин,

---

[1] Л — Сутурги гирифт у ба меҳру ба. [2] ИЛ — фарьёдгоҳ. [3] Л — бор.
[4] Л — пайдо шавад ростӣ.

Яке кӯдак омад-ш ҳурмуздрӯз,
Ба некахтару фоли гетифурӯз.

Мар ӯро[1] падар кард[2] Баҳром ном,
В-аз он кӯдаки хурд шуд шодком.

Падар бар ситорашумар ҳар кӣ буд,
Ки шоист гуфтори эшон шунуд.

Яке моявар буд бофарру ҳуш,
Сари ҳиндувон буд номаш Сурӯш.

Яке порсӣ буд Ҳушьёр ном,
Ки бар чарх кардӣ ба дониш лагом.

Бифармуд то пеши шоҳ омаданд,
Ҳушивору ҷӯяндароҳ омаданд.

Ба суллоб карданд аз ахтар[3] нигоҳ,
Ҳам аз зиҷи румӣ биҷустанд роҳ.

Аз ахтар чунон дид ҷӯё ниҳон,[4]
Чу ӯ шаҳриёре бувад дар ҷаҳон.

Абар ҳафт кишвар бувад[5] подшо.
Яке шоддил бошаду порсо.

Бирафтанд пӯён бари шаҳриёр,
Ҳама зиҷу суллобҳо бар канор.

Бигуфтанд бо тоҷвар Яздгирд,
Ки дониш зи ҳар гуна кардем гирд.

Чунон ёфтем аз шумори сипеҳр,
Ки дорад бад-ин кӯдаки хурд меҳр.

---

1 Л — Ҳамон гаҳ. 2 И — Падар кардаш аз меҳр. 3 Л — з-ахтар; И — аз ахтар. 4 Л — хуррамнихон. 5 ИЛ — шавад.

Мар ӯро бувад ҳафт кишвар замин,
Гаронмоя шоҳе бувад б-офарин.[1]

Чу эшон бирафтанд аз он боргоҳ,
Раду мӯбаду пок дастури шоҳ.

Нишастанду ҷустанд ҳар гуна рой,
Ки то чораи он биёяд ба ҷой.

Гар ин кӯдаки хурд хӯи падар
Нагирад, шавад хусрави додгар.

Гар эдун, ки хӯи падар дорад ӯ,[2]
Ҳама бум зеру забар дорад ӯ.[3]

На мӯбад бувад шоду на паҳлавон,
На ӯ дар ҷаҳон шоду равшанравон.

Ҳама мӯбадон назди шоҳ омаданд,
Кушодадилу некхоҳ омаданд.

Бигуфтанд, к-ин кӯдаки пурманиш,
Зи беғора дур асту аз сарзаниш.

Ҷаҳон сарбасар пеши[4] фармони туст,
Ба ҳар кишваре божу паймони туст.

Нигаҳ кун ба ҷое, ки дониш бувад,
Зи донанда кишвар ба ромиш бувад.

Зи пурмоягон дояготе гузин,
Ки бошад зи кишвар бар ӯ офарин.

Ҳунар гирад ин шоҳи хуррамниҳон,
Зи фармони ӯ шод гардад ҷаҳон.

Чу бишнид аз он мӯбадон Яздгирд,
Зи кишвар фиристодагон кард гирд.

---

[1] ТПИМ — Зи гуфторашон шод шуд шахриёр,
Бубахшидашон гавҳари шоҳвор.
[2] ИЛ — уй. [3] ИЛ — уй. [4] ИЛ — зери.

Ҳамон гаҳ фиристод касҳо ба Рум,
Ба Ҳинду ба Чину ба ободбум.

Ҳамон номдоре[1] сӯи тозиён,
Бишуд, то бубинад зи[2] суду зиён.

Ба ҳар сӯ ҳаме рафт хонандае,
Қи Баҳромро парваронандае

Бичӯяд сухангӯву донишпазир,[3]
Пижуҳандаи ахтару[4] ёдгир.

Биёмад зи ҳар кишваре мӯбаде,
Ҷаҳондидаву[5] некпай бихраде,

Якояк[6] бад-ин боргоҳ омаданд,
Пижуҳанда наздики шоҳ омаданд.

Бипурсид бисьёру бинвохтшон,
Ба ҳар барзане ҷойгаҳ сохтшон.

Бирафтанд Нуъмону Манзар ба шаб,
Басе номвар найзадор аз араб.

Бузургон чи дар Порс гирд омаданд,
Бари номвар[7] Яздгирд омаданд.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки мо бандаем,
Ба фармони хусрав шитобандаем.[8]

Ки ёбад чунин рӯзгор аз меҳон,
Ки тобанда[9] фарзанди[10] шоҳи ҷаҳон

Ба бар гираду дониш омӯзадаш,
Дил аз тирагиҳо биафрӯзадаш.[11]

---

1 И — номдорон; Л — Ҳам аз номдорон. 2 ИЛ — бубинанд. 3 Л — сухангуи ромишпазир. 4 Л — Сухангуиву ҳар донише, 5 И — Ҷаҳондида. 6 ИЛ — Чу яксар. 7 Л — тоҷвар. 8 ИЛ — суханбишнавему сарояндаем. 9 Л — боиста. 10 И — фарзанди шоиста. 11 Л — барафрузадаш.

Зи румиву аз ҳиндиву порсӣ,
Нуҷумиву гар[1] мардуми ҳандасӣ,

Ҳам аз[2] файласуфони бисьёрдон,
Сухангӯву аз[3] мардуми кордон.

Ҳама сар ба сар хоки пои ваем,[4]
Ба дониш ҳама раҳнамои ваем.[5]

Нигар, то писандат кӣ ояд ҳаме,
В-агар судмандат кӣ ояд ҳаме?

Чунин гуфт Манзар, ки «мо бандаем,
Худ андар ҷаҳон шоҳро зиндаем.

Ҳунарҳои мо шоҳ донад ҳама,
Ки ӯ чун шубон асту мо чун рама,

Саворему гурдему аспафканем,
Қасеро, ки доно бувад, бишканем.

Ситорашумар нест аз мо касе,
Ки аз ҳандаса баҳр дорад басе.

Пур аз меҳри шоҳаст моро равон,
Ба зер андарун тозиаспон[6] давон.

Ҳама пеши фарзанди ӯ[7] бандаем,
Бузургии ӯро ситояндаем.

### СУПУРДАНИ ЯЗДГИРД ПИСАРАШ БАҲРОМРО БА МАНЗАР ВА БА НӮЪМОН ВА ПАРВАРИШ ҚАРДАН ӮРО

Чу бишнид аз ӯ ин сухан Яздгирд,
Равону хирадро баровард гирд.

Нигаҳ кард аз оғоз фарҷомро,
Бад-ӯ дод пурмоя Баҳромро

1 Л — аз; И — нуҷумигару. 2 Л — Ҳамон: И — ҳама. 3 Л — сухангӯй в-аз. 4 ИЛ — туем. 5 ИЛ — туем. 6 Л — този аспи. 7 Л — ту.

Бифармуд то хилъаташ сохтанд,
Сарашро ба гардун барафрохтанд.

Танашро ба хилъат биёростанд,
Зи дар аспи шоҳи Яман хостанд.

Аз айвони шоҳи ҷаҳон то ба дашт
Ҳаме аспу уштур[1] ва ҳавдач гузашт.

Парастандаву дояи бешумор,
Зи бозоргаҳ то дари шаҳриёр,

Зи дарвоза то пеши даргоҳи шоҳ,
Ҳама баста озин ба бозоргоҳ.[2]

Чу Манзар биёмад ба шаҳри Яман,
Пазира шудандаш ҳама марду зан.

Чу омад ба оромгоҳ аз нахуст,
Фаровон гузидасаворон[3] биҷуст.

Зи деҳқону тозиву пурмоягон,
Тавонгар гузиду гаронсоягон.[4]

Аз он[5] меҳтарон чор зан баргузид,
Ки андар гуҳар буд[6] нажодаш падид.

Ду тозӣ, ду деҳқон зи тухми каён,
Ки бастанд бар доягонӣ миён.

Ҳаме доштандаш чунин чор сол,
Чу шуд серширу бароганд ёл,

Ба душворӣ аз шир карданд боз,
Ҳаме доштандаш ба бар-бар ба ноз.

---

1 Л — астару аспу.
2 Л — Ба бозоргаҳ баста оин ба роҳ,
Зи дарвоза то пеши даргоҳи шоҳ.
3 И — гузиданажодон; Л — занони нажодӣ. 4 И — гузида гаронмоягон. 5 Л — Ин. 6 И — омад ҳунар бар.

Чу шуд ҳафтсола, ба Манзар чӣ гуфт,
Ки он рой бо меҳтарӣ буд ҷуфт.

Чунин гуфт, к-эй меҳтари сарфароз,
Зи ман кӯдаки ширхора масоз.

Ба petite доnанда фарҳангиёнам супор,
Ки омад кунун гоҳи омӯзгор.

Бад-ӯ гуфт Манзар, ки «эй сарфароз,
Ба фарҳанг нузат наёмад ниёз.

Чу ҳангоми фарҳанг бошад туро,
Ба доноӣ оҳанг бошад туро.

Ба айвон намонам,[1] ки бозӣ кунӣ,
Ба бозӣ ҳаме сарфарозӣ кунӣ».

Чунин посух овард Баҳром боз,
Ки аз ман ту бекорхӯрде[2] масоз.

Маро биҳрадӣ ҳаст, агар сол нест,
Ба сони гавонам бару ёл[3] нест.

Туро сол ҳасту хирад камтар аст,
Ниҳоди ман аз рои ту дигар[4] аст.

Надонӣ, ки ҳар кас, ки ҳангом ҷуст,
Зи кор он гузинад, ки бояд нахуст.

Ту гар боз[5] ҳангом ҷӯӣ ҳаме,
Аз андеша дилро[6] бишӯӣ ҳаме.

Ҳамон кори бегоҳ[7] бебар бувад,
Беҳин аз тани мардумон[8] сар бувад.

---

[1] Л — бимонам. [2] И — як порахӯрде. [3] И — пару бол. [4] Л — бартар. [5] Л — пои. [6] ИЛ — Дил аз некувиҳо. [7] ИЛ — ҳама кор бекору. [8] Л — зиндагон.

Ҳар он чиз, к-андархури подшост,
Биёмӯзиям то бидонам сазост.

Сари ростӣ152 дониш ояд[1] нахуст,
Хунук он к-аз оғоз[2] фарҷом ҷуст.

Нигаҳ кард Манзар бад-ӯ хира монд,
Ба зери лабон номи яздон бихонд.

Фиристод ҳам дар замон раҳнамун,
Сӯи Сурсон*[1] саркаше бар ҳаюн,

Се мӯбад нигаҳ кард фарҳангҷӯй,
Ки дар Сурсон буд бо[3] обрӯй.

Яке то дабирӣ биёмӯзадаш,
Дил аз тирагиҳо бияфрӯзадаш.[4]

Яке он ки донистани бозу[5] юз
Биёмӯзадаш, к-он бувад дилфурӯз.

Ва дигар, ки чавгону тиру камон,
Ҳамон гардиши тeғ бо бадгумон.

Чапу рост печон инон доштанд,
Миёни ялон гардан афроштанд,

Се дигар, ки аз кори шоҳаншаҳон,
Зи гуфтору кирдори корогаҳон[6]

Бигӯяд ба Баҳроми хусравнажод,
Сухан ҳар чи дорад зи гетӣ ба ёд.

Чу он мӯбадон пеши[7] Манзар шуданд,
Зи ҳар донише достонҳо заданд.

---

[1] ИЛ — омад. [2] И — ки оғозу. [3] Л — бувад. [4] Л — барафрӯзадаш.
[5] Л — нахчирбозону. [6] Л — б. 114 нест. [7] Л — назди.
* 1М — шӯрсон

Тани шоҳзода бад-эшон супурд,
Физоянда худ донишӣ буду гурд.

Чунон гашт Баҳроми хусравнажод,
Ки андар ҳунар доди мардӣ бидод.

Ҳунар ҳар чи бугзашт бар гӯши ӯ,
Ба фарҳанг ёзон[1] будӣ[2] ҳуши ӯ.

Чу шуд соли он номвар бар ду[3] шаш,
Диловар гаве гашт[4] хуршедфаш.

Ба мӯбад набудаш ба чизе ниёз,
Ба фарҳангу чавгону ҳам юзу боз,

Ба овардгаҳ-бар инон тофтан,
Барафкандани[5] аспу ҳам тофтан.[6]

Ба Манзар чунин гуфт, к-эй покрой,
Гусӣ кун ҳунармандро боз ҷой.

Аз он ҳар якеро[7] басе ҳадья дод,
Зи даргоҳи Манзар бирафтанд шод.

Аз[8] он пас ба Манзар чунин гуфт шоҳ,
Ки аспони ин найзадорон бихоҳ.

Бигӯ, то бупечанд пешам инон,
Ба чашм андар оранд нӯки синон.

Баҳое кунанд он чӣ ояд хушам,
Дирам беш хоҳам[9] бар эшон кашам.

Чунин посух овард Манзар бар ӯй,
Ки эй пурҳунар хусрави номҷӯй,

Галадори аспони ман пеши туст,
Худованди аспон ба дил хеши туст,

---

[1] И — нозон. [2] Л — тозон шуди. [3] Л — се. [4] Л — буд. [5] Л — Парокандани. [6] Л — ёфтан. [7] Л — касеро. [8] Л — В-аз. [9] Л — чанд хоҳӣ.

Гар аз тозиён асп хоҳӣ харид,
Маро ранҷу сахтӣ чӣ бояд кашид?

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«эй некном,
Ба гетит бодо ҳамасола ком.

Ман асп ин[2] гузинам, ки андар нишеб,
Битозам, набинам инон аз ниҳеб.

Чу бо так чунон пойдораш кунам,
Ба наврӯз бо бод ёраш кунам,

В-агар озмуда набошад сутур,
Нашояд ба тундӣ бар ӯ кард зӯр.

Ба Нӯъмон бифармуд Манзар, ки «рав
Фасила гузин аз галадори нав.

Ҳама дашти найзасаворон бигард,
Нигар, то кӣ доранд[3] аспи набард?»

Бишуд тез Нӯъмон сад асп оварид,
Зи аспони ҷанговарон баргузид.

Чу Баҳром дид он, биёмад[4] ба дашт,
Чапу рост печиду чанде бигашт.

Ҳар аспе, ки бо бод ҳамбар шудӣ,
Ҳам он[5] зери Баҳром бебар шудӣ.

Бар ин гуна то баргузид ашқаре,
Яке бодпое кушода баре.

Ҳам аз доғи дигар кумайтӣ ба ранг,
Ту гуфтӣ зи дарьё даромад[6] наҳанг.

Ҳаме оташ афрӯхт аз наъли ӯ,[7]
Ҳаме хун чакид аз бари лаъли ӯ.[8]

---

1 Л — некит. 2 Л — аспбон. 3 Л — киро ёбӣ. 4 Л — Нӯъмон биёвард аспон. 5 Л — Ҳаме. 6 Л — баромад. 7 Л — ӯй. 8 Л — ӯй.

Баҳо дод Манзар чу буд арзшон,
Ки дар бешаи Куфа буд марзшон.

Бипазруфт Баҳром аз ӯ ин ду асп,
Фурӯзанда бар сони озаргушасп.

Ҳаме дошташ чун яке тоза себ,
Ки аз бод н-ояд[1] бар ӯ-бар ниҳеб.

Ба Манзар чунин гуфт рӯзе ҷавон,
Ки эй марди боҳанги[2] равшанравон,

Чунин бебаҳона ҳаме дорнам,
Замоне ба тимор нагзориам.

Ҳама ҳар кӣ бинӣ ту андар ҷаҳон,
Диле нест андар ҷаҳон бениҳон.

Зи[3] андӯҳ бошад рухи мард зард,
Ба[4] ромиш физояд тани родмард.[5]

Тани хубрух ромишафзой бас,
Ки зан бошад аз дард фарьёдрас.

Ба зан гирад ором марди ҷавон,
Агар, тоҷдор аст, агар паҳлавон.

Ҳамон з-ӯ бувад дини яздон ба пой,
Ҷавонро ба некӣ бувад раҳнамой.

Канизак бифармой то панҷ, шаш
Биёранд бозебу хуршедфаш.

Магар з-он яке-ду гузин оядам,
Ҳам андешаи б-офарин оядам.

Магар низ фарзанд бинам яке,
Ки ороми дил бошадам андаке.

---

[1] И — н-омад. [2] Л — бохирад марди. [3] Л — аз. [4] Л — Зи. [5] Л — зод-мард.

Ҷаҳондор хушнуд бошад зи ман,
Сутуда бимонам ба ҳар анҷуман.

Чу бишнид Манзар зи барно сухан,
Бар ӯ офарин кард марди куҳан.

Бифармуд то марди пӯянда тафт,[1]
Сӯи кулбаи марди наххос рафт.

Биёвард румӣ канизак чиҳил,
Ҳама аз дари кому ороми дил.

Ду бугзид Баҳром аз он гулрухон,
Ки гул[2] пӯстшон, оҷ буд устухон.

Ба боло ба кирдори сарви саҳӣ,
Ҳама кому зебоиву фарраҳӣ.

Аз он ду ситора яке чангзан,
Дигар лоларух чун суҳайли Яман.

Ба боло чу[3] сарву ба гесу каманд,
Баҳо дод Манзар чу омад писанд.

Бихандид Баҳорму кард офарин,
Рухаш гашт ҳамчун бадахшӣ[4] нигин.

### ДОСТОНИ БАҲРОМ БО ҚАНИЗАҚИ ЧАНГЗАН ДАР ШИҚОР

Ба ҷуз[5] гӯю майдон набудиш кор,
Гаҳе захми чавгону гоҳе шикор.

Чунон буд, ки як рӯз беанҷуман,
Ба нахчиргаҳ рафт бо чангзан.

---

1 Л — саъди гӯяндатафт. 2 Л — дар. 3 Л — болой. 4 И — Бадахшон. 5 Л — Ҷуз аз.

Куҷо номи он румӣ Озода буд,
Ки ранги рухонаш чу беҷода[1] буд.[2]

Дилороми ӯ буд, ҳам коми ӯ,
Ҳамеша ба лаб доштӣ номи ӯ.

Ба рӯзи шикораш ҳаюн хостӣ,
Ки пушташ ба дебо биёростӣ.

Фурӯҳишта з-ӯ чор будӣ рикеб,
Ҳаме тохтӣ дар фарозу нишеб.

Рикобаш ду заррин, ду симин будӣ,
Ҳамон ҳар яке гавҳарогин будӣ.

Ҳамон зери таркаш камон мӯҳра дошт,
Диловар зи ҳар донише баҳра дошт.

Ба пеш андар омад-ш оҳу ду ҷуфт,
Ҷавонмард хандон ба Озода гуфт,

Ки «эй моҳ, чун ман камонро ба зеҳ
Барорам, ба шаст андар орам гиреҳ,

Қадом оҳу афканда хоҳӣ[3] ба тир,
Ки мода ҷавон асту ҳамтош пир?»

Чунин гуфт Озода: «Эй[4] шермард!
Ба оҳу наҷӯянд мардон набард.

Ту он модаро нарра гардон ба тир,
Шавад мода аз тири ту наррапир.

В-аз он пас ҳаюнро барангез тез,
Чу оҳу зи чанги ту гирад гурез.

Ҳамон мӯҳра[5] андоз то гӯши хеш,
Ниҳад ҳамчунон хор бар дӯши хеш.

---

[1] Л — ба май дода. [2] И — б. 166 нест;
ТПЗИЛ — Ба пушти ҳаюне ламон барнишаст,
Або сарви Озода чанге ба даст.
[3] Л — орам. [4] Л — К-эй. [5] Л — камонмӯхра.

Ҳамон гаҳ зи мӯҳра бихорад-ш[1] гӯш,
Беозор пояш барорад ба дӯш.

Ба пайкон сару пову дӯшаш[2] бидӯз,
Чу хоҳӣ, ки хонам-т гетифурӯз».[3]

Қамонро ба зеҳ кард Баҳроми гӯр
Барангехт з-он дашт арманда шӯр.

Ду пайкон ба таркаш яке тир дошт,
Ба дашт андар аз баҳри нахчир дошт.

Ҳамон гаҳ ки[4] оҳу шуд андар гурез,
Сипаҳбад суруҳои он нарра тез

Ба тири ду пайкон зи сар баргирифт,
Қанизак бад-ӯ монда андар шигифт.

Ҳам андар замон нарра[5] чун мода гашт,
Сараш з-он сурӯи сияҳ[6] содда[7] гашт.

Ҳамон бар сурӯгоҳи[8] мода ду тир
Бизад ҳамчунон марди нахчиргир.

Ду пайкон ба ҷои сурӯ бар сараш,
Ба хун андарун лаъл гашта бараш.

Ҳаюнро сӯи ҷуфти дигар битохт,
Ба хамми камон мӯҳра дар мӯҳра сохт.

Ба гӯши яке оҳу андар фиканд,
Писанд омадаш, буд ҷои писанд.

Бихорид гӯш оҳу, андар замон,
Хаданге ниҳод он замон дар камон.

---

1 Л — бихорад ду. 2 ИЛ — гӯшаш.
3 ТПМ — Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухан,
Ба ёд омадаш гуфтаҳои куҳан.
4 Л — чу: 5 Л — нарр. 6 суруҳо ҳаме. 7 И — Чунон к-аш ҳамехост Озода. 8 И — сурингоҳи.

Сару гӯшу пояш ба як ҷо бидӯхт,
Бар он оҳу Озодаро дил бисӯхт.

Бад-ӯ гуфт: «Чун аст, эй моҳрӯй,
Равон кард Озода аз дида ҷӯй.

Або шоҳ гуфт: «Ин на мардонагист,
На мардӣ, туро хӯи девонагист».[1]

Бизад даст Баҳром ӯро зи зин,
Нагунсор барзад ба рӯи замин.

Ҳаюн аз бари моҳчеҳра биронд,
Бару дасту чангаш ба хун дарфишонд.[2]

Чунин ғуфт, к-эй бехирад чангзан!
Чӣ боист чаидин ба мо-бар шикан?

Агар кунд[3] будӣ, кушодӣ[4] барам,
Аз ин захм нангӣ[5] шудӣ гавҳарам.[6]

Чу ӯ зери пои ҳаюн-дар бимурд.
Ба нахчир аз он пас канизак набурд.

## ҲУНАР НАМУДАНИ БАҲРОМ ДАР ШИКОРГОҲ

Дигар ҳафта бо лашкаре сарфароз,
Ба нахчиргаҳ рафт бо юзу боз.

Бари бурзи[7] кӯҳе яке шер дид,
Куҷо пушти гӯре ҳаме бардарид.

Баровард зоғи сияҳро ба зеҳ,
Ба тундӣ нишасту се пар зад гиреҳ.

Дили гӯр бардӯхт бо пушти шер,
Пур аз хун ҳизабр аз бару гӯр зер.

Дигар ҳафта Нуъмону Манзар ба роҳ,
Ҳаме рафт бо ӯ ба нахчиргоҳ.

---

[1] ИЛ — б. 193, 194 нест. [2] Л — Бизад дасту чангаш ба ҳам дарнишонд. [3] И — банд. [4] Л — кушоду. [5] И — беҳ кай. [6] Л — кишварам. [7] ИЛ — Ба наздики.

Басе номвармардум аз тозиён,
Қ-аз эшон будӣ роҳи суду зиён.

Ҳаме хост Манзар, ки Баҳроми гӯр,
Бад-эшон намояд савориву зӯр.

Шутурмурғ диданд ҷои гала,
Давон ҳар яке чун ҳаюни яла.

Чу Баҳроми гӯр он шутурмурғ дид,
Ба кирдори боди дамон бардамид.[1]

Қамонро бимолид ҷангӣ ба чанг,
Бизад бар камар чор[2] тири хаданг.

Якояк ҳаме ронд андар камон,
Бад-ин то сар орад бар эшон замон,

Ҳаме парр бишкофт бар тезтир,[3]
Бад-он сон занад[4] марди нахчиргир.

Ба як сӯзан ин з-он фурӯтар набуд,
Хамон тир з-ин тир бартар набуд.

Бирафту бидид он ки буд номдор,
Ба як мӯй-бар буд захми савор.

Ҳаме офарин хонд Манзар бар ӯй,
Ҳамон найзадорони пархошҷӯй.

Бад-ӯ гуфт Манзар, ки-«эй шаҳриёр,
Ба ту шодмонам чу гулбун ба бор.

Мабодо, ки хам оварад моҳи ту,
В-агар суст гардад камаргоҳи ту».

---

1 ИЛ — ҳаво. 2 Л — камаргоҳ. 3 Л — баршикофид паршон ба тир.
4 Л — Бар ин сон. кӣ буд.

Ҳамон гаҳ чу Манзар ба айвон расид,
Зи Баҳром рояш ба кайвон расид.

Фаровон мусаввир бичуст аз Яман,
Шуданд он сарон бар дараш анчуман.

Бифармуд то захми ӯро ба тир
Мусаввир нигорӣ кунад бар ҳарир.

Саворе чу Баҳром бо ёлу кифт,
Баланд уштуре зеру[1] захме шигифт.

Кушодабару чарбдастеву зӯр,
Камонмӯҳраву оҳуву шеру гӯр.

Шутурмурғу ҳомуну он захми тир,
Зи кири сияҳ тоза шуд бар ҳарир.

Саворе барафканд бар[2] шаҳриёр
Фиристод наздики ӯ он нигор.

Фиристода чун шуд бари Яздгирд,
Ҳама лашкар омад бар он нома гирд.

Ҳама номдорон фурӯ монданд,
Ба Баҳром-бар офарин хонданд.

В-аз он пас ҳунарҳо чу кард ошкор,
Ҳаме тохтандӣ бари шаҳриёр.

### ОМАДАНИ БАҲРОМ БО НӮЪМОН НАЗДИ ПАДАРАШ ЯЗДГИРД

Падар орзӯ кард Баҳромро,
Чӣ Баҳром, хуршеди худкомро.

Ба Манзар чунин гуфт Баҳроми шер,
Ки ҳарчанд монам ба назди ту дер,

---

[1] Л — зер; И — Баландахтару зер. [2] ИЛ — зӣ.

Ҳамон орзӯи падар хезадам,
Чу эмин шавам, дил барангезадам.

Баророст Манзар чу боист кор,
Зи шаҳри Яман ҳадьяи шаҳриёр.[1]

Зи аспони тозӣ ба зарринситом,
Зи чизе ки пурмоя бурданд[2] ном.

Зи бурди ямониву теғи Яман,
Дигар ҳар чи буд маъданаш дар Адан.

Чу Нӯъмон, ки бо шоҳ ҳамроҳ буд,
Мар ӯро ба назди падар ҷоҳ[3] буд.

Чунин то ба шаҳри Ситахр омаданд,
Зи шоҳон ҳаме достонҳо заданд.

В-аз он пас чу огоҳӣ омад ба шоҳ,
Зи фарзанду Нӯъмони тозӣ ба роҳ,

Пазира шудандаш ҳама мӯбадон
Зи даргоҳ бедордил бихрадон.

Чу аз дур Баҳромро дид шоҳ,
Бад-он фарру он шоху[4] он гирдгоҳ.[5]

Шигифтӣ фуру монд аз кори ӯй,
Зи болову фарҳангу дидори ӯй.

Фаровон бипурсиду бинвохташ,
Ба наздики худ ҷойгаҳ сохташ.

Ба барзан дарун ҷои Нӯъмон гузид,
Яке кох Баҳромро чун сазид.

Фиристод наздики ӯ бандагон,
Чу андархӯр омад парастандагон.

---

[1] Л — бешумор. [2] Л — пурмоятар буд. [3] Л — Ба наздики ӯ афсари моҳ; И — Ба наздики ӯ афсару гоҳ. [4] И — ёлу. [5] Л — ёлу чунон дастгоҳ.

Шабу рӯз Баҳром пеши падар
Ҳаме аз парастиш нахорид сар.

Чу як моҳ Нӯъмон бибуд назди шоҳ,
Ҳаме хост то боз гардад ба роҳ.

Ба шаб кас фиристод ӯро бихонд,
Баробар-ш бар тахти шоҳӣ нишонд.

Бад-ӯ гуфт: «Манзар басе ранҷ дид,
Ки озода Баҳромро парварид.

Бад-ин кор подош назди ман аст,
Шумори шумо урмузди ман аст.

Писандидам ин рои босанги[1] ӯй,
Ки сӯи хирад бинам оҳанги[2] ӯй.

Ту худ[3] дер мондӣ бад-ин боргоҳ,
Падар чашм дорад ҳамоно ба роҳ.

Зи динор ганҷеш панҷаҳ ҳазор
Бидоданд бо номаи[4] шаҳриёр.

Зи охур ба заррину симинситом[5]
Даҳ[6] аспи гаронмоя бурданд ном.

Зи густурданиҳову ҳам[7] банда низ,
Зи рангу зи бӯю зи ҳаргуна чиз.

Зи ганҷи ҷаҳондор Меҳрон бибурд,
Якояк ба Манзар ва[8] Нӯъмон[9] супурд.

Зи шодӣ дари бахшиш андар кушод,
Бар андоза ёрон-ш ҳадья бидод.[10]

Ба Манзар яке нома бинвишт шоҳ,
Чунон чун бувад дархури пешгоҳ,

---

1 Л — рою оҳанги. 2 Л — Зи болову дидору фарҳанги. 3 Л — чун. 4 Л — ҷомаи. 5 Л — симинлагом. 6 Л — Ду. 7 Л — аз. 8 Л — ба. 9 И — Нӯъмони Манзар. 10 ИЛ — ёрон-шро ҳадья дод.

Ба озодӣ аз кори фарзанди ӯй,
Қи шоҳи Яман ҷуст пайванди ӯй,

Ба подоши ин кор ёзам[1] ҳаме,
Ба чунин писар сар фарозам ҳаме.

Яке нома бинвишт Баҳроми гӯр,
Қи кори ман эдар табоҳ асту шӯр.

На он буд уммеди ман назди шоҳ,
Қ-аз ин сон кунад сӯи кеҳтар нигоҳ.

На фарзандам эдар, на чун чокарам,[2]
На чун камтаре шоддил бар дарам.[3]

Ба Нӯъмон бигуфт он чӣ будаш ниҳон,
Зи бадроҳу оини шоҳи ҷаҳон.

Чу Нӯъмон бирафт аз дари шаҳриёр,
Биёмад бари Манзари номдор.

Бад-ӯ номаи шоҳи гетӣ бидод,
Бибусид Манзар ба сар барниҳод.

В-аз он ҳадьяҳо шодмонӣ намуд,
Бар он офарин офарин барфузуд.

В-аз он пас фиристод андар нуҳуфт,
Зи Баҳром чанде[4] ба Манзар бигуфт.

Чу[5] он нома бархонд пешаш дабир,
Рухи номвар гашт ҳамчун зарир.

Ҳам андар замон зуд[6] посух навишт,[7]
Суханҳои бо панди фаррух навишт.[8]

Чунин гуфт, к-«эй меҳтари номвар,
Нигар, сар напечӣ зи роҳи[9] падар.

---

1 Л — созам. 2 ИЛ — чокаре. 3 ИЛ — кеҳтаре шоддил бар даре. 4 И — чизе. 5 Л — Пас. 6 Л — нома. 7 И — набишт. 8 И — набишт. 9 Л — рои.

Ба неку бади шоҳ хурсанд бош,
Парастанда бошу хирадманд бош.

Бадиҳо ба сабр аз меҳон бугзарад,
Сари мард бояд, ки дорад хирад.

Сипеҳри равонро чунин аст рой,
Надорем бо рои ӯ ҳеҷ пой.[1]

Дилеро[2] пур аз меҳр дорад сипеҳр,
Дилеро пур аз ҷангу ожанг[3] чеҳр.

Ҷаҳондор гетӣ чунон[4] офарид,
Чунон чун чаронад, бибояд чарид.[5]

Аз ин пас туро ҳарчи ояд ба кор,
Зи динору аз гавҳари шоҳвор,

Фиристам, нигар то[6] надорӣ ба ранҷ
Наярзад зи ранҷи ту оганда[7] ганҷ.

Зи динор ганҷе кунун даҳ ҳазор,
Фиристодам инак ба расми нисор.

Парастор, к-ӯ раҳнамои ту буд,
Ба парда дарун дилкушои ту буд.

Фиристодам инак ба наздики ту,
Ки равшан кунад ҷони торики ту.

Ҳар он гаҳ, ки динор бурдӣ[8] ба кор,
Гаронӣ макун ҳеҷ бар шаҳриёр.

Ки дигар фиристамт бисьёр низ,
Аз[9] ин подшоҳӣ зи ҳар гуна чиз.[10]

---

[1] И — Ту бар рои ӯ ҳеҷ мафзой ҷой. [2] И — Диле ҳам. [3] ИЛ — Диле пур зи кину пурожанг. [4] Л — чунин. [5] Л — к-ӯ чамонад бибояд чамид. [6] Л — дил. [7] Л — Наарзад парогандани ранҷ. [8] Л — дигар-т бошад. [9] Л — В-аз. [10] И — б. 278, 279 нест.

Парастанда бошу ситоянда бош,
Ба кори парастиш физоянда бош.

Ту он бадхӯиро зи шоҳи ҷаҳон,
Ҷудо кард натвонӣ андар ниҳон.

Фиристод аз он тозиён даҳ савор,
Сухангӯву бинодилу дӯстдор.

Расиданд наздики Баҳромшоҳ,
Або бадраву бардаву некхоҳ.

Хирадманд Баҳром аз он шод шуд,
Ҳама дардҳо бар дилаш бод шуд.

В-аз он пас бар он панди шоҳи араб,
Парастиш ҳаме кард дар[1] рӯзу шаб.

БАНД КАРДАНИ ЯЗДГИРД БАҲРОМРО
ВА БОЗ ОМАДАНИ Ӯ НАЗДИ МАНЗАР

Чунон буд, ки як рӯз бар базмгоҳ,
Ҳаме буд бар пой дар пеши шоҳ.

Чу шуд дер бар пой хоб омадаш,
Ҳам аз истодан[2] шитоб омадаш.[3]

Падар чун бидидаш ба ҳам бар ду чашм,
Ба тундӣ яке бонг бар зад зи[4] хашм.

Ба дижҳим фармуд к-ӯро[5] бубар,
Қ-аз ин пас набинад кулоҳу камар.

Бар ӯ хона зиндон куну боз гард,
Назебад бар ин гоҳи[6] нангу набард.

---

[1] Л — ҳар. [2] Л — ҳаме з-истодан.
[3] ТПМ — Ситода ду чашмаш ба ҳам барниҳод,
Ғамӣ шуд дилаш чун басе истод.
[4] ИЛ — ба. [5] Л — к-инро. [6] Л — кори.

Ба айвон ҳаме буд хастаҷигар,
Надид андар он сол рӯи падар.

Магар рӯзи Наврӯзу ҷашни Сада,
Ки ӯ пеш рафтӣ миёни рада.

Чунон буд, ки Тайнуши румӣ зи роҳ
Фиристода омад ба наздики шоҳ.

Або бадраву бардаву божи Рум,
Фиристод[1] қайсар бад-ин марзу бум.

Чу омад шаҳаншоҳ бинвохташ,
Сазовори ӯ ҷойгаҳ сохташ.

Фиристод Баҳром зӣ ӯ паём,
Ки эй марди бедори густурдаком,

Зи кеҳтар ба чизе биёзурд шоҳ,
В-аз ӯ дур гаштан ҳаме[2] бегуноҳ.

Ту хоҳишгарӣ кун ба ту бахшадам,
Магар бахти пажмурда бидрахшадам.

Сӯи доягонам фиристад магар,
Ки Манзар маро беҳ зи мому падар.

Чу Тайнуш бишнид пайғоми ӯй,
Баровард аз он орзу коми ӯй.

Дилозор[3] Баҳром аз он шод гашт,
В-аз он банди бемоя озод гашт.

Ба дарвеш бахшид бисьёр чиз,
В-аз он ҷойгаҳ рафтан орост низ.

Ҳаме[4] зердастони худро бихонд,
Шаби тира чун бод лашкар биронд.

---

[1] Л — Фиристода. [2] ИЛ — гаштем чунин. [3] ИЛ — Дилозурда.
[4] ИЛ — ҳама.

Ба ёрон[1] чунин гуфт: «Яздон сипос,[2]
Ки рафтему эмин шудем аз ҳарос».

Чу омад ба наздики шаҳри Яман,
Пазира шудаш кӯдаку марду зан,

Бирафтанд Нӯъмону Манзар зи ҷой,
Ҳамон найзадорони покизарой.

Чу Манзар ба Баҳром наздик шуд,
Зи гарди сипаҳ рӯз торик шуд,

Пиёда шуданд он ду озодамард,
Ҳаме гуфт Баҳром тимору дард.

Зи гуфтори ӯ чанд Манзар гирист,
Бипурсиду гуфт: «Ахтари шоҳ чист,

Ки ҳаргиз наёяд ба роҳи хирад?
Зи кирдор тарсам, ки кайфар барад».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-ин худ мабод,
Ки гирад[3] зи шумахтараш низ ёд.

Фуруд оваридаш ҳамон ҷо, ки буд,
Бар он некӯӣ некӯиҳо фузуд.

Ба ҷуз базму майдон набудиш кор,
В-агар[4] бахшишу кушиши корзор.

## ОМАДАНИ ЯЗДГИРД БА ТӮС ВА КУШТАНИ АСПИ ОБӢ ӮРО

Бар ин низ чанде замон баргузашт,
Ба айвон падар, пури фаррух ба дашт.

В-аз он пас ғаму шодии Яздгирд
Сар омад ҳаме з-ахтари тезгирд.[5]

---

1 Л — яздон 2 Л — яздоншинос. 3 И — гирам. 4 И — Магар; Л — Дигар. 5 ИЛ — б. 315 нест.

Зи шоҳӣ пурандеша шуд Яздгирд,
Зи ҳар кишваре мӯбадон кард гирд.

Ба ахтаршиносон бифармуд шоҳ,
Ки то кард ҳар як ба ахтар нигоҳ.

Ки то кай бувад дар ҷаҳон марги ӯ,
Куҷо тира гардад сару тарги ӯ.

Чу бошад, куҷо бошад он рӯзгор,
Ки пажмурда гардад рухи шаҳриёр.

Ситорашумар гуфт, к-ин худ мабод.
Ки шоҳи ҷаҳон гирад аз марг ёд.

Чу бахти шаҳаншоҳ бадрӯ шавад,
Аз эдар суи чашмаи Сӯ шавад.

Фароз оварад лашкару бӯқу кӯс,
Ба шодӣ назора шавад суи Тӯс.

Бар он ҷойгаҳ-бар бувад ҳуши ӯ,
Чунин рӯз нагзашт бар гуши ӯ.

Аз ин дониш ар ёд гирад[1] бад аст,
Ки ин роз дар пардаи эзадаст.

Чу бишнид аз ӯ шоҳ савганд х(в)ард,
Ба Харродбарзину хуршеди зард.

Ки ман чашмаи Сӯ набинам ба чашм,
На ҳангоми шодӣ, на ҳангоми хашм.

Бар ин низ бугзашт гардун се моҳ,
Замона ба ҷӯш омад аз хуни шоҳ.

Зи биниш букшод як рӯз хун,
Пизишк омад аз ҳар суе раҳнамун.

Ба дору чу як ҳафта бастӣ пизишк,
Дигар ҳафта хун омадӣ чун сиришк.

---

[1] Л — [illegible]

## РАФТАНИ ЯЗДГИРД БА ЧАШМАИ СӮ БА ГУФТОРИ МӮБАД ВА КУШТАНИ АСПИ ОБӢ ӮРО

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки-«эй шаҳриёр,
Бигаштӣ ту аз роҳи парвардигор.

Ту[1] гуфтӣ, ки бугрезам аз чанги марг,
Куҷо нестат марг ҳаргиз ба[2] барг.

Туро чора он аст, к-аз роҳи Шаҳд,[3]
Сӯи чашмаи Сӯ гирой ба маҳд.[4]

Ниёиш кунӣ пеши яздони пок,
Ба зорӣ бигардӣ бар он гармхок.

Бигӯй, ки ман жандаи нотавон,
Зада[5] доми савганд пеши равон.

Кунун омадам то замонам куҷост,
Ба пеши ту, эй довари доду рост.

Чу бишнид шоҳ ин писанд омадаш,
Ҳамон дардро судманд омадаш.

Биёвард сесад имориву маҳд,
Гузар кард бар сӯи дарьёи Шаҳд.

Шабу рӯз тозон ба маҳд андарун,
Зи биниш гаҳ-гаҳ ҳаме рафт хун.

Чу наздикии чашмаи Сӯ расид,
Бурун омад аз маҳду дарьё бидид.

В-аз он об лахте ба сар барниҳод,
Зи яздони некидиҳиш кард ёд.

Замоне зи бинӣ наёмадш[6] хун,
Бихӯрду[7] биёсуд бо раҳнамун.

---

[1] Л — Чу. [2] Л — Чу боди хазон ояд аз шох [3] Л — сеҳр.
[4] Л — меҳр. [5] И — задам. [6] И — биниш кам рафт. [7] И — Бихуфту.

Манӣ карду гуфт: «Ин-т[1] оину рой.
Нишастам[2] чӣ боист чанде[3] ба ҷой?»

Чу гарданкашӣ кард шоҳи рама,
Ки аз хештан дид некӣ ҳама,

Зи дарьё баромад яке аспи хинг,
Сурингирд чун гӯру[4] кӯтоҳлинг.

Дамон ҳамчу шери жиён пур зи хашм,
Баланду сияҳхояву зоғчашм.

Қашон думм бар иову бар ёл[5] буш,
Сияҳсумму кафкафкану шеркуш,

Чунин гуфт бо меҳтарон Яздгирд,
Ки инро сипоҳ андар оранд гирд.

Бишуд гирд чӯпону ду[6] курратоз,
Або зину печонкаманди[7] дароз.

Чӣ донист рози ҷаҳондор, шоҳ,
Ки овард он аждаҳоро ба роҳ.[8]

Фурӯ монд чӯпону лашкар ҳама,
Барошуфт аз он шаҳриёри рама.

Ҳамон гоҳ бардошт зину лагом,
Ба наздики он асп шуд шодком.

Чунон ром шуд хинг[9] бар ҷои хеш,
Ки нанҳод даст аз пасу пой пеш.

Зи шоҳи ҷаҳондор бистуд лагом,
Ба зин барниҳодан ҳаме буд[10] ром.

---

1 И — Ҳаме гуфт, ин аст. 2 И — Нишастан. 3 И — чандин. 4 Л — гӯри. 5 Л — дар پову то пой. 6 Л — зуд чӯпону даҳ. 7 Л — яке танг печчонкаманде.
8 Л — Кӣ донист рози худои ҷаҳон,
Ки овард он аждаҳои дамон.
9 Л — асп. 10 Л — ҳамон гашт.

Чу зин барниҳодаш бароҳехт танг,
Наҷунбид бар[7] ҷой боз он[1] наҳанг.

Паси пои ӯ шуд, ки бандад-ш дум,
Хурӯшон шуд он бораи сангсум.

Биғурриду як ҷуфта зад бар сараш,
Ба хок андар омад сару афсараш.

Зи хок омаду[2] хок шуд Яздгирд,
Чӣ ҷуӣ[3] ту з-ин баршуда ҳафтгирд?

Чу аз гардиши ӯ наёбӣ раҳо,
Парастидани ӯ наёрад баҳо.

Ба яздон гирову бад-ӯ кун паноҳ,
Худованди хуршеду гардандамоҳ.[4]

Чу ӯ кушта шуд аспи обӣ чу гард,
Биёмад бад-он чашмаи лоҷвард.[5]

Ба об андарун шуд танаш нопадид,
Қасе дар[6] ҷаҳон ин шигифтӣ надид.

Зи лашкар хурӯше баромад чу кӯс,
Қи шоҳо, замон оваридат ба Тӯс!

Ҳама ҷомаҳо бардариданд пок,
Ҳама рехтанд аз бари ёл хок.

В-аз он пас бикофид[8] мӯбад[9] бараш,
Миёни тиҳигоҳу мағзи[10] сараш.

Биёганд яксар ба кофуру мушк,
Ба дебо тани шоҳ бастанд хушк.[11]

Ба дебо бипӯшид равшан бараш,
Ниҳода зи мушк афсаре бар сараш.

---

1 Л — тозӣ; И — тозон. 2 И — омада. 3 Л — гуй. 4 Л — гардуну хуршеду моҳ. 5 Л — ложвард. 6 Л — кас андар. 7 Л — аҷал. 8 И — шикофта. 9 Л — ба кофур равшан. 10 Л — Миёну тиҳигоҳу мағзу, 11 И — б. 365 нест.

Ба тобути заррину дар маҳди соҷ,
Сӯи Порс рафт он худованди тоҷ.

Чунин аст расми сарои сипанҷ,[1]
Яке шодмон дигаре з-ӯ ба ранҷ.[2]

Ту ромиву бо ту ҷаҳон ром нест,
Чу нон хӯрда бошӣ, беҳ аз ҷом нест.[3]

Парастидани дин беҳ аст аз гуноҳ,
Чу бошад касеро бар ин дастгоҳ.[4]

## НИШОНДАНИ МЕҲОН ХУСРАВРО БА ТАХТ

Чу дар дахма шуд шаҳриёри[5] ҷаҳон,
Аз Эрон[6] бирафтанд гирьён меҳон.

Қуноранг бо мӯбаду паҳлавон,
Ҳушивору дастури равшанравон.

Ҳама пок дар Порс гирд омаданд,
Бари дахмаи Яздгирд омаданд.

Чу Густаҳм, к-ӯ пил куштӣ бар асп,
Дигар Қорани гурди пури Гушасп.

Чу Милод бо Ораши марзбон,
Чу Пирӯзи аспафкан аз Гурзбон.

Дигар ҳар кӣ буданд аз Эрон меҳон,
Бузургону кундоварони ҷаҳон,

Куҷо хорашон доштӣ Яздгирд,
Ҳама омаданд андар он шаҳр гирд.

---

[1] Л — газанд. [2] Л — Чу ором ёбӣ битарс аз нажанд,
[3] ТПИ — Дар ин тирахок аз сипеҳри баланд,
Чу ором ёбӣ, битарс аз газанд.
[4] Л — бад-ин пойгоҳ. [5] Л — подшоҳи. [6] Л — Зи айвон.

Чунин гуфт, гӯё Гушаспи дабир,
Ки эй номдорони барнову пир!

Ҷаҳондори мо то ҷаҳон офарид,
Ҷасе з-ин нишон шаҳриёре надид.

Надонист ҷуз куштану[1] дарду ранҷ,
Зи кеҳтар ниҳон кардани рою ганҷ.[2]

Аз ин шоҳ нопоктар кас надид,
На аз паҳлавонони пешин шунид.

Нахоҳем бар тахт аз ин тухма[3] кас,
Зи хокаш ба яздон бинолему[4] бас.

Сарафроз Баҳром фарзанди ӯст,
Зи мағзу дилу рою пайванди ӯст.

Зи Манзар кушояд сухан сарбасар,
Нахоҳем бар тахт бедодгар.

Бихӯрданд савгандҳои гарон,
Ҳар он кас, ки буданд аз Эрон сарон.[5]

Қ-аз ин тухма касро ба шоҳаншаҳӣ
Нахоҳем бо тоҷу тахти меҳӣ.

Бар ин барниҳоданду бархостанд,
Ҳама шаҳриёри дигар хостанд.

Чу огоҳии марги шоҳи ҷаҳон
Пароканда шуд дар миёни меҳон,

Алоншоҳу чун паҳлавони сипоҳ,
Чу Беварду Шукнони зарринкулоҳ.[6]

---

[1] Л — ба ҷуз куштану хориву.
[2] ТПЗ — Надонисту озарми касро надошт,
Ҳаме он бар ин ин бар он баргумошт.
[3] Л — аз ин тухм бар тахт. [4] Л — Ҳолаш ба яздон паноҳему; И — паноҳему. [5] Л — эрониён.
[6] ТПЗ — Чу Беҳзоди барзини Рустамнажод,
Чу Соми ял аз тухмаи Кайқубод.

Ҳаме ҳар яке гуфт: «Шоҳӣ мрост,
Ҳам аз хок то бурҷи моҳӣ мароот».

Ҷаҳоне пурошӯб шуд сарбасар,
Чу аз тахт гум шуд сари тоҷвар.

Ба Эрон раду мӯбаду паҳлавон,
Ҳар он кас, ки буданд равшанравон,

Бад-ин кор дар Порс гирд омаданд,
Ҳама[1] з-ин сухан достонҳо заданд.

Ки ин тахти шоҳӣ сазовори кист,
Бибинед то аз дари кори кист?

Набинем бахшандаи додгар,
Ки бандад бар ин тахт зарринкамар,

Ки ошӯб биншонад аз рӯзгор,
Ҷаҳон марғзорест бешаҳриёр.[2]

Яке мард буд пир Хусрав ба ном,
Ҷавонмарду равшандилу шодком,

Ҳам аз тухмаи сарфарозон буд ӯ[3]
Ба марз андар аз бениёзон буд ӯ.[4]

Супурданд гурдон бад-ӯ тоҷгоҳ,
Бар ӯ анҷуман шуд зӣ ҳар сӯ сипоҳ.

### ОГОҲӢ ЁФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЗ МУРДАНИ ПАДАРАШ

Пас огоҳӣ омад ба Баҳроми Гӯр,
Ки аз чарх шуд тахтро бахт шӯр.

Падар-т он сарафрози шоҳон бимурд,
Бимурду ҳам ӯ номи шоҳӣ[5] бибурд.

---

[1] Л — Ҳаме. [2] И — б. 395, 396 нест. [3] И — ӯй; Л — будӣ. [4] И — ӯй; Л — будӣ. [5] Л — ҳама оби шоҳон; И — ӯву ҳам номи шоҳон.

Бихӯрданд савганд яксар сипоҳ,
К-аз ин тухма ҳаргиз нахоҳем шоҳ.

Ки Баҳром фарзанди ӯ ҳамчун ӯст,
Аз оби падар ёфт ӯ мағзу пӯст.

Яке мард бар гоҳ биншонданд,
Ба шоҳӣ ҳаме хусраваш хонданд.

Чу бишнид Баҳром рухро биканд,
Зи[1] марги падар шуд дилаш мустаманд,

Баромад ду ҳафта зи шаҳри Яман,
Хурӯшидани мӯбаду[2] марду зан.

Чу як моҳ бинишаст бо сӯги шоҳ,
Сари моҳи навро биёрост гоҳ.

Бирафтанд Нуъмону Манзар ба ҳам,
Ҳама[3] тозиёни Яман бешу кам.

Ҳама зор бо шоҳ гирьён шуданд,
Абе оташ аз дард бирьён шуданд.

Забон баркушоданд аз он пас[4] зи банд,
Ки эй пурҳунар шаҳриёри баланд.

Ҳама дар ҷаҳон хокро омадем,
На ҷӯёи тарьёкро омадем.

Бимирад касе, к-ӯ зи модар бизод,
Раҳаш чун ситам бинаму марг дод.

Ба Манзар чунин гуфт Баҳроми гӯр,
Ки акнун, ки шуд рӯзи мо тор тур.[5]

Аз ин тухма гар номи шаҳаншаҳӣ
Гусиста шавад, бугсилад фарраҳӣ.

---

[1] И — Ба. [2] ИЛ — кӯдаку. [3] И — Ҳамс. [4] Л — яксар зи; [5] ИЛ — тору тур;
ТПИ — Агар тунду берасм шуд шаҳриёр,
Буд ин даштро сарбасар дӯстдор.

Зи дашти саворон баророанд хок,
Шавад ҷой бар тозиён-бар мағок.

Пурандеша бошеду ёрӣ кунед.
Ба марги падар сугворӣ кунед.

Зи Баҳром бишнид Манзар сухун,
Ба мардӣ яке посух афканд бун.

Чунин гуфт, к-ин рӯзгори ман аст,
Бар ин дашт рӯзи шикори ман аст.

Ту бар тахт биншину наззора бош,
Ҳамасола бо тоҷу бо ёра бош.

Ҳама номдорон бар ин ҳамсухун,
Ки Манзар ба мардӣ фикандаст бун.

Зи пеши ҷаҳонҷӯй бархостанд,
Ҳама тохтанро биёростанд.

Бифармуд Манзар ба Нӯъмон, ки рав,
Яке лашкаре соз шерони нав.

Зи шайбону ғассониён[1] даҳ ҳазор,
Фароз ор гурд аз дари[2] корзор.

Ман эрониёнро намоям, ки шоҳ
Ҷадомаст бо ному[3] ганҷу сипоҳ?!

Биёвард Нӯъмон сипоҳе ғарон,
Ҳама теғдорону найзаварон.

Бифармуд то тохтанҳо баранд,
Ҳама рӯи кишвар ба пай биспаранд.

Раҳи Шӯрсон то дари Тайсафун,
Замин хира шуд зери наъл андарун.

---

[1] Л — в-аз русиён. [2] Л — овар андар хурӣ.
[3] Л — ботоҷу.

Зану кӯдаки хурд бурданд асир,
Кас он ранҷҳоро набуд дастгир.

Пур аз ғорату сӯхтан шуд ҷаҳон.
Чу бекор шуд тахти шоҳаншаҳон.

Пас огоҳӣ омад ба Руму ба Чин,
Ба Турку ба Ҳинду[1] ба Мукронзамин,

Ки шуд тахти Эрон зи Хусрав тиҳӣ,
Касе нест зебои шоҳаншаҳӣ.

Ҳама тохтанро биёростанд,
Ба тороҷу бедод бархостанд.[2]

Ба Эрон ҳаме ҳар касе даст охт,
Ба шоҳаншаҳӣ низ гардан фарохт.

## НОМА НАВИШТАНИ ЭРОНИЁН БА МАНЗАР ВА ПОСУХИ ОН

Чу эрониён огаҳӣ ёфтанд,
Якояк сӯи чора биштофтанд.

Чу гаштанд аз он ранҷ яксар сутӯҳ,
Нишастанд бо якдигар[3] ҳамгурӯҳ,

Ки ин кор аз андоза андар гузашт,
Зи Руму зи Ҳинду саворони дашт.

Яке чора бояд кунун сохтан,
Дилу ҷон аз ин ранҷ[4] пардохтан.

Биҷустанд он гаҳ[5] фиристодае,
Сухангӯву бинодил озодае.

---

[1] И — Халлух.
[2] ТПЗИЛ — Чу аз тухми шоҳаншаҳӣ кас набуд,
Ки ёрост тахти каиро бисуд.
[3] ИЛ — яке бо дигар. [4] И — кор. [5] Л — муъбад.

Кучо номи он гав Чувонӯй буд,
Дабире бузургу сухангӯй буд.

Бад-он то ба наздики Манзар шавад,
Сухан гӯяду гуфти ӯ бишнавад.

Ба Манзар бигӯяд, ки эй сарфароз,
Чаҳонро ба номи[1] ту омад ниёз,

Нигаҳдори Эрону Мукрон туӣ,
Ба ҳар чой пушти далерон туӣ.

Чу ин тахт бешоҳу беточ гашт,
Зи хун марз чун парри дурроч гашт.

Ту гуфтем, бошӣ худованди марз,
Ки ин марзро аз ту дидем[2] арз.

Кунун ғорат аз тусту хун рехтан,
Ба ҳар чой торочу овехтан,

Набудӣ чунин пеш аз ин бадкуниш,
Зи нафрин натарсиву аз[3] сарзаниш.

Нигаҳ кун бад-ин[4] то писанд оядат,
Ба пиронсар ин судманд оядат.

Чуз аз ту яке[5] доваре дигар аст,
К-аз андешаи бартарон бартар аст.

Бигӯяд фиристода чизе, ки дид,
Сухан низ к-аз кордонон шунид.

Чувонӯи доно зи пеши сарон
Биёмад сӯи дашти найзаварон.

Ба Манзар сухан[6] гуфту нома бидод,
Суханҳои эрониён кард ёд.

---

[1] Л — меҳри. [2] Л — дорем. [3] Л — натарсидиву. [4] Л — бубин.
[5] Л — зи бар. [6] И — чунин.

Суханҳош бишнид шоҳи араб,
Ба посух бад-ӯ ҳеҷ накшод лаб.

Чунин гуфт, к-эй донишӣ роҳҷӯй.
Сухан з-ин нишон бо шоҳаншоҳ гӯй.

Бигӯ ин ки гуфтӣ ба Баҳромшоҳ,
Чу посух биҷӯй[1] намояд-т роҳ.

Фиристод бо ӯ яке номдор,
Ҷувонуй шуд то дари[2] шаҳриёр.

Чу Баҳромро дид онанда мард,
Бар ӯ офаринандаро ёд кард.

Аз он бурзи болову он ёлу кифт,
Фурӯ монд бинодил андар шигифт.

Ҳаме май чакад гуфтӣ аз рӯи ӯй,
Ҳаме бӯи мушк ояд аз мӯи ӯй.

Сухангӯй бедонишу ҳуш[3] гашт,
Паёмаш саросар фаромуш гашт.

Бидонист Баҳром, к-ӯ хира шуд,
Зи дидор чашму дилаш тира шуд.

Бипурсид бисьёру бинвохташ,
Ба хубӣ бари тахт биншохташ.

Чу густох шуд з-ӯ бипурсид шоҳ,
К-аз Эрон чаро ранҷа гаштӣ ба роҳ?

Аз ин пас бари ранҷ ёбӣ зи мо
Ҳам огандани ганҷ ёбӣ зи мо».[4]

Фиристод бо ӯ яке пурхирад.
Ки ӯро ба наздики Манзар барад,

---

[1] Л — шунидӣ. [2] Л — бари. [3] Л — бефарру беҳуш.
[4] ТПИМ — Суханҳо ҳама гуфту нома бидод,
Паёме, ки оварда буд, кард ёд.

Бигӯяд, ки он[1] нома посух навис,
Ба посух суханҳои фаррух навис.

В-аз он пас нигар, то чи дорад паём,
Аз ӯ бишнаву посухаш деҳ тамом.[2]

Биёмад Ҷувону суханҳо бигуфт,
Рухи Манзар аз рои ӯ баршукуфт.

Чу бишнид аз ӯ марди бино сухун,
Мар он номаро посух афканд бун.

Ҷувонуйро гуфт, к-эй пурхирад,
Ҳар он кас, ки бад карда кайфар барад.

Шунидам ҳама ҳар чи додӣ[3] паём,
В-аз он номдорон,[4] ки кардӣ салом.

Чунин гӯй, к-ин бад кӣ кард аз нахуст,
Кӣ беҳуда пайкор боист ҷуст?

Шаҳаншоҳ Баҳроми Гӯр эдар аст,
Ки бофарру бурз асту болашкар аст.

Зи сурох чун мор берун кашӣ,
Ҳаме домани хеш дар хун кашӣ.

Гар эдун, ки ман будаме ройзан,
Бар эрониён-бар набудӣ шикан.

Ҷувонӯй рӯи шаҳаншоҳ дид,
В-аз ӯ низ чандин[6] суханҳо шунид.

Бипурсид[7] то шояд ӯ тахтро,
Бузургиву пирӯзиву бахтро.

---

[1] Л — Бигуяш, ки ин; И — ин. [2] Л — ба ком. [3] И — дорӣ. [4] И — номдоре. [5] ИЛ — чанде. [6] Л — Пас аз б. 475 ин б. омадг

Бидид андар ӯ некуиву хирад,
Ки шоҳии Эрон мар уро сазад.

[7] Л — Бидонист.

Зи Манзар чу бишнид аз ин сон сухун,
Яке равшан андеша афканд бун.

Чунин дод посух, ки эй сарфароз,
Ба доной аз ҳар касе бениёз,[1]

Аз эрониён гар хирад гашта шуд,
Фаровон аз озодагон кушта шуд.

Кунун ман яке номҷӯям куҳан,
Агар бишнавӣ то бигӯям сухан.

Туро бо шаҳаншоҳ Баҳроми гурд,
Ба шодӣ заминро бибояд супурд.

Ба Эрон хиромид бо бозу юз,
Чунон чун бувад шоҳи гетифурӯз.

Шунидӣ[2] суханҳои эрониён,
Ҳамоно зи рафтан[3] наёяд зиён.

Бигӯй ту низ он чӣ андархурад,
Хирадмандиву дурӣ[4] аз бехирад.

Зи кирдори бад[5] дур дорӣ маниш,
Напечӣ[6] зи беғораву сарзаниш.

Чу бишнид Манзар варо ҳадья дод,
Гусӣ кардаш аз шаҳри обод[7] шод.

## ОМАДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ДАР ҶАҲРАМ ВА РАФТАНИ ЭРОНИЁН БА НАЗДИ Ӯ

Худу шоҳ Баҳром бо ройзан,
Нишастанду гуфтанд беанҷуман.[8]

---

1 И — ҳар яке. 2 Л — Шунидан. 3 Л — Ҳамон то зи ҷунбиш. 4 Л — Хирадмандӣ омӯзӣ. 5 Л — ӯ. 6 ИЛ — Бипечӣ. 7 Л — он гоҳ аз он шаҳр. 8 Л — Пас аз б. 486 ин б. омада:

Суханшон бар он рост шуд, к-аз Яман,
Ба Эрон хироманд бо анҷуман.

Гузин кардаш аз тозиён сӣ ҳазор,
Ҳама найзадор аз дари корзор.

Ба динорашон яксар обод кард,
Сари номдорон пур аз бод кард.

Чу огоҳии он[1] ба Эрон расид,
Ҷувонӯй назди далерон расид.

Бузургон аз он кор ғамгин шуданд,
Бари озари поки Барзин шуданд.

Зи яздон ҳаме хостанд он ки разм
Магар боз гардад ба шодиву базм.

Чу Манзар ба наздики Ҷаҳрам расид,
Бар он дашти беоб лашкар кашид,

Саропарда зад низ Баҳромшоҳ,
Ба гирд андар омад зи ҳар сӯ сипоҳ.

Ба Манзар чунин гуфт, к-эй ройзан,
Ба Ҷаҳрам кашидӣ зи шаҳри Яман.

Кунун ҷанг созем бо гуфтугӯй[2]
Чу лашкар ба рӯй андар оранд[3] рӯй.

Бад-ӯ гуфт Манзар: «Меҳонро бихон,
Чу оянд пешат биёрой хон.

Суханҳояшон бишнаву гӯ[4] сухун,
Қасе тез гӯяд,[5] ту тезӣ макун,

Биҷӯем то чистшон дар ниҳон,
Қиро хонд хоҳанд шоҳи ҷаҳон?

Чу дониста шуд чораи он кунем,
Гар осон бувад[6] кина пинҳон кунем.

---

[1] Л — ин. [2] Л — бегуфтугӯй. [3] Л — овард.
[4] ИЛ — Сухан гую бишнав аз эшон. [5] ИЛ — гардад. [6] Л — Агар бихраданд.

В-ар эдун дар ин кина ҷанг оваранд,
Бупечанду хӯи паланг оваранд,

Ман ин дашти Ҷаҳрам чу дарьё кунам,
Зи хуршеди тобон сурайё кунам.

Бар онам, ки бинанд чеҳри туро,
Чунин бурзи болову меҳри туро.

Хирадмандиву рою фарҳанги ту,
Шикебоиву донишу санги ту.

Нахоҳанд ҷуз ту касе тахтро,
Кулаҳрову зебоии бахтро.

В-ар эдун, ки гум карда доранд роҳ,
Бихоҳанд бурдан ҳаме аз ту гоҳ,

Ману ин саворону шамшери тез,
Барангезам андар ҷаҳон растахез.

Бубинӣ буруҳои[1] печони ман,
Фидои ту бодо тану ҷони ман.

Чу бинанд бемар сипоҳи маро,
Ҳамон расму оину роҳи маро.

Се дигар, ки хун рехтан кори мост,
Ҳамон эзади додгу[2] ёри мост.[3]

Қасеро ҷуз аз ту нахонанд шоҳ,
Ки шоёни тоҷиву зебои гоҳ.

Зи Манзар чу шоҳ ин суханҳо шунид,
Бихандиду шодон дилаш бардамид.

Чу хуршед барзад сар аз теғи кӯҳ,
Радону бузургони Эрон гурӯҳ.[4]

---

[1] Л — инонҳои. [2] ИЛ — додгар.
[3] ТПЗИЛ — Ҳамин подшоҳӣ, ки мероси туст,
Падар бар падар кард, шояд дуруст.
[4] И — б. 513 нест.

Пазира шуданро биёростанд,
Яке донишӣ анҷуман хостанд.

Ниҳоданд Баҳромро тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он баҳоғир тоҷ.

Нишастан ба оини шоҳаншаҳон
Биёрост, к-ӯ буд шоҳи ҷаҳон.[1]

Зи[2] як дасти Баҳром Манзар нишаст,
Дигар даст Нӯъмону теғе ба даст.

Ҳама гирд бар гирди пардасарой,
Набуд ҷуз бузургони тозӣ ба ҷой.

Аз эрониён он ки буд покрой,
Биёмад ба даҳлези пардасарой,

Бифармуд то парда бардоштанд,
Зи даршон ба овоз бугзоштанд.

Расиданд наздики Баҳромшоҳ,
Бидиданд зебо яке тоҷу гоҳ.

Ба овоз гуфтанд: «Анӯша бадӣ,
Ҳамеша зи ту дур дасти бадӣ!»

Шаҳаншоҳ пурсиду бинвохтшон,
Бар андоза-бар пойгаҳ сохтшон.

### СУХАНИ БАҲРОМ БО ЭРОНИЁН ДАР БОРАИ ШОИСТАГИИ ХУД БА ПОДШОҲӢ ВА САР ТОФТАНИ ЭШОН АЗ ОН

Чунин гуфт Баҳром, к-эй меҳтарон,
Ҷаҳондидаву солхӯрда сарон,

Падар бар падар подшоҳӣ марост,
Чаро бахшиш акнун барои шумост?

---

1 Л — Нишаст ӯ ба оини шоҳаншаҳӣ,
Биёрост ӯ тоҷу тахти меҳӣ.

2 Л — Ба.

Ба овоз гуфтанд эрониён,
Ки моро шикебо макун бар зиён!

Нахоҳем яксар ба шоҳӣ туро,
Бару бум моро, сипоҳӣ[1] туро.

К-аз ин тухма пурдоғу дудему[2] дард,
Шабу рӯз бо печишу боди сард.

Чунин гуфт Баҳром, к-оре равост,
Ҳаво бар дили ҳар касе подшост.

Маро гар нахоҳед, бе рои ман
Чаро кас нишонед бар ҷои ман?

Чунин гуфт мӯбад, ки аз роҳи дод,
На кеҳтар гурезад, на хусравнажод.

Ту аз мо яке бошу шоҳӣ гузин,
Ки хонанд ҳар кас бар ӯ офарин.

Се рӯз андарин кор шуд рӯзгор,
Ки ҷӯянд аз Эрон яке шаҳриёр.

Навиштанд кас номи сад номвар,
Фурӯзандаи тоҷу тахту камар.

Аз ин сад яке номи Баҳром буд,
Ки ӯ подшоҳи[3] дилором буд.

Аз ин[4] сад ба панҷоҳ боз омаданд,
Пур аз чораву пурниёз[5] омаданд.

Зи панҷоҳ Баҳром буд аз нахуст,
Агар ҷуст ҷои падар, дод ҷуст.

Зи панҷоҳ сиро навиштанд ном,
Гузинони Эрони бо ному ком.[6]

---

[1] Л — табоҳӣ. [2] Л — курмему. [3] ИЛ — дар подшоҳӣ. [4] Л — он. [5] Л — бониёз. [6] ИЛ — б. 538 нест.

Зи сӣ низ Баҳром буд пешрав,
Ки ҳам тоҷвар буду ҳам шоҳи нав.

Зи сӣ низ карданд мӯбад чаҳор,
В-аз он чор Баҳром буд шаҳриёр.

Чу танг андар омад зи шоҳӣ сухан,
Зи Эрон ҳар он кас, ки буд ӯ куҳан.

Нахоҳем гуфтанд Баҳромро,
Далеру[1] сабуксору[2] худкомро.

Хурӯше баромад миёни сарон,
Дили ҳар касе низ гашт андар он.

Чунин гуфт Манзар ба эрониён,
Ки хоҳам, ки донам ба суду зиён,

К-аз[3] ин шоҳи носолхӯрда ҷавон,
Чароед пурдарду хаста равон?[4]

Бузургон ба посух биёростанд,
Басе хастадил порсӣ хостанд.

Аз Эрон киро хаста буд Яздгирд,
Якояк бар он дашт карданд гирд.

Якеро бурида ду дасту ду пой,
Яке монда бедасту пояш[5] ба ҷой.

Якеро ду дасту ду гӯшу забон,
Бурида шуда чун тани беравон.

Якеро зи тан дур карда ду кифт,
Аз он хастагон монд Нӯъмон шигифт.

---

[1] Л — Далери. [2] сабуксори. [3] Л — Аз.

[4] ТПЗ — Ба фарҳанги ӯ дар замин шоҳ нест,
Ба дидори ӯ бар фалак моҳ нест.
Хадангаш ба сандон гузора кунад,
Ба нерӯ ки аз ҷойгаҳ барканад.
Ба давлат ҷавон асту бо рой пир,
Ҳунарманду бинодилу ёдгир.

[5] Л — Тиҳӣ монда бар ҷою ҷонаш.

Якеро ба мисмор канда ду чашм,
Чу Манзар бидид он, баровард хашм.

Ғами гашт аз он кор Баҳром сахт,
Ба хоки падар гуфт, к-эй шӯрбахт,

Чаро[1] чашми шодит бардӯхтӣ,
Равонам[2] ба оташ чаро сӯхтӣ?!

Ҷаҳонҷӯй Манзар ба Баҳром гуфт,
Ки ин бад бар эшон нашояд[3] нуҳуфт.

555 Суханҳо шунидӣ, ту посух гузор,
Ки кундӣ на хуб ояд аз шаҳриёр

СУХАН ГУФТАНИ БАҲРОМ БО ЭРОНИЁН
АЗ ШОИСТАГИИ ХУД БА ПОДШОҲӢ

Чунин гуфт Баҳром, к-эй меҳтарон,
Ҷаҳондидаву коркарда[4] сарон,

Ҳама рост гуфтеду[5] з-ин[6] бадтар аст,
Падарро накуҳиш кунам[7] дар х(в)ар аст.

Аз ин чошнӣ ҳаст наздики ман,
Аз ӯ тира шуд рои борики ман.

Ки айвони у буд зиндони ман,
Чу бахшоиш овард яздони ман.

560 Раҳонида Тайнӯшам аз дасти ӯй.
Бишуд хаста коми ман аз шасти ӯй.

Аз он кардаам дашти[8] Манзар паноҳ,
Ки ҳаргиз надидам навозиш зи шоҳ.

---

1 ИЛ — Агар. 2 Л — Равонро. 3 Л — набояд. 4 И — Ҷаҳонгаштаву кордида. 5 Л — гуфтанду. 6 И — гуфтанду ин. 7 И — кунун. 8 Л — дасти.

Бад-он хӯ мабодо, ки мардум бувад,
Чу бошад пай мардумӣ гум бувад.

Сипосам зи яздон, ки додам хирад.
Равонам ҳаме аз хирад бар хӯрад.

Зи яздон ҳаме хостам то кунун,
Ки бошад ба хубӣ маро раҳнамун,

Ки то ҳар чӣ бо мардумон кард шоҳ,
Бишӯем мо ҷону дил з-он гуноҳ.

Таносониву дод ҷӯям ҳама,
Шубон бошаму зердастон рама.

Ба коми дили зердастон зиям,
Бар оини яздонпарастон зиям.

Маниш ҳасту фарҳангу рою ҳунар,
Надорад ҳунар шоҳи бедодгар.

Лаимиву каҷжӣ зи бечорагист,
Ба бедодгар бар бибояд гирист.

Падар бар падар подшоҳӣ марост,
Хирадмандиву некхоҳӣ марост.

Зи Шопури Баҳром то Ардашер,
Ҳама шаҳриёрони барнову пир,

Падар бар падар-бар ниёи манананд,
Ба дину хирад раҳнамои мананд.

Зи модар набера Шимероншаҳам,
Зи ҳамгаҳварӣ[2] бо хирад ҳамраҳам.[3]

Ҳунар ҳам, хирад ҳам, бузургим ҳаст,
Савориву мардиву нерӯи даст.

---

[1] И — б. 572 нест. [2] Л — хар гавхаре. [3] И — б. 573 нест.

Касеро надорам[1] зи мардон ба мард,
Ба разму ба базму ба[2] ҳар коркард.

Нуҳуфта маро ганҷи оганда ҳаст,
Ҳамон номдорони хусравпараст.

Ҷаҳон яксар обод дорам ба дод,
Шумо яксар аз дод бошед шод.

### ПАЙМОН КАРДАНИ ЭРОНИЁН БО БАҲРОМ ДАР БОРАИ ПОДШОҲӢ БА ШАРТИ БАРДОШТАНИ ТОҶ АЗ МИЁНИ ШЕРОН

Яке бо шумо боз паймон кунам,
Забонро ба яздон гаравгон кунам.

Биёрем шоҳаншаҳӣ тахти оҷ,
Бараш барниҳем ин гаронмоя[3] тоҷ.

Зи беша ду шери жиён оварем,
Ҳамон тоҷро дар миён оварем.

Бубандем шери жиён бар ду сӯй,[4]
Касеро, ки шоҳӣ кунад орзӯй,[5]

Шавад, тоҷ баргирад аз тахти оҷ.
Ба сар барниҳад номбардор тоҷ.

Ба шоҳӣ нишинад миёни ду шер,
Миён шоҳу тоҷ аз бару тахт зер.

Ҷуз ӯро нахоҳем[6] кас подшо,
Агар додгар бошаду порсо.

В-агар з-ин, ки гуфтам битобед ёл,
Гузинед гарданкашеро ҳамол,[7]

---

1 И — надонам. 2 И — Зи разму зи базму зи.
3 Л — Бисозем дайҳиму бар сар-ш; И — тангу бар сар-ш бинҳем.
4 Л — сӯ. 5 Л — ӯ. 6 ИЛ — нахонем.
7 ТП — Ба ҷое ки чун ман бувад пешрав,
Синони саворон бувад хору хав.

Ману Манзару гурзу шамшери тез,
Надонанд гурдони тозӣ гурез.

Барорем гард аз шаҳаншоҳатон,
Сарафшон кунем аз бари моҳатон,

Бигуфтам, шумо низ[1] посух диҳед,
Бад-ин довари рои фаррух ниҳед.

Бигуфт ину бархосту дар хайма шуд,
Ҷаҳоне зи гуфтораш осема шуд.

Ба Эрон раду мӯбаду ҳар кӣ буд,
Қи гуфтори он шоҳи доно шунуд.

Бигуфтанд, к-ин фарраи эзадист,
На аз роҳи кажживу нобихрадист.

Нагӯяд ҳаме як сухан чуз ба дод,
Сазад гар дил аз дод дорем шод.

Кунун он чи гуфт ӯ зи шери жиён,
Ҳамон[2] тахту тоҷи каӣ дар миён.

Гар ӯро бидарранд шерони нар,
Зи хунаш напурсад зи мо додгар.

Чу худ гуфту ин ройро[3] худ ниҳод,
Ҳамон гар бимирад, бибошем[4] шод.

В-ар эдун куҷо тоҷ бардорад ӯй,
Ба фарр аз Фаредун гузар дорад ӯй,

Ҷуз аз шаҳриёраш нахоҳем[5] кас,
Зи гуфторҳо дод додему[6] бас.

1 Л — Кунун ин ки гуфтем. 2 И — яке. 3 И — расм бар. 4 И — Ҳамоно ба маргаш набошем. Л — Сазад гар ба маргаш набошем. 5 Л — нахонем. 6 Л — дорему.

### ТОҶ БАРДОШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЗ МИЁНИ ШЕРОН

Гузашт он шабу бомдоди[1] пагоҳ,
Биёмад, нишаст аз бари гоҳ шоҳ.

Фиристоду эрониёнро бихонд,
Зи рӯзи гузашта фаровон биронд.

Ба овоз гуфтанд пас мӯбадон,
Ки эй шоҳи донотар аз бихрадон,

Ба шоҳаншаҳӣ дар чӣ пеш оварӣ,
Чу гирӣ ба мардиву[2] кундоварӣ?

Чӣ пеш орӣ аз доду аз ростӣ,
К-аз он гум шавад кажживу костӣ?»

Чунин дод посух ба фарзонагон,
Бад-он номдорону мардонагон.

Ки бахшиш бияфзоям аз гуфтугӯй,
Бикоҳам зи бедодиву ҷустуҷӯй.

Касеро куҷо подшоҳӣ сазост,
Заминро бар эшон бубахшем рост.

Ҷаҳонро бидорам ба рою ба дод,
Чу эмин кунам, бошам аз дод шод.

Касеро, ки дарвеш бошад ҳаниз,
Зи ганҷи ниҳода бубахшем чиз.

Гунаҳкардаро панд пеш оварем,
Чу дигар кунад, банд пеш оварем.

Сипаҳро ба ҳангом рӯзӣ диҳем,
Хирадмандро дилфурӯзӣ диҳем.

---

[1] И — бомдодон. [2] ИЛ — баландиву.

Ҳамон рост дорем дил[1] бо забон,
Зи кажживу тори бупечам равон.

Қасе к-ӯ бимирад, набошад-ш хеш,
В-аз ӯ чиз монад зи андоза беш,

Ба дарвеш бахшам, наёрам ба ганҷ,
Набандам дил андар сарои сипанҷ.

Ҳама рой бо кордонон занам,
Ба тадбир пушти ҳаво бишканам.

Зи дастур пурсем яксар сухун,
Чу кори нав афканд хоҳем бун.

Қасе к-ӯ ҳаме дод хоҳад зи ман,
Наҷӯям парогандани анҷуман.

Диҳам доди он кас, ки ӯ дод хост,
Ба чизе наронам сухан[2] ҷуз ба рост.

Мукофот созам бадонро зи[3] бад,
Чунон, к-аз раҳи шаҳриёрон сазад.

Бад-ин покьяздон гувои ман аст,
Хирад бар[4] забон кадхудои ман аст.

Ҳамон мубадонмубаду[5] бихрадон,
Бузургону корозмуда[6] радон.

Ба овоз гуфтанд: «Мо бандаем,
Ба фармону роят сарафкандаем».

Пас он гаҳ чунин гуфт Баҳромшоҳ,
Ки эй бихрадони намояндароҳ,[7]

Бар ин кор агар сол сад[8] бугзарад,
Напечам зи гуфтор ҷону хирад.

---

[1] ИЛ — дорам дилам. [2] ИЛ — забон. [3] Л — ба. [4] Л — бо. [5] Л — Ҳама мубадон в-он ки буд. [6] Л — Писандидаву коркарда. [7] ИЛ — б. 620, 621 нест. [8] Л — як сол агар

Зи мерос безораму[1] тоҷу тахт,
В-аз он пас нишинем[2] бар ш̅урбахт.

Шуниданд аз ӯ ин сухан мубадон,[3]
Бузургону бедордил бихрадон.[4]

Зи гуфти гузашта пушаймон шуданд,
Гунаҳкардагон сӯи дармон шуданд.

Ба овоз гуфтанд, як бо дигар,
Ки шохе бувад з-ӯ[5] сазовортар?

Ба мардиву гуфтору рою нажод,
Аз ин поктар дар ҷаҳон кас назод.[6]

Зи дод офаридаст эзад варо,
Мабодо, ки коре бувад[7] бад варо.

Ҳама некуиҳо биёбем аз ӯй,
Ба хӯрду ба шодӣ дарорем[8] рӯй.

Ба гуфтор агар ҳеҷ тоб оварем,
Хирадро ҳаме[9] сар ба хоб оварем.

Бад-ин бурзи болову ин шоху ёл[10]
Ба гетӣ касе нест вайро ҳамол.[11]

Агар худ бигирад сари гоҳи хеш,
Ба гетӣ кӣ бошад зи Баҳром беш?

Аз ин пас зи эрониёнаш чӣ бок,
Чӣ мо пеши ӯ-дар[12] чӣ як мушт хок?

Ба Баҳром гуфтанд, к-эй фарманд,
Ба шоҳи туӣ ҷони моро писанд.

---

[1] И — бинвозаму. [2] И — нишинам. Л — нишастам. [3] Л — Сухан чун шуниданд аз ӯ бихрадон. [4] Л — мубадон. [5] ИЛ — з-ин. [6] И — мабод. [7] Л — расад. [8] Л — Ба дод андар орем. [9] И — ҳама. [10] И — бол

[11] ТПЗЛ — Паси пушти ӯ лашкари тозиён,
Чу Манзар-ш ёвар ба суду зиён.

[12] И — ӯву.

Надонист мардум[1] ҳунарҳои ту,
На гуфтору на[2] донишу рои ту.

Чу Хусрав, ки буд аз нажоди Пашин,[3]
Ба шоҳи бар ӯ хондем[4] офарин.

Ҳама зери савганду банди[5] ваем,
Ба савганд зери[6] газанди ваем.

Гар ӯ з-ин сипас шоҳи Эрон бувад,
Ҳама марз дар ҷанг вайрон бувад.

Гурӯҳе ба Баҳром бошанд шод,
Зи Хусрав дигар нима[7] гиранд ёд.

Зи дод он чунон беҳ, ки паймони туст,
В-аз он пас ҷаҳон зери фармони туст.

Баҳона ҳамон шерҷанг асту[8] бас,
В-аз он пас бузургӣ наҷӯянд кас.

Бад-он гашт Баҳром ҳамдостон,
Ки худ оварид ончунон достон.

Чунин[9] буд оини шоҳони род,[10]
Ки чун нав[11] бувад шоҳи фаррухнажод,

Бари ӯ шудӣ мӯбади мӯбадон,
Бибурдӣ се бинодил аз бихрадон.

Ҳам ӯ[12] шоҳ баргоҳ биншондӣ,
Бар он тахт[13] бар[14] офарин хондӣ.

Бибурдӣ ба наздики ӯ тоҷи зар,
Аз ӯ ёфтӣ зебу оину фар.[15]

---

1 ИЛ — кас дар. 2 ИЛ — Ба покӣ тану. 3 Л — Ки ҳасташ ба покӣ нишин. 4 Л — хонданд. 5 Л — панди. 6 Л — гуяд, ки андар. 7 Л — тоза. 8 И — Ҳамин шери ҷангист. 9 Л — Чунон. 10 Л — дод.
11 Л — ӯ. 12 ИЛ — Хаму. 13 Л — тоҷ. 14 И — тоҷи ӯ. 15 ИЛ — б. 646 нест.

Ниҳодӣ кулоҳи каи[1] бар сараш,
Бисудӣ ба шодӣ ду рух бар бараш.

В-аз он пас ҳар он кас, ки бурдӣ нисор,
Ба хоҳанда додӣ ҳама шаҳриёр.

Ба мӯбад супурданд пас тоҷу тахт,
Ба ҳомун шуд аз шаҳр бедорбахт.[2]

Ду шери жиён дошт Густаҳми гурд,
Ба занҷир баста ба мӯбад супурд.

Бибурданд шерони ҷангӣ кашон,
Қашанда шуд аз бим чун беҳушон,

Бубастанд бар поян тахти оҷ,
Ниҳоданд бар гӯшаи оҷ тоҷ.

Ҷаҳоне назора бар он тоҷу тахт
Ки то чун бувад кори пирӯзбахт.[3]

РАФТАНИ БАҲРОМ ВА ХУСРАВ БА ҲОМУН
ВА КУШТАНИ БАҲРОМ ШЕРОНРО
ВА БАР ТАХТ НИШАСТАН

Чу Баҳрому Хусрав ба ҳомун шуданд,
Бари шер бо дил пур аз хун шуданд.

Чу Хусрав бидид он ду шери жиён,
Ниҳода яке афсар андар миён.

Бад-он мӯбадон гуфт: «Тоҷ аз нахуст
Сазовори он шуд, ки шоҳӣ биҷуст.

Ва дигар, ки ман пираму ӯ ҷавон,
Ба чанголи шери жиён нотавон,

Бад-ин кор ӯ[4] пешдастӣ кунад,[5]
Зи[6] барнойву тандурустӣ кунад.

---

[1] ИЛ — ба номи каён. [2] И — он шохи пирӯзбахт. [3] ИЛ — он некбахт. [4] Л — Бар ин бад гар ӯ. [5] И — Бар ин бар гар ӯ шердастӣ. [6] ИЛ — Ба.

Бад-ӯ гуфт Баҳром к-оре, равост,
Ниҳонӣ надорем гуфтори рост.

660 Яке гурзаи говсар баргирифт,
Ҷаҳоне бад-ӯ монда андар шигифт.

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки эй подшо,
Хирадманду бодонишу порсо,

Ҳаме ҷанги шерон кӣ фармоядат,
Ба ҷуз[1] подшоҳӣ чӣ афзоядат?

Ту ҷон аз паи подшоҳӣ мадеҳ,
Танатро ба хира табоҳӣ[2] мадеҳ.

Ҳама бегуноҳему ин кори туст,
Ҷаҳонро ҳама дил ба бозори туст».

665 Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-эй динпижӯҳ,
Ту з-ин бегуноҳиву дигар гурӯҳ.

Ҳамоварди ин наррашерон манам,
Харидори ҷанги далерон манам».

Бад-ӯ гуфт мӯбад: «Ба[3] яздон паноҳ,
Чу рафтӣ дилатро бишӯй аз гуноҳ.

Чунон кард, к-ӯ гуфт Баҳромшоҳ,
Дилаш пок шуд, тавба кард аз гуноҳ.[4]

---

1 Л — Ҷуз аз. 2 Л — Хуриш бебахона ба моҳӣ. 3 И — ки. 4 Л — б.
668 пест. ТПЗ:

Ба оби равон шуд сару тан бишуст,
Бар он дашт ҷои ниёиш биҷуст.
Ниёишкунон пеши яздони пок
Ду рух барниҳода бари тирахок,
Ба яздон чунин гуфт, к-эй кирдгор,
Ту пируз кун бандагонро ба кор
Агар банда з-ин дод ҷуяд ҳаме,
Ки аз бад ҷаҳонро бишуяд ҳаме,
Дар ин ҷанг ҷонам шикебо кунӣ,
Абар наррашерон тавоно кунӣ
В-аз он ҷо биёмад хирадманд шоҳ,
Ниҳод он гаҳе руйро суи роҳ.

Ҳаме рафт бо гурзаи говрӯй,
Чу диданд шерони пархошҷӯй,

Яке зуд занҷир бугсисту банд,
Биёмад бари шаҳриёри баланд,[1]

Бизад бар сараш гурз Баҳроми гурд,
Зи чашмаш ҳама равшаной бибурд.

Бари дигар омад, бизад бар сараш,
Фурӯ рехт аз[2] дида хун бар бараш.

Ҷаҳондор биншаст бар тахти оҷ,
Ба сар барниҳод он дилафрӯз тоҷ.

Бишуд Хусраву бурд пешаш намоз,
Чунин гуфт, к-эй шоҳи гарданфароз,

Нишасти ту бар гоҳ фархунда бод,
Ялони ҷаҳон пеши ту банда бод!

Ту шоҳиву мо бандагони туем,
Ба хубӣ физояндагони туем.

Ба яздон паноҳем, к-ӯ буд паноҳ,
Намояндаи роҳи гумкарда роҳ.[3]

Бузургон бар ӯ гавҳар афшонданд,
Бар он тоҷи нав офарин хонданд.

Зи гетӣ баромад саросар хурӯш,
Ба озар буд, ин ҷашни рӯзи сурӯш.[4]

Баромад яке абру шуд тирамоҳ,
Ҳаме барф борид аз[5] абри сиёҳ.

---

1 И — б. 670 нест. 2 И — бо. 3 Л — б. 627 нест.
4 ТПЗЛ — Ки Баҳром бигрифт шоҳаншаҳӣ,
Беҳӣ ҷуст аз он тахту он фарраҳӣ.
5 ИЛ — тир борид зи.

На дарьё падид асту на дашту[1] роғ,
Набинам ҳаме бар ҳаво парри[2] зоғ.[3]

Намондам намаксуду ҳезум, на ҷав,
На чизе падид аст то ҷавдарав.

Бад-ин тирагӣ рӯзу ҳавли хироҷ,
Замин гашта аз барф чун кӯҳи оҷ.

Ҳама корҳо шуд сар андар нишеб,
Магар даст гирад ба чизе[4] ҳабиб.

Қунун достоне бигӯям шигифт,
К-аз он бартар андоза натвон гирифт.

## ПОДШОҲИИ БАҲРОМИ ГӮР

*шасту се сол буд*

### НИШАСТАНИ БАҲРОМ БАР ТАХТ ВА АНДАРЗ КАРДАН БА САРДОРОН ВА НОМАҲО БАР МЕҲТАРӢ НАВИШТАН

Чу бар тахт биншаст Баҳроми Гӯр,
Ба шоҳӣ бар ӯ офарин хонд[5] ҳур.

Парастиш гирифт офаринандаро,
Ҷаҳондори бедори бинандаро.

Худованди пирӯзиву бартарӣ,
Худованди афзуниву камтарӣ.[6]

Аз он пас чунин гуфт, к-ин тоҷу тахт
Аз он ёфтам, к-офаридаст бахт.

---

[1] ИЛ — падиду надашту на. [2] И — На андар ҳаво ҳаст парвози
[3] ТПЗИЛ — Ҳавосил фишонад ҳаме* ҳар замон,
Чӣ созад ҳаме ин баланд осмон?
[4] И — худои; И — Ҳусайни. [5] И — Бар у офарин кард кайвону.
[6] ТПЛМ — Худованди доду худованди рой,
Худованди рузидеҳи раҳнамой.
* И — ҷавоҳирфишон шуд ҳаво

Бад-ӯ дорам уммеду з-ӯям[1] ҳарос,
В-аз ӯ дорам аз некуиҳо сипос.

Шумо ҳам бад-ӯ низ нозиш[2] кунед,
Бикӯшед, то аҳди ӯ нашканед.

Забон баркушоданд эрониён,
Ки бастем мо бандагиро миён,

Ки ин тоҷ бар[3] шоҳ фархунда бод,
Ҳамеша дилу бахти ӯ зинда бод!

В-аз он пас куҷо офарин хонданд,
Ҳама пеши ӯ гавҳар афшонданд.[4]

Чунин гуфт Баҳром: «Эй[5] саркашон,
Зи неку бади рӯз дида нишон.

Ҳама бандагонему эзад якест,
Парастиш ҷуз ӯро сазовор нест.

Зи бадрӯз бебим дорематон,
Ба бадхоҳ ҳоҷат наёрематон».

Бигуфт ину аз пеш бархостанд,
Бар ӯ офарини нав оростанд.

Шаби тира буданд богуфтугӯй,
Чу хуршед бар чарх бинмуд рӯй,

Ба ором биншаст бар гоҳ шоҳ,
Бирафтанд эрониён борхоҳ.

Чунин гуфт Баҳром бо меҳтарон,
Ки эй номдорону[6] некахтарон,

Ба яздон гироему ромиш кунем,
Нанозему дил аз ҷаҳон[7] барканем.

---

1 И — Бад-ӯям уммед аст аз-ӯям. 2 Л — бар ин нозиш афзун. 3 И — тахтро. 4 И — Забарҷад ба тоҷаш барафшонданд. 5 ИЛ — к-«Эй. 6 И — номҷӯёну; Л — номдорону. 7 Л — Бинозем дил з-ин ҷаҳон.

Бигуфт ину аспи гавон хостанд,
Қаиборгоҳаш биёростанд.

Се дигар чу биншаст бар тахт гуфт,
Ки расми парастиш набояд нуҳуфт,

Ба хастии яздон гувоӣ диҳем,
Равонро ба дин[1] ошноӣ[2] диҳем.

Биҳишт асту ҳам дӯзаху растахез,
Зи неку зи бад нест моро гурез.

Қасе к-ӯ нагарвад ба рӯзи шумор,
Мар ӯро ту бодину доно[3] мадор.

Ба рӯзи чаҳорум чу бар тахти оҷ
Ба сар барниҳод он писандида тоҷ,

Чунин гуфт, к-аз ганҷ ман як замон
Наям шод, к-аз мардумам шодмон.

Наям хостори сарои сипанҷ,
На аз бозгаштан ба тимору ранҷ.

Ки он аст ҷовиду ин[4] раҳгузар,
Ту аз оз парҳезу[5] андӯҳ мах(в)ар.

Ва панҷум чунин гуфт, к-аз ранҷи кас
Наям шод, то бошадам дастрас.

Ба кушиш биҷӯем хуррамбиҳишт.
Хунук он ки ҷуз тухми некӣ накишт.

Шашум гуфт «бар мардуми зердаст
Мабодо, ки ҷӯем ҳаргиз шикаст,

Сипаҳро зи душман таносон кунем,
Бадандешагонро ҳаросон кунем».

---

[1] Л — бад-он. [2] И — раҳу рӯшноӣ. [3] ? — дониш. [4] Л — аз ин.
[5] Л — ту з-он бар хур, эй роду.

Ба ҳафтум чу биншаст, гуфт: «Эй меҳон,
Хирадманду бедору дидаҷаҳон.

Чу бо мардуми зуфт зуфтӣ кунем,
Ҳама бо хирадманд ҷуфтӣ кунем.

Ҳар он кас ки бо мо насозанд гарм,
Бадӣ беш аз он бинад ӯ, к-аз падарм.

Ҳар он кас, ки фармони мо баргузид,
Ғаму дарду ранҷаш набояд чашид».

Ба ҳаштум чу биншаст, фармуд шоҳ,
Ҷавонуйро хонд з-он боргоҳ.

Бад-у гуфт наздики ҳар меҳтаре,
Ба ҳар номдореву ҳар кишваре,

Яке нома бинвис бо меҳру дод,
Ки Баҳром бар тахт биншаст шод.

Худованди бахшоишу ростӣ,
Гурезанда аз кажживу костӣ.

Ки бо фарру бурз асту бо меҳру дод,
Нагирад ҷуз аз покдодор ёд.

Пазируфтам онро, ки фармон барад,
Гуноҳ он бисеҷад, ки дармон барад.

Нишастам бари тахти фаррухпадар,
Бар оини Таҳмураси додгар.

Ҷуз аз ростӣ нест бо ҳар касе,
Агарчанд[1] аз ӯ кажжӣ ояд басе.

Ба дод аз ниёкон фузунӣ кунам,[2]
Шуморо бад-ин раҳнамунӣ кунам.[3]

Бар он дини Зардушт пайғамбарам,
Зи рои ниёкони худ нагзарам.

---

[1] ИЛ — Агар чи. [2] Л — кунем. [3] Л — кунем.

Ниҳем[1] дини Зардушти пешин ба рӯй,[2]
Бироҳим пайғамбари ростгӯй.[3]

Ҳама подшоҳед бар мони хеш,
Нигаҳбони марзу нигаҳдори кеш.

Ба фарзанду зан бар ҳамон подшо,
Хунук мардуми зираки порсо.

Нахоҳем оганд мо[4] зар ба ганҷ,
Қи аз ганҷ дарвеш монад ба ранҷ.

Гар эзад маро зиндагонӣ диҳад,
В-аз он[5] ахтарон безиёнӣ диҳад.

Яке ромиши нома хонед[6] низ,
Қ-аз он ҷовидон арҷ ёбеду[7] чиз.

Зи мо бар ҳама подшоҳе[8] дуруд,
Ба вижа, ки меҳраш[9] бувад тору пуд.

Ниҳоданд бар номаҳо-бар нигин,
Фиристодагон хост боофарин.

Бирафтанд бо номаҳо мӯбадон,
Саворони бинодилу биҳрадон.

ПАДРУД ГУФТАНИ БАҲРОМИ ГУР МАНЗАР ВА НУЪМОНРО ВА БАХШИДАНИ БОЖИ БОҚӢ БО ЭРОНИЁН

Дигар рӯз чун бардамид офтоб.
Биполуд[10] кӯҳу биёлуд[11] хоб.

Ба наздики Манзар шуданд ин[12] гурӯҳ,
Қи Баҳром аз эшон ҳаме буд[13] сутӯҳ.

---

[1] Л — Абар. [2] Л — буд уй. [3] Л — роҳҷуй: И — б. 45 нест. [4] ИЛ — огандани. [5] Л — В-аз ин. [6] Л — ҷашн хонанд. [7] Л — ёбанду. [8] ИЛ — подшоҳон. [9] И — додаш. [10] Л — Бимолид. [11] И — Биболид рузу биболид. [12] Л — он. [13] Л — ба ҷон буд.

Қи хоҳишгарӣ кун ба наздики шоҳ,
Зи кирдори мо то бубахшад гуноҳ.

Ки чунон шудем аз бади Яздгурд,
Ки хун дар дили номдорон фусурд.

Зи бас зишт, кирдору гуфтори ӯй,
Зи бедодиву[1] дарду озори ӯй.

Дили мо зи Баҳром аз он буд сард,
Қ-аз он шоҳ будем яксар ба дард.

Бишуд Манзару шоҳро кард нарм,
Бигустурд пешаш суханҳои гарм.

Бубахшид, агаршон басе[2] буд гуноҳ,
Ки богавҳару додгар буд шоҳ.

Биёрост айвони шоҳаншаҳӣ,
Бирафт он ки будаш беҳиву меҳӣ.

Чу ҷои бузургӣ[3] бипардохтанд,
Киро буд шоиста биншохтанд,

Ба ҳар ҷой хоне биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Дуввум рӯз рафтанд дигар[4] гурӯҳ,
Замоне[5] зи хӯрдан наёмад[6] сутӯҳ.

Ба се рӯз ҷашну маю сур буд,
Ғам аз кохи шоҳи ҷаҳон дур буд.

Бигуфт он, ки Нуъмону Манзар чӣ кард.
Зи баҳри ман ин покзода ду мард.

Ҳама меҳтарон хонданд офарин,
Бар он дашти ободу мардони кин.

---

[1] Л — бедориву. [2] Л — агар чандашон. [3] И — бузургон. [4] **И — Дигар руз рафтанд яксар;** Л — яксар. [5] Л — Сипаҳбуд. [6] **И — Зи хӯрдан наёмад сипахбад.**

В-аз он пас дари ганҷ букшод шоҳ,
Ба динору дебо биёрост гоҳ.

Ба аспу ситому ба хафтони ҷанг,
Зи бӯву зи ҳар гавҳаре ранг-ранг,

Саросар ба Нуъмону Манзар супурд,
Ҷувонуй рафт он бад-эшон шумурд.

Қас андозаи бахшиши ӯ надошт,
Ҳамон тоб[1] бо кӯшиши ӯ надошт,

Ҳамон тозиёнро басе[2] ҳадья дод,
Аз айвони шоҳӣ бирафтанд шод.

Биёвард пас хилъати[3] хусравӣ,
Ҳамон аспу ҳам ҷомаи паҳлавӣ.[4]

Ба Хусрав супурданду бинвохташ,
Бари гоҳи фархунда биншохташ.

Шаҳаншаҳ зи Хусрав ба Нарсӣ расид,
Зи тахт андаромад ба курсӣ расид.

Бародар-ш буд якдилу якзабон,
Аз ӯ камтар он номдори ҷавон.

Варо паҳлавон кард бар лашкараш,
Бад-он то ба оин бувад кишвараш.

Сипаҳро саросар ба Нарсӣ супурд,
Ба бахшиш ҳама подшоҳӣ[5] бибурд.

Дари ганҷ букшоду рӯзӣ бидод,
Сипоҳаш зи динор гаштанд шод.

---

1 Л — тов. 2 И — зару. 3 Л — бас ҳоҷиви. 4 И — ба ҷои б. 74 ин б. омада:

Биёвард пас аспи зарринситом,
Ҳамон тавк бо теғи зарринниём.

5 И — номи некӣ.

Бифармуд пас то Гушаспи дабир,
Биёмад бари шоҳи мардумпазир.

Ҷувонӯи бедор бо ӯ ба ҳам,
Ки наздики ӯ буд шумори дирам,

Зи боқӣ,[1] ки буд назди[2] эрониён
Бифармуд то бугсилад аз миён.

Дабирони доно ба девон шуданд,
Зи баҳри дирам пеши кайвон шуданд.

Ки ӯ буд доно бад-он рӯзгор,
Шумори ҷаҳон[3] дошт андар канор.[4]

Зи боқӣ,[5] ки шуд дар ҷаҳон сарбасар,
Ҳама баргирифтанд як бо дигар.

Навад бору се бор карда шумор,
Ба айвон дирам буд ҳазорон-ҳазор.

Бубахшиду айвон[6] бар оташ ниҳод,
Ҳама шаҳри Эрон бад-ӯ буд[7] шод.

Чу огоҳ шуд з-он сухан ҳар касе,
Ҳаме офарин хонд ҳар кас басе.

Бирафтанд яксар ба оташкада,
Ба айвони наврӯзу ҷашни сада.

Ҳама[8] мушк бар оташ афшонданд,
Ба Баҳром-бар[9] офарин хонданд.

В-аз он пас фиристод корогаҳон,
Бад-он[10] то бигарданд гирди ҷаҳон,

---

1 Л — Зиёне. 2 И — пеши. 3 И — дирам. 4 Л — шумор. 5 Л — Зиёне. 6 И — девон; Л — Бубахшид девон. 7 ИЛ — аз он гашт. 8 Л — ҳаме. 9 Л — шаҳ. 10 Л — Яке.

Қасеро куҷо ронда буд Яздгирд,
Биҷусту ба як шаҳрашон кард гирд.

Бад-он то шавад номаи шаҳриёр,
Ки озодагонро кунад хостор.

Фиристод хилъат ба ҳар меҳтаре,
Бубахшид бо бадрашон[1] кишваре.

Раду мӯбаду марзбон[2] ҳар кӣ буд,
Ки овози Баҳром аз он сон шунуд,[3]

Саросар ба даргоҳи ӯ[4] омаданд,
Кушодадилу тозарӯ[5] омаданд.

Бифармуд, то ҳар кӣ буд додҷӯй,[6]
Сӯи мӯбадон мӯбад овард[7] рӯй.[8]

Чу фармонаш омад ба[9] гетӣ ба ҷой,
Мунодигаре кард бар дар ба пой.

Ки эй зердастони бедори шоҳ,
Зи ғам дур бошеду дур аз гуноҳ.

В-аз он пас бар он кас кунед офарин,
Ки аз додаш obод бошад замин.

Зи гетӣ ба яздон паноҳеду бас,
Ки доранда ӯсту фарьёдрас.

Ҳар он кас, ки бугзид фармони мо,
Напечид сар аз роҳу паймони мо.

Бар ӯ некӯвиҳо ба[10] афзун кунем,
Зи дил кинаву оз[11] берун кунем.

---

ИЛ — б-андозашон. [2] И — паҳлавон. [3] И — Ки ӯро зи Баҳром з-он сон ба суд. [4] И — шоҳ; Л — даргоҳ боз. [5] И — некхоҳ; Л — [illegible]оз. [6] Л — чораҷӯй. [7] Л — оранд. [8] И — б. 98 нест. [9] Л — зи. [10] И — бар. [11] И — дард.

Ҳар он кас, ки аз дод бугрезад ӯй,
Ба бодафараи мо[1] даровезад[2] ӯй.

Гар эдун, ки нерӯ диҳад кирдгор,
Ба коми дили мо бувад рӯзгор.

Бар ин некӯвиҳо физоиш бувад,
Шуморо бари мо ситоиш бувад.

Ҳама шаҳри Эрон ба гуфтори ӯй
Бирафтанд шодону дил[3] роҳҷӯй.

Бад-он гаҳ, ки шуд подшоҳиш рост,
Фузун гашт[4] шодиву андӯҳ бикост.[5]

Ҳама базму нахчир буд кори ӯй,
В-агар[6] аспу майдону чавгону[7] гӯй.

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО ЛАНБАКИ ОБКАШ

Чунон буд, ки рӯзе ба нахчири шер
Ҳаме рафт бо чанд гурди далер.

Бишуд пирмарде асое ба даст,
Бад-ӯ[8] гуфт, к-эй шоҳи яздонпараст,

Ду марданд шоҳо, бад-ин шаҳри мо,
Яке бонаво, дигаре бенаво.[9]

Бироҳом мардест пурсиму зар,
Ҷуҳуде фиребандае бадгуҳар.[10]

Ба озодагӣ[11] Ланбаки обкаш,
Ба ороиши хону гуфтори х(в)аш.

---

1 И — бар. 2 Л — то биёвезад. 3 Л — бо. 4 И — Бияфзуд. 5 И — кост. 6 ИЛ — Дигар. 7 Л — чавгону майдону. 8 И — Чунин. 9 ИЛ — б. 113 нест. 10 ИЛ — бадхунар. 11 Л — озодии.

Бипурсид аз ин,[1] меҳтарон, к-эй[2] кианд,
Зи гуфтори ин пирсар[3] бар чианд?

Чунин гуфт бо ӯ яке порсо,
Ки эй номвар богуҳар подшо,

Сақоест ин Ланбаки обкаш,
Ҷавонмарду бо хону гуфтори[4] х(в)аш

Ба як нимрӯз[5] об дорад нигоҳ,
Дигар нима меҳмон бичӯяд ба роҳ.

Намонад ба фардо аз имрӯз чиз,
Нахоҳад, ки дар хона монад-ш низ.

Бироҳоми бебар ҷуҳудест зуфт,
Куҷо зуфтии ӯ нашояд нуҳуфт.

Дирам дораду ганҷу динор низ,
Ҳамон фарши дебову ҳар гуна чиз.[6]

Мунодигареро бифармуд шоҳ,
Ки рав бонг зан пеши бозоргоҳ.

Ки ҳар кас, к-аз ин[7] Ланбаки обкаш
Харад[8] оби хӯрдан, набошад-ш х(в)аш.

Ҳаме буд то зард гашт офтоб,
Нишаст аз бари боран зудьёб.

Сӯи хонаи Ланбак омад чу бод,
Бизад ҳалка бар чӯбу овоз дод:

«Манам»,— саркаше гуфт[9] аз эронсипоҳ,
Чу шаб тира шуд боз[10] мондам зи роҳ.

---

1 И — он. 2 И — к-ин. 3 И — гуфтору кирдори ӯ. 4 И — Ба хубиву гуфтору кирдори. 5 И — яке нимарӯз.
6 ТПМ — Набинад касе нони ӯро ба чашм,
Ҳамеша зи меҳмон бувад пур зи хашм.
7 ИЛ — ки аз. 8 Л — Хӯрад. 9 Л — Ки ман саркашеам. 10 Л — шуд тира шаб, дур.

Бад-ин хона имшаб дирангам диҳӣ,
Ҳама мардумӣ бошаду фарраҳӣ».

Бишуд шод Ланбак зи овози ӯ,[1]
В-аз он хубгуфтори дамсози ӯ.[2]

Бад-ӯ гуфт: «Зуд андар о,[3] эй савор,
Ки хушнуд бодо зи ту шаҳриёр.

Агар бо ту даҳ тан будӣ, беҳ будӣ,
Ҳама бар сарам як ба як меҳ будӣ».

Фуруд омад аз асп Баҳромшоҳ,
Ҳаме дошт он бора Ланбак нигоҳ.

Бимолид шодон ба чизе танаш,
Яке ришта бинҳод бар гарданаш.

Чу биншаст Баҳром, Ланбак давид,
Яке хубшатранҷ[4] пеш оварид.

Яке чорае сохт дар[5] хӯрданӣ,
Биёвард ҳар гуна оварданӣ.[6]

Ба Баҳром гуфт: «Эй гаронмоямард,
Бинеҳ мӯхр, ёрӣ[7] кун аз баҳри х(в)ард.[8]

Чу нон хӯрда шуд, мизбон дар замон
Биёвард як ҷоми май шодмон.

Аҷаб монд шоҳ аз чунон ҷашни ӯ[9]
Аз он чарбгуфтору он тозарӯ.[10]

Бихуфт он шабу бомдоди[11] пагоҳ
Аз[12] овози ӯ чашм букшод шоҳ.

---

1 Л — аз овози ӯй; И — ӯй. 2 ИЛ — ӯй. 3 Л — ой. 4 И — нарду шатранҷ; Л — шухрашатранҷ. 5 Л — аз. 6 И — б. 135 нест. 7 Л — мӯхра, бозӣ.
8 ТПЗЛ — Сутуд он чи* Ланбак бад-ӯ дод шоҳ,
Бупечиду бинҳод дар** пешгоҳ.
9 И — Баҳром аз он ҷашни ӯй; Л — ӯй. 10 И — В-аз он хубгуфтору он тозаруй; Л — тозаруй. 11 И — бомдодон. 12 И — Бар.
* Л — Бидид он ки: ** Л — бар
* 1 М — мӯхра

Чунин гуфт Ланбак ба Баҳроми Гур,
Қи шаб бенаво буд, ҳамоно сутур.

Як имрӯз меҳмони ман бошу бас,
Агар ёр хоҳӣ, бихонем кас.

Биёрем чизе, ки хоҳӣ ба ҷой,[1]
Як имрӯз бо ман ба шодӣ гирой.[2]

Чунин гуфт бо обкаш шаҳриёр,
Қи имрӯз чандон[3] надорем[4] кор.

Бишуд Ланбаку машк чанде кашид,
Харидори обаш наёмад падид.

Ғамӣ гашту пероҳанаш баркашид,
Яке обкашро ба бар даркашид.

Яке буд дастор дар зери машк,
Ба бозор шуд, гӯшт оварду кашк.

Биёмад ва[5] колушае барниҳод,
В-аз он ранҷи меҳмон ҳаме кард ёд

Бипухту бихӯрданду май хостанд,
Яке маҷлиси дигар оростанд.

Бибуд он шаби тира бо май ба даст,
Ҳамон Ланбаки обкаш майпараст.

Чу шаб рӯз шуд низ Ланбак бирафт,
Биёмад ба наздики Баҳром тафт.

Бад-ӯ гуфт: «Рӯзу шабон[6] шод бош,
Зи ранҷу ғаму кӯшиш[7] озод бош.

---

[1] Л — ояд ба кор. [2] Л — шодӣ гузор. [3] И — ҷуз ту. [4] Л — дигар бубандем. [5] Л — Ба андоми. [6] И — сайӯм. [7] И — ҳар дарду андӯҳ.

Бизан даст бо ман як имрӯз низ,
Чунон дон, ки бахшандаи ҷону чиз».

Бад-ӯ гуфт Баҳром к-ин худ мабод,
Қи рӯзи се дигар набошем шод.

Бар ӯ обкаш офарин карду гуфт,
Қи «бедордил бошу бо бахт ҷуфт».[1]

Ба бозор шуд машку олат бибурд,
Гаравгон ба пурмоя марде супурд.

Харид он чи бонсту омад дамон,
Ба наздики Баҳром шуд шодмон.

Бад-ӯ гуфт: «Ёрӣ деҳ андар хӯриш,
Қи мард аз хӯришҳо кунад парвариш».

Аз ӯ бистуд он гӯшт Баҳром зуд,
Буриду бар оташ хӯришҳо фузуд.

Чу нон хӯрда, май гирифтанд ҷом,
Нахуст аз шаҳаншоҳ бурданд ном.

Чу май хӯрда шуд, хобро ҷой кард,
Ба болини ӯ шамъ барпой кард.

Ба рӯзи чаҳорум чу[2] бифрӯхт ҳур,
Шуд аз хоб бедор Баҳроми Гӯр.

Бишуд мизбон гуфт, к-эй номдор,
Бибудӣ дар ин хонаи тангу тор.

Дар ин хона бешак таносон наӣ,
Гар аз шоҳи Эрон ҳаросон наӣ,

Ду ҳафта дар ин хонаи бенаво,[3]
Бибошӣ, гар ояд дилатро ҳаво.

---

1 И — б. 152—154 нест. 2 ИЛ — бияфрӯхт. 3 Л — бебаҳо.

Бар ӯ офарин кард Баҳромшоҳ,
Ки шодону хуррам бизӣ[1] солу моҳ.

Се рӯз андар ин хона будем шод,
Зи шоҳони гетӣ гирифтем ёд.

Ба ҷое бигӯям суханҳои ту,
Ки равшан шавад з-он дилу рои ту.

Ки ин мизбонӣ[2] туро бар диҳад,
Чу афзун кунӣ, тахту афсар[3] диҳад.

Биёмад чу гард, аспро зин ниҳод,[4]
Ба нахчиргаҳ рафт аз он хона шод.

Ҳаме кард нахчир то шаб зи кӯҳ,
Баромад[5] сабук бозгашт аз гурӯҳ.

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО БИРОҲОМИ ҶУҲУДӢ

Пас аз лашкари хеш Баҳром тафт,
Сабук сӯи хони Бироҳом рафт.

Бизад дар, бад-ӯ гуфт, к-аз шаҳриёр
Бимондам чу боз омад ӯ аз шикор.

Шаб омад, надонам ҳаме роҳро,
Наёбам ҳаме лашкари[6] шоҳро.

Гар имшаб бад-ин хона ёбам сипанҷ,
Набошад касеро зи ман ҳеҷ ранҷ.

Ба пеши Бироҳом шуд пешкор,
Бигуфт он чи бишнид аз он номдор.

---

[illegible] — хуррам бизӣ то бувад. 2 И — Ҳама меҳрубонӣ. 3 И — ганҷу [illegible]. 4 И — Биёмад сабук асп зин барниҳод. 5 Л — даромад. [illegible] — лашкару.

Бироҳом гуфто, к-аз ин[1] дар маранҷ,
Бигӯяш, ки эдар наёбӣ сипанҷ.

Биёмад фиристода бо ӯ бигуфт,
Ки эдар туро нест ҷои нуҳуфт.

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Бо ӯ[2] бигӯй,
Қ-аз эдар гузаштан маро нест рӯй.

Ҳаме аз ту хоҳам ҳам имшаб[3] сипанҷ,
Наёрам ба чизет з-он[4] пас[5] ба ранҷ».

Чу бишнид пӯён бишуд пешкор,
Ба назди Бироҳом шуд, к-ин[6] савор

Ҳаме з-эдар имшаб нахоҳад гузашт,
Сухан гуфтану рой бисьёр гашт.

Бироҳом гуфташ, ки «Рав бедиранг,
Бигӯяш, ки ин ҷойгоҳ аст танг.

Ҷуҳудест дарвешу шаб гурсуна,[7]
Бихуспад ҳаме бар замин барҳана».[8]

Бигуфтанду Баҳром гуфт: «Ар сипанҷ,
Наёбам бад-ин хона, к-оядт ранҷ,

Бад-ин[9] дар бихуспам, нахоҳам сарой,
Надорам ба чизи[10] дигар ҳеҷ[11] рой».

Бироҳом гуфт: «Эй набардасавор,
Ҳаме ранҷа дорӣ маро хор-хор.

Бихуспиву чизет дуздад касе,
Аз ин дар маро ранҷ дорӣ басе. .

Ба хона дарой, ар ҷаҳон танг шуд,
Ҳама кор бебаргу беранг шуд.

---

1 И — гуфт: «Эч з-ин. 2 И — к-ӯро. 3 Л — ман хона хоҳам, И — ман аз ту ҳамеҷӯям ин ҷо. 4 Л — Наёрам ба чизет аз он. 5 И — Наёрам ба чизе дигар ҳеҷ. 6 ИЛ — гуфт ин. 7 И — дарвеш сар бараҳна. 8 И — гурсуна. 9 Л — Бар ин. 10 И — Нахоҳам ба чизе. 11 И — низ.

Ба паймон, ки чизе нахоҳӣ зи ман,
Надорам ба марг обчину кафан.[1]

Гар ин асп саргину об[2] афканад,
В-агар хишти он[3] хонаро бишканад,

Ба шабгир саргин-ш[4] берун барӣ,
Бирӯбиву хокаш ба ҳомун барӣ.

Ҳамон хишти пухта ту товон диҳӣ,
Чу бедор гардӣ зи хоб, он диҳӣ.

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Паймон[5] кунам,
Бад-ин ранҷҳо сар[6] гаравгон кунам».

Фуруд омаду аспро бо лагом
Бубасту бароҳехт теғ аз ниём.

Намадзин бигустурду[7] болин-ш[8] зин,
Бихуфту ду пояш кашон бар замин.

Ҷуҳуд он дари хона аз пас бубаст,
Биёвард хону[10] ба хӯрдан нишаст.

В-аз он пас ба Баҳром гуфт: «Эй савор,
Чу ин достон бишнавӣ, ёд дор.

---

1 Л — б. 189 нест.
[illegible] ІЛМ — Ҳам аспи туро, ҳам нишасти туро
Хӯриш бояд ин зердасти — туро*
Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-эй некмард,
Надорам туро ҳеҷ гуна ба дард.
Зи ту бас кунам ин дари хона ҷой,
Кунам поси ту бехурушу дарой.
Бироҳом аз он пас пурандеша шуд,
В-аз андеша ҷонаш яке беша шуд,
Ки ин шухмард аз дарам нагзарад,
Ки дорам, ки тимори аспаш х(в)арад?
Дигарбора гуфт: «Эй сарафроз мард,
Басе гуфтани ту маро хаста кард».
[illegible] — саргин бурун. 3 ИЛ — ин. 4 И — саргин ба. 5 И — фармон. [illegible] — тан. 7 Л — Намадзин-ш бистар ба. 8 И — ниҳоливу болиш [illegible] И — майро.
* [illegible] ЗИЛ танҳо б. I мавҷуд аст

Зи гетӣ ҳар он кас, ки дорад, хӯрад,
Чу хурдаш набошад, ҳаме бингарад».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-ин достон
Шунидастам аз гуфтаи бостон.[1]

Шунида падидор дидам кунун,
Ки бархондӣ аз гуфтаи раҳнамун.

Май овард, чун хӯрда шуд[2] нон[3] ҷуҳуд,
В-аз он май варо шодмонӣ фузуд.[4]

Хурӯшид, к-эй ранҷдидасавор,
Бад-ин достони кухан гӯш дор.[5]

Ҳар он кас, ки дорад, дилаш равшан аст,
Дирам пеши ӯ чун яке ҷавшан аст.

Қасе к-ӯ надорад, шавад хушклаб,
Чунон чун туӣ гурсна ними шаб.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-ин бас шигифт,
Бидидам ҳаме ёд бояд гирифт.

Гар аз ҷом ёбӣ саранҷоми нек,
Хунук майгусору маю ҷоми нек?!

Чу аз кӯҳ ханҷар баровард ҳур,
Гурезон шуд аз хоб Баҳроми Гӯр.

Бар он чармаи ночарон зин ниҳод,
Чӣ зин, аз бараш хушк болин ниҳод.

Биёмад Бироҳому гуфт: «Эй савор,
Ба гуфтори худ барнаӣ пойдор.

---

1 И — Шунидам ҳаме аз лаби ростон. 2 И — буд. 3 Л — сер хӯ он. 4 Л — Аз он май басе шодмонӣ намуд.
5 ТПЗ — Ҳар он кас, ки дорад, хӯрад, гар ниҳад,
Сипосе бар он достон барниҳад.

Бигуфтӣ, ки саргини ин борагӣ,
Ба ҷоруб рӯбам ба якборагӣ.

Кунун он чи гуфтӣ, бирӯбу бубар,
Ба ранҷам зи меҳмони бедодгар».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Шав, пойкор
Биёвар, ки саргин кашад бар канор.

Диҳам зар, ки то ин ба берун барад,
В-аз ин хонаи ту ба ҳомун барад».

Бад-ӯ гуфт: «Ман кас надорам, ки хок
Бирӯбад, барад резад андар магок.

Ту паймон, ки кардӣ ба кажжӣ мабар
Набояд, ки хонанд-т бедодгар».[1]

Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухун,
Яке тоза андеша афканд бун,

Яке хубдастор будаш ҳарир,[2]
Ба мӯза дарун пур зи мушку абир.[3]

Бурун карду саргин бад-ӯ кард пок,
Биандохт бо хок андар магок.

Бироҳом рафту сабук баргирифт,
Аз он монда Баҳромшаҳ дар шигифт.[5]

Бироҳомро гуфт, к-эй[6] порсо,
Гар озодиат[7] бишнавад подшо.

Туро з-ин ҷаҳон бениёзӣ диҳад,
Бар ин меҳтарон[8] сарфарозӣ диҳад.

---

[1] И — б. 212—215 нест. [2] И — хуб зарбанд будаш ба зар. [3] И — [illegible] чун бувад дар ҳури тоҷвар.
[4] И — Баҳром андар. [5] Л — б. 219 нест: [6] Л — Аё; И — Эй. [7] Л — [illegible]. [8] И — Миёни ялон.

### БАХШИДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ХОСТАИ БИРОҲОМ ЛАНБАКРО

Бирафту биёмад ба айвони хеш,
Ҳама шаб ҳаме сохт дармони хеш.

Пурандеша он шаб ба айвон нахуфт,[1]
Бихандиду[2] он роз бо кас нагуфт.

Ба шабгир чун тоҷ бар сар ниҳод,
Сипаҳро саросар ҳама бор дод,

Бифармуд то Ланбаки обкаш
Бишуд пеши ӯ[3] даст карда ба каш,

Бибурданд пӯён Бироҳомро,
Ҷуҳуди бадандеши бадномро.[4]

Чу дар боргаҳ рафт, биншонданд,
Яке покдил мардро[5] хонданд.

Бад-ӯ гуфт: «Рав борагиҳо бубар,
Нигар, то набошӣ ба ҷуз[6] додгар.

Ба хони Бироҳом шав бегиёр,
Нигар, то чӣ ёбӣ ниҳода, биёр».

Бишуд покдил то ба хони ҷуҳуд,
Ҳама хона дебову динор буд.

Зи пӯшиданӣ, ҳам зи афкандани,
Зи густурданӣ, ҳам зи оганданӣ.

Яке корвонхона андар сарой,
Набуд коларо бар замин низ ҷой.

Зи дурру зи ёқут ҳар гавҳаре,
Гаҳе бадрае бар сараш афсаре.

---

1 ИЛ — бихуфт. 2 И — Баросуду. 3 И — Биёмад бараш. 4 Л — бадром; И — бадкомро. 5 И — муъбаде. 6 Л — Чуз аз.

Надонист мӯбад мар онро шумор,
Шутур хост аз дашти Ҷаҳрам ҳазор.

Ҳаме бор карданду чизе намонд,
Сабук некдил корвонҳо[1] биронд.

Чу бонги даро омад аз боргоҳ,
Бишуд марди бино, бигуфт ин ба шоҳ,

Ки гавҳар фузун з-ин ба ганҷи ту нест,
Ҳамон монда харвор бошад дувист.

Бимонд андар он шоҳи Эрон шигифт,
Зи ози[2] дил[3] андешаҳо баргирифт,

Ки чандин биварзид марди ҷуҳуд,
Чу рӯзӣ набудаш, зи варзиш чӣ суд?

Аз он сад шутурвор зарру[4] дирам,
Зи густурданиҳову аз бешу кам

Ҷаҳондор он[5] обкашро супурд,
Бишуд Ланбак аз роҳу[6] ганҷе бибурд.

В-аз он пас Бироҳомро хонду гуфт,
Ки-эй дар камӣ гашта бо хок ҷуфт.

Чӣ гӯй, ки пайғамбарат чанд зист,
Чӣ боист чандин зи бешӣ гирист?

Савор[7] омаду гуфт бо ман сухан,
Аз он достонҳои гашта куҳан.

Ки ҳар[8] кас, ки дорад фузунӣ, хӯрад,
Касе, ки[9] надорад ҳаме[10] пажмурад.

---

1 И — Ҳамон соддадил корвонро. 2 Л — В-аз он дар 3 И — Аз он кор. 4 И — дурру. 5 И — Ҷаҳонҷуй мар; Л — шоҳ, 6 ИЛ — роҳ. 7 И — ҷавон. 8 И — Ҳар он. 9 Л — к-у. 10 И — Ҳар он к-у надорад зи ғам.

Кунун дастёзон зи хӯрдан бикаш,
Бубин з-ин сипас хӯрдани[1] обкаш.

Зи саргину дастори зарбафту ҳишт,
Ҳаме гуфт бо сифламарди куништ.

Дирам дод нопокдилро чаҳор
Бад-ӯ гуфт, к-инро сари моя дор

Сазо нест з-ин бештар мар туро,
Дирам марди дарвешро, сар туро.

Ба арзониён дод чизе, ки буд,
Хурӯшон ҳаме рафт марди ҷуҳуд.

Ба тороҷ дод он чи дар хона буд,
Ки онро сазо марди бегона буд.

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО МЕҲРБУНДОД

Чу рӯзи шикорӣ[2] ба кор омадаш,
Биҷунбиду рои шикор омадаш.

Яке борапи тезрав барнишаст,
Ба ҳомун хиромид бозе ба даст.

Яке беша пеш омадаш пурдарахт,
Нишастангаҳи мардуми некбахт.[3]

Ба сони биҳиште яке сабзҷой,
Надид андар ӯ мардуму чорпой.[4]

Чунин гуфт, к-ин ҷои[5] шерон бувад,
Чунин беша ҷои[6] далерон[7] бувад.

---

1 И — хӯрдани Ланбаки. 2 И — раванда.
3 И — Чунин гуфт солори дайҳимҷуй,
Яке бешае дид найза дар уй,
4 И — б. 255 нест. 5 И — Ки ин ҷою маъвои. 6 И — Ба назди гавону. 7 Л — Ки бар дар бар айвон-вайрон.

Ба беша дарун гирд баргашт шоҳ,
Ҳаме кард ҳар ҷой лахте нигоҳ.

Бад-но беша андар яке шер дид,
Дари чораи шер шамшер дид.[1]

Яке бонг барзад бар он наррашер,[2]
Қамонро ба зеҳ кард марди[3] далер.[4]

Бизад тиру[5] паҳлӯш бо дил бидӯхт,
Дили шери мода бар ӯ-бар бисӯхт.

Ҳамон мода оҳанги Баҳром кард,
Биғурриду чангаш ба андом кард.

Яке теғ зад бар миёнаш савор,
Фурӯ монд ҷангӣ дад аз корзор.

Бурун омад аз беша марди куҳан,
Забонаш кушода ба ширинсухан.

Куҷо номи ӯ Меҳрбундод буд,
Бад-он захми шамшер ӯ шод буд.

Яке марди деҳқону яздонпараст,
Бад-он беша будиш[6] ҷои нишаст.

Чу омад бари шоҳи Эрон фароз,
Бар ӯ офарин карду бурдаш намоз.

Бад-ӯ гуфт, к-эй меҳтари[7] номдор,
Ба коми ту бод ахтари[8] рӯзгор.

---

1 И — б. 257, 258 нест. 2 И — Чу аз беша берун хиромид шер, 3 Л — Чу оҳанги ӯ кард шери. И — гурди.
4 ТПЗЛ — Зи беша ба як сӯ ҷаҳонид асп,
Барафрӯхт бар сони озаргушасп.
Ҳамон гоҳ берун хиромид шер,
Қамонро ба зеҳ кард марди далер.
5 И — тир. 6 И — Ки дар бешааш буд. 7 И — Ҳаме офарин кард, к-эй. 8 Л — бодо ҳама.

Яке марди деҳқонам, эй покрой,
Худованди ин марзу гашту[1] сарой.

Худованди гову хару гуспанд,
Зи шерон шуда баддилу мустаманд,

Кунун эзад ин кор бар дасти ту
Бароварду бар қабзаву шасти ту.

Замоне бад-ин бешаи мо нишин,
Биёрамт ширу маю ангубин.

Бара ҳаст чандон, ки ояд ба кор,
Дарахтони боровари соядор.[2]

Фуруд омад аз асп Баҳромшоҳ,
Ҳаме кард дар беша ҳар ҷо[3] нигоҳ.

Куҷо шуд[4] замин сабзу оби равон,
Чунон чун бувад ҷои марди ҷавон.

Бишуд Меҳрбундоду ромишгарон
Биёвард чанде зи деҳ меҳтарон.[5]

Басе гусфандони фарбеҳ бикушт,
Биёмад яке ҷоми заррин ба мушт.[6]

Чу нон хӯрда шуд, ҷомҳои набид
Ниҳоданд пешу гулу шанбалид.

Яке хӯрду дигар ба Баҳром дод,
Бикӯшиду бар хонаш[7] ором дод.

Чу шуд Меҳрбундод шодон зи май,
Ба Баҳром гуфт: «Эй гави некпай,

---

[1] Л — киштy. И — дашту кишту. [2] И — б. 272 нест. [3] Л — аз он беша чанде. И — аз он беша ҳар су. [4] ИЛ — бошад. [5] И — б. 275 нест.
[6] И — Чу андар паи хӯрдани барра кушт,
Падидор шуд ҷоми заррин ба мушт.
[7] И — Аз он ҷоми заррин ба.

Чунон дон, ки монандаи шоҳро,
Ҳамон ними шаб нимаи моҳро».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-оре, равост,
Нигорандаи чеҳри мо подшост.[1]

Чунон офаринад, ки хоҳад ҳаме,
Наяфзуд ҳаргиз, накоҳад ҳаме.

Агар ман ҳаме нек монам ба шоҳ,
Туро додам ин бешаву[2] ҷойгоҳ.

Бигуфт ину з-он ҷойгаҳ барнишаст,
Ба айвони хуррам хиромид маст.[3]

Ба шодӣ ҳаме буд бо дустон,[4]
Ҳаме ронд ҳар гунае достон.

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО ҚАБРӮЙ ВА ҲАРОМ КАРДАНИ Ӯ МАЙРО

Чу биншаст, май хост аз бомдод,
Бузургони лашкар бирафтанд шод.

Биёмад ҳамон гаҳ яке марди меҳ,
Варо мева овард лахте зи деҳ.

Шутурворҳо нору себу биҳӣ,
Зи гул дастаҳо карда[5] шоҳаншаҳӣ.

Ҷаҳондор чун дид, бинвохташ,
Миёни ялон ҷойгаҳ сохташ.

---

[1] Л — б. 281 нест. [2] Л — марзу ин.
[3] ТПМ — Ба мушкуи заррин шуд он гаҳ бихуфт,
Ҳама шаб ҳаме бо бутон буд ҷуфт.
[4] И — б. 284, 285 нест; Л — б. 285 нест.
ТПЗИЛ — Нахуфт он шаби тира дар бустон,
Ҳаме ёд кард аз лаби дустон.
[5] И — ҷумла.

Ҳамин меҳ, ки бо меваву бӯй буд,
Варо паҳлавӣ ном Қабруй буд.[1]

Чу шуд мард хуррам зи дидори шоҳ
В-аз он номдорону он ҷашнгоҳ,

Яке ҷом дид ӯ пур аз май булӯр,
Ба дил-ш андар афтод аз он ҷом шӯр.[2]

Ба ёди шаҳаншоҳ бигрифт ҷом,
«Манам» — гуфтӣ,[3]— майхора Қабрӯй ном».

Ба рӯи шаҳаншоҳ ҷоми набид
Ба як дам ҳамон гоҳ андар кашид.[4]

Бигуфт ину з-он ҳафт барҳам бих(в)ард
В-аз он майпарастон баровард гард.

Ба дастурии шоҳ берун гузашт,
Кӣ донад, ки дар тан маяш чун гузашт?

Аз он шаҳр хуррам биёмад ба дашт,
Чу дар синаи мард май гарм гашт,[5]

Барангехт асп аз миёни гурӯҳ,
Зи ҳомун ҳаме тохт то сӯи[6] кӯҳ.

Фуруд омад аз асп ҷои нуҳуфт,
Нигаҳ кард, дар соядоре[7] бихуфт.

Зи кӯҳ андар омад кулоғе сиёҳ,
Ду чашмаш биканд андар он хобгоҳ.[8]

---

1 И — б. 289, 290 нест.
2 И — сур.
ТПИЛМ — Зи пеши бузургон биёзид даст,
Бад-он ҷоми май тохт бар пой ҷаст*.
3 И — Ҳамегуфт. 4 ИЛ — Чу май даркашам, ёр хоҳам гузид;
ТПЛМ — Ба ҷом андарун буд май панҷ манн,
Хӯрам ҳафт** аз ин бар сари анҷуман.
Пас он гаҳ хиромам сӯи деҳ ба хуш,
Зи ман нашнавад кас зи*** мастӣ хурӯш.
5 Л — б. 297 нест. 6 И — пеши. 7 И — Бибуд зери соядарахте,
8 ИЛ — ҷойгоҳ.
* И — маст, **Л — ҳашт; *** Л — ба

Ҳаме тохтанд[1] аз паси ӯ гурӯҳ,
Варо мурда диданд дар пеши кӯҳ.

Ду чашмаш зи сар канда зоғи сиёҳ,
Бараш аспи ӯ истода ба роҳ.[2]

Бар ӯ кеҳтаронаш хурӯшон шуданд,
В-аз он маҷлису ҷом ҷӯшон шуданд.[3]

Чу Баҳром бархост аз хобгоҳ,
Баромад бари ӯ[4] яке неккхоҳ.

Ки Қабрӯйро чашми равшан кулоғ
Зи мастӣ бикандаст бар пеши роғ.

Рухи шаҳриёри ҷаҳон зард шуд[5]
Зи тимори Қабрӯй пурдард шуд.[6]

Ҳамон гаҳ баромад зи даргаҳ хурӯш,
Ки эй номдорони бо фарру ҳуш!

Ҳаром аст май дар ҷаҳон сарбасар,
Агар паҳлавон аст, агар[7] пешавар.

### ДОСТОНИ ҚУДАКИ ҚАФШГАР БО ШЕР ВА ҲАЛОЛ ҚАРДАНИ БАҲРОМИ ГУР МАЙРО

Бад-ин гуна бугзашт соле тамом,
Ҳаме доштӣ ҳар касе май ҳаром.

Ҳамон шоҳ чун маҷлис оростӣ,[8]
Ҳамон номаи[9] бостон[10] хостӣ.[11]

---

1 И — ҳамеронданд. 2 И — Чунон мурда афтод дар соягоҳ. 3 И — б. 303 нест. 4 И — Бари ӯ биёмад. Л — Биёмад бари ӯ. 5 И — гашт.
6 И — гашт.
7 И — шаҳриёр аст в-агар. 8 Л — шоҳ маҷлис биёростӣ. И — Кучо шоҳ маҷлис биёростӣ. 9 Л — Ҳамон номаи. 10 И — Ҳама номаи хусравон.
ИМ — Набудӣ зи май дар миён рангу бӯй,
11 — Нахӯрдӣ маю дур будӣ аз ӯй,

Чунин то яке кӯдаке кафшгар,
Зане хост бочизу ному ҳунар.

Фарозаш наёмад бад-он кори сахт,
Ҳаме зор бигрист момаш[1] зи бахт.

Ҳамоно ниҳон дошт лахте набид,
Писарро бад-он хона андар кашид.[2]

Ба пури ҷавон гуфт: «Аз ин[3] ҳафт ҷом
Бихӯр то шавӣ эмину[4] шодком.

Магар бишканӣ имшаб ин мӯҳри танг,
Куланг аз намад кай канад кони санг».

Бизад кафшгар з-он мае ҳафт-ҳашт,
Ҳамоно паю пӯсташ[5] сахт гашт.

Ҷавонмардро ҷом густох кард,
Биёмад дари хона сӯрох кард.

В-аз он ҷойгаҳ шуд бари моми хеш,
Бишуд шоддил ёфта коми хеш.

Чунон буд, ки аз хони шерони[6] шоҳ,
Яке банд[7] бугсисту омад ба роҳ.

Зи бода ҳанӯз он писар[8] маст буд,
Ба дарьё даҳ[9] ангушти ӯ шаст буд.

Бишуд тезу бар шери ғуррон нишаст,
Биёзид бигрифт гӯшаш ба даст.

Бад-он гоҳ шери яла сер[10] буд,
Ғулом[11] аз бару шер дар зер буд.

---

[1] И — модар. [2] И — суи хонае даркашид. [3] Л — к-«ин; И — «З он. [4] И — хурраму. [5] Л — пусти ӯ; И — Паю пӯсташ дар замон. [6] Л — хонашерони. [7] Л — шер. [8] Л — Аз он май пуси кафшгар; И — Ҳанӯз он замон кафшгар. [9] И — Бад-ӯ бода. [10] И — Агарчанд шери яла шер. [11] И — чавон.

Ҳамешуд пасаш[1] шербон чун наванд,
Ба як даст занҷиру дигар каманд.

Яке кафшгар дид бар пушти шер,
Нишаста чу бар хар саворе далер.

Биёмад давон то дари боргоҳ,[2]
Далер андар омад ба наздики шоҳ.[3]

Бигуфт он шигифтӣ, ки худ[4] дида буд,
Ба дида бидид, он ки[5] нашнида буд.

Ҷаҳондор аз он дар шигифтӣ бимонд,
Зи дар[6] мӯбадону радонро[7] бихонд.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-ин кафшгар
Нигаҳ кун, ки то аз кӣ дорад гуҳар?

Агар паҳлавонзода бошад, равост,
Ки аз паҳлавон ин[8] далерӣ сазост.

Биҷустанду гуфтанд бо модараш,
Физояд[9] магар бар ҳунар[10] гавҳараш.

Ҳамон модараш, чун сухан шуд дароз,
Дарун[11] рафту бар шоҳ букшод роз.

Нахуст офарин кард бар шаҳриёр,
Ки шодон[12] бизӣ то бувад рузгор.

Чунин кӯдаки норасида ба ҷой,
Яке зан гузин карду шуд кадхудой,

Ба кор андараш ноижа суст буд,
Занаш гуфт, к-он суст[13] худруст буд.

---

1 Л — давон. 2 И — Ҳаме шуд давон то ба даргоҳи шоҳ. 3 И — бад-он боргоҳ. 4 И — куҷо. 5 И — он чи. 6 Л — Ҳама. 7 И — Раду муъбад (у) меҳтаронро. 8 И — паҳлавонон; Л — бар паҳлавонон. 9 И — Барояд. 10 И — номвар. 11 ИЛ — Давон. 12 И — Шоҳо. 13 И — к-ин шаст; Л — к-он.

Бидодам се ҷоми набидаш ниҳон,
Надонист кас рози ӯ дар ҷаҳон.

Ҳам андар замон лаъл кардаш рухон,
Намад сар бароварду шуд устухон.

Ниё кафшгар буд падар кашфгар,
В-аз он пеша бартар наёмад гуҳар.[1]

Нажодаш набуд, ҷуз се ҷоми набид,
Кӣ донист, к-ин шоҳ хоҳад шунид?

Бихандид аз он пирзан шоҳу гуфт,
Ки ин достонро нашояд нуҳуфт.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-акнун набид,
Ҳалол асту майхора бояд гузид,

Ки чандон хӯрад май, ки бар наррашер
Нишинад, наёрад варо шер зер.[2]

Хурӯше баромад ҳамон гаҳ зи дар
Ки эй паҳлавонони зарринкамар,

Бар андоза бар ҳар касе май хӯред,
Ба анҷому фарҷоми худ бингаред.

Чу майтон ба шодӣ бувад раҳнамун,
Бихуспед то тан нагардад забун.

### ВАЙРОН КАРДАНИ МӮБАДИ БАҲРОМИ ГӮР ДЕҲРО ВА БОЗ ОБОД КАРДАНАШ

Биёмад дигар рӯз шабгир шоҳ,
Сӯи дашти нахчири худ бо сипоҳ.

---

[1] Л — б. 337 нест.

[2] ТПЗИЛМ — На чандон, ки чашмаш кулоғи сиёҳ,
Зи сар барканад масти хуфта ба роҳ.

Ба дасти чапаш Ҳурмузи кадхудой
Суи росташ мӯбади покрой

Бар ӯ достонҳо ҳаме хонданд,
Зи Ҷамму Фаридун сухан ронданд.

Сагу юз дар пешу шоҳину боз
Ҳаме ронд бар дашт рӯзи дароз.

Чу хуршеди тобон ба гунбад расид,
Ба ҷое паи гӯру оҳу надид.

Зи хуршеди тобон дижамсоз гашт,
Зи нахчиргаҳ тангдил боз гашт.

Ба пеш андар омад яке сабзҷой,
Пур аз хонаву мардуму чорпой.[1]

Аз он деҳ фаровон ба роҳ омаданд,
Назора ба пеши сипоҳ омаданд.

Ҷаҳондор пурхашму пуртоб буд,
Ҳаме хост к-ояд бад-он деҳ фуруд.

Накарданд аз он деҳ[2] касе офарин,
Ту гуфтӣ, бубаст он харонро замин.

Аз он мардумон тангдил гашт шоҳ,
Ба хубӣ накард андар эшон нигоҳ.

Ба мӯбад чунин гуфт Баҳромшоҳ,
Ки чунин бадахтар яке ҷойгоҳ.

Куноми даду дому нахчир бод,
Ба ҷуй андарун обашон қир бод.

---

[1] ТПМ — Яке ҷои ободу бо хуррамӣ,
Ҳаме ҷои оромишу беғамӣ.

[2] Л — аз эшон.

Бидонист мӯбад, ки фармони шоҳ
Чӣ буд андар он, сӯи[1] деҳ шуд зи[2] роҳ.[3]

Бад-эшон чунин гуфт, к-ин сабзҷой
Пур аз меваву мардуму чорпой[4]

Хуш омад шаҳаншоҳ Баҳромро,
Яке тоза кард андар ин комро.

Шуморо ҳама яксара кард меҳ,
Бад-он то кунад шаҳр аз он хубдеҳ.

Бад-ин деҳ зану кӯдакон меҳтаранд,[5]
Қасеро набояд, ки фармон баранд.[6]

Аз ин деҳ чи муздуру чи кадхудой,
Ба як роҳ бояд, ки доранд ҷой.

Зану марду кӯдак саросар меҳанд,
Яко як ҳама кадхудои деҳанд.

Хурӯше баромад зи пурмоя деҳ,
Зи шодӣ, ки гаштанд ҳамвора меҳ.

Зану мард аз он пас яке шуд ба рой,
Парастору муздур бо кадхудой.

Чу нопок шуд марди барно ба деҳ,
Буриданд ногаҳ сари марди меҳ.

Ҳама як ба дигар бароҳехтанд,[7]
Ба ҳар ҷой[8] бероҳ хун рехтанд.

Чу бархост з-он русто растахез,
Гирифтанд ногоҳ аз он деҳ гурез.

---

[1] Л — пеши. [2] И — зуд биспард.
[3] ТПЛМ — Биёмад ҳамон гоҳ мубад ба деҳ,
Бихонд он касеро, ки ӯ буд меҳ.
Бигуфто, ки пайғоми шаҳ* бишнавед,
Зи гуфтори шаҳ** ҳеҷ бармагзаред.
[4] Л — б. 359 нест. [5] Л — меҳтаред. [6] Л — баред. [7] ИЛ — баромехтанд. [8] И — Ба роҳу ба.
* Л — паёми малик; ** Л — гуфти малик

Бимонданд пирони бепову пар,
Бишуд олати варзишу созу бар.

Ҳама деҳ ба вайронӣ овард рӯй,
Дарахтон шуда хушку беоб ҷӯй.

Шуда дашт вайрону вайрон сарой,
Рамида аз ӯ мардуму чорпой.

Чу як сол бугзашту омад баҳор,
Аз он сӯ ба[1] нахчир шуд шаҳриёр.

Бад-он ҷои ободу хуррам расид,
Нигаҳ карду бар пой ҷое надид.

Дарахтон шуда хушку вайрон сарой,
Ҳама марз бемардуму чорпой.

Рухи шоҳ Баҳром аз он зард гашт,
Зи яздон битарсиду пурдард гашт.

Ба мӯбад чунин гуфт, к-эй Рӯзбеҳ,
Дареғ аст вайрон чунин хубдеҳ.

Бирав тезу обод гардон зи[2] ганҷ,
Чунон кун, к-аз ин пас набинанд[3] ранҷ.

Зи пеши шаҳаншоҳ мӯбад бирафт,
Бад-он ҷои вайрон хиромид тафт.

Зи барзан ҳаме сӯи барзан шитофт,
Ба фарҷом бекор пире биёфт.

Фуруд омад аз аспу бинвохташ,
Бари хеш наздик биншохташ.

---

[1] И — Суи дашти. [2] И — низ обод гардон ба. [3] И — он пас нагиранд.

Бад-ӯ гуфт, к-эй хоҷаи солх(в)ард,
Чунин ҷои обод вайрон кӣ кард?

Чунин дод посух, ки як рӯзгор,
Гузар кард бар буми мо шаҳриёр,

Биёмад яке бехирад мӯбаде,
Аз он номдорони бебар баде.

Ба мо гуфт: «Яксар ҳама меҳтаред,[1]
Нигар то касеро ба кас нашмаред.[2]

Ҳама яксара кадхудои деҳед,
Зану мард бар меҳтарон бар меҳед»,

Бигуфт ину ин деҳ пурошуб гашт,[3]
Пур аз ғорату куштану чӯб гашт.[4]

Ки яздон варо ёр б-андоза бод,
Ғаму ранҷу[5] сахтӣ бар ӯ тоза бод.

Ҳама кори ин ҷой бар бадтарист,
Чунон дон, ки бо мо бибояд гирист.

Аз он пир пурдард шуд Рӯзбеҳ,
Бипурсиду гуфт: «Аз шумо[6] кист меҳ?»

Чунин дод посух, ки меҳтар бувад,
Ба ҷое, ки тухми гиё барбувад.

Бад-ӯ рӯзбеҳ гуфт: «Меҳтар ту бош,
Ба ҳар кор чун бар сар афсар ту бош.

Зи ганҷи ҷаҳондор динор хоҳ,
Ҳамон тухму гову хирад[7] бор хоҳ.

Бикаш ҳар кӣ бекор ёбӣ[8] ба деҳ,
Ҳама кеҳтаронанд яксар, ту меҳ.

---

[1] Л — кеҳтаранд. [2] Л — нашмаранд. [3] Л — кард. [4] Л — кард. [5] Л — маргу. [6] И — Бипурсид, к-«Ин ҷо кунун. [7] И — уштуру гову хар. [8] И — он ки бекор бошад.

Бад-он мӯбади пир нафрин макун,
На бар орзӯ ронд ӯ ин сухун.

Агар ёр хоҳӣ зи даргоҳи шоҳ,
Фиристамт чандон, ки бояд бихоҳ».

Чу бишнид пир он сухан, шод гашт,
Аз андӯҳи дерина озод гашт.

Ҳамон гаҳ сӯи хона шуд марди пир,
Биёвард мардум сӯи обгир.

Заминро ба обод кардан гирифт,
Ҳама марзҳоро сипардан гирифт.

Зи ҳамсоягон гову хар хостанд,
Ҳама дашт яксар биёростанд.

Худу марздорон бикушид сахт,
Бикиштанд ҳар ҷой чанде[1] дарахт.

Чу як марз аз ин варз[2] обод гашт,[3]
Дили ҳар кӣ буд андар он,[4] шод гашт.[5]

Аз он ҷой ҳар кас,[6] ки бугрехтанд,
Зи[7] мижгон ҳаме хуни дил рехтанд,

Чу огоҳ[8] омад зи ободҷой,
Ҳам аз ранҷи ин пирсар[9] кадхудой,

Яко як сӯи деҳ ниҳоданд рӯй
Ҳама[10] барзан обод карданду[11] ҷӯй.

Ҳамон мурғу гову хару гӯсфанд,
Якояк барафзуд[12] бар киштманд.

---

1 Л — чандин. 2 И — баҳра з-он марз. 3 Л — варзиш обод кард.
4 И — у. 5 Л — кард. 6 И — чо касоне. 7 ИЛ — ба. 8 ИЛ — огоҳӣ.
9 И — он номвар. 10 Л — Ба ҳар. 11 Л — карданд. 12 Л сар афзуд.

Дарахте[1] ба ҳарҷой ҳар кас бикишт,
Шуд он ҷои вайрон ба сони[2] биҳишт.

Ба соли се[3] дигар биёрост деҳ,
Баромад[4] зи варзиш ҳама коми[5] меҳ.

Чу омад ба ҳангоми хуррам баҳор,
Суи дашти нахчир шуд шаҳриёр.

Або мӯбадаш номи ӯ Рӯзбеҳ,
Чу ҳар ду расиданд наздики деҳ,

Нигаҳ кард тобанда Баҳроми Гӯр,
Ҷаҳон дид пуркиштманду сутур.

Бар овард з-ӯ[6] кохҳои баланд,
Ҳама деҳ пур аз гову аз[8] гӯсфанд.

Ҳама боғу обу ҳама кишту хид,
Ҳама дашт пурлолаву шанбалид.

Пароканда бар кӯҳ мешу бара,
Биҳиште шуда буму бар яксара,

Ба мӯбад чунин гуфт, к-эй Рӯзбеҳ,
Чӣ кардӣ, ки вайрон шуд он[9] сабздеҳ?

Пароканда з-ӯ мардуму чорпой,
Чӣ додӣ, ки омад кунун боз ҷой?

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки аз як сухан
Ба по омад ин[10] шорсони кӯҳан.

Ҳамон аз як андеша обод гашт,
Дили шоҳи Эрон аз он шод гашт.

Маро шоҳ фармуд, к-ин сабзҷой,
Ба динори ганҷ андар овар зи[11] пой.

---

1 И — Дарахтон. 2 И — чу хуррам. 3 И — як соли. 4 И — Биёмад. 5 И — кор. 6 Л — Бароварда з-ӯ. 7 Л — раҳ. 8 Л — пур. 9 Л — буд. 10 Л — пой омад он. 11 И — ба.

Битарсидам аз кирдгори ҷаҳон,
Накуҳидани меҳтарону кеҳон.

Бидидам чу як дил ду андеша кард,
Зи ҳар ду баровард ногоҳ гард.

Ҳамон чун ба як шаҳр ду кадхудой
Бару буми эшон намонад ба ҷой.[1]

Бирафтам, бигуфтам ба пирони деҳ,
Ки эй мардумон бар шумо нест меҳ.

Занон кадхудоёну кудак ҳамон,
Парастору муздур бо ирмон.

Чу меҳтар шуданд, он ки буданд кеҳ,
Ба пой андар омад сари марди меҳ.

Ба гуфтор вайрон шуд он пок ҷой,
Накӯҳиш зи ман дуру тарс аз худой.

В-аз он пас бар эшон бубахшуд шоҳ,
Бирафтам, намудам дигаргуна[2] роҳ.

Яке бохирад[3] пир кардам ба пой,
Сухангӯву[4] бодонишу раҳнамой.

Бикӯшиду вайронӣ обод кард,
Дили зердастон аз он[5] шод кард.

Чу меҳтар яке гашту шуд рой[6] рост,
Бияфзуд хубиву каҷжӣ бикост.

Ниҳонӣ бад-эшон намудам бадӣ
В-аз он пас кушодам дари эзадӣ.[7]

---

[1] ТПЛМ — Ду танро ба як рӯй агар кор кард*,
Аз он хира монад хирадманд мард.
[2] И — яке хуб. [3] И — боҳунар. [4] И — Ҳунарманди. [5] И — ҳама.
[6] Л — роҳ. [7] И — б. 431 нест.

Сухан беҳтар аз гавҳари шоҳвор,
Чу бар ҷойгаҳ-бар барандаш[1] ба кор.

Хирад шоҳ бояд, забон[2] паҳлавон
Чу хоҳӣ, ки беранҷ бошад равон.[3]

Дили шоҳ то ҷовидон шод бод,
Зи кажживу бероҳӣ обод бод».

Чу бишнид шоҳ ин сухан гуфт:[4] «Зеҳ!»
Сазовори тоҷӣ ту, эй Рӯзбеҳ».

Бубахшид як бадра динори зард.
Бад-он пурҳунар пешбинанда[5] мард.

Варо хилъати хусравӣ[6] сохтанд,
Сарашро ба абр андар афрохтанд.

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГУР БО ЧАҲОР ХОҲАРОН

Дигар ҳафта бо мубадону меҳон[7]
Ба нахчир шуд шаҳриёри ҷаҳон.[8]

Чунон шуд,[9] ки моҳе ба нахчиргоҳ
Ҳаме бошаду май хурад бо[10] сипоҳ.

Зи нахчири кӯҳу зи нахчири дашт,
Гирифтан зи андоза андар гузашт.

Сӯи шаҳр шуд шодмон[11] бо сипоҳ,
Шаб омад ҷаҳон гашт яксар[12] сиёҳ.

Бузургони лашкар ҳаме рonданд,
Суханҳои шоҳон ҳаме хонданд.

---

[1] Л — баредаш. [2] Л — равон. [3] Л — ҷаҳон. [4] И — Чу Баҳром бишнид, гуфто, ки. [5] Л — пири бинанда. [6] Л — хушнудӣ. [7] И — В-аз он ҷой бо муъбадону радон. [8] И — хусрави муъбадон. [9] И — буд. [10] И — Ҳаме буд бо меҳтарони. [11] Л — шоддил; И — меронд шаҳ. [12] ИЛ — ба раҳ гашт гетӣ.

Яке оташе дид рахшон зи дур,
Бад-он сон, ки баҳман кунад шоҳсур.

Шаҳаншаҳ бад-он[1] равшанӣ бингарид,
Ба як су деҳи хуррам омад падид.[2]

Яке осиё дид дар пеши[3] деҳ,
Нишаста пароканда[4] мардони меҳ.

В-аз он рӯй оташ ҳама[5] духтарон,
Яке ҷашнгаҳ сохта бар[6] карон.

Зи гул ҳар яке бар сараш[7] афсаре,
Нишонда[8] ба ҳар ҷой ромишгаре.

Ҳама чомаи разми Хусрав заданд,
Замон то замон ҳар яке нав заданд.

Ҳама моҳрую, ҳама ҷаъдмӯй,
Ҳама чарбгуву ҳама мушкбӯй.

Ба наздики пеши дари осиё,
Ба ромиш кашида нахе бар гиё.

В-аз он ҳар яке дастаи гул ба даст,
Зи шодиву аз май шуда[9] ниммаст.

В-аз он пас хурӯш омад аз ҷашнгоҳ,[10]
Яке гуфт,[11] к-ин ёди Баҳромшоҳ,

Ки бофарру бурз асту бо чеҳру меҳр,[12]
Бад-уяст бар пой гардонсипеҳр.[13]

Ҳаме май чакад гуӣ аз рӯи ӯй,
Ҳаме бӯи мушк ояд аз мӯи ӯй.

---

[1] И — Шаҳаншоҳ зӣ. [2] И — суи раҳ — бар яке ҷуй дид. [3] И — наздики. [4] И — бад-он ҷой. [5] И — ҳаме. [6] И — Ба ромиш нишаста карон то. [7] И — бар сари ҳар яке. [8] И — нишаста. [9] И — Ба ромиш нишаста ҳама. [10] И — базмгоҳ. [11] И — тафт. [12] И — бо мӯҳру гоҳ. [13] И — Шаҳаншоҳи Эрону лашкарпаноҳ.

Шикораш набошад магар шеру гӯр,
Азэрош хонанд Баҳроми Гӯр.

Ҷаҳондор, к-овози эшон шунид,
Инонро бупечиду з-он су кашид.[1]

Чу омад ба наздикии[2] духтарон,
Нигаҳ кард ҷой[3] аз карон то карон.

Ҳама дашт яксар пур аз моҳ дид,
Ба роҳ[4] омадан[5] роҳ кӯтоҳ дид.

Бифармуд то майгусорон зи роҳ
Май оранду майхора наздики шоҳ.

Гусоранда овард ҷоми булӯр
Ниҳоданд бар дасти Баҳроми Гӯр.

Аз он духтарон он ки буд номдор,
Бурун омаданд аз миён ҳар[6] чаҳор.

Яке Мушкнозу дигар Мушкинак
Яке Нозёбу дигар Савсанак.

Бари шоҳ рафтанд бо дастбанд,
Ба рух чун баҳору ба боло баланд.

Ҳама ҷома гуфтанд[7] Баҳромро,
Шаҳаншоҳи бодонишу[8] комро.

Зи ҳар чор пурсид Баҳроми Гӯр,
Қ-аз эшон ба дил-ш[9] андар афтод шӯр.

Ки «эй гулрухон, духтарони киед?[10]
В-аз ин оташ афрӯхтан бар чиед?»[11]

---

[1] И — Сипаҳбад инонро бад-он су кашид,
Чу з-он гуна овози мардум шунид.
[2] И — наздики он. [3] И — шоҳ. [4] Л — шаҳр. [5] И — шаҳр андар. [6] Л — миёна. [7] Л — Ниёиш гирифтанд. [8] Л — боромишу. [9] И — ба дил. [10] Л — Ки ин гулрухон духтарони кианд. [11] Л — чианд.

Яке гуфт, к-эй сарвболо савор,
Ба ҳар чиз монандаи шаҳриёр,[1]

Падармон яке осиёбони пир
Дар ин домани кӯҳ нахчиргир.

Биёяд ҳам акнун, ки шаб тира гашт,
Варо дида аз тирагӣ хира гашт.

Ҳам андар замон осиёбон зи кӯҳ
Биёмад зи нахчир худ бо гурӯҳ.

Чу Баҳромро дид, рухро ба хок
Бимолиду шуд пеш бо тарсу бок.[2]

Яке ҷоми заррин бифармуд шоҳ,
Бад-он пир додан, ки омад зи роҳ.

Бад-ӯ гуфт, к-ин чор хуршедрӯй,
Чӣ дорӣ, ки-шон ҳаст[3] ҳангоми шӯй?»

Бар ӯ пирмард офарин карду гуфт,
Ки «ин духтарони маро нест ҷуфт.

Расида бад-ин сол дӯшизаанд,
Ба дӯшизагӣ низ покизаанд.

Валекин надоранд баҳра зи чиз,
Зи зарру зи симу зи ҳар гуна низ».

Бад-ӯ гуфт Баҳром к-ин ҳар чаҳор
Ба ман[4] деҳ в-аз ин беш духтар мадор.[5]

Чунин дод посух варо пирмард,
Қ-аз ин дар, ки гуфтӣ, саворо, магард.

На ҷомаст моро, на буму на бар,
На симу сарою, на гову на хар.

---

[1] Л — Аз эшон яке гуфт, к-эй шахриёр.
Сахогустару марду болосавор.
[2] И — б. 470, 471 нест. [3] ИЛ — Чӣ дорӣ чунин чест. [4] И — маро.
[5] Л — макор.

Чунин гуфт Баҳром: «Шояд маро,
Ки худ чизи эшон набояд маро».

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар чор ҷуфти туанд,
Парастору[1] хоки нуҳуфти туанд.

Ба айбу ҳунар чашми ту дидашон,
Бад-он сон, ки дид ӯ писандидашон.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«ин ҳар чаҳор
Пазируфтам аз покпарвардигор».

Бигуфт ину аз ҷой бар пой хост,
Ба дашт андар овоз болой хост.

Бифармуд то ходимони сипаҳ
Баранд он бутонро ба мушкӯи шаҳ,

Сипоҳ андар омад якояк зи дашт,
Ҳама шаб бад-он дашт[2] лашкар гузашт.[3]

Фуру монд аз он осиёбон шигифт,
Шаби тира андеша андар гирифт.

Ба зан гуфт: «Ин номдори шумо,
Бад-ин бурзу болову ин дастго,

Шаби тира ин ҷойгаҳ чун расид?»
Занаш гуфт: «Аз дур оташ бидид».

Бар овози ин ромиши духтарон,
Нишасту[4] май оварду ромишгарон.

Чунин гуфт он[5] осиёбон ба зан,
Ки эй зан маро[6] достоне бизан,

---

1 ИЛ — Парастори. 2 Л — ҳаме гирд. 3 Л — бигашт. 4 ИЛ — Зи мастӣ. 5 И — боз. 6 И — бар ин.

Ки некист фарчоми ин гар[1] бади?
Занаш гуфт: «Қоре буд[2] ин эзадӣ».

Напурсид чун дид мард аз нажод,
На бар[3] хоста бар дилаш буд ёд.

Ба рӯи замин бар ҳаме моҳ ҷуст,
На динор, ё[4] духтари шоҳ ҷуст.

Шаман гар бубинад[5] чу[6] эшон ба Чин,
Гусиста бувад[7] бар бутон[8] офарин.

Бад-ин гуна то шед аз пушти зоғ
Баромад, ҷаҳон шуд чу равшанчароғ,

Ҳаме рафт ҳар гунае достон,
Чӣ аз баднажоду чӣ аз ростон,

Чу шаб тира[9] шуд, меҳтар омад зи деҳ,
Бад-ин пир гуфт: «Эй гави Рӯзбеҳ.

Ба болинат омад шаби тирабахт,
Ба бор омад он сабз шохи[10] дарахт».[11]

Нигаҳ карду он ҷашну оташ бидид,
Инонро бупечиду з-он сӯ кашид.

Қунун духтарони ту ҷуфти ваянд,
Ба ором андар нуҳуфти ваянд.

Бад он мӯю он рӯю он ростӣ,
Ҳама[12] шоҳро духтар оростӣ.

Шаҳаншоҳ Баҳром домоди туст,
Ба ҳар кишваре з-ин сипас ёди туст.

---

1 ИЛ — ё. 2 Л — бувад. 3 Л — аз. 4 ИЛ — бо. 5 Л — Буторой бинад. 6 И — Буторой монанди. 7 Л — шавад. 8 Л — Чу бинад, кунад бегумон. 9 ИЛ — руз. 10 И — хусравонӣ.
11 ТПИЛМ — Шаби тирагун души Баҳромшоҳ
12 Л — Ҳаме. Ҳаме омад аз дашти нахчиргоҳ.

Туро дод ин кишвару марз пок,
Махӯр ғам, ки гаштӣ аз андӯҳу бок.

Кунун, мо ҳама кеҳтарони туем,
Чӣ кеҳтар, ҳама чокарони туем.

Бифармой фармон, ки фармон туруст,
Ҳама кеҳтаронему паймон туруст.[1]

Бад-ӯ осиёбону зан хира монд,
Ҳама[2] ҳар яке номи яздон бихонд.

Чунин гуфт мехтар, ки «ин рӯю мӯй
Зи чархи чаҳорум худ овард шӯй».

## ЁФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР ГАНҶИ ҶАМШЕДРО

Дигар ҳафта омад ба нахчиргоҳ,
Худу мӯбаду вижагони[3] сипоҳ.

Биёмад яке марди меҳтарпараст,
Чу боди дамону асое[4] бад аст.

Бипурсиду гуфто, ки[5] Баҳромшоҳ
Куҷо бошад андар миёни сипоҳ?

Бад-ӯ гуфт мӯбад: «Чӣ хоҳӣ, бичӯй,
Ту шоҳи ҷаҳонро набинӣ ба рӯй?!

Бад-у[6] дод посух, ки «то рӯи шоҳ
Набинам, нагӯям сухан бо сипоҳ».

Бари шоҳ бурданд ҷӯяндаро,[7]
Чунон донишӣ марди гӯяндаро.[8]

---

1 ИЛ — б. 504—506 нест. 2 Л — Ҳаме. 3 Л — вижагон бо. 4 ИЛ — ғурозе. 5 Л — Зи лашкар бипурсид. 6 ИЛ — Чунин. 7 И — гӯяндаро. 8 И — Ҷаҳондидаи шоҳҷӯяндаро.

Биёмад чу Баҳромро дид, гуфт,
Ки «бо ту сухан дорам андар нуҳуфт».

Инонро бупечид Баҳроми Гур,
Зи дидори лашкар бурун ронд бур.

Бад-ӯ гуфт мард: «Эй ҷаҳондор шоҳ,[1]
Ба гуфтори ман кард бояд нигоҳ.

Бад-ин марз деҳқонаму кадхудой,
Худованди ин буму кишту сарой,

Ҳаме об бурдам бад-ин[2] марзи хеш,
Ки дар кор пайдо кунам[3] арзи хеш,

Чу бисьёр гашт обу густох шуд,
Миёни яке марз сӯрох шуд.

Шигифтӣ хурӯше ба гӯш омадам,
К-аз он саҳм аз ҷон хуруш омадам.

Ҳаме омад аз об овои санҷ,
Хурӯшаш ҳаме раҳ намояд ба ганҷ».

Чу бишнид Баҳром аз он сӯ кашид,
Ҳама дашт пур сабзаву об дид.

Бифармуд то коргар бо гуроз,
Биёранд[4] чанде зи роҳи дароз.

Фуруд омад аз асп шоҳи баланд,
Широъӣ заданд аз бари киштманд.

Шаб омад гавон[5] шамъ бифрӯхтанд,
Ба ҳар ҷой оташ ҳаме сӯхтанд.[6]

Зи дарьё чу хуршед[7] барзад дурафш,
Чу маскул гашт он ҳавои бунафш.

---

[1] И — меҳтар ҷаҳондида шоҳ. [2] И — сӯи. [3] И — Ки пайдо кунам дар ҷаҳон. [4] Л — Биёред. [5] И — ҳама. [6] И — ҳамесӯханд. [7] И — Дигар рӯз чун меҳр.

Зи ҳар су бирафтанд коригарон,
Шуданд анҷуман чун сипоҳи гарон.

Заминро ба кандан гирифтанд пок,
Шуд он ҷои ҳомун саросар[1] мағок.

Зи кандан чу гаштанд мардон сутуҳ,
Падид омад аз хок ҷое[2] чу кӯҳ.

Яке хонае карда аз пухтахишт,
Ба соруҷ карда ба сони биҳишт.

Қананда табар зад ҳаме аз бараш,
Падид омад аз дур ҷои дараш.

Чу мӯбад бидид андар омад ба[3] дар,
Або ӯ яке ирмони дигар.

Яке хона диданд паҳну дароз,
Баровардa болои ӯ чанд ёз.

Зи зар карда бар пой ду говмеш,
Яке охуре карда заррин зи[4] пеш.

Забарҷад ба охир-дарун рехта,
Ба ёқути сурх андар омехта.

Чу ду гови гардун[5] миёнаш тиҳӣ,
Шикамшон пур аз нору себу биҳӣ.

Миёни[6] биҳӣ дурри хушоб буд,
Ки ҳар донае[7] қатраи об буд.

Ҳамон говро чашм ёқут буд,
Зи пирӣ сари гов фартут буд.[8]

Ҳама гирд баргирди ӯ шеру гур,
Яке дида ёқуту дигар булур.

---

1 И — ба сони. 2 И — кохе. 3 И — зи. 4 Л — ба. 5 Л — заррин.
6 И — Ба сони. 7 И — Қ-аз он ҳар яке. 8 И — б. 539 нест.

Тазарвони заррину товуси нар,
Ҳама синаву чашмҳошон гуҳар.

Чу дастур дид он бари шоҳ шуд,
Ба рои баланд афсари моҳ шуд.

Ба тундӣ ба шоҳи ҷаҳон гуфт: «Хез,
Ки омад ҳама ганҷҳоро ҷаҳиз.

Яке хона пургавҳар омад падид,
Ки чархи фалак дошт онро калид».

Бад-ӯ гуфт меҳтар, ки[1] бар ганҷ ном,
Нависад касе к-аш бувад ганҷ[2] ком.

Нигаҳ кун бад-ин ганҷ то номи кист,
Ҳам огандани ӯ[3] ба айёми кист?»

Биёмад сари мӯбадон чун шунид,
Бад-он гов-бар номи[4] Ҷамшед дид.

Ба шоҳи ҷаҳон гуфт: «Кардам нигоҳ,
Набиштаст бар гов «Ҷамшедшоҳ».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй сари мӯбадон,
Ба ҳар кор донотар аз бихрадон[5].

Зи ганче ки Ҷамшед бинҳод[6] пеш,
Чаро кард бояд маро ганҷи хеш?

Маро[7] ганҷ к-он ҷуз ба шамшери[8] дод
Фароз ояд, аз[9] подшоҳӣ,[10] мабод.

Ба арзониён деҳ ҳама ҳар чи ҳаст,
Мабодо, ки ояд ба мо-бар[11] шикаст.

---

[1] ИЛ — Баҳром. [2] И — рою. [3] И — он. [4] Л — муҳри. [5] И — ҳушьёртар аз радон. [6] И — Зи ранҷе, ки бурдаст Ҷамшед. [7] Л — ҳар он; И — ҳам он. [8] И — Фароз ояд он дарҳури ман мабод. [9] Л — он. [10] И — он дарҳури ман; [11] И — Маёвар ба коми ман-андар.

Агар ном бояд, ки пайдо кунем,
Ба доду ба шамшер ганҷ оганем.

Набояд сипоҳи маро баҳра з-ин,
На тангаст бар мо ба мардӣ замин.

Ҳама хоста сарбасар ҳамчунон,
Бибояд шумурдан ба расми каён.

Фурӯшед гавҳар ба зарру ба сим,
Зани беваву кӯдакони ятим..

Тиҳидастмардум, ки доданд[1] ном,
Гусаста дил аз ҷои[2] орому ком,[3]

Зи вайрону обод гирд оваред,
В-аз он пас якояк ҳама[4] бишмаред[5]

Бубахшид динору ганҷу дирам,
Ба музди равони ҷаҳондор Ҷам.

Маро то ҷавон бошаму тандуруст,
Чаро боядам ганҷи Ҷамшед ҷуст?

Аз он деҳ як онро, ки бинмуд роҳ,
Ҳаме шоҳ ҷуст аз миёни сипоҳ.

Қафан ҳар кӣ бистонад аз Ҷамшед,
Ба шодӣ мабодаш зи кайҳон умед.

Чу бо лашкарам тан ба ранҷ оварам,
Зи Туру зи Чин ному ганҷ оварам.

Ману аспи шабдизу шамшери тез,
Нагирам фиребу надонам гурез.

---

1 Л — доранд. 2 Л — ному. 3 И — б. 557 нест.
4 И — зару гавҳарон.
5 ТПЗ — Қасеро, ки андухи вом аст низ,
Аз ин ганҷ бояд, ки бошад-ш чиз.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи ганҷи хеш,
Қи гирд оварид аз хаю ранҷи хеш.

Биёвард гурдони кишвар-шро
Дирам дод яксола лашкар-шро.

Яке базмгаҳ сохт дар навбаҳор,
Биёрост айвони гавҳарнигор.

Маи лаъли рахшон ба ҷоми булӯр,
Чу шуд хурраму шод Баҳроми Гӯр,

Ба ёрон чунин гуфт, к-эй саркашон,
Шунида зи тахти бузургон нишон,

Зи Ҳушанг то Нӯзари номдор,
Қи аз Офаридун буд ӯ ёдгор,

Бар ин ҳамнишон то сари Қайқубод,
Қи тоҷи бузургӣ[1] ба сар барниҳод,

Бубинед, то з-он бузургон кӣ монд?
Бар эшон ба дод офарине[2] кӣ хонд?

Чу кӯтоҳ шуд гардиши рӯзгор,
Сухан монд аз он меҳтарон ёдгор.

Қи инро маниш буду онро набуд,
Якеро ситӯҳид,[3] дигар сутуд.

Якояк ба навбат ҳаме бугзарем,
Сазад гар ҷаҳонро ба бад наспарем.[4]

Ҷаро ранҷи[5] он рафтагон боядам,
В-агар[6] дил ба динор букшоядам.

Набандам[7] дил андар сарои сипанҷ
Нанозам ба тоҷу нанозам ба ганҷ.

[1] Л — Фаридун. [2] ИЛ — офарине. [3] И — Накуҳид; Л — якешон накӯҳиду. [4] И — б. 575 нест. [5] И — Чу аз ганҷи; Л — ганҷи. [6] И — Магар. [7] И — Бубандад.

Чу рӯзе[1] ба шодӣ ҳаме бугзарад,
Хирадманд мардум чаро ғам х(в)арад?!

Ҳар он гаҳ, ки аз зердастони мо,
Зи деҳқону аз дарпарастони мо,

Бинолад яке кеҳтар аз ранҷи ман,
Мабодо сару афсару ганҷи ман.

Яке пир буд номи ӯ Моҳьёр,
Шуда соли ӯ бар саду шасту чор.

Чу овоз бишнид бар пой хост,
Чунин гуфт, к-«эй меҳтари доду рост.[2]

Хабар ёфтам аз Фаридуну Ҷам,
В-аз он номдорон ба ҳар бешу кам.

Чу ту шоҳ нашнид кас дар ҷаҳон,
Умеди кеҳониву фарри меҳон.

Дилат гар ба паҳнош[3] дарьёстӣ,
Зи дарьё чунон мавҷ бархостӣ,

Ки нури суруш аз равони ту хост,
Хирад дар дили марди доно бикост.

Ту ганҷе парокандӣ андар ҷаҳон,
Ки он кас надид аз кеҳону меҳон.*[1]

Ба ҳангоми[4] Ҷамм чун сухан ронданд,
Варо Ганҷи Говон ҳамехонданд.

Надонист кас дар ҷаҳон, к-он куҷост,
Ба хок аст, ё[5] дар дами аждаҳост.

Ту чун ёфтӣ, нангаридӣ ба ганҷ,
Ки нанг омадат з-ин сарои сипанҷ,

---

[1] И — рузаш. [2] И — Бад-у гуфт; к-эй довари додрост. [3] Л — паҳнои. [4] И — Бузургон зи. [5] И — гар.
* 1М — б. 587 нест.

Ба дарьё ҳамоно, ки чандин[1] гуҳар,
Набинад ҳаме дидаи ҷонвар[2]

Ба дарвеш бахшидӣ он[3] гавҳарон,
Ҳамон гови зар аз[4] карон то карон.

Ки тоҷу камар бе ту ҳаргиз мабод,
Ту ободу пирӯзу бахти[5] ту[6] шод.

Басе дафтари хусравон з-ин сухун,
Сияҳ гардаду ҳам наёяд ба бун.[7]

ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО БОЗУРГОНЕ
ВА ШОГИРДИ Ӯ

Дигар ҳафта рӯзе[8] ба нахчир шуд,
Дижам буд бо таркашу тир шуд.

Зи хуршеди тобанда шуд дашт гарм,
Сипаҳбад зи нахчир[9] баргашт нарм.[10]

Суи кохи бозоргоне расид,
Ба ҳар су[11] нигаҳ карду касро[12] надид,

Ба бозоргон гуфт: «Моро сипанҷ,
Тавон кард, к-аз мо набинӣ ту ранҷ».

Чу бозоргонаш фуруд оварид,
Бигашту яке шоҳро ҷо гузид.[13]

Ҳаме буд нолон зи дарди шикам,
Ба бозоргон дод лахте дирам.

---

1 ИЛ — чандон. 2 Ба дида набинад касе тоҷвар; Л — надиду набинанд сар тоҷвар. 3 И — Бубахшид з-он. 4 И — Ҳама гавҳарони. 5 Л — Таноботу пирузу тахт аз. 6 И — Туро бод пирӯзиву тахт.
7 ТПЗИЛ — Пас аз рафтанат номи ту зинда монд,
Чу гуянда таърихи рузи ту хонд.
8 И — Дувум ҳафта танҳо. 9 И — аз он дашт.
10 ТПМ — Зи раҳ чун ба айвони худ руй дошт,
Чу чанде зи роҳи биёбон гузошт.
11 И — Сипаҳбуд. 12 И — уро. 13 Л — хобгоҳ баргузид; И — Нигаҳ карду як ҷойгаҳ баргузид.

Бад-ӯ гуфт: «Лахте панири куҳун,
Або мағзи бодом бирьён бикун».

Наёвард бозоргон он чи гуфт,
Набуд мағзи бодомаш андар нуҳуфт.

Чу торик шуд, мизбон рафт нарм,
Яке мурғи бирьён биёвард гарм.

Биёрост хон пеши Баҳром бурд,
Ба бозоргон гуфт Баҳроми гурд,

Ки «аз ту панири куҳан хостам,
Забонро ба хоҳиш[1] биёростам.

Наёвардиву дода будам дирам,
Ки «Ноланда[2] будам зи дарди шикам».

Чунин дод посух, ки «Эй бехирад,[3]
Надорӣ хирад то равон парварад.

Чу овардам ин мурғи бирьёни гарм,
Фузун хостан нест оини шарм».

Чу бишнид Баҳром аз ӯ ин сухан,
Бишуд з-орзӯяш панири куҳан.

Пушаймон шуд аз гуфти худ нон х(в)ард,[4]
Бар ӯ низ ёди гузашта[5] накард.

Чу ҳангомаи хоб будаш, бихуфт,
Ба бозоргон чизи дигар нагуфт.

Зи дарьёи ҷушон чу хур бардамид,
Шуд он чодари қиргун нопадид,

Ҳаме гуфт пурмоя бозоргон,
Ба шогирд, к-«эй марди нокордон!

---

[1] И — Бад-ин орзу дил. [2] ИЛ — нолида. [3] И — камхирад. [4] И — гуфтаву нон бих(в)ард. [5] И — Дигар низ аз ӯ орзӯе.

Чаро мурғ, к-арзаш набуд як дирам,
Ба афзун харидиву карди ситам.[1]

Гар арзон буди мурғ бо ин савор,
Набуди маро тирашаб корзор.

Харидӣ гар ӯро ба донге панир,
Будӣ бо ман имрӯз чун шаҳду шир».[2]

Чунин гуфт шогирд, к-«ин як тан аст,[3]
Чунон дон, ки мурғаш[4] шумори ман аст.

Ту меҳмони ман бош бо ин савор,
Бад-ин мурғ бо ман макун корзор».

Чу Баҳром бархост аз хоби х(в)аш,
Бишуд пеши он бораи досткаш,

Ки з-ин барниҳад то ба айвон шавад,
Кулоҳаш зи айвон ба кайвон шавад,

Чу шогирд дидаш[5] ба Баҳром гуфт,
Ки «имрӯз бо банда мебош ҷуфт».

Бишуд шоҳу наншаст*[1] бар тахти ӯй,
Шигифтӣ фурӯ монд аз бахти ӯй.

Ҷавон рафту овард хоя дувист,
Ба устод гуфт: «Эй гиромӣ,[6] маист.

Бикун мағзи бодом бирьёну гарм
Панири куҳан соз бо нони нарм.

Ки ин орзӯҳо ҳаме дӣ бихост,
Бубар нону хоне биёрой рост».

Бишуд назди Баҳрому гуфт: «Эй савор,
Ҳаме хоя кардӣ ту дӣ хостор.

---

[1] И — Харидиву кардӣ ба ман-бар ситам. [2] И — б. 616 нест. [3] И — Чунин дод посух, ки ёри ман аст. [4] ИЛ — мурғ аз. [5] И — дид он. [6] И — Ба бозорғон гуфт: чандин

* 1М — биншаст.

Қунун орзуҳо биёрем гарм,
Дигар то расад хӯрдании нарм-нарм».[1]

Бигуфт ин сухан пас ба бозор шуд,
Ба сози диғаргун харидор шуд.

Шакар ҷусту бодому мурғу бара,
Ки ороиши хон кунад яксара.

Маю заъфарон бурду мушку гулоб,
Сӯи хона шуд бо диле пуршитоб.[2]

Биёвард хон бо хуришҳои нағз,
Ҷавон пурманиш буду покизамағз.

Чу нон хӯрда шуд, ҷоми пурмай бибурд,
Нахустин ба Баҳроми хусрав супурд.

Зи хӯрдан*[1] ба ҷоми дамодам шуданд,
Бад-ин гуна то шоду хуррам шуданд,

Чунин гуфт бо мизбон шаҳриёр,
Ки «Баҳром моро кунад хостор,[3]

Шумо май гусореду мастон шавед,
Маҷунбед то майпарастон шавед».

Бимолид шабдизу[4] зин барниҳод,
Сӯи гулшан омад зи май гашта[5] шод.

Ба бозоргон гуфт: «Чандин макӯш
Ба афзунӣ, эй марди афзунфурӯш.

Ба донге маро дӯш бифрӯхтӣ,
Ҳаме чашми шогирд бардӯхтӣ.

Ки мурғе харидӣ фузун аз баҳо,
Ниҳодӣ маро дар дами аждаҳо».

---

[1] Л — б. 625—627 нест. [2] Л — диле пур зи тоб. [3] И — б. 633—634 нест. [4] И — гулранг. [5] И — шуда масту.
* 1М — хӯрдак

Бигуфт ин ба бозоргону бирафт,
Сӯи кохи[1] шоҳӣ гурозид тафт.

Чу хуршед бар тахт[2] бинмуд тоҷ,
Ҷаҳонбон нишаст аз бари тахти оҷ.

Бифармуд хусрав ба солори бор,
Ки бозоргонро кунад хостор.

Биёвард шогирд бо ӯ баҳам,
Яке шод аз эшону дигар дижам.

Чу шогирдро дид, бинвохташ,
Бари меҳтарон шод биншохташ.

Яке бадра бурданд наздики ӯй,
Ки чун моҳ шуд ҷони торики ӯй.

Ба бозоргон гуфт: «То зиндаӣ,
Чунон дон, ки шогирдро бандаӣ.

Ҳамон низ ҳар моҳиёна ду бор,
Дирам шаст ганҷе бар ӯ-бар шумор.

Ба чизи ту ӯ[3] сози меҳон кунад,
Дили марди озода хандон[4] кунад».

Ба мӯбад чунин гуфт: «З-он пас, ки шоҳ,
Чу кори ҷаҳонро надорад нигоҳ,

Чӣ донад, ки мардум кадомаст меҳ,
Чигуна шиносад бадонро зи беҳ?

Кунун, эй хирадманди донишпазир,
Агар бихрадӣ, як сухан ёд гир.

Бахилӣ макун эч, агар мардумӣ,
Ҳамоно зи ту кам кунад хуррамӣ.[5]

---

[1] ИЛ — гоҳи. [2] Л — чарх; И — гоҳ. [3] Л — то; И — ар. [4] Л — Бад-ин бошад аз доду фармон; И — Бад-ин бошад аз дод паймон.
[5] И — б. 651, 652 нест.

## КУШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЖДАҲОРО ВА ДОСТОНИ Ӯ БО ЗАНИ ПОЛИЗБОН

Ҳаме буд якчанд бо меҳтарон,
Маи равшану ҷому ромишгарон.

Баҳор омаду хок шуд чун биҳишт,
Ба руи замин-бар ҳаво лола кишт.

Ҳама бумҳо пур зи нахчир гашт,
Ба ҷуй обҳо чун маю шир гашт.

Гурозидани гӯру оҳу ба шах,
Кашиданд бар сабза ҳар ҷой нах.

Ҳама ҷӯйборон пур аз мушкдум,
Ба сони гули нор шуд май ба хум.

Бигуфтанд бо шоҳ Баҳроми Гӯр,
Ки шуд дер ҳангоми нахчири гӯр.

Чунин дод посух, ки «марде ҳазор
Гузин кард бояд зи лашкар савор.

Биёвард бояд ҳама[1] юзу боз,
Ҳама чарғу[2] шоҳини гарданфароз.

Аз эдар сӯи Тур бояд шудан,
Бибояд ба нахчир моҳе будан».[3]

Сӯи Тур шуд шоҳи нахчирҷӯй,
Ҷаҳон дид яксар пур аз рангу бӯй.

Зи гӯру зи ғурму зи оҳу ҷаҳон
Бипардохтанд он диловар меҳон.

Ду рӯз андар он корҳо шуд диранг,
Ҳаме буд Баҳром бо май ба чанг.[4]

---

1 И — бо хештан. 2 И — Ҳамон мурғи. 3 И — задан 4 И — б. 664 нест.

Се дигар чу бифрӯхт гетифирӯз,
Шаби тира бугрехт аз бими рӯз,[1]

Барафрохт хуршеди рахшанда тоҷ,
Замин зард шуд, кӯҳу дарьё чу оҷ.[2]

Ба нахчир шуд шаҳриёри далер,
Яке аждаҳо дид чун наррашер,

Ба болои ӯ мӯй буд бар сараш,
Ду пистон ба сони[3] занон бар бараш.

Камонро ба зеҳ карду тири хаданг
Бизад бар бари[4] аждаҳо бедиранг.

Дигар тир зад бар миёни сараш,
Фурӯ рехт хунобу заҳр[5] аз бараш.

Фуруд омаду ханҷаре баркашид,
Саросар бари[6] аждаҳо бардарид.

Яке марди барно фурӯ бурда буд,
Ба хуну ба заҳр андар афсурда буд.

Бар он мурда бигрист бисьёр[7] зор,
В-аз он заҳр шуд чашми Баҳром[8] тор.[9]

---

1 Л — б. 649—665 нест;
И — Чу се рӯз бугзашт зи урдубиҳишт,
Шуд аз сабза полизҳо чун биҳишт.

2 И — Ҳаме ронд шабдизро нарм-нарм,
Бад-ин гуна то рӯз баргашт гарм.
Фуруд омад аз ҷойгаҳ шаҳриёр,
Парастандае гуфт: «Ҷоми май ор.
Бибуд маст (у) шодон шаб он ҷойгоҳ
Чу хуршед бинмуд зарринкулоҳ.

3 Л — чу они. 4 И — сари. 5 Л — чун об хун. 6 И — саропои он.
7 И — Баҳром. 8 И — Шуд аз заҳри ӯ чашми солор.
9 ТПЗЛ — Бурун кард мар мурдаро аз бараш,
Ки ҳаргиз мабодо бараш бо сараш;
И — Пас аз б. 673 ин б. омада:
Биёмад сӯи об танро бишуст.
Яке ҷойгоҳи ниёиш биҷуст.
Фаровон бимолид рух бар замин,
Ҳаме кард бар кирдгор офарин.

Ҳаме ронд ҳайрону печон[1] ба роҳ,
Ба хобу ба об[2] орзуманд шоҳ.

Чунин то ба ободҷое расид,
Ба ҳомун суе дар сарое расид.

Зане дид бар китфи ӯ-бар сабӯй,
Зи Баҳроми хусрав бипӯшид рӯй.

Бад-ӯ[3] гуфт Баҳром, к-«эдар сипанҷ
Диҳед, ар[4] бибояд гузаштан ба ранҷ.

Чунин[5] гуфт зан, к-«эй набардасавор,
Ту ин хона чун[6] хонаи хеш дор.

Чу посух шунид, асп дар хона ронд,
Зани мизбон шӯйро пеш хонд.

Бад-ӯ гуфт: «Қоҳ ору аспаш бимол,
Чу шона надорӣ, ба пашмин ҷувол».

Худ[7] омад ба ҷое, ки будаш[8] нуҳуфт,
Зи пеш андарун рафту хона бирӯфт.

Ҳасире бигустурду болин ниҳод,
Ба Баҳром-бар офарин кард ёд.

Сӯи хонаи об шуд, об бурд,
Ҳаме дар ниҳон шӯйро баршумурд.

Ки ин пири аблаҳ, бимонад ба пой,[9]
Ҳар он гаҳ, ки бинад касе дар[10] сарой.

Набошад чунин кор, кори занон,
Манам лашкариро зи хидматкунон.[11]

---

1 И — В-аз он ҷо биёмад шитобон. 2 И — ба хурд. 3 И — Ба зан. 4 И — Диҳӣ то. 5 И — Бад-у. 6 И — хонаро. 7 Л — Чу. 8 И — Фуруд оваридаш ба ҷое. 9 И — ҷой. 10 И — пас андар. 11 Л — б. 684, 685 нест.

Бишуд шоҳ Баҳрому рухро бишуст,
Қ-аз он аждаҳо буд нотандуруст.[1]

Биёвард зан хону бинҳод рост,
Бар ӯ тарраву сиркаву нону мост.

Бихӯрд андаке нону нолон бихуфт,
Ба дастори чинӣ рух андар нуҳуфт.

Чу аз хоб бедор шуд, зан ба шӯй
Ҳаме гуфт, к-«эй зишти ношустарӯй,

Бара кушт бояд туро, к-ин савор
Бузург асту аз тухмаи шаҳриёр.

Ки бурзи каён дораду фарри[2] моҳ,
Намонад ҳаме ҷуз ба Баҳромшоҳ».

Чунин гуфт бо зан фурӯмоя шӯй,
Ки «чандин чаро боядат гуфтугӯй?

Надорӣ намаксуду ҳезум, на нон,
На шаб дуг ресӣ ҳаме чун занон,

Бара куштиву хӯрду рафт ин савор,
Чӣояд туро з-ӯ дар ин раҳгузор?

Зимистону сармову боди дамон,
Ба пеш оядат як замон[3] бегумон.

Ҳаме гуфт анбозу нашнид зан,
Ки ҳам некзан буду ҳам ройзан.

Бара кушта шуд ҳам ба фарҷоми кор,
Ба гуфтори он зан зи баҳри савор.

---

[1] ТП — Биёмад, нишаст, аз бари он ҳасир,
Ба дархона бар пой буд марди пир.
[2] И — фарри каён дораду рӯи. [3] И — ногаҳон.

Чу шуд кушта деге тарина бипухт,
Бибурд оташу ҳезуми нимсӯхт.

Биёвард хоне барои шаҳриёр,
Бар ӯ хояву тарраи ҷуйбор.

Яке пои бирьён бибурд аз бара,
Ҳамон пухта чизе, ки буд яксара.

Чу Баҳром даст аз хуришҳо бишуст,
Ҳаме буд бехобу[1] нотандуруст. .

Чу шаб кард бо офтоб анҷуман,
Қадуи маю санҷид овард зан.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй зани камсухан,
Яке достон гӯй бо ман куҳан.

Бад-он то ба гуфтори ту май хӯрам,[2]
Даме дар[3] дил андӯҳро бишкарам.[4]

Ба ту достон низ кардам яла,
Аз ин шоҳат озодӣ аст аз гала».

Зани камсухан гуфт, к-«оре, накӯст
Ҳам оғозу фарҷоми ҳар кор аз ӯст.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«ин асту бас,
Аз ӯ доди хубӣ набинанд[5] кас».

Зани пурманиш[6] гуфт, к-«эй покрой,[7]
Бад-ин деҳ[8] фаровон кас асту сарой.

Ҳамеша гузори саворон бувад,
Зи девони шаҳ[9] кордорон бувад.

Яке номи дуздӣ ниҳад бар касе,
Ки фарҷом аз он ранҷ ёбад басе.

---

1 И — нолону. 2 ИЛ — хӯрем. 3 Л — Ба май бар. 4 Л — бишкарем. 5 Л — Ба чуз доди хубиш нахоҳанд. 6 И — мизбон. 7 И — хуброй. 8 И — Дар ин. 9 Л — девону аз.

Бикӯшад зи баҳри дирам панҷу шаш,
Ки нохуш[1] кунад бар дилаш рузи х(в)аш.

Зани поктанро ба олудагӣ,
Барад ному ёзад[2] ба беҳудагӣ.

Зиёне бувад, к-он наёяд ба ганҷ,
Зи шоҳи ҷаҳондор ин аст ранҷ».

Пурандеша шуд з-ин сухан шаҳриёр,
Ки бад шуд варо ном аз он пойкор.

715 Ба дил гуфт пас шоҳи яздоншинос,
Ки аз додгар кас надорад ҳарос.[4]

Дуруштӣ кунам з-ин сипас рӯз, чанд,
Ки пайдо шавад меҳру дод[5] аз[6] газанд.

Бад-ин тираандеша печон нахуфт,
Ҳама шаб дилаш бо ситам буд ҷуфт.

Бад-он гаҳ, ки хур чодари мушкбӯй
Бидарриду бар чарх бинмуд рӯй,[7]

Биёмад зан аз хона бо шӯй гуфт,
Ки ҳаркораву оташ ор аз нуҳуфт,

720 Зи ҳаргуна тухм андар афкан ба об,
Набояд, ки бинад варо офтоб.

Кунун то бидӯшам ман аз гов шир,
Ту ин кори ҳаркора осон магир».

Биёвард гов аз чарогоҳи хеш,
Фаровон гиё бурду бинҳод пеш.

---

[1] Л — Ки то хун. [2] И — кӯшад. [3] Л — ёдгор: И — б. 713, 714 нест. [4] ИЛ — сипос. [5] И — Ки то дод пайдо шавад. [6] Л — доду. [7] И — б. 717, 718 нест.

Ба пистон-ш бар даст молиду гуфт,
Ба номи худованди беёру ҷуфт.

Тиҳӣ дид пистони говаш[1] зи шир,
Дили мизбони ҷавон гашт пир.

Чунин гуфт бо шӯй, к-«эй кадхудой,
Дили шоҳи гетӣ дигар шуд ба рой.

Ситамкора шуд шаҳриёри ҷаҳон,
Дилаш дӯш печон шуд андар ниҳон».

Бад-ӯ гуфт шӯй: «Аз чӣ гӯӣ ҳаме,
Ба фоли бад андар чӣ ҷӯӣ ҳаме?»

Бад-ӯ[2] гуфт зан, к-«эй гаронмоя шӯй,
Маро беҳуда нест ин[3] гуфту гӯй.

Зи гардун натобад бибоист моҳ,
Чу бедодгар шуд ҷаҳондор шоҳ.

Ба пистонҳо дар шавад шир хушк,
Набуяд ба нофа дарун низ мушк.

Зинову риё ошкоро шавад,
Дили нарм чун санги хоро шавад.

Ба дашт андарун гург мардум хӯрад,
Хирадманд бугрезад аз бехирад.

Шавад хоя дар зери мурғон табоҳ,
Ҳар он гаҳ, ки бедодгар гашт шоҳ.[4]

Чарогоҳи ин гов камтар набуд,
Ҳам обишхӯраш низ бадтар набуд.

---

[1] И — ғорак. [2] ИЛ — Чунин. [3] И — нест беҳуда он. [4] И — Пас аз б. 733 ин б. омада:

Назояд ба ҳангом дар дашт гӯр,
*Шавад бачаи бозро дида кур.*

Ба пистон чунин хушк шуд шири ӯй,
Дигаргуна шуд ранги чун қири[1] ӯй».

Чу шоҳи ҷаҳон ин суханҳо шунуд,
Пушаймонӣ омад аз андеша зуд.[2]

Ба яздон чунин гуфт, к-эй комгор.[3]
Тавонову дорандаи рӯзгор,[4]

Агар тоб гирад дили ман зи дод,
Аз ин пас маро тахти шоҳӣ мабод.

Зани фарруху поку[5] яздонпараст,
Дигар бора бар гов молид даст.

Ба номи худованд зад дасту[6] гуфт,
Ки берун гузорӣ ту шир аз нуҳуфт.

Зи пистони говаш[7] биборид[8] шир,
Зани мизбон гуфт, к-эй дастгир,

Ту бедодро кардаӣ додгар,
В-агарна набудӣ варо ин ҳунар.

В-аз он пас чунин гуфт бо кадхудой,
Ки бедодро рой шуд боз ҷой.

Ту бохандаву ромишӣ боз аз ин,
Ки бахшуд бар мо ҷаҳонофарин.

Ба ҳаркора дар шир чун пухта шуд,
Зану мард аз он кор пардахта шуд,

Ба наздики меҳмон шуд ин покрой,
Ҳаме бурд хон аз пасаш кадхудой.

Ниҳода бад-ӯ косаи ширбо,
Чи неку будӣ, гар будӣ зербо.

---

1 Л — рангу ожири. 2 Л — зи андеша суд. 3 И — кирдгор. 4 И — …онову парвардигор. 5 ИЛ — фаррухи поки. 6 Л — зардушт. 7 И — говак. 8 И — биёзид.

Аз он ширбо шоҳ лахте бих(в)ард,
Чунин гуфт пас бо зани поймард,[1]

Ки ин тозиёна ба даргоҳ бар,
Биёвез[2] ҷое, ки бошад гузар.

Нигаҳ кун яке шохи нарри[3] баланд,
Набояд, ки аз бод ёбад газанд.

В-аз он пас бубин то кӣ ояд зи роҳ,
Ҳаме кун бад-ин тозиёна нигоҳ.

Худованди хона бипӯид сахт,
Биёвехт он шеби шоҳ[4] аз дарахт.

Ҳамон дошт ӯро замоне нигоҳ,
Падид омад аз роҳ бемар сипоҳ.

Ҳар он кас, ки он тозиёна бидид,
Ба Баҳром-бар офарин густарид.

Пиёда ҳама пеши шеби дароз
Бирафтанду бурданд як-як намоз.

Зану ҷуфт[5] гуфт: «Ин ҷуз аз шоҳ нест,
Чунин чеҳра ҷуз дархури[6] гоҳ нест».

Пур аз шарм рафтанд ҳар ду зи роҳ,
Пиёда давон то ба наздики шоҳ,

Ки шоҳо, бузурго, радо, бихрадо,
Ҷаҳондору бар мӯбадон мӯбадо,[7]

Бад-ин хона дарвеш буд мизбон,
Зане бенаво, шӯй полезбон.

Бад-ин бандагон[8] низ кӯшиш набуд,
Ҳам аз шоҳ моро пижӯҳиш набуд.

---

1 Л — бо зан ба фармон мард. 2 И — Даровез. 3 Л — бартар. 4 Л — з-он сон, ки гуфт. 5 Л — шӯй. 6 Л — аз дари. 7 И — б. 757 758 нест. 8 Л — бандагӣ.

Ки чун ӯ бад-ин ҷой меҳмон расад,
Бад-ин бенаво миҳану мон расад.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«эй рӯзбеҳ,
Туро додам ин марзу ин буму деҳ.

Ҳамеша ҷуз аз мизбонӣ макун,
Бар ин бошу полезбонӣ макун».

Бигуфт ину хандон бишуд з-ин[1] сарой,
Нишаст аз бари боран[2] бодпой.

Бишуд з-ин деҳи бенаво шаҳриёр,
Биёмад ба айвони гавҳарнигор.[3]

РАФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА НАХЧИР ВА
ХОСТАНИ ДУХТАРОНИ БАРЗИНДЕҲҚОН

Ба рӯзе се дигар[4] бурун рафт шоҳ,
Або лашкару сози нахчиргоҳ.

Бузургони Эрон зи баҳри шикор,
Ба даргоҳ рафтанд сесад савор,

Або ҳар саворе парастанда сӣ,
Зи турку зи румиву зи порсӣ[5]

Ба дебо биёроста даҳ шутур,
Рикобаш ҳама зарру полон-ш дур.

Даҳ уштур нишастангаҳи шоҳро
Ба дебо биёроста гоҳро.

Ба пеш андарун сохта ҳафт пил,
Бар ӯ тахти пирӯза ҳамранги нил.

---

[1] Л — он гаҳ бишуд з-он; И — хуррам бишуд з-он. [2] И — тозии.
[3] ИЛ — б. 765 нест. [4] И — чаҳорум. [5] ИП — б. 767, 768 нест.
ПЛМ — Парастанда сесад аз айвони шоҳ,
Бирафтанд бо сози нахчиргоҳ.

Ҳама пояи тахт зарру булӯр,
Нишастангаҳи шоҳ Баҳроми Гур.

Або ҳар яке теғзан сӣ ғулом,
Ба зарринкамарҳову зарринситом.

Сад астар буд аз бахри ромишгарон,
Ҳама бар сарон афсар аз гавҳарон.

Або боздорон саду шаст боз,
Дусад чарғу шоҳини гарданфароз.

Пас андар яке мурғ буди сиёҳ,
Гиромитар он буд дар[1] чашми[2] шоҳ.

Сиёҳаш ду чангу ба минқор зард,
Чу зарри дурахшанда бар ложвард.

Ҳаме хондандиш Туғро*[1] ба ном,
Ду чашмаш чунон чун пур аз хун ду ҷом.[3]

Ки хоқон ба хусрав[4] фиристода буд,
Дигар тахт бо тоҷи[5] беҷода буд.

Яке тавқи заррин забарҷаднигор,
Чиҳил ёраву сивушаш гӯшвор.

Шутурвор сесад зароиф зи Чин,
Фиристоду ёқут сесад нигин.

Паси боздорон саду бист юз,
Бибурданд бо шоҳи гетифурӯз.

Биёроста тавқи юз аз гуҳар,
Бад-ӯ андар афканда занҷири зар.

Биёмад шаҳаншоҳ аз ин сон ба дашт,
Ҳаме тоҷаш аз муштарӣ баргузашт.

---

1 Л — бар. 2 И — наздики. 3 И — б. 776, 778 нест. 4 ИЛ — хоқони чинаш. 5 Л — Яке тахт бо тоҷу.
* 1 М — туғрал

Ҳарон кас, ки буданд нахчирҷӯй,
Сӯи оби дарьё ниҳоданд рӯй.

Ҷаҳондор[1] Баҳром ҳар ҳафт сол
Бад-он об рафтӣ ба фархунда фол.

Чу лашкар ба наздики дарьё расид,
Шаҳаншоҳ дарьё пур аз мурғ дид.

Бизад таблу Туғро[2] шуд андар ҳаво,
Шикебо набуд мурғи фармонраво.

Забун буд чанголи ӯро куланг,
Шикоре, ки нахчири ӯ буд паланг.

Уқобе ба чанг омадаш бардамид,
Саранҷом гашт аз ҳаво нопадид.[3]

Бипаррид бар сони тир аз камон,
Яке боздор аз паси ӯ дамон.

Дили шоҳ гашт аз паридан-ш танг,
Ҳаме тохт аз пас бар овои занг.

Яке боғ пеш андар омад фарох,
Баровarда аз гушаи боғ кох.

Бишуд тозиён бо тане чанд шоҳ,
Ҳаме буд лашкар ба нахчиргоҳ.

Чу Баҳроми Гӯр[4] андар омад ба боғ,
Яке ҷой дид аз пасаш тундроғ.[5]

Миёни гулистон яке обгир
Ба лаб барнишаста[6] яке марди пир.

---

1 И — ҷаҳонҷӯй. 2 ИМ — туғрал
3 Л — Саранҷом шуд дар ҳаво нопадид,
Қуланге ба чанг омадаш бардамид.
4 И — Баҳромшоҳ. 5 И — Яке боғ дид аз фарохӣ чу роғ. 6 И — Нишаста бар ӯ-бар.

Заминаш ба дебо биёроста,
Ҳама боғ пурбандаву[1] хоста.

Се духтар бари ӯ нишаста чу оҷ,
Ба сар барниҳода зи пирӯза тоҷ.

Ба рух чун баҳору ба боло баланд,
Ба абру камону ба гесу каманд.

Яке ҷом бар дасти ҳар як булур,
Бад-эшон нигаҳ кард Баҳроми Гӯр.

Зи дидорашон чашми ӯ[2] хира гашт,
Зи бозори Туғро[3] дилаш тира гашт.

Чу деҳқони пурмоя ӯро бидид,
Рухи ӯ шуд аз бим чун шанбалид.

Хирадманд пиреву Барзин ба ном,
Дили ӯ шуд аз шоҳ ношодком.[4]

Бирафт аз лаби ҳавз Барзин чу бод,
Бари шоҳ шуд, хокро буса дод.

Чунин[5] гуфт к-эй шоҳи хуршедчеҳр,
Ба коми дилат бод[6] гардон сипеҳр.

Наёраст гуфтан, ки эдар биист,
Бад-ин марзи ман бо саворе дувист.

Сари бахти Барзин бароям ба моҳ,
Агар шод гардад бад-ин боғ шоҳ».

Ба Барзин чунин гуфт шоҳи ҷаҳон,
Ки «имрӯз Туғро шуд аз мо ниҳон.

Дилам гашт аз ин мурғи гиранда танг,
Ҳаме тохтам пас бар овои занг».

---

[1] И — бо бандаву. [2] И — шаҳ. [3] И — Ҳам аз кори туғрал. [4] Л — б. 803 нест. [5] Л — Бад-ӯ. [6] Л — ту гардод.

Чунин посух овард Барзин ба шоҳ,
Ки «акнун яке мурғ дидам сиёҳ,[1]

Або ранги[2] заррин танаш ҳамчу қир,
Ҳамон чанги минқори ӯ чун зарир.

Биёмад бар он гавзбун барнишаст,
Ҳам акнун ба бахти ту ояд ба даст».

Ҳамон гаҳ яке бандаро гуфт шоҳ,
Ки «шав гавзбун кун саросар нигоҳ».

Бишуд банда чун бод, овоз дод,
Ки ҳамвора шоҳи ҷаҳон шод бод!

Ки туғро ба шохе баровехтаст,
Қунун боздораш бигирад ба даст,

Чу туғро[3] падид омад, он пир гуфт,
Ки «эй барзамин шоҳи беёру[4] ҷуфт.

Паи мизбон бар ту фархунда бод,
Ҳама тоҷдорон[5] туро банда бод.

Бад-ин шодӣ акнун яке ҷом хоҳ,
Чу ороми дил ёфтӣ, ком хоҳ».

Шаҳаншоҳи гетӣ бад-он обгир,
Фуруд омаду шодмон гашт пир.

Биёмад ҳамон гоҳ дастури[6] ӯй,
Ҳам он хайлдорону ганҷури[7] ӯй.

Биёвард Барзин маи сурху ҷом,[8]
Нахустин зи шоҳи ҷаҳон буд ном,

---

[1] И — б. 805—810 нест. [2] Л — занги. [3] И — туғрул. [4] И — бобод. [5] И — шаҳриёрон. [6] И — бар он боғ ганҷури. [7] И — Ҳама роздорону дастури. [8] Л — пурмай яке зардҷом.

В-аз он пас биёвард ҷоми булӯр,
Ниҳоданд бар дасти Баҳроми Гӯр.

Ҷаҳондор чун дид,[1] бистуд набид,
В-аз андозаи хатт[2] бартар кашид.

Чу Барзин чунон дид, баргашт шод,
Биёмад ба ҳар ҷой хумме ниҳод.

Чу шуд маст Барзин, бад-ин духтарон,
Чунин гуфт, к-«эй пурҳунар кеҳтарон,

Бад-ин боғ Баҳромшоҳ омадаст,
На гарданкаше з-он[3] синоҳ омадаст.

Ҳало ҷома пеш овар, эй ҷомагӯй,
Ту чанг овар, эй духтари моҳрӯй».

Бирафтанд ҳар се ба наздики шоҳ,
Ниҳода ба сар-бар зи гавҳар кулоҳ.

Яке пойкӯбу дигар чангзан,
Се дигар хушовозу андуҳшикан.

Бар овози[4] эшон шаҳаншоҳ ҷом
Зи бода тиҳӣ карду шуд[5] шодком.

Бад-ӯ гуфт, к-«ин духтарони киянд,
Ки бо ту бад-ин шодмонӣ[6] зиянд?»

Чунин гуфт Барзин, ки «эй шаҳриёр,
Мабинод бе ту касе[7] рӯзгор.

Чунин дон, ки он духтарони мананд,
Писандидаву дилбарони мананд.

---

1 И — ҷаҳонҷуй Баҳром. 2 И — Зи хатту зи андоза. 3 И — аз. 4 Чи бистуд аз. 5 Л — Забон кард гӯёву дил. 6 И — шодкомӣ. 7 И — кас ин.

Яке ҷомагӯву дигар чангзан,
Савум пой кӯбад шикан бар шикан.

Зи чизе маро нест шоҳо, камӣ,
Дирам ҳасту динору боғу замӣ.

Се духтар,[1] ба кирдори хуррамбаҳор,
Бад-ин сон, ки бинад ҳаме шаҳриёр.

Бад-ин ҷомазан гуфт, к-эй моҳрӯй,
Бипардоз дил ҷомаи шоҳ гӯй».

Бутон ҷомаву[2] чанг барсохтанд,
Якояк дил аз ғам бипардохтанд.

Нахустин шаҳаншоҳро ҷомагӯй,
Чунин гуфт, к-«эй хусрави моҳрӯй,

Намонӣ, магар[3] бар фалак моҳро,
Нашоӣ, магар хусравӣ гоҳро.

Ба дидор моҳу ба болой соҷ,
Бинозад ба ту тахти шоҳиву тоҷ.

Хунук он ки шабгир бинадт рӯй,
Хунук он ки ёбад зи мӯи ту бӯй.

Миён танг чун бабру бозу ситабр,
Ҳаме фарри тоҷат барояд ба абр.

Ба гулнор монад ҳаме чеҳри ту,
Ба шодӣ бихандад дил аз меҳри ту.

Дилат ҳамчу дарьёву дастат[4] чу абр,
Шикори камандат палангу[5] ҳизабр.

Ҳаме мӯ шикофӣ ба пайкони тир,
Ҳаме об гардад зи доди ту шир.

---

[1] Л — Чаҳорум. [2] Л — ҷома бар. [3] Л — ҳаме. [4] Л — роят. [5] Л — Шикорат набинам ҳаме ҷуз.

Сипоҳе, ки бинад каманди туро,
Ҳамон бозуи зурманди туро,

Бидаррад дилу мағзи ҷанговарон,
В-агар чанд бошад сипоҳи гарон.[1]

Чу он чома бишнид Баҳроми Гур,
Бихурд он гаронсанг ҷоми булур.

Бад-у гуфт шоҳ: «Эй сарафроз мард,[2]
Чашида зи гетӣ басе гарму сард.

Наёбӣ ту домод беҳтар зи ман,
Гави шаҳриёрон, сари анҷуман.

Ба ман[3] деҳ ту ин ҳар се духтартро,
Ба кайвон барафроз афсартро».[4]

Бад-у гуфт Барзин, ки «эй шаҳриёр,
Ба ту шод бодо маю майгусор,

Кӣ ёрист гуфтан худ андар ҷаҳон,
Кӣ дорад[5] чунин заҳра андар ниҳон?

Маро гар пазирӣ ба сони раҳӣ,
Ки бипрастам он тахти шоҳаншаҳӣ,

Парастиш кунам тоҷу тахти туро,
Ҳам он фарру аврангу[6] бахти туро.

Ҳамон[7] ин се духтар парастандаанд,
Ба пеши ту бар пой чун бандаанд.

Парастандагонро писандид[8] шоҳ,
Бар ин сон чу[9] аз дур дид ин[10] се моҳ.

---

[1] И — б. 840—848 нест. [2] И — Ба барзин чунин гуфт, к-эй родмард. [3] И — Маро. [4] Ба ман тоза кун фаррух ахтартро. [5] Л — Киро буд. [6] ИЛ — авранду. [7] Маро. [8] Л — парастид. [9] Л — ки. [10] Л — он.

Ба болой соҷанду ҳамранги оҷ,
Сазовори тахтанду зебои тоҷ.

Бигӯям кунун, он чи ҳастам ниҳон,
Баду нек бо шаҳриёри ҷаҳон.

Зи пӯшиданӣ, ҳам зи густурданӣ,
Зи афканданӣ, ҳам парокანданӣ.

Ҳамоно шутурвор бошад дувист,
Ба айвони ман банда, гар беш нест.

Ҳамон ёраву тавқ бо тоҷу тахт,
К-аз он духтарон шод бошанд сахт».

Зи Барзин бихандид Баҳрому гуфт,
Ки чизе, ки дорӣ ту андар нуҳуфт,

Бимон, то бибошад ҳамон ҷо ба ҷой
Ту бо ҷоми май сӯи ромиш гирой.

Бад-у гуфт пир: «Ин[1] се духти чу моҳ
Ба роҳи[2] Қаюмарсу Ҳушангшоҳ,[3]

Туро додаму хоки пои[4] туанд,
Ҳамон ҳар се зинда барои[5] туанд.

Меҳиндухтро ном Моҳофарид,
Фаронак дигар буд, дигар Шанбалид.

Писандидашон шоҳ чун дидашон,
Зи бонузанон низ бугзидашон.[6]

---

1 Л — рои; И — дини. 2 И — гуфт, к-ин. 3 И — Ҷамшедшоҳ. 4 Л — куи. 5 Л — ба буи; И — Парастандае дар сарои.
6 ТПЛ — Ба Барзин чунин гуфт он ҳар се моҳ,
Писандид, чун дид Баҳромшоҳ.
ЗИ — Ба Барзин чунин гуфт*, к-ин ҳар се моҳ,
Писандидаму барнишондам ба гоҳ.
* И — Бад-у гуфт Баҳром

Бифармуд то маҳди заррин чаҳор
Биёрад зи лашкар яке номдор.

Чу ҳар се бут андар иморӣ нишаст,
Зи румӣ ҳаме ходим овард шаст.[1]

Ба гирди бутон дар ҳаме ронданд,
Бар эшон ҳаме офарин хонданд.[2]

Ба мушкӯи заррин шуданд он[3] се моҳ,
Ҳаме буд то масттар гашт шоҳ.

Яке банда тозонаи шоҳро,
Бибурду биёрост даргоҳро.

Сипаҳро зи солори гарданкашон,
Ҷуз он тозиёна набудӣ[4] нишон.

Чу дидӣ касе шоҳшеби дароз,
Давон пеш рафтиву бурдӣ намоз.

Ҳаме буд Баҳром то гашт маст,
Чу хуррам шуд, андар иморӣ нишаст.

Биёмад ба мушкӯи заррини хеш,
Сӯи хонаи анбарогини[5] хеш.

Чу омад, яке[6] ҳафта онҷо[7] бибуд,
Басе хӯрду[8] бахшиду гуфту шунуд.[9]

## ҲУНАР НАМУДАНИ БАҲРОМИ ГӮР
## БА НАХЧИР ВА ХОСТАН
## ДУХТАРИ ГАВҲАРФУРӮШ

Ба ҳаштум биёмад ба даште шикор,
Ху ду Рӯзбеҳ бо саворе ҳазор.

---

[1] Л — чиҳил ходими бутпараст;
И — Нишастанд бар маҳд — ӯ ҳар се моҳ,
Чиҳил ходим омад сапеду сиёҳ.
[2] И — б. 872 нест. [3] Л — ин. [4] И — набудаш. [5] И — гавҳарогини.
[6] Л — ба. [7] И — яке ҳафта хуррам бар он ҷой. [8] И — доду. [9] И — Шодӣ намуд.

Ҳама дашт яксар пур аз гӯр дид,
Зи таркаш камони каёнӣ кашид.[1]

Ду зоғи сияҳро[2] ба зеҳ барниҳод,
Зи яздони пирӯзгар кард ёд.

Баҳорону гӯрон шуда ҷуфтҷӯй,
Зи гетӣ[3] ба руй андар оварда руй.

Ҳаме пуст канд ин аз он, он аз ин,[4]
Зи хуншон шуда лаъл руи[5] замин.

Ҳаме буд Баҳром то гӯри нар,
Ба мастӣ барошуфт як бо[6] дигар.[7]

Чу пирӯз шуд наррагӯри далер,
Яке модаро андар овард зер.[8]

Ба зеҳ дошт Баҳроми ҷангӣ камон,
Бихандид чун диду шуд шодмон.

Бизад тир бар пушти он гӯри нар,
Гузар кард бар гӯр пайкону пар.

Нару модаро ҳар ду барҳам[9] бидӯхт,
Дили лашкар аз захми ӯ барфурӯхт.

Зи лашкар ҳар он кас, ки он захм дид,
Бар он[10] шаҳриёр офарин густарид.

Ки чашми бад аз фарри ту[11] дур бод,
Ҳама рӯзгорони ту[12] сур бод.

Ба мардӣ ту андар замона навӣ,
Ки ҳам шоҳу ҳам хусраву ҳам гавӣ.

---

1 И — каён баркашид; Л — кай баркашид. 2 И — камонро. 3 Л — киштӣ. 4 И — он аз он, ин аз ин.
5 И — Шуда лаъл аз хуни эшон. 6 Л — ҷудо шуд яке аз. 7 И — ҷудо гашт аз якдигар. 8 Л — б. 886 нест. 9 Л — ба ҳам бар; И — бо ҳам. 10 Л — Абар. 11 И — шаҳ. 12 И — зиндагониш дар.

## ҚУШТАНИ БАҲРОМ ШЕРОНРО ВА РАФТАНАШ БА ХОНАИ ГАВҲАРФУРӮШ ВА ХОСТАН ДУХТАРИ ӮРО

В-аз он ҷо барангехт шабранг[1] шоҳ,
Яке беша пеш андар омад ба роҳ,

Ду шери жиён пеши он беша дид,
Қамонро ба зеҳ карду андар кашид.

Бизад бар бару[2] синаи шер чок,
Гузар кард пайкону пар то[3] ба хок.

Бари мода шуд тезу букшод шаст,
Бари шер бо гирдронаш бубаст.

Чунин гуфт, к-ин тири бепар бувад,
Набуд тез пайкони ӯ гар бувад.

Сипоҳаш ҳама хонданд[4] офарин,
Ки эй номвар шаҳриёри замин,

Надиду набинад касе дар[5] ҷаҳон,
Чу ту шоҳ[6] бар тахти шоҳаншаҳон.

Чу бо тири бепар ту шер афканӣ,
Паи кӯҳи хоро зи бун барканӣ.

Бад-он маргзор андарун ронд шоҳ,
Зи лашкар ҳар он кас, ки буд некхоҳ,

Яке беша диданд[7] пургӯспанд,
Шубонон[8] гурезон зи бими газанд.

Яке саршубон дид Баҳромро,
Надидӣ[9] зи бими дад оромро.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«ин гуспанд,
Кӣ дорад бад-ин ҷои носудманд?»

---

[1] И — Аз он ҷо биёмад сипаҳдор. [2] Л — тиру шуд. [3] ИЛ — бо парру пайкон. [4] И — хондаш. [5] ИЛ — кас андар [6] Л — низ. [7] Л — бешае дид. [8] Л — шитобон. [9] Л — набудаш.

Бад-ӯ саршубон гуфт, к-«эй номдор,
Зи гетӣ ман оям бад-ин марғзор.

Ҳам ин гӯсфандони гавҳарфурӯш,
Ба дашт[1] андар овардам аз кӯҳ дӯш.

Тавонгар худованди ин гӯспанд,
Напечад ҳаме аз ниҳеби газанд.

Ба харвор бо номвар гавҳар аст,
Ҳамон зарру сим асту ҳам зевар аст.

Надорад ба ҷуз духтаре[2] чангзан,
Сари ҷаъду[3] зулфаш шикан бар[4] шикан.

Нагирад[5] ҷуз аз дасти духтар набид,
Қасе мардуми пир аз он[6] сон надид.

Агар нестӣ доди Баҳромшоҳ,
Мар ӯро куҷо мондӣ ин[7] дастгоҳ?

Шаҳаншоҳи гетӣ накӯшад ба зар,
Ҳамон мӯбадаст, нест бедодгар.[8]

Нагӯӣ маро, к-ин дадонро, кӣ кушт,
Ки ӯро худои ҷаҳон бод пушт».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«ин ҳар ду шер,
Табаҳ шуд зи пайкони марди далер.

Чу шерони ҷангӣ бикушт, ӯ бирафт,
Саворе сарафроз бо ёр ҳафт.

Куҷо бошад айвони гавҳарфурӯш,
Падидор кун роҳ, бар мо мапӯш».

---

[1] Л — шеб. [2] Л — ҷуз аз духтари. [3] И — ҷаъди. [4] Л — саросар.
[5] Л — нахоҳад. [6] Л — духтари пир аз ин. [7] Л — монанд.
[8] ТПМ — Пас он гаҳ шубон гӯяд: «Эй номдор,
Далеру хирадманду гурду савор».

Бад-у саршубон гуфт: «Аз эдар бирав,
Деҳе[1] тоза пеш андар ояд-т нав.

Ба шаҳр ояд овози он[2] ҷойгоҳ,
Ба наздикии кохи Баҳромшоҳ.

Чу гардун[3] бипӯшад ҳарири сиёҳ,
Ба ҷашн ояд ин марди бодастгоҳ.

Гар эдун, ки бошад-т лахте диранг,
Ба гӯш оядат нӯшу овои чанг».

Чу бишнид Баҳром болой хост,
Яке ҷомаи хусраворой хост.

Чудо шуд зи дастуру аз лашкараш,
Ҳамоно пур аз орзу шуд сараш.

Чунин гуфт бо меҳтарон Рӯзбеҳ,
Ки акнун шавад шоҳи Эрон ба деҳ,

Бикӯбад дари хони гавҳарфуруш,
Ҳама сӯи гуфтор доред гӯш.[4]

Бихоҳад, мар он духтро аз падар,
Ниҳад бегумон бар сараш тоҷи зар.

В-аз он ҷо ба мушкӯи заррин барад,
Дигар дар шабистони Барзин барад.

Наёбад ҳаме серӣ аз хуфту хез,
Шаби тира з-ӯ ҷуфт гирад гурез.

Шабистон мар ӯро фузун аз сад аст,
Шаҳаншоҳ аз ин гуна бошад, бад аст.

Кунун нуҳсаду сӣ тан аз духтарон,
Ҳама бар сарон афсарони гарон,

---

1 Л — Раҳе. 2 Л — андарун дорад ӯ; И — овоз аз он. 3 Л — гетӣ.
4 Л — б. 924 нест.

Шумурдаст ходим дар айвони[1] шоҳ,
Қ-аз эшон яке нест бедастгоҳ.

Ҳаме бож хоҳад зи ҳар марзу бум,
Ба як маҳ парешон бувад[2] божи Рум.

Дареғ ин[3] бару кифту болои ӯй,
Дареғ ин[4] рухи маҷлисорои ӯй.

Набинад чун ӯ кас ба болову зӯр,
Ба як тир барҳам бидӯзад ду гӯр.

Табаҳ гардад аз хуфтухези занон,
Ба зудӣ шавад сут чун бадтанон,[5]

Кунад дида торику рухсора[6] зард,
Ба тан суст гардад, ба рух ложвард.

Зи бӯи занон мӯй гардад сапед,
Сапедӣ кунад, з-ин ҷаҳон ноумед.

Ҷавонро[7] шавад кӯж болои рост,
Зи кори занон чанд гуна балост.

Ба як моҳ, як бор аз омехтан,
Гар афзун кунӣ, хун бувад рехтан.

Ҳамин моя аз баҳри фарзандро,
Бибояд ҷавони хирадмандро.

Чу афзун кунӣ, коҳиш афзун бувад,
Зи сустӣ тани мард бехун[8] бувад.

Бирафтанд, гуён ба[9] айвони шоҳ,
Чу хуршед бар чарх[10] гум кард роҳ,

---

1 Л — ба мушкуи. 2 Л — Ба соле бар эшон шавад. 3 Л — он. 4 Л — он. 5 Л — бетанон. 6 Л — рухсор. 7 Л — Чу чавгон. 8 Л — бистар дили мард пурхун: И — коҳиш дили мард пурхун. 9 Л — гирьён бар. 10 Яке гуфт: «Хуршед.

Шаби тирагун рафт Баҳроми Гӯр,
Парастанда як тан зи баҳри сутур.

Бишуд шоҳ то хони гавҳарфурӯш,
Чу овози чанг андаромад ба гӯш.

Ҳаме тохт гулгун бар овози[1] чанг,
Сӯи хони бозоргон бедиранг.

Бизад ҳалқаро бар дару бор хост,
Худованди хуршедро ёр хост.

«Парастандаи меҳрубон» — гуфт, кист?
Задан дар, шаби тира аз баҳри чист?»

Чунин дод посух, ки шабгир шоҳ
Биёмад сӯи[2] дашти нахчиргоҳ.

Билангид дар зери ман борагӣ,
Аз ӯ бозмондам ба якборагӣ.[3]

Чунин аспу зарринситомам ба кӯй,
Бидуздад касе, ман шавам чораҷӯй.

Биёмад канизак ба деҳқон бигуфт,[4]
Ки марде ҳаме хоҳад аз мо нуҳуфт.

Ҳаме гӯяд аспам ба зарринситом,
Бидузданд аз эдар шавад кор хом.

Чунин дод посух, ки «букшой дар
Ту меҳмон надидастӣ, эдар магар?

Қанизак давон рафту букшод дар,
Ба Баҳром гуфт: «Андарой, эй писар.[5]»

Чу шоҳ андар омад чунон ҷой дид,
Парастанда ҳар ҷой бар пой дид.

---

1 ИЛ — овои. 2 И — Ҳаме омад аз. 3 Л — бозгаштам ба бечорагӣ; И — бечорагӣ. 4 Л — бигуфт. 5 И — б. 952, 953 нест.

Чунин гуфт, к-эй[1] додгар як худой,
Ба хубӣ туӣ бандаро раҳнамой.

Мабодо ба ҷуз дод оини ман,
Мабод озу гарданкашӣ дини ман.

Ҳама кору кирдори ман дод бод,
Дили зердастон ба мо шод бод.

Гар афзун шавад донишу доди ман,
Пас аз марг равшан шавад[2] ёди ман.

Ҳама зердастон чу[3] гавҳарфурӯш,
Бимонанд бо нолаи[4] чангу нӯш.

Шаҳаншаҳ[5] ба болои айвон расид,
Зи дар духтари номварро[6] бидид.[7]

Чу деҳқон варо дид бар пой хост,
Биёмад, ҳам овард болои рост.

Бад-у[8] гуфт: «Шаб бар ту фархунда бод,
Дили бадсиголони ту[9] канда[10] бод».

Ниҳолӣ биёфканд, болиш[11] ниҳод,
Зи дидори ӯ мизбон гашт шод.

Гаронмоя хоне биёвард зуд,[12]
Ниҳода бар ӯ хӯрданӣ ҳар чӣ буд.[13]

Биёмад яке марди меҳтарпараст,
Бифармуд, то аспи ӯро бубаст.

Парастандаро низ хон сохтанд,[14]
Яке ҷои дигар бипардохтанд.[15]

---

[1] Л — Аё. [2] Л — бувад. [3] Л — зердастони. [4] Л — нолаву. [5] Л — Чу омад. [6] Л — мизбонро. [7] И — б. 955—960 нест. [8] И — Варо. [9] И — Сари бадсиголат зи тан. [10] Л — Ҳама бадсиголон туро банда [11] Л — биёфканду маснад. [12] И — баровард мард. [13] И — Бар ӯ хӯрданиҳо зи гарму зи сард. [14] И — хостанд. [15] И — хешаш биёростанд.

Ҳамон мизбонро яке зергоҳ
Ниҳоданду биншаст наздики шоҳ.

Ба пӯзиш биёрост лаб[1] мизбон,
Ба Баҳром гуфт, к-«эй гави меҳрбон,[2]

Туӣ мизбон андар ин кохи ман,
Биёмез бо рои густохи ман.

Чу нон хӯрда шуд, ҷом бояд гирифт,
Ба хоби хуш ором бояд гирифт.

Чу шаб[3] тираву бодаи хусравӣ,
Чу гаштӣ зи май маст,[4] пас биғнавӣ.

Чу аз хоб бедор гардӣ пагоҳ,
Ҳаме тохт бояд ба[5] оини шоҳ».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Тирашабон,
Кӣ ёбад чунин тозарух[6] мизбон?

Ба яздон набояд шудан[7] носипос,
Дили носипосон бувад пурҳарос.

Канизак бибурд оби дастону ташт,
Зи бедормеҳмон[8] ҳаме хира гашт.

Чу шуд даст шуста, маю ҷом хост,
Ба май ромишу кому[9] ором хост.

Канизак биёвард ҷоми[10] набид,
Маи сурху ҷом аз гулу[11] шанбалид.

Биёзид[12] деҳқон ба ҷом аз нахуст,
Бихӯрду ба мушку гулобаш бишуст.

---

[1] Л — бас. [2] Л — марзбон. [3] Л — Шаби. [4] Л — сер. [5] Л — Ба май тохт бояд бар. [6] Л — Биёбӣ чу тоза рухи. [7] Л — будан. [8] Л — дидори Баҳром. [9] Л — Маю ромишу ному. [10] Л — Биёвард ҷоме канизак. [11] Л — сурхфом аз гули. [12] Л — Биёзист.

Ба Баҳром дод он дилором ҷом,
Бад-ӯ гуфт: «Майхораро чист ном?

Ҳам акнун бад-ин бо ту паймон кунам,
Ба Баҳромшоҳат гаравгон кунам».

Фаровон бихандид аз ӯ шаҳриёр,
Бад-ӯ гуфт: «Номам Гушаспи савор.

Ман эдар ба овози чанг омадам,
На аз баҳри ҷому диранг омадам».

Бад-ӯ мизбон гуфт, к-ин духтарам,
Ҳаме б-осмон андар орад сарам.

Ҳам ӯ майгусору ҳам ӯ чангзан,
Ҳам ӯ чомагӯй асту андӯҳшикан.

Диломро Орзӯ ном буд,
Ҳама ғамгусору дилором буд.

Ба сарви саҳӣ гуфт: «Бардор чанг,
Ба пеши Гушасп ой бо бӯю ранг».

Биёмад бари подшо чангзан,
Хиромон ба сони суҳайли Яман.

Ба Баҳром гуфт: «Эй гузидасавор,
Ба ҳар чиз монандаи шаҳриёр.

Чунон дон, ки ин хонаи сури туст,
Падар мизбон асту ганҷури туст.

Шабони сияҳ бар ту фархунда бод,
Сарат бартар аз абри боранда бод».

Бад-ӯ гуфт: «Биншину бардор чанг,
Яке чома бояд маро бедиранг.

Шавад Моҳьёр андар ин шаб[1] ҷавон,
Гаравгон кунад пеши меҳмон равон.»

[1] Л — имшаб эдар.

Зани чангзан чанг бар бар гирифт,
Нахустин хуруши муғон дар гирифт.

Чу руди бирешим сухангӯй гашт,
Ҳама хона аз вай суманбӯй гашт.[1]

Дигар ҷомаи боби худ Моҳьёр,
Чу сарви саҳӣ бар лаби ҷуйбор.

Чу кофур гирди гули сурх мӯй,
Забон гармгӯю дил озармҷӯй.

Ҳамеша бадандешат озурда бод,
Ба дониш равони ту парварда бод.

Ту, эй, чун Фаридуни озодахӯй,
Манам чун парастору ном Орзӯй.

Зи меҳмон чунон шод гаштӣ,[2] ки шоҳ
Ба ҷанг андарун чира[3] бинад сипоҳ.

Чу ин гуфта шуд, сӯи меҳмон гузашт,
Або ҷомаву чанги нолон гузашт.

Ба меҳмон чунин гуфт, к-«эй шоҳфаш,[4]
Баландахтару якдилу кинакаш,[5]

Қасе к-ӯ надидаст Баҳромро,
Сутудасавори дилоромро,[6]

Нигаҳ кард бояд ба рӯи ту бас,
Ҷуз ӯро намонӣ зи лашкар ба кас.

Миёнат чу ғарв асту боло чу сарв,
Хиромон шуда сарв ҳамчун тазарв.

Ба дил наррашерӣ, ба тан жандапил,
Ба овард хишт афканӣ[7] бар ду мил.

---

[1] Л — б. 994 нест. [2] Л — гаштам. [3] Л — хира. [4] Л — шоҳи ман. [5] Л — моҳи ман. [6] И — б. 981—1002 нест. [7] Л — аспафканӣ.

Рухонат ба гулнор монад дуруст,
Ту гуӣ ҳаме бар гулу лола руст.[1]

Ду бозу ба кирдори рони ҳаюн,
Зи пой андар орӣ кӯҳи Бесутун.[2]

Тани[3] Орзу хоки пои ту бод,
Ҳама зиндагонӣ[4] барои ту бод!»

Ҷаҳонро аз он ҷомаву чанги ӯй,
Зи дидору болову фарҳанги ӯй —

Бар ӯ — бар бар он гуна буд[5] мубтало,
Ки гуфтӣ, дилаш гашт ганҷи бало.[6]

Чу дар пеши ӯ маст шуд Моҳьёр,
Чунин гуфт бо мизбон шаҳриёр,

Ки «духтар ба ман деҳ ба оини[7] дин,
Чу хоҳӣ, ки ёбӣ ба дод[8] офарин».

Чунин гуфт бо Орзу Моҳьёр,
К-«аз ин шердил чанд хоҳӣ нисор?

Нигаҳ кун бад-ӯ то писанд оядат,
Бари ӯ шавӣ судманд оядат».

Чунин гуфт бо Моҳьёр Орзуй,
Ки «Эй боби[9] озодаи некхуй,

Маро гар ҳаме дод хоҳӣ ба кас,
Ҳамолам Гушаспи савор асту бас.

Ки бошад, ки бинад бар ин гуна мард,
Нагуяд[10] ба Баҳром, к-аз роҳи бард».

---

1 Л — ба май барги гулнор шуст; И — Чӣ гуй ба май барги гулро бишуст?
2 ТПЗИЛ — Ба ранҷ офаринад фалак чун ту мард,
Надидам ба сони ту андар* набард.
3 И — Ба тан. 4 Л — Ҳама сол зинда. 5 Л — бад-он гуна шуд.
6 И — б. 1009, 1010 нест. 7 И — маро деҳ ба оину; Л — оину.
8 И — Ки ёбӣ ба ҳар кас бар ӯ. 9 ИЛ — пири. 10 Л — Бигуяд.
* И — набинад ба сони ту кас дар.

Ба гуфтори духтар басанда накард,
Ба Баҳром гуфт, к-эй[1] савори набард,

Ба жарфӣ нигаҳ кун саропои ӯй,[2]
Ҳамон кӯшишу донишу рои ӯй.[3]

Нигаҳ кун ба дил[4] то писанди ту ҳаст,
Аз ӯ огаҳӣ беҳтар аст аз нишаст,[5]

Бад-ин некӯӣ низ дарвеш нест,
Ба гуфтан маро рои кам беш нест.[6]

Агар бишмарӣ гавҳари Моҳьёр,
Фузун ояд аз бадраи[7] шаҳриёр.

Макун сарсарӣ, имшаб ором гир,
Гар ӯро ҳаме боядат ҷом гир.

Ба мастӣ бузургон набанданд[8] банд,
Ба вижа касе[9] к-ӯ бувад арҷманд.

Бимон, то барорад сипеҳр офтоб,
Сари номдорон барояд зи хоб

Биёрем пирони донандаро,
Шикебодилу низ[10] хонандаро

Шаби тира аз расм берун бувад,
На оини шоҳ Офаридун бувад.

На фаррух бувад маст зан хостан,
В-агар[11] низ коре нав оростан».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«Ин беҳудаст,
Задан фол дар роҳи довар бад аст.

---

[1] ИЛ — гуфт: «Эй, [2] ИЛ — ӯ. [3] ИЛ — у. [4] И — бубин. [5] И — Сухан гуфтанаш судманди ту ҳаст. [6] И — б. 1021 нест. [7] И — аст аз лашкари. [8] Л — наваштанд. [9] Л — зане. [10] И — пири. Л — чиз. [11] И — Дигар.

Писанди ман аст имшаб ин чангзак
Ту ин[1] фоли бад то тавонӣ мазан»

Падар гуфт бо духтар: «Эй Орзӯй
Гузидӣ, писандӣ ту ӯро ба шуй?»[2]

Бад-ӯ гуфт: «Оре, писандидамаш,
Ба чашми сар аз дур чун дидамаш.

Бикун кору з-он пас ба яздон супор,
На гардун[3] ба кин аст бо Моҳьёр».

Падар гуфт, к-«акнун ту ҷуфти вай,
Чунон дон, ки андар нуҳуфти вай».

Бад-ӯ доду Баҳроми Гӯраш бихост,
Чу шаб рӯз шуд, корҳо гашт рост.[4]

Парастанда тозонаи шаҳриёр,
Биёвехт аз даргаҳи Моҳьёр.

Сӯи ҳуҷраи хеш рафт[5] Орзӯй,
Саросар ҳама хуфта шуд[6] чорсӯ

Биёмад ба ҷои[7] дигар Моҳьёр,
Ҳаме сохт кори Гушаспи савор.

Парастандаро гуфт: «Дарҳо бубанд
Қасеро битозон сӯи гӯспанд.

Набояд, ки оранд хон бебара,
Бара низ парварда бояд сара.

Чу бедор гардад фуқоъу ях ор,
Ҳаме бош пеши Гушаспи савор.[8]

---

[1] Л — Туаш. [2] Л — Писандӣ ту ӯро ба дидору хӯй? [3] И — Яздон. [4] И — б. 1034, 1035 нест. [5] И — Бигуфт ӯ, сӯи ҳуҷра шуд. [6] И — Сарой ҳама хуфта бар; Л — Сарой ҳама хуфт буд. [7] И — кохи. [8] И — Ту рав, бош пеши Гушаспи савор,
Чу бедор гардад фуқоъу ях ор.

Яке ҷоми кофур бар бо гулоб,
Чунон кун, ки буё бувад ҷои хоб.

Ман аз ҷоми май ҳамчунонам, ки дӯш
Натобад зи май пири гавҳарфурӯш».

Бигуфт ину чодар ба сар баркашид,
Таносониву хобро баргузид.

Чу хуршеди тобанда бинмуд тоҷ,
Замин шуд ба кирдори рахшанда оҷ.

Биёмад сипардору жӯпинкашон,
Биҷустанд аз он тозиёна нишон,

Сипоҳ анҷуман шуд ба даргоҳ бар,
Чунон ҳам куҷо бар дари шоҳ бар.

Ҳар он кас, ки тозона донист боз,
Бирафтанду бурданд пешаш намоз.

Чу дарбон бидид он сипоҳи гарон,
Сипардори бисьёру жӯпинварон.[1]

Биёмад сари хуфта бедор кард,
Ҳамон аз ман ноб ҳушьёр[2] кард.

Бад-ӯ гуфт: «Бархезу букшой даст,
На ҳангоми хоб асту ҷои нишаст.

Ки шоҳи ҷаҳон аст меҳмони ту,
Бад-ин бенаво миҳану мони ту.

Якояк дили марди гавҳарфурӯш
Зи гуфтори дарбон даромад[3] ба ҷӯш.

Бад-ӯ гуфт, к-«ин аз чӣ гӯй ҳаме,
Паи шаҳриёр аз[4] чӣ ҷӯй ҳаме?

---

1 И — найзаварон. 2 Л — паи хоб пайкор. 3 ИЛ — баромад. 4 И — шаҳриёре.

Ҳамон чун зи гӯянда бишнид маст[1]
Хурӯшон аз он ҷома бар пой ҷаст.[2]

Зи[3] дарбон барошуфту гуфт ин сухан
Нагӯяд хирадмандмарди[4] куҳан.

Парастанда гуфт: «Эй ҷаҳондида[5] мард,
Туро бар замин шоҳи Эрон кӣ кард?

Сипоҳаст чандон ба даргоҳи ту,
Ки гар бугзарӣ танг шуд роҳи ту.

Ҳар он кас, ки ояд ба даргаҳ фароз,
Баранд он палоси куҳанро намоз.

Биёмад парастанда ҳангоми рӯз
Ки пайдо набуд нури гетифурӯз.

Яке тозиёна ба зар тофта,
Ба ҳар ҷой гавҳар бар ӯ бофта.

Биёвехт аз пеши даргоҳи мо,
Бар он сӯ, ки бошад гузаргоҳи мо.[6]

Кунун кор барсозу сустӣ макун,
Зи май низ нотандурустӣ макун».

Зи дарбон чу бишнид яксар сухан,
Бупечид бедормарди куҳан.

Ки ман дӯш пеши шаҳаншоҳ маст
Ҷаро гаштаму духтарам майпараст.

Биёмад сӯи ҳуҷраи Орзӯй,[7]
Бад-ӯ гуфт: «Эй моҳи озодахӯй.[8]

---

1 Л — рост. 2 Л — хост. 3 И — Ба. 4 И — ҷаҳондида **марди.** 5 **И** — парастор.

6 ТПЗИ — Ҷаҳоне бар он тозиёна дароз,
Ба гирд омад андар нишебу фароз.

7 Л — Орзу. 8 Л — Аё моҳи озодаху.

Шаҳаншоҳ Баҳром буд, он ки дӯш
Биёмад сӯи хони гавҳарфурӯш,

Ҳаме омад аз дашти нахчиргоҳ,
Инон тофтаст аз куҳандиж ба роҳ.

Қунун хезу дебои румӣ бипӯш,
Бинеҳ бар сар афсар чунон, чун[1] ки дӯш,

Нисоре бар аз гавҳари шоҳвор,
Се ёқути сурх аз дари шаҳриёр.[2]

Чу бинӣ рухи шоҳи хуршедфаш,
Дутоӣ бирав даст карда ба каш.

Ман ӯро мабин чашм дар пеш дор,
Варо чун равону тани хеш дор,

Чу пурсад-т бо вай сухан нарм гӯй,
Суханҳо ба озарму бо шарм гӯй.[3]

Ман акнун наёям, магар хонадам,
Ба ҷои парастанда биншонадам.

Ба сони ҳамолон нишастам ба хон,
Ки андар танам пора[4] бод устухон.

Ба май низ[5] густох гаштам ба шоҳ,
Ба пиру ҷавон аз май ояд гуноҳ».

Ҳамон гаҳ[6] яке банда омад давон,
Ки бедор шуд шоҳи равшанравон.

Ки бархост аз хоб шуд[7] тандуруст,
Ба боғ андар омад сару тан бишуст.

Ниёишкунон пеши хуршед шуд,
Зи яздон диле[8] пур зи уммед шуд.

---

1 Л — ҳам. 2 И — 1069, 1070 нест. 3 И — б. 1073 нест. 4 Л — хурд. 5 И — Аз он гуна. 6 Л — дам. 7 Л — Чу бедор гашт эмину; И — Чу бархост аз хоб шаҳ. 8 И — дилаш.

В-аз он ҷо биёмад ба ҷое нишаст,
Яке ҷоми май хост аз майпараст,

Чу аз кеҳтарон огаҳӣ ёфт шоҳ
Бифармуд то бозгардад зи роҳ.[1]

Бифармуд то пеш рафт Орзуй[2]
Ҳаме будаш аз Орзу орзуй[3]

Бирафт Орзу бо маю бо нисор,
Парастор бо тоҷу[4] бо гӯшвор.

Дутой шуду бар замин буса[5] дод,
Бихандид аз ӯ шоҳу дил гашт шод.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин куҷо доштӣ,
Маро маст кардиву бугзоштӣ?

Ҳамон чомаву чанг моро басаст,
Нисори занон баҳри дигар кас аст.

Биёр, он чи гуфтӣ зи нахчиргоҳ,
Зи захми сари найзаву размӣ[6] шоҳ».[7]

В-аз он пас бигуфто, ки Гавҳарфурӯш,[8]
Куҷо шуд, ки мо маст гаштем дӯш?»

Чу бишнид духтар падарро бихонд,
Ҳаме аз дили шоҳ хира бимонд.

Биёмад падар даст карда ба каш,
Ба пеши шаҳаншоҳи хуршедфаш.

Бад-ӯ гуфт: «Шоҳо, радо, бихрадо,[9]
Бузурго, сутурго, гаво, мӯбадо![10]

Ҳамасола гетӣ ба коми ту бод,
Ба ҳар ҷой бар тоҷ номи ту бод!

---

[1] И — сипоҳ. [2] Л — орзу. [3] Л — орзу. [4] И — чангу. [5] И — бус. [6] И — теғи. [7] Л — б. 1087 нест. [8] ИЛ — бад-ӯ гуфт: «Гавҳарфурӯш. [9] И — яло, мӯбадо. [10] И — бихрадо.

Қасе ки[1] хӯрад доруи беҳушӣ,
Набояд гузидан ҷуз аз хомӯшӣ.

Зи нодонӣ омад гунаҳгориам,
Гумонам,[2] ки девона пиндориам.

Сазад гар, ки бахшӣ[3] гуноҳи маро,
Дурахшон кунӣ рӯи моҳи[4] маро.

Манам бар дарат бандаи[5] бехирад,
Шаҳаншоҳам[6] аз мардумон машмарад».

Чунин дод посух, ки «аз[7] марди маст
Хирадманд чизе нагирад ба даст.

Қасеро ки май андӯҳ[8] орад ба рӯй,
Набояд, ки бинад[9] зи май рангу бӯй.

Ба мастӣ надидам зи ту бадхӯвӣ,
Ҳамон[10] з-Орзӯ ин сухан[11] бишнавӣ.

Ту пӯзиш бад-он кун, ки то чангзан
Бигӯяд ҳамон[12] лола андар суман.

Бигӯяд ҳаме[13] то[14] бад-он май хӯрем,
Ғами[15] рӯзи ноомада нашмарем.

Замин бӯса дод он замон ҳушьёр,[16]
Биёвард[17] хону баророст[18] кор.

Бузургон, ки буданд бар дар саройи,
Биёвардшон марди покизарой.

Сӯи ҳуҷраи[19] хеш рафт Орзӯй,
Зи меҳмони бегона пурчин[20] бурӯй.

---

1 Л — к-ӯ. 2 И — Бар онам. 3 ИЛ — бубахшӣ. 4 ИЛ — тирамоҳи. 5 И — бандаву. 6 И — Шаҳаншоҳ. 7 И — Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-аз. 8 И — андар. 9 И — гирад. 10 Л — Ҳаме. 11 И — Магар ин сухан з-орзӯ. 12 И — Ҳаме. 13 Л — яке. 14 И — Занад чангро ӯ. 15 ИЛ — Паи. 16 ИЛ — Моҳьёр. 17 И — биёрост. 18 Л — биёрост. 19 И — хонаи. 20 И — чин дар.

Ҳаме буд то чарх пӯшад сиёҳ,
Ситора падид омад аз гирди моҳ.

Чу нон хӯрда буд,[1] Орзӯро бихонд,
Ба курсии зарпайкараш барнишонд.[2]

Бифармуд то чанг бардошт моҳ,
Бар он ҷома, к-аз пеш фармуд шоҳ.

Чунин гуфт, к-эй шаҳриёри далер,
Ки бугзорад аз номи ту беша шер.

Туӣ шоҳи пирӯзи лашкаршикан,
Туро рӯй чун лола андар суман.

Ба болои ту бар замин шоҳ нест
Ба дидори ту бар фалак[3] моҳ нест.

Сипоҳе, ки бинад кулоҳи[4] туро,
Ба ҷанг андар овардгоҳи туро,

Бидаррад дилу мағзашон аз ниҳеб,
Баландӣ надонанд боз аз нишеб.

Ҳамон гаҳ чу аз бода хуррам шуданд,
Зи хӯрдан ба ҷоме дамодам шуданд.

Биёмад бари подшо Рӯзбеҳ,
Гузиданд ҷое мар ӯро ба деҳ.[5]

Иморӣ биёварду ходим чиҳил,
Ҳама моҳрӯву ҳама дилгусил.[6]

Рухи румиён ҳамчу дебои Рум,
Аз эшон ҳама[7] тоза шуд марзу бум.

Бишуд Орзӯ то ба мушкӯи шоҳ,[8]
Зи гавҳар ба сар барниҳода[9] кулоҳ.

---

[1] Л — шуд; И — шаб тира шуд. [2] И — Зи гурдон касе пеши Хусрав намонд. [3] Л — б-осмон. [4] Л — сипоҳи. [5] Л — Кушодадилу шод аз айвони меҳ. [6] Л — б. 1115 нест. [7] Л — Ҳаме. [8] И — Бирафт Орзӯ сӯи Баҳромшоҳ. [9] И — Ниҳода ба сар бар зи гавҳар.

## ДОСТОНИ БАҲРОМИ ГӮР БО ФАРШЕДВАРДИ ҚАДЕВАР ВА МАРДИ ХОРҚАН

Биёмад шаҳаншоҳ бо Рӯзбеҳ,
Қушодадилу шод аз айвони меҳ.

Ҳаме ронд гӯён ба мушкуи хеш,
Ба сӯи бутони суманбӯи хеш.*[1]

Бихуфт он шабу бомдоди пагоҳ,
Биёмад сӯи дашти нахчиргоҳ.

Ҳама роҳу бероҳ лашкар гузашт,
Чунон шуд, ки як моҳ монад ба[1] дашт.

Саропардаву хаймаҳо сохтанд,
Зи нахчир дашге бипардохтанд.

Қасеро наёмад бар он дашт хоб,
Маю гӯшти нахчиру чангу[2] рубоб.

Биёбон ҳама оташ афрӯхтанд,
Тару[3] хушк ҳезум ҳаме сӯхтанд.

Бирафтанд бисьёр мардум зи шаҳр,
Қасе[4] к-аш зи динор боист баҳр.

Ҳаме буд чанде хариду фурӯхт,
Биёбон зи лашкар ҳаме барфурӯхт.

Харидӣ ҳаме марди бозоргон,
Даҳ оҳуву гӯре баҳо чоргон.[5]

Зи нахчири дашту зи мурғони об,
Ҳаме ёфт хоҳанда чандон кабоб,

Қи бурдӣ ба харвор то[6] хони хеш
Бари хурдфарзанду[7] меҳмони хеш.

---

[1] Л — н-омад зи. [2] И — бонги. [3] Л — Бар ӯ. [4] И — Ҳар он. [5] Л — ба диноргон. [6] Л — бо. [7] Л — кӯдаки хурду.
* [1] Т — ин байт нест.

Чу моҳе баромад шитоб омадаш,
Ҳаме бо занон[1] рои хоб омадаш.

Биёвард лашкар зи нахчиргоҳ,
Зи гарди саворон надиданд роҳ.

Ҳаме рафт[2] лашкар ба кирдори гард,
Ҳаме[3] то рухи рӯз шуд ложвард.

Яке шорсон пешаш андар ба роҳ,
Пур аз барзану кӯю бозоргоҳ.

Бифармуд то лашкараш бо буна
Гузорад, намонад касе яктана.

Бипурсид то меҳтари деҳ куҷост,
Сар андар кашиду ҳаме рафт рост.[4]

Шикаста даре дид паҳну дароз,
Биёмад худованд,[5] бурдаш намоз.

Бипурсид, к-«ин ҷои[6] вайрон кирост?
Миёни деҳ ин ҷои[7] вайрон чарост?»

Худованд гуфт:[8] «Ин сарои ман аст,
Ҳамин[9] бахти бад раҳнамои ман аст.

На гов[10] астам эдар, на пӯшиш, на хар,[11]
На дониш, на мардӣ, на пову на пар.[12]

Маро дидӣ, акнун сароям бубин,
Бар ин хона нафрин беҳ аз офарин».

Зи асп андар омад, бидид он сарой,
Ҷаҳонҷӯйро суст шуд дасту пой.[13]

---

1 И — бутон. 2 И — ҳамеронд. 3 И — Чунин. 4 Л — б. 1130—1134 нест. 5 Л — худованду. 6 И — Бад-у гуфт: «Ин деҳи. 7 И — хона. 8 И — Бад-ӯ гуфт мард: 9 И — Чунин. 10 Л — гоҳ. 11 Л — х(в)ар. 12 Л — сар. 13 И — б. 1139, 1140 нест.

Ҳама хона саргин буд аз гӯсфанд,
Яке тоқ бар пою гоҳе[1] баланд.

Бад-ӯ[2] гуфт: «Чизе зи баҳри нишаст,
Фароз овар, эй марди меҳмонпараст».

Чунин дод посух, ки «Бар мизбон,
Ба хира чаро хандӣ, эй марзбон?

Гар афкандание ҳеҷ будӣ маро,
Магар марди меҳмон сутудӣ маро?

На афканданӣ ҳасту на хӯрданӣ,
На пӯшиданиву на густурданӣ,

Ба ҷои дигар хона ҷӯй сазост,
Ки эдар ҳама корҳо бенавост».

Варо гуфт: «Болиш нигаҳ кун яке,
Ки то бар нишинам бар ӯ андаке».

Бад-ӯ[3] гуфт, к-эдар на ҷои лаҳуст,[4]
Ҳамоно туро шири мурғ орзуст.

Бад-ӯ гуфт, меҳмон ки «шир ор гарм,
Ҳамон чун биёбӣ яке нони нарм».

Чунин дод посух, ки «эдун гумон,
Ки хӯрдиву рафтӣ, бизӣ[5] шодмон.

Агар нон будӣ, дар танам ҷон будӣ,
Агарчанд ҷонам беҳ аз нон будӣ».

Бад-ӯ гуфт: «Агар нестат гӯспанд,
Кӣ омад ба хони ту саргин фиканд?»

Чунин дод посух, ки «шаб тира гашт,
Саросар зи гуфтори ту хира гашт.

---

[1] Л — пой чос. [2] И — Варо. [3] Л — Варо. [4] Л — накуст. [5] Л — бирав.

* [1] М — Маро сар.

Яке хона бугзин, ки дорад палос,
Худованди он хона дорад сипос.

Чӣ бошӣ ба наздикии[1] шӯрбахт,
Ки бистар кунад шаб[2] зи барги дарахт.

Зи зар теғ дориву заррин[3] рикеб,
Набояд, ки ояд зи дуздат нињеб.

Чу хона бад-ин гуна вайрон бувад,
Гузаргоҳи дуздону шерон бувад.

Бад-ӯ гуфт: «Агар[4] дузд шамшери ман
Бибурдӣ, кунун[5] нестӣ зери ман,

Ту имшаб маро ҷой деҳ дар сарой,
Ба чизи дигар низ н-орем рой».[6]

Қадевар бад-ӯ гуфт: «Аз ин дар маранҷ,
Ки дар хони мо кас наёбад[7] сипанҷ».

Бад-ӯ гуфт шоҳ:[8] «Эй хирадманд пир,
Чӣ бошӣ ҳаме пеши ман[9] хир-хир?!

Чунон чун гумони ман аст оби[10] сард
Бубахшой[11] бар ман, ту эй[12] родмард».

Қадевар бад-ӯ гуфт, к-«ин обгир,
Надидӣ фузун аз ду партоб тир.

Бихӯр чанд хоҳиву бардор низ,
Чӣ ҷӯӣ бад-ин бенавохона чиз?

Ҳамоно надидӣ ту дарвеш мард,
Зи пирӣ фурӯ монда аз коркард.

---

1 И — Наздики он. 2 Л — у. 3 И — дорӣ ба зевар. 4 И — Гар. 5 И — магар. 6 ИЛ — б. 1159 нест. 7 Л — наёяд. 8 И — Бахром, к-эй. 9 И — бари ман чунин. 10 Л — гумонам ҳаме з-оби. 11 Л — Бубахшой, 12 Л — аё.

Чунин дод посух, ки гар меҳтарӣ,
Ба обе[1] макун ҷанг бо лашкарӣ.

«Чӣ номӣ бад-ӯ, — гуфт Фаршедвард,
На буму на пӯшиш, на обу на х(в)ард»?

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Бо коми хеш,
Чаро нон наҷӯиву ороми хеш?»

Қадевар бад-ӯ гуфт: «Парвардигор,
Сар орад магар бар ман ин рӯзгор.

Бубинам магар бе ту айвони хеш,
Ситоиш кунам пеши яздони хеш.[2]

Чаро омадӣ дар сарои тиҳӣ,
Ки ҳаргиз мабодат меҳиву беҳӣ».

Бигуфт ину бигрист чандон ба зор,
Ки бигрехт з-овози ӯ шаҳриёр.

Бихандид аз он пиру омад[3] ба роҳ,
Дамодам биёмад паси ӯ сипоҳ.[4]

### БОЗ НАМУДАНИ ХОРКАН ҲОЛИ ҚАДЕВАРИ ФАРШЕДВАРД ВА БАХШИДАНИ БАҲРОМ МОЛИ Ӯ БА АРЗОНИЁН

Чу берун шуд аз номвар шорсон,
Ба пеш андар омад яке хорсон.

Табар дошт марде ҳаме канд хор,
Зи лашкар бишуд пеши ӯ шаҳриёр.

Бад-ӯ гуфт: «Меҳтар, бад-ин шорсон,
Киро донӣ, эй душмани хорсон?»[5]

---

[1] Л — Дар ин деҳ. [2] И — б. 1169, 1170 нест. [3] И — чанде баромад.
[4] Л — б. 1173 нест. [5] ИЛ — б. 1175, 1176 нест.

Чунин дод посух, ки «Фаршедвард,
Яке озвармарди бехобу х(в)ард.

Ҳаме[1] гӯспандаш бувад сад ҳазор,
Ва ҳам уштуру[2] асп[3] ҳам з-ин шумор.

Замин пур зи оганда динори ӯст,
Ки на мағз бодаш ба тан дар[4], на пӯст.

Шикам гурсна, колбад барҳана
На фарзанду хешу на ёру буна.[5]

Агар киштмандаш фурӯшад ба зар,
Яке хона бумаш шавад[6] пургуҳар.

Шубонаш ҳама гӯшт ҷӯшад ба шир,
Худ ӯ нони арзан хӯрад бо панир.[7]

Ду ҷома надидаст[8] ҳаргиз ба ҳам,
Аз ӯяст ҳам бар тани ӯ ситам».

Чунин гуфт бо хоркаш[9] шаҳриёр,
Ки «аз гӯспандаш бидонӣ[10] шумор?

Бидонӣ[11] куҷо бошад ӯро гала,
Ҳамон[12] асп бо уштурони яла?»

Бад-ӯ хоркан[13] гуфт, к-«эй марди роҳ,
Басе нест з-ин ҷо, бад-он ҷойгоҳ.[14]

Куҷо уштуру гӯспанди вай аст,
Дилам пур зи дард аз[15] газанди вай аст».[16]

---

1 ИЛ — Магар. 2 Л — Ҳамон уштуру. 3 И — Ҳамон уштуру гов.
4 Л — бар.
5 ТПЗ — Гирифтор дар дасти озу ниёз
Тан аз ночаридан ба ранҷу гудоз.
6 Л — кунад. 7 И — б. 1181, 1182 нест. 8 Л — напӯшид. 9 ИЛ — хорзан. 10 ИЛ — надонӣ. 11 И — надонӣ. 12 И — Ҳама. 13 И — хорзан.
14 Л — Чунин гуфт, к-эй размдида савор,
Аз он хоста кас надонад шумор.
15 И — дарду. 16 Л — б. 1187 нест.

Бад-ин хоркан[1] дод динор чанд,
Бад-ӯ гуфт, к-«акнун[2] шавӣ[3] арҷманд.

Бифармуд то аз миёни сипоҳ
Биёмад яке марди доно ба[4] роҳ.

Куҷо номи он мард Беҳрӯз буд,
Савору далеру дилафрӯз буд.

Фиристод бо номвар сад савор,
Гузин кард шоистамардони кор.

Дабире нигаҳ кард парҳезкор,
Бад-он сон, ки донист кардан шумор.[5]

Бад-ин хоркан[6] гуфт: «Аз эдар бирав,
Ҳаме хор ҷустӣ,[7] кунун зар дарав.

Аз ӯ хоста садьяке мар турост,
Бад-ин мардумон рой[8] бинмой рост.

Дилафрӯз буд номи ин хоркан,[9]
Гурозанда марде ба нерӯи[10] тан.

Гаронмоя аспе бад-ӯ доду гуфт,
Ки бо бод бояд, ки гардӣ ту ҷуфт.

Дилафрӯз буд, гетиафрӯз шуд,
Чу омад бад-он кор[11], пирӯз шуд.[12]

Биёвард лашкар ба кӯҳу ба дашт,
Ҳаме гӯспанд аз адад баргузашт.

Шутур буд бар дашт даҳ корвон,
Ба ҳар корвон бар яке сорвон.

---

[1] ИЛ — хорзан. [2] Л — гуфт «Акнун. [3] И — гуфт: «Акнун шудӣ. [4] И — донанда. [5] Л — б. 1192 нест. [6] ИЛ — Бад-он хорзан. [7] Л — чидӣ: И — кандӣ. [8] ИЛ — роҳ. [9] ИМ — он хорзан; Л — хорзан. [10] Л — қавӣ буд ба. [11] Л — ба даргоҳ. [12] И — б. 1196, 1197 нест.

Зи говони варзу зи говони шир,
Даҳу ду ҳазораш навишт он дабир.[1]

Ҳамон аспу уштур ду раҳ даҳ ҳазор,
Нависанда бинвишт онро шумор.

Биёбон саросар ҳама канда сум,
Ҳамон равғани гов пур карда хум.[2]

Зи шерозу аз тарф сесад[3] ҳазор
Шутурвор буд андар он кӯҳсор.[4]

Ҳама дашту кӯҳу биёбон куном,
Қас онро ба гетӣ надонист ном.

Яке нома бинвишт Беҳрӯзи хур,
Ба назди шаҳаншоҳ Баҳроми Гӯр.

Нахуст офарин кард бар кирдигор,
Ки ӯяст пирӯзу парвардигор.

Дигар офарин бар шаҳаншоҳ кард,
К-аш[5] аз ранҷҳо[6] даст кӯтоҳ кард.

Чунин гуфт, к-«эй шаҳриёри ҷаҳон,
Зи ту шод яксар кеҳону меҳон.

Аз[7] андоза додат ҳаме бугзарад,
Аз[8] ин хомӯшӣ ганҷ кайфар барад.

Ҳама кори гетӣ ба андоза беҳ,
Дили шоҳ аз андозаҳо тоза беҳ.[9]

Яке гумшуданом Фаршедвард,
Чӣ дар базмгоҳу чи андар набард

1 Л — Зи пашму шутурворҳои панир. 2 Л — б. 1201, 1202 нест. 3 Л — Шероз то шаҳри ӯ сад. 4 Л — равғану ҷавзу нор; И — б. 1201—1203 нест. 5 Л — Ки аз. 6 И — Ки аз ганҷҳо. 7 Л — К-аз. 8 Л — В-аз. 9 И — б. 1209, 1210 нест

Надонист кас номи ӯ дар ҷаҳон,
Миёни кеҳону миёни меҳон.

На хусравшиносу на яздоншинос,[1]
Надонист кардан[2] зи чизе сипос.

Чунин хоста густарад дар ҷаҳон,
Тиҳидасту пурғам нишаста ниҳон.

Ба бедод монад ҳаме доди Шоҳ,
Манеҳ тезгуфтори[3] ман бар гуноҳ.

Пайафкан яке ганҷ аз ин хоста,
Савум солро гардад ороста.

Дабирони бегонаро хондем,[4]
Бад-ин кӯҳи Албурз[5] биншондем.[6]

Шумораш падидор н-оярд[7] ҳанӯз,
Нависандаро[8] пушт баргашт кӯз.

Чунин гуфт гӯянда, к-андар замин,
Варо зарру гавҳар фузун аст аз ин.

Бар ин кӯҳсорам ду дида ба роҳ,
Бад-он то чӣ фармоядам[10] пешгоҳ.

Зи ман бод бар шоҳи Эрон дуруд,
Бимон зинда то номи торасту пуд».

Ҳаюне барафканд пӯён ба роҳ,
Бад-он то барад нома наздики шоҳ.

Чу он нома бархонд Баҳроми Гӯр,
Ба дил-ш андар афтод аз он нома шӯр.

---

1 Л — На яздонпарасту на хусравшинос. 2 И — Надонанд кардан ба; Л — ба. 3 Л — панду гуфтори; И — панд додан ба. 4 И — донандаро хонд шоҳ. 5 Л — обод. 6 И — гуна биншонд бар доду роҳ. 7 ИЛ — н-омад. 8 И — Парастандаро. 9 Л — куж. 10 Л — фармон диҳад.

Дижам гашту дида пур аз об кард,
Бурӯҳои ҷангӣ пур аз тоб кард.

Бифармуд то пеши ӯ шуд дабир,
Қалам хост румиву[1] чинӣ ҳарир.

Нахуст офарин кард бар кирдигор,
Худованди пирӯзу парвардигор,

Худованди донои ву фарраҳӣ,
Худованди дайҳиму шоҳаншаҳӣ,

Набиштӣ[2] ки гар додгар будаме
Ман ин мардро зуд бибсудаме[3].

Наёвард гирд ин зи дуздиву хун,
Набуд ҳам касеро ба бад раҳнамун.

Ҳамон бад, ки он мард буд носипос,
Зи яздон набудаш ба дил дар ҳарос.

Яке посбон буд бад-ин хоста,
Дилу ҷон аз афзун шудан коста.

Бар он дашт чи гургу чи гӯспанд,
Чу бошанд бекору носудманд.

Ба зери замин-дар чи гавҳар, чи санг,
К-аз ӯ хӯрду пӯшиш наёяд[4] ба чанг.

Насозем аз ин ранҷ буньёд ганҷ,
Набандем дил дар сарои сипанҷ.

Фаридун на пайдост андар ҷаҳон,
Ҳамон Эраҷу Салму Тур аз меҳон.

Ҳамон шоҳ Қовус[5] бо[6] Кайқубод,
Ҷуз ин номдорон, ки дорем[7] ёд,

---

[1] И — мисриву. [2] Л — Бигуфт ин ки. [3] Л — Ҳамин мардро низ напсудаме. [4] И — Чу н-ояд аз ӯ хӯрду пушиш. [5] Л — шоҳи пируз. [6] И — Кайхусраву. [7] Бузургон, ки дорем яксар ба; Л — кардем.

Падар-м он ки з-ӯ[1] дил пур аз дард буд,
Набуд додгар, ноҷавонмард буд.

Қасе з-ин бузургон падидор нест,
Бад-ин бо худованд[2] пайкор нест.

Ту он хоста гирд кун, ҳар чи ҳаст,
Бубахшу мабар сӯи як мӯй даст.

Қасеро, ки пӯшида дорад ниёз,
Ки аз бад ҳаме дер ёбад ҷавоз,

Ҳамон низ пире, ки бекор гашт,
Ба чашми гаронмоягон хор гашт.

Дигар мар киро чиз буду бих(в)ард,
Кунун монд бо дарду бо боди сард.

Қасеро, ки вом асту динор нест,
Ба бозоргонӣ касаш ёр нест.

Дигар кӯдаконе, ки бинӣ[3] ятим,
Падар мурдаву нестшон зарру сим.

Заноне, ки бешӯю бепӯшишанд,
Ки коре надонанду бекӯшишанд,

Бар эшон бубахш ин ҳама хоста,
Барафрӯз ҷони[4] равонкоста.

Ту бо он ки рафтӣ сӯи шаҳр боз,
Зи ганҷи ниҳода шавӣ бениёз.

Ниҳонкарда динори Фаршедвард,
Бад-он пир мон то набошад ба дард.

Мар ӯро чи динору гавҳар чи хок,
Ки бояд-ш кардан ҳаме[5] дар мағок.

---

1 И — к-аз у. 2 И — В-аз ин бо чахондор. 3 Л — будӣ. 4 Л — ҷону.
5 Л — ҳама.

1250 Сипеҳри гузоранда ёри ту бод,
Ҳама доду парҳез кори ту бод!»

Ниҳоданд бар нома-бар муҳри шоҳ,
Фиристода баргашту омад ба роҳ.

### РАФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА НАХЧИРГОҲ ВА КУШТАНИ ШЕРОН

Бифармуд то тахти шоҳаншаҳӣ
Ба боғи Баҳор андар орад раҳӣ.

Ба фармон бибурданд пирӯзатахт,
Ниҳоданд зери гулафшон дарахт.

Маю ҷом бурданд ромишгарон,
Ба полез рафтанд бо меҳтарон.

1255 Чунин гуфт бо ройзан[1] шаҳриёр,
Ки хуррам ба мардум бувад рӯзгор.

Ба дахма дарун, баски танҳо шавем,
Агарчанд бар тунд[2] боло шавем.

Ҳаме бистурад марг вайронҳо,[3]
Ба пай[4] оварад коху айвонҳо.

Зи шоҳу зи дарвеш ҳар,[5] к-ӯ бимурд,
Або хештан номи[6] некӣ бибурд.

Зиён аст ранҷаш ҳама ҳар чи бурд,
Чу мурд, ӯ, ҳама ранҷ бо[7] ӯ бимурд.[8]

1260 Ба гетӣ ситоиш бимонад[9] бас аст,
Ки тоҷу камар баҳри дигар кас аст.

---

1 И — мӯбадон. 2 Л — бартар зи. 3 ЛМ — девонҳо. 4 Л — пой. 5 И — он. 6 И — зиштиву. 7 Л — ӯву ранҷаш або. 8 И — б. 1259 нест. 9 И — чу монад.

Беозориву ростӣ боядат,
Чу хоҳӣ, ки ин хӯрда нагзоядат.

Кунун соли ман рафт бар сиву ҳашт,
Басе рӯз бар шодмонӣ гузашт.

Чу соли чавон баркашад бар чиҳил,
Ғами рӯзи марг андар ояд ба дил,

Чу як мӯй гардад ба сар-бар сапед,
Бубояд гусистан зи шодӣ[1] умед.

Чу кофур шуд мушк, маъюб гашт,
Ба кофур бар тоҷ нохуб гашт.

Ҳаме базму бозӣ кунам то ду сол,
Чу лахте шикаст андар ояд ба ёл,

Шавам пеши яздон бипӯшам палос,
Набошам зи кирдори ӯ носипос.

Ба шодӣ басе рӯз[2] бугзоштам,
Зи тоҷи меҳӣ баҳра бардоштам,

Кунун бар гулу нору себу биҳӣ,
Зи май ҷоми заррин набояд тиҳӣ.

Чу бинам рухи[3] себ беҷодаранг,
Шавад осмон ҳамчу пушти паланг.

Баруманду бӯё баҳоре бувад,
Маи сурх чун ғамгусоре бувад.

Ҳаво рост гардад на гарму на сард,
Замин тозаву[4] обҳо ложвард.

Чу мо меҳргонӣ бипӯшем хаз,
Ба нахчир бояд шудан сӯи Ҷаз.[5]

---

[1] И — Зи шодӣ бибояд буридан. [2] И — сол. [3] И — Чу гардад рухи.
[4] ИЛ — тираву. [5] И — Газ.

Бад-он дашти нахчир коре кунем,
Ки андар ҷаҳон ёдгоре кунем.

Кунун гардани гӯр гардад ситабр,
Дили шери нар гираду ранги бабр.

Сагу юз бо чарғу шоҳину боз
Бубояд кашидан ба роҳи дароз.

Чу[1] он ҷой гӯр асту тиру камон,
Наёсоям аз тохтан як замон.

Биёбон, ки ман дидаам зери Ҷаз,
Шуда чун наи[2] найза болои газ!

Бад-он[3] ҷойгаҳ низ ёбем[4] шер,[5]
Шикорӣ бувад, гар[6] бимонем дер.

Ҳаме буд то абри шахриварӣ
Баромад, ҷаҳон шуд пур аз лашкарӣ.

Зи ҳар кишваре лашкаре ҷангҷӯй,
Сӯи шоҳи Эрон ниҳоданд рӯй.

Аз эшон гузин кард гарданкашон,
Қасе, к-ӯ зи нахчир донад нишон.

Биёвард лашкар ба дашти шикор,
Саворони шамшерзан даҳ ҳазор.

Ба наздики хиргоҳу пардасарой,
Ҳамон хаймаву охуру чорпой.

Ҳама зердастон зи пеши сипоҳ,
Бирафтанд ҳар ҷой канданд чоҳ.

Бад-он то ниҳанд аз бари чоҳ чарх,
Ки лашкар аз он об ёбанд бархх.

---

1 Л — Ки. 2 Л — тани. 3 Л — Бад-ин. 4 И — бошем. 5 Л — бошем сер. 6 И — Шикоре кунем, ар.

Паси лашкар андар ҳаме рафт шоҳ,
Худу вижагон то ба нахчиргоҳ.

Биёбон саросар пур аз гӯр дид,
Ҳама беша аз шер пуршӯр[1] дид.

Чунин гуфт, к-имшаб шикори май аст,
Ки аз шер бар хок чандон пай аст.

Қи фардо бибояд маро[2] шер ҷуст,
Бихуспид[3] шодондилу[4] тандуруст.

Кунун май гусорем то чоки рӯз,
Чу рахшон шавад тоҷи гетифирӯз,

Нахустин[5] ба шамшер шер афканем,
Ҳамон аждаҳои далер афканем.

Чу аз шер он беша[6] гардад тиҳӣ,
Бад-он гаҳ[7] маро[8] гӯр гардад раҳӣ.

Бибуд он шабу бомдоди пагоҳ
Сӯи беша рафтанд шоҳу сипоҳ.

Ҳамон гаҳ, ки берун хиромид шер,
Диловар шуда, хӯрда аз гӯр сер.

Ба ёрон чунин гуфт Баҳроми гурд,[9]
Ки тиру камон дораму дастбурд.[10]

Валекин ба шамшер ёзам[11] ба шер,
Бад-он то нахонандамон[12] нодалер.

Бипӯшид таркарда[13] пашмин қабо,[14]
Ба аспи набард андар овард по.[15]

---

1 И — аз меш кишвар пур аз шӯр. 2 Л — набояд маро. 3 Л — Бихуспем. 4 И — Бихуспед хуррамдилу. 5 И — Ба тиру. 6 ИЛ — ин беша аз шер. 7 И — Аз он пас. 8 Л — Туро гардани. 9 И — гӯр. 10 И — фарру зӯр. 11 ИЛ — тозам. 12 И — нахонад касам. 13 Л — нав карда. 14 Л — қабои. 15 Л — пой.

Чу шер аждаҳо дид, бар пой хост,
Зи боло ду даст андар овард рост.

Ҳаме хост зад бар сари аспи ӯй,
Бизад пошна марди нахчирҷӯй.

Бизад бар сари шер шамшери тез,
Сабук ҷуфти ӯ ҷуст роҳи гурез.

Зи сар то миёнаш[1] ба ду ним кард,
Дили наррашерон пур аз бим кард.

Биёмад дигар шери ғуррон далер,
Ҳамон ҷуфти ӯ бачча парварда зер.

Бизад ханҷаре шоҳ бар гарданаш,
Сари шери нар кард дур аз танаш.

Яке гуфт, к-«эй шоҳи хуршедчеҳр,
Надорӣ ҳаме бар тани хеш меҳр.

Ҳама беша шеранд бо бачагон,
Ҳама бачагон шири модар макон,

Кунун бояд ожир будан зи шер,
Ки дар меҳргон бачча дорад ба[2] зер.

Се фарсанг болои ин беша ҳаст,
Ба як сол агар шер гирӣ ба даст,

Ҷаҳон ҳам нагардад зи шерон тиҳӣ,
Ту чандин чаро ранҷ бар тан ниҳӣ?

Чу биншаст бар тахт шоҳ аз нахуст,
Ба паймон ҷуз аз ҷанги шерон наҷуст.

Кунун шаҳриёриву кайҳон[3] турост,
Ба гӯш омадӣ, ҷанги шерон чарост?»

---

[1] ИЛ — ба пояш. [2] Л — доранд. [3] И — шаҳриёрии Эрон.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Эй хирадманд пир,
Ба шабгир фардо ману гӯру тир,

Саворони гарданкаш андар замон,[1]
Накарданд номӣ[2] ба тиру камон.

Агар доди мардӣ бихоҳем[3] дод,
Зи куполу шамшер гирем ёд».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки «гар даҳ[4] савор,
Будӣ мар туро чун ту дар корзор,

Набудӣ ба Руму ба Чин тоҷу тахт,
Ба дарьё кашидӣ хирадманд рахт.

Ки чашми бад аз фарри ту дур бод,
Нишасти ту дар гулшани[5] сур бод!

Ба пардасарой омад аз беша шоҳ,
Або мӯбаду паҳлавони сипоҳ.

Ҳаме хонд лашкар бар ӯ офарин,
Ки бе ту мабодо кулоҳу нигин.

Ба хиргоҳ шуд чун сипаҳ бозгашт,
Бишуст аз хай он хусравӣ ёлу даст.[6]

Яке марзбон доштӣ[7] пешкор,
Зи хиргоҳи худ дур карданд[8] хор.

Ниҳоданд кофуру мушку гулоб,
Бигустурд мушк аз бари ҷои хоб.

Ҳама хаймаҳо хони заррин[9] ниҳод,
Бар ӯ созу[10] ороиши Чин[11] ниҳод.

Биёрост солор хон аз бара,
Ҳам аз хӯрданиҳо, ки буд яксара.

---

[1] Л — саворону гарданкашони дамон. [2] ЛМ — нагарданд номӣ. [3] Л — нахоҳем. [4] Л — як. [5] Л — гулшану. [6] И — б. 1319, 1320 нест; [7] ИЛ — дониши меҳрбон. [8] Л — ба хиргоҳ нав барпароганд. [9] И — хайма ороиши Чин. [10] Л — коса. [11] И — Ба хон бар ҳама коса заррин.

Чун нон хӯрда шуд шоҳ Баҳроми Гӯр
Бифармуд ҷоми бузург аз булӯр,

Ки орад паричеҳраи майгусор,
Ниҳад бар кафи додгар шаҳриёр.

Чунин гуфт, к-ин подшо Ардашер,
Ки барно шуд аз бахти ӯ марди пир,

Сари моя ӯ буду мо кеҳтарем,
Агар кеҳтариро худ андархурем.

Ба разму ба базму ба рою ба хон,
Ҷуз ӯро ҷаҳондори гетӣ махон.

Бад-он гаҳ, ки Искандар омад зи Рум
Ба Эрону вайрон шуд ин марзу бум,

Гар ӯ ноҷавонмард буду дурушт,
Ки сиву шаш аз шаҳриёрон бикушт.

Лаби хусравон пур зи нафрини ӯст,
Ҳама руи гетӣ[1] пур аз кини ӯст.

Чу бар Офаридун кунанд офарин,
Бар ӯяст нафрин зи ҷӯёи кин.

Мабодо ҷуз аз некуӣ дар ҷаҳон,
Зи ман дар миёни кеҳону меҳон.

Биёред, гуфто мунодигаре,
Хушовозу аз номодорон саре,

Ки гардад[2] саросар ба гирди сипоҳ,
Ҳаме бархурӯшад ба бероҳу роҳ,[3]

Бигӯяд, ки дар шаҳри Баркӯҳу Ҷаз,
Гар аз гавҳару зарру дебову хаз

---

[1] И — кишвар. [2] Л — Бигардад. [3] И — б. 1336 нест.

Ҷуз ин то ба хошоки ночизу паст,
Биёзад касе носазовор даст,

Бар аспаш нишонам сияҳ[1] карда рӯй,
Аз эдар кашон бо ду пайкорҷӯй.

Ду пояш бубанданд дар зери асп,
Фиристам-ш то пеши Озаргушасп.

Ниёиш кунад пеши озар ба хок,
Парастиш кунад пеши яздони пок.

Бад-он кас диҳам чизи ӯро, ки чиз
Аз ӯ бистуду чирагӣ кард низ.

Агар асп дар киштзоре кунад
В-ар оҳанг бар мевадоре кунад[2].

Зи зиндон наёбад ба соле раҳо,
Савори сарафроз гар бебаҳо,

Ҳамон ранҷи мо бас, к-аз ин дашт бахр
Биёбад, наёзид бояд ба шаҳр.

Бирафтанд бозоргонони шаҳр,
Зи Газзу зи Баркуҳ мардум ду бахр.

Биёбон чу бозори Чин шуд зи бор,
Бад-он сӯ, ки шуд[3] лашкари шаҳриёр.

## ҲУНАР НАМУДАНИ БАҲРОМ БА НАХЧИРИ ГӮРОН

Дигар рӯз чун тоҷ бифрӯхт[4] ҳур,
Ҷаҳондор[5] шуд сӯи нахчири гӯр.

Ҷамонҳо ба зеҳ барниҳода[6] сипоҳ,
Паси лашкар андар ҳаме ронд[7] шоҳ.

---

[1] ИЛ — зи пас. [2] И — б. 1343 нест. [3] ИЛ — буд. [4] И — рӯй бинмуд. [5] И — Сипаҳдор. [6] И — Қаёнӣ камонҳо ба зеҳ бар. [7] И — ҳамерафт.

Чунин гуфт, к-«он[1] к-ӯ[2] камонро ба даст
Бимолад, кушояд ба андом[3] шаст,

Набояд задан тир ҷуз бар сурун,
Қи аз сина пайконаш ояд бурун».

Яке паҳлавон гуфт, к-«эй шаҳриёр,
Нигаҳ кун бад-ин[4] лашкари номдор,

Қи бо кист, з-ин гуна тиру камон,
Бадандеш, ё марди некигумон.

Магар бошад ин аз кушоди барат,
Қи ҷовид бодо сару афсарат.

Чу ту тир гириву шамшеру гурз,
Аз он хусравиёлу[5] болон[6] бурз

Ҳама лашкари[7] шоҳ доранд шарм,
Ба тиру камон бар шавад даст нарм».

Чунин дод посух, ки «ин эзадист,
Чу ӯ бугсилад зӯр, Баҳром кист?»

Барангехт шабдиз Баҳроми Гӯр,
Чу наздик шуд бо яке наррагӯр,

Чу омад-ш ҳангом, букшод шаст,
Бари гӯри нар бо суринаш бубаст.

Ҳамон гоҳ гӯр андар омад ба сар,
Бирафтанд гурдони зарринкамар.[8]

Шигифт андар он захми ӯ монданд,
Яко як бар ӯ офарин хонданд.[9]

---

1 Л — гуфт: «Он. 2 И — Ҳар он кас ки гирад. 3 И — Бибояд кушо-дан ба ҳангом. 4 Л — дар ин. 5 Л — хусравифарру. 6 И — хусрави-фарру он ёлу. 7 И — лашкар аз. 8 И — Чу рафтанд гурдони пар-[illegible]шхар. 9 И — б. 1361 нест.

Қасе парру пайкони тираш надид,
Ба болои он гӯр шуд нопадид.

Саворони ҷангиву мардони кин,
Саросар бар ӯ хонданд офарин.[1]

Бад-ӯ паҳлавон гуфт, к-«эй шаҳриёр,
Мабинод чашмат бади рӯзгор.

Саворӣ туву мо ҳама бар харем,
Ҳам аз харварон дар ҳунар[2] камтарем».

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин на тири ман аст,
Ки пирӯзгар дастгири ман аст.

Қиро пушту ёвар ҷаҳондор нест,
Аз ӯ хортар дар ҷаҳон хор[3] нест».

Барангехт он боркашро зи ҷой,
Ту гуфтӣ, шуд он асп парронҳумой.

Яке гӯр пеш омадаш мода буд[4],
Бача пеши ӯ рафтаву монда буд.[5]

Яке теғ зад бар миёнаш савор,
Ба ду нима шуд гӯри нопойдор.

Расиданд наздики ӯ меҳтарон,
Сарафрозу шамшерзан кеҳтарон.[6]

Чу он захм диданд бар модагур.[7]
Хирадманд гуфт: «Ин-т шамшеру зур.

Мабинод чашми бад ин шоҳро,
Намонад, магар бар фалак моҳро.

---

1 Л — б. 1362, 1363 нест. 2 И — харсаворон барат. 3 Л — зор. 4 Л — монда шуд. 5 Л — рафт, тозанда шуд. 6 И — Сарафроз гурдону ҷанговарон. 7 Л — Чунон захм диданд ба миёни гӯр.

Сари меҳтарони ҷаҳон зери ӯст,
Фалак зери пайкону[1] шамшери ӯст.

Сипоҳ аз паси ӯ[2] ҳаме тохтанд,
Биёбон зи гӯрон бипардохтанд.

Бифармуд то ҳалқаи зар кунанд,
Бар он ҳалқаҳо номи ӯ барканад.

Барафканд дар гӯши гӯри яла,
Ҳамон низ бо доғ сесад гала.

Раҳо кардашон аз паи номро,
Ҳамон аз паи шодиву комро.[3]

Яке мард бар[4] гирди лашкар бигашт,
Ки як тан мабод андар ин паҳндашт.

Ки гӯре фурӯшад ба бозоргон,
Бад-эшон[5] диҳад ин ҳама ройгон.

Зи Баркӯҳу аз номдорони Чаз,
Бибурданд бисьёр дебову хаз.[6]

Пазируфту*[1] фармуд то божу[7] сов
Нахоҳанд, агар чандашон буд[8] тов.

В-аз он шаҳрҳо ҳар кӣ[9] дарвеш буд,
В-агар нонаш[10] аз кӯшиши хеш буд,

Зи бахшидани ӯ тавонгар шуданд,
Басе низ бо тахту афсар шуданд.

Ба шаҳр андар омад зи нахчиргоҳ,
Яке ҳафта з-ӯ шод, шаҳру[11] сипоҳ.

---

1 И — бандаи теғи. 2 И — пас андар. 3 ИЛ — б. 1376—1378 нест.
4 И — мӯбаде. 5 И — Ба мардум. 6 И — Пас аз б. 1381 ин б. омада:

Басе ҳадья бурданд наздики шоҳ,
Бибурданд зӣ сарварони сипоҳ.

7 И — Пазируфт Баҳром бо бозу. 8 И — гар будашон низ. 9 И — шаҳр ҳар кас, ки. 10 И — хӯрдаш. 11 Л — Ба як ҳафта буд шодмон бо; И — Ба як ҳафта ӯ шодмон бо.

* 1 М — Бипазруфту.

Ба майдон будӣ бештар[1] боргоҳ.
Пиёда шудандӣ бари ӯ сипоҳ.

Бирафтӣ хушовоз гӯяндае,
Хирадманду дарвешу ҷӯяндае.

Бигуфтӣ, ки эй додхоҳандагон,
Ба яздон паноҳед аз бандагон.

Қасе, к-ӯ нахуфтаст аз ранҷи мо,
В-агар несташ баҳра аз ганҷи мо,

Ба майдон хиромед, то шаҳриёр
Магар бар шумо нав кунад рӯзгор.

Дигар ҳар кӣ пир асту бекору суст,
Ҳамон, к-ӯ ҷавон асту нотандуруст.

В-агар вом дорад касе з-ин гурӯҳ,
Шудаст аз бади вомхоҳон сутӯҳ,

В-агар бепадар кӯдаконанд низ,
Аз он кас, ки доранд, бихоҳанд[2] чиз.

Бувад моми кӯдак нуҳуфта ниёз,
Ҳаме дорад он тангии[3] хеш роз,[4]

В-агар[5] моядоре[6] тавонгар бимурд,
Бад-ин марзу з-ӯ кӯдакон буд[7] хурд,

Кунад кордоре бад-он чиз рой,
Надорад дили[8] шарму тарси[9] худой.

Сухан з-ин нишон кас мадоред роз,
Ки аз роздорон манам бениёз.

---

[1] И — пеши у. [2] ИЛ — нахоҳанд. [3] Л — некии. [4] И — Пас аз б. 1394 ин б. омада:

Ҳамон ёраву тавку афсар диҳем,
Ҳамин қавмро зарру гавҳар диҳем.

[5] Л — Дигар. [6] И — номдоре. [7] И — марз з-ӯ кӯдакон монда. [8] И — ба дил. [9] Л — бад-он шарму тарс аз.

Тавонгар кунам марди дарвешро,
Ба дин оварам ҷони[1] бадкешро.

Битӯзем воми касе, к-аш дирам,
Набошад, дили хеш дорад ба ғам.

Дигар ҳар кӣ дорад нуҳуфта ниёз,
Бар ӯ даркушоям[2] дари ганҷ боз.

Гар аз кордорон бувад ранҷ низ,[3]
Ки хоҳанд ҳам аз падармурда[4] чиз,[5]

Кунам зинда бар дор бедодро,
Ки озор дод[6] марди озодро[7].

Зи нахчиргоҳ[8] сӯи Бағдод рафт,
Хирадёфта бо диле шод рафт.

Бирафтанд гарданкашон пеши[9] ӯй,
Зи бегона в-он кас, ки буд хеши ӯй.

Бифармуд то боз гардад сипоҳ,
Биёмад ба кохи дилорой шоҳ.

Шабистони заррин[10] биёростанд,
Парастандагон мушку[11] май хостанд.

Бутон ҷомаву[12] чанг барсохтанд,
Зи бегона айвон бипардохтанд.

---

[1] И — марди. [2] ИЛ — баркушоям. [3] И — В-ар аз кордоре бувад низ ранҷ. [4] Л — ӯ аз падармурдае хост. [5] И — Ки ӯ аз падармурдае хост ганҷ. [6] Л — Ки озурд ӯ.
[7] ТПЗИЛМ — Кушоданд аз он пас дари ганҷ боз,
Тавонгар шуд он кас, ки будаш ниёз;
И — Зи дор андар овезамаш сарнагун
Бад-он то чаро шуд ба бад раҳнамун.
[8] ИЛ — нахчиргаҳ. [9] И — сӯи. [10] ИЛ — барзин. [11] И — руду. [12] И — Ҳама ҷомаи.

Зи руду маю ною бонги суруд
Ҳаворо ҳаме дод гетӣ дуруд.

Ба ҳар ҳуҷрае, ҳар шабе[1] дастбанд
Бикарданд[2] то дил надорад нажанд.[3]

Ду ҳафта ҳаме буд дил шодмон,
Дари ганҷ букшод рӯзу шабон.[4]

Дирам доду омад ба шаҳри Ситахр,
Ба сар барниҳод он кай тоҷи фахр.

Шабистони Харрод[5] дар боз кард,
Бутонро зи ганҷи дирам соз кард.

Ба мушкӯи заррин ҳар он кас, ки тоҷ
Набудаш, на зер андарун тахти оҷ,

Аз он шоҳи Эрон фаровон жакид,
Барошуфту аз Рӯзбеҳ лаб газид.

Бад-ӯ гуфт: «Ман божи Руму Хазар
Бад-эшон диҳам, чун биёрӣ ба дар.

Ҳам акнун ба харвор динор хоҳ,
Зи ганҷи Раю Исфаҳон бор хоҳ.

Шабистон бар ин гуна вайрон бувад,
На андархури[6] шоҳи Эрон бувад.

Зи ҳар кишваре божи[7] нав хостанд,
Заминро ба дебо биёростанд.

Бад-ин гуна якчанд гетӣ бих(в)ард,
На разму на ранҷу на нангу набард.[8]

---

1 ИЛ — шаб зи ҳар ҳуҷрае. 2 Л — Бибурданд. 3 И — Бибурданд наздики тахти баланд. 4 И — бикшуд, к-омад замон. 5 Л — хурдод. 6 И — аз ахтари. 7 И — бози.
8 ТПМ — Шикору маяш кор будиву бас,
Ҳама шодиаш ёр будиву бас.

## ЛАШКАР ҚАШИДАНИ ХОҚОНИ ЧИН БА ЭРОН ВА ЗИНҲОР ХОСТАНИ ЭРОНИЁН АЗ Ӯ

Пас огоҳӣ омад ба Ҳинду ба Рум,
Ба Турку ба Чину ба ободбум,

Ки Баҳромро дил ба бозист бас,
Қасеро ба гетӣ надорад ба кас.

Талоя наю дидбон[1] низ на,
Ба марз андарун марзбон[2] низ на,

Ба бозӣ ҳаме бугзаронад ҷаҳон,
Надонад ҳаме ошкору ниҳон.

Чу хоқони Чин ин суханҳо шунид,
Зи Чину Хутан лашкаре баргузид.

Дирам доду сар сӯи Эрон ниҳод,
Қасеро наёмад зи Баҳром ёд.[3]

Ба Эрон чу огоҳӣ омад зи Рум,
Зи Ҳинду зи Чину зи ҳар марзу бум,[4]

Ки қайсар сипаҳ карду лашкар кашид,
Зи Чину Хутан[5] лашкар омад падид.

Аз Эрон ҳар он кас, ки буд пешрав,
Зи пирону аз номдорони нав,

Ҳама пеши Баҳроми Гӯр омаданд,
Пур аз хашму[6] пайкору шӯр омаданд.

Бигуфтанд бо шоҳ чанде дурушт,
Ки бахти фурӯзон-т бинмуд пушт,

Сари шаҳриёрон ба разм андар аст,
Туро дил ба бозиву базм андар аст.

---

[1] Л — наю. [2] Л — паҳлавон.
[3] ТПЗ — В-аз он руй қайсар сипаҳ баркашид,
Ҳама кишвари Рум лашкар кашид.
[4] И — Турку зи Чину зи ободбум. [5] И — Зи Турку зи Чин. [6] И — ҷангу.

Ба чашми ту хор аст ганчу сипоҳ,
Ҳамон марзи Эрону ҳам тахту гоҳ.[1]

Чунин дод посух ҷаҳондор шоҳ,
Бад-он мӯбадони намояндароҳ.

Ки додори гетӣ маро ёвар аст,
Ки аз дониши бартарон бартар аст.

Ба пирӯзии[2] подшоҳи бузург
Ман Эрон нигаҳ дорам аз чанги гург.

Ба бахту сипоҳу ба шамшеру ганҷ,
Зи кишвар бигардонам ин дарду ранҷ.

Ҳаме кард бозӣ бар ин[3] ҳамнишон,
В-аз ӯ пур зи хун дидаи саркашон.

Ҳаме гуфт ҳар кас, к-аз ин подшо,
Бупечад дили мардуми порсо.

Дили шоҳ Баҳром бедор[4] буд,
В-аз он огаҳӣ пур зи тимор буд.

Ҳаме сохтӣ кори лашкар ниҳон,
Надонист розаш кас андар ҷаҳон.

Ҳама шаҳри Эрон зи кораш ба бим,
Аз[5] андешагон дил шуда бар ду ним.

Ҳама гашта навмед аз он шаҳриёр,
Тану кадхудоӣ гирифтанд хор.

Пас огоҳӣ омад ба Баҳромшоҳ,
Ки омад зи Чин андар[6] Эрон сипоҳ.[7]

---

1 И — б. 1432 нест. 2 ИЛ — Ба неруи он. 3 И — ромиш бад-он.
4 И — бемор. 5 И — В-аз. 6 Л — то ба. 7 И — б. 1443 нест;
ТПЗ — Чу Хоқон ба наздики Эрон расид,
Хабар з-у ба шохи далерон расид.

Ҷаҳонҷуй*[1] Густаҳмро пеш хонд,
Зи хоқони Чин чанд бо ӯ[1] биронд.

Қуҷо паҳлавон буду дастур буд,
Чу разм омадаш пеши ӯ сур буд.

Дигар Меҳрпирӯзи Харродро,
Савум Меҳрбарзини Фарҳодро.

Чу Баҳрому Пирӯзи баҳромиён,
Хазарвону Руҳҳом бо Андимон.

Яке шоҳи Гелон, яке шоҳи Рай,
Ки бифшордандӣ гаҳи ҷанг пай.

Дигар Додбарзини размозмой,
Қуҷо Зобулистон бад-ӯ буд ба пой.

Биёвард ҳам[2] Қорани Бурзмеҳр,[3]
Дигар Родбарзини[4] ожангчеҳр.[5]

Гузин кард аз эрониён шаш[6] ҳазор,
Хирадманду[7] шоистаи корзор.[8]

Бародаршро дод тахту кулоҳ,
Ки то ганҷу лашкарш дорад нигоҳ.

Хирадманд Нарсии озодчеҳр,
Ҳамаш фарри дин буду ҳам доду меҳр.

В-аз он ҷойгаҳ лашкар андар кашид,
Сӯи Озарободагон даркашид.[9]

---

[1] И — хоқону лашкар фаровон. [2] Л — чун; И — Сарафроз чун. [3] ИЛ — пур зи меҳр. [4] Л — додбарзини. [5] И — Додбарзини хуршедчеҳр. [6] И — Аз Эрон далерон даҳу ду. [7] И — Ҳама гурди.
[8] ТП — Ба Нарсӣ, ки буд аз нажоди Пашин,
Бародар будаш хусрави покдин.
[9] ТПЗ — Ҳам эдун зи лашкар гузин кард мард,
Саворони шоиста рузи набард.
Ду раҳ шаш ҳазор озмудасавор,
Зирсҳдор бо гурзаи говсор.
* 1М — ҷаҳондор

Чу аз Порс лашкар фаровон набурд,
Чунин буд назди бузургони хурд.

Ки аз ҷанг бугрехт Баҳромшоҳ,
Варо сӯи Озаргушасп аст роҳ.

Чу Баҳром рух сӯи озар ниҳод,
Фиристода омад[1] зи Қайсар чу бод.

Ба кохеш Нарсӣ фуруд оварид,
Гаронмоя ҷое чунон чун сазид.

Сӯи мӯбадонмӯбад омад сипоҳ,
Ба огоҳ будан[2] зи Баҳромшоҳ[3].

Чу бар мо ҳаме ганҷ напроганад,
Чаро ҳамчу шоҳон на ганҷ оганад.

Ба ҳар ҷой ҷон барфишонад ҳаме,
Ҳам арҷи ҷавонӣ надонад ҳаме.

Пароканда шаҳриву ҳам лашкарӣ,
Ҳаме ҷуст, ҳар кас раҳи[4] меҳтарӣ.

В-аз он пас чу гуфторҳо шуд куҳан,
Бар он барниҳоданд яксар сухан,

К-аз Эрон яке марди боофарин,
Фиристанд наздики хоқони Чин.

Ки пеш аз баду[5] ғорату тохтан,
Зи ҳаргунае бояд андохтан.

Магар буми Эрон бимонад ба ҷой,
Чу аз хона овора шуд кадхудой.[6]

---

1 Л — Расуле биёмад. 2 И — кардан; Л — бурдан.
3 ТПМ — Ҳаме гуфт ҳар кас, ки баҳром тахт
Раҳо карду бар мо бишӯрид бахт.
4 И — як дари. 5 И — то кам кунад. 6 И — б. 1466 нест.

Чунин гуфт Нарсӣ, ки-ин руй нест,
Мар ин обро дар ҷаҳон ҷуй нест.

Ки зинҳор хоҳам, ман аз шоҳи Чин,
Ба пилону лашкар бипӯшам замин.

Силеҳ асту ганҷ асту[1] мардони мард,
Қ-аз оташ ба ханҷар бароранд гард.

Чу навмедӣ[2] омад зи Баҳромшоҳ,
Гар ӯ рафт бо хормоя сипоҳ.

Чу[3] андешаҳотон чунин гашт бад,
Чу андешаи бад кунӣ, бад расад.

Шуниданд эрониён он сухун,
Яке посухи нав[4] фикананд бун.

Ки Баҳром аз эдар[5] сипоҳе набурд,
Чу[6] моро ба ғам дил набояд[7] супурд.

Чу хоқон ба Эрон дарояд[8] ба ҷанг,
Намонад дар ин буми мо[9] бӯю ранг.

Сипоҳиву Нарсӣ намонад[10] ба ҷой,
Бикӯбанд бар хира моро ба[11] пой.

Ҳаме[12] чора созем то ҷои мо
Бимонад, зи бун[13] нагсилад пои мо.

Яке мӯбаде буд номаш Ҳумой,
Хирадманду[14] бодонишу покрой.

Варо баргузиданд эрониён,
Ки он чораро танг бандад миён.

---

[1] И — ҳам ганҷ. [2] ИЛ — навмед. [3] ИЛ — Ки. [4] Л — нағз. [5] И — рафту. [6] И — Ки. [7] И — бибояд. [8] ИЛ — хиромад. [9] И — бар ин буму бар. [10] И — шаҳрӣ. [11] И — мо чира дар зери. [12] И — ҳама. [13] И — ба мо. [14] И — Хунарманду.

Набиштанд[1] пас номае бандавор,
Аз эрониён назди он шаҳриёр.

Сари нома гуфтанд: «Мо бандаем,
Ба фармону роят сар афкандаем.

Зи чизе, ки бошад[2] ба эронзамин,
Фиристем бо пӯзишу офарин.[3]

Ҳамон[4] низ бо ҳадьяҳо божу сов,
Ки бо ҷанги туркон надорем тов».

Зи Эрон биёмад хуҷаста Ҳумой,
Худу номдорони покизарой.

Паёми бузургон ба ҳоқон бидод,
Дили шоҳи Турон бад-он[5] гашт шод.

В-аз он ҷунбиши тези Баҳромшоҳ,
К-аз Эрон бишуд тозиён бо сипоҳ,

Ба пеши гаронмоя Хоқон бигуфт,
Дилу ҷони Хоқон чу гул баршукуфт.

Ба туркон чунин гуфт Хоқони Чин,
Ки «кардем бар чархи гарданда зин.[6]

Кӣ оварد бе ҷанг Эрон ба чанг
Магар мо ба рою ба ҳушу диранг?»

Фиристодаро чизи бисьёр дод,
Дирам дод чиниву[7] динор дод.

Яке посухи нома бинвишту гуфт,
Ки бо ҷони покон хирад бод ҷуфт.

Бад-ин бозгаштем[8] ҳамдостон,
Ки гуфт ин фиристодаи ростон.

---

[1] Л — Навиштанд. [2] И — Хоҳӣ зи. [3] Л — б-офарин. [4] И — Ҳама.
[5] И — номдорон аз он. [6] Л — б. 1485—1487 нест. [7] И — бисьёру.
[8] И — бад-он гуфта гаштем.

Чу бо ман сипоҳ андар ояд[1] ба Марв,
Кунам руи гетӣ[2] чу парри тазарв.

Ба доду ба рою ба рангу ба буй,
Або об шир андар орам ба ҷуй.

Бибошем то божи Эрон расад,
Зи марзи далерону[3] шерон[4] расад.

Ба Марв ояму з-остар[5] нагзарам,[6]
Нахоҳам, ки ранҷ[7] ояд аз лашкарам.

Фиристода тозон ба Эрон расид,
Зи Хоқон бигуфт, он чи диду шунид.

Ба Марв андар овард Хоқон сипоҳ,
Ҷаҳон шуд зи гарди саворон сиёҳ.

Чу осуда шуд, сар ба хурдан ниҳод,
Қасеро наёмад зи Баҳром ёд.[8]

Ба Марв андар аз бонги чангу рубоб,
Қасеро набуд ҷои орому хоб.

Сипаҳро бад-он дашт карда яла,
Талоя наю дидбон бар гала.

Шикору маю маҷлису ною чанг,
Ба рузу ба шаб эмин аз кори ҷанг.

Ҳаме божи эрониён чашм дошт,
Зи дер омадан дил пур аз хашм дошт.

ТОХТАНИ БАҲРОМИ ГУР БАР ХОҚОНИ ЧИН

В-аз он руй Баҳром бедор буд,
Сипаҳро зи душман нигаҳдор буд.

---

1 ИЛ — Чу ман бо сипох андар оям 2 ИЛ — кишвар. 3 Л — Ҳамон хадьяву сови. 4 Ҳама ҳадьяҳои далерон. 5 И — з-он сипас. 6 Л — андар осудатар бугзарам. 7 И — бад. 8 И — б. 1498 нест.

Шабу рӯз корогаҳон доштӣ,
Ба базму ба май рӯз нагзоштӣ.[1]

Чу огоҳӣ омад ба Баҳромшоҳ,
Ки Хоқон ба Марв асту чандон сипоҳ,[2]

Биёвард лашкар ба Озаргушасп,
Ҳаме бебуна ҳар яке бо ду[3] асп.

Або ҷавшану тарку румӣ кулоҳ,
Шабу рӯз чун бод тозон[4] ба роҳ.

Ҳаме тохт тозон[5] чу аз кӯҳ сел,
Ба Омул гузашт аз дари[6] Ардабел.

Зи Омул биёмад ба[7] Гургон кашид,
Ҳаме ранҷу дарди[8] бузургон кашид.

Зи Гургон биёмад ба шаҳри Нисо,
Яке раҳбаре пеши ӯ порсо[9].

Ба кӯҳу биёбону бероҳ рафт,
Шаби тира то рӯзи бегоҳ рафт.

Ба рӯз андарун дидбон[10] доштӣ,
Ба тирашабон посбон доштӣ.

Бар ин сон биёмад ба наздики[11] Марв,
Напаррад бад-он[12] гуна паррон тазарв.

Наванде биёмад зи корогаҳон,
Ки дур аст Хоқон зи кори меҳон.[13]

Ба тадбири нахчири Кашмеҳан аст,
Шабу рӯз дастураш Оҳарман аст.

---

1 ИЛ — бугзоштӣ. 2 И — б. 1505 нест. 3 И — Ҳама бе буна ҳар касе бо се. 4 Л — бодпоён. 5 Л — Ҳамеронд лашкар. 6 Л — раҳи. 7 И — В-аз Омул суи шаҳри. 8 И — Ҳама дарду ранҷи. 9 Л — раҳнамун пешу ӯ аз Нисо; И — раҳнамун пеши ӯ аз Нисо. 10 Л — дидабон. 11 И — Биёмад шитобон суи шаҳри. 12 И — Бипаррад бар он. 13 Л — ҷаҳон; И — ба кори ҷаҳон.

Чу Баҳром бишнид аз он, шод гашт,
Ҳама ранҷҳо бар танаш бод гашт.

Баросуд рӯзе бар он ҷойгоҳ,[1]
Чу осуда гашт аспу[2] шоҳу сипоҳ,

Ба Кашмеҳан омад ба ҳангоми рӯз,
Чу[3] барзад сар[4] аз кӯҳ гетифирӯз.

Ҳама гӯш пурнолаи буқ буд,[5]
Ҳама чашм пурранги манҷӯқ буд.[6]

Деҳодеҳ баромад зи нахчиргоҳ,
Пуровоз шуд гӯши шоҳу сипоҳ.

Бидаррид аз овоз гӯши ҳизабр,
Ту гуфтӣ ҳаме жола борид абр.

Чунон шуд зи хун дашти[7] овардгоҳ,
Ки гуфтӣ ҳаме хун биборад[8] зи[9] моҳ.

Чу Хоқон зи нахчир бедор шуд,
Ба дасти Хазарвон гирифтор шуд.[10]

Чу сесад тан аз номдорони Чин,
Гирифта бубастанд[11] бар пушти зин.

Сипаҳбад зи Кашмеҳан омад ба Марв,
Шуд аз тохтан бодпоён чу ғарв.

Ба Марв андар аз чиниён бас[12] намонд,
Бикуштанду аз[13] ҷангиён кас намонд.

Ҳар он кас, к-аз эшон гурезон бирафт,
Пас андар ҳаме тохт Баҳром тафт.

---

[1] Л — дар он размгоҳ; И — размгоҳ. [2] И — осудатар гашт. [3] Л — Ки. [4] И — Ки сар барзад. [5] ИЛ — шуд. [6] ИЛ — шуд. [7] Л — хоки; И — ба хун хоки. [8] И — ҳама тир борад. [9] Л — Ту гуфтӣ ҳаме тир борид.

[10] И — Саранҷом хоқон гирифтор шуд,
Бар ӯ рӯзи равшан шаби тор шуд.

[11] И — Гирифтанду бастанд. [12] Л — кас. [13] Л — Бикуштанд в-аз.

Бар ин сон ҳаме рафт[1] фарсанг сӣ,
Паси пушти ӯ Қорани порсӣ.

Чу баргашту омад ба нахчиргоҳ,
Бубахшид чизи касон бар сипоҳ.

Зи[2] пирӯзии Чин чу сар барфарохт,
Ҳама комгорӣ[3] зи яздон шинохт.

Ки ӯ дод бар неку бад дастгоҳ,
Ки дорандаи офтоб асту моҳ.

### МИЛ БАРОВАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР БА САРҲАДДИ ЭРОН ВА ТӮРОН

Биёсуд[4] дар Марв Баҳроми Гӯр,
Чу осуда шуд шоҳу ҷангӣ[5] сутур.

Равонаш ситез аз[6] мадоро гузид,
Дилаш рои разми Бухоро гузид.

Ба як рӯзу як шаб ба Омӯй шуд,
Зи нахчиру бозӣ ҷаҳонҷӯй шуд.

Биёмад зи Омӯй як поси шаб,
Гузар кард бар обу реги Фараб.[7]

Чу хуршед рӯи ҳаво кард зард,
Биандохт пероҳани ложвард.[8]

Замона шуд аз гард чун парри чарғ,
Ҷаҳонҷӯй бугзашт бар Мою Марғ.

Ҳама лашкари[9] турк барҳам заданд,[10]
Ба буму бараш[11] оташ андар заданд.

---

1 И — Ин гуна метохт 2 Л — Ба. 3 И — кому шодӣ. 4 Л — Баросуд; И — Ҳаме буд. 5 Л — ҳайлу; И — осудатар гашт марду. 6 И — Чу тезӣ ба ҷои. 7 И — б. 1535 нест. 8 ИЛ — лоҷвард. 9 И — кишвари. 10 Л — турклашкар ба ҳам барзаданд. 11 И — марзу ба бум

Ситора ҳаме домани моҳ ҷуст,
Падар бар писар бар ҳаме роҳ ҷуст.

Зи туркон ҳар он кас, ки буд пешрав,
Зи пирону ханҷаргузорони[1] нав,

Ҳама пеши Баҳром рафтанд хор,
Пиёда, пур аз хун дилу хоксор.

Ки шоҳо, бузурго, баландахтаро,
Бар озодагони ҷаҳон меҳтаро![2]

Гар эдун, ки хокон гунаҳгор[3] шуд,
Зи аҳди ҷаҳондор безор[4] шуд,

Ту хуни сари бегуноҳон марез,
На хуб ояд аз номдорон ситез.[5]

Гар аз мо ҳаме бож хоҳӣ равост,
Буридан сари номдорон[6] чарост?

Ҳама марду зан бандагони туем,
Ба разм андар афкандагони туем.

Дили шоҳ Баҳром аз эшон бисӯхт,
Ба дасти хирад чашми хашмаш бидӯхт.

Зи хун рехтан дасти гурдон бубаст,
Пурандеша шуд шоҳи яздонпараст.

Чу меҳри ҷаҳондор[7] пайваста шуд,
Дили марди ошуфта оҳиста шуд.

Бари шоҳ шуд меҳтари меҳтарон,
Бипазруфт ҳар сола божи гарон.

---

1 И — аз номдорони. 2 И — сарваро. 3 Л — гирифтор. 4 И — ҷаҳонҷӯй бедор. 5 И — шахриёрон. 6 Л — Сари бегуноҳон буридан. 7 И — ҷаҳонҷӯй.

Аз он кор чун коми ӯ шуд раво,
Пас аз бож бистуд зи туркон наво

Чу баргашту омад ба шаҳри Фараб,
Беожанг рухсору пурханда лаб.

Баросуду як ҳафта лашкар нароид,
Зи Чин меҳтаронро бари хеш хонд.

Баровард миле зи сангу зи гаҷ,
Ки касро ба Эрон зи турку халаҷ.

Набудӣ гузар ҷуз ба фармони шоҳ,
Ҳамон низ Ҷайҳун миёнҷӣ ба роҳ.

Ба лашкар[1] яке мард буд Шамр ном,
Хирадманду богавҳару ному[2] ком.

Мар ӯро ба Туронзамин[3] шоҳ кард,
Сари тахти ӯ афсари моҳ кард.

Чу Шамр аз бари[4] тахти симин[5] нишаст,
Камар бар миён басту букшод даст.

Ҳамон тоҷи заррин ба сар барниҳод,[6]
Ҳама шаҳри Турон бад-ӯ гашт шод.

НОМАИ БАҲРОМИ ГУР НАЗДИ БАРОДАРАШ НАРСӢ ВА ЭРОНИЁН

Чу шуд кори Туронзамин сохта,
Дили шоҳ аз андеша пардохта,[7]

Ба Нарсӣ яке нома бинвишт шоҳ,
Зи пайкори туркону кори сипоҳ.[8]

---

1 И — Ба Турон. 2 И — Ҳунарманду бодонишу рою. 3 И — Турону Чин. 4 И — паи. 5 И — заррин. 6 И — б. 1559 нест.
7 ТПЗИ — Бифармуд, то пеши ӯ шуд дабир,
Қалам хост бо мушку чинӣ ҳарир.
8 И — б. 1561 нест.

Сари нома буд офарини меҳон,
Аз ин банда бар кирдгори ҷаҳон.

Худованди пирӯзиву дастгоҳ,
Худованди кайвону Баҳрому моҳ,[1]

Бузургиву хурдӣ ба паймони ӯст,
Ҳама буданӣ зери фармони ӯст.

Набиштам яке[2] нома аз марзи Чин,
Ба назди[3] бародар ба эронзамин.

Ба назди бузургони эрониён
Набиштам ҳамин нома бар парниён,

Ҳар он кас, ки ӯ разми хоқон надид,
Аз ин ҷангҷуён[4] бибояд шунид.

Сипаҳ буд чандон ки гуфтӣ сипеҳр
Зи гардаш ба қир андар олуд[5] чеҳр.

Ҳама марз шуд ҳамчу дарьёи хун,
Сари тахти[6] бедодгар шуд нагун.

Ба разм андарун ӯ гирифтор шуд,
Қ-аз ӯ чархи гарданда безор шуд.

Кунун баста овардамаш бар ҳаюн,
Ҷигар хаставу дидагон пур зи хун.

Ҳама гардани саркашон гашт нарм,
Забон чарбу дилҳо пур аз хуни гарм.

Пазируфт бож он ки бадхоҳ буд,
Ба роҳ омаданд, он ки бероҳ буд.

---

1 ТПЗИЛ — Худованди гардандачархи баланд.
Худованди арманда хоки нажанд.
2 И — ман ин. 3 И — пеши. 4 И — он размҷуён. 5 И — оварда.
6 Л — бахти. 7 И — б. 1569, 1570 нест.

Қунун аз паси нома ман бо сипоҳ
Биёям ба коми дили некхоҳ.

Ҳаюнони кафафкану бодпой,
Бирафтанд чун боди ғуррон зи ҷой.

Чу нома ба[1] наздики Нарсӣ расид,
Зи шодӣ дили подшо[2] бардамид.

Бишуд мӯбади мӯбадон пеши ӯй,
Ҳар он кас, ки буд аз гавон хеши ӯй.

Ба шодӣ баромад зи Эрон[3] хурӯш,
Ниҳоданд ҳар кас ба овоз гӯш.[4]

Дили номдорон зи ташвири шоҳ,
Ҳаме буд печон зи баҳри гуноҳ

Ба пӯзиш ба наздики мӯбад шуданд,
Ҳама роҳҷӯёну бихрад шуданд.[5]

Ки андешаи кажжу фармони дев
Бибаррад дил аз роҳи кайҳонхидев.

Бад-он моя лашкар, ки бурдӣ гумон,
Ки яздон кушояд дари осмон,

Шигифтист ин, к-аз[6] гумон бугзарад,
Ҳам аз роҳи донову[7] марди хирад.

Чу посух кунӣ нома аз[8] хубу зишт,
Ҳамин пӯзиши мо бибояд навишт.

В-агар чанд рафт аз бузургон гуноҳ,
Бубахшад, магар номбардор шоҳ.

Пазируфт Нарсӣ, ки эйдун кунам,
Ки кин аз дили шоҳ берун кунам.

---

[1] ИЛ — он нома. [2] И — номвар. [3] И — айвон. [4] И — Бари паҳлавонони бедорҳуш. [5] И — б. 1580 нест. [6] Л — гар. [7] ИЛ — рой донанда. [8] Л — Посух шавад, нома бар.

Пас[1] он номаро зуд посух навишт,
Падидор кард андар ӯ хубу зишт.[2]

Қи эрониён аз паи дарду ранч,
Ҳамон аз паи буму фарзанду ганҷ,

Гирифтанд хоқони Чинро паноҳ,
Ба навмедӣ аз номбардор шоҳ.

На аз душманӣ буд, на аз ранҷи кин,
На бар шоҳ карданд[3] касро[4] гузин.

Қунун гар шаҳаншоҳи пирӯзашон,
Бибахшад гунаҳ тирашаб, рӯзашон.

Бад-ин пӯзиш акнун маро некхоҳ,
Гузинданду гуфтанд: «Моро бихоҳ».[5]

Яке мӯбаде номи ӯ Бурзмеҳр,
Бар он рафтани роҳ[6] букшод чеҳр.

Биёмад ба наздики шоҳи ҷаҳон,
Ҳама розҳо[7] баркушод аз ниҳон.

Зи гуфтори ӯ шоҳ хушнуд гашт,
Чунон оташи тез бедуд гашт.

Чағониву хатливу балхӣ радон,
Бухориву аз ғарчагон мӯбадон,

Бирафтанд бо божу барсам ба даст,
Ниёишкунон пеши оташпараст.

Ҳамон низ ҳар сол бо божу сов,
Ба даргаҳ шудӣ, ҳар кӣ будиш тов.

1 И — Мар. 2 Л — б. 1587—1589 нест. 3 Л — буди. 4 И — касро.
5 ИЛ — б. 1591, 1592 нест. 6 Л — шод. 7 Л — пардаҳо.

## БОЗГАШТАНИ БАҲРОМИ ГУР БА ЭРОНЗАМИН

Чу шуд сохта кори оташкада,
Ҳамон чои Наврўзу ҷашни Сада,

Биёмад сўи Озарободагон,
Худу номдорону озодагон,

Парастишкунон пеши озар[1] шуданд,
Ҳама мўбадон даст бар бар[2] шуданд.

Парастандагонро бубахшид чиз,
В-аз оташкада рўй бинҳод низ.

Хиромон биёмад[3] ба шаҳриСитахр,
Ки шоҳаншаҳонро бад-он буд фахр.[4]

Пароканда аз чарми говони меш,
Ки бар пушти пилон ҳаме бурд[5] пеш,

Ҳазору саду шаст қинтор буд,
Дирам буду ҳам ганчи[6] динор буд.

Ки бар паҳлавӣ мўбади порсӣ
Ҳаме ном бурдиш пайдовасӣ.

Биёвард пас машкҳои адим,
Бигустурду[7] шодон бар ў рехт сим.

Ба раҳ-бар ҳар он пул, ки вайрон бидид,
Работе, ки аз кордонон шунид,

Бифармуд обод кардан зи ганч,
Ба кас-бар аз он кор нанҳод ранч.[8]

Зи гетӣ дигар ҳар кӣ дарвеш буд,
В-агар нонаш[9] аз кўшиши хеш буд,

---

[1] И — даст бар сар. [2] И — пеши озар. [3] И — Биёмад гурозон. [4] И — озодагонро бади у. [5] Л — ҳамеронд. [6] И — буд ҳам сурх. [7] Л — Бигустурд. [8] Л — б. 1609 нест. [9] И — ганҷаш.

Бад-эшон бубахшид чанде дирам,
Зи бахшиш набуд шоҳ рӯзе дижам.

Се дигар ба каппон бисанҷид сим,
Зани бевaву кӯдакони ятим.

Чаҳорум ҳар он пир, к-аз коркард,
Фурӯ монду аз рӯзи нангу набард.

Ба панҷум ҳар он кас, ки буд бонажод,[1]
Тавонгар накардӣ аз ӯ ҳеҷ ёд.

Шашум ҳар кӣ омад зи роҳи дароз,
Ҳаме дошт дарвешии хеш роз,

Ба эшон бубахшид як ганҷ шоҳ,
Ба некӣ ҳаме кард ҳар ҷо нигоҳ.[2]

Ғанимат хама баҳри лашкар ниҳод,
Наёмад-ш аз огандани[3] ганҷ ёд.

Бифармуд пас[4] тоҷи хоқони Чин,
Ки пеш оварад[5] мӯбади покдин,

Гуҳарҳо, ки буд андар ӯ ожада,[6]
Биканданду девори оташкада,

Ба зарру ба гавҳар биёростанд,
Сари тахти озар бипеpостанд.

В-аз он ҷойгаҳ шуд сӯи Тайсафун,
Ки Нарсӣ бад-ӯ буд бо[7] раҳнамун.

Пазира шудандаш ҳама меҳтарон,
Бузургони Эрону кундоварон.

Чу Нарсӣ бидид он сару тоҷи шоҳ,
Дурафши дилафрӯзу чандон сипоҳ,

---

[1] И — мар ӯро, ки буд аз нажод. [2] Л — б. 1616 нест. [3] И — Наёмад зи бинҳодани. [4] И — то. [5] И — Биёварду пас. [6] Л — озода; И — он озода. [7] ИЛ — буду муъбаду.

Пиёда шуду бурд пешаш намоз,
Бузургону ҳам мӯбади сарфароз.

Бифармуд Баҳром то барнишаст,
Гирифт он замон дасти уро[1] ба даст.

Биёмад, нишаст аз бари тахти зар,
Бузургон ба пеш андарун бо гуҳар.[2]

Бубахшид ганҷе ба марди ниёз,
Дари тангзиндон кушоданд[3] боз.

Замона пур аз ромишу[4] дод шуд,
Дили ғамгинон[5] аз ғам озод шуд.

Зи ҳар кишваре ранҷи[6] ғам дур кард,
Зи баҳри бузургон яке сур кард.

Бад-он сур ҳар кас, ки биштофтанд,
Ҳама хилъати меҳтарӣ ёфтанд.

АНДАРЗНОМА НАВИШТАНИ БАҲРОМИ ГУР БА КОРДОРОНИ ХУД

Савум рӯз базми радон сохтанд,
Нависандаро[7] пеш биншохтанд.

Ба май хӯрдан андар чу букшод чеҳр,
Яке нома бинвишт шодон ба меҳр.

Сари нома кард офарин аз нахуст,
Бар он к-ӯ равонро[8] ба дониш бишуст.

Хирад бар дили хеш пироя кард,
Ба ранҷа тан аз мардумӣ моя[9] кард.

---

[1] И — Ҳаме ронд дасташ гирифта. [2] ИЛ — камар. [3] И — кушуданд. [4] И — кӯшишу. [5] И — мардумон. [6] И — дарду: Л — ранҷу. [7] Л — Нависанда дар; И — набисандае. [8] И — кас, ки ӯ дил. [9] Л — поя.

Ҳама некуиҳо зи яздон шинохт,
Хирад ҷусту бо марди доно бисохт[1]

Бидонад, ки аз дод ҷуз некуӣ
Наояд, накубад дари бадхуӣ.

Ҳар он кас, ки аз кордорони ман,
Сарафрозу[2] ҷангӣ саворони ман

Бинолад, набинанд ҷуз чоҳу дор,
В-агар кушта афканда бар хок хор.

Бикушед то ранҷҳо кам кунед,
Дили ғамгинон шоду беғам[3] кунед.

Ки гетӣ намонду намонад ба кас,
Беозориву дод ҷӯеду бас.

Бар ин гуфтаҳо-бар нишона манам,
Сари ростиро баҳона манам.

Ки чандон сипаҳ кард оҳанги ман,
Ҳам оҳанги ин номдор анҷуман.

Аз эдар бирафтам[4] ба андак сипоҳ,
Шуданд он ки бадхоҳ буд некхоҳ.

Яке номдоре чу хоқони Чин,
Ҷаҳондори[5] бо тоҷу тахту нигин,

Ба дасти ман андар гирифтор шуд,
Сари тахти туркон нагунсор шуд.

Маро кард пирӯз яздони пок,
Сари душманон андар омад ба хок.

---

1 ТПМ — Зи дил кайфару бадхуӣ дур кард,
Хирадро ба ҳар кор дастур кард.

2 И — Хирадманд. 3 Л — хуррам. 4 И — Зи Эрон бирондам. 5 И — Ҷаҳонҷуӣ.

Ба ҷуз[1] бандагӣ пешаи ман мабод,
Ҷуз аз дод[2] андешаи ман мабод.

Нахоҳам хироҷ аз[3] ҷаҳон ҳафт сол,
Агар зердасте бувад гар[4] ҳамол.

Ба ҳар кордореву худкомае,
Навиштем бар паҳлавӣ номае.

Қи бо зердастон ҷуз аз расми дод
Надоранду аз бад нагиранд ёд.

Ҳар он кас, ки дарвеш бошад ба шаҳр,
Қи аз рӯзи шодӣ наёбанд баҳр,

Фиристед наздики мо номашон,
Барорем аз он орзӯ комашон.

Дигар ҳар кӣ[5] бошанд марди нажод,
Ҳаме гирад[6] аз рафтани чиз ёд,

Ҳам аз ганҷи мо бениёзӣ диҳед,
Хирадмандро[7] сарфарозӣ диҳед.

Қасеро, ки вом асту дасташ тиҳист,
Ба ҳар ҷой беарҷу бефарраҳист,

Ҳам аз ганҷи мошон битӯзед вом,
Ба девонҳо барнависед ном.

Зи яздон бихоҳед то ҳамчунин,
Дили мо бидорад ба оину дин.[8]

Бад-ин аҳди[9] мо шодмонӣ кунед,
Абар кеҳтарон меҳрбонӣ[10] кунед.

---

1 Л — Ҷуз аз. 2 Л — рост; И — Ба ҷуз рост. 3 И — хироҷи. 4 ИЛ — ё. 5 И — он ки. 6 И — Қи гиранд. 7 И — Ҳунармандро. 8 Л — б. 1655, 1657 нест. 9 И — В-аз ин меҳри. 10 И — Ҳама бо хирад зиндагонӣ.

Ҳамон бандагонро мадоред хор,
Ки ҳастанд ҳам бандаи кирдгор.

Касе, к-аш бувад мояву санги он,
Диҳад кӯдаконро ба фарҳангиён,

Ба дониш равонро тавонгар кунед,
Хирадро бад-ин бар сар афсар кунед.[1]

Зи чизи касон дур доред даст,
Беозор бошеду яздонпараст.

Бикӯшеду паймони[2] мо[3] машканед,
Паю бехи пайванди бад барканед.

Ба яздон паноҳеду паймон[4] кунед,
Равонро ба меҳраш[5] гаравгон кунед.

Маҷӯед озори ҳамсоягон,
Ба вижжа бузургону пурмоягон.

Ҳар он кас, ки ночиз буд,[6] чиз гашт,
В-аз андозаи кеҳтарӣ баргузашт,

Бузургаш махонед, к-он бартарӣ
Сабук бозгардад суи камтарӣ.[7]

Зи дарвеш чизе мадоред боз,
Ҳар он кас, ки ҳаст аз шумо бениёз.

Ба покон гироеду некӣ кунед,
Дилу пушти хоҳандагон машканед.

Ҳар-он кор[8] к-он дур гашт аз писанд,
Бад-он кор[9] наздик бошад газанд.[10]

---

[1] И — б. 1660, 1661 нест. [2] И — гуфтори. [3] Л — паймонҳо. [4] И — гироеду фармон. [5] И — ҳукмаш. [6] И — Ҳар он носазое,
[7] ТПЗ — Або дод бошеду яздонпараст,
Бишуста зи бедоду каҷҷӣ ду даст.
ки бо. [8] Л — чиз; И — чиз. [9] Л — чиз. [10] И — Бари хеш онро маҳоҳед банд.

Зи доранда[1] бар ҷони он кас дуруд,
Ки аз мардуми бошадаш тору пуд.

Чу[2] андар навиштанд рахшон ҳарир,
Сари хомаро[3] кард мушкин дабир.

Ба унвон-ш бар шоҳи гетӣ навишт,
Дили доду донандаи хубу зишт.

Худованди бахшоишу фарру зӯр.
Шаҳаншоҳи бахшанда[4] Баҳроми Гӯр.

Сӯи марзбонону фармонбарон,
Хирадманду донову ҷангӣ сарон.

Ба ҳар сӯ наванду савору ҳаюн
Ҳаме рафт бо номаву раҳнамун.

Чу ин нома омад ба ҳар кишваре,
Ба ҳар номдореву[5] ҳар меҳтаре.

Ҳаме гуфт ҳар кас, ки яздон сипос,
Ки ҳаст ин ҷаҳондор яздоншинос.

Зану марду кӯдак ба ҳомун шуданд,
Ба ҳар кишвар аз хона[6] берун шуданд.

Ҳаме хонданд офарини ниҳон,
Бад-он додгар шаҳриёри ҷаҳон.

В-аз он пас ба хурдан биёростанд,
Маю руду ромишгарон хостанд.

Ба як ним аз рӯз хурдан будӣ,
Дигар нима з-ӯ коркардан будӣ.

Ҳаме нав ба ҳар бомдоди пагоҳ,
Хурӯше будӣ пеши даргоҳи шоҳ.

---

[1] И — гӯянда. [2] И — Пас. [3] И — номаро. [4] И — бедор. [5] И — сарфарозеву. [6] И — шаҳр.

Ки ҳар кас, ки дорад, ҳуреду диҳед,
Сипосе ба хӯрдан ба мо барниҳед.

Қасе к-аш ниёз аст, ояд ба ганҷ.
Ситонад зи ганҷе дирам сахта панҷ.

Се ман бодан тофта солх(в)ард,
Ба ранги гули нор, ё зарри зард.

Ҷаҳоне ба ромиш ниҳоданд рӯй,
Пуровози майхора шуд шаҳру кӯй.

Чунон шуд, ки аз беди сурхафсаре,
Ду динор мехостандӣ саре.

Яке шохи наргис баҳо як[1] дирам,
Харидӣ, касе з-он нагаштӣ дижам.

Зи шодӣ ҷавон шуд дили марди пир,
Ба чашма дарун обҳо гашт шир.

Ҷаҳонҷӯй кард аз ҷаҳондор ёд,
Ки яксар ҷаҳон дид аз он гуна шод.

ФИРИСТОДАНИ БАҲРОМИ ГӮР
БАРОДАРИ ХУД НАРСИРО БА ХУРОСОН
ВА ХОНДАН ПЕШИ ТАХТИ ХЕШ
ФИРИСТОДАИ ҚАЙСАРРО

Ба Нарсӣ чунин гуфт як рӯз шоҳ,
К-аз эдар бирав бо нигину кулоҳ.

Хуросон туро додам, обод кун,
Дили зердастони мо шод кун.[2]

Нигар, то набошӣ ҷуз аз додгар,
Маёвез ҷанг андарин раҳгузар.

---

[1] Л — ба чандин. [2] И — б. 1692, 1693 нест.

Падар гар бадӣ кард, печид аз он,[1]
Чу марди[2] бараҳна зи боди хазон.

Бифармуд то хилъаташ сохтанд,
Гаронмоя ганҷе бипардохтанд.

Бад-ӯ гуфт: «Яздон паноҳи ту бод,
Сари тахти хуршед[3] гоҳи ту бод».

Ба рафтан ду ҳафта диранг омадаш,
Таносон Хуросон[4] ба чанг омадаш.

Чу Нарсӣ бишуд, ҳафтае баргузашт,
Дили шоҳ аз андеша пардахта гашт.

Бифармуд то мубади мӯбадон
Бирафту биёвард чанде[5] радон.

Бад-ӯ гуфт: «Шуд кори қайсар дароз,
Расулаш ҳаме дер ёбад ҷавоз.

Чӣ мард асту андар хирад то куҷост,
Ки дорад равон аз хирад пушт рост?»

Бад-ӯ гуфт мӯбад, к-анӯша бадӣ,
Ҷаҳондор бо фарраи эзадӣ.

Яке марди пир аст бо рою шарм,
Сухан гуфтанаш[6] хубу овоз[7] нарм.

Қасе, к-аш Фалотун будаст устод,
Хирадманду бодонишу бо нажод.

Яке пурманиш буд, к-омад зи Рум,
Кунун хира гашт андар ин марзу бум.

Бипажмурд чун мор дар моҳи дай,
Танаш сусту рухсора ҳамранги най.

---

[1] И — гунаҳ кард, печид з-он. [2] И — шоҳи. [3] И — рахшанда. [4] И — Хуросон таносон. [5] И — яксар. [6] И — гуфтани. [7] ИЛ — овои.

Ҳама кеҳтаронаш ба кирдори меш,
Ки рӯзи шикораш саг ояд ба пеш.

Ба кундиву тундӣ[1] ба мо бингарад,
Аз ин марз[2] касро ба кас нашмарад».

Ба мӯбад чунин гуфт Баҳроми Гӯр,
Ки яздон диҳад фарру дайҳиму зӯр.

Маро гар ҷаҳондор пирӯз кард,
Шаби тира бар бахти ман[3] рӯз кард.

Ҳамон кас, ки ҳаст ӯ шаҳаншоҳи Рум,
Худованду фармондеҳи марзу бум,

Бузург асту аз Салм дорад нажод,
Ки тоҷаш Фаридун ба сар барниҳод.

Кунун[4] мардумӣ карду фарзонагӣ,
Чу хокон наёмад[5] ба девонагӣ.

Варо пеш хонем ҳангоми бор,
Сухан то чи гӯяд, ки ояд ба кор.

Аз он пас ба хубӣ фиристам-ш боз,
Зи мардум наям дар ҷаҳон бениёз.

Яке разм ҷӯяд, сипоҳ оварад,
Яке[6] базму заррин кулоҳ оварад.[7]

Маро арҷи ин з-он бибояд шинохт,
Хунук[8] он ки бо номдорон бисохт.

Бад-ӯ офарин кард мӯбад ба меҳр,
Ки шодон бизӣ то бигардад[9] сипеҳр,

Нагӯяд забонат ҷуз аз беҳтарӣ,
Ки бодот бар меҳтарон меҳтарӣ.

---

1 И — Зи мардиву гурдӣ. 2 И — бум. 3 И — маро. 4 И — Ҳамон. 5 И — биёмад. 6 Л — Дигар. 7 И — б. 1717 нест. 8 Л — Бузург. 9 И — «Аз ҷони ту шод бодо.

САВОЛУ ЧАВОБИ ФИРИСТОДАИ РУМӢ
БО МУБАДОНИ ЭРОН

Дигар рӯз чун тоҷ бинмуд меҳр,
Забона баромад зи ҳамми сипеҳр,[1]

Сипаҳбад фиристодаро пеш хонд,
Бари номвар тахти оҷаш[2] нишонд.[3]

Биёмад ҷаҳондида донои пир,
Сухангӯву бодонишу ёдгир.

Ба каш карда дасту сар афканда паст,
Бари тахти шоҳӣ[4] ба зону нишаст.

Бипурсид Баҳрому бинвохташ,
Бари тахт наздик[5] биншохташ.

Бад-ӯ гуфт, к-эдар бимондӣ ту дер,
Зи дидори ин марз ногашта[6] сер.

Маро разми хоқон зи ту боз дошт,
Ба гетӣ маро ҳамчу анбоз дошт.

Қунуи рузгорам зи ту[7] тоза гашт,
Туро будан эдар беандоза гашт.

Сухан ҳар чи гӯӣ ту, посух диҳам,
Зи овози ту рои фаррух ниҳам.

Фиристодаи пир кард[8] офарин,
Ки бе ту мабодо замону замин.

Ҳаме[9] подшоҳе, ки дорад хирад,
Зи гуфти хирадманд ромиш барад,

---

[1] ИЛ — б. 1721, 1722 нест. [2] И — Бар он номбар боргоҳаш. [3] Л — Пас аз б 1723 ин б. омада:

Чу бишнид бедоршоҳи ҷаҳон,
Фиристодаро хонд пеши меҳон.

[4] И — Хусрав. [5] Л — тахти пируза; И — тахти пируз. [6] марзбон гашта. [7] Л — кори мо ҷумлагӣ. [8] И — Фиристода бар вай гирифт. [9] ИЛ — Ҳар он.

Ба яздон хирадманд наздиктар,
Бадандешро рӯз ториктар.

Ту бар меҳтарони ҷаҳон меҳтарӣ,[1]
Ки ҳам меҳтару шоҳу ҳам беҳтарӣ.

Забонат тарозуст, гуфтан[2] гуҳар,
Гуҳар сахта ҳаргиз набинад ба зар.

Туро донишу ҳушу рой асту фар,
Бар оини шоҳони пирӯзгар.

Туро худ хирад ҳасту покиза рой,
Абар ҳушмандон туӣ кадхудой.[3]

Агарчи фиристодаи Қайсарам,
Ҳамон[4] чокари шоҳро чокарам.

Дуруде расонам зи Қайсар ба шоҳ
Ки ҷовид бод ин сару тоҷу гоҳ.

Ва дигар, ки фармуд то ҳафт чиз,
Бипурсам зи донандагони ту низ.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин суханҳо бигӯй
Сухангӯйро бештар обрӯй».

Бифармуд то мӯбади мӯбадон
Бишуд пеш[5] бо номвар бихрадон.

Лаби шоҳ аз овози пурсандамард
Замоне ҳаме буд бо боди сард,

Ки то чист ин дар ниҳон ҳафт чиз,
Ки румӣ бипурсид хоҳад ба низ.

Бишуд мӯбаду ҳар кӣ доно буданд,
Ба ҳар донише-бар тавоно буданд.

---

1 И — Ки ҳам шаҳриёриву (ҳам) сарварӣ. 2 Л — дониш. 3 И — б. 1734—1736 нест. 4 И — Ба ҷон. 5 И — шод.

Сухангуй букшод банд аз нуҳуфт,
Суханҳои Қайсар ба мубад бигуфт.

Ба мубад чунин гуфт, к-эй раҳнамун,
Чӣ чиз он ки хонӣ ҳамеш андарун?

Дигар он ки берун-ш хонӣ ҳаме
Ҷуз ин низ номаш надонӣ ҳаме?

Забар чист, эй меҳтару зер чист,
Ҳамон бекарон чизу ҳам хор кист?

Чӣ чиз он ки номаш фаровон бувад,
Мар уро ба ҳар ҷой фармон бувад?

Чунин гуфт мубад ба фарзона мард,
Ки маштоб в-аз роҳи дониш магард.

Пас он гаҳ бад-у гуфт, к-эй ҳушьёр
Ҷавоби сухан сар ба сар гӯш дор.

Мар инро, ки гуфтӣ ту посух якест,
Сухан дар буруну дарун андакест.

Бурун осмон андарунаш ҳавост,
Забар фарри яздони фармонравост.

Ҳаме бекарон аз ҷаҳон эзадаст,
Қ-аз ӯ тоб гири ба дониш[2] бад аст.

Забар чун биҳишт асту дӯзах ба зер,
Бад онро, ки бошад ба яздон далер.

Дигар он ки бисьёр номаш бувад,
Раванда ба ҳар ҷой комаш бувад,

Хирад дорад, эй пир, бисьёр ном,
Расонад хирад порсоро[3] ба ком.

---

1 ИЛ — Ҳамон. 2 И — Ки уро ба дониш надонӣ. 3 И — **подшоро.**

Яке меҳр хонадшу[1] дигар вафо,
Хирад дур шуд, монд дарду[2] ҷафо.

Забоноваре ростӣ хонадаш,
Баландахтаре зиракӣ донадаш,

Гаҳе бурдбору гаҳе роздор,
Ки бошад сухан назди ӯ устувор.

Пароканда ин аст номи хирад,
Аз андозаҳо номи ӯ бугзарад.

Ту чизе мадон, к-аз хирад бартар[3] аст,
Хирад бар ҳама некуиҳо сар аст.

Хирад ҷӯяд оганда рози ҷаҳон,
Ки чашми сари мо набинад ниҳон.

Дигар он ки дорад хирадманд хор,
Ба ҳар дониш аз кардаи кирдгор,

Ситорасг рахшон зи чархи баланд,
Ки бино шумораш нагӯяд, ки чанд.

Баландосмонро ки фарсанг нест,
Қасеро бад-ӯ[4] роҳи оҳанг нест.

Ҳаме хор гирӣ шумори варо,
Ҳамон[5] гардиши рӯзгори варо.

Қасе, к-ӯ бубинад зи партоби тир,
Намонад шигифт андар ӯ тезвир.

Ситора ҳаме бишмарӣ з-осмон,
Аз ин хортар чист, эй кордон?[6]

Ман ин донам, ар ҳаст посух ҷуз ин,
Фарох аст рози ҷаҳонофарин.

---

[1] Л — хонад-ш. [2] Л — дард монду. [3] И — беҳтар. [4] Л — Ба сар андар у. [5] И — Ҳама. [6] ИЛ — шодмон.

Сухандони Қайсар[1] чу посух шунид,
Заминро бибусиду фармон гузид.[2]

Ба Баҳром гуфт: «Эй ҷаҳондор шоҳ,
Зи яздон бар ин-бар фузунӣ маҳоҳ.

Ки гетӣ саросар бар фармони туст,
Сари саркашон зери паймони туст.

Писанди бузургони фаррухнажод,
Надорад ҷаҳон чуз ту шоҳе ба ёд.

Ҳамон низ дастурат[3] аз мӯбадон,
Ба дониш фузун аст аз бихрадон.

Ҳама файласуфон варо бандаанд,
Ба доноии вай[4] сар афкандаанд».

Чу Баҳром бишнид, шодӣ намуд,
Ба дил-ш[5] андарун равшаной фузуд.

Ба мӯбад дирам дод даҳ бадра низ,
Ҳам аз ҷомаву аспу бисьёр чиз.[6]

Фиристодаи Қайсари номдор
Сӯи хона рафт аз дари[7] шаҳриёр.

## ПАДРУД КАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ФИРИСТОДАИ ҚАЙСАРРО

Чу хуршед бар чарх бинмуд даст,
Шаҳаншоҳ бар тахти заррин нишаст[8].

Фиристодаи Қайсар омад ба дар,
Хирадьёфта мӯбади пурҳунар.

---

[1] И — Сухангӯи румӣ. [2] И — Бар он номдор офарин густарид.
[3] И — пирдастур. [4] И — у. [5] И — дил.
[6] ТПЗ — Бифармуд то хилъат оростанд,
Зи ганҷ он ки пурмоятар хостанд.
[7] И — бари. [8] И — б. 1780 нест.

Ба пеши шаҳаншоҳ рафтанд шод,
Суханҳо зи ҳар гуна карданд ёд.

Фиристодаро мӯбади шоҳ гуфт,
Ки эй марди ҳушьёри беёру[1] ҷуфт,

Зи[2] гетӣ зиёнкортар кор чист,
Ки бар кардан он бибояд гирист?

Чӣ донӣ ту андар ҷаҳон судманд,
Ки аз карданаш мард гардад баланд?

Фиристода гуфт: «Он ки доно бувад,
Ҳамеша бузургу тавоно бувад.

Тани марди нодон зи гил хортар,
Ба ҳар некуӣ[3] носазовортар.

Зи донову нодон задӣ достон,
Шунидӣ магар посухи ростон».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки неку нигар,
Бидешу моҳӣ ба хушкӣ мабар.

Фиристода гуфт: «Эй писандида мард,
Суханҳо зи дониш[4] тавон ёд кард.

Ту ин гар дигаргуна донӣ бигӯй[5]
Ки аз дониш афзун шавад обрӯй».

Бад-ӯ гуфт мӯбад, ки андеша кун,
К-аз андеша бофарр гардад сухун.

Зи[6] гетӣ ҳар он, к-ӯ беозортар,
Чунон дон, ки маргаш зиёнкортар,

Ба марги бадон шод бошӣ равост,
Чу зояд тани марди бад[7] маргрост.

---

1 И — бодонишу рой. 2 Л — Ба 3 ИЛ — некие. 4 Л — Суханҳои доно. 5 Л — дорӣ. 6 Л — Ба. 7 И — Агарчи тани мо ҳама.

Аз ин судманди бувад, з-он зиён,
Хирадро миёнчӣ кун андар миён.

Чу бишнид румӣ писанд омадаш,
Суханҳои ӯ судманд омадаш.

Бихандиду бар шоҳ кард офарин,
Бад-ӯ гуфт: «Фархунда эронзамин.

Ки тахти шаҳаншоҳ, бинад ҳаме,
Чу Баҳром бар вай нишинад[1] ҳаме.

Ба дониш ҷаҳонро баландафсарӣ[2]
Ба мӯбад зи ҳар меҳтаре меҳтарӣ,[3]

Агар бож хоҳӣ зи Қайсар равост,[4]
Ки дастури ту бар хирад[5] подшост»

Зи гуфтори ӯ шод шуд шаҳриёр,
Дилаш тоза шуд чун гул андар баҳор.

Бурун шуд фиристода аз пеши шоҳ,
Шаб омад, баромад дурафши сиёҳ.[6]

Падид омад он чодари мушкбӯй,
Ба анбар биёлуд хуршед рӯй.

Шикебо набуд гунбади тезгард,
Сари хуфта аз хоб бедор кард.

Дурафше бизад чашмаи офтоб,
Сари шоҳи гетӣ даромад[7] зи хоб.

Дари бор букшод солори бор,
Нишаст аз бари тахти зар шаҳриёр.

---

[1] Л — муъбад бар ӯ барнишинад. [2] И — мардӣ ҷаҳондори боафсарӣ. [3] Л — бартарӣ; И — хусраве бартарӣ. [4] И — сазост; Л — гирӣ зи қайсар сазост. [5] Л — дар ҷаҳон. [6] И — б. 1802 нест. [7] Л — сабук шуд.

Бифармуд то хилъат оростанд,
Фиристодаро пеши ӯ хостанд.[1]

Зи симину заррину аспу ситом,
Зи динор ганҷе, ки бурданд ном.[2]

Зи дебову[3] гавҳар, зи мушку абир,
Фузун буд[4] аз андешаи марди пир.

СУХАН ГУФТАНИ БАҲРОМ БА САРДОРОН
АЗ ДОД

Чу аз кори румӣ бипардохт шоҳ,
Дилаш гашт печон зи кори сипоҳ.[5]

Бифармуд то мӯбади ройзан,
Бишуд бо яке номдор анҷуман.

Бубахшид рӯи замин сар ба сар,
Бар он паҳлавонони пархошхар.

Дирам доду аспу нигину[6] кулоҳ,
Гаронмояро кишвару тоҷу[7] гоҳ.

Пур аз ростӣ кард яксар ҷаҳон,
Аз ӯ[8] шодмона кеҳону меҳон.[9]

Ҳар он кас, ки бедод буд, дур кард,
Ба нододани чизу гуфтори сард.

В-аз он пас чунин гуфт бо мӯбадон,
Ки эй пурҳунар покдил бихрадон.

Меҳонро зи ҳаргуна доред ёд,
Зи кирдори шоҳони бедоду дод,

---

[1] И — б. 1807 нест. [2] И — Зи шамшери ҳиндиву заррин ниём, Л — Зи болои номиву заррин ситом. [3] Л — динору. [4] Л — гашт.
[5] И — Фиристодаро дод бедоршоҳ,
Бипардахт аз он пас ба кори сипоҳ.
[6] И — динору аспу. [7] И — ганҷу. [8] Л — В-аз ӯ. [9] И — Меҳону кеҳон.

Басе дасти шоҳон ба бадҳо дароз,[1]
Ниҳон монда таншон ба[2] орому ноз.

Ҷаҳон аз бадандеш пурбим[3] буд,
Дили некмардон ба ду ним буд.

Ҳама даст бурда ба кори бадӣ,
Қасеро набуд кӯшиши эзадӣ.[4]

Ба ҳар ҷой густурда чангол дев,
Бурида дил аз тарси кайҳонхидев.

Сари[5] некӯиҳову дасти бадӣ,
Дари донишу кӯшиши бихрадӣ.[6]

Ҳама пок дар гардани подшост,
В-аз ӯ низ пайдо шавад каҷжу рост.

Падар гар ба бедод ёзид даст,
Набуд поку донову яздонпараст.

Мадоред кирдори ӯ бас шигифт,
Ки равшандилаш занги оҳан гирифт.

Бубинед то Ҷамму Қовусшоҳ,
Чӣ карданд, к-аз дев ҷустанд роҳ?!

Падар ҳамчунон роҳи эшон биҷуст,
Ба оби хирад ҷони тира нашуст.

Ҳама зердастон-ш печон шуданд,
Фаровон зи тундиш беҷон шуданд.

Кунун рафту з-ӯ[7] номи бад монду[8] бас,
Ҳаме офарине наёбад зи кас.

---

1 Л — зи бедору оз. 2 Л — Тиҳӣ монду ҳам тан зи. 3 ИЛ — дар бим.

4 ТПИЛМ — Ҳама роҳи девон гирифта ба даст,
Дилу ҷони мардум зи андоза паст.
Набуд бар зану бача кас подшо,
Пур аз ғам дили мардуми порсо*.

5 Л — Ҳама. 6 Л — эзидӣ; И — кӯшишу дониши эзадӣ. 7 Л — рафт аз ӯ. 8 И — рафт ӯ номи бад монд.

* ИЛ — Танҳо б. 2 мавҷуд аст.

Зи мо бод бар ҷони ӯ офарин,
Мабодо, ки печад равонаш зи кин.

Қунун мо[1] нишастем бар гоҳи ӯ,[2]
Ба мину кашад бегумон роҳи ӯ.[3]

Ҳамехоҳам аз кирдгори ҷаҳон,
Ки неру диҳад ошкору ниҳон,

Ки бо зердастон мадоро кунем,
Зи хоки сияҳ мушки соро кунем.

Ки бо хок чун ҷуфт гардад[4] танам,
Нагирад ситамдидае доманам.

Шумо ҳамчунин чодари[5] ростӣ,
Бипӯшед шуста дил[6] аз костӣ.

Ки ҷуз маргро кас зи модар назод,
Зи деҳқону тозиву руминажод.[7]

Ба кирдори шер аст оҳанги ӯ,[8]
Напечад касе гардан аз чанги ӯ.[9]

Ҳамин шери даррандаро бишкарад,
Зи домаш тани аждаҳо нагзарад.

Куҷо он сари[10] тоҷи шоҳаншаҳон,
Куҷо он бузургону фаррухмеҳон?!

Куҷо он саворону гарданкашон,
К-аз эшон набинам ба гетӣ нишон?!

Куҷо он паричеҳрагони ҷаҳон,
К-аз эшон будӣ шод ҷони меҳон.[11]?!

---

[1] И — чун. [2] Л — то нишастем абар гоҳи уй, [3] Л — уй. [4] Л — гирад. [5] И — ҳамчунон домани. [6] И — Бигиреду печед. [7] И — муъбаднажод. [8] Л — уй. [9] Л — уй. [10] ИЛ — сару. [11] И — б. 1841 нест.

Ҳар он кас, ки рух зери чодар нуҳуфт,
Чунон дон, ки бо хок гаштаст ҷуфт.

Ҳама дасти покиву некӣ барем,
Ҷаҳонро ба кирдори[1] бад наспарем.

Ба яздони[2] доранда, к-ӯ дод фар,
Ба тоҷу ба тахту нажоду гуҳар.

Ки гар кордоре ба як мушт хок,
Зиён ҷӯяд андар баланду мағок,

Агар на бисӯзам[3] ба оташ танаш,
Кунам бар сари дор бар гарданаш.[4]

В-агар баргузашта зи шаб чанд пос,
Бидуздад зи дарвеш дузде палос,

Ба товон-ш динор бахшам зи ганҷ,
Бишӯям дили ғамгусорон зи ранҷ.[5]

В-агар гӯспанде баранд аз рама,
Ба тирашабу рӯзгори дама,

Яке аспи пурмоя товон диҳам,
Мабодо, ки бар вай сипосе ниҳам.

Чу бо душманам корзоре бувад,
В-аз он захм[6] хаста саворе бувад,

Фиристам-ш яксола ганҷе дирам,
Надорем фарзанди ӯро дижам.

Зи додор доред яксар сипос,
Ки ӯяст ҷовид некишинос.

---

1 Л — фармони. 2 И — б. 1843 нест. 3 И — бисӯзам ҳамон гаҳ.
4 И — пироҳанаш. 5 И — б. 1847, 1848 нест. 6 Л — ҷанг; И — разм.

Ба обу ба оташ маёзед[1] даст,
Магар ҳирбад марди оташпараст.[2]

Марезед ҳам хуни говони варз,[3]
Ки нанге бувад[4] гов куштан ба марз.

Зи пирӣ магар гов бекор гашт,
Ба чашми худованди худ хор гашт.

Набояд дигар[5] кушт гови раҳӣ,
Ки аз марз берун шавад[6] фарраҳӣ.

Ҳама рой бо марди доно занед,
Дили мардумони ҷавон[7] машканед.

Ба пирӣ ба мастӣ маёзед даст,
На неку бувад пири бодапараст.[8]

Аз андешаи дев бошед дур,
Гаҳи ҷанги душман маҷӯед сур.

Агар хоҳам аз зердастон хироҷ,
Зи доранда безораму тахти оҷ.

Агар бадкуниш буд падар Яздгирд,
Ба подоши ӯ[9] дод кардем гирд.

Бубахшад магар кирдгораш гуноҳ,
Зи дӯзах ба мину намояд-ш роҳ.[10]

Гунаҳгори яздон мабошед ҳеч,
Ба[11] пирӣ беҳ ояд[12] ба рафтан басеч.[13]

Чу хушнуд гардад зи мо додгар,
Ғами ҳастии рӯзи фардо мах[в]ар.

---

[1] И — Маёзед чира ба оташ ду [2] И — донопараст. [3] И — арз.
[4] И — нанг аст аз. [5] Л — зи бун; И — Бибояд ҳамон. [6] И — барад.
[7] ИЛ — кӯдаки бепадар. [8] ИЛ — б. 1859 нест. [9] ИЛ — он.
[10] ТПЗЛ — Касе, к-ӯ ҷавон аст, шодӣ кунед,
Дили зердастони худ* машканед.
[11] Л — Чу. [12] Л — дарояд. [13] Л — бисеч.
* Л — мардумони ҷавон.

Ҳама дил зи кирдори мо[1] х[в]аш кунед,
Ба озодӣ оҳанги оташ кунед[2]

Ҳама номдорон чу гуфтори шоҳ
Шуниданд, карданд неку нигоҳ.

Ҳама дида карданд яксар пуроб,
Аз он шоҳи пурдонишу зудьёб.

Хурӯшон бар ӯ офарин хонданд,
Варо подшоҳи замин хонданд.

### НАВИШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР НОМА БА НАЗДИКИ ШАНГУЛ ШОҲИ ҲИНД

Вазири хирадманд бар пой хост,
Чунин гуфт, к-эй довари додрост.

Ҷаҳон аз бадандеш бебим гашт,
В-аз ин марзи мо ранҷу сахтӣ гузашт

Магар номвар Шангули[3] ҳиндувон,
Ки аз дод печида дорад равон.

Зи Ҳиндустон то дари марзи Чин,
Зи дуздон пурошӯб[4] дорад замин,

Ба Эрон ҳаме даст ёзад ба бад,
Бад-ин кор тимор дорӣ, сазад.

Ту шоҳиву Шангул нигаҳбони Ҳинд,
Чаро бож хоҳад зи Чину зи Синд?

Бияндешу ин корро[5] боз ҷӯй,
Набояд, ки ноxубӣ ояд ба рӯй.

---

[1] Л — у, И — гуфтори ӯ. [2] И — б. 1864—1866 нест;
ТПЗЛ — Дили зердастони мо шод бод,
Сари саркашон аз ғам обод* бод.
[3] ИЛ — Шангул аз. [4] И — дуздӣ барошӯб. [5] Л — Барандешу тадбири ин
* Л — озод

Чу бишнид шоҳ ин, пурандеша гашт,[1]
Ҷаҳон пеши ӯ чун яке беша гашт.[2]

Чунин гуфт, к-ин кор ман дар ниҳон
Бисозам, нагӯям ба кас дар ҷаҳон.

Ба танҳо бубинам сипоҳи варо,
**Ҳам оину[3] шоҳиву гоҳи варо.**

Шавам пеши ӯ чун фиристодагон,
Нагӯям ба Эрон, ба озодагон,

Ба Шангул, ту эй мӯбади покдин,
Яке нома бинвис пурмеҳру кин.[4]

Бишуд покдастури ӯ бо[5] дабир,
Ҷуз ӯ низ ҳар кас, ки буд ногузир.[6]

Бигуфтанд ҳаргунае[7] бешу кам,
Бибурданд қиртосу мушку қалам.

Яке нома фармуд пурпанду рой,
Пур аз хубиву[8] офарини худой.

Сари нома кард аз нахуст офарин,
Зи яздон бар он кас, ки ҷуст офарин.

Худованди ҳасту худованди нест,
Ҳама чиз ҷуфт асту эзад якест.

Зи чизе куҷо ӯ диҳад бандаро,
Парастандаву тоҷдорандаро

Фузун аз хирад нест андар ҷаҳон,
Фурӯзандаи кеҳтарону меҳон,

---

[1] Л — шуд; И — хусрав бар андеша шуд. [2] ИЛ — шуд. [3] Л — Ҳамон то зи; Л — Ҳамон расми. [4] ИЛ — б. 1881 нест. [5] Л — покдастур бо ӯ.

[6] И — Бирафтанд дастур фаррухвазир,
Ҳамон кас, ки бар доду донишпазир.

[7] ИЛ — ҳар гуна аз. [8] ИЛ — донишу.

Ҳар он кас, ки ӯ шод шуд[1] аз хирад,
Ҷаҳонро ба кирдори бад наспарад.[2]

Пушаймон нашуд, ҳар кӣ некӣ гузид,
Ки бад з-оби дониш наёрад мазид,

Раҳонад хирадмандро[3] аз бало,
Мабодо касе бар бало мубтало.

Нахустин нишони хирад он бувад,
Ки аз бад ҳамасола тарсон бувад.

Бидонад тани хешро дар ниҳон,
Ба чашми хирад ҷуст бояд ҷаҳон.

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Ҳамон зевари номдорон бувад,[4]

Ту андозаи худ надонӣ ҳаме,
Равонро ба хун дарнишонӣ ҳаме.

Агар тоҷдори замона манам,
Ба хубиву зиштӣ баҳона манам.

Ту шоҳӣ кунӣ, кам[5] бувад ростӣ,
Падид ояд аз ҳар сӯе костӣ.

На оини шоҳон бувад тохтан,
Чунин бо бадандешагон сохтан,[6]

Ниёи ту моро парастанда буд,
Падар пеши шоҳони мо банда буд.

Кас[7] аз мо набуданд ҳамдостон,
Ки дер омадӣ божи Ҳиндустон.

---

1 ИЛ — гашт. 2 И — бистурд. 3 И — Ки дониш раҳонад туро.
4 ТПИЛ — Бидонад баду нек марди хирад,
Бикушад зи* доду** бипечад зи бад.
5 ИЛ — кай. 6 И — аз бадӣ гардан афрохтан. 7 ИЛ — Ки.
* Л — ба; ** И — ба некӯ

Нигаҳ кун кунун рӯзи хоқони Чин,
Ки аз Чин биёмад ба эронзамин.

Ба тороҷ дод, он чи оварда буд,
Бупечид аз он бад, ки худ карда буд.

Чунон ҳам ҳаме бинам оини ту,
Ҳамон бахшату фарраву дини ту.[1]

Маро сози ҷанг асту ҳам хоста,
Ҳамон лашкари[2] якдил ороста.

Туро бо далерони ман пой нест,
Ба Ҳинд андарун лашкаророй нест.

Ту андар гумонӣ ба[3] неруи хеш,
Ҳаме пеши дарьё барӣ ҷӯи хеш.

Фиристодам инак фиристодае,
Сухангӯву бодониш озодае.

Агар бож бифрист, агар ҷангро,
Биёроиву сахт кун тангро.

Зи мо бод бар ҷони он кас дуруд,
Ки доду хирад бошадаш тору пуд.

Чу мушк[4] аз насими ҳаво хушк гашт,
Нависанда ин[5] нома андар[6] навашт.

Ба унвон-ш бинвишт, шоҳи меҳаст,[7]
Ҷаҳондор[8] Баҳроми яздонпараст.

Ки тоҷи кай ёфт аз Яздгирд,
Ба хурдодмоҳ андарун рӯзи ирд.

---

1 И — б. 1900—1903 нест. 2 Л — Ҳама лашкарам. 3 ИЛ — зи. 4 ИЛ — хат. 5 Л — он. 6 И — нома сабук дар. 7 Л — Ба унвон-ш бар номаи шоҳ баст, 8 Л — Шаҳаншоҳ.

Сипаҳдори марзу нигаҳдори бум,
Ситонандаи божи Сақлобу Рум.

Ба наздики Шангул сипаҳдори Ҳинд,
Зи дарьёи Қаннуҷ то марзи Синд.

### РАФТАНИ БАҲРОМИ ГУР БА ҲИНДУСТОН БО НОМАИ ХУД

Чу бинҳод бар нома бар муҳр шоҳ,
Баророст бар сози нахчиргоҳ.

Зи лашкар ба розаш кас огоҳ не,
Ҷуз аз номдорон-ш ҳамроҳ не.

Биёмад бад-ин сон[1] ба Ҳиндустон,
Гузашт аз лаби[2] оби Ҷодустон.

Чу наздики айвони[3] Шангул расид,
Дару пардаву[4] боргоҳаш бидид.

Баровардае дид[5] сар дар ҳаво,
Ба дар бар фаровон силеҳу наво.

Саворону пилон ба дар-бар ба пой,
Хурӯшидани занг бо карраной.

Шигифтӣ бад-он боргаҳ, бар бимонд,
Дилашро[6] ба андеша андар нишонд.

Чунин гуфт бо пардадорони ӯй,
Парастандаву пойкорони[7] ӯй,

Ки аз назди пируз Баҳромшоҳ,
Фиристода омад бар ин боргоҳ.

---

1 И — шитобон. 2 И — бари. 3 И — аз роҳ б-айвони 4 И — пардаи. 5 ИЛ — буд. 6 И — хирадро. 7 Л — Ба пӯшандаву пойдорони.

Ҳам андар замон рафт солори бор,
Зи парда давон то бари[1] шаҳриёр.

Бифармуд то парда бардоштанд,
Ба арҷаш[2] зи даргоҳ бугзоштанд.

Хиромон ҳаме рафт Баҳроми Гӯр,
Яке ҷой дид осмонаш[3] булӯр.

Чу омад ба наздики Шангул фароз,
Варо дид бо тоҷ бар тахти ноз.

Ҳама пояи тахти заррин[4] булӯр,
Нишаста бар ӯ[5] шоҳи бофарру зӯр:

Изораш ҳама симу пайкар-ш зар,
Нишонда ба ҳар ҷой чанде гуҳар.

Бародаршро дид бар зери гоҳ,
Ниҳода ба сар бар зи гавҳар кулоҳ.

Нишаста ба наздики ӯ раҳнамой,
Писар пеши тахт истода ба пой.[6]

Бари тахт шуд шоҳу бурдаш намоз,
Ҳама буд пешаш замоне дароз.

Забон тез букшоду гуфт: аз меҳаст,
Ҷаҳондор Баҳроми яздонпараст.»

Яке нома дорам бари шоҳи Ҳинд,
Набишта хати паҳлавӣ бар паринд.

Чу овози Баҳром бишнид шоҳ,
Бифармуд заррин яке зергоҳ.

Бар он курсии зар-ш[7] биншонданд,
Зи даргоҳ ёрон-шро хонданд.

---

1 И — даргаҳ бари номвар. 2 Л — арзаш. 3 И — хона дид осмони. 4 И — буд аз. 5 И — бараш. 6 И — б. 1930, 1931 нест. 7 ИЛ — зар-курсиш.

Чу биншаст, букшод лабро зи банд,
Чунин гуфт, к-эй шаҳриёри баланд,

Забон баркушоям чу фармон диҳӣ,
Ки бе ту мабодо меҳиву беҳӣ.

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки баргӯй ин,
Ки гӯянда ёбад, зи чарх офарин.

Чунин гуфт, к-эй шоҳи хусравнажод,
Ки чун ӯ ба гетӣ зи модар назод,

Меҳаст он сарафроз падроми шаҳр,
Ки бо доди ӯ заҳр шуд пойзаҳр.

Бузургон ҳама бождори ваянд,
Ба нахчир шерон шикори ваянд.

Чу шамшер гирад[1] ба разм андарун,
Биёбон шавад ҳамчу дарьёи хун,

Ба бахшиш чу абре бувад навбаҳор,
Бувад пеши ӯ ганҷи динор хор.

Паёме расонам сӯи[2] шоҳи Ҳинд
Ҳамон паҳлавиномаи бар паринд.

ПОСУХ ДОДАНИ ШАНГУЛ
БА НОМИ БАҲРОМ

Чу бишнид, шуд номаро хостор,
Шигифтӣ бимонд андарун номдор.

Чу он нома бархонд фаррухдабир,[3]
Рухи тоҷвар гашт ҳамчун[4] зарир.

---

[1] Л — хоҳад. [2] И — фиристод зӣ. [3] И — бархонд нома бар ӯ бар дабир. [4] И — Бибуд рангу рӯяш ба сони.

Бад-ӯ гуфт, к-эй марди чирасухун,[1]
Ба гуфтор маштобу тундӣ макун.

Сутургӣ намояд ҳаме шоҳи ту,
Чунон ҳам намояд ҳаме роҳи ту[2].

Қасе[3] бож хоҳад зи Ҳиндустон,
Набошам зи гӯянда[4] ҳамдостон.

Ба лашкар ҳаме гӯяд ин гар[5] ба ганҷ,
В-агар шаҳру кишвар сипардан ба ранч

Қуланганд шоҳону ман чун уқоб,
Ва ё хоку ман ҳамчу дарьёи об.

Қасе бо ситора накӯшад[6] ба ҷанг
На бо осмон ҷуст кас ному нанг.

Ҳунар беҳтар аз гуфтани нобакор,
Ки гирад туро марди донанда хор.

На мардӣ, на дониш, на кишвар, на шаҳр
Зи шоҳӣ шуморо забон аст баҳр.

Нуҳуфта ҳама бум ганҷи ман аст,
Ниёкон бад-он ҳеҷ нобурда даст.

Дигар ганҷи баргустувону зиреҳ,
Чу ганҷури мо баркушояд гиреҳ,

Ба пилон-ш бояд кашидан калид,
Агар жандапилаш тавонад кашид.

В-агар гирам аз теғу[7] ҷавшан шумор,
Ситора шавад пеши чашми ту хор.

Замин барнатобад сипоҳи маро,
Ҳамон жандапилону гоҳи маро.

---

[1] ИЛ — хирасухун. [2] И — б. 1949 нест. [3] И — Қас ар. [4] И — хирад-манд. [5] Л — ё. [6] И — набошад. [7] И — гирӣ аз гурзу.

Ҳазор ар[1] ба ҳиндӣ зани дар ҳазор,
Бувад кас, ки хонад маро шаҳриёр,

Ҳамон гавҳари кӯҳу дарьё мааст,
Ба ман дорад акнун ҷаҳон пушт рост.

Ҳамон[2] чашмаи анбару уду мушк,
Дигар риҳи[3] кофури ногашта хушк.

Дигар доруи мардуми дардманд,
Ба рӯи замин ҳар кӣ гардад нажанд.

Ҳама бум моро аз ин[4] сон пур аст,
Агар зарру сим аст, агар[5] гавҳар аст.

Чу ҳаштод шоҳанд бо тоҷи зар,
Ба фармони мо[6] танг баста камар.

Ҳамон бумро[7] кӯҳу дарьёсту чоҳ,
Наёбад бар ин хок бар[8] дев роҳ.

Зи Қаннуҷ то марзи эронзамин[9],
В-аз ӯ то ба Сақлобу дарьёи Чин,[10]

Бузургон ҳама зердасти мананд,
Ба бечорагӣ дар парасти мананд.

Ба Ҳинду ба Чину Хутан посбон,
Наронанд ҷуз[11] номи ман[12] бар забон.

Ҳама тоҷи моро ситояндаанд,
Парастандагиро физояндаанд.

Ба мушкӯи ман духти Фағфури Чин,
Маро хонд андар ҷаҳон офарин.

Писар дорам аз вай яке шердил,
Ки бистонад аз кӯҳ ба шамшер дил.

---

1 Л — Ҳазорон. 2 И — ҳама. 3 И — ганчи; Л — Дари ганчи. 4 И — бад-ин. 5 Л — асту гар. 6 Л — ман. 7 И — ҳама кишварам. 8 И — буми ман. 9 И — Сақлобу Чин. 10 И — он марз то Руму Эронзамин. 11 И — надорад магар. 12 Л — Наронад ба ҷуз номи мо.

Зи ҳангоми Қовус то Кайқубод
Аз ин буму бар кас накардаст ёд.

Ҳамон номбардор сесад[1] ҳазор,
Зи лашкар, ки хонад[2] маро шаҳриёр.

Зи пайвастагон чун[3] ҳазору дувист,
Қ-аз эшон касеро ба ман роҳ нест.

Ҳама зод бар зод хеши мананд,
Ки дар Ҳинд бар пой пеши мананд,

Ки дар беша шерон ба ҳангоми ҷанг,
Аз овози[4] эшон бихоянд чанг.

Гар оин будӣ ҳеҷ озодаро,
Ки куштӣ ба тундӣ фиристодаро,

Саратро ҷудо кардаме аз танат,
Шудӣ мӯягар бар ту пироҳанат.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-эй тоҷдор,
Агар меҳтарӣ тухми тундӣ макор.[5]

Маро шоҳи ман гуфт,[6] к-ӯро бигӯй,
Агар бихрадӣ роҳи девон маҷӯй.[7]

Зи даргаҳ ду доно[8] падидор кун,
Ки донӣ[9] варо комрон бар сухун.

Гар эдун, к-аз эшон ба рою хирад,
Яке аз радони дарам бугзарад.

Маро низ бо марзи ту кор нест,
Ки наздики бихрад сухан хор нест.

---

1 И — Бувад номбардор понсад. 2 И — Саворон, ки хоҳад. 3 И — пайвастагонам. 4 И — Дар оварди. 5 ИЛ — коми кажжӣ махор. 6 И — гуфт Баҳром. 7 ИЛ — Ки гар бихрадӣ роҳи кажжӣ мапӯй. 8 И — Зи марзе ду тан. 9 ИЛ — дорӣ.

В-агар на зи мардони ҷанговарон,
Қасе, к-ӯ гирояд ба гурзи гарон,

Гузин кун зи Ҳиндустон сад савор,
Ки бо як тан аз мо[1] кунад корзор,

Нахоҳем бож андар он[2] марзи ту,
Чу пайдо шавад мардиву[3] арзи ту.

КУШТӢ ГИРИФТАНИ БАҲРОМИ ГӮР
ДАР БОРГОҲИ ШАНГУЛ ВА ҲУНАР
НАМУДАН

Чу бишнид Шангул ба Баҳром гуфт,
Ки рои ту бо мардумӣ нест ҷуфт.

Замоне фуруд ою букшой банд,
Чи гӯӣ суханҳои носудманд?

Яке хуррам айвон бипардохтанд,
Ҳама ҳар чӣ боист барсохтанд[4].

Биёсуд[5] Баҳром то ними рӯз,
Чу бар авҷ шуд тоҷи гетифирӯз,

Биёрост базме ба фармони шоҳ,
Дар айвон парастандаи некхоҳ.

Чу дар пеши Шангул ниҳоданд[6] хон,
Қасеро[7] бифармуд, к-ӯро бихон.

К-аз Эрон[8] фиристодаи хусрав аст,
Сухангӯву эдар ба кори[9] нав аст.[10]

Қасеро, ки бо ӯст, ҳам з-он нишон,
Биёвар ба хони далерон нишон.

---

[1] И — даҳ тани ман. [2] И — мо бож аз. [3] И — Агар з-он **ки пайдо** шавад. [4] И — Фиристодаро шод биншохтанд. [5] ИЛ — **Баросуд.** [6] И — фиканданд. [7] И — якеро. [8] И — Ки з-Эрон. [9] Л — **андар макони.** [10] И — Або ӯ далерони хусравпараст.

Бишуд тез Баҳрому бар хон нишаст,
Ба нон даст букшоду лабро бубаст.[1]

Чу нон хӯрда шуд, маҷлис оростанд,
Навозандаи руду май хостанд.

Ҳаме бӯи мушк омад аз хӯрданӣ,
Ҳамон зер зарбафти густурданӣ.

Бузургон чу аз бода хуррам шуданд,
Зи тимори нобуда беғам шуданд.

Ду танро бифармуд зӯрозмой,
Ба куштӣ, ки доранд бо дев пой.

Бирафтанд шоистамардони кор,
Бубастандашон бар миёнҳо изор.

Ҳаме зӯр кард он бар ин, ин бар он,
Гурезону печон ду марди ҷавон.[2]

Чу Баҳром бардошт ҷоми булӯр,
Ба мағзаш набид андар афканд шӯр,

Ба Шангул чунин гуфт, к-эй шаҳриёр,
Бифармой то ман бубандам изор.

Чу бо зӯрмандӣ[3] ба гӯштӣ шавам,
На андар харобию[4] мастӣ шавам.

Бихандид Шангул бад-ӯ[5] гуфт: «Хез,
Чу зер оварӣ хуни эшон[6] бирез».

Чу бишнид Баҳром бар пой хост,
Ба мардӣ ҳам овард болои рост.

---

1 И — б. 1966, 1997 нест. 2 Л — гарон. 3 ИЛ — зӯрмандон. 4 Л — ҷавониву. 5 И — варо. 6 И — уро.

Қасеро, ки бигрифт аз эшон миён,
Чу шере, ки ёзад ба гӯри жиён[1],

Ҳаме бар замин зад, чунон, к-устухон-ш[2]
Бикафту биполуд рангу рухон-ш.[3]

Бад-ӯ монда буд Шангул андар[4] шигифт,
Аз он бурзи болову он бурзи[5] кифт.

Ба ҳиндӣ ҳаме[6] номи яздон бихонд,
Варо аз чиҳил мард[7] бартар нишонд.

Чу гаштанд маст аз маи хушгувор,
Бирафтанд аз айвони гавҳарнигор.

Чу гардун бипӯшид мушкин ҳарир,
Зи хурдан биёсуд барнову пир,

Сӯи хобкардан ниҳоданд сар,
Чи шоҳу чи гурдони пархошхар[8].

Чу заррин шуд ин чодари мушкбӯй,
Фурӯзанда бар чарх бинмуд рӯй.

Шаҳи ҳиндувон борае барнишаст,[9]
Ба майдон хиромид[10] чавгон[11] ба даст.

Бибурданд бо шоҳ[12] тиру камон,
Ҳаме тохт бар орзу[13] як замон.

Ба Баҳром фармуд то барнишаст,
Камони каёнӣ гирифта ба даст.

---

1 Л — гарон;
И — Чу шере, ки тозад ба гӯри жиён,
Гирифт ӯ ба тундӣ якеро миён.
2 Л — к-устухон. 3 Л — рухон;
И — Чунон бар замин барзадаш к-устухон
Шикасту бигардид рангу рухон.
4 И — Шаҳи ҳиндувон монд з-у дар. 5 И — ёлу. 6 И — бар ӯ. 7 Л — меҳон чумла. 8 ИЛ — б. 2015 нест. 9 И — бар саманде нишаст. 10 Л — гурозанд (а). 11 И — Каманди каёнӣ гирифта. 12 И — чавгону. 13 И — Бар он к-озмояд варо.

Ба Шангул чунин гуфт, к-эй шаҳриёр,
Зи Эрон басе ҳаст бо ман савор.

Ҳама тиру чавгон кунанд орзӯ,
Чӣ фармон диҳад шоҳи озодахӯ?

Чунин[1] гуфт Шангул, ки тиру камон,
Сутуни[2] саворӣ бувад бегумон.

Ту бо шоҳу ёлӣ, бияфроз даст,
Ба зеҳ кун камонрову букшой шаст.

Қамонро ба зеҳ, кард Баҳроми гурд,[3]
Инонро ба бури таковар супурд.[4]

Хаданге бипайвасту[5] букшод шаст,
Нишона ба як чӯба[6] барҳам[7] шикаст.

Гирифтанд яксар бад-ӯ офарин,
Саворони майдону мардони кин.

ГУМОН БУРДАНИ ШАНГУЛ БАР БАҲРОМ
ВА БОЗ ДОШТАН ӮРО АЗ ЭРОН

Зи Баҳром Шангул шуд андар гумон,
Қи ин фарру ин зӯру[8] тиру камон,

Намонад ҳаме ин фиристодаро,
На ҳиндӣ, на турку на озодаро.

Агар хеши шоҳ аст, агар меҳтар[9] аст,
Бародар-ш хонем[10] ҳам дар х[в]ар аст.

Бихандиду Баҳромро гуфт шоҳ,
Қи-эй богуҳар пурҳунар[11] пешгоҳ.

---

1 И — Бад ӯ. 2 Л — нишони. 3 Л — Баҳроми Гӯр. 4 Л — Барангехта он таковар сутур. 5 И — бурун карду; Л — яке тир бигрифту. 6 И — тир. 7 Л — дарҳам. 8 Л — бурзу. 9 И — Агар шаҳриёр аст ва гар чокар. 10 И — в-агар хеши уяст. 11 И — пурхирад номвар.

Бародар туй шохро бегумон,
Бар ин кӯшишу[1] зӯру тиру камон,

Ки фарри каён дориву зӯри шер,
Набошӣ магар номдоре далер.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-эй шоҳи Ҳинд,
Фиристодагонро макун ном синд.

На аз тухмаи Яздгирдам, на шоҳ,
Бародар-ш хонем,[2] бошад гуноҳ.

Аз Эрон яке марди бегонаам,
На донишпижӯҳам, на фарзонаам.

Маро боз гардон, ки дур аст роҳ,
Набояд, ки ёбад маро хашми шоҳ.

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки тундӣ макун,
Ки бо ту ҳанӯз аст моро сухун.[3]

Набояд-т кардан ба рафтан шитоб,
Ки рафтан ба зудӣ набошад савоб.

Бари мо бибошу дил ором гир,
Чу пухта нахоҳӣ, маи хом гир.

Пас он гоҳ дастурро пеш хонд,
Зи Баҳром бо ӯ сухан чанд ронд.

В-аз он пас ба фарзонаи хеш гуфт,
Ки бо ту сухан дорам андар нуҳуфт,[4]

Гар ин мард Баҳромро хеш нест,
Гар аз паҳлавонони ӯ беш нест.

---

1 И — бахшишу; Л — Бад-ин бахшишу. 2 И — Бародар махонам, ки. 3 И — Пас аз б. 2037 ин б. омада:

Зи майдон чу баргашту омад ба роҳ,
Фуруд омаду боз гашт аз сипоҳ.
Ба дастур гуфт он гахе: «Хезу рав,
Ба наздики он марди бегона шав».

4 И — б. 2039—2041 нест.

Шигифтаст ин дар дили марди род,
Бар ин достонҳо нашояд ниҳод.

Ба чарбӣ бигӯяш, ки эдар биист,
Зи Қаннуҷ рафтан туро рӯй нест.[1]

Ту гӯй мар ӯро ҳаме бо фиреб,
Ки аз гуфти ман дар дил орад ниҳеб.

Ту гӯй мар ӯро накӯтар бувад,
Ту он гӯй бо вай, ки дар х[в]ар бувад.

Бигӯяш бар он сон, ки бошад савоб,
Ки пеши шаҳи Ҳинд бифзудӣ об.

Кунун гар бибошӣ ба наздики ӯй,
Нигаҳ дорӣ он рои борики ӯй,

Ҳар он ҷо, ки хуштар бувад марзи туст,
Ки пеши шаҳи ҳиндувон арзи туст.[2]

Ба ҷое ки бошад ҳамеша баҳор,
Насими гулон ояд аз ҷӯйбор.

Зи Қаннуҷ барнагзарад некбахт,
Ба соле ду бор аст бори дарахт.

Гуҳар ҳасту дебову ганҷи[3] дирам,
Чу бошад дирам, дил набошад дижам.[4]

Навозанда шоҳе, ки аз меҳри ту
Бихандад чу бинад ҳаме чеҳри ту.

Аз ин гуна ҳарчанд хоҳӣ, бигӯй,
Чу рӯй андар орӣ ту бо ӯ ба рӯй.[5]

---

1 Л — б. 2041—2044 нест;
И — Бигӯ то бибошад бар ин ҷойгоҳ,
Ки ӯро кунам паҳлавони сипоҳ.
2 И — б. 2045—2049 нест;
Л — Мар он ҷо, ки хуштар вилоят туроcт,
Сипаҳдориву божи мулкат туроcт.
3 ИЛ — динору ганҷу. 4 Л — дил набошад ба ғам. 5 И — б. 2054

Чу ин гуфта боши бипурсаш зи ном,
Ки аз ном гардад дилам шодком.

Магар[1] ром гардад бад-ин марзи мо,
Фузун гардад аз фарри ӯ арзи мо.

Варо зуд солори лашкар кунем,
Бад-ин марзи боарз мо сар кунем.

Биёмад ҷаҳондида дастури шоҳ,
Бигуфт ин ба Баҳрому бинмуд роҳ.

Зи Баҳром ҳамон гаҳ[2] бипурсид ном,
Ки бе ном посух набудаш[3] тамом.

Чу бишнид Баҳром, рангу рухаш
Дигар шуд, ки то чун диҳад посухаш.

Ба фарҷом гуфт: «Эй сухангӯй мард,
Маро дар ду кишвар[4] макун рӯйзард.

Ман аз шоҳи Эрон бупечам[5] ба ганҷ,
Гар аз нести чанд бошам ба ранҷ,

Ҷуз ин бошад оиниши дини мо,
Ҳамон гардишу роҳу оини мо.

Ҳар он кас, ки печад сар аз шоҳи хеш,
Ба бархостан гум кунад роҳи хеш,

Фузунӣ наҷуст он ки будаш хирад,
Ки бар мо баду нек ҳам[6] бугзарад.

Худованди тоҷи Фаридун[7] куҷост,
Ки пушти замона бад-ӯ гашт[8] рост?

Куҷо он бузургони хусравнажод,
Ҷаҳондор[9] Кайхусраву Кайқубод.

---

[1] И — Гар ӯ. [2] Л — аз он пас. [3] Л — набудӣ. [4] Л — гетӣ. [5] Л — напечам. [6] ИЛ — Баду нек бар мо хаме. [7] ИЛ — тоҷ Офаридун. [8] ИЛ — буд. [9] И — Ҷаҳонҷӯй.

Дигар он ки донӣ ту Баҳромро,
Ҷавони ҷаҳонҷуи[1] худкомро,

Ки гар ман зи фармони ӯ бугзарам,
Ба мардӣ сар орад ҷаҳон бар сарам.

Намонад бару буми[2] Ҳиндустон,
Ба Эрон кашад[3] хоки Ҷодустон.

Ҳамон беҳ, ки ман бозгардам ба дар,
Бубинад маро шоҳи пирӯзгар.

Агар ном пурсӣ ту[4] Барзӯй ном,
Чунин хонадам шоҳу ҳам бобу мом.

Ҳама посухи ман ба Шангул расон,
Ки ман дер мондам ба шаҳри касон».[5]

Чу дастур бишнид посух бибурд,
Шунида ҳама пеши ӯ баршумурд.

Зи посух пурожанг шуд руи шо
Чунин гуфт, к-ӯ дур монад зи роҳ

Яке чора созам кунун[6] ман, ки рӯз
Сар орам бар ин гурди гетифурӯз.[7]

ҶАНГИ БАҲРОМ БО КАРГ ВА КУШТАНИ Ӯ КАРГРО

Яке карг буд андар он марзи шоҳ
Зи болои ӯ баста бар бод роҳ.

Аз он беша бугрехтӣ шери нар,
Ҳам аз осмон каргаси тезпар.

---

[1] И — ҷаҳонҷуи бедору. [2] И — аз ин кина. [3] И — кунад. [4] И — Гар аз ном пурсам. [5] И — б. 2073 нест. [6] Л — бар ӯ. [7] Л — Сар ояд бад-ин марди лашкарфуруз.

Саросар ҳама марз аз ӯ дар хурӯш,[1]
Аз овози ӯ кар шуда тезгӯш.

Ба Баҳром гуфт: «Эй писандида мард,
Бароял ба дасти ту ин коркард?

Яке беша наздики шаҳри ман аст,
К-аз он беша андеша баҳри ман аст.

Яке карг дар вай ба сони наҳанг,
Бидаррад дили шеру чарми паланг.[2]

Ба наздики он карг бояд шудан,
Ҳама чарми ӯро ба тир озадан.

Магар з-ӯ баросояд ин буму бар,
Ба фарри ту, эй марди пирӯзгар.

Яке ҷоҳ бошад-т наздики ман,
Чу наздики он номдор анҷуман.

Ки ҷовид дар кишвари Ҳинду Чин,
Кунад бар ту бар ҳар касе[3] офарин».

Бад-ӯ гуфт Баҳроми покизарой,
Ки бо ман бибояд яке раҳнамой.

Чу бинам ба нерӯи яздон танаш,
Бубинӣ ба хун ғарқа пироҳанаш.[4]

Бад-ӯ дод Шангул яке раҳнамой,
Ки ӯро нишеман бидонисту ҷой.

Ҳаме рафт бо некдил раҳнамун,
Бад-он бешаи карг дил пур зи хун.[5]

Ҳаме гуфт чанде зи ороми ӯ,
Зи болову паҳнову андоми ӯ.

---

1 Л — якояк ҳама. Ҳинд аз ӯ пурхурӯш. 2 ИЛ — б. 2081, 2082 нест. 3 Л — ҳар касе бар ту бар. 4 И — б. 2088 нест. 5 Л — гурги резандахун.

Чу бинмуд, Баҳром баргашту рафт,
Хиромон бад-он бешаи карг тафт.

Паси пушти ӯ чанд аз эрониён,
Ба пайкори он карг баста миён.

Чу аз дур диданд хартуми ӯ,[1]
Зи ҳангаш ҳаме паст шуд буми ӯ.[2]

Бад-ӯ гуфт: «Ҳар кас,[3] ки[4] шоҳо макун,
Зи мардӣ ҳаме бугзаронӣ сухун.

Накардаст кас ҷанг бо кӯҳи Ганг,[5]
Агарчи далерӣ ту, шоҳо,[6] ба ҷанг.

Ба Шангул чунин гӯй, к-ин роҳ нест,
Бад-ин ҷанг дастури шоҳ нест.

Ба фармон кунам ҷанг агар шоҳи ман
Ҳаме бишнавад, биспарад ҷоҳи ман».[7]

Чунин дод посух, ки «Яздони пок
Маро гар ба Ҳиндустон дод хок,

Ба ҷон дигар марги ман чун бувад,
К-аз андоза андеша[8] берун бувад»?

Камонро ба зеҳ кард марди ҷавон,
Ту гуфтӣ ҳаме хор гирад[9] равон.

Биёмад давон то ба наздики карг,
Пур аз хашм сар, дил ниҳода ба марг.

Камони каёнӣ гирифта ба чанг,
Зи таркаш баровард тири ха́данг.

---

[1] ИЛ — уй. [2] ИЛ — ӯй. [3] И — Бигуфтанд бо ӯ. [4] Л — ҳар касе гуфт: [5] ИЛ — кӯҳу санг. [6] Л — В-агар чи далеранд шоҳон; И — далеранд шоҳон. [7] И — 2097, 2098 нест. [8] Л — Ки андоза з-андеша; И — Ки андеша з-андоза. [9] Л — Ҳаме гирад аз вай; И — дорад.

Бизад,[1] тир борид ҳамчун тагарг,
Дамодам ҳаме[2] то ғамӣ гашт карг.

Чу донист, к-ӯро сар омад замон,
Бароҳехт ханҷар ба ҷои камон.

Сари каргро паст бубриду гуфт:
«Ба номи худованди беёру ҷуфт,

Ки ӯ дод моро чунин[3] фарру зӯр,
Ба фармони ӯ тобад аз чарх ҳур.»

Бифармуд то гови[4] гардун баранд,[5]
Сари[6] карг аз он беша берун баранд.[7]

Бибурданд чун дид Шангул зи дур,
Ба дебо биёрост айвони сур.

Чу бар тахт бишнаст пурмоя шоҳ,
Нишонданд Баҳромро пеши гоҳ.[8]

Ҳаме кард ҳар кас бад-ӯ офарин,
Бузургони Ҳинду далерони[9] Чин.

Бирафтанд ҳар меҳтаре бо нисор,
Ба Баҳром гуфтанд, к-эй номдор,

Қасеро сазои ту кирдор нест,
Куҷо гоҳи ту роҳи дидор нест.

Аз ӯ[10] шодмон Шангулу[11] гаҳ ба ғам,
Гаҳе тоза будӣ, [12], замоне[13] дижам.

---

1 Л — ҳаме. 2 Л — бад-ин ҳамнишон. 3 ИЛ — чандин маро. 4 Л — гову; И — гову. 5 И — баред. 6 И — Тани. 7 И — баред.

8 И — Нишонд аз бари тахт Баҳромро,
Бихонданд ёрони худкомро.

9 Л — саворони; И — Далерони Ҳинду саворони. 10 Л — шод Шанғул гаҳу. 11 И — Гахе. 12 — тозарӯю. 13 И — тозарухсору гаҳ.

## КУШТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЖДАҲОРО

Яке аждаҳо буд бар хушку об,
Ба дарьё гахе гоҳ дар офтоб.

Ҳаме даркашидӣ ба дам жандапил,
В-аз ӯ хостӣ мавҷи дарьёи Нил.[1]

Чунин гуфт Шангул ба ёрони хеш,
Бад-он тезҳуш роздорони хеш,

Ки ман з-ин фиристодаи шермард,
Гаҳе шодмонам, гаҳе пур зи дард.

Маро пушт будӣ, гар эдар будӣ,
Ба Қаннуҷ бар лашкарам[2] сар будӣ.

Гар аз назди мо суи[3] Эрон шавад,
Зи Баҳром Қаннуҷ вайрон шавад.

Чу кеҳтар чунин бошаду меҳтар ӯй,
Намонад бад-ин марзи[4] мо рангу бӯй.

Ҳама шаб ҳаме кори ӯ сохтам,
Яке чораи дигар андохтам.

Фиристам-ш наздики[5] он аждаҳо,
Қ-аз ӯ бегумон ҳам наёбад[7] раҳо.

Набошам накӯҳида аз кори ӯ,[7]
Чу бо аждаҳо гардад ӯ ҷангҷӯ[8]

Бигуфт ину Баҳромро пеш хонд,
Басе достони далерон[9] биронд.

Бад-ӯ гуфт: «Яздони додофарин,
Туро эдар овард аз эронзамин,

---

[1] И — б. 2116 нест. [2] И — лашкарӣ. [3] И — пеши мо ӯ ба. [4] Л — бар ин буми. [5] И — зӣ ҷанги. [6] И — худ наёяд. [7] ИЛ — ӯй. [8] Л — ӯ шавад ҷангҷуй; И — худ шавад ҷангҷӯй. [9] И — далерӣ.

Қи Ҳиндустонро бишӯӣ зи бад,
Чунон, к-аз раҳи номдорон сазад.

Яке кор пеш аст бо дарду ранҷ,
Ба оғоз ранҷу ба фарҷом ганҷ.

Чу ин карда бошӣ, замоне мапой,
Ба хушнудии ман бирав боз ҷой».

Ба Шангул чунин посух овард шоҳ,
Қи аз роҳи ту бугзарам, нест роҳ.

Зи фармони ту нагзарам як замон,
Магар бад бувад гардиши осмон.

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки моро[1] балост,
Қи бар[2] буми мо-бар[3] яке аждаҳост.

Ба хушкиву дарьё[4] ҳаме бугзарад,
Наҳанги дамоҳанҷро[5] бишкарад.

Тавонӣ, магар чорае сохтан,
Аз ӯ кишвари Ҳинд пардохтан.

Ба Эрон барӣ божи Ҳиндустон,
Ҳама марз бошанд[6] ҳамдостон.

Басе[7] ҳадьяи Ҳинд бо бож[8] низ,
Зи уду зи теғу[9] зи ҳаргуна чиз».

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-«эй подшо,
Ба Ҳинд андарун шоҳу[10] фармонраво,

Ба фармони доранда яздони пок,
Паи аждаҳоро бибуррам зи хок.

---

[1] Л — чандин; И — чанде. [2] Л — Бар ин. [3] И — Бар ин бум, моро.
[4] И — таррӣ. [5] И — дижогоҳро.
[6] И — гарданд. [7] Л — ҳамон. [8] И — Ҳама ҳадья бо божи бисьёр.
[9] И — мушку зи уду. [10] ИЛ — шоҳи.

Надонам, ки ӯро нишеман куҷост,
Бибояд намудан ба ман роҳи рост».

Фиристод Шангул яке роҳҷӯй,
Ки он аждаҳоро намояд бад-ӯй.

Ҳаме рафт бо номвар сӣ савор,
Зи Эрон бузургони ханҷаргузор.

Ҳаме тохт то пеши дарьё расид,
Ба торикӣ он аждаҳоро бидид.

Бидид он тану печишу хашми ӯй,
Ҳаме оташ афрӯхт аз чашми ӯй.

Бузургони Эрон хурӯшон шуданд,
Аз он аждаҳо тез ҷӯшон шуданд.

Ба Баҳром гуфтанд, к-«эй шаҳриёр,
Ту инро чунон карги пешин мадор.

Бад-ин бад мадеҳ шаҳри Эрон ба бод,
Макун душманатро бад-ин бум шод».

Ба эрониён гуфт Баҳроми гурд,
Ки ҷонро ба додор[1] бояд супурд.

Маро гар замона бад-ин аждаҳост,
Ба мардӣ фузунӣ нагирад, на[2] кост!

Камонро ба зеҳ карду бугзид тир,
Ки пайкон-шро дода буд заҳру шир.

Бар он аждаҳо тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт.

Ба пулоди пайкон даҳонаш бидӯхт,
Ҳама ховар аз заҳри ӯ барфурӯхт.

---

[1] И — танро ба доранда. [2] И — нагардад фузун рафт.

Дигар чор чуба бизад бар сараш,
Фуру рехт бо заҳр хун аз бараш.

Тани аждаҳо гашт аз он тир суст,
Ҳаме хокро хуну заҳраш бишуст.

Сабук теғи заҳробгун баркашид,
Ба тундӣ дили аждаҳоро дарид.[1]

Ба теғу табарзин бизад гарданаш,
Ба хок андар афканд беҷон танаш.

Ба гардун сараш назди[2] Шангул кашид,
Чу шоҳ ин сари[3] аждаҳоро бидид,

Баромад зи Ҳиндустон[4] офарин
Зи додор бар буми эронзамин,

Ки зояд бар он хок чунин савор,
Ки бо аждаҳо созад ӯ корзор.

Бад-ин бурзи*[1] болову ин шоху ёл,
Набошад ба ҷуз шаҳриёраш ҳамол.

### БА ЗАНИ ҚАРДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ДУХТАРИ ШОҲИ ҲИНДУСТОНРО

Ҳама шоду Шангул диле пур зи дард,
Ҳаме дошт аз кори ӯ руй зард.

Шаб омад, биёвард фарзонаро,
Ҳамон мардуми хешу бегонаро.

Чунин гуфт, к-ин марди Баҳромшоҳ,
Бад-ин шоху[5] ин зуру[6] ин дастгоҳ,

---

[1] Л — аждаҳо бардарид; И — саросар тани аждаҳо бардарид.
[2] Л — танаш суи. [3] Л — он тани. [4] И — аз он ҳиндувон. [5] И — фарру. [6] Л — бурзу ин шоху.
* 1М — бурзу.

Набошад ҳама эдар[1] аз[2] ҳеҷ рӯй,
Зи ҳар гуна омехтам рангу бӯй.

Гар аз назди мо ӯ ба Эрон шавад,
Ба наздики шоҳи далерон шавад,

Сипоҳи маро суст хонад ба кор,
Ба Ҳиндустон нест гӯяд савор.

Сарафроз гардад ҳаме[3] душманам,
Фиристодаро сар зи тан[4] барканам.

Ниҳонаш ҳаме кард хоҳам табоҳ,
Чӣ бинеду инро чӣ доред[5] роҳ?»

Бад-ӯ гуфт фарзона, к-«эй шаҳриёр,
Дилатро бад-ин гуна ранҷа[6] мадор.

Фиристодаи шаҳриёрон кушӣ,
Ба каҷҷӣ бувад роҳу бедонишӣ.[7]

Қас андеша з-ин гуна ҳаргиз накард,
Ба гирди чунин рой[8] ҳаргиз магард.

Бари меҳтарон[9] зиштномӣ бувад,
Сипаҳбад ба мардум гиромӣ бувад.[10]

Ҳамон гаҳ биёяд зи Эрон сипоҳ,
Яке тоҷдоре чу Баҳромшоҳ,[11]

Намонад зи мо кас бар ин буму руст,
Зи некӣ набояд туро даст шуст.

---

1 И — ояд. 2 Л — андар ӯ: 3 Л — магар. 4 И — бун. 5 И — гӯеду инро чӣ бинед. 6 И — ро ғамгин. 7 И — Зи бедонишӣ бошаду бехушӣ. 8 И — Гуфта. 9 В — мардумон.
10 ТПЗИ — Гар ин мардро сар ба гоз оварӣ,
Бад-ин марз ранҷи дароз оварӣ.
11 И — Ҳамон гаҳ зи Эрон биёяд сипоҳ,
Чу Баҳромшаҳ пеш — дар кинаҳоҳ.

Раҳонандан мост аз аждаҳо,
На куштан бувад ранҷи уро баҳо.

Бар ин буми мо[1] аждаҳо кушту карг,
Ба тан зиндагонӣ физояш, на марг».

Чу бишнид Шангул сухан[2], хира гашт,
Зи гуфтори фарзонагон[3] тира гашт.

Биобуд он шабу бомдоди пагоҳ,
Фиристод кас назди Баҳромшоҳ.[4]

Ба танҳо тани хеш беанҷуман,
На дастур буд пеш, на ройзан.

Ба Баҳром гуфт: «Эй дилорой мард,
Тавонгар шудӣ гирди бешӣ магард.

Туро дод хоҳам ҳаме духтарам,
Зи гуфтор, кирдор бошад барам.

Чу ин карда бошам, бари ман биист,
К-аз эдар гузаштан туро рӯй нест.

Туро бар сипаҳ комгорӣ диҳам
Ба Ҳиндустон шаҳриёрӣ диҳам».

Фуру монд Баҳрому андеша кард,
Зи тахту нажоду зи[5] нангу набард.

Ба дил гуфт: «Бо ин сухан ҷанг[6] нест,
Чу Шангул хусур бошадам, нанг[7] нест.

Ва дигар, ки ҷонро биёбам аз ин,
Бубинам, магар хоки эронзамин.[8].

---

[1] И — Чу дар буми ту. [2] И — сараш. [3] И — доно дилаш. [4] И — Пас аз б. 2177 ин б. омада:

Бад-у гуфт: «Танҳо бад-ин боргоҳ,
Ҳаме ранҷа бояд шудан бе сипоҳ».
Хиромид Баҳрому уро бидид,
Бад-он тахту тоҷ офарин густарид.

[5] И — зи Эрону. [6] И — ман бар аз ин кор ҳам нанг. [7] И — ҷанг.
[8] И — Агар на сар омад маро разму кин.

Қи эдар бад-ин сон бимондем дер,
Даровехт бар доми рубоҳ шер».[1]

Ба Шангул чунин гуфт:[2] «Фармон кунам,
Зи гуфторат[3] ороиши ҷон[4] кунам.

Валекин зи духтар яке баргузин,
Қи чун бинамаш, хонамаш офарин».

Зи гуфтори ӯ шод шуд шоҳи Ҳинд,
Биёрост айвон ба чини паринд.[5]

Се духтар биёмад чу хуррамбаҳор,
Ба ороишу бӯю рангу нигор.[6]

Ба Баҳроми Гӯр он замон гуфт: «Рав,
Биёрой дилро ба дидори нав».

Бишуд тез Баҳрому айвон бидид,
Аз он моҳрӯён яке баргузид.

Чу хуррамбаҳоре Сапенуд ном,
Ҳама шарму нозу ҳама рою ком.

Бад-ӯ дод Шангул Сапенудро,
Чу сарви саҳӣ шамъи бедудро.

Яке ганҷи пурмоятар баргузид,
Бад-ин моҳрух дод Шангул калид.

Биёвард ёрони Баҳромро,
Саворони бозеби[7] худкомро.

---

1 И — Баровехт бар дори рубоҳ шер,
Қунун чора бояд бибудан далер.
Сазоворам ар бинам аз шоҳ бад,
Сипаҳбад фиристода созад зи х(в)ад
Аз он кас, ки дидем Шопури гурд,
Аз ин кор кардан зи қайсар чӣ бурд.

2 И — Чунин дод посух, ки. 3 И — фармон-т. 4 И — кунам 5 И — зи хаззу. 6 И — б. 2190 нест. 7 ИЛ — бозебу.

Дирам доду динору ҳар гуна чиз,
Ҳамон[1] анбару уду кофур низ.[2]

Биёрост айвони гавҳарнигор,
Зи Қаннуҷ ҳар кас, ки буд номдор,

Хиромон бад-он боргоҳ[3] омаданд,
Ба шодӣ[4] ҳама назди шоҳ омаданд.

Бибуданд як ҳафта бо май ба даст,
Ҳама шоду[5] хуррам ба ҷои нишаст.

Сапенуд бо шоҳ Баҳроми Гур,
Чу май буд равшан ба[6] ҷоми булӯр.

## НОМАИ ФАҒФУРИ ЧИН БА БАҲРОМИ ГӮР ВА ПОСУХИ ОН

Чу з-ин[7] огаҳӣ шуд ба Фағфури Чин,
Ки бо фарр[8] марде зи[9] Эронзамин,

Ба наздики Шангул фиристода буд,
Ҳамоно, ки шоҳи таҳамзода буд.[10]

Бад-ӯ дод Шангул яке духтараш,
Ки бар моҳ сояд ҳаме афсараш.

Яке нома наздики Баҳромшоҳ
Набишт он ҷаҳондори[11] бо дастгоҳ.

---

1 И — ҳама.
2 ТПЗ — Ҳам аз аспу зарринситому камар,
Касеро, ки шоистатар, тоҷи зар
Ҳам аз баҳри Баҳром пирӯза тоҷ,
Биёрост бо номвар тахти оҷ.
3 И — ҷашнгоҳ. 4 Бузургон. 5 И — масту. 6 И — Ҳаме буд равшан чу. 7 И — Аз он. 8 И — зеб. 9 Л — бо фарру марде аз.
10 ТПЗ — Ба Ҳинд андарун чанд кори бузург,
Ба дасти ҳамон шермарди сутург,
Баромад ба мардиву неруи бахт,
Назебад бар ӯ бар магар тоҷу тахт.
11 И — Фиристод он марди.

Ба унвон бар аз шаҳриёри ҷаҳон,
Сари номдорону тоҷу[1] меҳон.

Ба назди фиристодаи порсӣ,
Ки омад ба[2] Қаннуҷ бо ёр сӣ.

Дигар гуфт, к-омад ба мо огаҳӣ,
Зи ту номвар марди бо фарраҳӣ.

Хирадмандиву мардиву рои ту,
Фушурдан ба ҳар ҷой[3] бар пои ту.

Куҷо каргу ин[4] номдор аждаҳо,
Зи шамшери тезат наёбад[5] раҳо.

Ба ту дод духтар, ки пайванди мост
Ки Ҳиндустон, холи ӯро баҳост.[6]

Сари хештан[7] бурдӣ андар ҳаво,
Ба пайванди ин шоҳи фармонраво

Ба Эрон бузургист, з-ин[8] шоҳро,
Куҷо кеҳтараш афсари[9] моҳро.

Ба дастурии шоҳ раҳ баргирифт,
Ба Қаннуҷ шуд, моҳ дар бар гирифт.

Кунун ранҷ бардору эдар биёй,
Бад-ин марз чандон, ки хоҳӣ, бипой,

Ба дидори ту чашм равшан кунам,[10]
Равонро зи рои ту ҷавшан кунам.[11]

Чу хоҳӣ, к-аз эдар шави боз ҷой,
Замоне нагӯям бари мо бипой.[12]

---

[1] И — тоҷдорону оби. [2] Л — зӣ. [3] Л — ҷой. [4] Л — он. [5] Л — наёмад. [6] И — б. 2208—2210 нест. [7] Л — хешро. [8] И — ин. [9] И — Сазад тоҷи ӯ афсару. [10] Л — кунем. [11] Л — кунем. [12] И — б. 2215, 2216 нест.

Рави[1] шоду бо хилъату[2] хоста,
Худу номдорон-т[3] ороста.

Туро омадан назди ман нанг нест,
Чу[4] бо шоҳи Эрон маро ҷанг нест.

Макун суст аз ин омадан ҳеҷ рой,
Чу хоҳӣ, ки баргардӣ эдар мапой».

Чу нома биёмад ба Баҳроми Гӯр,
Ба дил-ш андар афтод аз он нома шӯр.

Нависанда бархонду[5] посух навишт,[6]
Ба полизи кина дарахте бикишт.

Сари нома гуфт: «Он чи гуфтӣ расид,
Ду чашми ту ҷуз кишвари Чин надид.

Ба унвон бар аз шаҳриёри[7] ҷаҳон,
Навиштӣ сарафрозу тоҷи меҳон.

Ҷуз он аст, ки гуфтӣ саросар сухан,
Бузургӣ туро ман нахоҳам[8] куҳан.[9]

Шаҳаншоҳ Баҳроми Гӯр асту бас,
Ҷуз ӯ дар замона надонем[10] кас.

Ба мардиву дониш ба фарру нажод,
Чун ӯ подшо кас надорад ба ёд.

Ҷаҳондори пирӯзгар хонамаш,
Зи шоҳон сарафрозтар донамаш.

Дигар он, ки гуфтӣ, ки ман кардаам,
Ба Ҳиндустон ранҷҳо бурдаам.

Ҳам аз ахтари шоҳ Баҳром буд,
Ки бофарру авранду боном буд.

---

[1] И — Бирав. [2] И — Чу хоҳӣ, бирав шоду бо. [3] ИЛ — номдорон. [4] И — Кӣ. [5] И — Набисандаро хонду. [6] И — набишт. [7] Л — подшоҳи. [8] Л — нахонам. [9] И — б. 2223, 2224 нест. [10] И — Ҷуз уро нахонем мо шоҳи.

Ҳунар назди эрониён асту бас,
Надоранд шери жиёнро ба кас.

Ҳама якдилонанду яздоншинос,
Ба некӣ надоранд аз ахтар сипос.

Дигар он ки духтар ба ман дод шоҳ,
Ба мардӣ гирифтам ман ин пешгоҳ.

Яке подшоҳаст[1] Шангул бузург,
Ба мардӣ ҳаме ронад аз меш гург.

Чу бо ман сазо дид пайванди хеш,
Ба ман дод шоиста фарзанди хеш.

Дигар он ки гуфтӣ, ки хез андарой,
Ба ҳар некувӣ бошамат раҳнамой.

Маро шоҳи Эрон фиристад ба Ҳинд,
Ба Чин оям аз баҳри чинипаринд,

Набошад зи ман шоҳ ҳамдостон,
Ки ронам бар ин гуна бар достон.[2]

Дигари он навиштӣ,[3] ки бо хоста,
Ба Эрон[4] фиристам-т ороста.

Маро кард яздон аз он бениёз,
Ба чизи касон даст кардан дароз.

Зи Баҳром дорам ба бахшиш сипос,
Ниёиш кунам рӯзу дар шаб се пос.

Чаҳорум, ки чанде сутудӣ маро,
Ҳунар з-он чи буд барфузудӣ маро.

Пазируфтам он аз ту, эй шоҳи Чин,
Бигӯям або шоҳи эронзамин.

---

[1] И — шаҳриёр аст. [2] ИЛ — он ки гуфтӣ. [3] И — б. 2234—2237 нест. [4] И — Аз ин ҷо.

Зи яздон туро бод чандон дуруд,
Ки онро надонад фалак тору пуд.

Бар он нома бинҳод мӯҳри[1] нигин,
Фиристод нома[2] бари шоҳи Чин.

### ГУРЕХТАНИ БАҲРОМИ ГӮР АЗ ҲИНДУСТОН БО ДУХТАРИ ШАНГУЛ

Чу Баҳром бо духти Шангул бисохт,
Зан ӯро ҳаме шоҳи гетӣ шинохт.

Шабу рӯз гирьён шуд аз меҳри ӯй,[3]
Ниҳода ду чашм андар он чеҳри ӯй.[4]

Чу аз меҳри ӯ Шангул огоҳ шуд,
Зи бадҳо гумониш кутоҳ шуд.

Нишастанд як рӯз шодон ба ҳам,
Сухан рафт ҳар гуна аз бешу кам.

Сапенудро гуфт Баҳромшоҳ,
Ки донам, ки[5] ҳастӣ маро некхоҳ.

Ҳаме[6] роз хоҳам ҳаме бо ту гуфт,
Чунон кун, ки монад[7] сухан дар нуҳуфт.

Ҳаме рафт хоҳам зи Ҳиндустон,
Ту бошӣ бад-ин кор ҳамдостон.

Барам ман туро низ бо хештан,
Набояд, ки донад касе з-анҷуман.[8]

Ба Эрон маро кор аз ин меҳтар аст,
Ҳамам кирдгори ҷаҳон ёвар аст.

---

1 И — Бад-он нома бинҳод он гаҳ. 2 И — з-он ҷо; Л — посух. 3 Л — буд аз меҳри ӯ. 4 Л — ӯ. 5 И — ту. 6 ИЛМ — яке. 7 Л — монӣ. 8 И — б. 2251, 2252 нест.

Ба рафтан гар эдун, ки рой оядат,
Ба хубӣ хирад раҳнамой оядат,

Ба ҳар ҷой номи ту бону бувад,
Падар пеши тахтат ба зону бувад.

Сапенуд гуфт: «Эй сарафроз мард,
Беҳӣ[1] ҷӯю аз роҳи дониш магард.

Беҳини занон аз ҷаҳон он бувад,
Қ-аз ӯ шӯй ҳамвора хандон бувад.

Агар покҷонам зи гуфтори ту
Бипечад, напечам сар аз кори ту».

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Пас чора кун,
В-аз ин роз макшой бар кас сухун».

Сапенуд гуфт: «Эй сазовори[2] тахт,
Бисозам, агар бошадам ёр[3] бахт.

Яке ҷашнгоҳаст з-эдар на дур,
Ки созад падар-м андар он беша сур.

Ки доранд фаррух мар он ҷойро,
Нишонанд он ҷо буторойро.

Бувад то бад-он беша[4] фарсанг бист,
Ки пеши бут андар бибояд гирист.

Бад-он ҷой нахчири гӯрон бувад,
Ба Қаннуҷ сури саворон бувад.

Шавад шоҳу лашкар бад-он ҷашнгоҳ,
Танеро набошад бад-он беша роҳ.

Агар рафт хоҳӣ, бад-он чора рав,
Ҳамеша кӯҳан бод ҷашну ту нав.[5]

---

1 И — Хирад. 2 ИЛ — сарафрози. 3 И — Роҳ ин аст гар бошадат нек. 4 И — ҷой. 5 И — б. 2264—2266 нест.

Аз имрӯз бишкеб то панҷ рӯз,
Чу[1] пайдо шавад тоҷи[2] гетифурӯз.

Чу аз шаҳр берун шавад шаҳриёр,
Ба рафтан биёрою барсоз кор».[3]

Бад-он гуфт: «Барсозу бо кас магӯй,
Ниҳодем ҳар ду дар ин роҳ рӯй.»

Ҳаме буд то тоза шуд ҷашнгоҳ,
Гаронмоягон баргирифтанд роҳ.

Чу бархост Шангул, ки ояд ба дашт
Занаш гуфт: «Барзӯй бемор гашт.

Ба пӯзиш ҳаме гӯяд, эй шаҳриёр,
Дилатро ба ман ҳеҷ ранҷа мадор.

Чу нотандурустӣ бувад, ҷашнгоҳ
Дижам бошаду донад ин моя шоҳ».

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки ин худ мабод,
Ки бемор бошад, кунад ҷашн ёд.

Зи Қаннуҷ шабгир Шангул бирафт,
Сӯи ҷашнгаҳ рӯй бинҳод тафт.

Чу шаб тира шуд, зан ба Баҳром гуфт,
Ки омад гаҳи рафтан, эй нек ҷуфт.

Бипӯшид хафтону худ барнишаст,
Каманде ба фитрок, гурзе ба даст.

Ҳамонгаҳ Сапенудро барнишонд,
Ҳаме зери лаб номи яздон бихонд.

---

1 Л — Ки. 2 И — хури.
3 ТПЗИЛ — Зи гуфтори зан гашт Баҳром шод,
Нахуфт андар андеша то бомдод.
Чу бинмуд хуршед бар чарх даст,
Шаби тира бори ғарибон бубаст.
Нишаст аз бари бора Баҳромшоҳ,
Ҳаме ронд бо сози нахчиргоҳ.

Ҳаме ронд то пеши дарьё расид
Ба раҳ бори бозоргонро бидид.

Ки бозоргонони Эрон буданд,
Ба обу ба хушкӣ далерон буданд.

Чу бозоргон руи Баҳром дид,
Шаҳаншоҳ лабро ба дандон газид.

Нафармуд бурдан ба пешаш намоз,
Зи ёрон суханро ҳаме дошт роз.

Ба бозоргон гуфт: «Лабро бубанд,
Қ-аз ин судмандему з-он бо газанд.

Гар ин роз дар Ҳинд пайдо шавад,
Зи хун хоки Эрон чу дарьё шавад.

Кушода буд он кор, к-ӯ лаб бубаст,
Лабон баста бояд кушода ду даст.

Забони шуморо ба савганд сахт
Бубандем то боз ёбем тахт.[1]

Ки мо ҳаргиз аз роҳи Баҳромшоҳ
Напечему дорем розаш нигоҳ.

Чу савганд шуд хурдаву сохта,
Дили шоҳ аз он ранҷ пардохта,

Бад-эшон чунин гуфт пас шаҳриёр,
Ки назди шумо рози ман зинҳор,

Бидоред бо ҷон баробар кунед,
Чу хоҳед, к-аз пандам афсар кунед.

Гар аз ман шавад тахт пардохта,
Сипоҳ ояд аз ҳар сӯе сохта.

---

[1] ТПЗИЛ — Бигуед, к-аз пок бартар худой,
Буридему бастем бо дев пой.

На бозоргон монад эдар на шоҳ,
На деҳқон, на лашкар, на тахту кулоҳ[1].

Чу з-он гуна диданд гуфтори ӯй,
Бирафтанд гирьёну[2] пур об рӯй.

Ки ҷони бузургон фидои ту бод,
Ҷавониву шоҳӣ ридои ту бод.

Агар ганҷи рози ту пайдо шавад,
Зи хун кишвари мо чу дарьё шавад,

Кӣ ёрад бад-ин гуна андеша кард,
Хирадро табар, ройро теша кард.[3]?

Чу бишнид шоҳ ин[4], гирифт офарин,
Бар он номдорони покизадин.[5]

Ҳаме тохт то пеши дарьё расид,
Мар эрониёнро ҳама хуфта дид.

Барангехт киштиву заврақ бисохт,
Ба заврақ Сапенудро дарнишохт.

Ба хушкӣ расиданд чун рӯз гашт,
Гаҳи тобиши гетиафрӯз гашт.

## ТОХТАНИ ШАНГУЛ ПАСИ БАҲРОМИ ГӮР ВА ШИНОХТАНИ Ӯ

Саворе зи Қаннуҷ тозон бирафт,
Ба огоҳ кардан бари шоҳ тафт.

Шунид ин сухан Шангул аз некхоҳ,
Чу оташ биёмад аз он ҷашнгоҳ.

---

[1] И — б. 2288—2291 нест. [2] Л — ғалтону.
[3] ТПЗИЛ — Ҳаме рафт печон ба айвони хеш
Ба яздон супурда тану ҷони хеш.
Л — Магар бахтро гуяд аз роҳ бард. [4] И — хусрав; **Л — он.**
[5] И — бо доду дин; Л — ба фарру дин;

Бад-ин гуна то пеши дарьё расид,
Сапенуду Баҳроми ялро бидид.

Ғамӣ гашту бугзошт дарьё ба хашм,
Ба фарзанд гуфт: «Эй бади шӯхчашм,

Ту бо ин фиребанда марди далер,
Зи дарьё гузаштӣ ба кирдори шер.

Ниҳонӣ зи ман суи Эрон шавӣ,[1]
Зи минуи[2] хуррам[3] ба вайрон шавӣ.[4]

Бубинӣ кунун захми ҷӯпини ман,
Чу ногоҳ рафтӣ зи болини ман.

Бад-ӯ гуфт Баҳром, к-эй баднишон,
Чаро тохтӣ асп чун беҳушон!

Маро озмудӣ, ки дар корзор,
Чунонам, ки бо бодаву майгусор.

Ту донӣ, ки аз ҳиндувон сад ҳазор[5]
Бувад пеши ман камтар аз як савор.

Чу ман бошаму номвар порсӣ,
Зиреҳдор бо ханҷари порсӣ,

Пур аз хун кунам дидаи ҳиндувон,
Намонам, ки бошад яке бо равон.

Бидонист Шангул, ки ӯ рост гуфт,
Далериву мардӣ[7] нашояд нуҳуфт.

Бад-ӯ гуфт Шангул, ки фарзандро
Бияфкандаму хешу пайвандро,

Зи дида гиромитарат доштам,
Ба сар бар ҳаме афсарат доштам.

---

1 Л — ки беогаҳи ман ба Эрон шавед. 2 Л — Аз ин марзи. 3 И — obod мину. 4 Л — шавед. 5 И — ин ҳиндуи бешумор. 6 И — монад якеро. 7 И — Бузургиву гурдӣ.

Туро додам онро, ки худ хостӣ,
Маро ростӣ буд, туро костӣ.

Ҷафо баргузидӣ ба ҷон вафо,
Вафоро, ҷазо кай шунидӣ ҷафо?!

Чӣ гӯям туро, к-он, ки фарзанд буд,
Ба андешаи[1] ман хирадманд буд.

Кунун чун диловарсаворе шудаст,
Гумонад, ки ӯ комгоре[2] шудаст.

Дили порсӣ бовафо кай бувад,
Чу оре кунад,[3] рои ӯ най бувад.

Чунон баччаи шер будӣ дуруст,
Ки аз хун дили доягонаш бишуст.

Чу дандон баровард у шуд тезчанг,
Ба парвардигор омадаш рои ҷанг.

Бад-ӯ гуфт Баҳром: «Чун донием,
Бадандешу бадсоз чун хонием,

Ба рафтан набошад маро сарзаниш,
Нахонӣ[4] маро баддилу бадкуниш.

Шаҳаншоҳи Эрону Турон манам,
Сипаҳдори пушти далерон манам.

Аз ин пас сазои ту некӣ кунам,
Сари бадсиголон зи тан барканам.

Ба Эрон ба ҷои падар дорамат,
Ҳам аз божи кишвар наёзорамат.

Ҳамон духтарат шамъи Ховар бувад,
Сари бонувонро чу афсар шавад».[5]

---

[1] И — андеша бо. [2] Л — шахриёре. [3] Л — ёрӣ кунӣ. [4] И — Чӣ хонӣ.
[5] ИЛ — бувад.

Зи гуфтори ӯ монд Шангул шигифт,
Зи сар шораи ҳиндувон[1] баргирифт.

Бизад аспу аз пеши чандон сипоҳ,
Биёмад ба пӯзиш ба наздики шоҳ.[2]

Шаҳаншоҳро шод дар бар гирифт,
В-аз он гуфтаҳо пӯзиш андар гирифт.

Ба дидор Баҳром шуд шодком,
Биёрост хону биёвард ҷом.

Баровард Баҳром роз аз нуҳуфт,
Суханҳои Эрон ба Шангул бигуфт.[3]

Қи кирдор[4] чун буду андеша чун,
Қи будам бад-ин достон[5] раҳнамун.

Мае чанд хӯрданду бархостанд,
Забонҳо зи[6] пӯзиш биёростанд.

## БОЗ ГАШТАНИ ШАНГУЛ БА ҲИНД ВА БАҲРОМ БА ЭРОН

Ду шоҳи буторову[7] яздонпараст,
Вафоро бисуданд бо даст[8] даст.

Қ-аз ин пас дили ростӣ нашканем,
Ҳаме бехи кажжӣ зи бун барканем.

Вафодор бошем то ҷовидон,
Сухан бишнавем аз лаби бихрадон.

Сапенудро низ падруд кард,
Бари хеш тору бараш пуд кард.

---

1 Л — хиндувӣ. 2 И — б. 2330 нест. 3 И — б. 2332, 2333 нест. 4 И — гуфтор 5 И — бар ин корҳо. 6 ИЛ — ба. 7 ИЛ — буторон. 8 И — ба савганд бурданд.

Сабук пушт бар якдигар гоштанд,
Зи дил кина бар хок бугзоштанд.

Яке сӯи хушкӣ, дигар сӯи об,
Бирафтанд шодондилу пуршитоб.

ПАЗИРА ШУДАНИ ЭРОНИЕН
ШОҲ БАҲРОМИ ГӮРРО

Чу огоҳӣ омад ба Эрон, ки шоҳ
Биёмад зи Қаннуҷ худ бо сипоҳ,

Бубастанд озин ба роҳу ба шаҳр,
Ҳаме ҳар кас аз ком бардошт баҳр.

Дирам рехтанд аз карон то карон,
Ҳамон[2] мушку динору ҳам заъфарон.[3]

Чу огоҳ шуд з-он сухан Яздгирд,
Сипоҳи парокандаро кард гирд.

Чу Нарсию чун[4] мӯбади мӯбадон,
Пазира шудандаш ҳама бихрадон.

Чу Баҳромро дид фарзанди ӯй,
Пиёда бимолид бар хок рӯй!

Бародар-ш Нарсию мӯбад ҳамон,
Пур аз гард рухсору дил шодмон.[5]

Пас он гаҳ[6] биёмад ба айвони хеш,
Ба яздон супурда тану ҷони хеш.

---

[1] И — биспард роҳ. [2] Л — Ҳам аз; И — Ҳама.
[3] ТПМ — Ҳама кас ба шодӣ ниҳоданд рӯй,
Забон шоҳгӯю равон шоҳҷӯй.
[4] И — Нарсӣ або.
[5] ТПМ — Зи шодӣ дили мардуми рӯзгор,
Ҳаме тоза шуд чун гул андар баҳор,
Ки омад шаҳаншаҳ сӯи тахти хеш,
Ба дил хуррам аз фарру аз бахти хеш.
[6] ИЛ — Чунон ҳам.

Биёсуд[1] чун гашт гетӣ сиёҳ,
Ба кирдори симинсипар гашт моҳ

Чу нироҳани шаб бидаррид рӯз,
Падид омад он шамъи гетифурӯз,

Шаҳаншоҳ[2] бар тахти заррин нишаст,
Дари бор букшоду лабро бубаст.

Бирафтанд ҳар кас,[3] ки буд меҳтаре,
Хирадманду дар[4] подшоҳӣ саре

Ҷаҳондор бар[5] тахт бар пой хост,
Биёрост покиза гуфтори[6] рост.

Нахуст аз ҷаҳонофарин ёд кард,
Зи воми хирад гардан озод кард.

Чунин гуфт, к-аз кирдгори ҷаҳон,
Шиносандаи ошкору ниҳон,

Битарседу[7] ӯро ситоиш кунед,
Шаби тира пешаш ниёиш кунед,

Ки ӯ дод пирӯзиву дастгоҳ,
Худованди тобанда хуршеду[8] моҳ.

Ҳар он кас, ки хоҳад, ки ёбад биҳишт,
Магардед гирди баду кори зишт.

Чу доду диҳиш бошаду ростӣ,
Бупечад дил аз кажживу костӣ.

Зи мо кас мабошед аз ин пас ба бим,
Агар кӯҳи зар дораду ганҷи сим.

Зи дилҳо ҳама тарс берун кунед[9]
Ҳама некуиҳо ба афзун кунед.[10]

[1] ИЛ — Баросуд. [2] И — Сипаҳдор. [3] И — то ҳар. [4] И — Ҳунарманду бар. [5] ИЛ — аз. [6] И — гуфтори покиза. [7] Л — Бипурседу. [8] И — гардандахуршеду. [9] И — кунем. [10] И — кунем.

Қашоварз бо марди деҳқоннажод,
Яке шуд бари мо ба ҳангоми дод.

Қасеро, ки мо тоҷ додему тахт,
Зи яздон шиноседу аз доди бахт.

Бар ин низ агар хости яздон бувад,
Дилам равшан аз бахт хандон бувад,

Бар ин некӯиҳо физоиш кунам,
Сӯи некбахтӣ намоиш кунам.

Накӯшам ба огандани ганҷ ман,
Нахоҳам парокандани анҷуман.

Яке ганҷ хоҳам ниҳодан зи[1] дод,
Ки бошад равонам пас аз марг шод.

Гар аз лашкару кордорони ман,
Зи хешони ҷангисаворони ман,

Қасе ранҷҳо[2] диду бо ман[3] нагуфт,
Ҳаме дорад[4] он кажжӣ андар нуҳуфт.

Варо аз тани хеш бошад база,
База кай гузинад касе бемаза.

Манам пеши яздон аз ӯ додхоҳ,
Ки дар чодари абр бинҳуфт моҳ,

Шуморо магар дигар аст орзӯй[5]
Ки ҳар кас дигаргуна бошад ба хӯй.[6]

Бигӯед густох бо ман сухан,
Магар нав кунем орзӯи куҳан.

Ҳама гӯш дореду фармон кунед,
Аз ин панд[7] ороиши ҷон кунед.

---

1 Л — ба. 2 И — ранҷи тан. 3 Л — Ҳаме ранҷ бугзиду бо кас. 4 Л — Ҳамедошт. 5 Л — орзу. 6 Л — ху. 7 И — Зи панди ман; Л — пандам.

Бигуфт ину биншаст бар тахт шод,
Кулоҳи бузургӣ ба сар барниҳод.

Бузургон бар ӯ хонданд офарин,
Ки бе ту мабодо кулоҳу нигин.

Чу доно бувад шоҳу пирӯзбахт,
Бинозад бар ӯ кишвару тоҷу тахт.[1]

Туро донишу мардиву фаррахӣ
Фузун омад аз тахти шоҳаншаҳӣ,

Бузургиву ҳам гавҳару ҳам нажод,[2]
Чу ту шоҳ гетӣ надорад ба ёд.

Кунун офарини ту шуд бегузир.[3]
Ба мо ҳар кӣ ҳастем барнову пир,

Ҳам[4] озодии ту ба яздон кунем,
Ҳамон[5] пеши озодмардон[6] кунем.

Бар ин тахти арзониён аст шоҳ,
Ба доду ба пирӯзиву дастгоҳ.

Ҳаме мурдагонро барорӣ зи хок,
Ба доду ба бахшиш ба гуфтори пок.[7]

Худованди доранда ёри ту бод,
Сари ахтар андар канори ту бод!

Бирафтанд бо ромиш аз пеши тахт,
Бузургони[8] фарзонаву[9] некбахт.

Нишаст он замон шоҳу лашкар бар асп,
Биёмад сӯи хони Озаргушасп.

---

[1] И — б. 2378 нест. [2] И — Ба мардонагиву ба ганҷу ба дод.
[3] ИЛ — ногузир. [4] И — ки. [5] Л — Дигар. [6] И — В-агар пеши яздонпарастон. [7] И — 2384 нест. [8] И — Бузургону. [9] Л — фарзонаи.

Басе[1] зарру гавҳар ба дарвеш дод,
Ниёз он, ки бинҳуфт, аз ӯ беш дод.

Парастандаи озари[2] зардуҳушт,
Ҳаме рафт бо божу барсам ба мушт.[3]

Сапенудро пеши ӯ бурд шоҳ,
Биёмӯхташ дину оину роҳ.

Бишусташ ба дини беҳу оби пок,
В-аз ӯ дур шуд гарду жангору[4] хок.

Дари танги зиндонҳо боз кард,
Ба ҳар кас дирам додан оғоз кард.

## ОМАДАНИ ШАНГУЛ БО ҲАФТ ПОДШОҲ НАЗДИ БАҲРОМИ ГУР

Пас огоҳ шуд Шангул аз кори шоҳ,
Зи духтар, ки буд шоҳро пешгоҳ.

Ба дидори Эрон будаш орзӯ
Бари духтару шоҳи озодхӯ.

Фиристод ҳиндӣ фиристодае,
Сухангӯй мардеву озодае.

Яке аҳди нав хост аз шаҳриёр,
Ки дорад ба хона дарун ёдгор.

Ба навві чаҳондор[5] аҳде навишт,[6]
Чу хуршеди тобон ба боғи биҳишт.

Яке паҳлавӣ нома аз[7] хатти шоҳ
Фиристода оварду паймуд[8] роҳ.

[1] Л — Ҳаме. [2] Л — оташи. [3] Л — бож суи куништ. [4] Л — зангори. [5] И — сипаҳдор. [6] И — набишт. [7] И — паҳлави аҳд бар. [8] ИЛ — бинмуд.

Фиристода чун назди Шангул расид,
Сипаҳдори Қаннуҷ хатро бидид.

Зи Ҳиндустон сози рафтан гирифт,
Зи хешони чинӣ нуҳуфтан гирифт.

Биёмад ба даргоҳи ӯ ҳафт[1] шоҳ,
Ки оянд бо шоҳ[2] Шангул ба роҳ.

Яке шоҳи Кобул, яке[3] Синдшоҳ,
Дигар Чӯгиёншоҳи бофарру гоҳ.

Дигар шоҳи Сандал, ки буд номдор,
Ҳамон шоҳи Ҷандал, гави комгор.[4]

Дигар шоҳи Кашмири бо дастгоҳ,
Дигар Мӯлтоншоҳи бофарру ҷоҳ.[5]

Ҳама номҷӯю ҳама тоҷдор,[6]
Ҳамон шоҳи Ҷандал, гави комгор.[7*1]

Ҳама вижа бо гавҳару симу зар
Яке чатри ҳиндӣ зи товуси нар.[8]

Ба дебо биёроста пушти пил,
Ҳаме тохт он лашкар аз чанд мил.

Або ҳадьяи шоҳу[9] чандон нисор,
Ки динор шуд хор бар шаҳриёр.[10]

---

[1] И — Бирафтанд дар хидматаш панҷ. [2] И — буданд ҳамроҳ.
[3] И — дигар. [4] И — Пас аз б. 2403 ин б. омада:
Або борапилону кӯсу дарой.
Паси пушти ҳар як дурафше ба пой.
[5] И — б. 2404 нест. [6] И — комгор.
[7] ТПЗЛ — Або жандапилону зангу дарой,
Яке чатр ҳар як ба сар-бар ба пой
Ҳама пок бо лашкару сози роҳ.
Ҳама номдорони боиззу* ҷоҳ**
[8] Л — б. 2406 нест. [9] И — гавҳару зарру. [10] И — номдор.
* [1] М — ҳама пок бо тавқу бо гушвор

Чунин шоҳ Шангул або ҳафт шоҳ,
Ҳаме ронд манзил ба манзил ба роҳ.[1]

Чу аз омадан огаҳӣ ёфт шоҳ,
Биёрост лашкар бурун шуд зи роҳ.[2]

Бузургони ҳар шаҳр бархостанд,
Пазира шуданро биёростанд.

Биёмад шаҳаншоҳ то Наҳравон,
Хирадпиру бедору[3] давлатҷавон.

Ду шоҳи гаронмоя, ду нексоз,[4]
Расиданд пас як ба дигар фароз.

Ба наздик андар фуруд омаданд,
Або пӯзишу бо дуруд омаданд.

Гирифтанд ҳар[5] якдигарро[6] ба бар,
Ду шоҳи сарафрози бо тоҷу фар.[7]

Пиёда шуда лашкар аз ҳар ду рӯй,
Ҷаҳоне саросар[8] пур аз гуфтугӯй.

Ду шоҳи ду кишвар расида ба ҳам,
Ҳаме рафт ҳар гуна аз бешу кам.

Ба зин барнишастанд ҳар ду савор,
Ҳамон пурҳунар лашкари номдор.[9]

Ба[10] айвонҳо тахти заррин ниҳод.
Бар ӯ ҷомҳо[11] хусравоин[12] ниҳод.

Яке[13] тирпартоб бар хон ниҳод,
Бар ӯ барраву мурғи бирьён ниҳод.

---

[1] И — Ҳаме ронд манзил ба манзил сипоҳ,
Чу огоҳӣ омад ба фархунда шоҳ;
Л — Ҳаме рафт манзил ба манзил сипоҳ,
Чу аз омаданшон шуд огоҳ шоҳ;
ТПЗ — Чу наздики Эрон фароз омаданд,
Ба чандон гаронмоя соз омаданд!
[2] ИЛ — б. 2410 нест. [3] Л — хушьёру. [4] Л — гаронмояи сарфароз. [5] И — мар. [6] Л — мар ҳар якеро. [7] И — гаронмояву пурҳунар. [8] И — зи шодӣ. [9] И — 2417, 2418 нест. [10] И — Дар. [11] И — Ба-дар ҷомаи. [12] Л — ҷомҳои навоин. [13] Л — Ба як.

Чу нон хӯрда шуд, маҷлиси шоҳвор
Биёрост пурбӯю рангу нигор.[1]

Май овард бар хону ромишгарон,
Ҳама ҷома буд аз карон то карон.

Ҳама ҷоми бода саросар[2] булӯр,
Табакҳои заррину заррин хунур.[3]

Зи зар афсарон[4] бар сари майгусор,
Ба пой андарун кафши гавҳарнигор.

Фурӯ монд з-он кох Шангул шигифт,
Ба май хӯрдан андеша андар гирифт.

Ки Эрон биҳиштест ё бӯстон,
Ҳаме бӯи мушк ояд аз дӯстон.

Чунин гуфт бо шоҳи Эрон ба роз,[5]
Ки бо духтарам роҳи дидор соз.

Бифармуд то ходимони сипоҳ
Падарро гузоранд наздики моҳ.

Ҳаме рафт бо ходимон номдор,[6]
Сарои дигар дида[7] чун навбаҳор.

Чу духтаршро дид бар тахти оҷ,
Ба сар барниҳода зи беҷода[8] тоҷ.

Биёмад падар бар сараш бӯса[9] дод,
Рухонро[10] ба рухсори ӯ барниҳод.

Падар зор бигрист аз меҳри ӯй,
Ҳамон бар падар духтари хубрӯй.

---

[1] ИЛ — б. 2421 нест. [2] Л — май буд яксар. [3] Л — мушку бухур. [4] ИЛ — афсаре. [5] И — пас шоҳ бо сарфароз. [6] И — шаҳриёр. [7] И — дид. [8] И — Нишаста ба орому бо фарру. [9] И — маҳу дасти ӯ бӯс. [10] И — Ду рухро.

Ҳаме даст барсуд Шангул ба даст,
Аз он коҳу айвону ҷои нишаст.

Сапенудро гуфт: «Инат[1] биҳишт,
Бирастӣ зи кохи баду ҷон[2] зишт».

Ҳамон ҳадьяҳое ки оварда буд,
Агар бадраву тоҷ, агар барда буд,

Бад-ӯ дод бо ҳадьяи шаҳриёр,
Шуд он хуррамайвон чун навбаҳор.[3]

Ҳама гавҳару ҷомаву тоҷҳо,[4]
Қас онро[5] надонист кардан баҳо.

В-аз он ҷойгаҳ шуд ба наздики шоҳ
Ҳаме кард мард андар айвон нигоҳ.[6]

Бузургон чу хуррам шуданд аз набид,
Бишуд Шангулу хобгоҳе гузид.

Чу пайдо шуд он чодари мушкранг,
Ситора бар ӯ ҳамчу[7] пушти паланг.

Гузиданд майхорагон хоби х(в)аш,
Парастандагон даст карда ба каш.

Чунин то падид омад он зардҷом,
Ки хуршед хонӣ мар ӯро ба ном.

Бияндохт[8] он чодари ложвард,
Бигустурд бар дашт ёқути зард,

Ба нахчир шуд шоҳ[9] Баҳроми гурд,
Шаҳаншоҳи Ҳиндустонро[10] бибурд.

---

1 ИЛ — к-инат. 2 И — буторон. 3 Л — Чу боғи баҳор. 4 Л — тоҷ бо ҷомаҳо. 5 И — Ки муъбад. 6 Л — Зи шодӣ шуда рои ӯ бодахоҳ. 7 Л — баромад; И — бар чу. 8 И — Бидаррид. 9 И — нахчиргаҳ рафт. 10 И — Шахи ҳиндувонро ғбо худ.

Суи дашти нахчир бо юзу боз,
Ҳамон чарғу шоҳини гарданфароз,

Ба нахчири гӯрону оҳу ба дашт,
Ҳама як маҳе рӯзи эшон гузашт.

Замоне накарданд дилро дижам,
Надиданд аз эшон касе дарду ғам.

Сари моҳро рӯй бартофтанд,
Сӯи бодаву базм биштофтанд.[1]

Чунин шоҳ Шангул[2] ба нахчиру сур,
Замоне набуд аз ҷаҳондор[3] дур.

Ба майдону маҷлис ба базму ба гӯй
Напартофт як рӯз аз шоҳ рӯй.

### БОЗ ГАШТАНИ ШАНГУЛ АЗ ЭРОН БА ҲИНДУСТОН

Бар ин рӯзгоре баромад дароз,
Шаҳи ҳиндувон роҳро кард соз.[4]

Биёмад зи майдони тиру камон,
Бари духтари хеш рафт он замон,

Қалам хост он шоҳу қиртос хост,
Зи мушки сияҳ суда анқос хост.

Яке хатт бинвишт бар ҳиндуви̅,
Пур аз дод монандаи паҳлави̅.[5]

Сари аҳд кард офарин аз нахуст,
Бар он к-ӯ ҷаҳон аз нажанди̅ бишуст.

---

[1] ИЛ — б. 2446—2449 нест. [2] Л — ҳам ба гую: [3] И — намебуд зи Баҳром. [4] ИЛ — б. 2451, 2452 нест.
[5] ТПЗ — Ки ман банда бар роҳи оину дин,
На аз роҳи хашму на аз руи кин.

Бигустурд покиву ҳам рости,
Сӯи дев шуд каҷживу кости.

Сапенудро ҷуфти Баҳромшоҳ,
Супурдам бад-ин номвар пешгоҳ.

Шаҳаншоҳ то ҷовидон зинда бод,
Бузургон ҳама пеши ӯ банда бод.

Чу ман бугзарам з-ин сипанҷи сарой,
Ба Қаннуҷ Баҳром шоҳ аст рой

Зи фармони он тоҷвар магзаред,
Тани мурдаро пеши оташ баред.

Супоред ганҷам ба Баҳромшоҳ,
Ҳамон кишвару коху тахту[2] кулоҳ,[3]

Сапенудро дод маншури Ҳинд,
Навишта хати ҳиндвӣ бар паринд.

Ба Эрон ҳаме буд Шангул ду[4] моҳ,
Фиристод пас меҳтаре[5] назди шоҳ.

Ба дастурии бозгаштан ба ҷой,
Худу номдорони фархундарой.

Бад-он шуд шаҳаншоҳ[6] ҳамдостон,
Ки ӯ бозгардад ба Ҳиндустон.

Зи чизе, ки бошад ба эронзамин,
Бифармуд то кард мӯбад гузин.

Зи динор в-аз гавҳару симу зар,
Зи тахту зи тоҷу зи теғу[7] камар.

Зи дебову аз ҷомаи нобисуд,
Ки онро шумору карона набуд.

Бар андоза ёроншро ҳамчунин
Биёрост аспону дебои Чин.

---

1 И — б. 2460 нест. 2 И — буму гоху. 3 Л — тоҷу гоху сипоҳ. 4 И — се. 5 И — Расуле фиристод пас. 6 И — кор шуд шоҳ. 7 И — кулоху.

Гусӣ кардшон шоду хушнуд шоҳ,
Се[1] манзил ҳаме ронд бо ӯ ба роҳ.

Набуд ҳам бар ин ҳадья ҳамдостон,
Алаф дод то марзи Ҳиндустон.

БАХШИДАНИ БАҲРОМИ ГӮР ХИРОҶ
БА ДЕҲҚОНОН

Чу боз омад аз роҳ Баҳромшоҳ,
Ба ором биншаст бар пешгоҳ.

Зи маргу зи рӯзи бад андеша кард,
Дилаш гашт пурдарду рухсора зард.

Бифармуд то пеши ӯ шуд дабир,
Сарафроз мӯбад, ки будаш вазир.

Ҳаме хост то ганҷҳо бингарад,
Зару гавҳару ҷомаҳо бишмарад.

Ки ӯро[2] ситорашумар гуфта буд,
Зи гуфтори эшон барошуфта буд.

Ки бошад туро зиндагонӣ се бист,
Чаҳорум зи маргат бибояд гирист.

Ҳаме гуфт, шодӣ кунам бист сол,
Ки дорам ба рафтан зи гетӣ ҳамол.

Дигар бист аз доду бахшиш ҷаҳон
Кунам рост дар[3] ошкору ниҳон.

Намонам, ки вайрон бувад гӯшае,
Биёбад зи ман ҳар касе тӯшае.

Савум бист бар пеши яздон ба пой
Бибошам, магар бошадам раҳнамой.

---

[1] Л — Д. [2] Л — бо ӯ. [3] ИЛ — бо.

Ситорашумар шасту сесола гуфт,
Шумори се солаш буд андар нуҳуфт.

Зи гуфти ситорашумар дид ранҷ,
Агар чанд будаш ба харвор ганҷ.

Хунук марди беранҷу парҳезкор,
Ба вижа касе к-ӯ бувад шаҳриёр.[1]

Чу дастури шаҳ баргирифт он шумор,
Пурандеша омад бари шаҳриёр.

Бад-ӯ гуфт: «То бисту се сол низ,
Ҳамоно ниёзат наёяд ба чиз.

Зи хӯрду зи бахшиш гирифтам шумор,
Дирамҳои ин лашкари номдор.

Фиристодае низ, к-ояд барат,
Зи шоҳону аз номвар кишварат.

Бар ин сол ганҷи ту оростаст,
Ки пур зарру сим асту пур хостаст».

Чу бишнид Баҳром, андеша кард,
Зи дониш ғами норасида нах(в)ард.

Бад-ӯ гуфт: «Кӯтоҳ шуд доварӣ,
Ки гетӣ се рӯз аст, чун бингарӣ.

Чу дӣ рафту фардо наёмад ҳанӯз,
Набошем аз андеша имрӯз кӯз.

Чу бахшиданӣ бошаду тахту тоҷ,[2]
Зи гетӣ нахоҳем аз ин пас[3] хироҷ».

Бифармуд, пас то хироҷи ҷаҳон,
Нахоҳанд низ аз кеҳону меҳон.

---

1 И — б. 2485 нест. 2 Л — бошад ин тахти оҷ. 3 Л — Нахоҳем аз ин пас зи гетӣ.

Ба ҳар шаҳр марде падидор кард,
Сари хуфта аз хоб бедор кард,

Бад-он то наҷӯянд пайкори бад,
Наёяд зи пайкор ҷуз кори бад.

Зи ганҷ он чи боистшон хӯрданӣ,
Зи пӯшиданӣ ё зи густурданӣ,

Бад-ин пурхирад мӯбадон дод гуфт,
Ки неку бад аз ман набояд нуҳуфт.

Миёни суханҳо миёнҷӣ бувед,
Маҳоҳед чизе гувонҷӣ бувед.

Маро аз баду нек огаҳ кунед,
Зи бадҳо гумонем кутаҳ кунед.

Пароканда шуд мӯбад андар[1] ҷаҳон,
Намонд эч неку бад андар[2] ниҳон.

Бад-он бихрадон корҳо баста шуд,
Зи ҳар кишваре нома пайваста шуд,

Ки аз доду бекораву хоста,
Хирад шуд ба мағз андарун коста.

Зи бас ҷангу хун рехтан дар ҷаҳон,
Ҷавонон надонанд[3] арҷи меҳон.

Дил оганда гардад[4] ҷавонро ба чиз,
Наяндешад аз мӯбаду шоҳ[5] низ.[6]

Бар ин гуна чун нома пайваста шуд,
Зи хун рехтан шоҳ дилхаста шуд.

---

[1] И — ин сухан дар. [2] И — Баду нек чизе намонад. [3] ИЛ — бидонанд. [4] И — чун шуд. [5] И — аз шоҳу муъбад ба.
[6] ТПЗИ — Зи бешӣ ба каҷҷӣ ниҳоданд руй,
Пур аз ранҷ гаштанду пархошҷӯй.
Кашоварзу деҳқону бекормард,
Ҳама разм ҷӯянду нангу набард.

Зи ҳар кишваре[1] кордоре гузид,
Пур аз доду[2] дониш чунон чун сазид.

Ҳам аз ганҷ шуд[3] пӯшишу хӯрдашон,
Зи бахшидану низ[4] густурдашон.

Ки шаш моҳ девон биёростӣ,
В-аз он зердастон дирам хостӣ.

Ниҳодӣ бар он сим номи хироҷ,
Ба девон ситонанда бо фарру тоҷ.

Ба шаш моҳ бистуд ба шаш боз дод,
Набудӣ ситонанда з-он сим шод.

Бад-он чора то марди бекор хун
Нарезад, набошад ба бад раҳнамун.

В-аз он пас навиштанд корогаҳон,
Ки аз дод шуд эминӣ аз ҷаҳон.

Ки ҳар к-аш дирам буд, хироҷаш набуд,
Ба сар-ш андарун довариҳо фузуд.

Зи бешӣ[5] ба каҷҷӣ[6] ниҳоданд рӯй,
Пурозор[7] гаштанду пархошҷӯй.[8]

Чу ин нома бархонд Баҳроми Гӯр,
Ба дил-ш[9] андар афтод аз он[10] кор шӯр.

Зи ҳар кишваре марзбонон гузид,
Пур аз дод дилшон чунон чун сазид.

Бифармуд, к-онро, ки резанд хун,
Гар оранд каҷҷӣ ба дод андарун.

---

[1] Л — гӯшае. [2] И — Або рою. [3] Л — буд. [4] Л — боз. [5] Л — пурӣ. [6] И — кундӣ ба тезӣ. [7] Л — Пур аз ранҷ. [8] И — пайкорҷӯй. [9] И — дил. [10] И — з-он. [11] И — б. 2520 нест.

Биронед фармони яздон бад-ӯй,
Бад-он то шавад ҳар касе чораҷӯй[1].

Баромад бар ин бар басе рӯзгор,
Яке нома фармуд пас шаҳриёр

Сӯи ростгӯёну[2] корогаҳон,
Куҷо ӯ[3] пароканда буд дар ҷаҳон.

Ки андар ҷаҳон чист носудманд,
Ки орад бад-ин подшоҳӣ газанд.

Навиштанд посух, ки аз доди шоҳ,
Нагардад касе гирди оину роҳ.

Бишуд рою андешаи кишту варз,
Ки мардум зи варзиш ҳаме гирад арз,[4]

Пароканда бинем говони кор,
Гиё раста аз кишту аз киштзор.[5]

Чунин дод посух, ки то ним рӯз,
Ки боло кашад меҳри[6] гетифурӯз,

Набояд баросудан аз кишту варз,
Қасе к-аш кашоварзӣ ӯрост арз.[7]

Дигар нимаро хобу осоиш аст,
В-агар хӯрдану кому ороиш аст,[8]

Қасе, к-ӯ надорад ҳаме тухму гов,
Ту бо ӯ ба тундиву зуфтӣ маков.

---

[1] ТПЗИЛ — Зи* даргоҳ яксола рӯзӣ бидод,
Зи яздони некидиҳиш кард ёд.

[2] И — корҷӯёну. [3] И — Куҷошон. [4] ИЛ — Ба ҳар сӯ гиё русту бекор марз. [5] Л — дар дашту дар маргзор. [6] Л — гирад чархи

[7] Л — Набояд кас осуда аз кори варз,
Ки мардум зи варзиш ҳамегирад арз.

[8] ТПМ — Қасе к-ӯ биёсояд аз кишту варз,
Зи беварзмардум маҷуед арз.
Ки бекорин ӯ зи бедонишист,
Ба бедонишон бар бибояд гирист.

* Л — ба

Ба хубӣ[1] наво кун ту ӯро зи ганҷ,
Қас аз нестӣ то набошад ба ранҷ,

Гар эдун, ки бошад зиён аз ҳаво,
Набошад касе бар ҳаво подшо.

Чу ҷое бипӯшад заминро малах
Барад сабзии киштмандон ба шах,

Ту аз ганҷ товони он боз деҳ,
Ба кишвар зи фармуда овоз деҳ,

В-агар нобаруманд роҳе[2] бувад,
В-агар бар замин гӯргоҳе[3] бувад,

Ки нокишта бошад ба гирди[4] ҷаҳон,
Зи марзи фурӯмоягону[5] меҳон,

Аз ин ҳар чи[6] гуфтам маҳоҳед чиз,
В-агар кас ситонад аз он як пашиз.[7]

Қасе к-ӯ бар ин[8] пойкори ман аст,
Агар[9] вижа парвардигори ман аст,

Кунам зинда дар гӯр ҷое, ки ҳаст,
Мабодаш нишему мабодаш нишаст.

Ниҳоданд бар нома-бар муҳри шоҳ,
Ҳаюне барафканд ҳар сӯ ба роҳ.[10]

## ХОНДАНИ БАҲРОМИ ГУР ЛӮРИЁНРО АЗ ҲИНДУСТОН

В-аз он пас ба ҳар мубаде нома кард,
Қасеро,[11] ки дарвеш буд, ҷома кард.

Бипурсидашон, гуфт: «Беранҷ кист,
Ба ҳар ҷой дарвешу беганҷ кист?

---

1 Л — чарбӣ. 2 Л — бар замин варзгоҳе. 3 Л — Магар з-он баруманд роҳе. 4 И — монад ба руи. 5 И — Замини фурӯмоягони. 6 Л — б. 2539 нест. 7 И — кӣ. 8 Л — касеро, ки вай. 9 Л — В-агар. 10 И — б. 2542 нест. 11 Л — Ба ҷое; И — Ба ҳар ҷо.

Зи кори ҷаҳон яксар огаҳ кунед,
Диламро сӯи равшанӣ раҳ кунед».

Биёмад-ш посух зи ҳар мӯбаде,
Зи ҳар номдореву[1] ҳар бихраде,

Ки обод бинем рӯи замин,
Ба ҳар ҷой пайваста гашт[2] офарин.

Магар марди дарвеш, к-аз шаҳриёр
Бинолад ҳаме в-аз бади рӯзгор,

Ки чун май гусорад тавонгар ҳаме,
Ба сар бар зи гул дорад афсар ҳаме.

Бар овози ромишгарон май хӯрад,[3]
Чу мо мардумонро ба кас нашмарад.[4]

Тиҳидаст беруду гул май хӯранд,[5]
Тавонгар ҳамон ҷону дил парваранд».[6]

Бихандид аз он нома бисьёр шоҳ,
Ҳаюне барафканд пӯён ба роҳ.

Ба наздики Шангул фиристод кас,
Чунин гуфт, к-эй шоҳи фарьёдрас,

Аз он лӯриён баргузин даҳ ҳазор,
Нару мода бар захми барбат савор.[7]

Чу лӯрӣ биёмад ба наздики[8] шоҳ,
Бифармуд то баркушоданд роҳ.

---

1 И — кордореву. 2 И — шуд. 3 Л — хӯред. 4 Л — машмаред; **И** — Тавонгар надорад ҳамоно хирад. 5 Л — хура. 6 Л — Ҳамоно надорад хирад;
**И** — Хурад марди дарвеш беною руд,
Ситам худ ҳамин аст, б-оби руд,
7 ТПЗ — Чу нома ба наздики Шангул расид,
Сар аз фахр бар чархи кайвон кашид.
Ҳамон гоҳ Шангул гузин кард зуд,
Зи лӯрӣ куҷо шоҳ фармуда буд.
**8 И** — баромад ба даргоҳи.

Ба ҳар як яке гов доду харе,
Зи лӯрӣ ҳаме хост барзигаре.

Ҳамон низ харвор гандум ҳазор,
Бад-эшон супурд, он ки буд пойкор,[1]

Бад-он то биварзад ба гову ба хар,
Зи гандум кунад тухму орад ба бар.

Кунад пеши дарвеш ромишгарӣ,
Варо ройгонӣ[2] кунад кеҳтарӣ.[3]

Бишуд лӯриву гову гандум бих(в)ард,
Биёмад сари сола рухсора зард.

Бад-ӯ гуфт шоҳ: «Ин на кори ту буд,
Парокандани тухму кишту дуруд.

Харе монд, акнун буна барниҳед,
Бисозед руду бирешим[4] диҳед».[5]

Кунун лӯрӣ аз покгуфтори ӯй,
Ҳаме гардад андар ҷаҳон чораҷӯй.

Сагу гург ҳамсояву ҳомроҳ,
Ба дуздӣ шабу рӯз пӯён ба роҳ.

СИПАРӢ ШУДАНИ РӮЗГОРИ
БАҲРОМИ ГӮР

Бад-ин сон ҳаме хӯрд шасту се сол,
Кас андар замона набудаш ҳамол,

Сари соли нав пеши ӯ шуд вазир,
Хирадманд мӯбад, ки будаш дабир

[1] И — он чи омад ба кор. [2] Л — В-ар озодагонро. [3] И — б. **2559** нест. [4] И — Бирешим бисозеду захма. [5] И — Пас аз б. **2562** ин б. омада:

Ҳамасола гардед гирди ҷаҳон,
Накухида назди кеҳону меҳон.

Ки шуд ганҷи шоҳи бузургон тиҳӣ,
Кунун омадам, то чӣ фармон диҳӣ?

«Ҳар он кас, ки дорад равонаш хирад,
Ба моли хироҷӣ ба мо нангарад».[1]

Чунин дод посух, ки бешӣ масоз,
Ки гаштем аз ин сохтан бениёз.

Ҷаҳонро бад-он бозҳил, к-офарид,
В-аз ӯ омад ин чархи гардон[2] падид.

Ҳаме бугзарад чарху яздон ба ҷой,
Ба некӣ марову туро раҳнамой.

Бихуфт он шабу бомдоди пагоҳ
Биёмад ба даргоҳ бемар сипоҳ.

Гурӯҳе, ки боист карданд гирд,
Бари шоҳ шуд пури ӯ Яздгирд.

Ба пеши бузургон бад-ӯ дод тоҷ,
Ҳамон тавқи боёраву тахти оҷ.

Парастидани эзад омад-ш рой,
Бияндохт тоҷу бипардохт ҷой.

Гирифташ зи кирдори гетӣ шитоб,
Чу шаб тира шуд,[4] кард оҳанги хоб.

Чу бинмуд даст офтоб аз нишеб,
Дили мубади шоҳ шуд пурниҳеб,

Ки шоҳи ҷаҳон барнахезад ҳаме
Магар к-аз каронон гурезад ҳаме.

Биёмад ба назди падар Яздгурд,
Чу дидаш каф андар даҳонаш фусурд.

---

[1] Л — соле хироче ба мо биспурад. [2] И — ин офариниш. [3] И — б. 2573, 2574 нест. [4] И — Шаби тирагун.

Варо дид пажмурда ранги рухон,
Ба дебои зарбафт-бар дода чон.

Чунин асту ин буд то буд руз,
Ту дилро ба ози фузунӣ масӯз.

Битарсад дили сангу оҳан зи марг,
Ҳам эдар туро сохта нест барг,

Беозориву мардумӣ боядат,
Гузашта чу хоҳӣ, ки нагзоядат.[2]

Бишуд шоҳ Баҳроми бо ёлу гурз,
Набошад бар айвон чунон дасту бурз.

Набуду набошад чун ӯ низ шоҳ,
Худоё, равонаш бишӯй аз гуноҳ.

Ба мину равонаш пур аз нур дор,
Ҳамасола ҷонаш зи бад дур дор!

Чиҳил рӯз сӯги падар дошт шоҳ,
Бипӯшид лашкар кабуду сиёҳ.

Чу дар дахма рафт он шаҳаншоҳи гурд,
Ту гуфтӣ, ки бахшиш зи гетӣ бибурд.

Набинад чу ӯ шоҳ хуршеду моҳ
На зуҳра, на кайвон, на тахту кулоҳ.

Дареғ он кай фарру он чеҳру бурз,
Дареғ он баланд ахтару дасту гурз.

Бад-ӯ буд ороста тахту оҷ,
Зи Руму зи Чин бистуд ӯ сову боҷ.

---

[1] ИМ — дод. [2] Л — Пас аз б. 2584 ин б. омада:
Ҳаме нав кунам бахшишу доди ӯй,
Мабодо, ки гирам ба бад ёди ӯй.

Чунон шуд, ки дарвеши бенону об,
Чӣ суд омадаш мардиву ҷангу тоб.

Чу камтӯша бо ӯ ба рафтан якест,
Ҳам эдун бар ӯ доғу дард андакест.

Чӣ бояд ҳаме подшоҳиву ноз,
Чу дар подшоҳӣ намонӣ дароз?!

Хунук марди дарвеши бо дину ҳуш,
Фаровон ҷаҳонаш бимолид гӯш,

Ки чун бугзарад з-ин ҷаҳон номи нек
Бимонад аз ӯ ҳам саранҷоми нек.

Бад-он гетӣ ӯро бувад баҳрае,
Ба наздики яздон бувад шуҳрае.

На чун ман бувад хору баргашта бахт
Ба дӯзах фиристода ноком рахт.

На уммеди уқбо, на дуньё ба даст,
Саросема аз ҳар ду бар сони маст.[1]

Кунун гар кунад мағзам андеша гирд,
Бигӯям ҷаҳон ҷустани Яздгирд.

---

[1] ИЛ — б. 2584—2599 нест.

## ФЕҲРАСТИ,

## ФУСУЛИ ҶИЛДИ ҲАФТУМ

**Подшоҳии Сикандар.** . . . . . . . . . . . . . . 5

Oғози достон . . . . . . . . . . . . . . . . 5
Нишастани Сикандар бар тахти Эрон . . . . . . . 5
Номаи Искандар назди Дилорой — модари Равшанак . . 9
Посухи номаи Сикандар аз Дилорой . . . . . . . . 11
Ба занӣ гирифтани Искандар Равшанакро . . . . . . 14
Хоб дидани Қайд подшоҳи Қаннуҷ . . . . . . . . 17
Посух додани Меҳрон Қайдро . . . . . . . . . . 21
Лашкар кашидани Сикандар сӯи Қайд . . . . . . . 27
Посухи номаи Сикандар аз Қайди ҳиндӣ ба мужда фиристодани чаҳор чизи шигифт . . . . . . . . . . 29
Боз фиристодани Сикандар фиристодаро барои дарьёфтани чаҳор чизи шигифт . . . . . . . . . . . . 30
Фиристодани Искандар нӯҳ марди доно барои дидани чаҳор чизи шигифт . . . . . . . . . . . . . . . 32

Овардани нӯҳ марди доно чаҳор чиз аз Қайди ҳиндӣ ба назди Искандар . . . . . . . . . . . . . . 35
Озмудани Искандар файласуфу пизишку ҷоми Қайд . . . 37
Озмудани Искандар пизишки Ҳиндустонро . . . . . . 41
Озмудани Искандар ҷоми Қайдро . . . . . . . . . . 44
Номаи Искандар ба Фури ҳиндӣ . . . . . . . . . . 46
Посухи номаи Искандар аз Фур . . . . . . . . . . 48
Лашкар оростани Искандар ба разми Фур . . . . . . 50
Ҷанги Искандар бо ҳиндувон ва кушта шудани Фур бар дасти ӯ . . . . . . . . . . . . . . . . . 55
Рафтани Сикандар ба зиёрати хонаи Каъба . . . . . 60
Лашкар кашидани Искандар сӯи Миср . . . . . . . 62
Номаи Искандар назди Қайдофа . . . . . . . . . 65
Гирифтор шудани писари Қайдофа ба дасти румиён . . . 67
Рафтани Искандар ба расулӣ сӯи Қайдофа . . . . . . 71
Панд додани Қайдофа Искандарро . . . . . . . . 78
Чора намудани Сикандар бо Тайнуш . . . . . . . 81
Ошуфтани Тайнуш — писари Қайдофа бар Сикандар ва чора намудани Сикандар бо ӯ . . . . . . . . . 82
Паймони Искандар бо Қайдофа ва бозгаштани ӯ . . . . 87
Рафтани Искандар ба шаҳри Бараҳманон . . . . . . 95
Рафтани Сикандар ба дарьёи Ховар ва ба замини Ҳабаш
Расидани Сикандар ба замини ҳабаш ва ҷанг кардан ва фирӯзӣ ёфтанд . . . . . . . . . . . . . . 104
Расидани Искандар ба шаҳри нармпоён ва куштани аждаҳо 105
Дидани Сикандар шигифтиҳо ба шаҳри Ҳарум . . . . 110
Лашкар ба мағриб рондани Искандар . . . . . . . 117
Ҷустани Искандар оби ҳайвон . . . . . . . . . 119
Гуфтугӯи Искандар бо мурғон . . . . . . . . . 121
Дидани Искандар Исрофилро . . . . . . . . . . 123
Бастани Искандар садди Яъҷуҷ ва Маъҷуҷ . . . . . 125
Дидани Сикандар мурдаро дар айвони Ёқути Зард . . . 130
Дидани Сикандар дарахти гуёро . . . . . . . . . 131
Рафтани Искандар ба наздики Фағфури Чин . . . . . 136
Расидани Искандар ба кишвари Синд ва ҷанг кардан . . 143
Лашкар кашидани Искандар сӯи Бобул . . . . . . . 146
Номаи Искандар назди Аристолис ва посух ёфтан . . . 149
Номаи Искандар ба наздики модар ва андарз кардан . . 153
Мурдани Искандар ба Бобул . . . . . . . . . . 156

Шевани ҳакимон бар Искандар . . . . . . . . . 160
Шеван кардани модар ва зани Искандар бар ӯ . . . . 163
Гила кардани Фирдавсӣ аз пирӣ ва даҳр . . . . . . 165
**Подшоҳии ашкониён** . . . . . . . . . . . . . 167

Гуфтор андар ситоиши Султон Махмуд . . . . . . . 167
Ашкониён. Оғози достон . . . . . . . . . . . . 170
Хоб дидани Бобак дар кори Сосон . . . . . . . . 172
Зодани Ардашери Бобакон . . . . . . . . . . . 175
Омадани Ардашери Бобакон ба даргоҳи Ардавон . . . 178
Дидани Гулнор Ардашерро ва мурдани Бобак . . . . 182
Гурехтани Ардашер бо Гулнор . . . . . . . . . 185
Огоҳи ёфтани Ардавон аз кори Гулнор ва Ардашер . . 187
Нома навиштани Ардавон ба Баҳман — писари худ дар бораи гирифтани Ардашер . . . . . . . . . . 191
Гирд кардани лашкар Ардашер . . . . . . . . . 192
Ҷанг кардани Ардашер бо Баҳман ва фирӯзӣ ёфтан . . 195
Ҷанги Ардашер бо Ардавон ва кушта шудани Ардавон . 199
Ҷанги Ардашер бо курдон . . . . . . . . . . . 202
Шабехун кардани Ардашер ба сари курдон ва шикаст додан эшонро . . . . . . . . . . . . . . . 205
Достони Қирми Ҳафтвод . . . . . . . . . . . 206
Размн Ардашер бо Ҳафтвод ва шикаст ёфтани Ардашер . 212
Тороҷ додани Меҳраки Нушзод хонаи Ардашерро . . . 215
Огоҳӣ ёфтани Ардашер аз кори кирм ва чора намудан ва куштани ӯ кирмро . . . . . . . . . . . . . 217
Куштани Ардашер кирми Ҳафтводро . . . . . . . . 221
Куштани Ардашер Ҳафтводро . . . . . . . . . . 225

**Подшоҳии сосониён** . . . . . . . . . . . . 228

Подшоҳии Ардашери Бобакон . . . . . . . . . . 228

Бар тахт нишастани Ардашер . . . . . . . . . . 228
Саргузашти Ардашер бо духтари Ардавон . . . . . . 229
Зодани Шопури Ардашер . . . . . . . . . . . . 232
Зодани Шопур, писари Ардашер, аз духтари Ардавон ва пас аз ҳафт сол огоҳӣ ёфтани Ардашер аз он ва шинохтан ӯро . . . . . . . . . . . . . . . 234
Гӯй задани Шопур ва шинохтани ӯро падар . . . . 237

Фол пурсидани Ардашер аз Қайди ҳиндӣ . . . . . . 241
Ба занӣ гирифтани Шопур духтари Меҳракро . . . . 244
Зодани Урмузди Шопур аз духтари Меҳрак . . . . . . 248
Тадбир сохтани Ардашер дар кори подшоҳӣ . . . . 252
Андарз кардани шоҳ Ардашер меҳтарони Эронро . . . 262
Андарз кардани Ардашер мардумонро . . . . . . . 265
Сутудани Харрод Ардашерро . . . . . . . . . . 268
Сухан дар бевафоии рузгор . . . . . . . . . . 270
Супурдани Ардашер кори подшоҳиро ба Шопур . . . . 271

**Подшоҳии Шопури Ардашер** . . . . . . . . . . 281

Бар тахт нишастани Шопур . . . . . . . . . . 281
Разми Шопур бо румиён . . . . . . . . . . . 284
Андарз кардани Шопур писари худро Урмузд . . . . 287

**Подшоҳии Умрузди Шопур** . . . . . . . . . . 289
Андарз кардани Урмузд ва мурдан . . . . . . . . 291

**Подшоҳии Баҳроми Урмузд** . . . . . . . . . . 298

Бар тахт нишастани Баҳром ва андарз кардан ба сардорон ва сипарӣ шудани рузгораш . . . . . . . . 296
Тахт супурдани Баҳром Урмузд писари худро Баҳроми Баҳром ва мурдан . . . . . . . . . . . . . 299

**Подшоҳии Баҳроми Баҳром** . . . . . . . . . . 300

Бар тахт нишастани Баҳроми Баҳром ва андарз кардан ба сардорон ва мурданаш . . . . . . . . . 300

**Подшоҳии Баҳроми баҳромиён** . . . . . . . . . 303

Бар тахт нишастани Баҳроми баҳромиён ва мурданаш пас аз чор моҳ . . . . . . . . . . . . . . 303

**Подшоҳии Нарсии Баҳром** . . . . . . . . . . 304

Бар тахт нишастани Нарсӣ ва панд гуфтан ба писар ва сипарӣ шудани рӯзгораш . . . . . . . . . . 304
**Подшоҳии Урмузди Нарсӣ** . . . . . . . . . . 307

Бар тахт нишастани Урмузд — писари Нарсӣ ва сипарӣ шудани рӯзгораш . . . . . . . . . . . . . 307

**Подшоҳии Шопури Зулактоф** . . . . . . . . . . 309

Зодани Шопури Урмузд чиҳил рӯз пас аз марги падар ва тоҷвар шуданаш . . . . . . . . . . . . 309
Бурдани Тоири араб духтари Нарсиро ва рафтани Шопур ба разми ӯ . . . . . . . . . . . . . . . 312
Ошиқ шудани Молика — духтари Тоир бар Шопур . . 314
Бар дасти Шопур додани Молика дижи Тоир ва кушта шудани Тоир . . . . . . . . . . . . . 317
Рафтани Шопур ба Рум ва қайсари Рум ба пӯсти хар дӯхтани ӯро . . . . . . . . . . . . . . 320
Раҳонидани канизак Шопурро аз чарми хар . . . . 326
Гурехтани Шопур зи Рум ва расидан ба шаҳри Эрон . . 330
Шинохтани эрониён Шопурро ва гирд кардани ӯ сипоҳ . 334
Огоҳӣ ёфтани мӯбад ва паҳлавон аз омадани Шопур ва рафтани эшон бо сипоҳ назди ӯ . . . . . . . 336
Шабехун задани Шопур ва гирифтани қайсари Рум . . 338
Лашкар кашидани Шопур ба Рум ва разми ӯ бо бародар Қайсар . . . . . . . . . . . . . . . 346
Бар тахт нишондани румиён, Бароꞑушро ва нома навиштани ӯ ба Шопур . . . . . . . . . . . 349
Рафтани Баронуш пеши Шопур ва паймон бастан бо ӯ . . 352
Омадани Монӣ ва даъвии пайғамбарӣ кардан . . . . 356
Валиаҳд кардани Шопур Ардашер бародари худро . . . 359

**Подшоҳии Ардашери Некӯкор** . . . . . . . . . 364

Бар тахт нишастани Ардашер ва андарз кардан бар сардорони Эрон . . . . . . . . . . . . 364

**Подшоҳии Шопур бинни Шопур** . . . . . . . . 365

Бар тахт нишастани Шопур бинни Шопур ва андарз карданаш ба сардорон . . . . . . . . . . . . 368

**Подшоҳии Баҳром — писари Шопур . . . . . . . . . 368**

Бар тахт нишастани Баҳром ва андарз кардан ба сардорон . 368

**Подшоҳии Яздгирди Базагар . . . . . . . . . . . 371**

Бар тахт нишастани Яздгирд . . . . . . . . . . 371
Зодани Баҳром — писари Яздгирд . . . . . . . . 373
Супурдани Яздгирд писараш Баҳромро ба Манзар ва ба Нуъмон ва парвариш кардан ӯро . . . . . . . . 377
Достони Баҳром бо канизаки чангзан дар шикор . . . 384
Ҳунар намудани Баҳром дар шикоргоҳ . . . . . . . 387
Омадани Баҳром бо Нуъмон назди падараш Яздгирд . . 389
Банд кардани Яздгирд Баҳромро ва боз омадани ӯ назди Манзар . . . . . . . . . . . . . . . . . 394
Омадани Яздгирд ба Тус ва куштани аспи обӣ ӯро . . . 396
Рафтани Яздгирд ба чашмаи Су ба гуфтори мӯбад ва куштани аспи обӣ ӯро . . . . . . . . . . . 398
Нишондани меҳон — хусравро ба тахт . . . . . . 401
Огоҳӣ ёфтани Баҳроми Гӯр аз мурдани падараш . . . 403
Нома навиштани эрониён ба Манзар ва посухи он . . . 406
Омадани Баҳроми Гӯр дар Ҷаҳрам ва рафтани эрониён ба назди ӯ . . . . . . . . . . . . . . . 410
Сухани Баҳром бо эрониён дар бораи шоистагии худ ба подшоҳӣ ва сар тофтани эшон аз он . . . . . . . 413
Сухан гуфтани Баҳром бо эрониён аз шоистагии худ ба подшоҳӣ . . . . . . . . . . . . . . . . 416
Паймон кардани эрониён бо Баҳром дар бораи подшоҳӣ ба шарти бардоштани тоҷ аз миёни шерон . . . . 418
Тоҷ бардоштани Баҳроми Гӯр аз миёни шерон . . 420
Рафтани Баҳром ва Хусрав ба ҳомун ва куштани Баҳром шеронро ва бар тахт нишастан . . . . . . . 424

**Подшоҳии Баҳроми Гӯр.**

Нишастани Баҳром бар тахт ва андарз кардан ба сардорон ва номаҳо бар меҳтарӣ навиштан . . . . . 427

Падруд кардани Баҳроми Гӯр Манзар ва Нуъмонро ва бахшидани боҷи боқӣ бо эрониён . . . . . . . . 431
Достони Баҳроми Гӯр бо Ланбаки обкаш . . . . . . 436
Достони Баҳроми Гӯр бо Бироҳоми ҷуҳудӣ . . . . . 441
Бахшидани Баҳромӣ Гӯр хостаи Бироҳом Ланбакро . . 446
Достони Баҳроми Гӯр бо Меҳрбундод . . . . . . 448
Достони Баҳроми Гӯр бо Қабрӯй ва ҳаром кардани ӯ майро
Достони кӯдакӣ кафшгар бо шер ва ҳалол кардани Баҳроми Гӯр майро . . . . . . . . . . . . . 453
Вайрон кардани мубади Баҳроми Гӯр деҳро ва боз обод карданаш . . . . . . . . . . . . . . 456
Достони Баҳроми Гӯр бо чаҳор хоҳарон . . . . . . 464
Ёфтани Баҳроми Гӯр ганҷи Ҷамшедро . . . . . . 470
Достони Баҳроми Гӯр бо бозургоне ва шогирди ӯ . . 477
Куштани Баҳроми Гӯр аждаҳоро ва достони ӯ бо зани полизбон . . . . . . . . . . . . . . 482
Рафтани Баҳроми Гӯр ба нахчир ва хостани духтарони Барзиндеҳқон . . . . . . . . . . . . 491
Ҳунар намудани Баҳроми Гӯр ба нахчир ва хостан духтари гавҳарфуруш . . . . . . . . . . . 500
Куштани Баҳром шеронро ва рафтанаш ба хонаи гавҳарфурӯш ва хостан духтари ӯро . . . . . . . 502
Достони Баҳроми Гӯр бо Фаршедварди Қадевар ва марди хоркан . . . . . . . . . . . . . . 520
Боз намудани хоркан ҳоли Қадевари Фаршедвард ва бахшидани Баҳром моли ӯ ба арзониён . . . . . 524
Рафтани Баҳроми Гӯр ба нахчиргоҳ ва куштани шерон . . 531
Ҳунар намудани Баҳром ба нахчири гӯрон . . . . . 538
Лашкар кашидани хоқони Чин ба Эрон ва зинҳор хостани эрониён аз ӯ . . . . . . . . . . . . . 545
Тохтани Баҳроми Гӯр бар хоқони Чин . . . . . . 551
Мил баровардани Баҳроми гӯр бар сарҳади Эрон ва Турон . 554
Номаи Баҳроми Гӯр назди бародараш Нарсӣ ва эрониён . 556
Бозгаштани Баҳроми Гӯр ба эронзамин . . . . . . 560
Андарзнома навиштани Баҳроми Гӯр ба кордорони худ . . 562
Фиристодани Баҳроми Гӯр бародари худ Нарсиро ба Хуросон ва хондани пеши тахти хеш фиристодаи Қайсарро . 567
Саволу ҷавоби фиристодаи румӣ бо мӯбадони Эрон . . 570
Падруд кардани Баҳроми Гӯр фиристодаи Қайсарро . . 574

Сухан гуфтани Баҳром ба сардорон аз дод . . . . . . 577
Навиштани Баҳроми Гӯр нома ба наздики Шангул — шоҳи Ҳинд . . . . . . . . . . . . . . . . . 582
Рафтани Баҳроми Гӯр ба Ҳиндустон бо номаи худ . . . 586
Посух додани Шангул ба номаи Баҳром . . . . . . . 588
Гуштӣ гирифтани Баҳроми Гӯр дар боргоҳи Шангул ва ҳунар намудан . . . . . . . . . . . . . 592
Гумон бурдани Шангул бар Баҳром ва боздоштан ӯро аз Эрон . . . . . . . . . . . . . . . . . 595
Ҷанги Баҳром бо карг ва куштани у каргро . . . . . 599
Куштани Баҳроми Гур аждаҳоро . . . . . . . . . 603
Ба занӣ кардани Баҳроми Гӯр духтари шоҳи Ҳиндустонро. 606
Номаи Фағфури Чин ба Баҳроми Гӯр ва посухи он . . . 610
Гурехтани Баҳроми Гур аз Ҳиндустон бо духтари Шангул . 614
Тохтани Шангул паси Баҳроми Гӯр ва шинохтани ӯ . . 618
Боз гаштани Шангул ба Ҳинд ва Баҳром ба Эрон . . . 621
Пазира шудани эрониён шоҳ — Баҳроми Гурро . . . . 622
Омадани Шангул бо ҳафт подшоҳ назди Баҳроми Гӯр . . 626
Бозгаштани Шангул аз Эрон ба Ҳиндустон . . . . . . 631
Бахшидани Баҳроми Гӯр хироҷ ба деҳқонон . . . . . 633
Хондани Баҳроми Гур луриёнро аз Ҳиндустон . . . . . 638
Сипарӣ шудани рӯзгори Баҳроми Гур . . . . . . . 640

**Фирдавсӣ, А.**

Ф-75 Шоҳнома: Иборат аз 9 ҷилд. Таҳияи Қ. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, Б. Сирус. Ҳайати таҳр.: М. Осимӣ, Қ. Айнӣ, З. Аҳрорӣ, А. Маниёзов ва диг.: — Душанбе: Адиб.

Ҷилди VII. 1989. 656 с.

**Фирдоуси, А.**

Шахнаме, том VII.

**ББК 84(0)9**

**Ф $\frac{4702540102-371}{\text{М } 503(12)-89}$ 91–89**

*Абулкасым Фирдоуси*

**ШАХНАМЕ**

**Юбилейное издание в 9-ти томах**

**Том VII**

***(На таджикском языке)***

Научная подготовка тома

*Қ. Айни, З. Ахроров*

Ороиш *С. Вишнепольский*
Муҳаррири ороиш *А. Мухаммадиев*
Муҳаррири техникӣ *Я. Бекназарова*
Мусаҳҳеҳ *О. Исмати*

БИ № 331
Ба матбаа 31.01.89 супурда шуд. Ба чопаш 23.08.89 имзо шуд. Формати 84×108[1]/32. Коғази типографии № 1. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барҷаста. Ҷузъи чопии шартӣ 34,44. Ҷузъи рангаи шартӣ 35,28. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 26,964. Адади нашр 12000. Супориши № 4163. Нархаш 2 с. 70 тин.
734063, Душанбе, нашриёти «Адиб», кучаи Рӯдакӣ, 33.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корҳои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб.

734025, Душанбе, хиёбони Ленин, 37.

Нашриёти «Адиб» соли оянда нашри китобҳои зеринро ба нақша гирифтааст:

**Тоҷик — тоҷдор, тоҷвар.** *Мураттиб М. Шукурзода.*

Зинаи нахустини башардӯстӣ аз дӯст доштани марзу буми аҷдоду асҳоби хеш ва парастиши забону фарҳанги миллати худ оғоз мегардад. Шахсе, ки орӣ аз ин фазилатҳост, ватандӯсти ҳақиқӣ нест. Мазмуни маънии мақолаҳои ин маҷмӯа, ки аз ҷониби забармардоне чун Айниву Малик уш-шуаро Баҳор ва олимони нуктасанҷу шинохта Абдулқодир Муҳиддинов, Тӯракул Зеҳнӣ, Абдулаҳмади Ҷовид ва дигарон иншо гардидаанд, ифодагари маънавии болоянд. Ҳамчунин дар маҷмӯа оиди пайдоиши сайри таърихӣ ва маънии ҳақиқии калимаи «тоҷик» ва ирқан эрониасл будани тоҷикон маълумоти дақиқу мӯътамад оварда мешавад.

**Нуқтаи назар.** *Муаллиф Абдураҳмон Абдуманнонов.*

Ин маҷмуа аз мақола ва эссеву тақризҳое фароҳам омадааст, ки дар солҳои гуногун оид ба адабиёти имрӯзу гузаштаи тоҷик навишта шудаанд. Муаллиф дар хусуси масъалаҳои гуногуни назарияи адабиёт, ҷараёни адабӣ, эҷодиёти адибони ҷудогона ва асарҳои алоҳида нуқтаи назари худро гоҳ ба тариқи мубоҳиса ва гоҳ дар шакли андеша ифода кардааст.